ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2024. №4. Қисми I

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2024. №4. Часть I

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2024. No.4. Part I

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Исмонов Кароматулло** *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***иқтисод***
**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Кудрат Қамбар** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Баҳриддин** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***ҳуқуқшиносӣ***
**Азиззода Убайдулло Абдулло** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Такдиршо Шарифович** *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***сиёсатшиносӣ***
**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***илмҳои иқтисодӣ:***
***илмҳои ҳуқуқшиносӣ**:*
***илмҳои сиёсӣ:***
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2024. – №4. Қисми I
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2024

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |


Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**экономических наук:**
**юридических наук:**
**политических наук:**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2024. – №4. Часть I
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2024

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***
**Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**
**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***
**Ismonov Karomatullo** — *Doctor of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** — *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** — *Doctor of Law, Professor*
**Rahmon Dilshod Safarbek** — *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** — *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** — *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** — *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:
**economic sciences:**
**jurisprudence:**.
**political sciences**.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2024. – №4. Part I
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2024

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ: 336.225 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР СОҲАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ

*Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Муминзода Меҳроб Нозим*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаҳои андозбандӣ дар тули таърих инсониятро ҳамроҳӣ мекарданд. Сарчашмаи андозҳоро дар асоси талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият муайян кардан мумкин аст [1,с.20; 2,с.94]. Фаҳмидани таърихи андозҳо барои амиқтар дарк кардани моҳият ва нақши онҳо дар ҷаҳони муосир мусоидат мекунад.

Шаклҳои аввалини андозбандиро метавон аз тамаддунҳои қадим пайдо кард, ки дар он ҷо андозҳо барои маблағгузории маъракаҳои ҳарбӣ ё нигоҳдории инфрасохтор ҷамъоварӣ мешуданд. Масалан, дар Мисри Қадим системаи андози замин вуҷуд дошт. Дар империяи Рим андозҳо дар таъмини маблағ барои маъмурият ва назорати ҳарбӣ нақши муҳим бозиданд [11,с.37].

Дар асрҳои миёна андоз ба воситаи идоракунии феодалӣ табдил ёфт. Феодалҳо аз деҳқонон андозҳои калон мегирифтанд ва бо ҳамин некуаҳволии худро таъмин намуда, сохти иерархияи феодалиро нигоҳ медоштанд.

Дар давраи инқилоби саноатӣ, шаклҳои нави андозбандӣ пайдо шуданд. Давлатҳои саноатӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои нави инфрасохторӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ ба маблағ ниёз доштанд. Вусъати иқтисодиёт ва афзудани шумораи андозсупорандагон боиси гуногунии низоми андоз гардид [5,с.165].

Дар асри XX бо рушди давлатҳои алоҳида андозҳо манбаи асосии маблағгузории ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва тандурустӣ гардиданд. Аммо меъёрҳои баланди андоз баъзан боиси баҳсу мунозираҳо дар бораи адолати тақсими бори андоз мегардад.

Бо рушди иқтисоди ҷаҳон ва ҷаҳонишавӣ, системаҳои андоз торафт мураккабтар шуданд. Саволҳо ба миён меоянд, ки чигуна андозҳоро дар шароити ҳаракати сармоя ва қувваи корӣ самаранок ҷамъ кардан мумкин аст [6; 7].

Имрӯз андозҳо дар ташаккули буҷети давлатӣ, нигоҳдории инфрасохтор, таъмини барномаҳои иҷтимоӣ ва суботи иқтисодӣ нақши муҳим доранд. Дар баробари ин, масъалаҳои шаффофияти низоми андоз, мубориза бар зидди саркашӣ аз пардохти андоз ва таъмини тақсими одилонаи бори андоз аҳаммияти худро доранд [8; 9; 10].

Хуллас, таърихи андозҳо дар бораи нақши таркибии онҳо дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Таҳаввулоти низоми андоз тағйироти ҷомеа ва иқтисодиётро инъикос намуда, рушди минбаъдаи онҳо бо мушкилоту имкониятҳои ҷаҳони муосир алоқаи ногусастанӣ хоҳад дошт [14; 15].

Масъалаи ҳавасмандгардонии андоз решаҳои қадимӣ дорад, ки ба таърихи ҷомеаи башарӣ дохил мешавад. Ин абзори сиёсати андоз тағйироти зиёдеро аз сар гузаронида, тағйироти шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва хоҳиши давлатро барои расидан ба мақсадҳои гуногун инъикос менамояд.

Аввалин зуҳуроти имтиёзҳои андозро дар тамаддунҳои қадим дидан мумкин аст. Дар Месопотамия ва Рими Қадим ҳокимон ба шахсоне, ки барои эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ саҳм гузоштаанд, ба монанди хизмати ҳарбӣ ё сохтмони корҳои ҷамъиятӣ, имтиёзҳои андоз медоданд. Ин барои иштироки фаъолона дар ҷомеа ангезае буд.

Дар давраи феодализм имтиёзҳои андоз ба воситаи феодалҳо барои пурзӯр намудани нуфузи худ истифода мешуданд. Онҳо бар ивази садоқат ва хизмат ба тобеони содиқи худ имтиёзҳои муайян ва озодиҳои андоз пешниҳод мекарданд.

Бо инкишофи инқилоби иқтисодӣ дар асрҳои XVIII-XIX имтиёзҳои андоз ба воситаи дастгирии рушди саноат табдил ёфтанд. Давлатҳо барои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ба технологияҳои нав ва рушди истеҳсолот имтиёзҳо фароҳам оварданд.

Дар солҳои ҷангҳои ҷаҳонӣ барои ба фронт сафарбар намудани захираҳо аз имтиёзҳои андоз ва пас аз ҷанг, онҳо ҳамчун як қисми барқарорсозии иқтисодӣ ва устувории иҷтимоӣ истифода мешуданд. Имтиёзҳо ба ширкатҳое, ки дар барқарорсозӣ

иштирок мекунанд, дода мешуданд ва онҳо метавонистанд, ки қарзҳои андоз ва амортизатсияи сармоягузориро дар бар гиранд.

Бо тавсеаи ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ имтиёзҳои андозӣ шаклҳои нав пайдо карданд. Давлатҳо онҳоро барои ҷалб ва нигоҳ доштани сармоягузории байналмилалӣ истифода мебаранд. Корпоратсияҳои калон метавонанд бар ивази рушди тиҷорат дар баъзе кишварҳо имтиёз гиранд.

Имтиёзҳои муосири андоз низ барои дастгирии иҷтимоӣ фаъолона истифода мешаванд. Ба ин имтиёзҳо барои гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, имтиёзҳои андоз барои оилаҳои фарзанддор, имтиёзҳо барои рушди маориф ва тандурустӣ, инчунин, имтиёзҳо барои рушди соҳаи саноат дохил мешаванд.

Таърихи имтиёзҳои андоз аз мутобиқшавии онҳо ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа ва иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Имтиёзҳои андоз аз асбоби феодалҳо то як унсури асосии сиёсати муосири андоз инкишоф мёбанд, ки ин майлу хоҳиши давлатро барои мувозинати манфиатҳои рушди иқтисодиёт ва адолати иҷтимоӣ ифода мекунад.

Дар шароити рушди босуръати кишоварзӣ, имтиёзҳои андозӣ ба воситаи муҳимми дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳое, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши калидӣ мебозанд, табдил меёбанд. Дар байни чунин соҳаҳо, парандапарварӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст, ки дар он имтиёзҳои андоз механизми муассири пешбарӣ ва рушд мебошанд. Имтиёзҳои андозии соҳаи парандапарварӣ ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ нигаронида шудаанд.

Низоми содакардашудаи андозбандӣ ва озодкунӣ аз баъзе уҳдадориҳои андоз барои соҳибкорон фазои мусоид фароҳам оварда, ба тавсеаи соҳа ва гуногунии иштирокчиёни бозор мусоидат мекунад.

Як ҷанбаи муҳим низ дастгирии инноватсия дар парандапарварӣ мебошад. Имтиёзҳои андозӣ барои таҳқиқот ва қабули усулҳои нави хоҷагидорӣ метавонад ба рушди таҷрибаҳои бештар муассир ва устувор мусоидат кунад, ки ба ҳосилнокии саноат фоида меорад.

Аммо сарфи назар аз ҷиҳатҳои мусбат, татбиқи имтиёзҳои андоз мувозинат ва назорати дақиқро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлил ва арзёбии самаранокии онҳо тадбирҳои андозро мунтазам нав кардан зарур аст.

Имтиёзҳои андоз дар соҳаи парандапарварӣ як механизми тавонои ҳавасмандгардонии рушди соҳа мебошанд. Ин тадбирҳо на танҳо ба сармоягузорӣ ва навоварӣ мусоидат мекунанд, балки шароити корро беҳтар намуда, ба рушди устувори соҳаи парандапарварӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Бо муносибати дуруст, имтиёзи андоз метавонад омили асосии таҳкими мавқеи саноати парандапарварӣ дар иқтисоди муосир бошад.

Дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, пешбурди сиёсати устувор ва самарабахши андозбандӣ, мукаммал намудани ҳавасмандгардонии соҳаҳои гуногун ва тақвият додани саҳми бахши хусусӣ дар рушди нумуи кишвари маҳбубамон нақши назаррас дорад.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории амалкунандаи кишвар тайи солҳои охир тавассути пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ сабукиҳо роҳандозӣ гардида истодааст [4].

Мақсад аз пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, фароҳам овардани шароити мусоидат барои субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои афзалиятнок, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фонди музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя маҳсуб мёбад.

Аз як тараф, имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишуда ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар, хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд.

Бо ин мақсад, мунтазам гузаронидани мониторинги самаранокии имтиёзҳо ва аз натиҷа бекор намудани имтиёзҳои бесамар муҳим арзёбӣ мегардад.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 395 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз супоридани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин озод мебошанд.

Инчунин, тибқи талаботи моддаи 251 Кодекси андоз ва 345 Кодекси гумрук воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошанд [3].

Қайд намудан ба маврид аст, ки бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2013 таҳти №1045 хоҷагиҳои парандапарварӣ ва корхонаҳое, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли саноатии хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғул буда, бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва (ё) қарзи бонкҳои хориҷӣ дар ҳаҷми на камтар аз 16 миллион доллари ИМА фаъолият менамоянд, аз пардохти андозҳои дар боло зикргардида ба муҳлати 12 озод карда шуда буданд.

Бо назардошти маҳдудият мондан дар ҷалби сармояи хориҷӣ, дар ҳаҷми на камтар аз 16 миллион доллари ИМА механизми татбиқи имтиёзи мазкур пурра ба кор надаромад, аз ин рӯ, тағйироти аз 21 феврали соли 2018 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, имкон дод, ки маҳдудияти мазкур хориҷ, аммо муҳлати амали имтиёз аз 12 ба 6 сол кам карда шавад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир, дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд [13].

Бо такмил ва сода гардонидани бархӯрдоршавӣ аз имтиёзҳои соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва хӯроки омехтаи паранда ва чорво субъектҳои дар ин самт фаъолияткунанда дар соли 2017 – 65 ададро ташкил дода, дар соли 2018 - 109 адад ва дар соли 2022 - 218 ададро такшил медиҳад, ки афзоиши он дар ин давра (2017-2022) 3,4 маротиба ва ё 153 корхонаро ташкил медиҳад.

Маҳз ҳамин дастгирӣ ва имтиёзҳо буд, ки дар давоми 20 сол шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 21 ба 200 расонида шуда, истеҳсоли гӯшти паранда 9 баробар зиёд гардид [12].

Ҳамзамон, саршумори паранда дар давраи муқоисашаванда (2017-2022) аз 1,8 миллион сар ба 7,8 млн сар расид, ки афзоиши он др ин давра 4,3 маротиба ё 6,0 миллион сарро ташкил менамояд (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ва саршумори паранда дар солҳои 2017-2022**
**Diagram 1. the number of poultry breeding enterprises and the number of poultry in 2017-2022**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Таҳлил муайян намуд, ки такмил додани механизми бархӯрдор гардидан аз имтиёзҳои соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар соли 2018 ба ташкил шудани корхонаҳои нав ва зиёд гардидани саршумори паранда мусоидат намуд.

Бо зиёд гардидани саршумори паранда, дар давраи соли 2017-2022, дар натиҷаи татбиқи имтиёзҳо шумораи тухми парандаи дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда аз 162,6 млн адад ба 1029,1 млн адад расид, ки афзоиши он 6,3 маротиба ё 866,5 млн ададро ташкил медиҳад. Бо зиёд гардидани истеҳсоли дохилии тухми паранда талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ба тухм таъмин гардида, воридоти он дар давраи муқоисашаванда аз 194,4 млн адад ба 15,6 млн адад расид, ки коҳишёбии он 12,5 маротибаро ташкил медиҳад.

Аммо, ҷараёни таҳлил муайян намуд, ки мутаассифона имтиёзи дар ин самт пешбинӣ гардида, ба арзиши тухм таъсири мусбат нарасонида, баръакс аз 0,82 сомонии соли 2017 ба 1,1 сомонӣ дар соли 2022 омада расид, ки афзоиши нарх дар ин давра 1,4 маротибаро ташкил медиҳад (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Истеҳсол, воридот ва арзишитухми паранда дар солҳои 2017-2022**
**Diagram 2. Production, import and cost of bird eggs in 2017-2022**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Дар давраи муқоисашаванда, истеҳсоли дохилии гӯшти паранда дар вазни зинда 47,4 маротиба афзоиш ёфта, воридоти он 20,2 маротиба коҳиш ёфтааст. Яъне, агар дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 0,9 ҳазор тонна гӯшти паранда истеҳсол ва 44,4 ҳазор тонна воридот шуда бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар соли 2022 мутаносибан 42,7 ҳазор тонна ва 2,2 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Новобаста аз 47,4 маротиба зиёд гардидани истеҳсоли дохилии маҳсулоти гӯшти паранда, арзиши гӯшт низ дар ин давра аз 17,7 сомонӣ ба 30,9 сомонӣ баробар гардид, ки афзоиши он 1,7 маротиба ё 13,2 сомониро ташкил медиҳад. Ҳол он ки таваррум дар ин давра ҳамагӣ 41,7%-ро ташкил медиҳад (диаграммаи 3).

Аз нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ бармеояд, ки дар соли 2022 аз ҷониби корхонаҳои соҳа истеҳсоли тухми паранда 1029,1 млн дона ва гӯшти паранда 42,7 ҳазор тоннаро ташкил дода, ба сари аҳолӣ мутаносибан 108 дона ва 4,5 кг дар як сол рост меояд. Ҳол он ки тибқи меъёрҳои физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018, №451 тасдиқ гардидааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар сари аҳолӣ дар як сол истеъмоли 180 дона тухм ва 7,32 кг гӯшти паранда тавсия дода шудааст.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 397 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳлати амали имтиёзҳои дар моддаи 395 пешбинӣ шуда, яъне аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз объектҳои ғайриманқул ва андози замин озод гардидани субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ

ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво фаъолияткунанда аз 1 январи соли 2024 қатъ мегардад.

**Диаграммаи 3. Истеҳсол, воридот ва арзиши гӯшти паранда дар солҳои 2017-2022**
**Diagram 3. Production, import and value of poultry meat in 2017-2022**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Дар маҷмуъ, аз таҳлили гузаронидашуда маълум мегардад, ки имтиёзҳои дар ин самт пешбинигардида самаранок арзёбӣ гардида, мутаассифона ҳафади дигари пешниҳоди имтиёз, яъне паст намудани арзиши тухм ва гӯшти паранда бо мақсади дастрасӣ ва қобили пардохтпазир гардидани аҳолӣ ба ин номгӯи маҳсулот иҷро нагардидаст.

Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки бо назардошти рушд намудани соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво бо анҷом расидани муҳлати амали он (1 январи соли 2024) ҷиҳати рушд намудани дигар соҳаҳои афзалиятнок тамдид гардида, ба дигар соҳаҳои афзалиятнок пешбинӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки бо назардошти самаранок будани имтиёз ҷиҳати дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, бо маҳсулоти худӣ таъмин намудани бозори дохилӣ, коҳиш додани воридоти он аз хориҷи кишвар бо анҷом расидани муҳлати амали имтиёз (1 январи соли 2024) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор ва ё ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран имтиёз пешбинӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Барфиев, К.Х. Конкурентоспособность дехканских (фермерских) хозяйств в условиях многоукладной экономики (на материалах Республики Таджикистан): специальность 08.00.05: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Барфиев Кобилджон Хушвахтович. -Душанбе, 2010. -134 с. – EDN QEUKOP.
2. Барфиев, К Х. Состояние и особенности налоговой системы Республике Таджикистан / К.Х. Барфиев, Рахматзода С. // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. -№1-4-2(57). -С.93-97. – EDN QFUXUE.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021. -№1844. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adliya.tj (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парандапарварӣ» аз 21.07.2010, №633. [Манбаи электронӣ]. URL: https://komron.info/crp/Parrandaparvari_crp/ (санаи муроҷиат: 22.03.2023).
5. Мададхонов, М.Б. Идоракунии сифат ва самаранокии хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олӣ / М.Б. Мададхонов, А.А. Идибеков, Муминзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№8. -С.165-172. –EDN SJFBLS.
6. Муминзода, М.Н. Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан / М.Н. Муминзода, Н.И. Муминзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. -№1(45). -С.351-360. – EDN CBIUVW.
7. Муминзода, Н.И. Замимаҳои ҳуқуқии муайян намудани нақши маориф дар низоми иқтисодиёт / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. -№2(30). –С.122-136. – EDN BIWIFL.

8. Муминзода, Н.И. Правовое регулирование защиты прав потребителей образовательных услуг в сфере высшего профессионального образования по законодательству Республики Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Муминзода Нозим Исмат. -Душанбе, 2020. -175 с. – EDN AVGEFT.
9. Муминзода, Н.И. Правовые основы международного туризма / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. -№2-2(47). -С.303-313. – EDN OWXXHH.
10. Муминзода, Н.И. Регулирование трудовых отношений в международном праве / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№5. -С.262-270. – EDN WZRWEE.
11. Павленко, С.П. Правовая природа вычетов и освобождений по налогу на доходы физических лиц / С.П. Павленко // Налоги и налогообложение. – 2010. -№12. -С.37-41. – EDN PWLVMD.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21 декабри 2021, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2024).
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри 2019, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/ (санаи муроҷиат: 22.01.2024).
14. Тихонова А.В. Налоговые льготы как эффективный инструмент поддержки АПК в рамках ВТО / А.В. Тихонова // Налоги и финансы. – 2016. -№1(29).
15. Тютюрюков, Н.Н. Механизмы налогового стимулирования в региональном развитии / Н.Н. Тютюрюков, Г.Б. Тернопольская // Налоги и налогообложение. – 2008. -№12. -С.23-32. – EDN RDAZFL.

## ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР СОҲАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ

Таҳқиқот ба таҳлили ҳамаҷонибаи самаранокии имтиёзҳои соҳаи парандапарварӣ нигаронида шудааст. Ин масъала бо назардошти дар марҳилаи баанҷомрасии муҳлати амали имтиёз қарор дошта, аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Имтиёзҳои андозӣ, ки дар соҳаи парандапарварӣ дода шудаанд, дар ҳавасмандгардонии рушди онҳо нақши калон доранд. Аммо, сарфи назар аз мавҷудияти онҳо, на ҳамеша сатҳи пешбинишудаи самаранокӣ ба даст меояд. Таҳқиқоти мазкур барои таҳлили ҳамаҷонибаи имтиёзҳои мавҷудаи андоз, арзёбии самаранокии воқеии онҳо ва таъсири онҳо ба рушди соҳаи парандапарварӣ пешбинӣ шудааст. Методологияи таҳқиқот таҳлили муқоисавии давраи амали имтиёзро дар бар мегирад, ки субъектҳои дар ин соҳа фаъолияткунанда аз он истифода намудаанд. Илова бар ин, барои беҳтар фаҳмидани самаранокии имтиёзҳои андозӣ дар таҳлил аз якчанд критерияҳо, ба мисоли: афзоиши субъектҳои дар ин самт фаъолияткунанда, рушди истеҳсоли маҳсулот, арзиши гӯшт ва тухми паранда истифода намудем. Интизор меравад, ки натиҷаҳои дар таҳқиқот муайянгардида, мушкилоти самаранок истифодабарии имтиёзҳои андозро дар соҳаи парандапарварӣ муайян мекунанд, балки тавсияҳои созандаро барои оптимизатсияи онҳо бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани таъсири мусбӣ ба рушди ин соҳа пешниҳод мекунанд.

**Калидвожаҳо:** имтиёзи андозӣ, парандапарварӣ, кишоварзӣ, дастгирии саноат, ҳавасмандгардонии рушд, андозбандӣ, самараи иқтисодӣ, беҳсозии тадбирҳои андоз, корхонаҳои парандапарварӣ, самаранокии имтиёз, соҳаҳои афзалиятнок, таҳлили муқоисавӣ.

## АНАЛИЗ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В СФЕРЕ ПТИЦЕВОДСТВА

В статье проводится тщательный анализ эффективности применения налоговых льгот в области птицеводства. Эта проблематика приобретает высокую актуальность в свете стремления к улучшению общей эффективности агропромышленного сектора и поддержке животноводческих предприятий, особенно в условиях развивающихся экономик. Льготы, предоставляемые в сфере налогообложения птицеводческих предприятий, играют значимую роль в стимулировании их развития. Однако, несмотря на их наличие, не всегда достигается ожидаемый уровень эффективности. В данном исследовании предполагается провести всесторонний анализ действующих налоговых льгот, оценить их реальную эффективность и воздействие на развитие птицеводческой отрасли. Методология исследования включает в себя сравнительный анализ финансовых показателей предприятий, пользующихся налоговыми льготами и тех, которые этого не делают. Кроме того, будет применен статистический анализ и моделирование для более глубокого понимания влияния налоговых льгот на экономические показатели птицеводческих предприятий. Ожидается, что результаты данного исследования выявят не только текущие проблемы в эффективности использования налоговых льгот в сфере птицеводства, но и предложат конструктивные рекомендации по их оптимизации с целью максимизации положительного воздействия на развитие данной отрасли.

**Ключевые слова:** птицеводство, сельское хозяйство, отраслевая поддержка, стимулирование развития, налогообложение, экономический эффект, оптимизация налоговых мер животноводческие предприятия, оптимизация налоговой политики, сектор сельского хозяйств, агропромышленный сектор.

## ANALYSIS OF THE EFFECTIVENESS OF TAX INCENTIVES IN THE POULTRY FIELD

The article provides a thorough analysis of the effectiveness of tax incentives in the field of poultry farming. This issue is becoming highly relevant in light of the desire to improve the overall efficiency of the agro-industrial sector and support livestock enterprises, especially in developing economies. The benefits provided in the field of taxation of poultry enterprises play a significant role in stimulating their development. However, despite their presence, the expected level of

effectiveness is not always achieved. This study intends to conduct a comprehensive analysis of existing tax incentives, assess their real effectiveness and impact on the development of the poultry industry. The research methodology includes a comparative analysis of the financial performance of enterprises that benefit from tax benefits and those that do not. In addition, statistical analysis and modeling will be applied to better understand the impact of tax incentives on the economic performance of poultry enterprises. It is expected that the results of this study will identify not only current problems in the effectiveness of the use of tax incentives in the poultry industry, but also offer constructive recommendations for their optimization in order to maximize the positive impact on the development of this industry.

**Keywords:** poultry farming, agriculture, industry support, stimulation of development, taxation, economic effect, optimization of tax measures, livestock enterprises, optimization of tax policy, agricultural sector, agro-industrial sector.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: ((**+992) 919-16-98-64**
***Муминзода Меҳроб Нозим*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-42-52-25.** E-mail: **m.muminzoda99@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-16-98-64.** E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**
***Муминзода Мехроб Нозим*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры управления государственными финансами. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-42-52-25.** E-mail: **m.muminzoda99@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-16-98-64.** E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**
***Muminzoda Mehrob Nozim*** - Tajik National University, Applicant Department of Public Finance Management. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-42-52-25.** E-mail: **m.muminzoda99@mail.ru**

**ТДУ: 338.24 (575.3)**

# МУАММОҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

*Шамсов И.С., Мирзоев Н.Ҳ., Шерматов Р.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои фароҳам овардани рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ, тақозои замони муосир мебошад. Рақамикунонии иқтисодиёт имконият медиҳад, ки амсилаи (модели) муосири рушди иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда, сармоягузории байналмилалӣ ҷалб карда шавад. Истеҳсолоти мавҷуда тағйир дода шавад ва истеҳсолоти инноватсионӣ ба вуҷуд ояд, бозори дохилӣ таъмин карда ва содирот афзоиш дода шавад.

Шакли муосири пешрафти иқтисодиёти ҷаҳон ва фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисодиро самаранок ва мақсаднок истифода бурдани технологияҳои рақамӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ин раванд тақозо менамояд, ки фаъолияти ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ бо истифодаи навтарин технологиҳои рақамӣ ба роҳ монда шаванд. Зеро дар сурати аз мадди назар дур мондани раванди мазкур, боиси пастравии иқтисодиёти кишварҳо буда метавонад. Барои пешрафти иқтисодиёт ҳар як кишвар ҷиҳати роҳандозӣ намудани технологияҳои нави иттилооти рақамӣ чораҳои зарурӣро андешида бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд қафо набуда, бо омӯзиши таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, кӯшиш менамояд, ки бо роҳҳои мувофиқ ба шароитҳои иқтисодии кишвар ин равандро татбиқ намояд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 чунин зикр шудааст: "Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд" [5,с.12].

Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меоянд. Яъне, фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин раванд, хизматрасониҳои электронӣ, "мол"-ҳои электронӣ дар тиҷорат васеъ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, гардиши маблағҳо тавассути воситаҳои электронӣ ба роҳ монда мешаванд, ки омили муҳимтарини тиҷорати электронӣ мегарданд. Ба вуҷуд овардани иқтисоди рақамӣ на танҳо ба савдо ниёз дорад, он инчунин, дар соҳаҳои алоҳида ба монанди маориф, тандурустӣ, бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашонӣ ва ғайра низ татбиқпазир аст.

Ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои иқтисодии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019 таҳти №642 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки дар зербанди – и банди 1-уми он оварда шудааст: “Консепсия ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, асос ёфта, инъикоскунандаи дурнамои умумии истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, ҳамзамон, ҳарчи зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расидани он ва ба таври назаррас паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табодули он ба кишвари транзитӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Ҷорикунии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, технологияҳои пешқадам бояд асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди рақобатнокии байналмилалии кишвар гардад. Рақамикунонии иқтисодиёт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули намудҳои мавҷуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон, қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазкунӣ имконият фароҳам меорад. Консепсия ба гирифтани

дивидендҳои рақамӣ дар чунин масъалаҳои барои рушди миллӣ басо муҳим, ба монанди таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, табодули соҳаи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст” [1,с.54].

Технологияи босуръат паҳншаванда, фаъолияти гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоиро шаклан дигаргун месозад. Вале фарогирии васеъшудаи нобаробарии рақамӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд ва махсусан хурдтарин кишварҳо, иқтисоди рақамӣ хатари боз ҳам бузургтарро ба бор меорад. Барои аз нав дида баромадани марҳилаву ҳадафҳои рушди бахши рақамӣ ва тарҳи ояндаи ҷаҳонишавии муносибати ҳамаҷониба ба технологияҳои нав, тақвияти шарикӣ ва идоракунии бештар талаб мегардад.

Дар кишварҳои пешрафта аксарияти аҳолӣ ба шабакаҳои интернетӣ дастрасӣ доранд ва дар воҳидҳои бузурги истеҳсолӣ автоматикунонӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Худ аз худ маълум аст, ки автоматикунонӣ аз ресурсҳои меҳнатӣ ҷойҳои корро озод мекунанд, ки ин метавонад дар оянда шумораи бекоронро зиёд кунад [7,с.23].

Иқтисоди рақамӣ бо сабаби қобилияти ҷамъоварӣ, истифода ва таҳлили миқдори зиёди иттилооти аз тарафи компютер дастрасшаванда, яъне маълумоти рақамӣ, бо суръати бениҳоят афзоишёбанда идома дорад. Чунин маълумоти рақамӣ дар асоси таҳлили «роҳҳои рақамӣ», ки дар барномаи амалиётҳои гуногуни рақамӣ, дар натиҷаи фаъолияти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё корхонаву ташкилотҳо боқӣ мондаанд, ҷамъ оварда мешаванд.

Вобаста ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва бо такя бар арзишҳои ахлоқию маънавии хеш, имрӯз ҷомеаи кишварро зарур аст, ки сари масъалаи истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва рушди иқтисоди рақамӣ андеша намоем. Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ ба ин равандҳо ташаккули бахшҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ шомил аст. Бояд дар мамлакат якчанд марҳила ва лоиҳаҳои рушди иқтисодиёти рақамиро дар шароити имрӯза татбиқ намуд:

-дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва истифодабарии захираҳои иттилоотӣ бо таъмини дастурҳо ва намудҳои хизматрасонии электрониро бояд муайян ва ҷорӣ намуд;

-давлат дар фаъолияти истифодабарии рушди иқтисодиёти рақамӣ, бозори технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла муассисаю корхонаҳои хусусӣ, паркҳои технологӣ ва марказҳои хизматрасониро ташкил намуда, сармоягузорони хориҷиро ҷалб намоянд ва барои онҳо шароит фароҳам оваранд;

-мутобиқ намудани рушди инфрасохтори замонавии телекоммуникатсионӣ дар шароити муосир, технологияи алоқа ва рушди хизматрасониҳои шабакавӣ, рушди хизматрасониҳои ҳозиразамони телекоммуникатсиониро бояд ҷорӣ намуд;

-дар идоракунии давлат ва соҳаҳои иқтисодиёт, хизматрасониҳои ҳозиразамони электрониро ҷорӣ намуд ва бо кумаки иқтисодиёти рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва дастури таъминоти бозориро бояд рушд дод;

-ноҳияҳо ва шаҳрҳоро бо инфрасохтори ҳудудӣ ва истифодабарии онро тавассути электронӣ идора намудан, хусусан манзили истиқоматӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ - маишӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири транспортӣ барои «шаҳр ва ноҳияи муосир» ва коркарди «системаи муосир»;

-омӯзонидан ва такмил додани кадрҳои боэътимод, омоданамоии кадрҳо то ҷараёни оғози лоиҳаҳо.

Барои ба таври васеъ ошкор намудани иқтидори иҷтимоию иқтисодии технологияҳои рақамӣ ва пешгирӣ намудан аз оқибатҳои нохуш, зарур аст, ҳарчи зудтар ҳамкории байни шаҳриву ноҳиявӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳаёт ва ҷомеаи моро бо суръати бесобиқа ва таносуби бемайлон тағйир медиҳад, ҳамзамон, имкониятҳо ва мушкилоти бузургро эҷод мекунад [8,с.51].

Дар ҳақиқат имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ зиёд аст ва таҳқиқи муҳаққиқони ҷавон дар самти илм ва инноватсия, технологияҳои нав мусоидаткунанда ба шумор меравад. Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, дар асоси технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Захираҳои иттилоотӣ ин ҳуҷҷатҳои алоҳида, массивҳои алоҳида, ҳуҷҷатҳо ва массивҳо дар системаи иттилоотӣ (дар китобхонаҳо, архивҳо, фондҳо, бонки маълумотҳо

ва ғайра) мебошанд. Ба ибораи дигар, захираҳои иттилоотии ҷамъият, ин иттилооти хусусияти гуногундошта, дар шакли ҳуҷҷатҳо, базаи маълумотҳо ва базаи донишҳо таҷассумёфта мебошад. Дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ иттилоот, захираҳои иттилоотӣ ҳамчун нишондиҳандаи алоҳидаи иқтисоди рақамӣ дида баромада мешавад, ки яке аз элементҳои муҳимтарини идоракунии ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Байни захираҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ва дигар захираҳо (моддӣ, молиявӣ, энергетикӣ ва ғ.) як ҷиҳати умумият вуҷуд дорад: ҳамаи захираҳои номбаршуда шароитҳои зарурӣ ва элементҳои дилхоҳи фаъолияти истеҳсолӣ ба шумор мераванд ва истифодабарии онҳо хароҷотҳои мувофиқро, ки бо амалиётҳои асосии табдилдиҳӣ алоқаманданд талаб менамояд. Аммо дар байни захираҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ва дигар намуди захираҳо фарқияти ҷиддӣ мавҷуд аст, ки аз ҳама муҳимаш иттилоот бо гузашти вақт буда, он ҳеҷ гоҳ нест намешавад, ҳатто метавонад садҳо маротиба истифода шавад ва васеъшавии он низ тамоман маҳдудият надорад [9,с.368].

Ҳангоми истифодабарии захираҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ дар равандҳои тиҷоратии корхона ба он якчанд талаботҳо пешкаш карда мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- саривақтӣ – гирифтани захираҳои иттилоотӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда;
- саҳеҳият – муайянкунандаи зинаи имконпазири хурдашавии захираҳои иттилоотии ҳам воридшаванда ва ҳам натиҷавӣ, ки дар натиҷаи он фаъолияти самаранокии корхона нигоҳ дошта мешавад;
- кифоягӣ – эҳтимолияти пуррагии захираҳои иттилоотиро барои ҳалли масъалаҳои идоракунии корхона муайян мекунад;
- муроҷиатнокӣ – равон кардани самти мақсадноки захираҳои иттилоотро ба мутахассисе, ки барои вай ташкили самараноки бизнес-равандҳои корхона ҷолиби диққат аст;
- саҳеҳияти ҳуқуқӣ – мувофиққунонии захираҳои иттилоотӣ бо хуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва батартибдарории онҳо;
- истифодабарии бисёркарата;
- суръати баланди ҷамъкунӣ, коркард ва интиқол;
- фаврият – қобилияти иттилоот барои коркарди лозима ва қабули қарорҳо дар шароити тағйирёбанда.

Захираҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ ҳамчунин бо имкониятҳои ҷамъшавандагӣ, захирашавӣ дар барандаҳои моддӣ, интиқол бо суръати баланд ва дараҷаи баланди ҷамъбастшавӣ тавсиф дода мешаванд [4,с.68].

Аз ин ҷо бар меояд, ки дар назария ва амалияи ҷорикунии равандҳои идоракунӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии омилҳои сифати рушди иқтисодии корхона, тезонидани равандҳои динамикӣ ва инноватсионии он бояд хусусияти афзояндагии иқтисодиёти рақамӣ ба назар гирифта шавад.

Дар ин шароит яке аз масаъалаҳои муҳимтарини идоракунӣ ҳозиразамон, муайянкунии баҳодиҳии ҳақиқии иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб меравад, ки инҳоро дарбар мегирад:

- хароҷотҳое, ки бо омодакунии иқтисодиёти рақамӣ барои ҳалли масъалаҳо дар идоракунии корхона алоқаманданд;
- истифодаи самараноки иқтисодиёти рақамӣ дар раванди идоракунии корхонаҳо.

Хароҷотҳо барои иқтисодиёти рақамӣ ва омодасозии иттилоот аз хароҷотҳо барои истеҳсоли арзишҳои моддӣ, бо вуҷуд доштани номуайянии хос фарқ мекунад. Бо назардошти он, ки иқтисодиёти рақамӣ хусусияти маҳсулотро гирифта бошад ҳам, масъалаи ҷустуҷӯйи ҳаққонии хароҷотҳои лозима барои омодасозии иттилоот боқӣ мемонад. Ифодаи миқдории он дар баробари бо хароҷотҳои муҳимми меҳнатӣ барои истеҳсоли арзишҳои моддӣ баробар шуда метавонад [3,с.215].

Он ҳолате, ки агар иттилооти бадастомада ба таври ихтиёрӣ истифода мешавад (ҳангоми ин иттилоот сарф намешавад), ин маънои онро надорад, ки ин иттилоот метавонад аз тарафи дилхоҳ шахс истифода шавад. Мазмуни ҳалкунандагӣ ҳамеша дастрасии ҳақиқиро ба захираҳои иттилоотӣ доро мебошад, ки дар таҷриба одатан дар зинаи кам ё зиёд маҳдуд карда шудааст. Имконияти дорои иттилооти муҳим барои ҳалли

масъалаҳои идоракунӣ яке аз талаботҳои ҳатмӣ дар раванди вазифагузории корхона мебошад.

Фоиданокии иқтисодиёти рақамӣ дар алоқамандӣ ба дигар арзишҳои моддӣ ба воситаи омилҳои вақт ва сифат муайян карда мешавад. Иттилооти куҳнашуда ва ё нопурра на танҳо метавонад беарзиш бошад, балки метавонад ба аздастдиҳии арзиши корҳо, маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои дар асоси онҳо бавуҷудомада оварда расонад. Муҳим он аст, ки шароитҳои сифатноки алоқамандии байни иқтисодиёти рақамӣ ва дигар элементҳои раванди истеҳсолии корхона таъмин карда шавад. Ин масъала бо масъалаҳои мураккаб ва истифодаи ниҳоии сифатноки захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ алоқаманд аст. Инчунин, вай ба масъалаи истифодаи сармояи асосӣ, ки он, пеш аз ҳама, ба муайянкунии ҳиссаи хароҷотҳо барои рушди инфрасохтори иттилоотӣ – технологӣ, ки ин дар навбати худ шароити сарфи дигар захираҳоро дар раванди фаъолияти истеҳсолии корхона таъмин мекунад, алоқаманд аст [3,с.215].

Идоракунии захираҳои иттилоотӣ, ки дар худ амалиётҳои ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоотро дарбар мегирад, дар замони ҳозира яке аз вазифаи алоҳидаи идоракунӣ аст, ки иттилооти дохилӣ ва берунӣ низ ба зиммаи он гузошта шудааст.

**Расми 1. Ташкилкунии захираҳои иттилоотии корхона**
**Figure 1. Organization of information resources of the enterprise**




Захираҳои иттилоотии беруна ҳамчун захираҳои иттилотии берунии корхона шаклбандӣ мешаванд ва муносибати байни субъектҳои иқтисодӣ ва сиёсиро, ки берун аз он фаъолият менамоянд, инъикос мекунанд. Иттилооти бадастомада алоқамандии байни корхона ва мизоҷони потенсиалии он, ҳамчунин, рақибонашонро инъикос мекунад. Корхона бояд мунтазам аз болои қисматҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ назорат барад, ки ба он иттилооти молиявӣ иқтисодӣ, сиёсӣ ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва дигар иттиллоот дохил мешавад.

Захираҳои иттилоотии дохилӣ ҳамчун муҳити иттилоотии даруна ба ҳисоб меравaнд ва маҷмуи зершуъбаҳои сохтори корхона, ки дар он мутахассисон кор мекунанд, муносибатҳои технологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайраро муайян мекунад. Муҳити дохилии иттилооти корхона ҳамаи бизнес-равандҳои корхонаро дарбар мегирад, ки ин имконияти қабули қарорҳои оптималии идоракунӣ, идоракунии вазифагузории корхона, таҳлили масъалаҳои бавуҷудомада, сохтани маҳсулотҳои нав ва хизматрасониҳо ва ғайраҳоро дарбар мегирад [6,с.111].

Умуман муҳити иттилоотии корхона, омили системавии ҳамаи фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Такмили рушди идоракунӣ, муносибати системавиро ба ҳамаи равандҳои итттилоотӣ талаб мекунад, ки ин амалигардонии босифати бизнес-равандҳои корхонаро таъмин менамояд. Махсусан, барои ҳамин тағйиротҳои куллӣ дар механизмҳои иқтисодии идоракунии корхона, дар тақсимоти вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва масъулиятҳо дар

ҳамаи зинаҳои сохторҳои ташкилот бояд илова ва мустаҳкам намудани, рушди базаи модии идоракунӣ, истифодаи оқилонаи амалиётҳо ва равандҳои фаъолияти идоракунӣ дар асоси технологияи иттилоотии муосир амалӣ гардонида шаванд, ки дорои захираҳои иттилоотии актуалӣ бошанд. Ташкилот ва корхонаҳои муосир шаклҳои гуногун, хусусан дар намуди фаъолияти иқтисодӣ, системаҳои ташкилии мураккабро пешкаш мекунанд, ки қисмҳои таркибии он фондҳои асосӣ ва гардон, захираҳои моддӣ меҳнатӣ ва дигар захираҳо мебошанд, ки доимо тағйир меёбанд ва дар алоқамандии мураккаби байниҳамдигарӣ ҷойгиранд. Рушди бо суръати замони муосир ба афзоиши ҳаҷм ва мураккабии масъалаҳо оварда мерасонад, ки дар соҳаҳои ташкили истеҳсолот, равандҳои банақшагирӣ ва таҳлил, корҳои молиявӣ, алоқа бо таъминкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулот, идоракунии фаврӣ, ки онро бе ташкили системаи автоматикунонидашудаи идоракунӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, ҳал карда мешавад.

Системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда ин маҷмуи иттилоот, усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, дигар воситаҳои техникӣ, барномавӣ, технологӣ ва мутахассисон мебошад, ки барои коркарди иттилоот ва қабули қарорҳои идоракунӣ пешбинӣ шудааст. Системаи иттилоотии идоракунӣ бояд масъалаҳои ҷории банақшагирии стратегӣ ва тактикӣ, баҳисобгирии муҳосиботӣ ва идоракунии фаврии корхонаро ҳал намояд. Дар баробари ин, бисёри масъалаҳои ҳисобгирӣ (ҳисобгирии моддӣ ва муҳосиботӣ, банақшагирии андоз, идоракунӣ ва ғайра) бе хароҷотҳои иловагӣ бо роҳи коркарди дубораи маълумотҳои идоракунии фаврӣ ҳал карда мешаванд.

Маълумотҳои фавриро дар рафти амалкунии системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда истифода карда, роҳбар метавонад захираҳои корхонаро (моддӣ, молиявӣ ва кадрӣ) ба нақша гирад ва баробар намояд, натиҷаҳои қарорҳои идоракуниро ҳисоб кунад ва баҳо диҳад, идоракунии фаврии арзиши аслии маҳсулот, рафти иҷроиши нақша, истифодаи захираҳо ва ғайраро ба роҳ монад.

Ҳамин тариқ, системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи идоракунӣ имиконият медиҳад:

- баландбардории дараҷаи қарорҳои қабулшаванда аз ҳисоби фаврияти ҷамъкунӣ, интиқол ва коркарди иттилоот;
- таъмини саривақтии қабули қарорҳо аз рӯйи идоракунии ташкилот дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- ба даст овардани рушди сифатноки идоракунӣ аз ҳисоби пешниҳоди саривақтии иттилооти зарурӣ ба роҳбарони ҳама зинаҳои идоракунӣ аз ҳисоби фонди ягонаи иттилоотӣ;
- ҳамоҳангсозии қарорҳо, ки дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ ва зершуъбаҳои сохтори гуногун;
- таъмини рушди ҳосилнокии меҳнат, ихтисоркунии талафотҳои ғайриистеҳсолӣ аз ҳисоби иттилоотикунонии ҳайати идоракунӣ оид ба ҳолати ҷории объекти иқтисодӣ ва ғайра.

Маҷмуи зиёд ва гуногуни системаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда вуҷуд дорад, ки аз рӯи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешаванд ва дар расми 2 оварда шудаанд:

Дар алоқамандӣ бо аломати гурӯҳбандӣ аз рӯйи зинаи идоракунии давлатӣ, системаи иттилоотии автоматикунонидашуда ба давлатӣ, ҳудудӣ тақсим мешаванд, ки системаии иттилотии дараҷаи баланд дар зинаи идоракунӣ ҳисоб мешаванд. Системаии иттилоотии таъиноти давлатӣ ҳалли масъалаҳои хизматрасониҳои иттилотии дастгоҳи идоракунии маъмуриро ҳал намуда, амалкунии ҳамаи минтақаҳои кишварро таъмин менамояд. Системаи иттилоотии ҳудудӣ барои ҳалли масъалаҳои иттилоотии идоракунии объектҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, ки дар минтақаи муайян ҷойгир шудаанд, пешбинӣ гардидаанд. Гурӯҳбандӣ аз рӯйи амалкунии соҳаи объекти иқтисодӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагии корхона ва ташкилотҳои гуногун равона шудаанд. Ба онҳо системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи бонк ва ғайра дохил мешаванд [2,с.180].

Аз рӯйи намуди равандҳои идоракунӣ системаи иттилоотӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд.

Системаи иттилоотии идоракунии равандҳои технологӣ – барои автоматикунонии равандҳои технологии гуногун пешбинӣ шудаанд.

**Расми 2. Гурӯҳбандии системаи иттилоотии автоматикунонидашуда**
**Figure 2. Grouping of the automated information system**




Системаи иттилоотии идоракунии равандҳои ташкилӣ-технологӣ аз худ системаҳои бисёрзинавиро пешкаш мекунанд, ки дорои системаи иттилоотии идоракунии равандҳои технологӣ ва системаи иттилоотии идоракунии корхона мебошанд. Аз ҳама тақсимоти зиёдро системаи иттилоотии идоракунии ташкилӣ гирифтааст, ки барои автоматикунонии вазифаҳои идоракунии ҳайати кормандон пешбинӣ шудааст. Истифодаи васеъ ва гуногунияти ин системаро ба назар гирифта, одатан системаҳои иттилоотии гуногун дар ҳамин мазмун фаҳмида мешаванд. Ба ин гурӯҳи системаи иттилоотӣ, системаҳои иттилоотии ширкатҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии объекти иқтисодӣ – корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дохил мешаванд. Вазифаи асосии чунин системаҳои назорати фаврӣ ва танзимкунӣ, ҳисобгирии фаврӣ ва таҳлил, банақшагирии фаврӣ ва мақсаднок, ҳисобгирии муҳосиботӣ, идоракунии фурӯш ва таъминкунӣ, ҳалкунии дигар масъалаҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошанд.

Системаи иттилоотии маҳдудшуда барои автоматикунонии ҳамаи вазифаҳои идоракунии корхона пешбинӣ шудаанд ва ҳамаи давраи вазифагузории объекти иқтисодӣ, аз корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳасозӣ, тайёркунӣ, бароҳиш ва фурӯши маҳсулот сар карда то таҳлили ба роҳ мондани маҳсулотро дарбар мегирад. Системаи иттилоотии корпоративӣ барои автоматикунонии ҳамаи вазифаҳои идоракунии корхона ё ширкат истифода мешавад, ки байни зершуъбаҳо, филиалҳо ва офисҳои алоҳидаи корхона умумияти минтақавӣ дорад. Системаи иттилоотии илмӣ-таҳқиқотӣ ҳалли масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар асоси усулҳо ва моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ба роҳ мемонад. Системаи иттилоотии омӯзанда барои тайёркунии мутахассисон дар системаи маориф, ҳангоми азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи гуногуни иқтисод истифода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз «30» декабри соли 2019, №642.
2. Мирзоев Н.Ҳ. Автоматикунонии равандҳои иттилоотӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ / Н.Ҳ. Мирзоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон». -Душанбе, 2023. -С.177-181
3. Мирзоев Н.Ҳ. Заминаҳои рақамисозии иқтисодиёт ва таъсири он дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ / Н.Ҳ. Мирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон”. -Душанбе, 2022. -С.215-220.
4. Норов Х.F. Менеҷменти иттилоотӣ / Х.F. Норов, И.С. Шамсов, М.М. Қиличева. –Душанбе, 2014. -320 с.

5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.
6. Раҳимов Ф.С. Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт / Ф.С. Раҳимов, Р.Б. Шерматов. –Душанбе, 2018. -280 с.
7. Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт / Р.Б. Шерматов, Н.Ҳ. Мирзоев [ва диг.]. –Душанбе, 2016. -223 с.
8. Шамсов И.С. Иқтисоди рақамӣ / И.С. Шамсов. –Душанбе, 2023. -260 с.
9. Шерматов Р.Б. Роль и место автоматизированных информационных систем в национальной экономике / Н.Х. Мирзоев, Р.Б. Шерматов // Материалы международной научно-практической-конференции на тему “Реализация целей устойчивого развития: зарубежная и национальная практика”. -Душанбе, 13 октября 2020. -С.368-372.
10. Юсупов Ш.Н. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба ташаккули касбҳои нав дар бозори меҳнат / Ш.Н. Юсупов // Паёми ДМТ Бахши илмҳои иҷтимоӣ -иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№9. -С.23.

## МУАММОҲОИ ИДОРАКУНИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар мақола асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, дар ин самт каме пешравӣ доранд, дар пешбурди иқтисодиёти рақамӣ махсусан қобили таваҷҷуҳ аст. Имрӯзҳо дар тамоми манотиқи олам илму технология рушд карда, дар ин раванд падидаҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд. Барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ, маҳсулнокии натиҷаи фаъолияти худ, мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ аз технологияҳои нави иттилоотӣ мунтазам истифода мебаранд. Дар шароити имрӯза рушди босуръати техника, технология ва барномасозӣ фаъолияти башарро куллан тағйир додааст. Имрӯзҳо садҳо намуди техникаҳои ҷадиди замонавӣ кашф ва ба истифода дода шудааст. Дар ин раванд, кашфи технологияи компютерӣ, ихтироъ ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои асри гузашта ба шумор мераванд. Яке аз механизмҳои муҳимми таъмини шаффофият ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди идоракунӣ, ин иқтисоди рақамӣ мебошад. Мушкилоти иқтисоди рақамӣ дар системаи идоракунӣ, ки аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта бар меоянд ва боиси пайдоиши касбҳои нав мешаванд, метавонанд дар оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оянд. Аммо дар баробари ин, автоматикунонӣ боиси пайдо шудани касбҳои нав мегардад, ки ин ба захираҳои меҳнатӣ дар бобати гирифтани маҳорати иловагӣ ё баланд бардоштани ихтисос талаботи нав мегузорад. Одатан мутахассисоне, ки дар соҳаи технологияи рақамӣ фаъолият менамоянд, барои баланд бардоштани самаранокии меҳнат кӯшиш менамоянд. Ба ибораи дигар, иқтисодиёти рақамӣ "қувваи кории рақамиро" талаб мекунад. Дар ин замина, рақамикунонӣ ба довталабони кор имкон медиҳад, ки тавассути истифодаи порталҳои муосири ҷустуҷӯи рақамӣ ва дастрасӣ ба махзани васеи ҷойҳои холӣ имкониятҳои касбиро беҳтар кунанд. Раванди ба кор қабул кардан ва ҷустуҷӯи кор суръат мегирад, ки ин сатҳи бекориро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ коҳиш медиҳад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, иттилоот, техника, технология, телекоммуникатсия, барнома, маълумот, ҷомеаи иттилоотӣ, идоракунии давлатӣ, сомона, интернет, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ, молҳои электронӣ, шабакаҳои интернетӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаи иттилоотии корпоративӣ, системаи иттилоотии илмӣ-таҳқиқотӣ, технологияи иттилоотӣ.

## ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯМИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье обосновано, что в продвижении цифровой экономики особого внимания заслуживает опыт развитых стран, добившихся определенного прогресса в этом направлении. Сегодня наука и технологии развиваются во всех регионах мира, и в этом процессе возникают новые явления. В целях повышения эффективности и качества оказания услуг, продуктивности результатов своей деятельности органы государственной власти и местного самоуправления регулярно используют новые информационные технологии. В современных условиях бурное развитие технологий, техники и программирования коренным образом изменило деятельность человека. Сегодня открыты и внедрены в использование сотни видов современных технологий. В этом процессе открытие компьютерных технологий, изобретение и запуск глобальной сети Интернет относятся к числу редчайших достижений прошлого столетия. Одним из важных механизмов обеспечения прозрачности и активного участия гражданского общества в процессе управления является цифровая экономика. Проблемы цифровой экономики в системе управления, которые возникают из опыта развитых стран и приводят к появлению новых профессий, могут возникнуть в будущем и в Республике Таджикистан. Но в то же время автоматизация приводит к появлению новых профессий, что предъявляет новые требования к трудовым ресурсам в плане получения дополнительных навыков или повышения своей квалификации. Обычно специалисты, работающие в сфере цифровых технологий, стараются повысить эффективность работы. Другими словами, цифровая экономика требует «цифровой рабочей силы». В этом контексте цифровизация позволяет искателям работы улучшить возможности карьерного роста за счет использования современных цифровых поисковых порталов и доступа к широкой базе вакансий. При этом ускоряется процесс найма и поиска работы, что снижает уровень безработицы в мировом сообществе.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, информация, техника, технология, телекоммуникации, программа, данные, информационное общество, государственное управление, веб-сайт, интернет, экономическое развитие, экономика, цифровые технологии, электронные товары, сети интернет, информационные ресурсы, корпоративная информационная система, информационная система, научно-исследовательская, информационная технология.

**PROBLEMS OF ENTERPRISE MANAGEMENT IN THE DIGITAL ECONOMY**

The article substantiates that in promoting the digital economy, the experience of developed countries that have achieved certain progress in this direction deserves special attention. Today, science and technology are developing in all regions of the world, and in this process new phenomena are emerging. In order to increase the efficiency and quality of service delivery, the productivity of the results of their activities, state authorities and local governments regularly use new information technologies. In modern conditions, the rapid development of technology, engineering and programming has radically changed human activity. Today, hundreds of types of modern technologies have been discovered and put into use. In this process, the discovery of computer technology, the invention and launch of the global Internet are among the rarest achievements of the last century. One of the important mechanisms for ensuring transparency and active participation of civil society in the governance process is the digital economy. Problems of the digital economy in the management system, which arise from the experience of developed countries and lead to the emergence of new professions, may arise in the future in the Republic of Tajikistan. But at the same time, automation leads to the emergence of new professions, which places new demands on labor resources in terms of acquiring additional skills or improving their qualifications. Typically, digital professionals are looking to improve their work efficiency. In other words, the digital economy requires a "digital workforce". In this context, digitalization allows job seekers to improve their career opportunities through the use of modern digital search portals and access to a wide database of vacancies. At the same time, the hiring and job search process is accelerated, which reduces the unemployment rate in the global community.

**Keywords:** digital economy, information, equipment, technology, telecommunications, program, data, information society, public administration, website, internet, economic development, economics, digital technologies, electronic goods, Internet networks, information resources, corporate information system, information system, research, information technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шамсов Илёсҷон Сафарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-78-89-38**

***Мирзоев Неъматулло Ҳакимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14**

***Шерматов Раҷаб Боймуротович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-16-91-69**

**Сведения об авторах:** ***Шамсов Илёсджон Сафарович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-78-89-38**

***Мирзоев Неъматулло Хакимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-35-35-14**

***Шерматов Раджаб Боймуратович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-16-91-69**

**Information about the authors:** ***Shamsov Ilesjon Safarovich*** - Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Information Systems in Economics. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-78-89-38**

***Mirzoev Nematullo Khakimovich*** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-35-35-14**

***Shermatov Rajab Boymuratovich*** – Tajik National University, senior lecturer at the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904-16-91-69**

ТДУ: 339.9(575.3)

# НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР СУРЪАТБАХШӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ: НИГОҲ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қодирзода Ф.А., Мирбобоев Р.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сармоягузории мустақими хориҷӣ метавонад ба иқтисодиёти кишвари қабулкунандаи сармоя таъсири мусбат расонад. Самаранокии сармоягузории хориҷӣ аз сиёсати дурусти кишвар вобаста аст, ки ҳамгирой ва истифодаи онро ба манфиатҳои миллӣ имконпазир мегардонад. Дар алоқаманди бо ин татбиқи сиёсати оқилонаи ҷалби сармояи хориҷӣ дар назди давлат масъалаҳои зиёдеро вобаста ба беҳтарнамоии фазои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди шабакаи машваратӣ ва муайян намудани соҳаҳои ба сармоягузорӣ ниёздоштаро мегузорад. Дар баробари ин, барои ворид шудани сармояи хориҷӣ ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҳама гуна кишвар зарурати объективӣ маҳсуб меёбад.

Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ аз шароит ва омилҳое вобаста мебошад, ки онҳо кишварро ба макони ҷолиб барои сармоягузорӣ табдил медиҳанд. Шартҳо ва омилҳо метавонанд ҷанбаҳои гуногун - суботи сиёсӣ, ҳосилнокии иқтисодӣ, ҳифзи сармоягузорон тавассути қонунгузорӣ, мавҷудияти инфрасохтор, дастрасӣ ба бозорҳо ва ғайраро дар бар гиранд. Масалан, кишваре, ки низоми қавии ҳуқуқӣ, иқтисоди кушоду устувор, сатҳи пасти фасод ва инфрасохтори пешрафта дорад, метавонад макони дорои фазои мусоиди сармоягузорӣ ҳисобида шавад. Сармоягузорон одатан кӯшиш мекунанд, ки сармояҳои худро дар ҷойҳои ҳадди ақал будани хавфҳо ва ҳадди аксар будани имкониятҳо барои сармоягузории фоиданок ҷойгир намоянд.

Ҷолибияти кишварҳои рӯ ба рушд арзиши аслии пасти омилҳои истеҳсолӣ мебошад, ки боис ба баланд шудани даромаднокии сармоягузориҳо дар ин кишварҳо дар муқоиса бо сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишварҳои пешрафта мегардад. Масалан, дар Тоҷикистон сармоягузорони хориҷӣ дар натиҷаи дуруст ташкил кардани меҳнат ва роҳандозӣ намудани сармоягузорӣ бинобар сабаби паст будани музди меҳнат дар муқоиса бо сатҳи ҷаҳонӣ, мавҷуд будани кадрҳои соҳибихтисос ва нархҳои паст ба захираҳои истеҳсолӣ, метавонанд фоидаи хеле баланд гиранд. Аммо, хавфи хеле баланди сармоягузорӣ дар робита бо ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд ҷолибияти онҳоро барои сармоягузорони хориҷӣ дар сатҳи муайян коҳиш медиҳад [6,с.96].

Дар бозорҳои кишварҳои рушдёбанда сармоягузори хориҷӣ бо се гурӯҳи хавфҳо дучор мешавад:

- **хавфҳои сиёсӣ:** бо мавҷудияти дахолати назарраси давлат ба фаъолияти ширкатҳо алоқаманданд, яъне ногаҳонӣ ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои ҷиддӣ, гузоштани талаботҳои нав ба фаъолияти ширкатҳо ва ғайра;
- **хавфҳои иқтисодӣ:** бозорҳои рӯ ба рушд аксар вақт аз нарасидани қувваи кории соҳибихтисос ва ашёи хом, мавҷуд будани таваррум ё дефлятсияи баланд, бозорҳои танзимнашаванда бошанд, аз набудани сиёсати асосноки пулию қарзӣ азият мекашанд;
- **хавфҳои асъорӣ**: арзиши асъорҳои миллӣ дар бозорҳои кишварҳои рушдёбанда нисбат ба доллар метавонад хеле ноустувор бошад; тағйирёбии қурби асъор метавонад фоидаи сармоягузорро хеле кам кунад.

Мониторинги гузаронидаи ЮНКТАД дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид нишон дод, ки баъзе кишварҳои рӯ ба рушд монеаҳои воруди сармоягузоронро ба бозорҳои миллӣ коҳиш дода, сармоягузорони хориҷиро ба бозорҳои дохилӣ ҷалб менамоянд. Коҳиши монеаҳо метавонад ба church тоҳ... 

Аз байн бурдани як қатор маҳдудиятҳо барои сармоягузорон дар қонунгузории сармоягузории Тоҷикистон бо муҳиммияти сармоягузории хориҷӣ ҳамчун манбаи

молиякунонии дарозмуддати рушди иқтисодӣ шарҳ дода мешавад ва барои мамлакати мо ҳамчун қабулкунандаи сармоя ҷалби сармоягузории мустақим афзалияти бештар дорад.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар пешбурди рушди иқтисодӣ дорои бартариҳои зерин мебошад: ҳаҷми субсидияҳои зарурии давлатиро кам мекунад, барои истифодаи маблағҳои ба навсозии корхонаҳо пешбинишуда мусоидат мекунад. Дар натиҷаи воридгардии сармоягузории хориҷӣ ҷойҳои нави корӣ дар иқтисодиёт таъсис дода мешавад, навсозии истеҳсолот ва афзоиши фоидаи корхонаҳо таъмин гардида, ММД афзоиш меёбад.

Дар расми 1 динамикаи рушди воқеии ММД дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2021 нишон дода шудааст [1].

**Расми 1. Динамикаи рушди воқеии ММД дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2021**
**Figure 1. Dynamics of real GDP growth in Tajikistan for 2010-2021**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Аз расми 1 дида мешавад, ки дар соли 2021 афзоиши воқеии ММД назаррас буда, бузургии баландтаринро дар тамоми давраи солҳои 2010-2021 нишон медиҳад. Дар соли 2020 афзоиши ММД дар робита бо паст шудани рушди иқтисодиёт дар тамоми ҷаҳон, ки ба пандемияи COVID-19 алоқаманд буд, коҳиш ёфт.

Соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ омилҳои асосии рушди иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар мавриди талабот бошад, афзоиши иқтисодиёт аз ҳисоби фаъол шудани талабот дар бозори дохилӣ дастгирӣ ёфт. Касри ҳисоби амалиёти ҷорӣ то 7% ММД дар нимаи аввали соли 2019 дар муқоиса бо 11% ММД дар соли 2018 дар робита бо кам шудани тавозуни савдо паст шуд.

Таъсири сармоягузориҳои хориҷиро ба бузургии ММД мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамоем, ки ҳангоми зиёдшавии ММД ҷойҳои корӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва иқтисодиёт метавонад шоҳиди суръати нисбатан баланди рушди иқтисодӣ гардад. Чунин муҳит барои сармоягузорони эҳтимолӣ ҷолиб мегардад. Агар сармоягузорон ба кишвар сармоягузорӣ намоянд, пас сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз ҳисоби афзоиши ММД рушд меёбанд. Дар сурати паст шудани ММД акси ин ба вуҷуд меояд.

Илова бар ин, афзоиши сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ метавонад ММД-и кишварро тавассути тавсеаи имкониятҳои шуғл ва зиёдшавии эҳтимолии ҳаҷми истеҳсолот ё хизматрасониҳо афзоиш диҳад.

Дар солҳои 2019-2020 ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон коҳиш ёфт. Бештар ин тамоюл дар саноати истихроҷи маъдан ва коркард ва дар бахши хизматрасонӣ зоҳир гардид. Ҳаҷми маблағҳои сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои нав дар соли 2019 14% коҳиш ёфта, 720 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод.

Аз расми 2 бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон мунтазам меафзояд, сармоягузориҳо дар фаъолияти хоҷагии ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Мавҷудияти чунин тамоюлҳо кишварҳоро водор мекунад, ки таъсирбахшии воситаҳои сиёсати сармоягузории худро мутобиқ ба талаботи муосир назорат кунанд. Воситаҳои сиёсати сармоягузорӣ, ин тағйир додани самти ҳавасмандиҳои сармоягузорӣ, ташкил ё замонависозии минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, истифодаи воситаҳои тамоман

нави ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва таҳияи механизмҳои гуногуни санҷиши (озмоиши) сармоягузории хориҷӣ ба ҳисоб мераванд.

**Расми 2. Даромаднокии воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, %**
**Figure 2. Return on foreign direct investment, %**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси махзани маълумоти ХБА оид ба тавозуни пардохт.

Дар давоми даҳ соли охир, СМХ устувортарин механизми рушди иқтисодӣ ба сифати манбаи маблағгузории беруна барои бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушд буд. Мамлакатҳои рӯ ба рушдро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамоем, ки дар миёни қабулкунандагони сармоягузорӣ ҳиссаи кишварҳои рӯ ба рушд 39%-и ҳаҷми умумии маблаҳҳои сармоягузориро ташкил медиҳад, аммо дар кишварҳое, ки дар рушди иқтисодӣ хеле ақиб мондаанд, ин нишондод ҳатто ба 25% намерасад [2].

Дар соли 2020 соҳаи асосии пешбарандаи рушди Тоҷикистон аз рӯйи маълумотҳои оморӣ соҳаи саноат ба ҳисоб меравад.

**Расми 3. Истеҳсоли маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**
**Figure 3. Industrial production of the Republic of Tajikistan in 2020**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Афзоиши назарраси ММД-ро, мувофиқи маълумоти ББТР (расми 3), чунин соҳаҳо, аз қабили истихроҷи маъдан (25,2%), энергетика (24,7%), озуқаворӣ (19,5%), сохтмон (10%), пахтакорӣ (5,5%), истихроҷи ангишт (1,2%), истихроҷи нафту газ (0,6%) таъмин кардаанд.

Мувофиқи пешгӯиҳо, касри ҷории тавозуни пардохт фақат камтар аз 5% дар ММД дар соли 2020 то 4% дар ММД то охири соли 2021 коҳиш ёфтааст, ки он афзоиши содироти неруи баркро аз ҳисоби барқарор намудани пайвастшавии системаи энергетикии Тоҷикистон ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ инъикос менамояд.

Тибқи таҳқиқоти олимони мактаби бизнеси Ҳорворд [9], ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои истихроҷ (ё бахши ибтидоии иқтисод), ба рушди иқтисодиёт таъсири манфии бештар мерасонад, ки бо содироти ашёи хоми коркарднашуда аз кишвар алоқаманд аст. Сармоягузорӣ ба соҳаҳои коркард (бахши дуюмдараҷаи иқтисод) - ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷалби сармоягузорӣ ба бахши хизматрасонӣ (бахши сеюми иқтисод) ба назари коршиносон ба рушди иқтисодӣ таъсири номуайян дорад.

Барои муайян кардани таъсири нақши СМХ ба сатҳи рушди иқтисодӣ, мо модели эконометрикиро тартиб медиҳем, ки вобастагии эконометрикиро аз ҳиссаи СМХ дар ҳаҷми ММД ва суръати рушди иқтисодӣ ба назар мегирад.

Ба ҷузъи асосии фазои сармоягузорӣ, олимон танзимнамоии қонуниро мансуб медонанд, ки дар таҷриба, фаъолияти механизми ҳуқуқии кафолатҳои давлатиро барои сармоягузорон амалӣ менамояд. Танзимнамоии қонунӣ ба сармоягузор кафолатҳое медиҳад, ки хавфҳои ӯро ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ коҳиш медиҳанд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ҷуброни зиён мусоидат мекунанд. Барои иқтисодиёти миллӣ, танзимнамоии қонунӣ дастрасиро ба бозори ҷаҳонии сармоя имконпазир мекунад.

Дар тамоми кишварҳое, ки сармоягузориҳои хориҷиро ҷалб мекунанд, ки дар байни онҳо кишварҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои иқтисодашон дар марҳилаи гузариш ҳастанд, дар раванди танзимнамоии қонунии сармоягузорӣ аз воситаҳои ҳуқуқии низомҳои байналмилалӣ ва миллӣ истифода мебаранд. Дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва татбиқи васеи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллии худ шумораи бештари давлатҳо барои ҳимояи сармоягузорон аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ истифода мекунанд.

Сарфи назар аз муҳиммияти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя начандон назаррас аст, зеро то ҳол ҷалби ҳаҷми зарурии сармоягузориҳо барои рушди устувори иқтисодиёт ба даст наомадааст. Бинобар ин, ҳукумати кишварро зарур аст, ки барои ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти кишвар бо институтҳои молиявӣ корбарӣ намуда, рушди устувори иқтисодиётро таъмин намояд.

Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР) аз қабили чунин созмони глобалии рушд аст, ки 189 кишварҳои узв дорад ва ҳар як кишвар дар Шурои мудирон намояндагӣ мекунанд. Ҳамчун бузургтарин бонки рушд дар ҷаҳон, саҳми ББТР дар татбиқи рисолати Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ аз пешниҳоди қарзҳо, кафолатҳо, маҳсулоти идоракунии хавфҳо ва хизматрасониҳои машваратӣ ба ҳукуматҳои кишварҳои даромади миёнадошта ва инчунин, кишварҳои пардохтпазир бо сатҳи даромади паст иборат аст.

ББТР ба кишварҳои рӯ ба рушд қарз медиҳад, ки қобилияти пардохти фоизи наздик ба меъёрҳои бозориро надоранд. Бонк ба ин кишварҳо нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи камтар ва ба муҳлати дарозтар қарз медиҳад.

Дар соли 2021 ББТР ҳаҷми зерини қарзҳои мустақил, кумакҳои техникӣ ва грантҳоро ба кишварҳо ба таври зайл ҷудо намуд (расми 4).

Кишвари пешсаф аз рӯйи ҷалби сармоягузории мустақил аз ББТР дар ИДМ Қазоқистон ба ҳисоб меравад, ки тавонистааст ба иқтисодиёт сармоягузории муштаракро аз Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ (БОСИ) ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ба кишвар барои коҳиш додани оқибатҳои манфии пандемияи COVID-19 ҷалб намояд. Бо ҳамин мақсад БОР ҷиҳати коҳиш додани оқибатҳои номусоиди иқтисодӣ ва иҷтимоии пандемияи COVID-19 ба Тоҷикистон грантро тасдиқ кард. Дар назар аст, ки аз ҳисоби ин грант маблағгузории тадбирҳои ҳукумат оид ба таҳкими низоми тандурустӣ, тавсеаи кумаки иҷтимоӣ ба табақаҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи бизнеси хурд ба роҳ монда шавад [4].

**Расми 4. Сохтори кишвари қарзҳои тасдиқшуда, кумакҳои техникӣ ва грантҳо**
**Figure 4. Country breakdown of approved loans, technical assistance and grants**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Дарҳол пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, дар тафовут аз дигар кишварҳое, ки гузариши нисбатан муътадил аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ доштанд, Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор шуд. Дар натиҷаи рисолати нахустин баъд аз он, ки Тоҷикистон ба узвияти расмии ба Бонки Ҷаҳонӣ пазируфта шуд, барқарорсозии иқтисодиёти он баъд аз амалиёти ҷангӣ мебошад. Соли 1997 Тоҷикистон қарзро дар ҳаҷми 10 миллион доллар барои Лоиҳаи барқарорсозии пас аз низоъ гирифт. Қарзи пешниҳодгардида барои анҷом додани воридоти зарурӣ ва барқарор кардани истеҳсолот истифода карда шуд. Дар давраҳои мухталиф Бонки Ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон барои ҳалли масоили мухталиф ҳамкорӣ карданд.

Ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад, ки фаъолияти онҳо сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардошта, ба рушди низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Бонки Ҷаҳонӣ молиякунонии иловагии грантиро барои Марҳилаи дуюми лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак дар Тоҷикистонро тасдиқ намуд. Аз ҳисоби ин маблағ молиякунонии таъмири 6 агрегати НБО-и Норак, азнавсозии пули гузариш дар Норак ва таъмири асосии бинои НБО-и Норак амалӣ гардонида мешавад.

Ҳадафҳои сармоягузорони хориҷиро ҳангоми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон баррасӣ мекунем (расми 5).

Сармоягузор ба иқтисоди кишвари дигар сармоягузорӣ намуда, нақшаи васеъ кардани бозори фурӯши маҳсулот ё хизматрасониро дорад. Барои ин мақсад сармоягузор маълумотро оид ба иқтидори потенсиали бозори фурӯши маҳсулот, қобилияти харидории аҳолӣ, суръати рушди иқтисодиёт ва дурнамои рушди ҳамин навъи бизнес ҷамъоварӣ менамояд.

Минбаъд, сармоягузорӣ иқтидори имкони баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро бо роҳи кам кардани хароҷоти истеҳсолот то бузургии камтарини имконпазир баҳодиҳӣ мекунад, ки он бо зарурати баланд бардоштани ҳосилнокӣ алоқаманд аст [5,с.12].

Ба сифати лаҳзаи мусбат дастрасӣ ба сарчашмаҳои ашёи хомро сармоягузорӣ потенсиалӣ ба назар гирифта, имкони дастрасӣ ба захираҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданокро дар қаламрави кишвари қабулкунандаи сармоягузорӣ арзёбӣ мекунад. Таърихан ин мақсади сармоягузорони хориҷӣ авлавияти баландтарин буд, зеро то миёнаҳои асри XX-ум беш аз нисфи сармояҳои хориҷӣ ба истихроҷи маъдан сармоягузорӣ

мешуд. Дар охири асри XX, дар робита ба рушди истеҳсолот ва сармояи инсонӣ ҳиссаи сармоягузорӣ ба истихроҷи маъдан 15-17%-ро ташкил дод [3].

**Расми 5. Гурӯҳи мақсадҳои сармоягузорони хориҷӣ**
**Figure 5. Target group of foreign investors**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Вобастагии мутақобилаи ҳаҷми маблағҳои сармоявӣ ва рушди иқтисодии кишвари қабулкунандаи сармоя бо истифода аз усулҳои гуногуни эконометрикӣ муайян карда мешуданд. Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки хулоса оид ба ҷой доштани таъсири мусбии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодии кишвари қабулкунандаи сармоя, ба афзоиши минбаъдаи ҳаҷми сармоягузории миллӣ ба сармояи асосӣ бароварда шавад. Сарфи назар аз тамоюли мушоҳидашуда, натиҷаҳои ҷалби сармоягузориҳо асосан аз рӯйи хусусиятҳои кишвар, яъне омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

- сиёсати иқтисодии давлатӣ;
- сатҳи рушди бозори молиявии мамлакат;
- сатҳи рушди технологии мамлакат;
- сифати сармояи инсонии кишвар.

Таҳлили натиҷаҳои фаъолияти сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба кишвар ва тағйирёбии рушди иқтисодии он ба ҳамдигар вобаста буда, метавонанд ҳамдигарро тақвият диҳанд, ки ба туфайли он ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ суръатбахшанда-фузунсози институтсионалии махсус ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими раванди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ маҷмуи тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи кушоди иқтисодиёти кишвар амалӣ намуд. Дар байни тадбирҳои мавриди баррасӣ мавқеи муҳим ба ҳавасмандгардонии содирот, рушди дастрасии нақлиёт ва инфрасохтори иҷтимоӣ, яъне омилҳое, ки ҷолибияти сармоягузории Тоҷикистонро афзоиш медиҳанд, дода мешавад.

Ҳамин тариқ, сармоягузориҳои хориҷӣ рушди иқтисодиётро ҳавасманд мегардонанд, зеро раванди ворид шудани онҳо аксар вақт бо бунёди корхонаҳои нав, ҷалби технологияҳо ва усулҳои нави идоракунӣ якҷоя сурат мегиранд ва ба афзоиши ҳосилнокӣ ва самаранокӣ дар иқтисодиёт меоваранд. Дар маҷмуъ, воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҳолати танзимнамоӣ ва идоракунии мувофиқ судмандии ҳадди аксарро барои иқтисодиёт ва ҷомеа таъмин мекунад ва ба афзун шудани иқтидори истеҳсоли кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: https://www.stat.tj/ru

2. Доклад о мировых инвестициях, 2018 год. Основные тезисы и обзоры. [Электронный ресурс]. URL: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2018_overview_ru.pdf
3. Доклад о мировых инвестициях, 2020 год. Основные тезисы и обзоры. [Электронный ресурс]. URL: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2020_overview_ru.pdf (дата обращения 20.01.2021).
4. Макрообзор ЕАБР за 2020 г. [Электронный ресурс]. URL: https://eabr.org/analytics/ceg-quarterly-reviews/aprel-2020-obnovlennyy-prognoz/. (дата обращения 15.10.2020).
5. Марупов, Д.М. Оценка инвестиционного климата и условий привлечения инвестиций организациями Республики Таджикистан / Д.М. Марупов // Современные проблемы науки и образования. - 2013. -№6. -С.12.
6. Ходжаев, Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ: дисс… канд. эконом. наук: 08.00.01 /Х.А. Ходжаев. -Худжанд, 2011. -С.96.
7. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
8. Хофизов Х.А., Ходиев Д.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты / Монография. - Душанбе, 2020. – 200 с.
9. Alfaro Laura. Foreign Direct Investment and Growth: Does the Sector Matter? [Электронный ресурс]. URL: http://www.grips.ac.jp/teacher/oono/hp/docu01/paper14.pdf, кушода.

## НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР СУРЪАТБАХШӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ: НИГОҲ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаи сармоягузории хориҷӣ ва нақши он дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз фазои мусоиди сармоягузорӣ, шароит ва омилҳое вобаста мебошад, ки кишвари қабулкунанда ташкил намудааст. Шартҳо ва омилҳои он ҷанбаҳои гуногун - суботи сиёсӣ, ҳосилнокии иқтисодӣ, ҳифзи сармоягузорон тавассути қонунгузорӣ, мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ, дастрасӣ ба бозорҳо ва ғайраро дар бар мегиранд. Сармоягузорон одатан кӯшиш мекунанд, ки сармояҳои худро дар ҷойҳои ҳадди ақал будани хавфҳо ва ҳадди аксар будани имкониятҳо барои сармоягузории фоиданок ҷойгир намоянд. Самаранокии сармоягузории хориҷӣ аз сиёсати дурусти иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар мақола бо такя ба сиёсати сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои беҳтарнамоии фазои сармоягузорӣ дар кишвар, роҳҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва муайян намудани самтҳо ва соҳаҳои афзалиятноки ба сармоягузорӣ ниёздошта таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки ба иқтисодиёти кишвар ҷалби сармояи мустақим бештар афзалият дорад. Дар мақолаи мазкур, инчунин, қайд шудааст, ки ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя назаррас намебошад ва дар робита бо ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим аз кишварҳои хориҷӣ ва роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои судманд бо ниҳодҳои молиявию қарзии байналмилалӣ зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** фазои сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, иқтисодиёти миллӣ, хавфҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, ҳадафҳои сармоягузорӣ.

## РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В УСКОРЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА: ВЗГЛЯД НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются проблемы иностранных инвестиций и их роль в ускорении экономического развития страны. Привлечение иностранных инвестиций зависит от благоприятного инвестиционного климата, а также условий и факторов, создаваемых принимающей страной. Условия и факторы включают в себя различные аспекты - политическую стабильность, экономическую продуктивность, защиту инвесторов посредством законодательства, наличие необходимой инфраструктуры, доступ к рынкам и т.д. Инвесторы обычно стараются разместить свой капитал там, где риски минимальны, а возможности максимальны для выгодного инвестирования. Эффективность иностранных инвестиций зависит от правильной экономической политики страны. Поэтому в статье, в контексте инвестиционной политики Правительства Республики Таджикистан, особое внимание уделено вопросам улучшения инвестиционной среды в стране, путям привлечения иностранного капитала и определения приоритетных направлений и отраслей, нуждающихся в иностранных инвестициях. При этом обосновано, что более важным является привлечение прямых иностранных инвестиций в экономику страны. В данной статье также отмечается, что привлечение прямых иностранных инвестиций для нужд национальной экономики не является значительным, по сравнению с соседними странами, и в связи с этим Республике Таджикистан следует принять конкретные меры по привлечению прямых инвестиций из зарубежных стран и установить взаимовыгодное сотрудничество с международными финансовыми и кредитными институтами.

**Ключевые слова:** инвестиционный климат, инвестиционная политика, риски, экономический рост, прямые иностранные инвестиции, инвестиционные цели, инвестиционная политика.

## THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENT IN ACCELERATING ECONOMIC GROWTH: AN ECONOMIC PERSPECTIVE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article deals with the problems of foreign investments and their role in accelerating the economic development of the country. Attracting foreign investment depends on a favorable investment climate and the conditions and factors created by the host country. The conditions and factors include various aspects - political stability, economic productivity, investor protection through legislation, availability of necessary infrastructure, access to markets, etc. Investors usually try

to place their capital where risks are minimized and opportunities are maximized for profitable investment. The effectiveness of foreign investment depends on the right economic policy of the country. Therefore, in the context of the investment policy of the Government of the Republic of Tajikistan, the article pays special attention to the issues of improving the investment environment in the country, ways of attracting foreign capital and identifying priority areas and industries in need of foreign investment. At the same time, it is substantiated that it is more important to attract direct foreign investment in the country's economy. This article also notes that the attraction of foreign direct investment for the needs of the national economy is not significant compared to neighboring countries, and in this regard, the Republic of Tajikistan should take specific measures to attract direct investment from foreign countries and establish mutually beneficial cooperation with international financial and credit institutions.

**Keywords:** investment climate, investment policy, risks, economic growth, foreign direct investment, investment objectives, investment policy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирзода Фарҳод Анвар*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**
***Мирбобоев Раҳматуло Мадюбович*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Кодирзода Фарход Анвар*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**
***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Kodirzoda Farhod Anvar*** - Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**
***Mirboboev Rahmatulo Madaubovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

ТДУ: 336.7(575.3)

# ТАҲЛИЛИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Исхаков Д.И., Ҳикматов У.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир динамикаи рушди устуворро нишон дода истодааст ва ин омил тасодуфӣ нест. Бояд қайд намоем, ки буҳрони бонкӣ, ки солҳои 2015-2017 дар ҷумҳурии мо рух дода буд, дарси калон барои ҳамаи мо шуд. Қайд кардан ба маврид аст, ки хулосаҳои аз он буҳрон баровардашуда, ҳам аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам аз тарафи танзимгар, яъне Бонки миллии Тоҷикистон, натиҷаҳои мусбӣ доданд. Пеш аз ҳама, ба ҳамагон аён шуд, ки бе сохтани низоми шаффоф ва самаранок сохтани ташкилотҳои қарзии устувор ғайриимкон аст. Ҳамзамон, бе кадрҳои баландихтисос ва поквиҷдон дар шароити ҳозира сохтани низоми бонкии рақобатпазир ва боэътимод ғайримкон мебошад.

Рушди низоми бонкӣ бо рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зич алоқаманд буда, тамоили афзоиши нишондиҳандаҳои асосии он идома дорад. «Аз ҷумла соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8% таъмин карда шуд» [21].

Зиёд гардидани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, ҳаҷми ҷалби депозитҳо, афзудани сармоя, филиалу марказҳои хизматрасонӣ, шумораи банкоматҳо ва пос-терминалҳо, кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои мобилӣ, шумораи кормандон ва ғайра гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки низоми бонкии ватанӣ устувор гашта истодааст.

Дар идома мехостем ба таври мушахас нишондиҳандаҳои асосии рушди низоми бонкиро баррасӣ намоем.

**Дороиҳо ва уҳдадориҳо** яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба сифатнокии истифодабарӣ ва идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо вобастагии калон дорад. «Дар таҷрибаи байналмилалии бонкӣ сифати дороиҳо дар баробари кофӣ будани сармоя шарти асосии муайянкунандаи суботи молиявии бонк мебошад. Гузашта аз ин, агар мо моҳияти сармояи бонкӣ ва хусусияти кофӣ будани онро баррасӣ кунем, худи он ба сифати дороиҳои бонк вобаста аст, зеро дар сурати ҷойгиркунии боэътимоди маблағҳои бонк бо кафолати сад дар сади баргаштани онҳо барои идомаи фаъолияти устувор ба бонк камтар сармоя лозим мешавад, нисбат ба ҳолате, ки бонк амалиётҳои дорои хавфи баландро амалӣ намояд. Ҳамин тариқ, дар бозорҳои муътадили рушдёфта маҳз сифати дороиҳо дар асоси фаъолияти бомуваффақияти бонк қарор дорад ва хусусиятҳои дигар (кофӣ будани сармоя, самаранокии фаъолият) танҳо имкониятҳои бонкро барои муҳофизат аз зарар ва пайдоиши норасоии пардохтҳои ҷорӣ, ки дар натиҷаи барнагардонидани маблағҳои ҷойгиршудаи бонк (пурра ё қисман) ба вуҷуд омадаанд, нишон медиҳанд» [7,с.150].

Дар ҷадвали 1 ҳаҷми дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ (ҳазор сомонӣ)**
**Table 1. Assets and liabilities of credit institutions (thousand somoni)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 21 976 000 | 26 307 380 | 22 414 740 | 30 030 660 | 37 679 520 |
| Уҳдадориҳо | 15 749 000 | 19 131 700 | 17 339 050 | 23 731 650 | 30 318 830 |
| Уҳдадориҳо нисбати дороиҳо, % | 71,7% | 72,7% | 77,4% | 79,0% | 80,5% |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда дороиҳо 71,5% ва уҳдадориҳо 92,5% зиёд шудаанд, ки дар умум натиҷаи хуб мебошад. Инчунин, сифати идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо беҳтар шуда, самаранокӣ низ баланд шуда истодааст (уҳдадориҳо нисбати дороиҳо).

**Сармоя** нишондиҳандаи ниҳоят муҳим барои арзёбии устувории ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Зиёд шудани ҳаҷми сармояи ташкилотҳои қарзӣ, бешубҳа, омили мусбӣ ба ҳисоб меравад ва тули солҳои таҳлилшаванда зиёдшавии ҳаҷми сармоя ба назар мерасад (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Сармояи ташкилотҳои қарзӣ (ҳазор сомонӣ)**
**Table 2. Equity of credit institutions (thousand somoni)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Сармоя | 6 226 000 | 7 176 000 | 5 075 690 | 6 299 010 | 7 360 690 |
| Сармоя нисбати ММД, % | 8,05% | 8,69% | 5,13% | 5,44% | 5,63% |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Новобаста аз зиёдшавии ҳаҷми сармояи ташкилотҳои қарзӣ, дар давоми панҷ соли охир, суръати он ниҳоят суст мебошад. Ба ғайр аз ин, таҳлили рушди сармояи ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба ММД тамоили поёнравӣ дорад. Дар давраи таҳлилшаванда сармоя нисбати ММД аз 8,05% дар соли 2019, ба 5,63% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Сабабҳои асосии ин тамоил инҳоянд:

- Ҳаҷми ночизи фоидаи софи ташкилотҳои қарзӣ.
- Суръати баланди рушди ММД нисбати фоидаи софи ташкилотҳои қарзӣ.
- Имконияти маҳдуди саҳомон оиди зиёд намудани сармоя.
- Ҷалби сусти сармоягузорони хориҷӣ барои ҳамроҳ шудан ба сармояи ташкилотҳои қарзӣ.

**Сандуқи қарзӣ** яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, ҳолати кунунии қарздиҳиро баён менамояд. Чи тавре қайд карда будем, сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ рушд ёфта истодааст (ниг. ба расми. 1).

**Расми 1. Рушди сандуқии қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ**
**Chart 1. Development of the loan portfolio of credit institutions in the Republic of Tajikistan, thousand somoni**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд:[1; 2; 3; 4; 5].

Таҳлили расми 1 нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшуда сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 83% зиёд гардида, бақияи сандуқи қарзии маҷмуии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2023 маблағи 17 844,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 4 267,3 млн. сомонӣ ё 31,4 % афзоиш ёфтааст, ки ин аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ, соҳаи

тиҷорат ва соҳибкории хурду миёна ба амал омадааст. Ба ақидаи мо, сабабҳои асосии зиёд шудани сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ инҳоянд:

- ➢ фаъолияти босуботи низоми бонкӣ;
- ➢ вазъи муътадил дар иқтисодиёт;
- ➢ бештар пешниҳод шудани қарз бо асъори миллӣ;
- ➢ зиёд шудани шумораи соҳибкорон;
- ➢ фаъол гардидани рақобат байни ташкилотҳои қарзӣ;
- ➢ сабуктар гардидани раванди пешниҳоди қарз ва ҳуҷҷатгузорӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо рушди сандуқи қарзӣ, сифати он низ беҳтар шуда истодааст (ниг. ба ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ (ҳазор сомонӣ) (тыс. сомони)**
**Table 3. Quality of the loan portfolio of credit institutions (thousand somoni)**

| Қарзҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | 6 711 616 | 7 702 455 | 9 624 590 | 10 571 829 | 14 137 342 |
| Зери назоратӣ | 269 806 | 634 240 | 433 596 | 1 179 531 | 1 109 365 |
| Ғайриқолабӣ | 41 065 | 234 241 | 255 668 | 107 126 | 739 504 |
| Шубҳанок | 157 792 | 946 842 | 35 766 | 41 793 | 293 641 |
| Беэътимод | 2 267 699 | 1 364 745 | 1 300 178 | 1 470 676 | 1 194 124 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки қарзҳои қолабӣ соли 2019 71% -ро ташкил медоданд, соли 2023 бошад, ин нишондиҳанда қариб ба 81% расид, ки ин аз беҳтар шудани сифати сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад [24,с.28]. Агар қарзҳои беэътимодро муқоиса намоем, соли 2019 ин нишондиҳанда ба 24% баробар буда, соли 2023 он то 6,83% коҳиш ёфт, ки ин дастоварди назаррас дар самти болоравии сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Қарзҳои шубҳанок бошад, дар давраи таҳлилшаванда бо ҳисоби фоиз дар ҳаҷми 1,68% бетағйир мондааст.

Ногуфта намонад, ки ҳарчанд сандуқи қарзии ташкилотҳотҳои қарзӣ зиёд шуда истода бошанд ҳам, сифати он беҳтар шуда истодааст. Ҳаҷми он нисбати маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дорад (ниг. ба расми 2).

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда сандуқи қарзӣ нисбати ММД – 1 банди фоизӣ зиёд шудааст ва дар соли 2023 ба 13,7% баробар аст. Ба андешаи мо, суръат афзоиш ва ҳаҷми сандуқи қарзӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор доранд. Барои мисол, маълумотҳои давлатҳои ҳамсояро меорем:

1. Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 44,2% (дар соли 2023) [22].
2. Ҷумҳурии Қазоқистон – 21% (дар соли 2023) [20].
3. Ҷумҳурии Қирғизистон – 21% (дар соли 2023) [23].

**Расми 2. Сандуқи қарзӣ нисбат ба ММД (%)**
**Chart 2. Loan portfolio to GDP (%)**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Коҳишёбии солҳои 2021-2022, ба андешаи мо, ба оқибатҳои пандемия COVID-19 ва мунокишаи гуногуни минтақавӣ вобаста буд. Зиёдшавии нишондиҳандаи соли 2023 нисбати соли 2022, ба як қатор сабабҳо, аз ҷумла инҳо вобаста буд:

- мутобиқшавии иқтисодиёт ба оқибатҳои вазъи ноороми сиёсӣ дар миқёси ҷаҳонӣ;
- зиёдшавии талабот ба қарз аз тарафи аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ;
- муъатадилии қурби асъори миллӣ;
- коҳишёбии талаботҳо ба қарзгиранда аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ.

Дигар нишондиҳандаи муҳиме, ки бе рушди он пеш бурдани фаъолияти низоми бонкӣ ғайриимкон аст, ин **сандуқи депозитӣ** мебошад. Бояд тазаккур намоем, ки ҳаҷми сандуқи депозитии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи таҳлилӣ афзуд (ниг. ба расми 3).

**Расми 3. Ҳаҷми сандуқи депозитии ташкилотҳои қарзӣ (ҳаз. сомонӣ)**
**Chart 3. The volume of the deposit portfolio of credit institutions (thousand somoni)**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Таҳлили расми 3 нишон медиҳад, ки дар соли 2023 ҳаҷми сандуқи депозитии ташкилотҳои қарзӣ ба 19,4 млрд. сомонӣ расида, нисбати соли 2022 – 25,5% зиёд гардидааст. Дар маҷмуъ, дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми сандуқи депозитӣ ду маротиба зиёд шудааст. Сабабҳои зиёдшавии сандуқи қарзӣ, пеш аз ҳама, бо болоравии боварии мардум ба ташкилотҳои қарзӣ ва баландшавии фоизҳои депозитӣ алоқаманд мебошанд.

Аммо ин нишондиҳанда нисбати ММД, ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дорад (ниг. ба расми 4).

**Расми 4. Сандуқи депозитии ташкилотҳои қарзӣ нисбати ММД (бо фоиз)**
**Chart 4. Deposit portfolio of credit institutions in relation to GDP (as a percentage)**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 2; 3; 4; 5].

Дар давраи таҳлилшаванда, нишондиҳандаи мазкур ҳамагӣ 2,3% зиёд гардид. Соли 2021 коҳиши назаррас ба амал омад, ки он натиҷаи пандемияи COVID 19 мебошад. Ҳамзамон, агар нишондиҳандаи мазкурро нисбати давлатҳои ҳамсоя муқоиса намоем, чунин натиҷаро ба даст меорем (ниг. ба расми 5).

**Расми 5. Сандуқи депозитии ташкилотҳои қарзии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нисбати ММД, дар соли 2023 (бо фоиз)**
**Chart 5. Deposit portfolio of credit institutions of the Central Asia in relation to GDP, in 2023 (as a percentage)**




Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [1; 23; 22].

Байни нишондиҳандаи баррасишаванда, натиҷаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҳама баланд буда, беш аз 2 маротиба аз натиҷаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар мебошад. Сабабҳои асосӣ, ин пеш аз ҳама, боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ, баланд будани фоизҳои депозитӣ ва аз андоз озод будани даромади шахсони воқеӣ (ҳангоми ба даст овардани даромад аз ҷойгир намудани депозит) мебошанд. Нишондиҳандаҳои дуюм ба Ҷумҳурии Қазоқистон тааллуқ дошта, дар ҷойи сеюм Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷой гирифтааст. Ҳолати Қазоқистон куллан аз давлатҳои ҳамсоя фарқ мекунад. Бояд қайд намоем, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон бозори қоғазҳои қиматнок бештар рушд намуда, аз ин хотир, аҳолӣ имконияти интихоби ҷойгир кардани маблағҳои (пасандозҳои) худро дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои зиёд намудани сандуқи депозитӣ бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

1. Фоизи даромад аз пасандозҳои аҳолӣ бояд аз андоз пурра озод шаванд. Ҳамчун асос метавон қайд намуд, ки даромад аз қоғазҳои қиматнок аз андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод аст. Ҳамзамон, маблағҳое, ки тибқи «қонунгузории авф» [17] ҷойгирнамоии онҳо ҳамчун депозит расмӣ гардидаанд, аз андози номбурда озод шудаанд.

Кафолати маблағи ниҳоии пасандозҳо бояд зиёд карда шавад. Тибқи қонунгузории ҷорӣ [18] кафолати пасандозҳои шахсони воқеӣ баробар аст ба 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо агар пасандоз бо асъори миллӣ бошад ва 350 нишондиҳанда агар бо асъори хориҷӣ бошад. Ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 36 000 ва 25 200 сомонӣ баробар мебошанд. Пешниҳоди мо чунин аст:

- ҳисоби маблағи кафолатии пасандозҳо аз нишондиҳанда ба маблағи мушаххас иваз карда шавад. Аҳолӣ бояд оид ба хавфҳо дуруст дарк намоянд ва дар ин асос қарор қабул намоянд. Ба андешаи мо, нишон додани ҳаҷми кафолати пасандоз бо «нишондиҳанда» аҳолиро гумроҳ менамояд;
- маблағи кафолат новобаста ба асъори депозит муайян шавад. Пешниҳоди мо, муайян намудани ин мабалағ дар ҳаҷми то 100 000 сомонӣ.

Қабул ва иҷрои ин пешниҳодҳо, ба зиёд шудани ҳаҷми депозитҳои аҳолӣ такони ҷиддӣ медиҳад.

**Фоида** чун нишондиҳандаи рушди низоми бонкӣ ҳолати кунунии молиявии низомро шарҳ медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳаҷми фоидаи соф зиёд шуда истодааст, аммо суръати зиёдшавӣ то ҳол дар сатҳи паст қарор дорад (ниг. ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. Натиҷаи молиявӣ, даромаднокии дороиҳо (ROA) ва даромаднокии сармояи (ROE) ташкилотҳои қарзӣ (ҳазор сомонӣ)**
**Table 4. Financial results, return on assets (ROA) and return on equity (ROE) of credit institutions (thousand somoni)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Фоида (млн.сомонӣ) | 308,8 | 375,3 | 108,4 | 1 179,5 | 999,3 |
| ROA, % | 1,4 | 1,43 | 0,5 | 3,9 | 2,65 |
| ROE, % | 5,0 | 5,23 | 2,1 | 18,7 | 13,58 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [6].

Таҳлили нишондиҳандаи фоидаи ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ он зиёда аз 300% зиёд гардидааст. Коҳишёбии фоида дар соли 2021 ба сабабҳои объективӣ вобаста аст, ки умдатаринаш пайомадҳои манфии COVID-19 ба шумор меравад. Аммо соли 2022 нисбат ба соли 2021 соли рекордии фоида аст, ки зиёда аз 10 маротиба афзуд.

Маҳз соли 2022 нишондиҳандаҳои баланди даромаднокии дороиҳо (ROA) ва сармоя (ROE) байни солҳои таҳлилшаванда ба чашм мерасад. Дар умум, даромаднокии дороиҳо (ROA) дар давраи таҳлилшаванда қариб 90% афзуда, даромаднокии сармоя (ROE) зиёда аз 2,5 маротиба зиёд гаштааст. Зиёд гардидани даромаднокии дороиҳо (ROA) ва сармоя (ROE) аз он шаҳодат медиҳад, ки нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ сол аз сол устувортар шуда истодаанд, ин дар навбати худ, гувоҳии субот ва рушди низом аст.

Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикситон (ниг. ба ҷадвали 5) дар давоми панҷ соли охир (2019-2023) тамоили коҳиш ёфтани шумораи ташкилотҳои қарзиро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 5. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 5. Structure of the banking system of the Republic of Tajikistan**

| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ)** | | **75** | **69** | **63** | **64** | **63** |
| 1 | **Бонкҳо, ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **17** | **19** | **14** | **15** | **15** |
| | Бонкҳои анъанавӣ | 16 | 18 | 13 | 14 | 14 |
| | Бонкҳои исломӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 2 | **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | **-** | **-** | **-** | **1** | **1** |
| 3 | **Ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **58** | **50** | **49** | **48** | **47** |
| | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 22 | 18 | 18 | 19 | 19 |
| | Ташкилотҳои қарзии хурд | 6 | 5 | 4 | 3 | 3 |
| | Фондҳои қарзии хурд | 30 | 27 | 27 | 26 | 25 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [6].

Ҳамагӣ дар ин давра 12 ташкилоти қарзӣ кам шуд, ки ин 16%-ро, ки қисми зиёди онҳо ба ташкилотҳои маблағгузории хурд рост меояд, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, аз ҷадвали овардашуда бар меояд, ки шумораи бонкҳо соли 2020 ба 19 адад ва баъдан соли 2021 якбора ба 14 адад расид. Коҳишёбии шумораи бонкҳо дар соли 2021 бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳо, аз ҷумла: ҶСК «Агроинвестбонк» [8]; ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» [9]; ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон» [10]; ҶСП «Кафолатбонк» [11] ва ҶСП «Бонки Осиё» [12] ба ҳисоб меравад.

Шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд коҳиш ёфта, дар ин давра 11 ададро ташкил дод, ки сабабҳои зерин дошт: якум, табдилёбии як қатор ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла: ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Арванд» ба ҶСП Бонки «Арванд» [13]; ҶСК ТАҚХ «Алиф Сармоя» ба ҶСК «Алиф Бонк» [14]; ҶДММ ТАҚХ «Душанбе Сити» ба Ҷамъияти

саҳомии пӯшидаи «Душанбе Сити Бонк» [15]; ҶДММ ТАҚХ «Васл» ба ҶДММ Ташкилоти қарзии ғайрибонкии «Васл» [16]. Дуюм, бозхонди иҷозатнома аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон. Сабаби асосии бозхонд дар аксарияти ҳолатҳо, ин номутобиқат ба талаботҳои тибқи қонунгузорӣ муқарраршуда, аз ҷумла талаботҳо ба риояи меъёрҳои пруденсиалӣ, кифоягии сармоя мебошад.

Дар соли 2023 ба 1 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд - ҶДММ ТАҚХ «Баракат молия» иҷозатнома дода шуд. Бояд ёдовар гашт, ки иҷозатномаҳои ҶДММ ТАҚХ «Тамвил» ва ФҚХ «Роҳнамо» бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ аз эътибор соқит дониста шуданд. Ҳамзамон, нисбати ҶДММ ТАҚХ «Тамвил» бинобар риоя нагардидани тартиби барҳамдиҳии ихтиёрӣ, барҳамдиҳии маҷбурӣ татбиқ карда шуд.

Таҳлили шабакаи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ нишон медиҳад, ки шумораи онҳо дар солҳои таҳлилшаванда коҳиш ёфтанд (ниг. ба ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ**
**Table 6. Structural divisions of credit and financial organizations**

| Воҳидҳои сохторӣ | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Филиалҳо | 328 | 356 | 295 | 310 | 330 |
| Равзанаи бонкии исломӣ | – | – | 2 | 2 | 2 |
| Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1 500 | 1 241 | 1 204 | 1 205 | 1 229 |
| Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | – | 338 | 353 | 343 | 335 |
| Воҳидҳои сайёр | – | – | – | 4 | 3 |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси маълумотҳои сарчашмаҳои зерин тартиб додаанд: [6].

Дар асоси ҷадвали 6 муайян гардид, ки шумораи филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ дар давраи таҳлилӣ қариб ки бе тағйир мондааст (фарқият - 2 филиал зиёд шуд). Инчунин, марказҳои хизматрасонии бонкӣ (якҷоя бо марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд) ҳамагӣ 64 адад зиёд шуд. Бояд қайд намоем, ки соли 2020 дар асоси иваз шудани қонунгузорӣ, марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба бонкҳо тааллуқ дошта, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (то соли 2020 ин ду воҳидҳо ҳамчун марказҳои хизматрасонии бонкӣ ҳисобида мешуданд) мансубанд.

Чи тавре дар боло қайд намудем, шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ) дар давоми давраи таҳлилӣ 12 адад кам шуд, аммо шумораи филиалу марказҳои хизматрасонии бонкӣ (якҷоя бо марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд) – 66 адад зиёд шуданд. Аз ин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки самаранокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи таҳлилшаванда зиёд гашта, сиёсати гузариш аз шумора ба сифат амалӣ гашта истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар низоми бонкии кишвар намояндагии 1 бонки хориҷӣ (ҶСММ «Бонки кишоварзии Чин») фаъолияти худро пеш бурда истодааст. Илова бар ин, берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагиҳои ҶСК «Ориёнбонк» дар Аморати Муттаҳидаи Араб (ш. Дубай), Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ (ш. Лондон), Ҷумҳурии Туркия (ш. Истамбул), Ҷумҳурии Корея (ш. Сеул), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ш. Тошканд), Ҷумҳурии халқии Хитой (ш. Пекин) ва намояндагии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар Федератсияи Россия (ш. Москва) фаъолият менамоянд [6].

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили сохтори ташкилотҳои қарзӣ-молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, як қатор норасоиҳоро муайян намудем. Пеш аз ҳама, дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ намояндаи ягон бонки бонуфузи хориҷӣ, аз ҷумла бонкҳои ИМА ва Аврупо вуҷуд надорад. Дуюм, намояндагии бонки калонтарини Ҷумҳурии Қазоқистон – Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Халиқ Бонк Тоҷикистон» фаъолияти худро қатъ намуд, инчунин бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2021 таҳти №108 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» дархости ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон» оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрии ҶСП «Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон» қонеъ карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки вуҷуд надоштани ташкилотҳои қарзии бузург ва бонуфузи ҷаҳонӣ ва давлатҳои ИДМ аз инҳо шаҳодат медиҳад:

• фазои сармоягузорӣ, хусусан дар фаъолияти бонкӣ ба дигаргуниҳои назаррас ниёз дорад. Он бояд чунин амалӣ шавад, ки аз тарафи бонкҳои шинохта хоҳиши фаъолият кардан дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шавад;

• рақобат дар бозори бонкӣ, ниҳоят суст мебошад. Набудани рақобати интенсивӣ яке аз сабабҳои суст рушд ёфтани низоми бонкӣ ва коҳиши нишондиҳандаҳои асосии нисбат ба давлатҳои ҳамсоя мебошад;

Ҳамин тавр, таҳлили ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки низом рушд карда истодааст, аммо суръати он паст мебошад, аз ҷумла:

• сандуқи қарзӣ нисбат ба ММД дар давраи таҳлилӣ аз 14% зиёд нагардидааст, ки ин нишондиҳандаи пасттарин байни мамлакатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад;

• сандуқи депозитӣ – ҳолати ин нишондиҳанда ба ҳолати сандуқӣ қарзӣ шабоҳат дошта, нисбат ба ММД дар сатҳи паст қарор дорад;

• сармояи ташкилотҳои қарзӣ ҳаҷми наонқадар калон дорад, ки ин омил барои зиёд намудани ҳаҷми дороиҳо халал мерасонад;

• фоидаи ташкилотҳои қарзӣ, бо вуҷуди зиёдшавияш ҳаҷман бузургии назаррас матраҳ намегардад. Ин омил барои зиёд намудани сармоя таъсири манфӣ мерасонад;

• шумораи ташкилотҳои қарзӣ, дар давраи таҳлилшаванда тамоили манфӣ дошта, ҳар сол кам мешавад. Сиёсати БМТ оид ба гузаштан аз шумора ба сифат фаҳмо ва мубрам аст, аммо зиёдшавии шумора аз ҳисоби таъмин намудани имкониятҳо барои ҷалби ташкилотҳои қарзии хориҷӣ ва аз ҳисоби сармояи дохилӣ бояд амалӣ гарданд.

Барои аз байн бурдани норасоиҳои номбаршуда, бояд чунин тадбирҳо анҷом дода шаванд:

1. Аз тарафи БМТ зарур аст:

• қонунгузории бонкӣ, аз ҷумла қонунҳо ва дастурамалҳои самти бонкӣ бояд аз сари нав ва пурра аз назар гузаронида шуда, дар асоси он дигаргунии назаррас дар самти осонгардонии фаъолият зимни амалиётҳои бонкӣ бояд ҷорӣ шавад;

• дар самти сандуқи депозитӣ – маблағи кафолат аз тарафи давлат бояд зиёд карда шавад. Ҳамзамон, назорат аз болои ташкилотҳои қарзие, ки ба ҷалби пасандоз машғуланд, аз тарафи БМТ пурзӯр карда шавад, то ки ҳолати баъзе бонкҳои низомсоз ва дигар бонкҳое, ки муфлис эълон шуда буданд ва ҳазорон нафарон аз ин осеб диданд, дар оянда такрор нашавад;

• дар самти сандуқи қарзӣ – яке аз муаммоҳои калон барои ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми қарздиҳӣ, ин дастрасӣ ба маълумотҳои расмии мизоҷон мебошад. Имрӯз ба ғайр аз маълумот дар бораи таърихи қарзии мизоҷ, дигар маълумотҳо аз тарафи мизоҷ ҷамъоварӣ шуда, пешниҳод мегарданд. Ин дар навбати худ, вақти зиёдеро талаб менамояд. БМТ пайваста ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳалли масъалаи дастрасии ташкилотҳои қарзӣ ба иттилооти расмии давлатӣ, аз қабили надоштани доғи судӣ, қарздорӣ аз мақомоти андоз, ҳифзи иҷтимоӣ, истифодаи низоми пардохтии миллӣ ва ғайраро дар формати онлайн таъмин намояд;

• шумораи ташкилотҳои қарзӣ – БМТ, бояд зиёд шудани шумораи ташкилотҳои қарзии боэътимодро таъмин намояд.

2. Аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ инҳоро анҷом додан зарур аст:

• ворид намудани усулҳои нав дар фаъолияти худ. Рақамикунонии равандҳо, бояд дар мадди аввал бошад. Барои иҷрои ин шарт, пеш аз ҳама, бояд бо кадрҳои зарурӣ, хусусан байни роҳбарони сатҳи олии ташкилотҳои қарзӣ, таъмин карда шаванд;

• тайёр будан барои сармоягузорӣ дар қисмати рақамикунонӣ – равандҳои рақамикунонӣ дорои хароҷотҳои хосе мебошад, ки бояд пешбинӣ карда шавад, агар ташкилоти қарзӣ майли гузаштан ба пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳоро дар формати рақамӣ дошта бошад;

• кӯшиш намояд, ки ба хотири кам кардани хароҷотҳои худ, коҳиш додани омили инсонӣ, роҳ надодан ба хатогиҳо ва омилҳои коррупсионӣ фаъолияти худро то ҳадди имкон рақамикунонӣ намояд;

•беҳтар намудани равандҳои қарздиҳӣ – мутаассифона, то ҳол ҳаст ташкилотҳои қарзие, ки равандҳои пешниҳоди қарзиашон куҳна шуда, ба талаботҳои замон мутобиқат намекунад. Такя танҳо ба гарав, инкор намудани ҳолати молиявии мизоҷ ва амалҳои коррупсионӣ омилҳои асосии ба буҳрон дучоршавии ташкилоти қарзӣ мебошад;

•аз «минтақаи бароҳатӣ» баромадан ҳангоми пешбарии фаъолияти худ. Ташкилотҳои қарзӣ, мутаассифона ба ҳолате одат кардаанд, ки дар он рақобат чандон шадид нест, бонкҳои хориҷии тавоно дар бозори ватанӣ муаррифӣ нашудаанд, мизоҷон он қадар ҳуқуқҳои худро намедонанд. Агар ташкилотҳои қарзӣ хоҳанд, ки солҳои дароз муваффақона фаъолият кунанд ва мизоҷони боэътимод дошта бошанд, он гоҳ онҳо бояд муносибати худро ба кор ва мизоҷон тағйир диҳанд, пеш аз ҳама, ба мизоҷон дар рафти пешниҳоди хизматрасонӣ шароити мусоид таъмин намоянд. Ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳама вақт бо мизоҷон дар тамос бошанд, то ки аз хоҳиш ва эҳтиёҷоти онҳо бохабар буда, сари вақт хизматрасониҳои муфидро ба онҳо пешниҳод намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Статистический банковский бюллетень – №12 (341) – 2023. – 104 с.
2. Статистический банковский бюллетень – №12 (329) – 2022 – 99 с.
3. Статистический банковский бюллетень – №12 (316) – 2021. – 98 с.
4. Статистический банковский бюллетень – №12 (305) – 2020. – 122 с.
5. Статистический банковский бюллетень – №12 (293) 2019. – 121 с.
6. Состояние банковской системы Республики Таджикистан на 31 декабря 2019-2023 гг. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 16.02.2024.
7. Волошина О.Б. Анализ активов и пассивов коммерческого банка XXI век: Итоги прошлого и проблемы настоящего плюс. – Том: 1. – № 2 (18) – 2014 – С.149-154.
8. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 88, от 21.05.2021. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
9. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 89, от 21.05.2021. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
10. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 108, от 22.06.2021. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
11. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 160, от 27.10.2021. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
12. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 52, от 08.04.2021. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
13. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 122, от 30.09.2019. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
14. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 1, от 03.01.2020. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
15. Решение Правления Национального банка Таджикистана. № 68, от 09.06.2022. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
16. Решение Правления Национального банка Таджикистана. №151, от 30.12.2022. [Электронный ресурс]. URL: www.nbt.tj Дата обращения: 02.06.2023.
17. Закон Республики Таджикистан “Об амнистии в связи с легализацией активов и денежных средств граждан Республики Таджикистан”. № 1802, от 02.07.2021. (с учетом изменений и дополнений).
18. Закон Республики Таджикистан “О страховании депозитов и сбережений". №758, от 02.08.2011. (с учетом изменений и дополнений).
19. Объем денежных переводов в Таджикистан в 2022 году увеличился. [Электронный ресурс]. URL: https://halva.tj от 04.07.2023. Дата обращения: 02.09.2023.
20. Обзор развития банковского сектора: проблемы с кредитованием бизнеса усугубляются. [Электронный ресурс]. URL: https://halykfinance.kz/ download/files/analytics/banks_12102023.pdf Дата обращения: 15.02.2024.
21. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики». 23.12.2022. [Электронный ресурс]. URL: http://president.tj/node/ 29823 Дата обращения: 29.12.2022.
22. Статистический бюллетень. Центральный Банк Республики Узбекистан 2023 г. [Электронный ресурс]. URL: file:///C:/Users/hp/Desktop/Statisticheskiy-byulleten-TSB-_-2023-god.pdf Дата обращения: 15.02.2024.
23. Тенденции развития банковского сектора (по состоянию 31 декабря 2023 года). [Электронный ресурс]. URL: https://www.nbkr.kg Дата обращения: 15.02.2024.
24. Хикматов У.С. Анализ развития основных показателей микрофинансового сектора / У.С. Хикматов // Вестник университета (РТСУ). –Душанбе, 2021. -№3-4(75). -С.26-35. (ISSN 2077-8325).

**ТАҲЛИЛИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

Дар мақола масъалаҳои марбут ба рушди низоми бонкӣ аз нуқтаи назари таҳлили нишондиҳандаҳои асосии рушди он дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Давраи таҳлил панҷ солро дар бар мегирад, аз соли 2019 то соли 2023. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар давраи таҳлилшаванда дороиҳои низоми бонкӣ – 71,5% афзоиш ёфа, зиёдшавии уҳдадориҳо - 92,5%-ро ташкил дод. Илова бар ин, таҳлил динамикаи мусбати афзоишро дар дигар нишондиҳандаҳои асосии рушди низоми бонкӣ, аз қабили сармояи саҳомӣ, сандуқи қарзӣ, базаи амонатӣ, сифати сандуқи қарзӣ, инчунин, фоидаи соф ошкор намуд. Дар баробари ин, хулоса бароварда шуд, ки сарфи назар аз динамикаи мусбат, суръати афзоиши нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад. Сабабҳои таъсири мусбат ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, инчунин омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии низоми бонкии ҷумҳурӣ муайян карда шуданд. Қайд гардидааст, ки рақобат дар бозори хидматрасонии бонкӣ дар кишвар паст аст ва яке аз далелҳои овардашуда мавҷуд набудани як бонки бузурги хориҷӣ дар бозор аст, ки дар навбати худ, ба фазои номусоиди сармоягузорӣ марбут аст. Пешниҳодҳои мушаххасе манзур гардидаанд, ки ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ, сандуқи қарзӣ, сандуқи депозитӣ, сармоя, фоида, бонкҳо, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ.

**АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

В статье рассматриваются вопросы, связанные с банковской системой с точки зрения анализа основных показателей её развития в современных условиях Республики Таджикистан. Период анализа охватывает пять лет – с 2019 по 2023 гг. В ходе анализа было выявлено, что за анализируемый период активы банковского сектора увеличились на 71,5% в то время, как рост обязательств составил 92,5%. Кроме того, анализ выявил положительную динамику роста остальным основным показателям развития банковской системы, таких как: собственный капитал, кредитный портфель, депозитная база, качество кредитного портфеля, а также чистой прибыли. При этом, сделан вывод о том, что несмотря на положительную динамику темпы роста основных показателей банковской системы являются неудовлетворительными. Выявлены причины положительно повлиявшие на показатели кредитных учреждений, а также основные сдерживающие факторы развития количественных и качественных показателей банковской системы страны. Отмечено, что в стране низкая конкуренция на рынке банковских услуг, и в качестве одного из аргументов приводится отсутствие на рынке ни одного крупного иностранного банка, что в свою очередь, связано с неблагоприятным инвестиционным климатом. Представлены конкретные предложения, направленные на развитие банковской системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** банковская система, кредитные организации, анализ основных показателей, кредитный портфель, депозитный портфель, капитал, прибыль, банки, валовой внутренний продукт, рынок банковских услуг.

**ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS**

The article discusses issues related to the banking system from the point of view of analyzing the main indicators of its development in modern conditions of the Republic of Tajikistan. The analysis period covers five years – from 2019 to 2023. During the analysis, it was revealed that during the analyzed period, the assets of the banking sector increased by 71.5%, while the growth of liabilities amounted to 92.5%. In addition, the analysis revealed positive growth dynamics for the rest of the main indicators of the development of the banking system, such as: equity, loan portfolio, deposit base, quality of the loan portfolio, as well as net profit. At the same time, it was concluded that despite the positive dynamics, the growth rates of the main indicators of the banking system are unsatisfactory. The reasons for the positive impact on the performance of credit institutions, as well as the main constraints on the development of quantitative and qualitative indicators of the country's banking system, have been identified. It is noted that there is low competition in the banking services market in the country, and one of the arguments cited is the absence of a single large foreign bank on the market, which in turn is associated with an unfavorable investment climate. Specific proposals aimed at the development of the banking system of the Republic of Tajikistan are presented.

**Keywords:** banking system, credit institutions, analysis of key indicators, loan portfolio, deposit portfolio, capital, profit, banks, gross domestic product, banking services market.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исхаков Дилшод Илҳомович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **di780-85@mail.ru.** Телефон: **(+992) 887-71-88-88**
***Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илҳои иқтисодӣ профессори кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93 931-70-70**. E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Исхаков Дилшод Ильхомович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**

***Хикматов Умеджон Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 931-70-70**. E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Iskhakov Dilshod Ilkhomovich*** **–** Tajik National University, applicant for the Department of Banking. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**
***Khikmatov Umedjon Safaralievich*** **–** Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93 931-70-70.** E-mail: **UShikmatov@gmail.com**

ТДУ: 303.43 (575.3)

# МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА ДУРНАМОСОЗИИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Восидиён Фарҳод Саъдулло, Ализода Шавкат Шаробудин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон дар пасманзари таҳдидҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ташкили низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳар як кишвар нақши асосӣ мебозад. Зеро, низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имконият медиҳад, ки иқтидору имкониятҳои воқеии бахшу соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба нақша гирифа шуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ истифода карда шаванд.

Таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар иқтисодиёт, асоси муваффақияти онҳо ҷорӣ намудани низоми дурусти банақшагирии стратегии рушди иқтисоди миллӣ ва роҳандозии нақшаҳои индикативӣ ҳамчун модели асосии идоракунии рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад [1].

Банақшагирии стратегӣ барои иҷрои вазифаҳои муҳимми давлатӣ хизмат менамояд, аз қабили муайян намудани ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, афзалиятҳои миллию минтақавӣ, муайян ва ҷалби захираву сарчашмаҳо, муайян намудани механизми фаъолсозии фаъолияти ҳамаи соҳаҳо ва қишрҳои ҷомеа [15].

Низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи начандон тулонии истиқлолият, марҳила ба марҳила ба яке аз низомҳои инкишофёбанда ва ба рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда табдил ёфта истодааст. Ташкили низоми миллии банақшагии стратегӣ таърихи начандон тулонӣ дошта, аз соли 2017 оғоз гардидааст.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи ташкили низоми банақшагирии стратегӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ соли 2017 Ҳукумати мамлакатро барои идомаи корҳо дар самти такмили низоми идоракунии давлатӣ, бахусус тарҳрезӣ ва амалӣ намудани асосҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ вазифадор намуда буданд [10].

Ташаккулёбӣ ва рушди низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба 4 марҳила ҷудо намудан мумкин аст, аз ҷумла марҳилаи якум, солҳои 1991-2000 (давраи бавуҷудоӣ); марҳилаи дуюм, солҳои 2001-2005 (ташаккулёбии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ); марҳилаи сеюм, солҳои 2006-2015 (давраи истифодаи воситаҳои анъанавии дурнамосозӣ) ва марҳилаи чорум, солҳои 2016 то инҷониб (давраи истифодаи воситаҳои муосири дурнамосозӣ, яъне моделикунонии раванди дурнамосозӣ) (расми 1).

Тавре дар боло қайд карда шуд, низоми миллии банақшагии стратегӣ таърихи начандон тулонӣ дошта, аз соли 2017 дар баробари пайдоиши воситаҳои муосири дурнамосозӣ, яъне моделикунонии раванди дурнамосозӣ оғоз гардидааст.

Ба ақидаи мо, низоми банақшагири стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо ҳам алоқамандӣ ва ҳамоҳангии зич дошта, бо ташаккули низоми комплексию муосир дар ин самтҳо муайян намудани иқтидору имкониятҳои дохилӣ беҳтар мегардад.

Таҳлили расми 1 нишон медиҳад, ки бунёди низоми миллии дурнамосозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳим ва ҷудонашавандаи низоми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад дар фазои мураккаби иқтисодиёти кишвар солҳои 1991-2000 (марҳилаи якум) дар шароити низоъҳои сиёсӣ ва номуйяниҳо дар низоми иқтисодӣ оғоз гардид. Дар ин давра, ба ғайр аз мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, коста гардидани робитаҳои иқтисодию молиявӣ бо кишварҳои хориҷӣ, мавҷуд набудани қонунгузории миллӣ ба раванди рушди устувори низоми иқтисодӣ монеа эҷод менамуд.

**Расми 1. Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ**
**Figure 1. Stages of formation and development of the non-cash payment system**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдами миллӣ (солҳои 2001-2005) марҳилаи ибтидоии амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ, асосан ба ташаккули асосҳои ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ равона гардида буд. Дар ҳамин марҳила бо мақсади ба танзим даровардани низоми дурнамосозӣ аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» қабул карда шуд.

Қонуни мазкур мақсаду мазмуни дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақҳои онро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии тартиби таҳия, баррасӣ ва тасдиқи онҳоро муқаррар намуд [4].

Тибқи талаботи қонуни мазкур дурнамои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи кӯтоҳмуддат ҳар сол ва дар таркиби дурнамои миёнамуҳлат барои се соли минбаъда дар асоси муқаррароти баномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи миёнамуҳлат (барои давраи панҷсола) таҳия карда мешуд.

Инчунин, дар Қонуни мазкур моддаи алоҳида оид ба Шурои миллии илмӣ оид баояндабинӣ дарҷ гардида буд, ки мақсади он аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он иборат буд.

Ба вазифаҳои асосии Шуро таҳияи масъалаҳои методологӣ, илмию техникииояндабинӣ, таҳияи пешниҳод оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳоиояндабинӣ, инчунин, таҳлилу таҳқиқи илмиии дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, лоиҳаи мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ дохил шуда буданд.

Дар марҳилаи навбатӣ, яъне солҳои 2006-2015 дурнамосозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо шаклу воситаҳои дар ҳамон замон дастрас таҳия карда мешуд, ки аз нигоҳи муаллиф на ҳамаи паҳлуҳо ва нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоиро дар бар мегирифт. Бо назардошти тағйирёбии вазъ ва талабот оид ба мукаммалгардонии раванди таҳияи дурнамои рушди иҷтимою иқтисодӣ, ба қонуни асосии танзимкунандаи раванди таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» се маротиба, аз ҷумла солҳои 2009, 2011 ва 2017 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Дар асоси муқаррароти қонуни дар боло қайдшуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 таҳти №649 Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд [7].

Нақши дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ маҳз дар марҳилаи сеюм, яъне солҳои 2006-2015 дар таъмири рушди иқтисодии кишвар, ҳамоҳангсозии сиёсати буҷетӣ, монетарӣ ва макроиқтисодӣ бараъло мушоҳида мешуд, зеро марҳилаи сеюми

ташаккулёбии низоми дурнамосозӣ ба марҳилаи барқароршавӣ ва вусъат ёфтани пояҳои низоми иқтисоди миллӣ рост меояд. Дар ин давра зарур буд, ки иқтидорҳои воқеии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян шуда, дар асоси иқтидорҳои мавҷуда самтҳои стратегии рушди кишвар тарҳрезӣ карда шаванд. Маҳз дар ҳамин давра Ҳукумати кишвар аввалин маротиба Стратегияи миллии рушд барои то соли 2015-умро қабул кард. Дар баробари ин, ду Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 таҳия ва амалӣ шуд. Ин санадҳои муҳимми стратегӣ бо назардошти дурнамои рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иқтидорҳои мавҷудаи дохилӣ таҳия ва амалӣ карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо усулҳои математикӣ ҳисоб ва таҳия карда мешуд, ки меҳнат ва вақти зиёдро талаб мекард. Дар баробари ин, ҳамбастагии соҳаҳо, яъне муайян намудани тағйирёбии нишондиҳандаҳои як соҳа ё бахш ҳангоми тағйирёбии соҳа ё бахши дигар ба таври пурра ба инобат гирифта намешуд.

Гарчанде дар ин давра низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил гардида бошад ҳам, масъалаи баланд бардоштани дақиқияту ба воқеият наздик будани дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, ҷорӣ намудани механизмҳои наву муосири дурнамосозӣ фаъолсозии фаъолияти минбаъдаро дар ин самт тақозо менамуд.

Барои ҳамқадами замон будан ва истифодаи механизмҳои наву муосир барои таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар ин самт тақвият дода шуд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта муайян карда шуд, ки аксари кишварҳо дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба воситаи моделҳои макроиқтисодӣ ё худ эконометрикӣ таҳия менамоянд, ки дақиқият ва воқеияти баланд дошта, ҳамбастагии соҳаҳоро ба таври худкор муайян менамояд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати ҷорӣ намудани механизм ва воситаи дурнамосозии мазкур коршиносони сатҳи байналмилалӣ даъват карда шуда, раванди таҳияи модели дурнамосозии макроиқтисодии мутобиқ ба шароити Тоҷикистонро оғоз намуданд.

Дар марҳилаи чорум, шуруъ аз соли 2016 то ин ҷониб дурнамосозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба воситаҳои муосири дурнамосозӣ, яъне моделҳои макроиқтисодӣ ба роҳ монда шудааст, ки аз ҷиҳати техникию технологӣ ва ҳамоҳангии нишондиҳандаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ самаранок мебошад.

Бо назардошти он ки тамоми ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз ҷумла дурнамоҳои давлатӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иҷтисодии ҷумҳурӣ дар асоси қонуни мазкур таҳия ва ба тасвиб расида, ҳуҷҷатҳои мазкур самтҳои ояндаи рушди иқтисодиётро бо дарҷи роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат муайян менамоянд, зарурати такмили қонуни зикршуда ба миён омад.

Дар ин росто, бо мақсади гузаронидани ислоҳот дар қонунгузории кишвар, бахусус дар самти такмили низоми дурнамосозӣ ва таҳияи сифатноки ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав 3 августи соли 2018 таҳти №1544 қабул карда шуд [5].

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон тавассути моделҳои иқтисодӣ таҳия карда мешаванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин усули муосири дурнамосозӣ истифода намуда истодааст.

Аз ин лиҳоз, дар қонун мафҳуми моделҳои дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дарҷ гардид. Ҳадаф аз таҳияи қонун дар таҳрири нав, пеш аз ҳама, ба талаботи равандҳои муосир ва ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи минтақа ва ҷаҳон мутобиқ намудани қонунгузории кишвар дар ин самт ба ҳисоб мерафт.

Бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» раванди таҳия ва муҳлати дурнамоҳои давлатӣ, Консепсияи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро муқаррар

менамояд. Дар таҳрири нави қонун, муҳлат ва пайдарҳамии таҳияи ҳуҷҷатҳои дар боло қайдшуда, мушахас карда шуд.

Аз ҷумла, дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ бароиояндаи кӯтоҳмуҳлат (як сол), миёнамуҳлат (то 5 сол) ва дарозмуҳлат (на кам аз 10 сол) таҳия мегардад.

Консепсияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи дарозмуҳлат ба муҳлати на кам аз 20 сол таҳия карда мешавад.

Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва принсипҳои рушди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум бо муҳлати на кам аз 15 сол таҳия мегардад.

Моҳияти батанзимдарории идоракунии чораёнҳои иқтисодӣ тавассути амали қонуни мазкур дар он буд, ки дар асоси дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ таҳия гардида, ҳамчунин, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ ва нишондиҳандаҳои он барои ду соли минбаъда» ташаккул меёбад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таҳия ва пешниҳод намудани нишондиҳандаҳои дақиқу босифати рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва дар ин замина, муайян намудани иқтидорҳо ва имкониятҳои мавҷудаи дохилӣ баҳри таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар қонун таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқи 6 санадҳои зерқонунӣ пешбинӣ шуда буд, ки дар онҳо раванди таҳияи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мушаххасан дарҷ мегардид.

Аз ҷумла Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат (тибқи моддаи 4 қонун), Тартиби таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи моддаи 5 қонун) ва Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал (тибқи моддаи 13 қонун) пешбинӣ шуда буд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо оид ба таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар қонуни мазкур аввалин шуда дар таҷрибаи ҷумҳурӣ ташкили Шурои методӣ оид ба дурнамосозӣ пешбинӣ гардида буд.

Шурои мазкур мақоми машваратии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо буда, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо дар самти таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани онҳо таъсис дода шуда буд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чораёни таҳияи якчанд ҳуҷҷатҳои стратегиро танзим намуда, талаботи алоҳидаро барои мазмун ва тартиби таҳияи онҳо муқаррар менамояд. Бо вуҷуди ин, қонуни мазкур фарқияти байни ҳар як ҳуҷҷати стратегиро ба таври равшану возеҳ мушаххас намуда, хусусиятҳои таҳияи ҳуҷҷати стратегӣ, мақсад ва мазмуни онро муайян намекард.

Ҳамзамон, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда масъалаҳои ҳамоҳангсозии банақшагирии стратегӣ, салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, масъалаҳои мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва баҳогузорӣ ба таври кофӣ ба низом дароварда нашудаанд. Ҳамчунин, дар қонунгузории амалкунанда, меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии буҷетии банақшагирии стратегӣ мушаххас нагардида буд.

Инчунин, дар қонуни мазкур тартиби назорати сифатии ҳуҷҷатҳои стратегӣ пешбинӣ нашуда буд. Сифати ҳуҷҷати стратегӣ танҳо аз нуқтаи назари риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунии муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санҷида мешавад. Бо дар назар доштани он, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

талаботи махсусро нисбат ба сохтор ва мазмуни ҳуҷҷатҳои стратегӣ, муносибатҳои онҳо, методологияи таҳлил, ҳамоҳангӣ бо банақшагирии буҷет ва дигар масъалаҳои банақшагирии стратегӣ пешниҳод намекунанд, дар амал назорати сифати санадҳои банақшагирии стратегӣ ғайриимкон боқӣ мемонад.

Таҳлили таҷрибаи таҳияи ҳуҷҷҷатҳои стратегӣ нишон медиҳад, ки ҳар сол шумораи зиёди ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ таҳия ва қабул мегарданд. Аз ҷумла дар даҳ соли охир гарчанде бештар аз 200 барномаҳои соҳавӣ таҳия ва тасдиқ шуда бошанд, вале ҳамоҳангсозии вазифаҳо дар доираи низоми ягонаи афзалиятҳои миллӣ ба таври кофӣ вуҷуд надошт. Ҳамгироии раванди банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ бо раванди банақшагирии буҷет риоя намегашт.

Ҳамзамон, ба истиснои шумораи муайяни ҳуҷҷатҳои стратегӣ, дар маҷмуъ ҳисобҳои мушаххаси молиявӣ барои амалисозии ин ҳуҷҷатҳо вуҷуд надошт. Низоми алоқаи байниҳамдигарӣ ва мубодилаи иттилоот байни вазорату идораҳо ҳангоми банақшагирии стратегӣ пурра ҳаллу фасли худро наёфтааст, ки дар натиҷа мувозинат байни ҷонибҳои манфиатдор раванди рушдро аз байн мебарад.

Вобаста ба ин, бо мақсади такмил додани раванди банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва муқаррар намудани низоми ягона ва умумии банақшагирии стратегӣ аз 19 июли соли соли 2022 таҳти №1894 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» қабул гардид. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 23 модда иборат мебошад [6].

Тибқи муқаррароти дар он муайянгардида, рӯйхати ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва ба ҳам тобегию алоқамандии онҳо, таъмини ҳамгироии банақшагирии стратегӣ бо раванди буҷетӣ, ҷорӣ намудани низоми назорати сифат, таҳияи низомҳои ба натиҷа асосёфтаи мониторинг, ҳисоботдиҳӣ, баҳогузорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд муайян карда мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳадафи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ташаккули чаҳорчӯбаи меъёри ягона ва муназзами низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд мебошад, ки тибқи он меъёрҳои зарурии идоракунии банақшагирии стратегӣ дар қонуни мазкур муқаррар гардида, раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд аз давраи банақшагирию таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ то амалисозии онҳо ба низом дароварда мешавад.

Меъёрҳои қонуни мазкур мафҳумҳои навро оид ба низоми иттилоотӣ пешниҳод намуда, салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, сохтор ва мазмуни ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва ба ҳам вобастагию тобеияти онҳо, банақшагирии таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, арзиши хароҷот барои амалишавии чорабиниҳои пешбининамудаи ҳуҷҷати стратегӣ, ҳаҷм ва манбаи маблағгузории чорабиниҳои банақшагирифташудаи ҳуҷҷатҳои стратегии таҳияшаванда, назорати сифати ҳуҷҷатҳои стратегӣ, дурнамосозии давлатии рушд, модели дурнамосозии рушд, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбии ин ҳуҷҷатҳоро ба таври мушаххас пешбинӣ менамоянд.

Дар марҳилаи ниҳоӣ, низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва банақшагирии стратегӣ бо ҳам пайваст гардида, пояҳои асосии низоми банақшагирии стратегӣ гузошта шуда истодааст. Аз рӯйи таҳлилҳои мо дар самти низоми банақшагирии стратегӣ, ки низоми нав дар шароити имрӯзаи кишвар мебошад, таҳқиқотҳои илмӣ қариб, ки вуҷуд надоранд.

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки таҷрибаи кишварҳои минтақа ва шарикони асосии тиҷоратиро дар самти низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Омӯзиши пайдоиши заминаи меъёриии ҳуқуқии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар бештари кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ заминаи қонунгузорию институтсионалии низоми банақшагирии стратегӣ тақрибан аз солҳои 2010 оғоз гардида, марҳила ба марҳила бо назардошти пойдо шудани корҳои амалӣ такмил ёфта истодааст.

Пайдоиши заминаҳои меъёрии ҳуқуқиии низоми банақшагирӣ ва дурнамосозӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратию иқтисодии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми

банақшагирии стратегӣ, низоми ё худ механизми муосир буда, тамоми кишварҳо марҳила ба марҳила ба низоми мазкур мегузаранд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Пайдоиши заминаҳои қонунгузории соҳаи низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ дар баъзе кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ**
**Table 1. The origin of the legislative framework in the field of strategic planning and foresight in some countries of the former Soviet Union**

| Номи кишвар | Номи Қонун | Соли қабул |
|---|---|---|
| 1. Россия | Дар бораи банақшагирии стратегӣ [13]. | 28. 06. 2014 |
| 2. Белорусия | Дар бораи дурнамосозии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ [5]. | 05. 05. 1998 |
| 3. Қазоқистон | Дар бораи низоми банақшагирии стратегӣ [3]. | 29.11.2017 |
| 4. Қирғизистон | Дар бораи дурнамосозии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ [11]. | 20.0.2009 |
| 5. Тоҷикистон | Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ [2]. | 25.05.2022 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси сарчашмаҳои интернетӣ

Аз ҷадвали 1 маълум мегардад, ки аз 5 кишвари таҳлилшуда, дар 3 кишвар, ба монанди Россия, Қазоқистон ва Тоҷикистон қонун дар бораи банақшагирии стратегӣ қабул шудааст, ки ин аз мавҷуд будани сатҳи баланди ҳамбастагии байналмилалии иқтисодии Тоҷикистон ва ҳамқадами замони муосир будани Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, бо назардошти он ки низоми банақшагирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав ташаккул ёфта истодааст, зарур аст, ки механизми амалигардонии муқаррароти қонуни нав аз ҷониби бахшу сохторҳои дахлдор тарҳрезӣ ва амалӣ карда шавад.

Дар ҳақиқат дар шароити имрӯзаи иқтисоди ҷаҳон маҳз тавассути банақшагирии стратегӣ ва дунамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкониятҳои ноилгардӣ ба мақсадҳои стратегии гузошташудаи кишвар ва вариантҳои эҳтимолии тағйирёбии иқтисодиёт муайян карда мешавад.

Зеро, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, индикаторҳои асосии мақсадноки Стратегия барои давраи то соли 2030, дар асоси нишондиҳандаҳои дурнамои вазорату идораҳои соҳавӣ ҳисоб карда шудаанд [12].

Бинобар ин, дурнамосозӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи илмии таҳия намудани стратегия ва муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад.

Вобаста ба ин, дар замони муосир ба таври васеъ истифода бурдани ҷанбаҳои дурнамосозию банақшагирии стартегӣ ва мунтазам такмил додани методология ва методикаи дурнамосозӣ зарур мебошад. Зеро, аз раванди таҳия ва сифати дурнамо дуруст пешгӯйӣ кардани рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ вобастагии амиқ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давалтӣ низоми дурнамосозӣ ва банақшагирии стратегиро такмил дода, дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои пешгӯии фарзияҳои гуногун муайян намудани дурнамои минбаъдаи соҳаҳо истифода намуда истодааст.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди устувор қарор дорад ва дар ояндаи дарозмуҳлат бояд механизми амалигардонии низоми банақшагирии стратегӣ барои муайян намудани тамоми захираю имкониятҳои мавҷуда комилан ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои стратегӣ на бояд зиёд бошанд, балки нишондиҳандаҳои он иҷрошаванда бошад. Дар ин ҷо роҳандозии низому механизмҳои муосиру самаранок барои иҷрои вазифаҳои стратегии гузошташуда зурур мебошад. Таҷрибаи Олмон дар ин самт бисёр қобили қабул мебошад, зеро дар ин кишвар низоми доимии мониторинги пешрафт, ки ба назорати доимии амалишавии тадбирҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ дарҷшуда машғул аст, амал менамояд [14].

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили доимии низоми мазкур, бахусус қабули санадҳои зерқонунии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи банақшагирии старетегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, такмили сохтори амалкунандаи вазорату идораҳо ва иқтидори кадрии онҳо дар самти банақшагирии стратегӣ ва бо назардошти ҳадафу афзалиятҳои муайянгардида, таҷдиди назар намудани муқаррароти стратегияву барномаҳои амалкунанда ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Государственное стратегическое планирование: перспективы и пути развития, издание Государственной думы, 2022. -81 с.
2. Закон Кыргызской Республики о государственном прогнозировании социально-экономического развития Кыргызской Республики: Закон Кыргызской Республики от 20.02.2009 г.№61. [Электронный ресурс]. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/202530?cl=ru-ru.
3. Закон Республики Беларусь о государственном прогнозировании и программах социально-экономического развития Республики Беларусь: Закон от 05.05. 1998 г. №157-З. [Электронный ресурс]. URL: https:// kodeksyby.com/zakon_rb_o_gosudarstvennom_prog nozirovanii_i_programmah_sotsialno-ekonomicheskogo_razvitiya.htm.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» аз 8 декабри соли 2003, №53.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018, №1544.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли соли 2022, №1894.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон «аз 30 декабри соли 2007, №649.
8. Мироненко, В.О. Стратегическое планирование, его значение и этапы // Молодой ученый. - 2017. -№12(146). - С.331-333. [Электронный ресурс]. URL: https://moluch.ru/archive/146/40933/ (дата обращения: 13.10.2023).
9. Национальная стратегия устойчивого развития Республики Беларусь на период до 2035 года // Протокол заседания Президиума Совета Министров Республики Беларусь от 4 февраля 2020 г. №3.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 22.12.2017.
11. Постановление Правительства Республики Казахстан об утверждении Системы государственного планирования в Республике Казахстан: Постановление Правительства Республики Казахстан от 29.11.2017 г. №790. [Электронный ресурс]. URL: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1700000790.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636.
13. Федеральный закон о стратегическом планировании в Российской Федерации: Федеральный закон от 28.06.2014г.№172-ФЗ.
14. Чепель С.В. д.э.н., гл.н.с. Института прогнозирования и макроэкономических исследований при Министерстве экономики и сокращения бедности Республики Узбекистан, Ташкент-2020 // Сфера научных интересов: макроэкономическая диагностика, макроэкономическое прогнозирование, моделирование с акцентом на эконометрику и модели «Затраты-выпуск».
15. Шумаева Е.А. Стратегическое планирование социально-экономического развития стран ЕАЭС / Е.А. Шумаева // Вестник института экономических исследований. – 2021. -№4(24). –С.10.


## МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МИЛЛИИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА ДУРНАМОСОЗИИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз нишон дода шуда, дастовардҳои муҳиме, ки ба ташаккул ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намудаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Дар мақола марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4 марҳила чудо шудааст, аз ҷумла марҳилаи якум, солҳои 1991-2000 (давраи бавуҷудоӣ); марҳилаи дуюм, солҳои 2001-2005 (ташаккулёбии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ); марҳилаи сеюм, солҳои 2006-2015 (давраи истифодаи воситаҳои анъанавии дурнамосозӣ) ва марҳилаи чорум, солҳои 2016 то ин ҷониб (давраи истифодаи воситаҳои муосири дурнамосозӣ). Хулоса карда шудааст, ки гузариш ба низоми муттаҳидаи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои ба таври воқеъбинона ва бо дақиқияти баланд муайян намудани захираву иқтидорҳои мавҷуда мусоидат намуда, сифати таҳияи ҳуҷҷатҳои барномавию стратегӣ беҳтар мегардад. Гузариш ба низоми банақшагирии стратегӣ ва рушди он талаботи замони муосир буда, аз ниҳодҳои кишвар амалигардонии марҳилаи нави ислоҳоти рушди низоми банақшагирии сртаегиро талаб менамояд.

**Калимавожаҳо:** низом, низоми банақшагирии стратегӣ, низоми дурнамосозӣ, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, стратегия, барнома, консепсия, рушди иқтисодӣ, ташаккул.

## ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ СИСТЕМЫ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ И ПРОГНОЗИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье показаны этапы становления и развития национальной системы стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития Республики Таджикистан с первых лет независимости до наших дней, а также важные достижения, которые способствовали формированию и развитию системы стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития. В статье этапы становления и развития национальной системы стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития Республики Таджикистан разделены на 4 этапа, включая первый этап 1991-2000 гг. (период возрождения); второй этап 2001-2005 гг. (формирование нормативно-правовой базы); третий этап 2006-2015 гг. (период использования традиционных средств прогнозирования) и четвертый этап с 2016 г. по настоящее время (период использования современных средств прогнозирования). Сделан вывод, что переход к единой системе стратегического планирования и прогнозирования социально-экономического развития позволяет реалистично и с высокой точностью определить имеющиеся ресурсы и возможности, повышает качество разработки программных и стратегических документов. Переход к системе стратегического планирования и его развитие является требованием настоящего времени и требует от институтов страны реализации нового этапа реформ в развитии системы стратегического планирования.

**Ключевые слова:** система, система стратегического планирования, система поиска, перспектива социально-экономического развития, стратегия, программа, концепция, экономическое развитие, формирование.

## STAGES OF FORMATION OF THE NATIONAL SYSTEM OF STRATEGIC PLANNING AND FORECASTING SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article shows the stages of formation and development of the national system of strategic planning and forecasting of socio-economic development of the Republic of Tajikistan from the first years of independence to the present day, as well as important achievements that contributed to the formation and development of the system of strategic planning and forecasting of socio-economic development. In the article, the stages of formation and development of the national system of strategic planning and forecasting of socio-economic development of the Republic of Tajikistan are divided into 4 stages, including the first stage of 1991-2000 (revival period); second stage 2001-2005 (formation of the regulatory framework); stage of the third period 2006-2015 (the period of using traditional forecasting tools) and the fourth stage from 2016 to the present (the period using modern forecasting tools). It is concluded that the transition to a unified system of strategic planning and forecasting of socio-economic development makes it possible to realistically and with high accuracy determine the available resources and capabilities, and improves the quality of the development of program and strategic documents. The transition to a strategic planning system and its development is a requirement of modern times and requires the country's institutions to implement a new stage of reforms in the development of a strategic planning system.

**Keywords:** system, system of strategic planning, system of prospecting, perspective of socio-economic development, strategy, program, concept, economic development, formation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Восидиён Фарҳод Саъдулло –*** Донишогоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)917683333.** E-mail: **Fvosidiyon@gmail.com**
***Вализода Шавқат Шаробудин -*** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734024, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Айнӣ, 44. Телефон**: (+992) 985-84-43-59.** E-mail**: shavkat-2003@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Восидиён Фарход Саъдулло –*** Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 917683333.** E-mail: **Fvosidiyon@gmail.com**
***Вализода Шавкат Шаробудин*** – Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица С. Айни, 44. Телефон: (+992) **985-84-43-59.** E–mail: **shavkat-2003@mail.ru**

**Information about the authosr:** ***Vosidiyon Farhod Sadullo*** - Tajik National University, Aspirant of The Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 917683333.** E-mail: **Fvosidiyon@gmail.com**
***Valizoda Shavqat Sharobudin*** - Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Aini street, 44. Phone**: (+992) 985-84-43-59.** E–mail: **shavkat-2003@mail.ru**

ТДУ: 338.2 (575.3)

# ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ФАНОВАРИҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИР

*Маҳмадуллоев А.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ талабот ба тайёр намудани мутахассисони дорои донишҳои фановариҳои мухталифи коркарди иттилоотию иртиботӣ меафзояд. Тавре ба мо маълум аст, ҳоло рушди дилхоҳ соҳаи иқтисодиётро бе таҳлили саривақтии иттилоотию иртиботӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Мусаллам аст, ки имрӯзҳо истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар ҷомеаи навин мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Айни замон дастовардҳои илмию техникӣ, фановариҳо ва воситаҳои технологияҳои иттилоотию иртиботӣ қариб дар тамоми соҳаҳо истифода мешавад, ки ин ба пешрафти техникаю технология мусоидат менамояд.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар ҷаҳон падидаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар намудҳои хоҷагиҳо яке аз мушкилии мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Нуқтаи муҳимми таъмин намудани рақобатпазирӣ, ин самаранокии истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ дар шароити менеҷменти муосир мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки мубориза рақобатӣ ҳамчун ҷанбаи калидӣ барои ташаккулёбии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ба ҳисоб меравад.

Маврид ба зикр аст, ки дар раванди идоракунӣ нақши фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ хеле муҳимму рӯзмарра гаштааст. Масалан, дар раванди идоракунӣ аз технологияи навтарин ба таври васеъ истифода шуда истодааст. Ба ин хотир, талабот ба мукаммалгардонии роҳҳои нави истифодабарии фановариҳо дар менеҷменти муосир меафзояд. Ин ба омилҳои гуногуни рушди алоқамандии зич дорад, ки муҳимтарини онҳо, истифода аз таъминоти навтарини барномавӣ, фановариҳои беназир, инчунин омода намудани мутахассисони варзидаи дорои донишҳои фановарӣ ба ҳисоб мераванд. Автоматикунонии низомҳои гуногуни идоракунӣ, ки бояд дар асоси таъминоти барномавии касбӣ сурат бигирад ва дар он фановариҳои муосир истифода шавад.

Бояд эътироф намуд, ки омӯзиши фановариҳои иттилоотию иртиботӣ чандон зиёд таҳқиқ нашудааст. Аслан, барои ҷорикунии низомҳои гуногуни электронӣ, коркард ва мубодилаи иттилоотию иртиботӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ хусусияти умумӣ ва фарогирро мегиранд. Фановариҳои муосири иттилоотию иртиботӣ имконият медиҳанд, ки фаъолияти қисмҳои гуногуни хоҷагиҳо идора карда шаванд, инчунин алоқаҳои байни хоҷагиҳо ба воситаи фановариҳои иттилоотию иртиботӣ васеъ гардаида, мукаммал мегарданд.

Дар ин хусус, А. Ализода, қайд менамояд, ки "Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъолу комилҳуқуқи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равандҳои дар ҷараёнбудаи ҷаҳонишавӣ мебошад, инкишофи шаклҳои нави идоракунӣ, ба миён овардани фановариҳои муосир, гузаронидани таҳқиқот ва коркардҳои муштарак ба баланд бардоштани ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ, барои хоҷагии халқи мамлакати мо басо муҳимму мубрам арзёбӣ мегардад" [1,с.27].

Имкониятҳои нав барои автоматикунонии амалиётҳои гуногуни идоракунӣ, ин ҷорӣ намудани фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ дар ростои менеҷменти муосир мебошад, ки ба воситаи фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ҳал намудани муаммоҳои гуногуни идоракунӣ, имконпазир мегардад. Автоматикунонии фановариҳои иттилоотию иртиботӣ ва дигар фановариҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногуни стратегӣ аҳаммияти калон дорад.

Аслан, муваффақиятҳои идоракунӣ, ин натанҳо "Фановариҳои иттилоотию иртиботӣ ва фановариҳои мухталифи электронӣ, инчунин механизми истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ дар пояи менеҷменти муосир мебошанд" [12].

Дар айни замон, масъалаи истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла дар менеҷменти муосир, ки ҷузъи марказии низоми идоракунии ҳар як объект мебошад, аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳо тавассути кам кардани хароҷот, коҳиш додани таъсири омили инсонӣ ва суръатбахшии кор мусоидат менамояд. Менеҷменти муосир такя ба фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ намуда, идоракунии ҳаракати воситаҳои гуногунро ташкил менамояд, ки мақсади он, камкунии меҳнатталабии корҳоро ба вуҷуд меоварад ва имконият медиҳад, ки ба фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ гузашта шаванд.

Ба андешаи А. Ализода, "Истилоҳи менеҷмент, хоҳ корпоративӣ ва хоҳ давлатӣ, аслан идоракунӣ буда, ба шартнома, созиш, эҷоди муҳити рақобат ва афзалияти шарикӣ нисбат ба муносибатҳои тобеият нигаронида шудааст" [1,с.27]. Худи менеҷмент як воситае мебошад, ки дар байни фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ рақобатро ба миён меоварад.

Ҷиҳатҳои мусбати фановариҳои иттилоотию иртиботӣ инҳо буда метавонанд:

**Нақшаи 1.**




Тавре аз нақшаи 1 ишора гардидааст, фановариҳои иттилоотию иртиботӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти қисмҳои гуногуни хоҷагиҳо идора карда шаванд ва дар ин баробар, ба кор андохтани ҷиҳатҳои мусбии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботиро тақвият бахшанд.

Инкишофи иқтисодиёти миллӣ дар шароити бозор дигаргуниҳои васеи тамоми механизми хоҷагидориро дар ростои фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ талаб менамояд. Муносибатҳои нави иқтисодӣ маҷбур месозанд, ки усулҳои идоракунии мавҷудбуда ба усулҳои нави самаранокии истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ иваз карда шаванд.

Дар баробари ин, дар бозори имрӯзаи мо чунин низомҳои фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ дар пояи менеҷменти муосир пайдо шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо истеъмолкунандагони бевосита дар менеҷменти муосир мегардад.

Бояд зикр кард, ки дар низоми идоракунӣ мавриди истифода қарор додани фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ва ташаккулёбии назарияҳои гуногуни идоракунии корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар намуди хоҷагиҳо, инчунин назарияҳои идоракунии давлатӣ (New Public Management), яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани низоми идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Пайдоиш ва ташаккулёбии назарияи идоракунии давлатӣ ба солҳои 70-уми асри XX рост меояд. Ба андешаи И.А. Малковская, ин навъи идоракунӣ "...ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳои мухталиф ба аҳолӣ бояд шарикӣ ва самаранокии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботиро дар менеҷмет ба таври васеъ истифода намуд" [10,с.148].

Раванди муҳимми автоматикунонии фановариҳои гуногуни идоракунӣ аз солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфтааст, ки то имрӯз бо маром идома дорад. Дар ин росто иқтисодчии амрикоӣ М. Портер, қайд мекунад, ки "Корхонаҳои автоматикунонидашуда нисбат ба корхонаҳои шакли анъанавӣ буда, камтар хароҷот менамоянд, яъне корхонаҳо, ташкилотҳо ва дигар намуди хоҷагиҳои анъанавӣ 10-15% хароҷот танҳо барои

идоракунии шаклҳои гуногун менамоянд, ки дар корхонаҳои автоматикунонидашуда ин хароҷот дида намешавад" [2,с.96].

Яке аз самаранокии истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ, ин ташкили ҷойҳои кории автоматикунонидашуда мебошанд, ки барои коркарди саривақтӣ ва дурусти маълумотҳо равона карда шудааст.

Бояд гуфт, ки "Барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ таъсиси инфрасохтори инноватсионии густаришёфта талаб карда мешавад, ки яке аз қисмҳои таркибии он пойгоҳи техникию технологӣ ба шумор меравад" [3,с.8].

Ба андешаи иқтисодчии машҳур Э. Тофлер, маҳз бо истифода аз шарикӣ ва фановариҳои иттилоотию иртиботӣ, ин баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва коҳиш додани харҷ, имконпазир мегардад" [19,с.149]. Умуман, дар пешниҳоди худ Э. Тофлер, фановариҳои иттилоотию иртиботиро "калиди ҳалли ҳама гуна мушкилот, аз ҷумла ҳалли мушкилоти идоракунӣ арзёбӣ намудааст" [19,с.148].

Ба ақидаи иқтисодчӣ Л.В. Сморгунов, "Ислоҳоти идоракунӣ дар заминаи назарияи идоракунии давлатӣ (New Public Management) муваффақияти бештар пайдо накард, зеро он хеле маҳдуд буд ва ҳамаи паҳлуҳои идоракунии ҷамъиятиро фаро гирифта наметавонист" [18,с.21]. Дар охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум, вобаста ба меъёрҳои ташкили идоракунӣ муносибати нав ба миён омад. Сиёсатшиноси амрикоӣ М. Кастелс, назарияи хуб (Good Governance)-ро, "Назарияи шабакаҳои электронӣ номидааст ва онро бо назарияи (New Public Management) як намешуморад, яъне идоракунии хуб ва идоракунии давлатӣ аз як дигарро ба пуррагӣ ҷудо меҳисобад" [4,с.78].

Каме дертар дар зери таъсири рушди бемайлони фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ва баланд гардидани иқтидору имконияти техникию технологии онҳо назарияи дигаре бо номи ҳукумати электронӣ (e-government), ташаккул мeёбад ва дере нагузашта шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо менамояд. Баъди ташаккулёбии назарияи мазкур маълум гардид, ки дар раванди идоракунӣ мавриди истифода қарор гирифтани фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ набояд ҳамчун механизми ислоҳоти идоракунӣ дар пояи менеҷменти муосир баррасӣ гардад, ин раванд бояд ҳамчун воситаи гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигари идоракунӣ арзёбӣ гардад [7,с.77]. Масалан, дар зери таъсири фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ ба амал омадани назарияи идоракунии давлатӣ (New Public Management), дар заминаи он ташаккул ёфтани назарияи идоракунии хуб (Good Governance) ва ниҳоятан, ба вуҷуд омадани назарияи ҳукумати электронӣ (e-government) воқеияти давру замон ва гузариш аз як марҳилаи идоракунӣ ба марҳилаи дигари онро ифода менамояд [20,с.148].

Мафҳуми "Ҳукумати электронӣ" ин падидаи нав буда, дар охири солҳои 90-ум дар давлатҳои Ғарб ба вуҷуд омадааст. Ин тарҳи нави идоракунии давлатӣ дар асоси имконоти фановариҳои иттилоотию иртиботӣ дар ростои менеҷменти муосир коркард карда шудааст.

Ю.А. Нисневич, қайд мекунад, ки "мақсади асосии ҳукумати электронӣ, ин ҳалли тамоми масъалаҳои давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиати шаҳрвандон ва иштироки васеи онҳо дар раванди идоракунӣ мебошад. Дигаргуниҳои куллӣ дар муносибати мутақобилаи давлат ва шаҳрвандон дар раванди идоракунӣ, расонидани хизмати босифат ба шаҳрвандон аз ҳисоби технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо мақомоти давлатӣ фаъолияти худро мисли хизматрасонӣ ва таъмини шароити мусоид барои шаҳрвандон дар ҳаёту фаолияти онҳо бо харҷи нисбатан кам дар шакли электронӣ ба роҳ мемонад. Мақсади асосии он таъсири мутақобилаи давлат ва ҷомеа ба воситаи шабакаи интернет ва дастгоҳҳои коммуникатсионӣ мебошад" [6,с.600].

Бояд ёдовар шуд, ки "Давлатҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд" [21].

Роҷеъ ба мазмуну моҳияти ҳукумати электронӣ то ҳанӯз андешаи ягонаи аз ҷониби ҳама зинаҳо эътирофшуда мавҷуд нест. Муҳаққиқон бо назардошти омилҳои иқтисодию

иҷтимоӣ, техникию технологӣ, сиёсию идеологӣ мазмуну мундариҷаи онро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқӣ нишон медиҳад, ки зери мафҳуми ҳукумати электронӣ ҳузури давлат дар шабакаи интернет фаҳмида мешавад. Яъне, дар ин мазмун мавҷудияти сомонаҳои интернетӣ ва ё низомҳои иттилоотию иртиботии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар назар дошта мешавад. Роҷеъ ба ин масъала, андешаи ҷолиберо муҳаққиқи рус М.С. Вершинин пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи ӯ, "Ҳукумати электронӣ, ин низоми муколамаи давлат ва аҳолӣ бо истифода аз фановариҳои мухталифи шабакаи интернет мебошад [5,с.210]. Дар чунин маврид, дар заминаи истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ, тағйирёбии шакли идоракунӣ ва дар шакли ҷадид ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назар дошта мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки стратегияи асосии ба роҳ мондани низоми "ҳукумати электронӣ", ин баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ мебошад. Ба ақидаи сиёсатшинос А.Ё. Комилбек, "Тамоми мақомоти давлатӣ бояд дар шакли электронӣ фаъолиятро ҷоннок намуда, ба таври худкор ва босифат хизмат расонда тавонанд. Барои ба роҳ мондани чунин муносибат, давлат мисли ширкат бояд хизматрасонии босамарро пешкаши шаҳрвандон намояд. Дар мисоли он, ки дар соҳаи бизнес ширкат барои қонеъ гардонидани талаботи умум, доим самаранок фаъолият мекунад" [9,с.247]. Аз ин лиҳоз, босамар истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ барои идоракунии самтҳои мухталиф дарояндаи наздик бениҳоят зарурӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи иқтисодчии машҳури амрикоӣ М. Портер, "Ҳама гуна ширкатҳои муваффақ дар чорчубаи нақшаи рушди худ пешсаф мегарданд, агар аз фановариҳои иттилоотию иртиботӣ ба таври васеъ дар амалияи худ истифода баранд [16,с.186]. Мутахассисони ояндаро мебояд аз донишҳои фановариҳои иттилоотию иртиботӣ бохабар бошанд ва дар амалия ба таври васеъ истифода намоянд. Ҳар як мутахассис бояд дорои донишҳои соҳаи коркарди иттилоот, малакаҳои кор бо фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ бошад.

Аз ин лиҳоз, мо такя ба Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон менамоем, ки чунин иброз намуданд "...бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар, Ҳукумати мамлакат ба наздикӣ «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ»-ро қабул намуд, ки ин имкон медиҳад, ки номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва босифат расонида шуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда мешаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад" [15].

Ҳамин тавр, ҳама он чи ки дар боло дар бораи фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла таҳлили мухтасари мазмуни фановариҳои мухталиф мавриди назар қайд шуд, бо зарурати мубрами коркарду омӯзиши бештари тамоми донишҳои мавҷуд доир ба ин мафҳумҳо дар сатҳи назарияи мустақили менеҷмент ишора мекунад.

Он чи дар боло матраҳ гардид, метавон ба хулоса омад, ки мафҳуми фановарӣ ин коркард ва истифодаи намудҳои гуногуни иттилоотию иртиботиро дар ростои менеҷмент тасаввур кард.

Бояд гуфт, ки мутахассисони оянда, ки барои кор дар шароитҳои нав омода мешаванд, асосҳои фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботиро моҳирона донанд ва равандҳои фановариҳои мухталифи иттилоотиро дар фаъолияти идоракунии худ дуруст ба роҳ монда тавонанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Содиқов Қ.А.**

**АДАБИЁТ**

1. Ализаде А.А. Ннаучный менеджмент - стратегический фактор инновационного развития / Ализаде А.А., В.Н. Логин // Научно-аналитический обзор. -М., 2015. –196 с.
2. Бевир М. Управление: очень краткое введение / М. Бевир; пер. с англ. Порецковой А. -М., 2015. -96 с.

3. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. Аз 30 апрели соли 2011. –№227. -С.8.
4. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество: опыт социального прогнозирования / Д. Белл; пер. с англ. - М., 1999.
5. Вершинин М.С. Политическая коммуникация в информационном обществе/М.С. Вершинин. -СПб., 2009.-296 с.
6. Ирхин В.Ю. Политология / В.Ю. Ирхин. –М., 2007. –С.600-601.
7. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура: пер. с англ. –М.: 2000.
8. Кодиров Д.Б. Информация-фактор экономического роста / Д.Б. Кодиров, Д.С. Мухсинов. –Душанбе, 2014.
9. Комилбек Амид Ёрибек. Самаранокии ҳукумати электронӣ дар низоми идоракунии давлатӣ / А.Ё. Комилбек // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№4/2. –С.247.
10. Мальковская И.А. Социологический профиль информационно-коммуникативного общества / И.А. Мальковская // Социол. исследования. –М., -2017. -№2. –С.76-85.
11. Маҳмадуллоев А.С. Асосҳои назариявии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№4. –С.66-71.
12. Маҳмадуллоев А.С. Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2023. -№3. -С.162-168.
13. Маҳмадуллоев А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / А.С. Маҳмадуллоев, Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№4. -С.87-93.
14. Мирзоев Н.Х. Информационные технологии и их использование в системе управления / Н.Х. Мирзоев // Национальный университет Таджикистана. Наука и техника (научный журнал). Серия естественных и экономических наук. –Душанбе, 2014. –№1.
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2012. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/1084 (санаи муроҷиат 26.01. 2022).
16. Портер, М. Конкуренция [Текст] / М. Портер; пер. с англ. -М.: Издательский дом «Вильямс», 2013. -496 с.
17. Рахимов З.А. Технология обработки экономической информации / З.А. Рахимов, Р.Б. Шерматов. -Душанбе, 2014.
18. Сморгунов Л.В. От электронного государства к электронному правлению: Смена парадигмы / Л.В. Сморгунов // Политическая наука: Сб. науч. тр. -М., 2017. -№4. -С.21.
19. Тоффлер Э. Третья волна / Э. Тоффлер; пер. с англ. –М., 1999.
20. Трахтенберг А.Д. Открытое правительство: новая коммуникативная стратегия в государственном управлении или новая административная идеология / А.Д. Трахтенберг // Социокультура и коммуникативные стратегии информационного общества. Материалы научно-практической конференции. -СПб., 2017. -С.148-149.
21. Шерматов Р.Б. Экономические информационные системы / Р.Б. Шерматов, Н.Х. Мирзоев, Д.С. Мухсинов. – Душанбе, 2015.
22. Melik-Gaykazyan I.V. Information processes and reality. -M., 1998. -211 p.
23. Zhiyuan F. International Journal of Computer, Internet and Management. - Vol.10. -No.2. –P.1-22.

## ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ФАНОВАРИҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур таҳқиқот оид ба таъминоти самаранокии истифодабарии фановариҳои мухталифи иттилоотию иртиботӣ дар шароити менеҷменти муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқи мақола дар баробари андешаҳои худ, назари баъзе олимони хориҷӣ ва ватаниро вобаста ба фановариҳои иттилоотию иртиботӣ ва самаранокии истифодаи фановариҳо дар пояи менеҷменти муосир оварда, моҳияти мавзуро арзёбӣ кардааст. Дар мақола самаранокии истифодаи фановариҳои иттилоотию иртиботӣ, ки омили баланд бардоштани низоми идоракунӣ дар ҷумҳурӣ гаштааст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Фановарӣ, фановариҳои иттилоотӣ, иттилоотию иртиботӣ, коммуникатсионӣ, шарикӣ, шарикии иттилоотӣ, таҳлил, автоматикунонии низоми иттилоотӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СОВРЕМЕННОМ УПРАВЛЕНИИ

В данной статье обсуждаются исследования по обеспечению эффективности использования информационно-коммуникационных технологий в условиях современного менеджмента. Исследователь статьи привел мнения некоторых зарубежных и отечественных ученых, касающиеся технологий, информации, коммуникации и эффективности использования технологий на основе современного менеджмента, и оценил важность статьи. В статье рассматривается эффективность использования информационно-коммуникационных технологий, ставших фактором совершенствования системы управления в республике.

**Ключевые слова:** инновации, информационные технологии, информация и связь, коммуникация, партнерство, информационное партнерство, анализ, автоматизация информационной системы.

**ENSURING THE EFFECTIVE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN MODERN MANAGEMENT**

This article discusses research on ensuring the effectiveness of the use of information and communication technologies in the context of modern management. The researcher of the article cited the opinions of some foreign and domestic scientists regarding technology, information and communication and the effectiveness of using technology based on modern management, and assessed the importance of the article. The article examines the effectiveness of the use of information and communication technologies, which has become a factor in improving the management system in the republic.

**Keywords:** innovation, information technology, information and communication, communication, partnership, information partnership, analysis, information system automation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 988-88-83-37**

**Сведения об авторе:** ***Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-88-83-37**

**Information about the author:** ***Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich*** **-** Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-88-83-37**

ТДУ: 336.5 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳикматов С., Турсунов И.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Пайёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад [6,с.4].

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар (ҳалли) амалӣ шудани сиёсати пулию қарзӣ, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он, пеш аз ҳама, баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки Бонки милии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказӣ дар доираи ваколатҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, мустақилона барои таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат масъул мебошад ва дар таъмини рушд ва амалишавии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳиссаи арзанда дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таъмин ва амалишавии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ то солҳои охир муаммоҳои худро дошт, ки ҳатто баъзе роҳбарони идораҳо, муассисаҳои давлатӣ ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳавасманд набуданд, то ки амалиётҳои пардохтӣ ба воситаи пули нақд амалӣ карда шавад, талаб мекарданд, чунки ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ барои муносибати корупсионӣ мусоидат менамоянд.

Дар рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ соҳаҳои иқтисодиёти кишвар нақши муҳимро ба табъ расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайрнақдӣ” такони муҳим бахшид.

Тибқи Фармони мазкури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (аз 22 июни соли 2023 таҳти №586) аз 01.08.2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин, қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад [8,с.7].

Қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи Фармони мазкур ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти тамоми намуди хизматрасониҳои музднок аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ манъ карда шудааст.

Ба ақидаи мо, иқдоми мазкур саривақтӣ буда, пеш аз ҳама, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ ва дигар элементҳои қонуншиканӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани обрӯ ва эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Мавриди зикр аст, ки гузариш ба низоми ғайринақдӣ ба манфиати ҷамъият буда, махсусан таъминоти аҳолии кишварро бо пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн меравад ва боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагии аҳолӣ мегардад, ки ин албатта афзалиятҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайрнақдӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки урфу одатҳои (минталитети) мардуми мо табиати пули нақдиро зиёдтар эътироф мекунанд ва барои ҳамин ҳам ин омил дар рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайрнақдии кишвар таъсири манфии худро хоҳад гузошт, ки зарурати такмили мафкураи аҳолии кишварро ба миён меорад. Аз ин сабаб, то вақтҳои охир дар бисёр ташкилоту

муассисаҳои буҷетӣ ҳисоббаробаркуниҳои ғайрнақдӣ нисбати ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ зиёдтар ба чашм мерасид.

Густариши низоми ҳисоббаробаробаркунии ғайринақдӣ яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодӣ ва низоми молиявии кишвар маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, пешгирии омилҳои корупсионӣ, сарфаи вақт барои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, зуд анҷом расонидани пардохтҳо, сарфаи маблағ аз ҳаққи хизматрасонӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ғайра афзалиятҳо хос мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои молиявӣ метавонад дар як вақт ҳисоббаробаркуниҳоро бо якчанд роҳ анҷом диҳанд, аммо онҳо бояд аз принсипҳои зерин: эътимоднокӣ, мақсаднокӣ ва суръат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳо бароянд ва онро барои истифодабарандаи хизматрасониҳои моливӣ таъмин намоянд.

Принсипҳои дар боло зикршуда баро ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ хос буда, ба раванди аз ҷиҳати иқтисодию молиявӣ муҳим дар вусъат бахшидан ба гардиши маблағҳои нақд ва кам кардани хароҷоти гардиши маблағҳо низ мусоидат менамоянд.

Дар айни замон барои истифодаи намудҳои гуногуни шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ шароити мусоид ба вуҷуд омадааст ва онҳо дар байни аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар субъектҳои иқтисодиёти кишвар самаранок истифода шуда истодааст, бо баробари аҳолии саросари ҷаҳон.

Гуфтан ба маврид аст, ки нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ назаррас мебошад, чунки ба истифодаи зиёди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ муносибатҳои байнибонкӣ, шабакаи васеи бонкҳо, инчунин, манфиати давлат дар рушди онҳо ҳам бо сабаби сарфакорӣ ва ҳам бо мақсади назорат ва танзими равандҳои молиявию қарзӣ мусоидат мекунанд. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷузъи асосии ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар низоми бонкӣ мебошад ва онҳо баҳри баланд бардоштани самаранокии пардохтҳои ғайринақдӣ дар таҳти роҳбарии БМТ роҳу воситаҳои оптималии онро вобаста ба давру замон, сатҳи иқтисодиёти кишвар, талабот ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва дигар омилҳои таъсирбахши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро вусъат дода истодаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари ин, БМТ, вазорату идораҳо, ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар мушарраф гардидаанд, ки дар тамоми минтақаҳои кишвар инфрасохтори зарурии қабули пардохтҳои ғайринақдӣ омода намуда, амнияти пардохтҳо ва имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатию ғайридавлатиро таъмин намуда истодаанд.

Ба ақидаи мо, афзалиятҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба аҳолӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, субъектҳои давлатию ғакридавлатӣ ва дигар сохторҳои молиявию қарзӣ хеле назаррасу самарабахш мебошанд. Бинобар ин, ба таъб расидани Фармони (22.06.2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ” ба имзо расид, ки он ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар такони ҷиддӣ мебахшад ва хоҳад бахшид.

Бояд гуфт, ки минбаъд пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ танҳо бо тариқи ғайринақдӣ ҷараён мегирад. Инчунин, гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро бо пули нақд коҳиш дода, оҳиста оҳиста гирифтани пули нақдро ва муомилоти пули нақдии хизматрасониҳо аз байн меравад ва хоҳад рафт.

Маврид ба зикр аст, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ” саривақтӣ буда, пеш аз ҳама, барои такмил ва таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ ва дигар қонуншиканиии молиявӣ заминаи мустаҳкам гузошт, инчунин, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам хоҳад овард.

Қайд кардан зарур аст, ки то ба тасвиб расидани Фармони мазкур аз ҷониби низоми бонкии кишвар як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, барои татбиқи он заминаи мусоид фароҳам оварда шуда буд, вале ин тадбирҳо барои бо пурраги ҳаллу фасл кардани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ басанда набуд, ки он зарурати ба таъб расидани Фармони мазкури Президенти кишвар гардид.

Тавре дар боло қайд гардид, БМТ ва низоми молиявии қарзии кишвар дар амалишавии Фармони мазкур пешсаф мебошад. Бо мақсади рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ташкилотҳои қарзию молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамиро, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамиёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, интернет бонкинг ва дигар намудҳои ҳисоббаробаркуниҳои замонавиро татбиқ карда истодаанд, ки он талаби даврy замон мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ба санаи 31 майи соли 2023 аз ҷониби низоми бонкӣ дар маҷмуъ, зиёда аз 5,7 млн. кортҳои пардохти бонкӣ ба муомилот бароварда шудаанд, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43% зиёд мебошад. Инчунин, дар 5 моҳи соли 2023 теъдоди умумии ҳамиёнҳои электоронӣ ба 7,8 млн адад расида, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2022 66% афзоиш ёфт.

Айни замон ҳассаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ ва ҳамиёнҳои электронӣ 17%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3% зиёд мебошад [12,с.8].

Қайд кардан зарур аст, ки муваффақиятҳо дар самти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар доираи супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амри Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №321 аз январи соли 2023 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 22 июни соли 2023 ба имзо расид, мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки нақши низоми бонкӣ дар татбиқи талаботи фармони мазкур ниҳоят муҳим мебошад, зеро тамоми инфрасохтори пардохтие, ки барои ташкили низоми қабули пардохтҳои давлатӣ зарур мебошад, маҳз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин карда мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, баҳри амалӣ намудани Фармоиши мазкур дар асоси тахнологиҳои муосири пардохтӣ, хизматрасониҳои фосилавии бонкии замонави ҷорӣ намуда, барои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҷораҳои хешро андешида истодаанд.

Ба ақидаи мо, барои ба таври самаранок гузаштан ба низоми ғайри нақдӣ, ҳамкории пайвастаи низоми бонкӣ, вазорату идораҳои давлатӣ ва шарикони рушд ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки бо баробари муваффақиятҳои ташкилотҳои низоми бонкӣ-молиявӣ дар самти ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инчунин, мушкилотҳои (муаммоҳои) имрӯза дар ин самт мавҷуд аст, яъне то ҳол мавҷуд набудани низоми баҳисобгирии пардохтҳои давлатӣ (низоми биллингӣ) дар тарафи мақомоти давлатӣ мебошад. Вобаста ба ин, ҷиҳати гузариши пурра ба низоми ғайринақдӣ масъалаи ташкил намудани низомҳои биллингии мақомоти давлатӣ ва созмон додани Портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба ҳамгироии низомҳои иттилоотии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ бо инфросохтори пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон медиҳад, ки дар ҳалли мушкилоти мақомоти давлатӣ ҳангоми гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ, муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар айни замон, таъдоди зиёди шаҳрвандони кишвар аз кортҳои пардохтӣ ва дигар кортҳои электронии пардохтии бонкӣ истифода менамоянд. Вале то ҳол ин масъала тамоми аҳолии кишварро фаро нагирифтааст, чунки қисми зиёди аҳолии кишвар аз ин намудҳои ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ дур буда, ҳатто мавҷудият ва истифодаи онро намедонанд.

Ба ақидаи мо, сабаби асосии рушд наёфтани пардохтҳои ғайринақдӣ шояд паст будани саводнокии молиявии аҳолӣ бошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ дар кишвар яке аз масъалаҳои муҳимест, ки барои пешрафти иқтисодиёт ва рушди низоми бонкӣ-молиявӣ боис мешавад. Рушди саводнокии молиявии аҳолӣ дар "Стратегияи миллии рушди ҶТ барои солҳои то 2030" қайд гардидааст ва дар асоси он вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ бояд тадбирҳои зарурииро барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардум амалӣ намояд [7,с.12].

Мавриди қайд аст, ки дар доираи ин стратегия бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар, идоракунии маблағҳо, самаранок ва мақсаднок истифодабарӣ аз хизматрасониҳои бонкӣ

ва пайдо кардани иттилоот оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири молиявию қарзӣ омӯзонида мешавад.

Қобили зикр аст, ки агар маърифату саводнокии аҳолӣ таъмин гардад, он гоҳ ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ рушдёфта, дар таъмини устувории молиявии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар нақши муҳим хоҳад бозид. Бояд гуфт, ки дар аксарияти давлатҳои пешрафта ҳиссаи афзалиятноки пардохтҳо ҳангоми хариди молу хизматрасониҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом меёбад, ки он аз ҳама ҷиҳат барои аҳолӣ қулай мусоидат мекунад. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар айни замон асосан сохторҳои низоми давлатӣ, пардохтҳои ҳатмии давлатӣ ва ғайра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ фарогирифта шудааст, вале дар бисёр сохторҳои хизматрасониҳои тиҷорату савдо, сохторҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар субъектҳои хоҷагии ғайридавлатӣ ҳисоббаробаркуниҳо бо пули нақдӣ амалӣ шуда истодааст ва дар оянда онҳо низ давра ба давра ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ шомил хоҳанд шуд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки тибқи талаботи банди 2-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни 2023 таҳти №586 Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар баробари вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин, БМТ ва тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадор гардиданд, ки инфросохтори зарурирo барои қабули пардохти хизматрасониҳои муздноки давлатӣ таъмин намояд. Бинобар ин, барои қабули ғайринақдии пардохтҳои ҳатмии давлатӣ тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инфросохтори зарурирo муҳайё намуданд ва ҳамватанони кишвар метавонанд аз он истифода намоянд ва инфрасохтори низоми пардохтии кишвар давра ба давра рушд ёфта истодааст, ки онро аз ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Инфрасохтори низоми пардохт дар давоми моҳҳои январ-июни соли 2023**
**Table 1. Infrastructure of the payment system during the months of January-June 2023**

| Шумораи кортҳои пардохти бонкӣ (млн. адад) | 5,9 | Афзоиш нисбат ба соли 2022<br>41,6 % |
|---|---|---|
| Афзоиши шумораи ҳамиёнҳои электронӣ (ҳамагӣ млн.адад) | 7,5 | 2,6 млн адад ( ё 52,6%) |
| Афзоиши амалиёти пардохти ғайринақдӣ (ҳамагӣ млн. амалиёт) | 7,5 | Маблағ 832,6 млн сомонӣ 15,3% ва 17,6% |

Сарчашма: Маҷаллаи БМТ. Ҷаҳоншавӣ рушди бонкдорӣ №3(102) июл-сентябри соли 2023. -С.29.

Дар ҳақиқат аз маълумотҳои ҷадвали 1, маълум шуд, ки дар моҳҳои январ –июли соли 2023 шумораи кортҳои пардохтӣ, ҳамиёнҳои электронӣ ҳам миқдоран ҳам аз рӯи маблағ рушд ёфт, ки он сабаби афзоиш ёфтани амалиёти пардохти ғайринақдӣ шуда истадааст, ки он тасдиққунандаи амалишавии Фармони мазкури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Бо мақсади тавсиаи инфрасохтори пардохтӣ дар асоси татбиқи технологияи муосири пардохтӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ БМТ аз 1-уми августи соли 2023 истифодаи QR- рамзи ягонаро, ки мутобиқи стандарти байналмилалии EMV таҳия шудааст, ҷорӣ намуд.

Татбиқи QR – рамзи ягона имкон фароҳам овард, ки шаҳрвандон дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифода аз ҳамиёнҳои электронӣ, дилхоҳ ташкилоти қарзии молиявӣ тариқи QR- рамзи ягонаи пардохти молу хизматрасониро ба тариқи ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Ҳамин тавр, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар сарфаи вақти шаҳрвандон, ғанигардонидани буҷети давлатӣ, кам гаштани миқдори пули нақдӣ дар гардиш, кам кардани хавфу хатари пули нақдии аҳолӣ, устуворшавии сатҳи молиявиии ташкилотҳои қарзию молиявӣ ва ғайра аҳаммияти хосса дошта ва инфрасохтори пардохтӣ дар кишвар рушд ёфта, шароити қулайи самарабахши пардохти ғайринақдӣ то рафт рушд ёфта истодааст, ки он ба муваффақияти тамоми сохторҳои идораи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои қарзию молиявӣ ва аҳолии кишвар мусоидат мекунад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки бо баробари муваффақиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдии дар боло зикрёфта, инчунин, то ҳол дар ин самт муаммоҳо низ мавҷуданд, ки онро бояд ҳал намуд, ки онҳо:

Таклими инфрасохторҳои пардохтӣ дар тамоми қаламрави кишвар (то ҳол барои пардохтҳои электронӣ, пардохти хизматрасониҳои давлатӣ тариқи интернет ва ғайра) дар маҳалҳои кишвар на чандон ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Пурзур кардани чораҳои бехатарӣ ва амнияти шаҳрвандон оид ба тарзи истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ (паст кардани ҳолатҳои қалоби ПИН-кодро аз шахсони бегона эмин доштан ва ғайра).

Баланд бардоштани саводнокию маърифатнокии аҳолии кишвар (бисёр аҳолии кишвар то ҳол аз истифодаи воситаҳои электронии пардохти бегона мебошанд ва ҳатто бисёри онҳо аз воситаҳои пардохтии электронӣ тасаввур надоранд).

Аз тарафи вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар ва дигар идораҳои давлатӣ дар минтақаҳо ва коллективҳои меҳнатӣ ташкил ва такмил додани семинарҳо, курсҳои кутоҳмуҳлат ва вохӯриҳо доир ба истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки агар пешниҳодҳои илмии дар боло зикрёфта дар амал бо пуррагӣ татбиқ гардад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки он муаммоҳое, ки дар ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷой доранд, ҳаллу фасли худро хоҳад ёфт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ғаюров Ғ.Ҳ.**

### АДАБИЁТ


1. Алимардонов Т.А. Имкониятҳои интернет-банкинг дар коҳишдиҳии хавфҳо / Т.А. Алимардонов // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№4. -С.43-50.
2. Гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ кафили рушди иқтисоди миллӣ // Маҷаллаи БМТ. Ҷаҳоншавӣ тараққиёт бонкдорӣ. 2023. -№3(102). –С.29.
3. Дастурамали №237 "Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории №1 ВЭП" "Ҳисобот оид ба гардиши маблағҳои пулӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ". [Манбаи электронӣ]. URL: www.nbt.tj.
4. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" №524 аз 19.05.2009.
5. Оймаҳмадов Г.Н. Молияи корхона. Китоби дарсӣ / Г.Н. Оймаҳмадов, А.М. Миразизов. –Душанбе, 2016. –С.350-365.
6. Пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон(23.12.2022). –Душанбе, 2022. -С4.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. –С.16.
8. Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ" таҳти рақами 586 аз 22.06.2023. –Душанбе, 2023.
9. Ҳикматов С. Низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва камбудиҳои онҳо / С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён С. // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№4. -С.78-82.
10. Ҳикматов У.С. Маблағгузории хурд. Васоити таълимӣ / У.С. Ҳикматов. –Душанбе, 2023. -150 с.
11. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ. Воситаи таълимӣ / У.С. Ҳикматов. –Душанбе, 2021. -С.14-25.
12. Шарҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадирҳои вусат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" // Маҷаллаи БМТ. Ҷаҳоншавӣ рушди бонкдорӣ. - 2023. -№2(101). -С.7-8.


## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар махсусан, рушди низоми бонкӣ ва боллоравии сатҳи саводокии мардуми мамлакат, зарурати такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба миён меояд. Дар рушди масъалаҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба таъб расидани Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ" такони муҳим бахшид. Тибқи Фармони мазкур (таҳти рақами 586 аз 22.06.2023) аз якуми августи соли 2023 тамоми пардохтҳои давлатӣ, махсусан пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозатномаҳо, пардохти дигари давлатӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин, қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар рушд ва ҳалли масъалаҳои ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ нақши низоми бонкии кишвар назаррас мебошад. Инак ба санаи 31 майи соли 2023 аз ҷониби низоми бонкӣ дар маҷмуъ зиёда аз 5,7 млн. кортҳои прдохти бонкӣ ба муомилот бароварда шудаанд, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43% зиёд мебошад.

Айни замон ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамиёнҳои электронӣ 17%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3% зиёд мебошад. Мақолаи мазкур маҳз барои масъалаҳои ҳалталаби гузариш ба ҳисоборобаркуниҳои ғайринақдӣ бахшида шудааст.
**Калидвожаҳо:** рушд, иқтисодиёт, молия, қарз, бонк, ҳисоборобаркуниҳо, накдӣ, пардохт, кортҳо, электронӣ, самаранок, саводнокӣ, инфрасохтор, технологияи муосир, хизматрасонӣ.

**ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЕТОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Наряду с социально-экономическим развитием страны, особенно развитием банковской системы и уровнем грамотности населения страны, возникает необходимость совершенствования безналичных расчетов. В развитии вопросов безналичного расчета важным моментом было издание Указа Основатель национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон “О расширении меры безналичных расчетов”. В соответствии с указом (под номером 586 от 22.06.2023) от первого августа 2023 года уплачиваются все государственные платежи, в частности, налоги, государственные пошлины за выдачу лицензий, иные государственные выплаты в бюджет, штрафы, средства обязательного государственного страхования, медицинские услуги, коммунальные услуги, другие виды государственных услуг, а также прием средств министерствами, ведомствами и государственными организациями осуществляется безналичным путем. Следует отметить, что в развитии и решении вопросов безналичного расчета роль банковской системы страны значительна. По состоянию на 31 мая 2023 года банковская система в целом выпустила в обращение более 5,7 млн. банковских платежных карт, число которых на 43% больше, чем за тот же период прошлого года. В настоящее время доля безналичных платежей с использованием банковских платежных карт и электронных кошельков составляет 17%, что на 6,3% больше, чем за аналогичный период прошлого года. Эта статья посвящена некоторым нерешенным вопросам перехода к полному безналичному расчету в стране.
**Ключевые слова:** рост, экономика, финансы, кредит, банк, счета, наличные, оплата, карты, электронный, эффективный, грамотность, инфраструктура, современные технологии, услуги.

**ISSUES OF DEVELOPMENT OF DECENTRALIZED PAYMENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

Along with the socio-economic development of the country, especially the development of the banking system and the level of literacy of the country's population, there is a need to improve non-cash payments. In the development of non-cash payment issues, an important point was the publication of the Decree of the Founder of National Peace and Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon “On the expansion of non-cash payment measures”. In accordance with the decree (number 586 dated June 22, 2023) dated August 1, 2023, all government payments are paid, in particular taxes, state fees for issuing licenses, other government payments to the budget, fines, compulsory state insurance funds, medical services, utilities, other types of government services, as well as the receipt of funds by ministries, departments and government organizations are carried out non-cash. It should be noted that the role of the country’s banking system is significant in the development and resolution of non-cash payment issues. As of May 31, 2023, the banking system as a whole issued more than 5.7 million bank payment cards, the number of which is 43% more than in the same period last year. Currently, the share of non-cash payments using bank payment cards and electronic wallets is 17%, which is 6.3% more than in the same period last year. This article is devoted to some unresolved issues in the transition to full cashless payment in the country.
**Keywords:** growth, economy, finance, credit, bank, accounts, cash, payment, cards, electronic, efficient, literacy, infrastructure, modern technologies, services.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳикматов Сафаралӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**
***Турсунов Илҳомҷон Холмирзоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрук. **Суроға**: ш. Душанбе, 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-69-96-70**. E-mail**: i_tursunov1988.8@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хикматов Сафарали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-505-55-99**
***Турсунов Илхомджон Холмирзоеввич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-69-96-70**. E-mail: **i_tursunov1988.8@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khikmatov Safarali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Activities. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-505-55-99**
***Tursunov Ilhomjon Holmirzoevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Customs Activities. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-69-96-70.** E-mail: **i_tursunov1988.8@mail.ru**

ТДУ: 338.48:043.86

# ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ САЙЁҲӢ

*Солеҳзода Нилуфари Бозор*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, рушди устувори он метавонад дар баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ дошта бошад. Илова бар ин, соҳаи мазкур «метавонад миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд оварда, шаҳрвандонро бо корҳои доимии мусоид таъмин намояд» [15,с.110-112]. Аз ин нуқтаи назар, соҳаи сайёҳӣ бо иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоии давлат зич вобаста буда, пеш аз ҳама, аҳаммияти иҷтимоӣ дорад [1,с.52-59]. Аҳаммияти иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ бо таъсис додани инфрасохтори иҷтимоӣ ва роҳҳои муосиру замонавӣ барои сайру сайёҳати одамон ва дигарон зоҳир мегардад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки маблағгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба ташаккул ва рушди неруи инсонӣ дар кишвар таъсири мусбат расонида, ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардум метавонад мусоидат намояд.

Ҳамзамон, рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, ба монанди алоқа, нақлиёт, саноат, савдо ва хизматрасонӣ дар соҳаи меҳмонхонадорӣ ва хӯроки омма бо рушди устувори соҳаи сайёҳӣ зич вобаста мебошад [5,с.81-84]. Бинобар ин сабаб, соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ҳамчун самти калидӣ эътироф гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи он тамоми шароитҳоро фароҳам менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар байни дигар соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун муҳаррик хизмат намуда, дар коҳиш додани сарбории иқтисодию иҷтимоӣ нақши калидӣ мегузорад.

Илова бар ин, хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷумлаи воситаи муҳимми муаррифгари арзишҳои фарҳангии кишварҳо ба ҳисоб рафта, робитаи онҳоро дар ин самт густариш мебахшад. Аз ин лиҳоз, мамлакатҳои дунё бо тақвият додани соҳаи мазкур аз як тараф, талаботи иқтисодии худро қонеъ гардонида, аз тарафи дигар, фарҳанг ва арзишҳои миллии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки сайёҳӣ, «зуҳуроти барои ҳама маълум мебошад. Дар тамоми давру замон сайёҳон ва кашшофони зиёде сайёраи моро гузаштаанд. Вале танҳо дар гузаштаи начандон дуре соҳаи сайёҳӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти инсон, ки ҳатман бояд идора карда шавад, ба миён омад» [11,с.48-55]. Тайи солҳои охир, бинобар сабаби шиддат гирифтани рақобат дар муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, соҳаи мазкур ба омили муҳим барои таъмин намудани рақобатпазирии кишварҳо табдил ёфтааст. Кишваре, ки аз имкониятҳои сайёҳии худ самаранок истифода менамояд, шароитҳои иҷтимою иқтисодии худро беҳтар намуда, ҳамзамон, дар арсаи ҷаҳонӣ нуфузи худро бо таблиғ намудани арзишҳои миллию фарҳангӣ нигоҳ медорад.

Тоҷикистон кишваре мебошад, ки дар он мероси ғании таърихиву фарҳангӣ, ки зиёда аз 5 ҳазор солро дар бар мегирад, ташаккул ёфтааст. Ёдгориҳо ва мавзеъҳои таърихии кишвар захираҳои асосии рушди сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, ҳамасола ба ин маконҳо ҳазорҳо сайёҳони хориҷӣ ташриф меоваранд [4,с.49-57].

Ҳамчунин, дар кишвар иқлими мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ мавҷуд буда, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусафои он диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Бо дарназардошти имкониятҳои болозикр соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» далели он мебошад.

Новобаста аз ин, то ҳол имкониятҳои сайёҳии кишвар дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор дода нашудааст. Дар ин хусус олими ватанӣ Раҳимов Б.А. қайд намуда, ишора менамояд, «Тоҷикистон дорои неруи бойи сайёҳӣ буда, қисми ҷудонашавандаи раванди ҷаҳонии сайёҳӣ ба шумор меравад ва нисбат ба дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, ин ҳудуд бо мақсади сайёҳӣ камтар истифода шудааст» [14,с.61-64].

Ҳолати мазкур тақозо менамояд, ки монеаҳои дар ин самт ҷойдошта, бояд илман баҳогузорӣ гардида, оид ба бартараф намудани онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шаванд. Ҳамчунин, бояд ба инобат гирифта шавад, ки рушди соҳаи сайёҳӣ аз худ намудани донишҳои муосирро дар самти ҷуғрофия, иқтисоди ҷаҳон, минтақашиносӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ ва амсоли инҳо тақозо менамояд [13,с.37-47]. Истифодаи технологияи рақамӣ низ аз масъалаи калидии соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон тақозо менамояд, ки ба он диққати махсус зоҳир карда шавад.

Барои расидан ба ин мақсад, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҷанбаҳои назариявии рушди сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки оид ба заминаҳои пайдоиш ва рушди соҳаи сайёҳӣ маълумоти кофӣ дастрас намуда, хусусият ва қонуниятҳои рушди он низ муайян карда шавад. Саравал мафҳуми истилоҳи «сайёҳӣ»-ро, ки дар Тоҷикистон ҳамчун «саёҳат» қабул гардидааст, дида мебароем.

Истилоҳи «сайёҳӣ» муодили калимаи фаронсавии «tourisme» буда, маънои «сайру гашт», «сафар» ва «саёҳат»-ро дорад [6,с.19-24]. Дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» истилоҳи мазкур ҳамчун «саёҳат, ҷаҳонгардӣ» шарҳ дода шудааст [9,с.1280]. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ (аз 7 августи соли 2020 таҳти №1717) зери калимаи «саёҳат» «рафтуомади одамон дар байни маконҳои ҷуғрофӣ» фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, маконҳои ҷуғрофӣ барои саёҳат метавонанд ҳудуди як давлатро дар бар гиранд ва ё берун аз он қарор дошта бошанд. Аз ин нуқтаи назар, саёҳатро ҳамчун фаъолияти мақсадноки одамон ба ду самти алоҳида, ба монанди дохилӣ ва беруна тасниф менамоянд, ки онҳо низ дар навбати худ аз ҷузъҳои алоҳида таркиб ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, сайёҳӣ мафҳуми мураккаби иқтисодӣ буда, оид ба мазмун ва моҳияти он дар сарчашмаҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегии соҳа андешаҳои гуногун пешниҳод гардидааст.

Масалан, аз нуқтаи назари Винокуров М.А. сайёҳӣ «сайёҳате мебошад, ки аз ҷониби одамон берун аз вақти корӣ бо мақсади солимгардонӣ, маърифатӣ, варзишӣ, динӣ ва дигар мақсадҳо анҷом дода мешавад» [6,с.1-9]. Аз таърифи мазкур маълум мегардад, ки сайёҳӣ воситаи муфид барои рушди дигар соҳаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, агар аз як тараф, аҳаммияти иқтисодӣ дошта бошад ва аз тарафи дигар, ба рушди заминаҳои иҷтимоии ҷомеа кумак мерасонад.

И.Т. Балабанов ва А.И. Балабанов «сайёҳат»-ро ҳамчун соҳаи рушдкунанда дар он минтақае мешуморанд, ки дорои хусусиятҳои табиӣ ва сунъӣ барои ҷалби сайёҳони фаъолияташон гуногун» мебошанд [2,с.176]. Таърифи мазкур ба он ишора менамояд, ки асоси соҳаи сайёҳиро объектҳои он, ки метавонанд дар амалия ба таври сунъӣ аз ҷониби давлат, ширкатҳои сайёҳӣ ва шахсони алоҳида сохта шуда бошанд ва ё ин ки характери табиӣ дошта бошанд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки чунин объектҳо, пеш аз ҳама, бояд барои сайёҳон бехатар ва дастрас бошанд. Барои расидан ба ин мақсад лозим аст, ки бо такя ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ба таъсис додани кластерҳои сайёҳӣ, ки маҷмуи объектҳоро дар бар мегирад, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар ин ҷо ба инобат гирифтани омилҳои экологӣ ҳангоми таъсис додани объектҳои сайёҳӣ хело муҳим ба назар мерасад. Чунин ҳолат аз як ҷониб ба муътадил нигоҳ доштани экосистемаи миллӣ мусоидат намуда, аз ҷониби дигар, метавонад дар рушди экотуризм нақши калидӣ дошта бошад.

Аз нуқтаи назари В.А. Кварталнов сайёҳӣ «кӯчиши муваққатии одамон аз ҷойи истиқомати доимияшон ба дигар кишварҳо бо мақсади истироҳат кардан, меҳмонӣ, андӯхтани дониш ва касб бе машғул гардидан ба фаъолияти музднок» мебошад [9,с.320]. Таърифи додашуда далолат ба он мекунад, ки сайёҳ шахсеро меноманд, ки мақсади асосии он тарки муваққати ҳудуди сарҳади муайян бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии худ мебошад. Аз ин нуқтаи назар шахсони хориҷӣ, ки ба кишвар бо мақсади анҷом додани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва амалиётҳои ба он марбут ташриф меоваранд, набояд ҳамчун сайёҳ ба қайд гирифта шаванд. Дар сурати риоя гардидани талаботи мазкур, раванди қабул, баҳисобгирӣ ва гусели сайёҳонӣ хориҷӣ дуруст ба роҳ монда шуда, заминаи ягонаи иттилоотӣ оид ба шумораи онҳо ташаккул дода мешавад, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар ва татбиқи саривақтии вазифаҳо дар ин самт ҷойдошта саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Олими дигари рус панҷ аломати фарқкунандаи соҳаи сайёҳиро пешниҳод намудааст:

Иваз кардани ҷойи берун аз макони истиқомати муқаррарӣ.

Дар ҷойи дигар истиқомат карда, ба шарте, ки макони истиқомат набояд ба ҷойи истиқомати доимӣ ё дарозмуддат табдил ёбад.

Ҳаракати одамон дар муддати хеле кӯтоҳ.

Рафтани одамон аз ҷойи истиқомати доимиашон ба дигар минтақаҳо ё мамлакат бо мақсади сайёҳӣ.

Мавҷуд набудани сарчашмаи даромад дар макони ташриф [10,с.1-12].

Ба андешаи Папирян Г.А. сайёҳӣ як иттиҳодияи ба ҳам алоқаманди фаъолиятҳо ва ташкилотҳо буда, пурра ё қисман хизматрасонии нақлиётӣ, мол, манзил ва дигар маблағҳои заруриро барои сафарҳои мақсадашон гуногун, ки бо фаъолияти ҳаррӯза алоқаманд набуда берун аз макони зист мебошад, таъмин менамоянд [12,с.206]. Аз нуқтаи назари ин муаллиф асоси соҳаи сайёҳатро субъектони хоҷагидории он, ки ташкилкунандагони чорабиниҳои сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд, ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, илова намудан зарур аст, ки дилхоҳ чорабиниҳои сайёҳӣ, пеш аз ҳама, бо дарназардошти талаботи истеъмолкунандагони бозори сайёҳӣ ва дигар имкониятҳои инфрасохтори кадрӣ ва ба монанди инҳо тархрезӣ ва амалӣ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, ширкатҳои сайёҳиро лозим аст, ки пеш аз таҳияи чорабиниҳо, ба масъалаҳои мазкур диққати махсус зоҳир намоянд. Чунин ҳолат ба онҳо имконият медиҳад, ки мавқеашонро дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ аз даст надода, ҳамзамон, ба яке аз субъектони фаъоли соҳаи мазкур чи дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ табдил ёбанд.

Илова бар ин, ҳангоми таҳияи барномаҳои сайёҳӣ лозим аст, ки ба масъалаи баробарии гендерӣ диққати махсус зоҳир карда шавад. Барои амалӣ намудани ин вазифа, пайваста омӯхтани банди мақсадноки бозори сайёҳӣ, ки ширкат дар он ҷо мақсади фаъолият карданро дорад, саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Биржаков М.Б. дар китоби худ қайд менамояд, ки саёҳат намуди махсуси сайр буда0 аз ҷониби худи сайёҳон анҷом дода мешавад [3,с.308]. Яъне, сайёҳ субъекти асосӣ ва ташкилкунандаи сайёҳат ба ҳисоб рафта, дар навбати худ истеъмолкунандаи асосии маҳсулоти сайёҳӣ шуморида мешавад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ «сайёҳ» - «шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба макони дигари будубоши муваққатӣ бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш ва мақсадҳои дигари вобаста ба саёҳат сафар мекунанд, мебошад» [8].

Созмони Ҷаҳонии Сайёҳӣ сайёҳатро чунин шарҳ медиҳад «ин категорияи саёҳатест, ки дорои хусусиятҳои муайяни марзӣ мебошад» [19]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки асоси сайёҳатро убури марзи муайян чи дар дохили як мамлакат ва берун аз он ташкил медиҳад. Муҳим ин аст, ки сайёҳат аз рӯйи самти муайян ва мақсади мушаххас анҷом дода шавад. Аз рӯйи ин меъёрҳо нақшаи сафар, хатсайри сайёҳат ва дигар ҷузъиётҳои ба он марбут муайян карда мешаванд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи сайёҳӣ чунин таъриф дода шудааст: «сайёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин, шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истисноии ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад» [8]. Таърифи дода шуда далолат ба он мекунад, ки ба сифати сайёҳ агар аз як ҷониб, шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ дохил шаванд ва аз ҷониби дигар, шахсони бешаҳрванд низ ба он тааллуқ доранд. Дар қонуни мазкур баробарии халқҳо вобаста ба дастрасӣ ба захираҳои сайёҳӣ новобаста аз миллат, макони зист ва мақоми шаҳрвандӣ риоя гардидааст, ки ҳолати мазкур дар аксарияти қонунгузории кишварҳои дунё ба чашм намерасад.

Ҳамзамон, қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи сайёҳӣ танзим намуда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии рушд ва ташаккули соҳаи мазкурро муайян менамояд.

**Ҷадвали 1. Таҳаввулоти назариявии рушди сайёҳӣ**
**Table 1. Theoretical evolution of tourism development**

| № | Ақидаҳо | Олимон |
|---|---|---|
| 1. | сайёҳӣ «сайёҳате мебошад, ки аз ҷониби одамон берун аз вақти корӣ бо мақсади солимгардонӣ, маърифатӣ, варзишӣ, динӣ ва дигар мақсадҳо анҷом дода мешавад | Винокуров М.А. |
| 2. | «сайёҳат»-ро ҳамчун соҳаи рушдкунанда дар он минтақае мешуморанд, ки дорои хусусиятҳои табиӣ ва сунъӣ барои ҷалби сайёҳони фаъолияташон гуногун» мебошанд | И.Т. Балабанов ва А.И. Балабанов |
| 3 | сайёҳӣ «кӯчиши муваққатии одамон аз ҷойи истиқомати доимияшон ба дигар кишварҳо бо мақсадҳои истироҳат кардан, меҳмонӣ, андӯхтани дониш ва касб бе машғул гардидан ба фаъолияти музднок» мебошад | Кварталнов В.А. |
| 4. | сайёҳӣ як иттиҳодияи ба ҳам алоқаманди фаъолиятҳо ва ташкилотҳо буда, пурра ё қисман хизматрасонии нақлиётӣ, мол, манзил ва дигар маблағҳои заруриро барои сафарҳои мақсадашон гуногун, ки бо фаъолияти ҳаррӯза алоқаманд набуда берун аз макони зист мебошад, таъмин менамоянд | Папирян Г.А. |
| 5. | дар китоби худ қайд менамояд, ки саёҳат намуди махсуси сайр буда, аз ҷониби худи сайёҳон анҷом дода мешавад | Биржаков М.Б. |
| 6. | Аз нигохи мо, сайёҳӣ фаъолияти мақсадноке мебошад, ки бо муваққатан иваз намудани ҷойи истиқомати муқararӣ ва убури сарҳади муайян барои давраи муайяни вақт зич вобаста мебошад. Шарти асосӣ дар ин ҷо он аст, ки сайёҳ бояд мақсади муайян дошта бошад ва фаъолияти он набояд барои иҷрои кори музднок равона шуда бошад | Муаллифон |

Ҳамин тариқ, натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ нишон дод, ки оид ба мазмун ва моҳияти мафҳуми «сайёҳӣ» фикру андешаҳои олимон гуногун буда, онро ба се равиши асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

Намуди гуногуни истироҳат ва фаъолияти иҷтимоӣ ва мадании одамон.

Системаи муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои гуногуни истеҳсол ва истеъмоли як намуди махсуси маҳсулот - маҳсулоти туристӣ.

Соҳае мебошад, ки ба истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботҳое, ки дар ҷараёни сайёҳат ба вуҷуд меоянд, машғул мебошад.

Аз нигоҳи мо, сайёҳӣ фаъолияти мақсадноке мебошад, ки бо муваққатан иваз намудани ҷойи истиқоматии муқарарӣ ва убури сарҳади муайян барои давраи муайяни вақт зич вобаста мебошад. Шарти асосӣ дар ин ҷо он аст, ки сайёҳ бояд мақсади муайян дошта бошад ва фаъолияти он набояд барои иҷрои кори музднок равона шуда бошад.

Ҳамин тариқ, сайёҳат, пеш аз ҳама, аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, дорои чунин вазифа мебошад: истироҳатӣ, саломатӣ, тарбиявӣ, таҳсилотӣ, хизмати маданӣ, иқтисодӣ, ташаккули мафкураи экологӣ, сиёсӣ ва дигарон. Дар амал татбиқ намудани вазифаҳои болозикр барои ҳифзи саломатии аҳолӣ, баланд гардидани фарҳанг ва неруи зеҳнии онҳо, ҳамчунин, густариши робита бо дигар кишварҳои шарик мусоидат менамоянд.

Новобаста аз афзалиятҳо, соҳаи сайёҳӣ аз камбудиҳо низ холӣ намебошад. Масалан, расонидани таъсири манфӣ ба муҳити зист, коҳиш ёфтани сифати ҳаёт дар маконҳои ташриф ва дигарон. Бо мақсади коҳиш додани таъсири манфии соҳаи сайёҳӣ ба муҳити зист пешниҳод менамоем, ки хизматрасонии сайёҳӣ дар кишвар бо дарназардошти татбиқи принсипҳои иқтисодиёти «сабз», ки дар Тоҷикистон ҳамчун самти калидӣ эътироф гардидааст, амалӣ карда шаванд. Ёдовар шудан лозим аст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022 таҳти №482, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 қабул гардида, дар доираи он ба рушди сайёҳии экологӣ ҳамчун омили тиҷоратикунонии табиат ба манфиати ҷомеа ва дарёфти захираҳо барои ҳифз ва барқарор намудани сармояи табиӣ диққати махсус зоҳир карда мешавад. Дар ҳуҷҷати мазкур мушкилотҳое, ки ба рушди сайёҳии экологӣ дар кишвар эҳтимолан монеа эҷод менамоянд, чунин тасниф гардидаанд [16,с.32-33]:

- дар қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии кишвар, дар сатҳи зарурӣ пешбинӣ нагардидани рушди сайёҳии экологии кишвар;

- ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани инфрасохтори сайёҳии экологӣ дар мавзеъҳои имконпазир;

- таҷрибаи кофӣ надоштани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ аз пешбурди сайёҳии экологӣ дар кишвар;

- ҳамбастагии сусти соҳаҳои ёрирасони сайёҳӣ;

- муаррифии нокифояи имкониятҳои сайёҳии экологии Тоҷикистон берун аз кишвар;

- рақобатпазир набудани хизматрасонии сайёҳии экологӣ дар кишвар.

Ҳамзамон, дар баробари сайёҳии экологӣ намудҳои гуногуни сайёҳӣ мавҷуд буда, ҳар яке аз он аз рӯйи хусусият ва дигар омилҳо аз ҳам фарққунанда мебошанд.

Аз рӯйи аломати ҷуғрофӣ, сайёҳиро ба дохилӣ ва байналмилалӣ ҷудо намуда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро чунин шарҳ додааст:

Сайёҳии дохилӣ - яке аз шаклҳои сайёҳие, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди мамлакат анҷом медиҳанд ва дар раванди он хизматрасонии муносиб ташкил карда мешавад.

Сайёҳии байналмилалӣ - яке аз шаклҳои сайёҳие, ки дар раванди он шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо мақсади саёҳат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи мамлакат сафар мекунанд [8].

Вобаста ба мақсади сафар сайёҳӣ ба фарҳангӣ, варзишӣ, экологӣ, динӣ, илмӣ-таълимӣ, маърифатӣ ва дигар намудҳо тасниф гардида, мақсади асосии онҳо баланд бардоштани неруи зеҳнии одамон ва солим нигоҳ доштани онҳо дар тули ҳаёт мебошад.

Соҳаи сайёҳиро аз рӯйи манбаи маблағгузорӣ ба тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ аз ҳам ҷудо менамоянд. Мақсади сайёҳии тиҷоратӣ танҳо гирифтани фоида буда, сайёҳати иҷтимоӣ бошад, асосан аз ҷониби давлат ва ё сохтори алоҳидаи он танҳо барои бартараф намудани мушкилотҳои иҷтимоии ҷомеа нигаронида шудааст.

Аз рӯйи шумораи иштирокчиён сайёҳӣ ба фардӣ, оилавӣ ва гурӯҳӣ тасниф гардида, чунин намудани сайёҳӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта хело маъмул мебошад.

Вобаста ба шакли ташкилӣ, сайёҳӣ чунин мешавад: муташаккил ва ғайримуташаккил, ки аз ҷониби шахси алоҳида бо иқдоми худи ӯ амалӣ мегардад.

Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ чунин шакли сайёҳӣ мавҷуд мебошад: пиёдагардӣ, аспсаворӣ, сайёҳӣ бо воситаи нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, бахрӣ, дарёӣ, ҳавопаймоӣ ва омехта.

Мувофиқи моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Тоҷикистон чунин шакл ва намудҳои сайёҳӣ амал мекунанд:

Шаклҳо: дохилӣ ва байналмилалӣ.

Намудҳо: варзишию кӯҳгардӣ; шикор ва моҳигирӣ; транзитӣ; экологӣ;

- кӯҳнавардӣ; тиҷоратӣ; таълимию омӯзишӣ; фароғатию табобатӣ; оилавӣ; таърихию зиёратӣ; астрономӣ; корӣ; варзишӣ; саргузаштдор; намоишӣ; гурӯҳӣ; деҳотӣ; кишоварзӣ; гастрономӣ (хондорӣ); иҷтимоӣ; илмию маърифатӣ.

Бояд таъкид намуд, ки шароити Тоҷикистон ба рушди ҳамаи намуди сайёҳӣ созгор мебошад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки хизматрасонии сайёҳӣ, пеш аз ҳама, бояд барои аҳолӣ дастрас бошад. Саёҳати дастрас гуфта шакли муосири хизматрасонии саёҳӣ буда, инфрасохтори он бо талаботи аҳолӣ, аз он ҷумла, қишри осебпазири ҷомеа (маъюбони модарзод ва онҳое, ки бо сабабҳои гуногун ба ин гурӯҳ шомил мебошанд) сохта ва ба истифода дода мешаванд [17,с.40-46].

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои Иттиҳоди Аврупо саёҳати дастрас ба чунин гурӯҳҳои аҳолӣ пешбинӣ мешавад:

Онҳое, ки дорои қобилияти ҳаракати маҳдуд буда ва ё аз ҳисоби шунавоию биниш танқисӣ мекашанд.

Шахсонае, ки иллати рӯҳӣ ва ақлӣ доранд.

Сайёҳоне, ки кӯдакони хурдсол доранд ва ба аробачаҳои махсус эҳтиёҷ доранд.

Шахсони солхӯрдаи ба хизмати махсус эҳтиёҷдошта.

Шахсоне, ки ба бемории қанди хун ва дигар бемориҳо гирифтор мебошанд [20].

Бо мақсади дар Тоҷикистон тақвият бахшидани хизматрасонии сайёҳии дастрас зарур аст, ки дар навбати аввал, заминаҳои ҳуқуқии он мустаҳкам гардонида шаванд. Дар

ин раванд муҳим ин аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ тағйирот бо ворид намуди мафҳуми «сайёҳати дастрас» даровarda шавад. Бо такя ба қонуни мазкур пешниҳод карда мешавад, ки дар давраҳои оянда барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии сайёҳӣ, ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

1.Таъсис додани сохтори нақлиётӣ ва меҳмонхонаҳо мувофиқ бо талаботи саёҳати бемонеа.

2. Рушди саёҳати иҷтимоӣ, дастгирии сайёҳоне, ки даромади пасти иқтисодӣ доранд, ташвиқи ҳамаҷонибаи саёҳати оилавӣ ва дигарон.

3. Дастгирии ҳамаҷонибаи ширкатҳои сайёҳие, ки ба рушди саёҳати дастрас кӯшиш менамоянд.

4. Сода гардонидани тартиби хариду-фурӯши чиптаҳо ва интихоби маҳсулоти туристӣ, инчунин, дигар намуди хизматрасониҳои сайёҳӣ барои қишри осебпазири ҷомеа.

Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки сайёҳӣ мафҳуми мураккаби иқтисодӣ буда, оид ба мазмун ва моҳияти он дар сарчашмаҳои илмӣ таърифи ягона мавҷуд нест. Бинобар сабаби рушди муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, сайёҳӣ ба соҳаи алоҳидаи ҳамгироии кишварҳо табдил ёфта, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо, ҳамчун робитаи фарҳанги миллатҳои дунё нақши калидӣ дошта метавонад.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки хизматрасонии сайёҳӣ бояд барои тамоми қишри ҷомеа новобаста аз мақоми шаҳрвандӣ ва вазъи иҷтимою иқтисодиашон дастрас ва бехатар бошад. Барои ин, мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии соҳаи мазкур зарур шуморида мешавад

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Иброҳимзода И.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Амонова Д.С. Основные направления развития туризма в контексте региональных особенностей Республики Таджикистан / Д.С. Амонова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия: общественных наук. -Худжанд, 2018. -№1. -С.52-59.
2. Балабанов, И.Т. Экономика туризма. Учебное пособие / И.Т. Балабанов, А.И. Балабанов. –М.: Финансы и статистика, 2003. -176 с.
3. Биржаков М.Б. Введение в туризм / М.Б. Биржаков. -М.- СПб: Герда, 1999. -308 с.
4. Бобоев Н.Д. Исторические аспекты формирования и развития туристических дестинаций в Республике Таджикистан / Н.Д. Бобоев // Вестник педагогического университета. Серия: Естественных наук. -Душанбе, 2022. -№4(16). -С.49-57.
5. Бойко А.Е. Системный подход к пониманию туризма как вида экономической деятельности / А.Е. Бойко // Известия Байкалького государственного университета. Серия социологических наук. -Иркутск, 2010. -№3. -С.81-84.
6. Винокуров М.А. Что такое туризм / М.А. Винокуров // Известия Байкалького государственного университета. Серия прочих социальных наук. -Иркутск, 2004. -№3. -С.1-9.; 19-24.
7. Квартальнов В.А. Туризм / В.А. Квартальнов. -М.: Финансы и статистика, 2002. -320 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ. –Душанбе, 7 августи соли 2020. -№1717.
9. Луғати русӣ-тоҷикӣ / Зери таҳрири М.С. Осимӣ. -М.: Русский язык, 1985. -1280 с.
10. Молдован А.А. Туризм: классификация и виды / А.А. Молдован // E-Scio. Серия: прочие социальные науки. -Саранск, 2022. -№7(70). -С.1-12.
11. Наимзода Н.Қ. Омӯзиши усулҳои менеҷменти сайёҳӣ дар шароити муосир / Наимзода Н.Қ., Ализода Н.Б. // Endless light in science. Серия: Экономические науки. -Нур-Султан, 2022. -С.48-55.
12. Папирян Г.А. Международные экономические отношения: маркетинг в туризме / Г.А. Папирян. -М.: Финансы и статистика, 2000. -206 с.
13. Пенкина Н.В. Туризм как система социальной практики: социально-философский анализ / Н.В. Пенкина, О.В. Чернявская // Вестник Московского городского педагогического университета. Серия философских наук. -М., 2021. -№4(40). -С.37-47.
14. Раҳимов Б.А. Хусусияти рушди экотуризм дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсилаи илмҳои табиӣ. -Душанбе, 2020. -№1-2(5-6). -С.61-64.
15. Сафаров С.К. Хусусиятҳои рушди соҳибкорӣ дар сайёҳӣ / С.К. Сафаров, Н.Ҳ. Табаров // Endless light in science. Серия экономика и бизнеса. -Нур-Султан, 2023. -С.110-112.
16. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037. -Душанбе аз 30 сентябри соли 2022. -№482. -С.32-33.
17. Трофимов Е.Н. Доступность туризма как национально-экономической категории / Е.Н. Трофимов // Высшее образование сегодня. Серия социологических наук. -М., 2015. -№5. -С.40-46.
18. Thesaurus on Tourism and Leisure Activities. -Madrid: WTO, 2001.

19. [Электронный ресурс]. URL: http:// ec.europa. eu/enterprise/ newsroom /cf/itemdetail.cfm?item_type=251&lang=en&item_id=6243.

## ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ САЙЁҲӢ

Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки аҳаммияти иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ бо таъсис додани инфрасохтори иҷтимоӣ ва роҳҳои муосиру замонавӣ барои сайру сайёҳати одамон ва дигарон зоҳир мегардад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки маблағгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба ташаккул ва рушди неруи инсонӣ дар кишвар таъсири мусбат расонида, ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардум метавонад мусоидат намояд. Инчунин, дар кишвар иқлими мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ мавҷуд буда, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффои он диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Ин аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид. Табиати мо имконияти мусоид барои рушди сайёҳи фароҳам овардааст.

**Калидвожаҳо**: туризм, сайёҳ, инфрасохтор, иқтисодиёт, ширкатҳои сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ, сайёҳони хориҷӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ РАЗРАБОТКА РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА

В своей статье автор рассматривает проблему туризма и отмечает, что социальная значимость туристической отрасли проявляется в создании социальной инфраструктуры и современных способов передвижения людей и других лиц. Самое главное, что финансирование в сфере туризма положительно влияет на формирование и развитие человеческих ресурсов в стране и может способствовать повышению уровня благосостояния людей. Также в стране существует благоприятный климат для развития туристической отрасли, а ее заоблачные горы, огромные ледники, озера и источники с прозрачной водой привлекают внимание иностранных туристов. Именно поэтому Основатель национального мира и единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Достопочтенный Эмомали Рахмон объявил 2018 год «Годом развития туризма и народных ремесел». Наша природа способствует развитию туризма.

**Ключевые слова**: туризм, путешествия, инфраструктура, экономика, туристические компании, туриндустрия, иносранные туристы.

## THEORETICAL DESIGN OF TOURISM DEVELOPMENT

In his article, the author examines the problem of tourism and notes that the social significance of the tourism industry is manifested in the creation of social infrastructure and modern methods of movement of people and other persons. Most importantly, tourism financing has a positive effect on the formation and development of human resources in the country and can help improve people's well-being. The country also has a favorable climate for the development of the tourism industry, and its sky-high mountains, huge glaciers, lakes and springs with clear water attract the attention of foreign tourists. That is why the Founder of national peace and unity, Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon, declared 2018 the “Year of the Development of Tourism and Folk Crafts.” Our nature has provided favorable opportunities for the development of tourism.

**Keywords:** tourism, travel, infrastructure, economy, travel companies, travel industry, foreign tourists.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солеҳзода Нилуфари Бозор*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и ихтисоси географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 550-37-93-93**. E-mail: **solehzodanilufar447@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Солехзода Нилуфари Бозор*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D по специальности экономическая география и туризм. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 550379393.** E-mail: **solehzodanilufar447@gmail.com**

**Information about the author:** ***Solehzoda Nilufari Bozor*** – Tajik National University, Ph.D student in economic geography and tourism. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 550-37-93-93.** E-mail: **solehzodanilufar447@gmail.com**

**ТДУ: 331.5 (1-925.3)**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ» ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Асоев Б.Х.*

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Рушди энергетикаи барқароршаванда дар давлатҳои Осиёи Марказӣ нобаробар мебошад. Баъзе давлатҳои минтақаи мазкур дорои имкониятҳои хуби истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия буда, баъзеи дигарашон роҳи «сабз»-и худро оғоз намудаанд.

Ба манбаъҳои «энергияи сабз» шамол, нури офтоб, ҷараёни об, гейзерҳо, сӯзишвории биологӣ дохил мешаванд. Бартарии ин гуна манбаъҳои энергия ба ғайр аз тамомнашаванда буданашон боз аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд. Тахмин меравад, ки «энергияи сабз» ба коҳиш додани таъсири манфии тамоюлҳои ҷаҳонӣ – урбанизатсия ва тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад [5,с.167-179].

Иқтидори калони Осиёи Марказӣ дар соҳаи «энергетикаи сабз» ба ҷалби харидорони эҳтимолӣ аз давлатҳои минтақаҳои дигар, ба монанди Осиёи Ҷанубӣ, Иттиҳоди Аврупо ва Федератсияи Россия шуруъ мегардад.

Гидроэнергетика манбаи асосии энергияи барқароршаванда дар Осиёи Марказӣ мебошад. Аммо истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ метавонад боиси тезу тунд гардидани муносибатҳо дар минтақаҳои наздимарзӣ гардад. Илова бар ин, аксар вақт ба манбаи гидроэнергетикӣ сиёсатмадорони минтақаи мазкур дар гузашта баҳои манфӣ медоданд, чунки онҳо бар ин назар буданд, ки вай ба муҳити зист ва дигар иншоотҳо таъсири манфӣ мерасонад. Сарчашмаи дигаре, ки дар Осиёи Миёна фаровон аст, энергияи офтобӣ мебошад. Бо ҳудудҳои васеи озод, захираҳои офтобӣ ва шамол, ки иқтидори онҳо дар ҳоли ҳозир амалан истифода нашудааст, имкон дорад, ки шумораи қатъи неруи барқ кам карда, камбизоатии энергетикӣ ва партовҳои зараровар ба муҳити зист кам карда шавад.

Дар Тоҷикистон ва Қирғизистон иқтидори бузурги гидроэнергетика мавҷуд аст, ки аллакай қисман истифода мешавад. Дар ҷануби Қазокистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон иқтидори калони энергияи офтобӣ мавҷуд аст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон якчанд минтакаҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати рушди энергетикаи бодӣ ба қатори беҳтарин минтақаҳои ҷаҳон шомил мебошанд.

«Энергияи сабз» яке аз он мавзуҳоест, ки то кунун таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст. Вале ҷанбаҳои назариявии рушди «энергияи сабз» дар давлатҳои Осиёи Марказӣ то ҳол ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки дар асоси маълумотҳо, таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷи кишвар ва мақолаҳои ба табъ расида мафҳуми рушди «энергияи сабз»-ро тариқи ҷадвал пешниҳод намоем.

**Ҷадвали 1. Мафҳумҳо оид ба рушди «энергияи сабз»**
**Table 1. Concepts for the development of "green energy"**

| Муҳаққиқон | Ақидаи олимон оид ба рушди «энергияи сабз» |
|---|---|
| Мишина Н.А., Котова Л.Г. ва дигарон | «Энергияи сабз» - ин қисми низоми истеҳсолкунандаи энергия мебошад, ки ба захираҳои табиии тамомнашаванда ё барқароршаванда асос ёфтааст [5,с.167-179]. |
| Ивановский Б.Г. | «Энергияи сабз» - ин технологияи коркарди энергия, ки барои то ба ҳадди ақал расонидани партовҳо, аз он ҷумла кам намудани газҳои гулхонаӣ ба муҳити атроф мебошад [2,с.58-78]. |
| Нагибина И.Ю. | Энергияи барқароршаванда ё тамомнашаванда, ки онро «энергияи сабз» низ меноманд – ин энергияе мебошад, ки аз манбаъҳои дар миқёси ҳаёти инсон тамомнашаванда ба даст меояд [10,с.101-104]. |
| Спиридонов Д. В. | «Энергетикаи сабз» - ин манбаъҳои энергияе мебошад, ки дар саросари ҷаҳон ба осонӣ дастрас карда мешаванд, аз ҷумла дар деҳот ва манотиқи дурдаст, ки умуман ба неруи барқ дастрасӣ надоранд [15,с.114-123]. |

| | |
|---|---|
| Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд | “Энергияи сабз” - ин афзоиши сармоягузориҳо ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҳиссаи онҳо дар сохтори истеҳсолот ва истеъмолот буда, ба коҳишёбии сармоягузорӣ, ба намуди сӯзишвории истихроҷшаванда ва коҳиши ҳатмии гази карбон ва дигар газҳои гулхонаӣ мусоид мебошад. |
| Б а ақидаи муаллиф | «Энергияи сабз» - ин энергияе мебошад, ки аз захираҳои табиии барқароршаванда ва тамомнашаванда истеҳсол гардида, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзон мебошад. |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси таҳлилу омӯзишҳо аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст

Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ энергияи барқароршаванда нобаробар рушд карда истодааст. Баъзе давлатҳо фаҳмидаанд, ки истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои онҳо имкониятҳои хуби рушдро таъмин мекунад, аз ин лиҳоз, ба ин масъала диққат медиҳанд, дар ҳоле ки баъзеи дигар роҳи «сабз»-и худро нав оғоз кардаанд.

Масалан, дар Қазоқистон ба ин масъала солҳои зиёд таваҷҷуҳи кофӣ дода мешавад, дар Ӯзбекистон низ дар соҳаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) корҳои фаъол ба роҳ монда шудааст, дар Тоҷикистон ва Қирғизистон асосан ба гидроэнергетика таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад; дар ҳоле ки дар Туркманистон ба соҳаи энергетикаи алтернативӣ танҳо дар солҳои охир таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда истодааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи рушди «энергияи сабз» дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мақсади асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки дар мақолаи илмии худ имкониятҳои рушди «энергияи сабз»-и ҳар як давалти минтақаи Осиёи Марказиро дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ намоем.

**Ҷумҳурии Қазоқистон.** Қазоқистон яке аз калонтарин давлати Осиёи Марказӣ буда, барои рушд додани энергияи барқароршаванда тамоми шароитро дорад ва Ҳукумати мамлакат инро кайҳо дарк кардааст. Дар Қазоқистон қонун дар бораи дастгирии рушди лоиҳаҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҳанӯз соли 2009 қабул карда шуда буд. Аввалин неругоҳи бодӣ дар Қазоқистон 12 сол пеш сохта шуда буд. Инчунин, дар соли 2013 дар ҷумҳурӣ консепсияи гузариш ба иқтисоди «сабз» қабул карда шуд [12].

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Қазоқистон захираҳои истихроҷи энергетикии нисбатан арзон дорад, ки дар ин бобат қисми зиёди соҳаи энергетика (то 70%-и неруи барқ) ба он рост меояд. Аммо то соли 2060 Ҳукумати мамлакат мақсад дорад, ки бо роҳи тадриҷан вобастагӣ аз ангишт ва коҳиш додани гази карбон ба атмосфера ноил шавад: то соли 2030 ҳиссаи истеҳсоли ангишт дар тавозуни энергетикии Ҷумҳурии Қазоқистон то 40% коҳиш дода мешавад. То худи ҳамон сол мақсад гузошта шудааст, ки ҳиссаи МБЭ аз 3%-и мавҷуда ба 15% ва то соли 2050 ба 50% расонида шавад [9].

Ҳарчанд гидроэнергетика дар байни МБЭ дар тавозуни энергетикии кишвар пешсаф аст, Қазоқистон дорои иқтидори бузурги энергияи офтобӣ мебошад, ки дар минтақа аз дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ зиёд мебошад. Дурнамои рушди энергияи шамолӣ низ калонанд. Дар мамлакат биоэнергетика на онқадар суръати рушд дорад. Дурнамои истеҳсоли водороди (гидрогенӣ) «сабз» он қадар хуб нест.

Дар соли 2021 дар Ҷумҳурии Қазоқистон 12 иншооти манбаъҳои барқароршавандаи энергия бо иқтидори умумии 385 МВт ба истифода дода шуда, сол 2022 бошад ба истифода додани 15 иншоот дигар дар назар буд. Самараи ин Консепсия буд, ки дар соли 2022 ҳиссаи манбаҳои барқароршавандаи энергия дар истеҳсоли неруи барқ 20% афзоиш ёфт. Ҳамчунин, дар назар аст, ки дар ҳамкори бо ширкати Masdar-и Аморати Муттаҳидаи Араб дар Қазоқистон як неругоҳи бузурги шамолӣ баъд аз соли 2025 сохта шавад [7,с.13].

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон.** Гарчанде Ҷумҳурии Ӯзбекистон захираҳои истихроҷии энергетикии кофӣ, бахусус гази табиӣ дорад, дар кишвар энергияи барқароршаванда фаъолона рушд карда истодааст. Дар тавозуни энергетикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, энергияи офтобӣ ҳиссаи худо гузошта истодааст. Дар соли 2019 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қонун «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул карда шуд. Қонуни мазкур барои рушди соҳа, аз ҷумла таҳияи лоиҳаҳо ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ замина гузошт. Ӯзбекистон, сераҳолитарин давлати Осиёи Марказӣ буда, мақсад

дорад то соли 2030, 25%-и талаботи худро бо неруи барқ аз манобеи барқароршавандаи энергия таъмин намояд.

Соли 2022 дар ҳамкорӣ бо ширкати фаронсавии Total Eren дар вилояти Самарқанд як неругоҳи фотоэлектрикӣ бо иқтидори 100 МВт сохта ба истифода дода шуд. Нахустин чунин неругоҳ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби ширкати Masdar-и Аморати Муттаҳидаи Араб соли 2021 дар вилояти Навоӣ ба кор андохта шуда буд. Ин ширкати арабӣ мақсад дорад, то охири соли 2023 дар вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах ва Сурхондарё сохтмони боз се неругоҳи офтобиро бо иқтидори умумии 900 МВт ва арзиши тақрибан 1 миллиард доллари ИМА ба анҷом расонад.

Дар маҷмуъ, дар соли 2023 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба кор андохтани ҳафт неругоҳи нав: аз қабили як неругоҳи барқи ҳароратӣ, як неругоҳи барқи шамолӣ, се неругоҳи барқи офтобӣ ва ду неругоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 2910,6 МВт пешбинӣ шудааст. Соли 2022 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчунин 7 неругоҳи нав бо иқтидори 1474 МВт сохта ба истифода дода шудааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки то охири соли 2024 ширкати Masdar-и Аморати Муттаҳидаи Араб низ дар вилояти Бухоро як неругоҳи офтобии 250 МВт бунёд кунад. Ба ғайр аз ин, консорсиуми GD Power неругоҳи офтобиро дар вилояти Намангон бо иқтидорӣ 150 МВт ва ширкати Voltalia SA дар вилояти Хоразм бо иқтидори 100 МВт сохта ба истифода медиҳанд. Ба истифода додани неругоҳҳои мазкур танҳо дар соли 2024 пешбинӣ шудааст. Инчунин, ширкати Masdar-и Аморати Муттаҳидаи Араб дар минтақаи Навоӣ як неругоҳи бодӣ бо иқтидори 500 МВт бунёд хоҳад кард, ки бузургтарин лоиҳа дар Осиёи Марказӣ хоҳад буд ва он то охири соли 2024 ба истифода дода мешавад [4,с.7].

**Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика дорои иқтидори бузургест, ки дар байни давлатҳои минтақа баландтарин аст. Иқтидори захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ соле 527 млрд. кВт*соат ҳисоб карда мешавад. 98%-и неруи барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар НБО истеҳсол карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати истеҳсоли «энергияи сабз» дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад [12,с.21-24]. Ҳатто соли 2022 рекорди истеҳсоли неруи барқ дар Тоҷикистон сабт шуда буд. Дар 30 соли охир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 287 неругоҳи хурду бузурги обӣ, 50 зеристгоҳ сохта, инчунин, 75%-и инфрасохтори энергетикӣ бозсозӣ карда шудааст. Инчунин, яке аз навгониҳои бузург дар бозори неруи барқи Тоҷикистон дар соли 2020 ба истифода додани бузургтарин неругоҳи барқи офтобӣ мебошад, ки айни замон баландтарин дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Ин неругоҳи офтобӣ бо тавоноии 180 кВт*соат неруи барқ дар ноҳияи Мурғоб гузошта шудааст. Неругоҳи барқи офтобӣ барои тақвияти тавоноии неругоҳи барқи обии «Тоҷикистон» насб шуд, ки 1,5 мегаватт неруи барқ ҳосил мекунад. Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ энергетикаи офтобу шамол инкишоф ёфта истоддаст, инчунин, дар ин самт дар соҳаи энергетикаи геотермалӣ ва биоэнергетика тадбирҳо пешбинӣ карда шудаанд [1].

**Ҷумҳурии Қирғизистон.** Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ пас аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунад, дар кишвар якчанд неругоҳҳои барқии обӣ кор мекунанд, вале танҳо 10% иқтидор истифода мешаваду халос. Дар сурати хушксолӣ давлате, ки аз неруи барқи обӣ низ вобаста аст, бояд навъҳои дигари манбаъҳои алтернативии энергияро таҳия кунад. Мутобиқи пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, дар ҷумҳурӣ мушкилоти рушди «энаргияи сабз» вуҷуд дорад, ва барои ҳалли ин мушкилот ҷалби сармоя зарур аст. Дар вилояти Иссиқ-кӯл нахустин неругоҳи бодӣ дар Қирғизистон бо иқтидори 100 МВт ва бунёди нахустин неругоҳи офтобӣ бо иқтидори 300 МВт низ оғоз шудааст. Соли 2023 Ҷумҳурии Қирғизистон бо ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар бораи сохтмони муштараки НБО Қамбарота-1 созишнома ба имзо расониданд ва пас аз анҷоми бомуваффақият, он ба бузургтарин неругоҳи барқи обии ҷумҳурӣ табдил хоҳад ёфт [3,с.5-6].

**Ҷумҳурии Туркманистон.** Ҷумҳурии Туркманистон дар содироти газ ва неруи барқ, ки асосан аз гази табиӣ тавлид мешавад, дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Соли 2022 барномаи президентӣ оид ба рушди иҷтимоӣ - иқтисодии Туркманистон барои солҳои 2022-2028 тасдиқ шуда буд, ки дар чаҳорчӯбаи он

ҷумҳурӣ ба васеъ ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар оянда, аз ҷумла ба роҳ мондани истеҳсоли дохилии панелҳои офтобӣ пешбинӣ шуда буд.

Ширкати туркии Çalik Enerji Sanayi ve Ticaret A.S то соли 2024 дар Ҷумҳурии Туркманистон як неругоҳи гибридии офтобӣ-бодии иқтидораш 10 МВт-ро сохта ба истифода медиҳад. Барои сохтмони неругоҳ 25 млн. дол. ҳамчун қарз аз ҷониби Фонди рушди Абу-Даби пешбинӣ шудааст. Соли 2022 Ҷумҳурии Туркманистон бо ширкати Masdar-и Аморати Муттаҳидаи Араб оид ба бунёди неругоҳи фотоэлектрикии офтобии иқтидораш 100 МВт созишнома ба имзо расонида буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Туркманистон нақша дорад, ки ба соҳаи энергетикаи водородӣ маблағгузорӣ кунад [10].

Ҳамин тариқ, дар ҳама давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ стратегияи рушди иқтидори энергетикӣ таҳия шудаанд, аммо ба истисноӣ ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон, татбиқи онҳо ҳанӯз пурра амалӣ нашудааст. Дар шароити идомаи бухрони энергетикӣ, рушди «энергияи сабз» ба давлатҳои Осиёи Марказӣ барои қонеъ кардани талаботи афзояндаи неруи барқ, инчунин пешгирӣ аз таъсири манфии истифодаи захираҳои истихроҷшавандаи энергеетикӣ ба муҳити зист мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, баъд аз таҳлилу баррасии мақолаи мазкур чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст:

1. Минтақаи Осиёи Марказӣ дорои иқтидори бузурги «энергетикаи сабз» буда, ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳо ва барномаҳои қабулгардида дар давлатҳои минтақаи мазкур иқтисодиёти онҳо рушд карда, инчунин ба ҷалби харидорони эҳтимолӣ аз давлатҳои минтақаҳои дигар, ба монанди Осиёи Ҷанубӣ, Иттиҳоди Аврупо ва Федератсияи Россия шуруъ мекунанд.

2. «Энергияи сабз» - ин энергияе мебошад, ки аз захираҳои табиии барқароршаванда ва тамомнашаванда истеҳсол гардида, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзон мебошад.

3. Самараи Консепсия оид ба гузариши Ҷумҳурии Қазоқистон ба «иқтисодиёти сабз» буд, ки дар соли 2022 ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар истеҳсоли неруи барқ 20% афзоиш ёфт.

4. Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути ҳамкориҳои беруна ва бастани созишномаву шартномаҳои тарафайн бо ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ то соли 2024 сохтмони неругоҳҳои барқии зиёдро бунёд хоҳад кард, ки ҳамаи ин неругоҳҳо, неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзонро истеҳсол мекунанд.

5. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои пешсаф дар миқёси минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба истеҳсоли «энаргияи сабз» мебошад, ки гуфтаҳои боло нишонаи он аст.

6. Мутобиқи пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон, дар ҷумҳурӣ мушкилоти рушди «энаргияи сабз» вуҷуд дорад ва барои ҳалли ин мушкилот ҷалби сармоя зарур аст, ки созишномаҳо ва шартномаҳои басташуда метавонанд мусоидат кунанд.

7. Ҷумҳурии Туркманистон метавонад тавассути барномаҳои қабулгардидаи дохилӣ ва ҳомкориҳо бо ширкатҳои хориҷи «энергияи сабз»-ро дар ҷумҳурӣ рушд диҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Норов Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Асоев, Б.Х. Развитие интеграционных процессов на рынке электроэнергетики стран Центральной Азии / Б.Х. Асоев // Экономика и предпринимательство. – 2021. -№1(126). -С.228-231.
2. Асоев, Б.Х. Асосҳои илмии ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ / Б.Х. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020.-№9. -С.239-243.
3. Асоев, Б.Х. Энергетическая база рынка электроэнергетики стран Центральной Азии / Б.Х. Асоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/8. -С.90-93.
4. Баландтарин неругоҳи барқи офтобии ҷаҳонро дар Тоҷикистон сохтанд. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.ozodi.org/a/30944929.html (санаи дастрасӣ 13.04.2023).
5. «Зеленая» энергетика в системе мировой экономики: опыт разных стран, современное состояние и перспективы / Н.А. Мишина, Л.Г. Котова, Д.К. Смирнова, А.С. Носкова // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Общественные науки. - 2022. -№2. -С.167-179.
6. Ивановский Б.Г. Проблемы и перспективы перехода к «зеленой» энергетике: опыт разных стран мира / Б.Г. Ивановский // Экономические и социальные проблемы России. - 2022. -№1. -С.58-78.

7. Исайнов, Х.Р. Инновационная модернизация на рынке электроэнергетики стран Центрально-Азиатского региона / Х.Р. Исайнов, Б.Х. Асоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2021. -№2. -С.13-20.
8. Концепции развития малой гидроэнергетики Кыргызской Республики до 2017 года. [Постановлением Правительства Кыргызской Республики от 20 июля 2015 года № 507]. -Бишкек, 2015. -11 с.
9. Концепция развития гидроэнергетической отрасли Республики Узбекистан на 2020-2024 годы. -13 с.
10. Нагибина И.Ю. Проблема развития Российской Федерации в области «зеленой» электроэнергии / И.Ю. Нагибина // Материалы Всероссийской научно-практической конференции с международным участием. –Омск, 2020. -С.101-104.
11. Отчет - анализ рынка электроэнергии и угля Казахстана 2019 года. Департамент «Развитие рынка». Январь - 2023. -24 с.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе: Шариқи озод, 2022. –С.21-24.
13. Программа развития электроэнергетики до 2030 года [Постановление Правительства Республики Казахстан от 9 апреля 1999 года № 384].
14. Программы Президента Туркменистана по социально-экономическому развитию страны в 2022–2028 годах.
15. Спиридонов Д.В. Современный взгляд на «зеленую» энергетику в контексте экологической безопасности / Д.В. Спиридонов // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина. Серия. Энергетика и рациональное природопользование. - 2022. -№5. -С.114-123.
16. Указ Президента Республики Казахстан от 30 мая 2013 года №577 «О Концепции по переходу Республики Казахстан к «зеленой экономике». [Электронный ресурс]. URL: https://adilet.zan.kz/rus/docs/ T 1300000577 (дата обращения: 03.04.2023 г.)

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ» ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва заминаҳои рушди «энергияи сабз» дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди энергетикаи барқароршаванда дар давлатҳои Осиёи Марказӣ нобаробар мебошад. Баъзе давлатҳои минтақаи мазкур дорои имкониятҳои хуби истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия буда, баъзеи дигарашон роҳи «сабз»-и худро оғоз намудаанд. Ба манбаъҳои «энергияи сабз» шамол, нури офтоб, ҷараёни об, гейзерҳо, сӯзишвории биологӣ дохил мешаванд. Бартарии ин гуна манбаъҳои энергия ба ғайр аз тамомнашаванда буданашон, боз аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд. Тахмин меравад, ки «энергияи сабз» ба коҳиш додани таъсири манфии тамоюлҳои ҷаҳонӣ – урбанизатсия ва тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад. Муаллиф баъд аз омӯзиши ақидаҳои олимони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мафҳуми «энергияи сабз»-ро чунин таъриф додаст. «Энергияи сабз» - ин энергияе мебошад, ки аз захираҳои табиии барқароршаванда ва тамомнашаванда истеҳсол гардида, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзон мебошад. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси таҳлилу баррасии маълумотҳои оморӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шартномаву созишномаҳои басташуда байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳо, инчунин донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявию қарзӣ заминаҳои рушди «энергияи сабз»-ро дар давлатҳои минтақаи мазкур дар алоҳидагӣ нишон додааст.

**Калидвожаҳо:** энергияи сабз, рушд, давлатҳои Осиёи Марказӣ, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, энергияи офтоб, шамол, маводҳои биологӣ.

## ОСНОВНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ ЭНЕРГИИ» В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В данной статье анализируются и обсуждаются основные предпосылки развития «зеленой энергии» в странах Центральной Азии. Следует отметить, что развитие возобновляемой энергетики в странах Центральной Азии протекает неравномерно. Некоторые страны данного региона имеют уникальные возможности для использования возобновляемых источников энергии, а другие только-только встали на «зеленый» путь. К источникам «зеленой энергии» относятся ветер, солнечный свет, водные потоки, гейзеры и биотопливо. Преимущество таких источников энергии в том, что они не только неисчерпаемы, но и экологичны. Считается, что «зеленая энергетика» поможет уменьшить негативные последствия глобальных тенденций - урбанизации и изменения климата. Изучив мнения ученых различных экономических школ, автор определил понятие «зеленая энергия» следующим образом: «зеленая энергия» - это энергия, произведенная из возобновляемых и неисчерпаемых природных ресурсов, которая является экологически чистой и экономически дешевой. Также в данной статье на основе анализа и обзора статистических данных, нормативно-правовых документов, контрактов и соглашений, заключенных между государствами Центральной Азии и другими государствами, а также донорами и международными финансово-кредитными организациями, рассмотрены и представлены отдельно основы развития «Зеленой энергии» в странах данного региона.

**Ключевые слова:** зеленая энергия, развитие, страны Центральной Азии, возобновляемые источники энергии, солнечная энергия, ветер, биологические материалы.

## MAIN PREREQUISITES FOR THE DEVELOPMENT OF “GREEN ENERGY” IN CENTRAL ASIA COUNTRIES

This article analyzes and discusses the main prerequisites for the development of “green energy” in the countries of Central Asia. It should be noted that the development of renewable energy in the countries of Central Asia is uneven. Some

countries in the region have unique opportunities to use renewable energy sources, while others have just embarked on a "green" path. Sources of green energy include wind, sunlight, water flows, geysers and biofuels. The advantage of such energy sources is that they are not only inexhaustible, but also environmentally friendly. It is believed that "green energy" will help reduce the negative consequences of global trends - urbanization and climate change. Having studied the opinions of scientists from various economic schools, the author defined the concept of "green energy" as follows: "green energy" is energy produced from renewable and inexhaustible natural resources, which is environmentally friendly and economically cheap. Also in this article, based on the analysis and review of statistical data, legal documents, contracts and agreements concluded between the states of Central Asia and other states, as well as donors and international financial and credit organizations, the fundamentals of the development of "Green Energy" are considered and presented separately. in the countries of this region.

**Keywords:** green energy, development, Central Asian countries, renewable energy sources, solar energy, wind, biological materials.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Асоев Баҳодур Хайридинович*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт. **Суроға:** 735140, ш. Кӯлоб, Ҷумхурии Тоҷикистон, маҳаллаи Борбад. E-mail: **asoev_86@bk.ru**. Телефон: **(+992) 985-24-70-82**

**Сведения об авторе:** ***Асоев Баходур Хайридинович*** – Институт технологий и инновационного менеджмента города Куляба, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономики. **Адрес**: 735140, г. Куляб, Республика Таджикистан, уллица Борбада. E-mail: **asoev_86@bk.ru**. Телефон: **(+992) 985-24-70-82**

**Information about the author:** ***Asoev Bahodur Khairidinovich*** – Institute of Technology and Innovation Management of the City of Kulyab, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Economics. **Address:** 735140, Kulob,Republic of Tajikistan, st. Borbad. E-mail: **asoev_86@bk.ru.** Phone: **(+992) 985-24-70-82**

ТДУ: 33

# ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚА

***Фаёзова М.А.***

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро, пеш аз ҳама, аҳолие муайян менамоянд, ки дар ҳудуди он кору зиндагӣ мекунад. Сатҳ ва сифати зиндагӣ, некуаҳволӣ ва рушди саноат бештар аз қобилияти меҳнатии аҳолӣ вобаста мебошад. Зарур аст, ки иқтидори меҳнатӣ пай дар пай зиёд гашта, бояд захираҳои ташаккул таъмин шавад, зеро ба ин омил рушди муътадили соҳаҳои иқтисодиёт вобаста мебошад.

Дар шароити муосир арзёбии ҷанбаҳои гуногуни иқтидори меҳнатӣ аҳаммияти махсус дорад. Аз нуқтаи назари институтсионалӣ, масъалаҳои асосӣ сатҳи донишу маърифат ва маҳорати коргарон мебошанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир зарурати таҳияи равиши консептуалӣ, ки имконият ва дурнамои рушди иқтидори меҳнатиро дар заминаи тадбирҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлату минтақа амалӣ мекунанд, ба миён меояд.

Яке аз тамоюли нисбатан нави консептуалии таҳқиқи иқтидори меҳнатии минтақа ва хусусиятҳои рушди бозори меҳнатӣ дар он ин самти назариявии нави институтсионалӣ баромад мекунанд. Методологи асосии ин самт Н.Дуглас дар яке аз асарҳои маъруфи худ қайд менамояд, ки “аллакай дар таҳқиқоти аввалини худ, ки дар якҷоягӣ бо Лэнс Дэвис ва Роберт Томас навишта будем, ман институтҳоро ҳамчун калиди дарки иқтисод дидам, зеро онҳо сохтори ҳавасмандкунии иқтисодиро эҷод мекунанд. Илова бар ин, ман асосҳои мавҷудияти иқтисодҳоеро, ки аз институтҳо иборатанд, ангезаҳои рукуд ва таназзулро ба вуҷуд меоранд, омӯхтам” [1,с.8].

Иқтисодшиноси ватанӣ Шокиров Р.С. дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки “институтҳо – ин “қоидаҳои бозӣ” дар ҷамъият ё агар нисбатан дар шакли қолабӣ, чаҳорчӯбаҳои маҳдудкунандаи аз ҷониби одамон офарида мебошанд, муносибати мутақобилаи байни одамонро ташкил мекунанд” [2,с.64]. Ин таъриф маънои зерин дорад:

1. Онҳо “қоидаҳои бозӣ” ҳастанд.

2. Ин чаҳорчӯбаҳои маҳдудкунанда барои одамон мебошанд. Меъёрҳои дигаре низ мавҷуданд, ки институтҳоро муайян мекунанд. Онҳо ду вазифаро иҷро мекунанд: ҳамоҳангсозӣ ва тақсимкунанда. Ғайр аз ин, институтҳо ба субъектҳои мубодила омил ва зиддиомил дода метавонанд. Асоси институтҳо инфиродигароии методологӣ мебошад, ки мавҷудияти ду фард – фурӯшанда ва харидорро дар раванди мубодила ифода мекунад. Ба сари худ ё худ ба худ технология институт буда наметавонад, вале вақте мо технологияҳои хариду фурӯшро баррасӣ мекунем, он институт аст.

Схемаи ба миён омадани рафтори муайян намуди зерин дорад: қоидаҳо-ҳуқуқ-рафтор. Ба фикри мо, чунин схема бо сабабҳои зерин содакарда мебошад:

1. Агар қоидаҳо дар қонунҳои ҳуқуқ инъикос ёбанд, пас онҳо қоидаҳои рафторро усулан ё асосан муайян мекунанд.

2. Дар ташкилотҳо роҳбарон қоидаҳои дигарро муқаррар мекунанд, ки ба қонун такя мекунанд, вале махсусияти худи ташкилотро ба назар мегиранд. Ба ин сабаб, схемаи рафтор тағйир меёбад: қоидаҳои пойгоҳӣ – ҳуқуқ – ташкилот – қоидаҳои хусусӣ – рафтор.

Қайд кардан зарур аст, ки раванди рушди институтҳои бозори меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо гузаришро аз як амсила ба амсилаи дигар (гузариш ба муносибатҳои бозорӣ), балки тағйир ёфтани амсилаи иқтисодиётро дар асоси тағйироти глобалии дар онҳо рӯйдиҳанда пешбинӣ мекунад. Фаъолона ҷорӣ намудани иқтисодиёти сабз, ки тағйирёбии технологияҳоро дар истеҳсолот пешбинӣ мекунад, яке аз омилҳое мебошад, ки ба тағйироти институтсионалӣ таъсир мерасонад.

Омили муҳим дар ташаккул ва рушди институтсионалии иқтидори меҳнатӣ ва бозори меҳнатии минтақа, муҳити институтсионалӣ баромад мекунад. Оливер Итон Уилямсон се сатҳи таҳқиқи институтҳоро муайян мекунад: фард, созишномаи институтсионалӣ ва муҳити институтсионалӣ. Байни онҳо алоқаи зичи мутақобила мавҷуд аст, ки дар натиҷаи

инфиродгароии методологӣ пайдо мешавад. Онро дар расми 1, пайгирӣ кардан мумкин аст.

**Расми 1. Ҳамкории мутақобилаи фард ва институтҳо**
**Figure 1. Mutual cooperation of individuals and institutions**




Ба ақидаи мо, институтҳо маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мебошанд, ки фаъолияти одамонро маҳдуд ва сохторбандӣ мекунанд ва механизмҳои амалигардонии худро доранд. Дар ин таъриф хусусиятҳои зерин ҳаст:

1.Институт маҷмуи қоидаҳои расмию ғайрирасмист. Қоидаҳо чун як қисми таърифи институт ҳадди ақал ба ду нафар татбиқ мешаванд. Як инсон дар ин ҷо истисно мешавад. Қоидаҳо на ҳамеша институтро ташаккул медиҳанд.

2.Онҳо фаъолияти одамонро сохторбандӣ мекунанд. Онҳо механизми амалигардонии худро доранд.

Агар институтҳо қоида бошанд, пас ташкилотҳо бозигароне мебошанд, ки ин қоидаҳоро тағйир медиҳанд. Вале нақши бозигарон бо ҳамин ба охир намерасад. Дуглас Норт аввал исбот мекунад, ки асоси тағйироти институтсионалӣ механизми нарх аст, сипас қайд менамояд, ки ташкилотҳо бо он сабаби одӣ, ки қоидаҳои навро ба вуҷуд меоранд, асоси ин тағйиротанд. Қайд кардан зарур аст, ки ташкилот низ институт буда метавонад.

Бо назардошти таҳлили хусусиятҳои иқтисоди бозорӣ ва ташаккули иқтидори меҳнатӣ дар минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд кардан зарур аст, ки дар ин шароит “бозори меҳнат дутарафа” ташаккул меёбад. Мафҳуми “бозори дугонаи меҳнат” аввалин бор ба илми иқтисод аз ҷониби Э. Гидденс ворид карда шудааст ва он ду сатҳро: ибтидоӣ ва дуюмдараҷа доро мебошад. Ба андешаи ӯ, дар бозори ибтидоӣ неруи баландихтисоси меҳнатии коргарон ба кор қабул карда мешавад, ки дар он ҷо низоми пардохти музди меҳнат баланд, имконияти ихтисос хуб бо шароити хуби корӣ (таълим, бастаи иҷтимоӣ, кафолати таъминот ва ғайра) мавҷуд аст [3]. Дараҷаи дуюм киро кардани қувваи кориро дар назар дорад, ки дар он ҷо бартариҳои бозори ибтидоӣ вуҷуд надоранд.

Иқтисоди пинҳонӣ камбудии асосии иқтисоди бозорӣ буда, боиси пайдоиши шуғли ниҳонии неруи корӣ дар бозори меҳнат мегардад. Дар зери мафҳуми машғули ниҳонӣ одатан шуғли иқтидори меҳнат фаҳмида мешавад, ки бидуни бақайдгирии шартномаҳои меҳнатӣ, қарордодҳо аз ҷониби ширкатҳои мухталиф ва корхонаҳои ҳунармандӣ бидуни қайди дахлдор амал мекунанд [4,с.47].

Ҳамин тавр, асосҳои институтсионалии ташаккул ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ қисми таркибии низоми иқтисоди муосир буда, хусусияти рушди онро пешакӣ муайян мекунад. Албатта, асосҳои институтсионалии ташаккул, истифода ва идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа бо идоракунии иқтидори меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якхела ва монанд мебошанд. Имрӯз як қатор қонунҳо, фармонҳо ва санадҳои меъёрӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки идоракунии иқтидори меҳнатиро дар минтақа танзим мекунанд.

Таҷрибаи идоракунии иқтисодиёти минтақа нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, сохторҳои хоҷагӣ озодии муайяни амал ба даст оварда, ба шароити механизми бозорӣ мустақилона мутобиқ шуда натавонистанд. Дар ин бобат олими хориҷӣ Б.З. Милнер қайд менамояд, ки “хусусигардонӣ дар муддати кӯтоҳ ва ба таври оммавӣ саҳомикунонии корхонаҳо ва маҷмааҳои истеҳсолӣ боиси ба вуҷуд омадани субъектҳои иқтисодии ғайридавлатӣ, вале на бозоргонӣ шуд, ки аз як тараф, кӯшиш мекунанд, то фоидаи худро ҳадди аксар зиёд намоянд ва аз тарафи дигар, то ҳол фишорҳои назарраси маҳдудкунандаи бозорро аз сар мегузаронанд” [5,с.246].

Илова бар ин, дар қисми муайян ва хеле зиёди роҳбарон ва саҳмдороне, ки бойшавии ҳозираро талош мекунанд, ҳуввияти бозорӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дар тамоми

марҳилаи ибтидоии ташаккули иқтисоди бозорӣ давлат дар танзими равандҳои ҷорӣ нақши муҳим мебозад.

Я.Корнаи тамоман ақидаи муқобилро пешниҳод менамояд. Ба фикри ӯ, гузариш аз низоми фармонфармоию маъмурӣ ба низоми бозорӣ бояд ба таври табиӣ сурат гирад, зеро таҳкурсии боэътимоди иқтисоди бозорӣ (капитализм) дар муддати дароз фаъолияти онро таъмин мекунад [6,с.55].

Ба ақидаи мо, сармояи инсонӣ яке аз омили муҳимми рушди бозори меҳнат, хусусан иқтидори меҳнатии минтақа ба шумор меравад. Сармояи инсонӣ муносибати тиҷоратии шахсро бо муҳити иқтисодӣ инъикос мекунад ва бояд мисли ҳама гуна захираҳои дигар вазифаи ҷалби даромадро иҷро намояд. Мувофиқан, сармояи инсонӣ давраи муайяни такрористеҳсолкуниро дорад ва дар асоси ин изҳорот, мафҳуми категорияи «сармояи инсонӣ»-ро ҳамчун захираҳои молиявӣ чунин муайян намудан мумкин аст: Сармояи инсонӣ маҷмуи номаҳдуди қобилият, захираи дониш, малака ва маҳоратҳои бадастомадаи шаҳрвандоне мебошад, ки дар кишвар сарфи назар аз шаҳрвандӣ кору зиндагӣ мекунанд ва ба ин давлат даромад меорад, ки дар афзоиши иловагии ММД-и кишвар ифода меёбад, мебошад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳои ғайрирасмии сармояи инсонӣ, нисбат ба шакли расмии онҳо устувории бештар доранд.

Бояд қайд намуд, ки ин маънои ноустувории қонунгузориро надорад, балки ташаккул ёфтани онро дар асоси институтҳои ғайрирасмӣ мефаҳмонад. Дар назарияи нави институсионалии иқтисодӣ айнан ҳамин муқарраротяке аз тамоюлотҳои муҳимми иқтисодии ҷаҳони муосир мебошад. Дар ҳақиқат институтҳои ғайрирасмӣ, метавонанд бо мурури замон ба институтҳои расмӣ табдил ёбанд. Ин дар асарҳои Норд Дуглас бараъло исбот карда шуда буд. Тавре, ки ӯ қайд менамояд, “институтҳо шакли худро ҳамеша иваз мекунад, то ки муҳити самараноки институтсионалӣ ташаккул ёбад” [7,с.64].

Дуглас Норт ин ҷараёнро раванди тағйирёбии институтсионалӣ номида, асоси онро дар ташаккулёбии институтҳои нав ва аз байнравии шакли кӯҳнаи онҳо мебинад. Асоси ташаккулёбии институтҳои нав, институтҳои кӯҳна мебошанд ва айнан дар муқоисаи онҳо шакли нави институтҳо ташаккул меёбад. Дар ин раванд табдилёбии институтҳои ғайрирасмӣ ба расмӣ низ мавқеъи хосса дорад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки дар ташаккулёбии институтҳои сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди табдилёбии институтҳои ғайрирасмӣ ба шакли расмии онҳо ба назар мерасад, зеро устувории онҳо дар ташаккулёбии шахс бештар мебошад. Мисоли ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” мебошад. Асоси ин институти расмиро институтҳои ғайрирасмӣ ташкил мекунанд.

Боз як далели устувории институтҳои ғайрирасмии сармояи инсонӣ дар таъсири волидайн ба ташаккулёбии шахсияти фарзанд мебошад. Ин масъала чунин ба миён меояд: Якум, аз рӯйи урфият интихоби касби фарзанд бо маслиҳати волидайн ҷараён мегирад, дар холатҳои хеле кам, фарзанд мустақилонаояндаи фаъолияти касбии худро интихоб менамояд. Афзалияти ин омил дар он аст, ки волидайн нисбат ба фарзанд ахбороти бештар оид баояндаи бозори меҳнат дошта бошанд ва аз рӯйи пешгӯикунии худ интихоби касби фарзандро муайян намояд. Аммо, ин омил ҷанбаи манфӣ низ дорад, ки дар ба инобат нагирифтани имконият ва лаёқияти фарзанд дар ташаккулёбии касбӣ дарҷ мегардад. Бештари холатҳо волиядайн касб ва фаъолиятиояндаи фарзанди худро муайян месозанд, аммо лаёқият, маҳорат ва тавоноии онҳо дар ин ё он соҳаи фаъолияти касбӣ аз ҷониби онҳо ба инобат гирифта намешавад. Ин сабаби пастравии самаранокии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиш дорад, аммо он бештар ба давлатҳои хориҷӣ ихроҷ (отток) шуда истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар самти маориф таваҷҷуҳи аҳолии мамлакат зиёд шуда истодааст. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 69,3 нафар донишҷӯён таҳсил намуда бошанд, дар шароити кунунӣ шумораи онҳо ба 239,5 нафар расидааст. Аз ин ҳиссаи донишҷӯён дар ҳаҷми умумии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ низ шаҳодат медиҳад. Дар соли 2021 ҳиссаи донишҷӯён нисба ба хатмкунандагони

мактабҳои туҳсилоти умумӣ 10,9% ташкил намуд, ки дар соли 1991 ин нишондиҳада ҳамагӣ ба 5,8% баробар буд.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Indicators of the development of education in the Republic of Tajikistan**

| № | Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2000 | 2010 | 2021 | 2021 дар % нисбат ба 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи аҳолӣ ҳазор нафар | 5505,6 | 6264,6 | 7621,2 | 9886,8 | 179,6 |
| 2 | Шумораи машғулбудагон дар соҳаҳои маориф, ҳазор нафар | 197,0 | 167,0 | 180,0 | 235,0 | 119,2 |
| 3 | аз он ҷумла бо дараҷаи илмӣ:<br>номзади илм<br>доктори илм | <br>1835<br>226 | <br>967<br>351 | <br>896<br>334 | <br>866<br>322 | <br>47,2<br>142,5 |
| 4 | Шумораи хонандагон, ҳазор нафар | 1310,2 | 1504,4 | 1694,0 | 2195,6 | 167,6 |
| 5 | Шумораи донишҷӯён, ҳазор нафар | 69,3 | 77,7 | 151,7 | 239,5 | 3,4 маротиб |
| 6 | Таносуби таҳсилкунандагони мактабҳои миёна ба шумораи таҳсилкунандагони муассисаҳои олии касбӣ | 5,3 | 5,2 | 8,9 | 10,9 | 2 маротиб |
| 8 | Ҳиссаи дар соҳаи маориф машғулбудагон нисбат ба аҳолӣ, бо % | 3,6 | 2,6 | 2,3 | 2,3 | 63,8 |
| 9 | Шумораи омӯзгорон бо дараҷаи илмӣ ба сари донишҷӯён:<br>номзади илм<br>доктори илм | <br><br>0,02<br>0,003 | <br><br>0,01<br>0,004 | <br><br>0,006<br>0,002 | <br><br>0,003<br>0,001 | <br><br>0,15<br>33,3 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. -С. 10, 67, 46, 53, 83.

Аз рӯйи маълумотҳои ҷадвал баъзе тамоюлҳои манфиро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ наздик 200 ҳазор нафар дар соҳаи маориф машғул шуда бошад, дар соли 2021 ин сатҳ қариб тағйир намеёбад ва ин аз рӯйи тамоюли рушди шумораи аҳолии мамлакат мутобиқат намекунад. Дар натиҷа, ҳиссаи машғулбудагон дар соҳаи маориф то рафт кам гашта, ҳиссаи машғулбадагон нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ дар сатҳи 36% фарқият намудааст, ки ин паст рафтани ҷолибияти соҳаи маорифро дар самти шуғл шаҳодат медиҳад. Аз рӯйи баъзе малумотҳои матбуоти даврӣ дар давоми се соли охир 53 ҳазор омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умимӣ аз кор рафтаанд ва сабаби асосии он сатҳи пасти музди маош дар соҳа мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ шумораи МТУ торафт зиёд мешавад ва ин бо прогресси демографӣ вобастагӣ дорад. Бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ талабот ба мактабҳо низ афзоиш ёфта, дар соли 2021 дар мамлакат ҳамагӣ 3949 муассисаҳо вуҷуд доштанд, ки дар онҳо қариб 2,2 млн. хонанда таҳсил мекунанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Шумораи муассисаҳо дар соҳаи маориф**
**Table 2. Number of institutions in the field of education**

| № | Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2000 | 2010 | 2021 | Дар с.2021 нисбат ба с. 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 3229 | 3591 | 3747 | 3949 | 122,3 |
| 2 | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ | - | 18 | 26 | 42 | - |
| 3 | Шумоари муассисаҳои томактабӣ аз он ҷумла | 944 | 502 | 488 | 696 | 73,7 |
| | хусусӣ | - | 31 | 45 | 89 | - |
| 4 | Шумораи муассисаҳои миёнаи касбӣ | 43 | 53 | 51 | 79 | 183,7 |
| 5 | Шумораи МТОК | 13 | 30 | 33 | 41 | 3,1 маротиб |
| 6 | Шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 81 | 72 | 66 | 62 | 76,5 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. -С. 44, 45, 50, 53, 60.

Афзоиши сармояи инсонӣ дар ҷумҳурӣ, махсус дар инкишофёбии муассисаҳои таълимии хусусӣ инъикос мегардад. Дар солҳои охир, дар миқёси ҷумҳурӣ даҳҳо муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумии хусусӣ ташаккул ёфтанд ва ба онҳо аз ҷониби аҳолӣ талабот зиёд мебошад. Новобаста аз он, ки мактабҳои хусусӣ пулакӣ мебошанд, волидайн кӯшиш мекунад, ки фарзанди ӯ дар он ҷо таҳсил гирад, зеро сатҳи сифат дар ин гуна муассисаҳо нисбатан хубтар мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар давраи истиқлолият хоҳиши гирифтани маълумоти олӣ аз ҷониби аҳолӣ зиёд гаштааст. Аз ин лиҳоз, ба мактабҳои олӣ талабот дар марҳилаҳои ибтидоӣ хеле зиёд буд (ба як ҷойи хониш зиёда аз 10 довталаб) ва ин боиси зиёд шудани МТОК гаштааст. Агар дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 13 донишгоҳ ва донишкадаҳо фаълият намуда бошад, имрӯзҳо шумораи онҳо ба 41 адад расидааст.

Ҳамин тавр, идоракунии қувваи корӣ, суръатнокии раванди ташаккули ин институтҳои бозори меҳнатро талаб мекунад. Набудани унсурҳои институтсионалии зарурӣ барои фаъолияти пурраи бозори меҳнат, ба хусусиятҳои асосии он, ба иқтисоди бозорӣ вобаста аст, ки талаботи объективии он чунинанд:

• фаъолияти бозори хизматрасонӣ оид ба кортаъминкунӣ, яъне барои расонидани хизматрасонии транзаксионӣ (ташкилотҳои тиҷоратии миёнаравии меҳнат, воситаҳои ахбори омма ва ғайра);

• таъсиси муассисаҳое, ки ба ҷуброни “нокомӣ”-и бозори меҳнат нигаронида шудаанд (хизматрасонии шуғли аҳолӣ, суғуртаи бекорӣ);

• ташаккулёбии муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият дар соҳаи меҳнат (арбитражи меҳнатӣ);

• табдил додани нақши иттифоқҳои касаба ба институти гуфтушунид оид ба шартҳои шартномаи меҳнатӣ, шуғл ва музди меҳнат.

Лозим ба таъкид аст, ки инкишоф наёфтан ё нобаробарӣ барои пайдоиши бозори ниҳонии меҳнат ва пайдоиши бекории пинҳон шароит фароҳам меорад.

Доир ба мушкилоти институтсионалии рушди бозори меҳнат дар минтақа дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ муҳаққиқи ватанӣ Г.Саломова чунин қайд менамояд: “Дар танзими бозори меҳнат, дар баробари институтҳои бозорӣ ташкилоту муассисаҳои давлатӣ низ нақши муҳим доранд. Давлате, ки “қоидаҳои бозӣ”-ро барои фаъолияти бозор ташаккул медиҳад, асоси фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳоро таъмин мекунад ва имрӯз яке аз унсури асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад” [8,с.17].

Ба ғайр аз институтҳои расмӣ ба механизми фаъолияти бозори меҳнат ва истифодаи иқтидори меҳнатӣ якчанд институтҳои ғайрирасмӣ низ таъсир мерасонад. Ба онҳо дохил намудан мумкин аст:

1. Шароити нобаробари шуғл дар минтақа. Дар ин ҷанба, мавҷуд будани институтҳоеро, чун “ҷӯрабозӣ”, “шиносбозӣ” дар мавриди ба кор қабул кардан ё пешбарӣ кардан ба рутбаи мансабӣ бояд қайд кард.

2. Рушди бахши ғайрирасмии иқтидори меҳнатӣ ба омилҳои гуногун вобаста аст. Бисёре аз кормандон дар корхонаҳо тибқи шартномаи шифоҳӣ кор мекунанд, ки ин мавқеи ҳуқуқии онҳоро дар сурати ба вуҷуд омадани вазъиятҳои муноқиша бо корфармо хеле заиф мекунад.

3. Мавҷудияти монеаҳо дар роҳи ташкили институтҳои бозорӣ. Дар муҳити институтсионалии иқтидори меҳнатӣ на сунъӣ (маъмурӣ), балки монеаҳои табиии дорои хусусияти касбӣ, тахассусӣ, иҷтимоӣ, рафторӣ ҳукмфармо мебошанд, ки зуҳури онҳо аз худи рафти рушди таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст. Ин маънои онро дорад, ки онҳоро бартараф кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, шароите бояд фароҳам оварда шавад, ки ба субъектҳои иқтидори меҳнатӣ истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатиро имкон диҳанд [9,с.59].

4. Дахолати бенатиҷа ё сусти мақомоти давлатӣ ба ҳалли равандҳои тақсимотӣ, инчунин, номуайянии танзими давлатӣ. Давлате, ки ба сифати кафил оид ба риояи шартномаҳои меҳнатӣ баромад мекунад, дар гузаштаи наздик худ вайронкунандаи фаъоли онҳо (таъхир додани кумакпулӣ барои бекорӣ, маоши буҷетӣ) мегардад. Муносибати давлати муосир ба танзими даромади меҳнатии аҳолӣ, ба афзоиши фарқи даромадҳо ва ноустувории иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Чунин унсури ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мисли

андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ба сатҳи зисту зиндагонии мардум мувофиқат намекунад.

5. Музди меҳнат ҳамчун зуҳуроти нархи меҳнат ва чун институти муҳимми иқтидори меҳнатӣ суст амал мекунад. Дар аксари соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ (маориф, тандурустӣ, илм ва ғайра) аз сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат то ҳол масъалаи норасоии кадрҳои баландихтисос ба назар мерасад.

6. Иқтидори меҳнатии муосири минтақа ва дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи баланди машғулии ба қайд гирифтанашуда фарқ мекунад.

7. Муносибатҳои меҳнатии ба қайд гирифтанашуда бо фаъолияти муассисаҳои ғайрирасмӣ, ки рафтори коргарон ва корфармоёнро танзим мекунанд, алоқаманд мебошад [10,с.8].

Ҳамин тавр, вижагии ташаккул ва истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодии минтақа истифодаи усулҳои қонунгузорӣ ва иқтисодии танзими онро дар назар дорад. Дар ташаккул ва истифодаи иқтидори меҳнатӣ рушд додани механизмҳои ҳамоҳангсозии бозор, инчунин, такомули институтҳои бозори меҳнатӣ зарур мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Искандаров Ҳ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашмаров И.А. Трудовой потенциал и его особенности в трансформационной экономике / И.А. Ашмаров // Научные ведомости. - 2009. -№9(64). -С.59.
2. Гударенко Юлия Анатольевна. Рынок труда как социальный институт в современном российском обществе // Известия РГПУ им. А.И. Герцена. - 2010. -№124. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rynok-truda-kak-sotsialnyy-institut-v-sovremennom-rossiyskom-obschestve (дата обращения: 08.03.2023).
3. Дуглас, Н. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. Учебник / Н. Дуглас; перевод с английского А.Н. Нестеренко. Предисловие и научное редактирование Б.З.Мильнера. -М.: Фонд экономической книги «Начало», 1997. -С.64.
4. Дуглас Н. Понимание процесса экономических изменений / Н. Дуглас; пер. с англ. К. Мартынова, Н.Эдельмана. -М.: Изд. дом Гос. ун-та Высшей школы экономики, 2010. -С.8.
5. Корнаи Я. Путь к свободной экономике: десять лет спустя / Я. Корнаи // Вопросы экономики. – 2000. -№12. -С.55.
6. Кутаев Ш.К. К вопросу о неформальной занятости / Ш.К. Кутаев // Региональная экономика: теория и практика. - №22(115). -С.47.
7. Мильнер Б.З. Теория организаций / Б.З. Мильнер. -М.: Инфра-М, 1998. -246 с.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022. - С. 10, 67, 46, 53, 83.
9. Розмаинский И.В. Теория генезиса и функционирования рынка Хайека и крах экономических реформ в России 1990-х годов / И.В. Розмаинский // Теория и практика социально-экономических реформ. -СПб, 1997. -Ч. I. – С.8.
10. Саломова Г.Г. Институциональные основы функционирования и регулирования рынка труда в Республике Таджикистан: автореф. дис. д-ра экон. наук: 08.00.01 / Г.Г. Саломова. -Душанбе, 2006. -С.17.
11. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. - № 8. - С.33-39.
12. Шокиров Р.С. Институциональные основы совершенствования рыночных отношений в аграрном секторе национальной экономики: методология, теория и практика: автореф. дисс. на соис. уч. степени д.э.н., 08.00.01 / Р.С. Шокиров. -Душанбе, 2021. -С.64.


**ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚА**


Дар мақола масъалаи рушди иқтидори меҳнатии минтақа аз лиҳози таъсири омилҳои институтсионалӣ таҳқиқ карда мешавад. Муаллиф дар қисмати аввали мақола оид ба моҳияти институтҳо маълумот пешниҳод менамояд ва баъдан оиди таъсири муҳити институтсионалӣ ба рушди иқтидори меҳнатии минтақа хулосаҳои илмии худро асоснок менамояд. Дар байни омилҳои институтсионалии рушди иқтидори меҳнатии минтақа, сармояи инсонӣ ва бозори меҳнат мақоми хосса дорад, зеро дар онҳо бештар институтҳои ғайрирасмӣ, нисбат ба шакли расмии онҳо намоёнтар мебошад. Дар натиҷаи омӯзиши муҳити институсионалии бозори меҳнат ва сармояи инсонӣ дар вилояти Суғд як чанд институтҳои ғайрирасмии онҳо муайян карда мешаванд, ки дар ҳақиқат дар рушди иқтидори меҳнатӣ аҳаммияти хосса доранд. Исбот шудааст, ки дар сохторҳои захираҳои меҳнатии вилояти Суғд, афзоиши ҷавонон ба назар мерасад, ки ин ҷанбаҳои асосии иқтидори меҳнатӣ ба ҳисоб меравад ва ин ба сурати нобаробарии талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ва ба афзоиши шуғли аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад. Асоснок гардидааст, ки аксари корхонаҳо ҳангоми истифодаи иқтидори меҳнатӣ ҳамчун корфармои монополист муносибат мекунанд, ки ин дар арзёбии нокифояи натиҷаҳои меҳнатӣ инъикос меёбад.

**Калидвожаҳо:** институт, минтақа, бозори меҳнат, сармояи инсонӣ, иқтидори меҳнатӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, захираҳои меҳнатӣ, механизми идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа, шуғл, бекорӣ, пешгӯӣ, номутавозинӣ, шуғли пурмаҳсул.

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В РЕГИОНЕ

В статье рассматривается развитие трудового потенциала в регионе, с точки зрения влияния институциональных факторов. В первой части диссертации автор дает информацию о сущности институтов, а затем обосновывает свои научные выводы о влиянии институционального языка на развитие трудового потенциала региона. По его мнению, человеческий капитал и рынок труда занимают особое положение среди институциональных факторов развития трудового потенциала региона, поскольку неформальных институтов больше, чем их формальных форм. В современных условиях осуществляются реформы в сфере повышения эффективности использования трудовых мощностей. Эти меры будут направлены непосредственно на повышение эффективности использования трудового потенциала регионов, и таким образом, на устойчивое развитие экономики страны, что признано одним из важнейших факторов обеспечения реализации цели ускоренной индустриализации в стране. В результате изучения институциональной среды рынка труда и человеческого капитала Согдийской области выявлены некоторые их неформальные институты, имеющие действительно важное значение в развитии трудового потенциала. Доказано, что в структуре трудового потенциала Согдийской области наблюдается рост особенно работников молодежного возраста, что считается сильным аспектом трудового потенциала, но в случае дисбаланса спроса и предложения на рынке труда, это оказывает прямое влияние на рост занятости. Обосновано, что большинство предприятий ведут себя как работодатели-монополисты при использовании рабочей силы, что выражается в недостаточной оценке результатов труда.

**Ключевые слова:** институты, регион, рынок труда, человеческий капитал, потенциал труда, социально-экономический рост, трудовые ресурсы, механизм управления трудовым потенциалом региона, занятость, безработица, прогнозирование, дисбаланс продуктивной занятости.

## INSTITUTIONAL ASPECTS OF DEVELOPMENT LABOR POTENTIAL IN THE REGION

The article examines the development of labor potential in the region from the influence of institutional factors perspectives. In the first part of the dissertation, the author provides information about the essence of institutions, and further, substantiates his scientific conclusions about the influence of institutional language to development of labor potential in the region. In his opinion, human capital and labor market occupy a special position among the institutional development factors of the labor potential of the region, since there are more informal institutions rather than their formal forms. As a result of studying the institutional environment of the labor market and human capital of Sughd region, some of their informal institutions that are really important in the development of labor potential, have been identified. It is proved that in the structure of labor potential in Sughd region there is a growth especially of youth age, which is considered a strong aspect of labor potential, but in case of imbalance of supply and demand in the labor market, it has a direct impact on the growth of employment. It is substantiated that the majority of enterprises behave as monopolistic employers in the use of labor force, which is expressed in the insufficient evaluation of labor results.

**Keywords:** institutions, region, labor market, human capital, labor potential, socio-economic growth, labor resources, mechanism for labor potential management of the region, employment, unemployment, forecasting, imbalance of productive employment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фаёзова Маҳбуба Абдунасимовна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, №169. E-mail: **Inoyat-78@mail.ru.** Телефон: **(+992) 927-06-62-63**

**Сведения об авторе:** ***Фаязова Махбуба Абдунасимовна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И.Сомони, 169. E-mail: **Inoyat-78@mail.ru.** Телефон: **(+992) 927-06-62-63**

**Information about the author:** ***Fayazova Mahbuba Abdunasimovna*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, senior lecturer of the department of economic theory. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, I. Somoni Avenue, 169. E-mail: **Inoyat-78@mail.ru.** Phone**: (+992) 927-06-62-63**

ТДУ: 334.75(575.3)

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОН

*Дустова Х.Ф.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Асоси иқтисодиёти муосирро бахши истеҳсолии (воқеии) он ташкил медиҳад. Ба он шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидории саноатӣ (шахсони ҳуқуқӣ) дорои шаклҳои гуногуни моликият, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои фаъолият дохил мешаванд.

Вазъияти системаи молиявию иқтисодии ватанӣ зери таъсири бӯҳрони кунунии ҷаҳонӣ зарурати объективии азнавташкилдиҳии системаҳо ва механизмҳои мавҷудаи идоракунии захираҳои молиявии корхонаро муайян мекунад. Аҳаммияти таъмини устувории молиявии корхона ҳамчун омили асосии ташаккули онҳо дар бозор ва рушди минбаъдаи дарозмуддат хеле афзуда истодааст.

Молияи корхонаҳо дар раванди такрористеҳсолӣ ва ташаккули захираҳои пулии худӣ ва захираҳои молиявии давлат ҷойи асосиро ишғол мекунад. Ислоҳоте, ки дар мамлакат ба амал омад, боиси афзудани ҳаҷми ҷараёни муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд шудани ҷойгоҳи муносибатҳои тақсимот гардид. Дар бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, низоми муосири бонкӣ, бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва сармоя ба вуҷуд омада, инкишоф ёфта истодаанд. Корхонаҳо барои танзими фаъолияти сохибкории худ ба васеъ истифода бурдани усулҳои бозорӣ гузаштанд.

Амалия нишон медиҳад, ки корхонаҳои ватанӣ, пеш аз ҳама, фаъолиятро ба мутобиқгардии шароити душвори тиҷорати бозор, муайяннамоӣ ва истифодаи афзалиятҳои рақобатӣ дар намудҳои гуногуни бозорҳо ва баланд бардоштани мавқеи устувори бозорӣ нигаронидаанд.

Устувории иқтисодии рушди корхонаҳо имрӯз яке аз муаммоҳои асосиест, ки бояд ҳал карда шаванд. Ин ҳолат дар маҷмуъ, ба амнияти иқтисодии мамлакат низ таҳдид мекунад. Дар ин маврид, суботи молиявӣ барои худи ташкилотҳо ва шарикони онҳо, ки дар фаъолияти онҳо иштирок мекунанд, зарур аст.

Бинобар ин, устувории молиявӣ падидаест, ки бартариҳоро дар бозор дар шакли қобилияти ҷалби сармоягузорӣ, гирифтани қарз муайян менамояд. Ба даст овардани устувории молиявии корхона, ҷалби манбаъҳои захираҳои молиявӣ ва тақсимоти оқилонаи онҳоро талаб мекунад. Ин ба ҳалли муаммоҳо ва муътадил гардонидани вазъияти корхона мусоидат хоҳад кард.

Бояд таъкид кард, ки имрӯз аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳолати ноустуворӣ қарор доранд. Ва сабабҳои онро бо чунин ҳолат мансуб донистан мумкин аст, аз ҷумла:

- норасоии захираҳои молиявӣ;
- сатҳи пасти идоракунии молиявӣ;
- мавҷуд набудани стратегияҳои молиявии тарҳрезигашта ва ғайра.

Аз ин рӯ, гузарондани таҳқиқот дар ин самт саривқтӣ буда, мақсади он дарки амиқи назарияи категорияи мазкур, яъне захираҳои молиявии корхона, навъҳои онҳо, ташаккул, истифода ва афзун гардонии онҳо мебошад.

Вобаста ба ин, дар доираи таҳқиқот равишҳои гуногуни назариявии масъалаи мазмуну мундариҷаи захираҳои молияи корхонаҳо мавҷуданд, ки баррасӣ менамоем.

Л.В. Давидов ва С. Илминская мафҳуми зерини категорияи баррасишавандаро медиҳанд: «Захираҳои молиявии корхона - маҷмуи маблағҳо, дороиҳои мавҷуда ва имконпазири корхона, ки арзиши пулӣ доранд, метавонанд дар сатҳи микро дар раванди такрористеҳсолкунӣ истифода шаванд» [4,с.74-81]. Аксар вақт захираҳои молиявӣ бо "фондҳои пулӣ" алоқаманданд ва берун аз ин шакл ба назар гирифта намешаванд. Як қатор муҳаққиқон бошанд, ин нуқтаи назарро рад карда, қайд мекунанд, ки шакли фондии захираҳои молиявӣ дар шароити муосири ташкили фаъолияти молиявию хоҷаги ҳатмӣ нестанд.

Ҳамин тавр, В.А. Райзберг захираҳои молиявиро ҳамчун маҷмуи намудҳои гуногуни маблағҳо ва дороиҳои молиявии ба субъекти соҳибкорӣ тааллуқдошта мефаҳмад [9,с.56].

Дар ин маврид, онҳо ҳамчун натиҷаи ниҳоии таъсири мутақобилаи ҳамаи даромаду хароҷот, инчунин, тақсимоти ин маблағҳо амал мекунанд.

Г.Н. Оймаҳмадов чунин меҳисобад, ки захираҳои молиявӣ даромад, пасандозҳо ва ҷамъшавии дар шакли пули дар ихтиёри субъекти хоҷагидор буда, мақсади асосии онҳо иҷрои уҳдадориҳои мавҷудаи молиявӣ, қонеъ гардонидани хароҷоти вобаста ба афзоиши такрористеҳсолӣ, ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодӣ ва қонеъ гардонидани талаботи кормандон мебошад [8,с.24].

Л.Н. Павлова мафҳуми хеле маҳдуди захираҳои молиявиро дода, онҳоро танҳо ҳамчун сарчашмаҳои худии маблағгузории равандҳои такрористеҳсолӣ, ки пас аз иҷрои тамоми уҳдадориҳои ҷорӣ дар ихтиёри корхона мебошад, ишора мекунад. Дар воқеъ, ин тафсир пурра моҳияти захираҳои молиявии корхонаро равшан наменамояд. Ин бо он рабт дода мешавад, ки субъекти хоҷагидорӣ системаи пӯшида нест. Он бо муҳити беруна ҳамбастагӣ дошта, ба як қатор омилҳо бевосита таъсир мерасонад. Тавре дида мешавад, ин тафсир воситаҳои қарзӣ гирифта ва ҷамъовардашударо дар бар намегирад, ки дар шароити буҳрони молиявию иқтисодӣ дар таъмини фаъолияти устувори корхона нақши муҳим доранд.

Ба ақидаи И.А. Бланка, захираҳои молиявӣ маҷмуи маблағҳои худӣ ва қарзӣ, инчунин, эквиваленти онҳо дар шакли воситаҳои мақсаднок гирифта шудаанд, ки ҳадафи онҳо таъмини фаъолияти иқтисодии он дар давраҳои оянда мебошад [2,с.34].

Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатов У. онҳоро ҳамчун маҷмуи даромадҳои пулии худӣ ва даромадҳои беруние муайян мекунад, ки барои пурра ва сари вақт иҷро намудани уҳдадориҳои молиявии корхона истифода мешаванд. Яъне, маблағгузорие, ки хароҷоти ҷорӣ ва хароҷоти бо истеҳсолоти васеъ алоқаманд бударо таъмин мекунад [6,с.64].

Ақидаи Е.П. Коптева низ ҷолиби диққат аст, он пешниҳод мекунад, ки захираҳои молиявии корхона, ҳамчун шакли арзише баррасӣ карда шаванд, зеро маҳз бо туфайли ин захира дар байни иштирокчиёни раванди такрористеҳсолкунӣ муносибатҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд [7].

Аз ҷумла, Ю.Н. Воробев таъкид мекунад: «Дар шароити иқтисоди бозорӣ захираҳои молиявӣ вобаста ба мавҷудият ё имкони ҷалб кардани онҳо дар сурати зарурат истифода мешаванд, яъне фондҳои пулӣ барои маблағгузории самтҳои афзалиятноки рушд пешакӣ ташаккул намеёбанд ва захираҳои молиявӣ аз муомилоти сармояи корхона хориҷ карда намешаванд» [3,с.16-24]. И.В. Зятковский, чунин меҳисобад, ки дар асоси давраи истифодабарии захираҳои молиявии корхона, ҳаҷми онҳоро ба миқдори маблағҳои қарзӣ кам мекунад [5]. Ин чунин маъно дорад, ки олим ба сифати захираҳои молиявӣ танҳо он чизеро, ки аз манбаъҳои худӣ ба корхона меояд, тасниф мекунад. Дар ин замина, бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки манбаи захираҳои молиявии худ корхона буда наметавонад, балки моликони он (аъзоён, саҳмдорон, иштирокчиён) ва сармояи саҳомӣ ба соҳибони он таалluқ доранд ва моликияти корхона нестанд.

Н.В. Чайковская ва А. Панягина нуқтаи назари тамоман баръакс доранд ва қайд мекунанд, ки «захираҳои молиявии ташкилот маҷмуи манбаъҳои маблағҳоеро дар бар мегиранд, ки ташкилот барои иҷрои ҳамаи намудҳои фаъолият ҷамъ кардааст ва аз рӯйи хусусияти манбаъҳои ташаккул тақсим мешаванд: ба худӣ, қарзӣ ва ҷалбшуда» [14].

Муносибатҳои дигари муайян кардани моҳияти захираҳои молиявии корхонаҳо мавҷуданд. Инак, В.Г. Белолипетский қайд намудааст, ки «захираҳои молиявии ширкат як қисми захираҳои пулӣ дар шакли даромад ва даромадҳои беруна мебошанд, ки барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ ва қонеъ кардани хароҷоти таъмини такрористеҳсолии васеъ пешбинӣ шудаанд» [1].

В.М. Родионова ин мафҳумро амиқтар намуда, таъкид мекунад, ки «захираҳои молиявии корхона даромади пулӣ ва даромадҳои дар ихтиёри субъекти хоҷагидор буда, барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ, хароҷоти такрористеҳсоли васеъ ва ҳавасмандгардонии иқтисодии кормандон пешбинӣ шудаанд» [12].

П. Ревенко, Б. Волфман, Т. Киселева [10] қайд мекунанд, ки ҳар як корхона барои кори худ бояд маблағҳои муайяне дошта бошад, ки арзиш ё ба ибораи дигар, захираҳои молиявӣ доранд, ин воситаҳо дороиҳо мебошанд. Захираҳои молиявӣ бояд ҳамчун

маблағе фаҳмида шаванд, ки корхона барои пардохти уҳдадориҳои ҷорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меояд.

Бинобар ин, тамоми дороиҳо ҳамчун захираҳои молиявӣ, аз ҷумла, воситаҳои асосии корхона, ки захираҳои моддӣ мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ, корхонаҳоро зарур аст, ки фаъолияти худро бо захираҳои молиявӣ мустақилона таъмин кунанд ва дар ин раванд нуқтаи назари муҳаққиқони алоҳида оид ба захираҳои молиявии корхона тағйир ёфта истодааст. Дар ин ҷо мо бояд ба як хусусияти муҳимми функсионалии захираҳои молиявии корхона - қобилияти пардохти уҳдадориҳо дар назди кормандон, субъектҳои хоҷагидорӣ, давлат, бонкҳо ва ғайра таваҷҷуҳ намоем.

Ҳамчунин, барои аниқ муайян кардани категорияи «захираҳои молиявӣ» моҳияти чунин категорияҳои асосиро ба монанди «молия» ва «захираҳо» ба назар гирифтан лозим аст. Мафҳуми «молия» категорияи иқтисодиест, ки таърихан дар ҷараёни инкишофи сохтори иқтисодии ҷамъият вобаста ба пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар ҷамъият ташаккул ёфтааст. Ин категория то ҳол ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ва дар ҳаёти воқеӣ васеъ истифода мешавад. Ба таври умум эътироф шудааст, он муносибатҳои пулиеро, ки дар байни одамон дар ҷамъият ҳангоми ташаккул, тақсим, аз нав тақсим, истифода ва ҷамъ кардани маблағҳо ба вуҷуд меоянд, тавсиф мекунад. Ифодаи моддии муносибатҳои молиявӣ захираҳое мебошанд, ки ҳамчун молиявӣ муайян карда мешаванд. Аз забони фаронсавӣ мафҳуми «захираҳо» ҳамчун «воситаи ёрирасон» омадааст, ки дар муайян кардани маблағҳо, сарватҳо, захираҳо, имкониятҳо ё манбаи даромад дар буҷети давлатӣ истифода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ибтидо, дар назарияи классикии иқтисодӣ захираҳои молиявӣ ба назар гирифта нашуда, танҳо муайян карда мешуданд – табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва баъдтар ба таҳлили иттилоот ва захираҳои молиявӣ шуруъ намуданд. Ғайр аз ин, мавқеъ, нақш ва аҳаммияти навъҳои алоҳидаи захираҳо бо гузаштан ба шароитҳои гуногуни рушди иқтисодию иҷтимоии ҷамъият тағйир ёфт.

Барои пурратар муайян кардани моҳияти захираҳои молиявии корхона ва аз дигар категорияҳои иқтисодӣ ҷудо кардани онҳо, хусусиятҳои асосии онҳоро нишон додан ба мақсад мувофиқ аст. Аксар вақт омили муайянкунандаи таснифи як манбаи муайян ба сифати манбаи молиявӣ сатҳи пардохтпазирии дороиҳо мебошад. Пардохтпазирӣ дар назарияи молиявӣ ҳамчун қобилияти фурӯши дороии мушаххас дар як муддати кӯтоҳ бо талафоти камтарин арзиши бозории он баррасӣ мешавад. Андозаи миқдории ин нишондиҳанда сатҳи пардохтпазирии дороиҳо мебошад. Он бо давраи зарурии вақт муайян мегардад, ки дар давоми он дороиҳо бо арзиши бозорӣ ба пули нақд табдил дода мешаванд. Гузашта аз ин, сатҳи пардохтпазирии дороии мушаххас вақте баландтар ҳисобида мешавад, ки барои чунин табдилдиҳӣ вақти камтар сарф мешавад, яъне дороие ба монанди пул дорои сатҳи сифрии пардохтпазирӣ аст ё мо метавонем бигӯем, ки пул дороии пардохтпазирии мутлақ аст. Ба ибораи дигар, пардохтпазирӣ қобилияти дороиҳо барои табдил додани арзиши он ба пул мебошад.

Нишонаи дигари захираҳои молиявӣ сатҳи динамикии онҳост. Захираҳои молиявӣ бинобар тағйирёбии таркиб, шакл ва ҳаҷми онҳо доимо дар ҳаракат мебошанд. Тағйирёбии онҳо аз шакли пулӣ ба шакли молиявӣ ё моддӣ ва баръакс пайваста сурат мегирад. Пули нақд ба маҳсулоти истеҳсолшуда (ашёи хом, мавод, таҷҳизот, яъне ба сармояи муомилот ва фондҳои асосӣ) ворид карда мешавад, баъдан ин маҳсулот фурӯхта мешавад ва даромади пули нақд давомнокӣ ва устувории чунин ҳаракатро таъмин мекунад. Афзоиши истеҳсолот ва рушди иҷтимоию иқтисодии корхона ба таркиби захираҳои молиявӣ ва ҳаҷми онҳо вобаста аст. Дар навбати худ, ҳаҷми истеҳсолот ва самаранокии он сарчашмаҳои ташаккул, ҳаҷм ва сохтори захираҳои молиявии корхонаро муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи баррасии асосҳои илмию назариявии захираҳои молиявии корхона, хосиятҳои онро ба таври зайл муайян намудан мумкин аст:

- хусусияти асосии захираҳои молиявӣ пардохтпазирӣ, яъне қобилияти иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ мебошад;

- захираҳои молиявӣ ҳамеша муносибатҳои моликиятро - дар шакли оморӣ ва динамикӣ ифода мекунанд;

- захираҳои молиявӣ ҳамеша усулҳои муайяни ҷамъоварӣ ва манбаъҳои ташаккули онҳоро доранд;

- захираҳои молиявӣ хосияти мақсаднокиро дошта бошанд;

- захираҳои молиявӣ пайваста пурра, ташаккул ва истифода мешаванд, яъне дар ҳаракати доимӣ мебошанд;

- хусусияти муҳимми захираҳои молиявӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ бо омилҳои вақт ва таваккал мансубанд;

- ҳаракати захираҳои молиявӣ (ташаккул, мубодила, истифода) ҳамеша бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, яъне ҷанбаи ҳуқуқии худро доранд.

Маҳз маҷмуи аломатҳои сифатии зикршуда, ки ба захираҳои молиявӣ ва хусусиятҳои онҳо хосанд, имкон медиҳад, ки онҳо на танҳо дар байни тамоми маҷмуи категорияҳои иқтисодӣ фарқкунанда бошанд, балки дар байни захираҳо ва дороиҳои корхона муайян карда шаванд.

Дар баробари ин, барои амалӣ намудани фаъолияти худ, корхонаҳо бояд барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни молиявӣ маблағ дошта бошанд. Ташаккули ибтидоии захираҳои молиявӣ дар вақти таъсиси корхонаҳо, ҳангоми таъсиси сармояи оинномавӣ ба амал меояд. Захираҳои молиявиро корхонаҳо дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ истифода мебаранд. Навъҳои асосии мавҷудияти онҳо фондҳои асосӣ ва гардони корхона мебошанд.

Азбаски моҳияти молияи корхона дар муносибатҳои тақсимнамоӣ зоҳир мегардад, яке аз вазифаҳои ин категорияи иқтисодӣ тақсимкунӣ мебошад. Дар асоси муносибатҳои тақсимкунӣ бо ёрии молияи корхона, намудҳои гуногуни даромад ва пасандозҳои пулӣ ташаккул ёфта, фондҳои пулии корхонаҳо ташкил ва истифода мешаванд.

Фондҳои даромад ва пасандозҳое, ки аз ҳисоби даромади фурӯш ташаккул меёбанд, музди меҳнати кормандон, фондҳои ҷубронӣ, фондҳои асосӣ ва гардиш, пасандозҳои амортизатсиониро дар бар мегиранд. Фондҳо, даромад ва пасандозҳое, ки аз фоида ташаккул меёбанд, ба фондҳои ҷамъкунӣ ва фондҳои истеъмол (фондҳои рушди истеҳсолот, фондҳои таҳқиқоти илмӣ, фондҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, фондҳои захиравӣ ва ғайра) дохил мешаванд.

Таъиноти асосии амалии функсияи тақсимот, таъмини мутаносиби тақсимот ва ноил шудан ба манфиатҳои иқтисодии ҳамаи корхонаҳо, кормандони онҳо, таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон мебошад.

Функсияи дуюми муҳимтарини молияи корхона назорат аст. Функсияи назоратӣ бо функсияи тақсимот зич алоқаманд аст; яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Равандҳои тақсимот барои танзими таносуби тақсимот бо мақсади мувофиқат ба манфиатҳои иқтисодии ҳамаи иштирокчиёни такрористеҳсол замина фароҳам меоранд. Бо ёрии функсияи назорат дуруст ва сари вақт ташаккули фондҳои корхонаҳо, даромад ва пасандозҳои онҳо, дурустии самтҳои хароҷоти онҳо ва самаранокии истифодаи онҳо санҷида мешавад. Доираи функсияи назорат на танҳо бо марҳилаи тақсимкунии раванди такрористеҳсолкунӣ маҳдуд мешавад, балки ба марҳилаҳои истеҳсолот, мубодила ва истеъмол низ дахл дорад.

Таъсири функсияи назорат ба равандҳои такрористеҳсолӣ дар самтҳои асосии зерин ба амал меояд:

• таъсир ба таносуби истеҳсолот ва тақсимот;

• таъсири фаъолона ба сарфаю сариштакорӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо;

• назорат аз болои риояи қонунгузории молиявӣ.

Шакли зуҳур ва истифодаи функсияи назоратии молия, назорати низоми молиявӣ буда, тамоми ҷанбаҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидориро фаро мегирад. Дар амал функсияи назоратии молияи корхона тавассути иҷрои вазифаҳои хизматии кормандони сохтори назорати корхона ва роҳбари корхона ба амал бароварда мешавад. Бо ин радиф мухтасар, моҳияти ин ду функсияи молия дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. Функсияи молияи корхона**
**Figure 1. Function of corporate finance**




Захираҳои молиявӣ дар қисми пассиви баланси корхона инъикос ёфта, дар ин ҷо бояд масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- самаранок истифодабарии он;
- оптимизатсияи шаклҳои ҷалби сармоя;
- баҳисобгирии хавфҳо вобаста ба ташаккули сармоя;
- истифодабарии механизмҳои мушаххаси ташаккули сармояи корхонаҳои шаклҳои алоҳидаи ташкилию ҳуқуқӣ, андоза, шакли моликият ва ғайра.

Ҳамчунин, фаъолияти самараноки молиявии корхона бе низоми мукаммали идоракунии захираҳои молиявӣ ғайриимкон аст. Мақсади идоракунии захираҳои молиявии корхона ба самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ равона карда шудааст. Афзоиши даромад дар давраи муайян (одатан як сол).

Ҳар як низоми идоракунии молиявӣ (новобаста аз сохтор) бояд ба зиёд кардани фоида равона карда шавад. Дар навбати худ, даромад бо назардошти ҷанбаҳои зерин ташаккул меёбад: самаранокии кори корхона, аниқ ба амал баровардани стратегияи рушд, кам кардани хароҷот, афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.

Ҳамин тавр, дар асоси баррасии асосҳои назариявии ташаккули захираҳои молиявии корхона ва истифодабарии он, зарур аст, ки низоми мукаммали идоракунӣ дар ин самт ҳукмфармо бошад ва ба андешаи мо, дар мавриди истифодабарии захираҳои молиявии корхона чунин маҷмуи тадбирҳо амалӣ гарданд ба мақсад мувофиқ аст: омӯзиш ва арзёбии сабабҳои вазъияти бухронӣ дар иқтисодиёт ва молияи корхона; таҳлили ҳамаҷонибаи ҷорӣ ва дурнамои вазъи молиявии корхона барои муқаррар кардани усулҳои барқарорсозии молиявии он; бизнес-нақшагирӣ ва буҷети фаъолияти корхона; таҳияи расмиёти идоракунии зиддибухронӣ ва назорати самаранокии татбиқи онҳо.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулаков У.М.**

## АДАБИЁТ


1. Белолипецкий, В.Г. Финансы фирмы: курс лекций / В.Г. Белолипецкий; под ред. И.П. Мерзлякова. -М.: ИНФРАМ, 1999. -298 с.
2. Бланк И. Финансовый менеджмент / И. Бланк. -М.: Ника-Центр. 2004. -245 с.
3. Воробьев, Ю.Н. Теоретические основы формирования и использования финансовых ресурсов в социально-экономической системе государства / Ю.Н. Воробьев // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. - 2009. - №4. -С.16-24.
4. Давыдова, Л.В. Финансовые ресурсы и их роль в обеспечении финансовой устойчивости предприятия / Л.В. Давыдова, С.А. Ильминская // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2008. -№12(12). -С.74-81.
5. Зятковський, І.В. Фінансове забезпечення діяльності підприємств / І.В. Зятковський // Тернопіль: Економічна думка, 2000. -260 с.
6. Комилов С.Ҷ. Иқтисоди корхона. Китоби дарсӣ / С.Ҷ. Комилов, Т.Д. Низомова, У. Давлатов. –Душанбе, 2015. -640 с.
7. Международный бизнес: Учебник / Под ред. В.А. Черненко. -Санкт-Петербург, 2012. -421 с.
8. Оймаҳмадов Г.Н. Молияи корхонаҳо (корпаративӣ) / Г.Н. Оймаҳмадов. –Душанбе: Матбаъаи ДДМИТ, 2016. -452 с.
9. Райзберг, Б.А. Экономика и финансы: Учебник для вузов / Райзберг Б.А. -М.: Экзамен, 2008. -462 с.
10. Ревенко, П.В. Финансовая бухгалтерия / П.В. Ревенко, Б.А. Вольфман, Т.Н. Киселева. -М.: Инфософт, 1994. -207 с.
11. Ресурсы // Большой энциклопедический словарь. [Электронный ресурс]. URL: dic.academic.ru/dic.nsf/enc3p/254714
12. Родионова, В.М. Финансы: учеб. пособие / В.М. Родионова. -М.: Финансы и статистика, 2000. -485 с.

13. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. - № 8. - С.33-39.
14. Чайковская, Н.В., Панягина А.Е. Состав финансовых ресурсов организации и их современное состояние // СЭПТП. - 2011. -№5. [Электронный ресурс]. URL: www.mivlgu.ru/site_arch/educational_activities/journal_ec/journal_arch/N5/chaik_panaygina

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОН

Вуҷудияти корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, мавқеи устувории он аз сифати истифодабарии яке аз муҳимтарин зернизомҳои функсионалӣ, низоми таъмини молиявӣ муайян карда мешавад. Асоси коркарди сиёсати молиявии корхона, бунёди низоми муносибатҳои молиявӣ мебошад, ки объекти муносибатҳои молиявӣ, захираҳои молиявии корхона ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб, дар шароити муосири зудтағйирёбанда, омӯхтани моҳияти захираҳои молиявии корхона, ташаккул ва самаранок истифодабарии он яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад. Бинобар ин, дар мақола асосҳои назариявии мазмуну мундариҷаи захираҳои молияи корхонаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусияти муҳимми функсионалии захираҳои молиявии корхона муайян карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ибтидо, дар назарияи классикии иқтисодӣ захираҳои молиявӣ ба назар гирифта нашуда, танҳо муайян карда мешуданд – табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва баъдтар таҳлили иттилоот ва захираҳои молиявӣ оғоз шуданд. Ғайр аз ин, мавқеъ, нақш ва аҳаммияти навъҳои алоҳидаи захираҳо бо гузаштан ба шароитҳои гуногуни рушди иқтисодию иҷтимоии ҷамъият тағйир ёфт. Баъдан дар мақола барои мушаххас намудани моҳияти захираҳои молиявии корхона аз дигар категорияҳои иқтисодӣ, хусусиятҳои алоҳидаи онҳо муайян карда шудааст. Ҳамчунин, ташаккули ибтидоии захираҳои молиявии корхона ва самтҳои самараноки истифодабарии он бо мақсади таъмини рушди устувори фаъолияти корхона асоснок гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои молиявӣ, корхона, бахши воқеӣ, устувории молиявӣ, механизм, самаранокӣ, воситаҳои пулӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ ПРЕДПРИЯТИЯ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ

Существование предприятий реального сектора экономики, их устойчивое положение определяются качеством использования одной из важнейших функциональных подсистем - системы финансового обеспечения. Основой разработки финансовой политики предприятия является создание системы финансовых отношений, объектом которых являются финансовые ресурсы предприятия. По этой причине в современных быстроменяющихся условиях изучение сущности финансовых ресурсов предприятий, их формирования и эффективного использования остается одним из актуальных вопросов. Поэтому в статье исследованы теоретические основы содержания финансовых ресурсов предприятия, а также определены важные функциональные характеристики финансовых ресурсов предприятия. Автор отмечает, что вначале в классической экономической теории финансовые ресурсы не учитывались, а лишь определялись - природные, материальные, трудовые, а позже начался анализ информационных и финансовых ресурсов. Кроме того, положение, роль и значение отдельных видов ресурсов изменились с переходом к иным условиям экономического и социального развития общества. Далее в статье для уточнение сущности финансовых ресурсов предприятий и других категорий экономики определены отдельные их признаки. Также обосновано первоначальное формирование финансовых ресурсов предприятий и эффективных направлений их использования в целях обеспечения устойчивого развития деятельности предприятий.

**Ключевые слова:** финансовые ресурсы, предприятие, реальный сектор, финансовая устойчивость, механизм, эффективность, денежные средства.

## THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION OF FINANCIAL RESOURCES OF AN ENTERPRISE AND ITS USE

The existence of enterprises in the real sector of the economy and its stable position are determined by the quality of use of one of the most important functional subsystems - the financial support system. The basis for developing the financial policy of an enterprise is the creation of a system of financial relations, the object of which is the financial resources of the enterprise. For this reason, in modern rapidly changing conditions, the study of the essence of financial resources of enterprises, their formation and effective use remains one of the pressing issues. Therefore, the article explores the theoretical foundations of the maintenance of an enterprise’s financial resources, and also identifies important functional characteristics of the enterprise’s financial resources. The author notes that at first, in classical economic theory, financial resources were not taken into account, but were only determined - natural, material, labor, and later the analysis of information and financial resources began. In addition, the position, role and importance of certain types of resources have changed with the transition to other conditions of economic and social development of society. Further in the article, to clarify the essence of the financial resources of enterprises from other categories of the economy, their individual characteristics are identified. The initial formation of financial resources of enterprises and effective directions for their use in order to ensure sustainable development of enterprises’ activities are also justified.

**Keywords:** financial resources, enterprises, real sector, financial stability, mechanism, efficiency, cash.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дустова Хушнуда Фатҳуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **935-18-82-82.** E-mail: **hushnuda93@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Дустова Хушнуда Фатхуллоевна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес:** 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **935-18-82-82.** E-mail: **hushnuda93@bk.ru**

**Information about the author:** ***Dustova Khushnuda Fathulloevna*** - Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student of the Department of Finance. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **935-18-82-82.** E-mail: **hushnuda93@bk.ru**

ТДУ: 338.24+338.431(575.3)

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ

*Раҷабов А.Қ.*
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Азнавташкилдиҳии корхонаҳои агросаноатӣ, ки дар рафти ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба амал омад, муносибатҳои моликият ва дар ҳамин асос мақсад, вазифа ва шароити фаъолияти хоҷагиро ба куллӣ тағйир дод. Барои 85%-и корхонаҳое, ки моликияташон моликияти хусусӣ мебошад, шартҳои асосии иқтисодӣ фоида гирифтан, мустақилона идора кардани захираҳо ба шумор меравaнд. Дар шароити иқтисоди муосир, хусусияти таркибии сатҳи фаъолияти иқтисодии корхона натиҷаҳои молиявӣ мебошад. Тағйир додани мақсад ва шартҳои фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ боиси ба миён омадани вазифаҳои нав гардида, аз ин рӯ, вазифаҳои идоракунӣ - маркетинг, аудит, менеҷменти молиявӣ, вазифаҳои анъанавии идоракунӣ - таъминоти техникӣ ва технологӣ, банақшагирӣ ва ғайра ба миён омаданд. Аз ин рӯ, тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ мақсади асосии мақолаи мо ба шумор меравад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳои агросаноатӣ барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолияташонро идора кардан аз намуди нави фаъолият, ки менеҷменти молиявӣ мебошад ва нақши вазифаи марказии идоракуниро мебозад, инчунин, роҳҳои ҳалли тамоми вазифаҳои идоракуниро муттаҳид ва танзим мекунад, истифода мебаранд.

Ба маънои васеъ фаъолияти молиявӣ тамоми паҳлуҳои субъекти хоҷагидориро дар идоракунии молиявӣ ифода мекунад. Дар ибтидои асри XXI ин намуди идоракунӣ ба як соҳаи дониш табдил ёфт, ки «менеҷменти молиявӣ» ном дорад.

Дар шароити тезонидани прогресси илмию техникӣ, мураккаб шудани тавсифи муносибатҳои хоҷагидорӣ ва афзудани динамикаи рушди иқтисодиёт зарурати ба таври бояду шояд инкишоф додани менеҷменти молиявӣ ба миён меояд.

Азбаски рушди менеҷменти молиявӣ ҳамчун илм хусусияти таҳаввулотӣ дорад, барои муайян кардани самтҳо ва дурнамои рушди менеҷменти молиявӣ зарурати объективии омӯзиши равандҳои таҳаввулоти рушди он, таҳлили муттасилӣ ва қонуниятҳо ба миён меояд, ки консепсияҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ таҳия карда шавад [15].

Оид ба тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба анҷом расонидаанд. Олими рус Милосердов К.В. дар кори илмии худ бо номи “Ташкили менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ” ба масъалаи мазкур дахл намуда, қайд мекунад, ки менеҷменти молиявӣ ба самаранокии тамоми низоми идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ, ки аҳаммияти таҳқиқотро ба ташкили оқилонаи он муайян мекунад, ба таври назаррас таъсир мерасонад [8,с.4].

Омӯзиши ташкили менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ яке аз самтҳои асосноккунии илмии низоми идоракунии ислоҳот дар истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад.

Анри Файол 5 вазифаи асосии идоракуниро муайян кардааст, аз он ҷумла: банақшагирӣ, ташкил, танзим, ҳавасмандкунӣ ва назорат. Дар равиши дар боло овардашуда, ин вазифаҳо дар вазифаҳои субъекти идоракунӣ инъикос меёбанд.

Дар асоси ақидаи пешниҳоднамудаи Анри Файол олими дигар бо номи Балабанов И. Т. пешниҳод намудааст, ки менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ ҳамчун мақоми идоракунӣ дар худ дастгоҳи идоракунӣ ва қисми идоракунии воҳиди иқтисодиро мегирад. Дар корхонаҳои калони агросаноатӣ чунин дастгоҳи идоракунӣ метавонад комплекси молиявӣ бошад, ки ба он директори молиявӣ ё менеҷери молиявӣ сарварӣ мекунад [2].

Ван Хорн таъкид мекунад, ки нақши директори молиявӣ дар идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ назаррас аст, ҳоло менеҷерони молиявӣ ба идоракунии умумӣ ҷалб карда мешаванд, дар ҳоле ки қаблан онҳо асосан ба афзоиши маблағҳо ва гардиши пули нақд машғул буданд. Маҷмуи омилҳо, аз қабили афзояндаи рақобат байни ширкатҳо, такмили

технологӣ, ки сармоягузории назарраси сармояро талаб мекунанд, таваррум, тағйирёбии фоизҳо, қонунҳои андоз, суботи иқтисодӣ ва молиявӣ дар ҷаҳон, суръати баланди равандҳои молиявӣ ва қабули қарорҳо дар бозорҳои молиявӣ, ки ҳамаи ин ба вазифаи директори генералӣ пешбарӣ карда шудани директори молиявӣ, таъсири калон мерасонанд.

Барои муқовимат бо тағйироти пайдошаванда, муносибати чандир ба ҳамаи омилҳо лозим аст. Усулҳои озмуда ва санҷидашудаи ҳалли мушкилот дар ҷаҳони тағйирёбанда зуд куҳна мешаванд. Директори молиявӣ барои корҳои зерин масъул аст:

1) тақсимоти самараноки маблағ дар дохили корхона;

2) шартҳои мусоиди сафарбар намудани маблағҳо.

Мақсад аз татбиқи ин вазифаҳо ба ҳадди аксар расонидани фоидаи корхонаҳои агросаноатӣ мебошад.

Барои самаранок сафарбар кардани маблағҳо ва тақсими онҳо, директори молиявӣ бояд ин равандҳоро бо диққат ба нақша гирад. Пеш аз ҳама, онҳо бояд гардиши пули нақдро пешгӯӣ ва таъсири онро ба вазъи молиявии ширкат арзёбӣ намоянд. Дар асоси ин пешгӯӣ, онҳо бояд пардохтпазирии кофиро дар нақша барои пардохти уҳдадориҳо сари вақт таъмин кунанд. Чунин амалиётҳо метавонанд маблағҳои иловагиро талаб кунанд. Бо мақсади нигоҳ доштани назорат аз болои вазъи корҳо дар ширкат, директори молиявӣ бояд стандартҳои муайянро муқаррар кунад. Стандартҳои мазкур барои муқоисаи натиҷаҳои воқеӣ бо натиҷаҳои нақшавӣ истифода мешаванд.

Директори молиявӣ тақсимоти маблағҳоро байни сохторҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ назорат ва ҳам сармояи гардон ва ҳам дороиҳо ва уҳдадориҳои кам пардохтпазирро идора мекунад.

Ҷамъоварии маблағҳо ба даст овардани маблағҳоро дар бар мегирад. Сарчашмаҳои онҳо хеле гуногунанд. Ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои мувофиқи аз ҷониби таъминкунандаи сармоя муайяншуда: нарх, муҳлати пардохт, мавҷудият дар лаҳзаи муайян, монеаҳои имконпазир ва дигар шароитҳо мебошанд.

Дар асоси ин омилҳо, менеҷери молиявӣ бояд роҳҳои оқилонаи манбаъҳои маблағгузориро муайян намояд. Ҳангоми қабули қарор, бояд таъсири он ба некуаҳволии кормандони корхонаҳои агросаноатиро ба назар гиранд [23].

Олими тоҷик Ғаниев Т.Б. дар қисми дуюми китоби "Менеҷмент" дар масъалаи мазкур қад намудааст, ки аксари ташкилотҳо дар шароити имрӯза аз рӯйи қонун мустақилияти молиявӣ доранд. Ин асоси самараноки идоракунии гардиши пулиро бо роҳи ташкил ва истифодабарии фондҳои пулӣ, натиҷаҳои дигар фаъолиятҳои молиявӣ бо истифода аз менеҷменти молиявӣ ташкил медиҳанд.

Функсияи асосии менеҷменти молиявии корхона аз инҳо иборат мебошад:

- такрористеҳсолӣ;
- тақсимотӣ;
- назоратӣ.

Ин функсияҳои худро амалӣ гардонида, менеҷменти молиявӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

1. Системаи молиявии ташкилотро барпо сохта, сарчашмаҳои пайдоиши воситаҳои пулӣ, стратегия ва сиёсати молиявии ташкилотро, ки ба натиҷагирии максималӣ ва мустаҳкамгирии максималӣ ва созмон додани устувории молиявӣ равона шудаанд ташкил мекунад.

2. Равандҳои асосии истифодабарии молиявиро муайян карда, тақсимоти фоида ва дивидентро аниқ маълум месозанд.

3. Банақшагирии молиявии истифодабарии захираҳои кутоҳмуҳлат ва дарозмуддати молиявиро муайян месозад.

4. Идоракунии сармояро ба уҳда дорад, махсусан равияҳои зеринро:

- ҷараёни ташаккули сармоя;
- истифодаи активҳои гардишӣ барои таъмин намудани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ;
- муайян кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, мақсимбандии натиҷаҳои молиявӣ;
- солимгардонии молиявии корхона;

- ташкили захираҳои молиявӣ;
- беҳтаркунонии андозситонӣ.

5. Гузаронидани таҳлили молиявии фаъолияти корхона, таваккал, ҷустуҷӯи захираҳои молиявии истифодабарии фондҳои асосӣ ва гардон.

6. Назорати интизоми молиявӣ, риояи меъёрҳо, қоидаҳо ва иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ.

7. Муайян кардани сиёсати қарзии корхона.

Ҳамин тариқ, менеҷменти молиявӣ гуфта, системаи идоракунии ҷараёни молиявии фаъолияти хоҷагидории ташкилотро меноманд [3,с.334-335].

Ҳамзамон, Паронян А.С., дар ҳаммуаллифӣ бо Иванченкова Т.И. оид ба тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ дар мақолаи худ дар мавзуи “Идоракунии активҳои гардон дар корхонаҳои КАС” ақидаронӣ намуда, қайд кардаанд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккули тамоми корхонаҳои агросаноатӣ ба фаъолияти мунтазам ва муътадил манфиатдоранд. Ҳамаи ин танҳо бо ёрии сиёсати возеҳ, асоснок ва самарабахши молиявии корхонаҳои агросаноатӣ, ки ба натиҷаҳои баланди фаъолият нигаронида шуда бошад, ноил шудан мумкин аст. Қисми муҳимми низоми менеҷменти молиявии корхонаҳои агросаноатӣ, ҷорӣ намудани сиёсати идоракунии дороиҳои гардон мебошад [14,с.26].

Дар шароити имрӯза барои муваффақ гардидан, яъне гирифтани фоидаи зиёд аксарияти корхонаҳои агросаноатӣ сиёсати идоракунии дороиҳои гардонро дар сатҳи лозима ба роҳ мемонанд. Чунки дуруст идора кардани дороиҳои гардон, интихоби дурусти онҳо ба корхонаҳои агросаноатӣ имкон фароҳам меоранд, ки корхонаҳои агросаноатӣ ба мақсадҳои гузоштаи худ расанд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар системаи менеҷменти молиявии бахши аграрии иқтисод нишон дод, ки ҳоло таҷдиди назар кардани асосҳои консептуалии ташкили молия ва идоракунии кадрҳои ташкилотҳои агросаноатиро тақозо мекунад. Барои тамоми масъалаҳои молиявие, ки дар фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ ба миён меоянд, хизматрасонии махсус ташкил кардан лозим аст.

Бояд ба назар гирифт, ки менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ ин идоракунии амалиёти молиявӣ, гардиши пули нақд мебошад, ки барои таъмини ҷалб ва гирифтани захираҳои зарурии молиявӣ дар даврахои муайян, истифодаи оқилонаи онҳо бо назардошти нақшаҳои стратегии муқарраршуда, инчунин, бо назардошти эҳтиёҷоти воқеии бахши аграрии иқтисодиёт истифода бурда мешавад [6,с.136-140].

Мо низ чунин мешуморем, ки менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ нуқтаи асосии баланд бардоштани суръати рушди иқтисодии он дар системаи иқтисоди бозорӣ ва дар шароити рақобати шадид мебошад.

Мақсади асосии менеҷменти молиявӣ, таъмини ба ҳадди аксар расонидани некуаҳволии соҳибони корхонаҳои кишоварзӣ дар давраи ҳозира ва оянда мебошад. Ин мақсад ифодаи мушаххасро дар таъмини ҳадди ақали арзиши бозории ташкилоти кишоварзӣ, ки манфиатҳои молиявии соҳибони онро амалӣ менамояд, мегирад [19,с.5-14].

Олими рус Усенко А.М. дар рисолаи доктории худ бо номи «Ташхиси муносибатҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ дар низоми менеҷменти молиявӣ» доир ба масъалаи мазкур таҳқиқот гузаронида, пешниҳод кардааст, ки иқтисодиёти муосири бозорӣ, ки доимо дар ҳоли рушд қарор дорад, ба мураккаб шудани технологияи раванди истеҳсолоти инноватсионӣ, афзоиши рақобат, васеъ намудани доираи қабул ва татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт мусоидат мекунад. Шароитҳои мазкури рушд ба методологияи идоракунии корхона ҳамаҷониба таъсир мерасонанд ва аз ин рӯ, зарурати таҷдидҳои мунтазам ва такмил додани усулҳои идоракунии корхона ба миён меояд [13].

Қисми таркибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории ҳар як субъекти иқтисодӣ, ташаккули муносибатҳои молиявӣ бо дигар субъектҳо мебошад. Чи тавре маълум аст, дар ҳама гуна муҳити молиявӣ ва фаъолияти иқтисодӣ хатарҳои гуногуни иқтидорӣ ва хатарҳои тиҷоратӣ мавҷуданд. Корхонаҳои агросаноатии муосир дар чунин шароит дастгирии ҳамаҷониба ва баланд бардоштани самаранокии амалиётиро талаб мекунад, ки онро тавассути таҳия ва татбиқи воситаҳои нави менеҷменти молиявӣ дар асоси равиши ба таваккал нигаронидашуда ба даст овардан мумкин аст. Менеҷменти молиявӣ дар асоси

равиши ба таваккал нигаронидашуда (менеҷменти таваккалӣ), системаи чандири идоракунии хавфҳои муносибатҳои молиявиро бо назардошти татбиқи меъёрҳои асосии бозорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ таъмин намуда, метавонад ба ҳадди ақал кам ё пешгирӣ намудани пайдоиши хавфҳо дар бозор мусоидат намояд [13,с.3].

Аммо айни замон, дар робита бо вазъияти баъди пандемияи COVID-19, ки дар бахши иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси амру фармонҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон барномаву консепсия ва стратегияҳо таҳия шудааст, мақсади корхонаҳои агросаноатӣ танҳо як фоида ба даст овардан намебошад. Ҳоло ба назар гирифтани оқибатҳои иҷтимоии корхонаҳои агросаноатӣ зарур аст. Ҳамин тариқ, мо мақсадҳо ва вазифаҳои менеҷменти молиявиро дар корхонаҳои агросаноатӣ тариқи ҷадвал пешниҳод менамоем (ниг. ҷадвали 1).

Мақсад ва вазифаҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ, ҳамчун низоми идоракунӣ ва соҳаи махсуси идоракунии корхона, ки дар ҷадвал нишон дода шудаанд, ҳамчун тамоюлҳои рушди корхонаҳои агросаноатӣ қабул гардидаанд ва таъсири манфиро бар рушди корхонаҳои мазкур аз байн мебаранд.

**Ҷадвали 1. Мақсад ва вазифаҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ, ҳамчун низоми идоракунӣ ва соҳаи махсуси идоракунии корхона**

**Table 1. Goals and tasks of financial management in agro-industrial enterprises, as a management system and a special field of enterprise management**

| Мақсадҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ | Вазифаҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ | |
|---|---|---|
| | ҳамчун низоми идоракунӣ | ҳамчун соҳаи махсуси идоракунии корхона |
| баробарии молиявии корхонаҳои агросаноатӣ дар раванди рушд | таҳияи стратегияи молияии корхонаҳои агросаноатӣ | идоракунии дороиҳо |
| зиёд намудани даромади корхонаҳои агросаноатӣ дар давраи ҳозира ва оянда | ташаккули низоми иттилоотӣ ва асосноккунии роҳҳои алтернативии қарорҳои идоракунӣ | идоракунии сармоя |
| истифодаи оқилонаи гардиши пули нақд тавассути идоракунии самарабахши муомилоти нақдӣ | таҳлили ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти молиявии корхонаҳои агросаноатӣ | идоракунии сармоягузорӣ |
| зиёд намудани фоидаи пешбинишуда вобаста ба сатҳи хавфҳои молиявӣ | татбиқи банақшагирии фаъолияти молиявии корхонаҳои агросаноатӣ дар асоси самтҳои он | идоракунии селаҳои пулӣ |
| паст кардани сатҳи хавфҳои молиявӣ вобаста ба фоидаи пешбинишуда | таҳияи низоми самараноки ҳавасмандгардонии татбиқи қарорҳои идоравӣ дар бахши фаъолияти молиявӣ | идоракунии хавфҳои молиявӣ |
| имкониятҳои аз сари нав сармоягузорӣ намудан, ҳангоми тағйирёбии шароити беруна ва дохилӣ дар пешбурди фаъолият | татбиқи назорати самаранок оид ба амалигардонии қарорҳои идоракунӣ дар бахши фаъолияти молиявӣ | идоракунии зидди буҳронӣ |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси таҳлилу омӯзиши маводи ба мавзуъ бахшидашуда, аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло Закирова Э.Р. дар рисолаи илмии худ бо номи “Маблағгузории корхонахои агросаноатӣ: назария, методология, амалия” оид ба проблемаи мазкур дахл намуда, қайд мекунад, ки мо дар рисолаи илмии худ тавсияҳои методӣ пешниҳод намуда, самтҳои асосии таҳияи тадбирҳои танзими давлатӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои аз ҷиҳати системавӣ муҳимми корхонаҳои агросаноатӣ, аз ҷумла идоракунии робитаи сохтори менеҷменти молиявӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои агросаноатиро асоснок намудем [5,с.28-29].

Мо низ, ба ақидаи Закирова Э.Р. мувофиқ мебошем ва ҳаминро қайд намудани ҳастем, ки идоракунии робитаи сохтории менеҷменти молиявӣ ва соҳаҳои алоқаманди

фаъолияти иқтисодии корхонаҳои агросаноатӣ дар таъмини устувории молиявӣ ва муваффақияти корхона нақши ҳалкунанда мебозад. Баъзе ҷанбаҳои асосии идоракунии ин гуна робитаҳо аз инҳо иборат мебошанд:

а) Банақшагирии молиявӣ. Корхонаҳои агросаноатӣ бояд нақшаҳои молиявии ҳамаҷониба таҳия кунанд, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии онҳо мувофиқ бошанд. Банақшагирии молиявӣ муқаррар кардани ҳадафҳои молиявӣ, баҳодиҳии гардиши пули нақд ва муайян кардани сармояи заруриро дар бар мегирад. Он бояд талабот ва хусусиятҳои махсуси бахши агросаноатӣ, аз қабили мавсимӣ ва тағйирёбии нархи молҳоро ба назар гирад.

б) Худмолиякунонӣ. Молиякунонӣ воситаи муҳимми идоракунии молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ мебошад. Он тақсимоти захираҳои молиявиро ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, аз қабили истеҳсолот, маркетинг, таҳқиқот ва рушд, инчунин, рушди инфрасохтор ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Молиякунонӣ бояд воқеӣ бошанд, ба маълумоти дақиқи молиявӣ ва тамоюлҳои бозор асос ёфта, иҷрои онҳо мунтазам назорат карда шаванд.

в) Таҳлили сармоягузорӣ. Корхонаҳои агросаноатӣ аксар вақт ба инфрасохтор, техника ва технология маблағгузории назаррасро талаб мекунанд. Менеҷерони молиявӣ бояд таҳлили ҳамаҷонибаи сармоягузорӣ гузаронанд, то даромадҳо ва хатарҳои эҳтимолии марбут ба лоиҳаҳои сармоягузориро арзёбӣ кунанд. Ин таҳлил бояд омилҳоро ба монанди ҳосили пешбинишуда, талаботи бозор, хароҷоти истеҳсолот ва давраи интизории ҳаёти дороиҳоро ба назар гирад.

г) Идоракунии сармояи муомилот. Идоракунии самараноки сармояи гардон барои корхонаҳои агросаноатӣ аз сабаби мавсимӣ ва даврӣ будани фаъолияти онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Менеҷерони молиявӣ бояд сатҳи инвентаризатсия, қарзи дебиторӣ ва қарзи кредитиро барои нигоҳ доштани тавозуни байни пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ баҳисоб гирад. Усулҳо ба монанди пешгӯии гардиши пули нақд, идоракунии инвентаризатсия ва назорати кредитӣ дар идоракунии самараноки сармояи гардон муҳиманд.

ғ) Идоракунии хавфҳо. Корхонаҳои агросаноатӣ бо хатарҳои гуногун, аз ҷумла ноустувории нархҳо, хатарҳои вобаста ба обу ҳаво, хуруҷи бемориӣ ва тағйироти меъёрӣ рӯбарӯ мешаванд. Менеҷерони молиявӣ бояд стратегияҳои идоракунии хавфҳоро барои кам кардани самаранокии ин хатарҳо таҳия кунанд. Ин метавонад истифодаи воситаҳои молиявиро ба монанди шартномаҳои фючерсӣ ва маҳсулоти суғуртавӣ барои муҳофизат аз тағйирёбии нархҳо ё татбиқи стратегияҳои диверсификатсияи хавфҳоро дар бар гирад.

д) Арзёбии самаранокӣ. Менеҷерони молиявӣ бояд мунтазам фаъолияти молиявии корхонаҳои агросаноатиро барои муайян кардани самтҳои такмил ва арзёбии самаранокии равандҳои идоракунии молиявӣ арзёбӣ кунанд. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, ба монанди даромади сармоягузорӣ, коэффитсиентҳои даромаднокӣ ва коэффитсиентҳои пардохтпазирӣ метавонанд барои назорат кардани вазъи молиявии ширкат кумак расонанд.

Дар маҷмуъ, идоракунии робитаи сохтории менеҷменти молиявӣ ва соҳаҳои алоқаманди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои агросаноатӣ дарки амиқи мушкилот ва динамикаи мушаххаси соҳаро талаб мекунад. Он банақшагирии молиявӣ, худмолиякунонӣ, таҳлили сармоягузорӣ, идоракунии сармояи гардишӣ, идоракунии хавфҳо ва арзёбии самаранокиро барои таъмини устувории дарозмуддат ва даромаднокии корхона дар бар мегирад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Маҳмадизода Ф.Б.**


**АДАБИЁТ**

1. Асоев, Б.Х. Формирование бюджета в условиях рыночных отношений (на примере Республики Таджикистан) / Б.Х. Асоев, Х.А. Нозимов // Финансы: международный опыт и российские реалии: Сборник научных трудов по материалам международной очно-заочной научно-практической онлайн-конференции, Ярославль, 02 декабря 2015 года. -Ярославль: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего профессионального образования "Ярославская государственная сельскохозяйственная академия", 2016. -С.106-109.
2. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 2002.

3. Булдакова И.С., Суворова В.Л. Стратегия и тактика финансового менеджмента // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2015. -Т.8. -С.331–335. [Электронный ресурс]. URL: http://e-koncept.ru/2015/65067.htm.
4. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Қисми 2 / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2006. -543 с.
5. Закирова Э.Р. Финансирование предприятий агропромышленного комплекса: теория, методология, практика: автореф. дисс….докт. экон. наук: 08.00.10 / Э.Р. Закирова. -Екатеринбург, 2019. -44 с.
6. Кириллова С.С. Развитие системы финансового менеджмента в сельскохозяйственных организациях / С.С. Кириллова // Вестник Мичуринского государственного аграрного университета. – 2019. -№3(58). -С.136-140.
7. Климова Н.В. Сущность и направления развития современного финансового менеджмента в АПК России / Н.В. Климова, А.Э. Мелкумян // Научный журнал КубГАУ. – 20156. -№119(05). -С.1-10.
8. Милосердов К.В. Организация финансового менеджмента в сельскохозяйственном предприятии: дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / К.В. Милосердов. –М., 1998. -154 с.
9. Махмадизода, Ф.Б. Повышение конкурентоспособности сельскохозяйственной продукции региона в новых условиях / Махмадизода Ф.Б. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№2. -С.87-94.
10. Махмадизода, Ф.Б. Роль регионального агрокластера в контексте вступления Таджикистана в ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Таджикистан и современный мир. – 2022. -№2(78). -С.192-202.
11. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Махмадизода Ф.Б. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№1. -С.182-189.
12. Махмадизода, Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№5. -С.138-145.
13. Назарзода А.С. Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор: дисс. барои дарёфти унвони н.и.и.: 08.00.04.02 /А.С. Назарзода. -Душанбе, 2023. -196 с.
14. Паронян, А.С. Управление оборотными активами в организациях АПК / А.С. Паронян, Т.И. Иванченкова // Финансовый менеджмент. – 2009. -№5. -С.26.
15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016. -Душанбе, 2016. -98 с.
16. Тебекин А.В., Игнатьева А.В., Родионова Н.В. Хорева А.В. Эволюция концепций финансового менеджмента. [Электронный ресурс]. URL https://mgimo.ru/upload/iblock /6eb/202020.pdf?utm_source=google.com&utm_medium=organic&utm_campaign=google.com&utm_referrer=google.com
17. Усенко А.М. Диагностика финансовых отношений экономических субъектов в системе финансового менеджмента: автореф. дисс….докт. экон. наук: 08.00.10 / А.М. Усенко. -Орел, 2021. -48 с.
18. Финансовый менеджмент в АПК: учебник / под общ. ред. Л.А. Латышевой. -Ставрополь: АГРУС Ставропольского гос. аграрного ун-та, 2015. -С.5-14.
19. Файзуллоев, Т.Т. Активизация инвестиционной деятельности в АПК Таджикистана / Т.Т. Файзуллоев // Современные научные исследования: исторический опыт и инновации: Сборник материалов XIX Международной (политематической) научно-практической конференции, Краснодар, 09-10 февраля 2023 года. -Краснодар: Академия маркетинга и социально-информационных технологий - ИМСИТ (г. Краснодар), 2023. -С.335-340.
20. Файзуллоев, Т.Т. Совершенствование системы управления инвестиционными проектами на агропромышленных предприятиях Согдийской области / Т.Т. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. -№4. -С.109-116.
21. Файзуллоев, Т.Т. Кластерный механизм оценки эффективности инвестиционных проектов в региональном агропромышленном комплексе / Т.Т. Файзуллоев // Региональные проблемы устойчивого развития сельской местности: сборник статей XVI Всероссийской научно-практической конференции, Пенза, 30-31 мая 2019 г. -Пенза: Пензенский государственный аграрный университет, 2019. -С.211-215.
22. Horne J. Van, Wachowicz. Fundamentals of Financial Management, The 13th Ed / Publisher: Prentice Hall. - 2008.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ АГРОСАНОАТӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст. Дар шароити иқтисоди муосир, хусусияти таркибии сатҳи фаъолияти иқтисодии корхона натиҷаҳои молиявӣ мебошад. Тағйир додани мақсад ва шартҳои фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ боиси ба миён омадани вазифаҳои нав гардида, аз ин рӯ, вазифаҳои идоракунӣ - маркетинг, аудит, менеҷменти молиявӣ, вазифаҳои анъанавии идоракунӣ - таъминоти техникӣ ва технологӣ, банақшагирӣ ва ғайра ба миён омаданд. Аз ин рӯ, тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ мақсади асосии мақолаи мо ба шумор меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳои агросаноатӣ барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолияташонро идора кардан аз намуди нави фаъолият, ки менеҷменти молиявӣ мебошад ва нақши вазифаи марказии идоракуниро мебозад, инчунин, роҳҳои ҳалли тамоми вазифаҳои идоракуниро муттаҳид ва танзим мекунад, истифода мебаранд. Омӯзиши ташкили менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ яке аз самтҳои асосноккунии илмии низоми идоракунии ислоҳот дар истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ, ҳамчун низоми идоракунӣ ва соҳаи махсуси идоракунии корхона, ҳамчун тамоюлҳои рушди

корхонаҳои агросаноатӣ қабул гардидаанд ва таъсири манфиро бар рушди корхонаҳои мазкур аз байн мебаранд.
**Калидвожаҳо:** менеҷменти молиявӣ, корхона, корхонаҳои агросаноатӣ, ташаккул, идоракунӣ, низоми идоракунӣ, фаъолияти корхона.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО МЕНЕДЖМЕНТА НА АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

В данной статье анализируются и оцениваются теоретические аспекты тенденций развития финансового менеджмента на агропромышленных предприятиях. В условиях современной экономики составной особенностью уровня экономической деятельности предприятия являются финансовые результаты. Изменение целей и условий деятельности агропромышленных предприятий привело к появлению новых задач, а значит, и задач управления - маркетинга, аудита, финансового менеджмента, традиционных задач управления - технического и технологического обеспечения, планирования и т.д. Поэтому тенденции развития финансового менеджмента на агропромышленных предприятиях являются основной целью нашей статьи. В условиях рыночной экономики агропромышленные предприятия используют новый вид деятельности - финансовый менеджмент, который играет роль центральной задачи управления, а также способы объединения и регулирования всех управленческих задач, управления конечными результатами своей деятельности. Исследование организации финансового менеджмента в агропромышленных предприятиях является одним из направлений научного обоснования реформы системы управления агропромышленным производством. Цели и задачи финансового менеджмента в агропромышленных предприятиях как системы управления и особой области управления предприятием принимаются как тенденции развития агропромышленных предприятий и устраняют негативное влияние на рост этих предприятий.
**Ключевые слова:** финансовый менеджмент, предприятие, агропромышленные предприятия, формирование, менеджмент, система управления, предпринимательская деятельность.

## THEORETICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT TRENDS OF FINANCIAL MANAGEMENT IN AGRICULTURAL ENTERPRISES

This article analyzes and evaluates the theoretical aspects of trends in the development of financial management in agro-industrial enterprises. In the modern economy, an integral feature of the level of economic activity of an enterprise is financial results. Changing the goals and operating conditions of agro-industrial enterprises has led to the emergence of new tasks, and therefore management tasks - marketing, audit, financial management, traditional management tasks - technical and technological support, planning, etc. Therefore, trends in the development of financial management at agro-industrial enterprises are the main goal of our article. In a market economy, agro-industrial enterprises use a new type of activity - financial management, which plays the role of a central management task, as well as ways to combine and regulate all management tasks and manage the final results of their activities. The study of the organization of financial management in agro-industrial enterprises is one of the areas of scientific substantiation of the reform of the agro-industrial production management system. The goals and objectives of financial management in agro-industrial enterprises as a management system and a special area of enterprise management are accepted as development trends of agro-industrial enterprises and eliminate the negative impact on the growth of these enterprises.
**Keywords:** financial management, enterprise, agro-industrial enterprises, formation, management, management system, entrepreneurial activity.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Алиҷон Қурбоналиевич*** – Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ассистенти кафедраи иқтисодиёт. **Суроға:** 735140, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, маҳаллаи Борбад. E-mail: **rajabov-alijon93@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-85-85-13**

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Алиджон Курбоналиевич*** – Институт технологий и инновационного менеджмента города Куляба, ассистент кафедры экономики. **Адрес**: 735140, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, ул. Борбад. E-mail: **rajabov-alijon93@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-85-85-13**

**Information about the author:** ***Rajabov Alijon Qurbonalievich*** – Institute of Technology and Innovation Management Kulob, assistant of the Department of Economics. **Address:** 735140, Kulob, Republic of Tajikistan, Khatlon region, st. Borbad. E-mail: **rajabov-alijon93@mail.ru.** Phone: **(+992) 987-85-85-13**

ТДУ: 332 (575.3)

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ САНОАТӢ ДАР АСОСИ СИЁСАТИ САНОАТӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ МИНТАҚА

*Шаропова Н.Ҳ.*
**Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара**

Дар шароити муосир ҳадафи саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин таъмини маҳсулоти саноатии ватанӣ, беҳтар гардонии таъминоти хӯроквории аҳолӣ, рушди истеҳсолоти дорои технологияҳои баланди рақобатпазир ва ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад. Чи тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қайд карда шудааст: «дар соҳаҳои ислоҳоти идоракунии давлатӣ, макроиқтисодиёт, рушди сектори хусусӣ, баланд кардани самаранокии сектори энергетикӣ, пешбурди лоиҳаҳои саноатӣ ва сайёҳӣ, рушди саноати кӯҳӣ ва истихроҷи маъдан як қатор чораҳои ҷиддӣ андешида мешаванд ва тибқи дурнамо дар заминаи истеҳсолоти мавҷудбуда на кам аз 8-10 комплексҳои саноатӣ-истеҳсолӣ, энергетикӣ, хусусӣ-саноатӣ ва давлатӣ ташкил хоҳанд шуд» [11]. Вобаста ба ин, давлат ҳамчун субъекти фаъоли иқтисодӣ дар нигоҳдории устувории сиёсии ҷомеа масъул мебошад. Танзими соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар чун вазифаи давлатӣ барои рушди иқтисодӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, маориф, тандурустӣ ва маданият мавқеи аввалиндараҷа дорад.

Афзалияти аввалиндараҷаи сиёсати муосири иқтисодӣ, ки барои татбиқи сиёсати давлатӣ зарур аст, ин танзими давлатии саноат мебошад. Консепсияи сиёсати саноатӣ аксар вақт бо танзими давлатии саноат муайян карда мешавад. Дар таърифи баъзе аз муаллифон сиёсати саноатӣ ба саноати мавҷудбуда таъсир мерасонад. Муаллифони хориҷӣ бошанд ба сиёсати саноатӣ аҳаммияти стратегӣ медиҳанд, ба ақидаи онҳо сиёсати саноатӣ ба сохтори худи саноат, ба самти рушди соҳаҳо бевосита таъсир мерасонад, ҳамзамон, шаклҳои навро ба тартиб медарорад ва ба вуҷуд меоварад. Аммо, таҳлили баъзе муҳаққиқон нишон медиҳад, ки бо вуҷуди чунин нақши баланди сиёсати саноат, онҳо асосан танзими давлатии саноатро меомӯзанд.

Дар адабиётҳои илмӣ таърифҳои гуногун оид ба сиёсати саноатӣ ва танзими давлатии саноат оварда шудааст. Сиёсати саноатӣ ҳамчун «маҷмуи тадбирҳои танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи соҳавӣ ва корпоративӣ, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, азнавсозии сохтори иқтисодиёт ва рушди иқтисодӣ нигаронида шудаанд», фаҳмида мешавад [1,с.145].

Сиёсати саноатӣ сиёсати давлати буда, ба соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Сиёсати саноатӣ фаъолияти стратегии давлат, ки мақсади он таъсир расонидан ба рушди саноат тавассути бахшҳо, инчунин, ташаккули “портфели миллии саноатӣ” мебошад [2].

Сиёсати саноатӣ ҳамчун фаъолияти фароҳам овардани шароит барои субъектҳои хоҷагидор дар худи соҳа, инчунин, дар соҳаҳои ба он алоқаманд муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сиёсати иқтисодӣ дар бахши саноат ин "сиёсати ҳукуматест, ки ба такмил додани муҳити соҳибкорӣ ё такмил додани сохтори фаъолияти иқтисодӣ аз рӯйи бахшҳо мебошад” [15,с.27].

Ҳамзамон, як қатор тафсирҳо оид ба танзими давлатии саноат мавҷуданд. Танзими давлатии саноат ба зиёд кардани сармоя ва баланд бардоштани самаранокии саноат нигаронида шудааст. Дар сурати мавҷуд набудани рақобати шадид, истеҳсолкунандагон кӯшиш намекунанд, ки ҳаҷми сармоягузориҳои дарозмуддат, сармоягузорӣ ба омӯзиши кормандон ё хароҷоти таҳқиқотиро афзоиш диҳанд. Чунин кирдорҳои фирмаҳои хусусӣ на танҳо дараҷаи некуаҳволии онҳо, балки тамоми ҷамъиятро баланд мебардорад. Аммо аз тарафи дигар, барои як истеҳсолкунанда сармоягузории дарозмуддат дар таҳқиқот, таҳия ва омӯзиш метавонад хеле хатарнок бошад. Ҳукумат бо ёрии воситаҳои танзими давлатии саноат барои коҳиш додани хатарҳои ширкатҳои хусусӣ, ҳавасмандгардонии афзоиши сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии саноат мусоидат менамояд.

Танзими давлатии саноат «маҷмуи амалҳои давлат ҳамчун ниҳоде мебошад, ки ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ (корхонаҳо, корпоратсияҳо, соҳибкорон ва ғ.) таъсир мерасонад, инчунин, ҷанбаҳои муайяни ин фаъолият бо ба даст овардани омилҳои истеҳсол, ташкили истеҳсол, тақсим ва фурӯши мол ва хизматрасонӣ дар тамоми марҳилаҳои давраи ҳаёти субъекти хоҷагидорӣ ва давраи ҳаёти маҳсулоти он мебошад» [16,с.267].

Усмонов Х.М., Усмонов М.Х. қайд мекунанд, ки консепсияи идоракунии зиддибуҳронии иқтисодиёти Тоҷикистон маҷмуи чораҳоро оиди баромадан аз вазъияти мавҷуда пешбинӣ мекунанд [12,с.156].

Муаллифон барқарорсозии робитаҳои кандашудаи байни давлатҳои собиқ ИҶШС дар заминаи нав тариқи ташкили гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ пешбинӣ мекунанд. Муқарраркунии масъалаи идоракунии давлатӣ хеле мубраму муҳим аст ва дар тафовут аз муаллифони дигар исбот карда мешавад, ки давлат наметавонад нисбати бозор мавқеи бетарафро дошта бошад ва бозор бояд ҳатман идора карда шавад.

Талаботи қонеънагардида - муҳаррики асосии пешравии илмӣ-техникӣ ва сатҳи нархҳо мебошад. Ба андешаи Гулмирзоев Д., "аломати асосии бозор - тавозуни бо озодии нарх таъминшаванда мебошад" [4]. Вобаста ба ин, низоми водоркунандаи мубаддал шудани шахси мансабдор ба хизматчии дар рушди самаранокии тамоми иқтисодиёт манфиатдошта, ҳар як субъекти соҳибкорӣ ва баланд гардонидани сатҳи зиндагии меҳнаткашон ва сатҳҳои осебпазири аҳолӣ зарур аст. Ин аз консепсияи пешниҳодшудаи давлатӣ - ҳамчун низоми ташкилотҳо ё корпоратсияҳо бо инфрасохтори иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бармеояд. Дар ин ҳолат давлат бояд идоракунии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи соҳибкорӣ бо мақсади роҳ надодан ба буҳронҳои иқтисодӣ ва нарм кардани оқибатҳои иҷтимоии онҳо, суғурта кардани хавфҳои инвеститсионии соҳибкорӣ дар заминаи банақшагирии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, пешгӯӣ ва таъминоти моддӣ-техникии лоиҳаҳои муҳимро ба роҳ монад.

Олими рус Поол А. таъкид менамояд, ки давлат бояд иқтисодиётро назорат намояд, фармонҳои роҳбарикунанда-назоратиро интишор кунад. Дар доираи тарзи корбарии мазкур, тавассути чораҳои танзимкунанда ҳукумат одамонро бо ҳавасмандкунӣ ё маҳдудкунии намудҳои муайяни фаъолияти иқтисодӣ идора менамояд [7,с.156]. Вобаста ба ин вазифаҳои танзимкунанда, идоракунанда ва ҳавасмандкунандаи давлат, ки барои таъмини ташаккули рушди устувори иқтидори саноатии минтақа ва ҳавасмандгардонии талаботи пардохтпазирӣ хеле муҳиманд.

Танзими давлатии саноат ин маҷмуи чораҳои ҳукуматӣ оид ба мусоидат намудан ё пешгирии тағйироти сохтори муайян мебошад [4,с.10].

Танзими давлатии саноат маҷмуи барномаҳои иқтисодиест, ки аз тарафи давлат роҳандозӣ мегардад ва дар онҳо бахшҳои давлативу хусусӣ фаъолияти худро дар раванди таҳия ва таъсиси технология ва соҳаҳои нави саноат ҳамоҳанг мекунанд [7,с.363].

Ба хулосаи мо, танзими давлатии саноат метавонад ҳам ба блоки соҳавии сиёсати иқтисодӣ ва ҳам ба блоки институтсионалӣ таалluқ дошта бошад, зеро танзими давлатии саноат сиёсати саноатиро муайян мекунад. Ҳамзамон, технологияи татбиқи воситаҳои алоҳидаи сиёсати иқтисодиро ташкил медиҳад ва дурнамои рушди танзими давлатии саноатро нишон медиҳад. Танзими давлатии саноат на аз рӯи объекти танзим (андоз, буҷет, иқтисоди хориҷӣ, муносибатҳои заминӣ ва ғайра), балки аз рӯи сатҳи танзим (равандҳо дар сатҳи соҳа ва корпоративӣ) муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар доираи танзими давлатии саноат, воситаҳои вобаста ба танзим навъҳои гуногуни муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидор (воситаҳои андоз, пулию молӣ, гумруку сиёсати бонкӣ ва ғайра) метавонанд, истифода шаванд. Намудҳои дахлдори сиёсати иқтисодӣ на ба мақсадҳои танзими саноат, балки имкони истифодаи ҳамоҳангсозии воситаҳои гуногуни сиёсати иқтисодӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои танзими давлатии саноат нигаронида шудаанд [18,с.141].

Танзими давлатии саноат дар шароити маҳдудияти дастрасии озод ба бозор (масалан, хангоми санксияҳои иқтисодӣ) аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Масалан, таҳримҳое, ки Иёлоти Муттаҳида ё худ давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба Русияву баъзе кишварҳои дигар қабул карданд, аз як тараф, дастрасиро ба бозорҳои молиявӣ ба

таври назаррас коҳиш дода, содироти озоди як қатор маҳсулот ва технологияҳоро маҳдуд карданд, аммо, тавассути сиёсати босалоҳияти саноати онҳо ба ин гуна давлатҳо имконият доданд, ки бо ёрии чораҳои муҳофизатӣ баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватаниро таъмин намоянд.

Яке аз ҳолатҳои истифодаи фаъоли танзими давлатии саноат ба Англия робита дорад, ки ҳангоми манъи содироти пашм дар солҳои 1661-1662 ва манъи воридоти газвор дар соли 1567 боиси кризис гардид. Мувофиқи ҳисобҳои иқтисодчии англис Чарлз Девенант дар Англия солҳои 1660-1688 савдо, саноат ва киштии Англия бештар аз ду баробар афзуд. Худи ҳамин иқтисодчӣ чунин ҳисоб мекард, ки савдои берунӣ ва саноат то соли 1688 даромади солонаи камаш 2 миллион фунтро ташкил медиҳад [19,с.331].

Ҳамин тариқ, моҳияти танзими давлатии саноатро фаҳмидан кифоя нест, муҳим воситаҳои онро дуруст истифода бурда тавонистан лозим аст. Бояд гуфт, ки танзими давлатии саноат барои рушди босуръати (ё азнавсозии) хоҷагии халқ хеле самаранок истифода мешавад. Масалан, иқтисодчии машҳур Х.Ч. Чанг дар асари худ «Сиёсати саноатӣ дар Осиёи Шарқӣ - Дарсҳо барои Аврупо» [13,с.145] қайд мекунад, ки таҳлили танзими давлатии саноат, ки аз ҷониби Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван истифода мешаванд, равшан нишон медиҳад, ки муваффақият тавассути фаъолияти фаъол ба даст омадааст. Танзим ва қатъиян татбиқ намудани чораҳои муҳофизатӣ нисбат ба соҳаҳои ояндадори саноатӣ ба манфиати кор аст.

Мудири Пажуҳишгоҳи иқтисодии Академияи илмҳои Русия Руслан Гринберг низ чунин нуктаро баён мекунад: “Кишварҳое, ки тавонистаанд як пешрафти иқтисодӣ ба даст оранд ва аз кишварҳои рӯ ба рушд ба кишварҳои пешрафта табдил ёбанд, ин корро танҳо бо кумаки танзими давлатии саноат бомуваффақият анҷом доданд. (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Чин, Малайзия, Тайван)" [3].

In the presented article, in the general structure of energy resources of the Republic of Tajikistan, the share of electricity (by year) is more than 95 percent. The development of renewable hydropower resources is one of the top priorities for the sustainable development of the country's economy. Everyone knows that hydroelectric power produced by hydroelectric power plants is the cheapest and most environmentally friendly of all available energy production methods. Therefore, the process of forming a management system for the energy system and energy security in modern times requires new mechanisms for improvement. In this regard, the production and use of solar energy in the republic is cost-effective and, including about 280-330 sunny days, electricity is produced with a capacity of 25 million kWh per year. The development of energy security management in the Republic of Tajikistan should be carried out by studying the characteristics of this industry and its strategic trends that determine the current situation and its further development. Factors that determine the specialization of the sector include large hydropower, which solves the problem of electricity shortages in the country, limited renewable energy resources (oil, gas and coal), which accelerate the development of the hydropower system based on efficient use. abundant power, requires water resources, the quality of a natural monopoly of energy enterprises and requires active government regulation, important measures have been taken.

**Keywords:** development, strategy, energy security, mechanism, efficiency, hydropower.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаев Диловар Хайриддинович*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғурта. **Суроға**: 734061, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ходжаев Диловар Хайриддинович*** **–** Таджикский государственный университет коммерции**,** кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и страхования. **Адрес:** 734061, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khojaev Dilovar Khayriddinovich*** – Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Insurance. **Address**: 734061, Dushanbe, Republic of Tajikistan, A. Dehoti street 1/2. Phone: **(+992) 987-52-60-60**. E-mail: **khojaev02@mail.ru**

ТДУ: 336.714(575.3)

# МАЗМУНИ ИҚТИСОДИИ СИЁСАТИ БОНКӢ ДАР СОҲАИ ҶАЛБИ ЗАХИРАҲО

*Маҷидова М.Н.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Ҳангоми ифшои мундариҷаи иқтисодии сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби захираҳо, воситаҳои мафҳумии дар адабиёти молиявӣ мавҷудбудаи соҳаи мавриди назар, ки категорияҳои сиёсати молиявӣ, захиравӣ, амонатӣ, эмиссионии бонк ва инчунин, сиёсати ташаккули захираҳои ҷалбшударо дар бар мегирад, бояд ба низом дароварда шавад. Намудҳои номбаршуда, ба истиснои сиёсати амонатӣ, на танҳо дар низоми бонкӣ, балки дар дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ низ татбиқ карда шудааст [6]. Аз ин рӯ, бояд қайд намуд, ки ҳамаи қонунҳои тартиб дода шуда "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти бонкиро муайян намуда, барои фароҳам овардани шароити муосиди фаъолияти бонкӣ нигаронида шудааст.

Агар сиёсат дар маҷмуъ ҳамчун санъати идоракунӣ, фаъолияти оқилонаи мақсаднок, ки барои ошкор ва ҳалли мушкилоти давлат ва субъектҳои иқтисодиёт амалӣ карда мешавад, баррасӣ карда шавад, пас бояд дар бораи он ҳамчун падидаи мураккаб, ки барои соҳаҳо, сатҳҳо, ҳадафҳо ва инчунин, субъектҳои гуногуни татбиқи он хос аст, сухан ронем.

Сиёсати молиявӣ ба соҳаи таъсис, ҳаракати ҷараёни молиявӣ, ташкил ва истифодаи фондҳои пулӣ дахл дорад ва дар сатҳҳои макроиқтисод, мезоиқтисод ва микроиқтисод амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, А.Г. Грязнова бо ҳаммуаллифон сиёсати молиявиро дар сатҳи макроиқтисод ҳамчун "маҷмуи тадбирҳои мақсадноки давлат дар соҳаи истифодаи молия бо мақсади муайян кардани... чорабиниҳои самараноки... барои ташкили заминаи молиявии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат" муайян мекунанд [12].

Сиёсати молиявӣ дар сатҳи макро ҳамчун воситае хизмат мекунад, ки тавассути он заминаи молиявии ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди давлат қарордошта ташаккул меебад. Асоси молиявӣ, захираҳои молиявие мебошанд, ки дар ҷараёни муносибатҳои молиявии байни давлат ва субъектҳои иқтисодиёт ташаккул ва истифода мешаванд. Сиёсати молиявии макроиқтисодӣ ду ҷанбаи калидиро фаро мегирад: таъмини молиявии фаъолияти давлат ва ноил шудан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим. Сиёсати давлатии молиявӣ бояд ба се унсур асос ёбад: 1) консепсияи рушди муносибатҳои молиявӣ; 2) самтҳои асосии татбиқи захираҳои молиявӣ дар доираи давраи ҷорӣ; 3) мушаххас намудани самтҳои истифодаи захираҳои молиявӣ дар оянда. Унсури дуюми мундариҷаи сиёсати молиявӣ ба тактикаи молиявӣ ва сетий ба стратегияи молиявӣ дахл дорад. Тактикаи молиявӣ ҳамчун ҷузъи оперативии литикаи молиявӣ дар доираи стратегияи молиявӣ, ки системаи ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуддатро дар соҳаи муносибатҳои молиявӣ тавсиф мекунад, амалӣ карда мешавад.

Фаҳмиши сиёсати молиявӣ ҳамчун ягонагии стратегияи молиявӣ ва тактика дар ҷараёни пӯшонидани мундариҷаи иқтисодии он дар сатҳи микро падидаест, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ хеле зуд - зуд пайдо мешавад. Аммо, худи тафсири стратегия, ба монанди сиёсат, аз ҷузъи молиявӣ берун аст. Гумон меравад, ки мафҳуми стратегияро дар мавриди корхона бори аввал А.Д. Чандлер ҷорӣ кардааст, ки мувофиқи он стратегия бо муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуддати ширкат, тасдиқи самти амал ва тақсимоти захираҳои зарурӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо алоқаманд аст [5, қ. 5]. Дар асоси консепсияи моҳияти бонк ҳамчун корхонаи махсуси молиявӣ ва қарзӣ, мо ин таърифро барои бонк низ одилона мешуморем. Аз замони таҳияи аслии мундариҷаи стратегияи ташкилот вақти зиед гузашт. Аммо, он бо сабаби консепсияи асосии тафсир аҳаммияти худро гум накард. Ҳамаи равишҳои минбаъда ба стратегия, ба андешаи мо, ба муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо ва самти амал равона карда шудаанд.

Пас, асоси татбиқи стратегия захираҳо (дар назарияи иқтисодӣ омилҳои истеҳсолот мебошанд), ки барои ноил шудан ба ҳадафҳо истифода мешаванд, гуногунанд: онҳо на танҳо захираҳои молиявӣ, балки захираҳои иттилоотӣ, меҳнатӣ, технологӣ, моддӣ ва ғайра мебошанд. Мутаносибан, стратегияи молиявӣ ва сиёсати молиявии ба он алоқаманд танҳо масъалаҳои ташаккул ва тақсимоти захираҳои молиявиро дар бар мегиранд. Дар

навбати худ, захираҳои молиявӣ метавонанд ба ҳама гуна дигар намуди таъминоти захиравии фаъолияти субъекти иқтисодӣ табдил гардад.

Тақвияти технологияҳои рақамӣ дар соҳаи бонкӣ аҳаммияти тамоми захираҳои таркибии бонкро торафт бештар мекунад. Татбиқи навовариҳои рақамӣ ба даст овардани тавозуни захираҳо, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ, навсозии сохтори бонкӣ, маҳсулот ва каналҳои ҳамкории муштариёнро талаб мекунад. Бо вуҷуди ин, адабиёти муосири иқтисодии ватанӣ, чун қоида, тафсири васеи ҷузъи захираро ба назар намегирад. (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Асосҳои таърифии сиёсати молиявӣ ва захиравии бонк дар адабиёти иқтисодӣ**
**Table 1. Basics of definition of the bank's financial and reserve policy in the economic literature**

| Сиёсати молиявии бонк | Сиёсати захиравии бонк |
|---|---|
| 1. Сиёсат ҳамчун воситаи идоракунӣ | |
| Низоми ягонаи муносибатҳои пулии дохилибонкӣ, ки дар асоси сиёсати қабулшуда ба соҳибмулкон оид ба идоракунии захираҳои пулӣ бо мақсади ба ҳадди аксар расонидани фоида ва таъмини сатҳи зарурии некуаҳволии соҳибмулкон бо шарти нигоҳ доштани мақоми бонки тиҷоратии доимоамалкунанда, рақобатпазир ва аз ҷиҳати сармоягузорӣ ҷолиб дода мешавад [13,с.1137-1142]. | Маҷмуи чорабиниҳои танзимшуда ва ҳамгирошуда ба стратегияи корпоративӣ оид ба ташаккули сармояи захиравӣ, ки ба бонк имкон медиҳад, ки вазифаҳои хосси миёнарави молиявиро дар иқтисоди бозорӣ самаранок амалӣ намояд ва табдили маблағҳои ҷамъшударо ба сармоя ҳамчун арзиши худидоракунанда таъмин намояд [14,с.19-24]. |
| Самтҳои рушдро дар соҳаи ташаккул ва тағйир додани захираҳои молиявии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро аниқ карда, стратегия ва сиёсати бонкро дар соҳаи ташаккул ва тағйир додани захираҳои молиявӣ муайян мекунад [8,с.50-54]. | Стратегия ва сиёсат дар самти муайян кардани манбаъҳои устувор ва фаврии пул ҳам барои ташаккули худ ва ҳам барои ҷалби маблағҳои пулӣ аз ҷониби бонк барои таъмини даромаднокӣ, эътимоднокӣ ва пардохтпазирии бонк [3,с.209-214]. |
| Бо идоракунии устувории молиявӣ алоқаманд буда, ҳам ба эҳтиёҷоти ҷории бонк ва ҳам ба ҳадафҳои ояндадор нигаронида шудааст [4,с.57-62]. | Таҳлили амонатҳо, кам кардани хароҷот дар ҷараени ҷалби маблағ, ҳаддикунонии идоракунии сандуқи амонатии бонк барои баланд бардоштани устувории он ва нигоҳ доштани сатҳи зарурии пардохтпазирӣ [9,с.44–46]. |
| Воситаи идоракунии молиявии бонк, ки субъектҳои идоракунӣ ҳангоми таъсиррасонӣ ба объектҳои молиявӣ истифода мебаранд [15]. | |
| 2. Сиёсат ҳамчун маҷмуи расмиёт ва равандҳо | |
| Принсипҳо ва усулҳои иҷрои амалҳои пайваста алоқаманд оид ба ташаккул ва тағйир додани захираҳои молиявии бонк бо мақсади иҷрои вазифаҳои бонк дар шароити гуногуни иқтисодӣ [11,с.71-75]. | Ҷалби ҳаҷми зарурии маблағҳо ва табдил додани онҳо ба захираҳои бонкӣ бо хароҷоти камтарин [1,с.71-75]. |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф дар асоси адабиётҳои 1; 3; 4; 8; 9; 11; 13; 14 ва 15 тартиб дода шудааст.

Гузашта аз ин, маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки мафҳумҳои сиёсати молиявӣ ва захиравӣ аксар вақт якдигарро иваз мекунанд. Муҳаққиқон онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва мундариҷа якхела мебинанд, ки ба назари мо консептуалӣ нодуруст аст. Инчунин, муаллифони алоҳида, сиёсати захираро ҳамчун объекти таҳлил ҷудо карда, мундариҷаи онро бо захираҳои амонатӣ маҳдуд мекунанд.

Мо чунин мешуморем, ки тафсири сиёсати захираҳо бояд аз доираи тафсири маъруфи баҳисобгирӣ ва таҳлилии захираҳо ҳамчун манбаъҳои воситаҳо, ки дар ҳар як таърифи овардашуда пайгирӣ карда мешаванд, берун равад. Бо сиёсати захиравии бонки тиҷоратӣ, ба андешаи мо, фаҳмидани стратегия ва тактикаи бонк дар соҳаи ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва дигар захираҳои бонк дар доираи самтҳои амалишавандаи фаъолияти бонкӣ мувофиқи афзалиятҳо ва ҳадафҳои муқаррарнамудаи муассиса оқилона аст. Аз ин рӯ, сиёсати молиявӣ ҷузъи сиёсати захиравии бонк, навъи он дар баробари сиёсати кадрӣ, сиёсати идоракунии заминаи моддӣ-техникӣ ва сиёсати идоракунии захираҳои иттилоотӣ ва

рақамӣ мебошад. Ҳар як унсури сиёсати захиравии ташкилоти қарзӣ бо сабаби хусусияти объекти идоракунӣ мавзуи мустақили таҳқиқот мебошад. Биёед ба ҷанбаҳои асосии сиёсати молиявии бонк муфассалтар диққат диҳем.

Номуайянии ақидаи муҳаққиқон дар бораи моҳияти сиёсати молиявии бонк (ниг. ба ҷадвали 1) бояд бонизом ва мушаххас карда шавад. Аз ҷумла, ҳангоми муайян намудани сиёсати молиявии бонк бояд чунин бандҳои муҳим, ба андешаи мо, ҷудо карда шаванд:

1) дар сатҳи менеҷменти олии бонк таҳия карда мешавад ва ба манфиатҳои соҳибон, аз ҷумла дар масъалаҳои фаъолияти устувори бонк дар дарозмуддат ҷавобгӯ мебошад;

2) ба стратегияи молиявӣ ва сиёсатҳое асос ёфтааст, ки ҳадафҳои фаъолияти молиявиро муайян мекунанд;

3) принсипҳо, тадбирҳо ва усулҳоро дар соҳаи таъмини молиявии фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла дар самти табдили самараноки захираҳои молиявӣ ба дороиҳои ташкилот мушаххас менамояд;

4) ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад, дар давраи амал ҳатмӣ мебошад ва ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад;

5) хусусияти ташкилоти қарзиро ҳамчун миёнарави молиявӣ ба назар мегирад.

Ба ақидаи О.С. Мирошниченко, таърифи сиёсати молиявии бонк дар таҳқиқоти муосир ба равишҳои гуногун, яъне ба равишҳои мурофиавӣ, мақсаднок, ҳуҷҷатӣ асос ёфтааст [7]. Дар ин таҳқиқот, мо ба аввалин пайваст мешавем. Мувофиқи он ва коркардҳои мавҷуда сиёсати молиявии бонкро ҳамчун системаи принсипҳо, тадбирҳо ва усулҳои асосии равандҳо ва расмиёти ташкилот пешниҳод менамоем. Таъмини молиявии фаъолияти бонки тиҷоратӣ, ки ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои соҳибони бонк бо назардошти талаботи фаъолияти устувори он дар оянда ҳамчун миёнарави молиявӣ равона карда шудааст. Зери мафҳуми принсипҳо мо қоидаҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати молиявиро мефаҳмем, ки дар он интихоби тадбирҳо ва усулҳо сохта мешаванд ва дар ҷараёни ташкили таъминоти молиявии фаъолияти бонкӣ истифода мешаванд. Онҳо бояд ба принсипҳои идоракунии молиявии бонк мансуб дониста шаванд, зеро ҳангоми таҳияи стратегия ва сиёсати молиявӣ онҳо бояд миқдоран чен карда шаванд.

Дар адабиёти иқтисодӣ принсипҳои умумӣ ва мушаххаси сиёсати молиявии бонк ҷудо карда мешаванд. Принсипҳои дар кори Е.Г. Шатковская овардашуда оид ба афзалияти ҳадафҳои моликият, самаранокӣ, мувофиқати манфиатҳои субъектҳои идоракунӣ метавонанд ҳамчун умумӣ тафсир карда шаванд [13]. Аммо мо фикр мекунем, ки онҳоро дар доираи принсипи системавӣ муттаҳид кардан мақсаднок аст. Ин маънои онро дорад, ки сиёсат бояд таъсири мутақобилаи хавфҳои бонкӣ, сохтор ва арзиши захираҳои молиявиро ба сохтор ва арзиши дороиҳои ташаккулёфтаи бонк ба назар гирад. Маҳз риояи он имкон медиҳад, ки самаранокии ҳамкории молиявӣ бо ташкилоти қарзии ҳамаи иштирокчиени раванди таъмини молиявии фаъолияти он баланд бардошта шавад ва инчунин, ихтилофоти байни онҳо, ки муаллифи зикршуда беасос нодида гирифта, дар бораи "авлавияти манфиатҳои субъектҳои идоракунӣ" сухан меронад, баробар карда шавад [13,с.1141]. Аҳаммияти принсипи системаро таҳқиқоти эмпирикӣ низ тасдиқ мекунад. Аз ҷумла, ҳангоми баҳодиҳии арзиши сармояи бонкӣ нишон дода шудааст, ки баланд бардоштани самаранокии хароҷот, хавфи қарзӣ ва арзиши бонк, омилҳои муҳимтарини ба вуҷуд овардани арзиши саҳомӣ мебошанд.

Илова бар ин, ба принсипҳои умумӣ, ба андешаи мо, бояд принсипҳои ягонагӣ (сиёсати қабулкардаи бонк бояд аз ҷониби субъектҳои сатҳҳои гуногуни идоракунӣ амалӣ карда шавад), муттасилӣ (сиёсат бояд ба муҳити дохилӣ ва берунии фаъолияти ташкилоти қарзӣ мувофиқ бошад, аммо баррасии он бояд асоснок ва тасдиқ карда шавад). Маҳз дар тафсири пешниҳодкардаи мо принсипҳои зикршуда ба баланд бардоштани самаранокии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявии бонки тиҷоратӣ мусоидат мекунанд.

Принсипҳои мушаххаси сиёсати молиявӣ, масалан дар асарҳои Е.А. Бибикова, С.В. Симонсева [2], С.А. Орлова, Е.С. Ташанова [8] ва ғайра муайян карда шудаанд.

Чун дигар сиёсатҳои бонк, сиёсати молиявӣ бо объекти мушаххаси идоракунӣ, яъне захираҳои молиявӣ, ки тавассути онҳо субъекти сиёсати молиявӣ (бонк) метавонад вазифаҳои хусусияти сармоягузорӣ ва молиявиро ҳал кунад, тавсиф карда мешавад. Ҳалли онҳо дар асоси омезиши ду раванди намунавӣ сафарбаркунӣ ва сармоягузорӣ амалӣ карда

мешавад. Натиҷаи сафарбаркунӣ дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ ва ҷалби ҳаҷми зарурии захираҳои молиявӣ (маблағҳо) мебошад. Манбаъҳои маблағгузорӣ ба маънои классикӣ ба худӣ, қарзӣ ва ҷалбшуда тақсим карда мешаванд ва воситаҳои молиявӣ аз ҷиҳати сохторӣ даромади пулӣ, пасандозҳо, даромадҳо мебошанд. Натиҷаи сармоягузорӣ самтҳо ва ҳаҷми сармоягузории маблағҳои ҷалбшуда мебошад ва охирин ба таври васеъ, аз ҷумла ҳамчун маблағҳое, ки аз соҳибмулкон ҷалб карда шудаанд, тафсир карда мешаванд.

**Расми 1. Сохтори ҳамаҷонибаи сиёсати бонк дар соҳаи захираҳо**
**Figure 1. Comprehensive structure of the bank's policy in the field of reserves**




Сарчашма: Дар асоси адабиётҳо аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Объекти мушаххаси сиёсати молиявии бонк дар асоси усулҳои мушаххас сафарбар ва сармоягузорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар кори С.В. Симонсева қайд карда мешавад, ки дар таркиби усулҳои молиявии марбут ба сиёсати молиявии бонк "усулҳои ҷалбкунӣ" ҷудо карда мешаванд [10,с.73-80]. Дар асоси тафсири захираҳои бонк ҳамчун омилҳои истеҳсолоти бонкӣ, дар заминаи сиёсати молиявӣ дар бораи усулҳои таъминоти молиявӣ, яъне усулҳои қарз, саҳмия ва худмаблағгузорӣ сухан рондан мувофиқи мақсад аст. Дар навбати худ, равандҳои сармоягузорӣ бо усулҳои табдил додани захираҳои молиявӣ дар ҷараёни амалиёти фаъоли бонк, амалӣ карда мешаванд.

Ба тадбирҳои сиёсати молиявии бонк мо ҷорабиниҳои мушаххасро дохил мекунем, ки ба баланд бардоштани самаранокии таъмини молиявии фаъолияти бонкӣ, масалан, зиед кардани мувофиқати сармояи худӣ, оптимизатсияи мавқеи пардохтпазирии бонк ва ғайра равона карда шудааст. Чунин тасаввурот дар бораи мундариҷаи сиёсати молиявӣ имкон медиҳад, ки дар он гурӯҳҳои хос, ки объекти идоракуниро ошкор мекунанд, ҷудо карда шаванд. Гурӯҳҳои калоншудаи он сиёсати ҷалби захираҳои молиявии ташкилоти қарзӣ, инчунин, сиёсати табдил додани захираҳои молиявии он мебошанд. Бо назардошти

хусусияти хавфноки фаъолияти бонки тиҷоратӣ, блоки сеюм сиёсати идоракунии хавфҳо ба сохтори сиёсати молиявӣ дохил карда шудааст. Ҳар се блок бо ҳам алоқаманданд ва бояд як воҳиди ягона бошанд ва равандҳо ва расмиёти дар доираи ҳар як блок анҷомдодашуда, бояд бо ҳам мувофиқа карда шаванд (ниг. ба расми 1).

Тафсилоти минбаъдаи гурӯҳҳои калоншудаи сиёсати молиявии бонк бо ёрии воситаҳои таъсиррасонӣ ба объекти сиёсати молиявӣ, ки дар доираи равандҳои ба ҳам алоқаманди сафарбаркунӣ ва тағйир додани (сармоягузории) захираҳои молиявӣ истифода мешаванд, гузаронида мешавад. Бонк сиёсати молиявиро амалӣ карда, маҷмуи воситаҳои умумӣ (барои дигар субъектҳои иқтисодӣ хос) ва мушаххасро (танҳо барои бонк ҳамчун миёнарави махсуси молиявӣ хос) истифода мебарад.

Ба воситаҳои умумии татбиқи сиёсати молиявӣ эмиссияи коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо, вомбаргҳо, векселҳо), таъсиси фондҳои бонк (фонди захиравӣ), амалиёти сармоягузорӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, табдил додани захираҳои молиявӣ ба пардохтҳои андоз дохил мешаванд. Мушаххас бояд гуфт, ки ҷалби амонатҳо, пасандозҳо, кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, баровардани сертификатҳои амонатӣ ва пасандозӣ, гирифтани қарзҳои байнибонкӣ ва пешниҳоди онҳо, бозтамвил аз ҷониби Бонки миллӣ ва қарздиҳии муштариён дохил карда шаванд.

Сиёсати ҷалби захираҳои молиявии бонк як қисми сиёсати молиявии бонкӣ мебошад, ки дар асоси усулҳои саҳомӣ, қарзӣ ва худмаблағгузорӣ бо назардошти принсипҳои сиёсати молиявӣ дар ҷараёни амалисозии тадбирҳое, ки ба ҳавасмандгардонии ташкили таъминоти муносиби молиявии фаъолияти бонкӣ равона шудаанд, амалӣ карда мешавад. Аз рӯйи воситаҳои нишондодашуда, мо як қатор гурӯҳҳоро дар он ҷудо мекунем, аз ҷумла гурӯҳи нав – сиёсати маблағгузории қарзӣ.

**Ҷадвали 2. Гурӯҳҳои сохтории сиёсати ҷалби захираҳои молиявии бонкӣ**
**Table 2. Structural groups of the policy of attracting bank financial resources**

| Гурӯҳ | Муҳтавои гурӯҳ |
|---|---|
| Сиёсати идоракунии сармояи худӣ | Механизми ташаккул ва нигоҳдории манбаъҳои сармояи бонкиро, ки ба талаботи кофӣ будани сармояи бонкӣ барои муҳофизат аз хатарҳо мувофиқат мекунанд, инчунин, эҷоди арзиши муносиби онро ошкор мекунад. |
| Сиёсати депозитӣ | Истифодаи воситаҳои маблағгузории амонатиро барои ташаккули пойгоҳи устувори амонатии арзиши оптималӣ асоснок мекунад. |
| Сиёсати эмиссионӣ | Механизми ташкили захираҳои бонкро дар асоси воситаҳои бозори коғазҳои қиматнок ошкор мекунад |
| Сиёсати моблағгузории қарзӣ | Механизми маблағгузории байнибонкиро муайян мекунад |

Сарчашма Дар асоси адабиёти 16 аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Сиёсати табдили захираҳои молиявии бонк дар доираи сиёсати қарзӣ, сармоягузорӣ, андоз, инчунин, сиёсати идоракунии пардохтпазирӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати идоракунии хавфҳо бояд бо назардошти декомпозитсия аз рӯйи намудҳои хавфҳои бонкӣ (кредитӣ, депозитӣ, хавфи аз даст додани пардохтпазирӣ ва ғайра) амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, муаррифии сохтори васеи сиёсати бонк дар соҳаи ҷалби захираҳо, дар асоси тафсири захираҳо ҳамчун омилҳои истеҳсолоти бонкӣ, ба назари мо, имкон медиҳад, ки объектҳои он дар самти баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ба таври ҳамаҷониба идора карда шаванд. Аз ҷумла, ворид намудани таҳлили функсионалӣ-арзишӣ ба соҳаи бонкӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи мо, иваз кардани мафҳумҳо дар соҳаи сиёсати захиравии бонкҳо системаи таносуби объектҳои идоракуниро вайрон мекунад ва метавонад ба афзалиятҳои нодурусти идоракунӣ дар амал ва дар ҷанбаи назариявӣ ба таҳқиқи нокифояи механизми таъминоти захиравии бонкҳо оварда расонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ҳодиев Д.А.**

**АДАБИЁТ**

1. Алесина Н.В. Особенности формирования ресурсной политики банка / Н.В. Алесина, Д.А. Бабенко // Вызовы и возможности финансового обеспечения стабильного экономического роста (Финансы-2017). Материалы всероссийской научно-практической конференции. -Севастополь, 2017. -С.71-75.

2. Бибикова Е.А. Финансовая политика коммерческого банка: значение, роль, принципы формирования / Е.А. Бибикова, С.В. Симонцева // Вестник ИГЭУ. - 2011. -№5. -С.70-73.
3. Годин А. Ресурсная политика – как основа управления банком / А. Годин, Р. Курилов // Вестник Института экономики РАН. - 2009. -№2. -С.209-214.
4. Дувалова Э.П. Управление финансовой политикой коммерческого банка как инструмент повышения его рыночной устойчивости / Э.П. Дувалова // Казанский экономический Вестник. - 2012. -№1(1). -С.57-62.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки милли Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 435; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 409, мод. 410, с. 2018, №7-8, мод. 531; с. 2019, № 7, мод. 474). -Душанбе, 2020.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" АМОҶТ с. 2009, № 5, мод. 33; с. 2010 №7, мод. 555; с. 2011, № 12, мод. 846, с. 2013, № 11, мод.786; с.2014, № 11, мод.663. -Душанбе, 16.04.2017.
7. Мирошниченко О.С. Финансовая политика банка: теоретические аспекты // Управление экономическими системами: электронный журнал. - 2014. -№10. [Электронный ресурс]. URL: http://uecs.ru/finansi-i-kredit/item/3081-2014-10-16-07- 58-30 (дата обращения: 05.05.2019).
8. Орлова С.А. Финансовая политика коммерческого банка / С.А. Орлова, Е.С. Ташанова // Экономическая среда. - 2018. -№3(25). -С.50-54.
9. Селеванова Е.В. Ресурсная политика кредитных организаций / Е.В. Селеванова, В.С. Адамчук // Научные исследования. - 2018. -№6(26). -С.44-46.
10. Симонцева С.В. Состав и содержание основных элементов финансовой политики коммерческого банка / С.В. Симонцева // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. - 2001. -№4(28). -С.73-80.
11. Симонцева С.В. Финансовая политика как основа управления финансами в коммерческом банке / С.В. Симонцева // Вестник ИвГУ. - 2014. -№1(21). -С.71-75.
12. Финансы: учебник / А.Г. Грязнова, Е.В. Маркина, М.Л. Седова [и др.]. -2-е изд., перераб. и доп. -М., 2012.-496 с.
13. Шатковская Е.Г. Система формирования и реализации финансовой политики кредитной организации / Е.Г. Шатковская // Фундаментальные исследования. - 2014. -№11-5. -С.1137-1142.
14. Щербинин А.Е. Стратегия формирования пассивов в рамках ресурсной политики регионального банка / А.Е. Щербинин // Банковские услуги. - 2009. -№2. -С.19-24.
15. Chandler A.D. Strategy and Structure. Chapters in the History of the American Industrial Enterprise / A.D. Chandler. - Washington, 2003. -480 p.

## МАЗМУНИ ИҚТИСОДИИ СИЁСАТИ БОНКӢ ДАР СОҲАИ ҶАЛБИ ЗАХИРАҲО

Дар мақола дар асоси таҳлили таърифии сиёсати молиявӣ ва захиравии бонк, мафҳумҳои соҳавӣ мавриди назар гирифта шуда, ба низом дароварда мешавад. Таносуби категорияҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла мафҳумҳои "сиёсати амонатӣ", "сиёсати қарзӣ", "сиёсати идоракунии сармоя", "сиёсати ҷалби захираҳои молиявӣ" мебошад. Хулосабарорӣ шудааст, ки дар шароити муосир таърифи сиёсати захиравии бонк бояд тасаввуроти ҳамаҷонибаи захираҳоро ҳамчун омилҳои истеҳсолот инъикос намояд. Аҳаммияти захираҳои молиявӣ дар фаъолияти бонк, ки объекти идоракунии сиёсати молиявии он мебошад, муайян кардани мундариҷаи принсипҳо, усулҳо, чораҳои сиёсати молиявӣ, инчунин, гурӯҳҳои сохтории онҳо, ки дар асоси воситаҳои умумӣ ва мушаххаси сиёсати молиявӣ нишон дода шудаанд, дида баромада шудааст. Муаррифии сохтори васеи сиёсати бонк дар соҳаи ҷалби захираҳо дар асоси тафсири захираҳо ҳамчун омилҳои истеҳсолоти бонкӣ, ба назари мо, имкон медиҳад, ки объектҳои он дар самти баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ба таври ҳамаҷониба идора карда шаванд. Ба ин, аз ҷумла, ворид намудани таҳлили функсионалӣ-арзишӣ ба соҳаи бонкӣ мусоидат мекунад. Ба андешаи мо, иваз кардани мафҳумҳо дар соҳаи сиёсати захиравии бонкҳо, системаи таносуби объектҳои идоракуниро вайрон мекунад ва метавонад ба афзалиятҳои нодурусти идоракунӣ дар амал ва дар ҷанбаи назариявӣ ба таҳқиқи нокифояи механизми таъминоти захиравии бонкҳо оварда расонад.

**Калидвожаҳо**: бонк, сиёсати бонкӣ, захираҳои молиявии бонк, воситаҳои молиявии бонк, воситаҳои ҷалбшудаи бонкӣ.

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОДЕРЖАНИЕ БАНКОВСКОЙ ПОЛИТИКИ В СФЕРЕ ПРИВЛЕЧЕНИЯ РЕСУРСОВ

В статье на основе детального анализа фискальной и резервной политики банка рассматриваются и систематизируются отраслевые понятия, рассматриваются соотношения исследуемых категорий, в том числе понятия "депозитная политика", "кредитная политика", "политика управления капиталом", "политика привлечения финансовых ресурсов". Делается вывод, что в современных условиях определение ресурсной политики банка должно отражать целостное представление о ресурсах как факторах производства. Рассмотрено значение финансовых ресурсов в деятельности банка, являющегося объектом управления его фискальной политикой, определение содержания принципов, методов, мер фискальной политики, а также их структурных групп, выделенных на основе общих и конкретных средств фискальной политики. Представление широкой структуры политики банка в области привлечения ресурсов, основанной на трактовке ресурсов как факторов банковского производства, на наш взгляд, позволяет комплексно управлять его объектами в целях повышения эффективности их использования. Этому, в частности, способствует внедрение функционально-стоимостного анализа в банковскую сферу. На наш взгляд, замена понятий в области резервной политики банков нарушает систему соотношений объектов управления и может привести к неверной расстановке управленческих приоритетов на практике, а в теории – к недостаточному исследованию механизма резервного обеспечения банков.

**Ключевые слова**: банк, банковская политика, финансовые ресурсы банка, финансовые инструменты банка, привличенные банковские ресурсы.

## ECONOMIC CONTENT OF BANKING POLICY IN THE FIELD OF ATTRACTING RESOURCES

Based on a detailed analysis of the Bank's fiscal and reserve policies, the article examines and systematizes industry concepts, examines the relationships of the categories studied, including the concepts of "deposit policy", "credit policy", "capital management policy", "policy of attracting financial resources". It is concluded that in modern conditions, the definition of the Bank's resource policy should reflect a holistic view of resources as factors of production. The importance of financial resources in the activities of the bank, which is the object of its fiscal policy management, the definition of the content of the principles, methods, measures of fiscal policy, as well as their structural groups allocated on the basis of general and specific means of fiscal policy, is considered. Presenting a broad structure of the bank's policy in the field of attracting resources, based on the interpretation of resources as factors of banking production, in our opinion, allows for comprehensive management of its facilities in order to increase the efficiency of their use. This, in particular, is facilitated by the introduction of functional cost analysis into the banking sector. In our opinion, replacing concepts in the field of reserve policy of banks violates the system of relationships between management objects and can lead to incorrect placement of management priorities in practice, and in theory, to insufficient research into the mechanism of reserve provision for banks.

**Keywords**: Bank, banking policy, financial resources of the bank, financial instruments of the bank, involved banking instruments.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҷидова Мунирахон Насимхоновна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафераи молия ва қарз. **Суроға:** 735700. ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И.Сомонӣ, 169

**Сведения об авторе:** ***Маджидова Мунирахон Насимхоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры финансов и кредита. **Адрес:** г. Худжанд, 734019, Республика Таджикистан, проспект И. Сомони, 169

**Information about the author:** ***Majidova Munirakhon Nasimhonovna*** **-** Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, assistant at the Department of Finance and Credit. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169

ТДУ: 3326

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

*Шарифов С.К., Мирсаидов А.Б.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Институти иқтисод ва демографияи АМИТ**

Аз нуқтаи назари ташкили чараёни истеҳсолоти аграрӣ, таъсири бевоситаи идоракунӣ ба замин ҳамчун объекти кишоварзӣ аз тарафи истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ ба амал бароварда мешавад. Вобаста ба дараҷаи рушди иқтисодиёти аграрӣ ва мақсадҳои сиёсати аграрӣ давлат идоракунӣ ба системаи заминсозӣ ва беҳтар намудани иқтидори иқтисодӣ ва ҳолати истифодабарии он равона мегардад.

Заминҳои кишоварзӣ, ки ба шаклҳои гуногуни истифодабарандагони хоҷагиҳои соҳаи аграрӣ вобаста шудааст, яъне давлат ба онҳои ҳуқуқи истифодаву ихтиёрдориро муаяйн намудааст, дар шароити иқтисоди бозорӣ бештар бо усулҳои иқтисодӣ дар ҳамоҳангсозии мувофиқи фишангҳои маъмурӣ (системаи маҳдудиятҳои қонунӣ ва меъёрӣ) ҷиҳати танзими фаъолияти истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва гардиши онҳо муқаррар карда мешавад, афзалият дода шавад. Аввалан, «қоидаҳои бозӣ» барои ҳамаи субъектҳои дар муносибатҳои замин иштирокдор мутобиқ ба сиёсати марбут ба замини ташкил дода шавад. Сипас, истифодаи самараноку такрористеҳсоли заминҳои ҳосилхез ва обӣ, ки дорои иқтидори баланди иқтисодӣ ва сармоя ва ё активи дорои асосии субъектҳои хоҷагидори кишоварзӣ мебошад, бояд таъмин карда шавад. Иқтидори иқтисодии заминҳои обӣ асоси пешрафти истеҳсолти кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворunion мамлакат мебошад.

**Диаграммаи 1. Динамики заминҳои обӣ дар мамлакат (ҳазор гектар)**
**Diagram 1. Dynamics of water lands in the country (thousand hectares)**




Соли 2022 дар мамлакат 763 ҳазор гектар заминҳои обӣ дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ қарор дошт, ки нисбат ба соли 2010 беш аз 19 ҳазор гектар зиёд шудааст (диаграммаи 1). Заминҳои обӣ дар мамлакат қариб 80%-и майдонҳои кишти мамлакатро ташкил медиҳад [1,с.16-30].

Новобаста аз тамоюли васеъ гаштани заминҳои обӣ ва майдони кишт дар мамлакат ва вилояти Хатлон, аммо ҳоло ҳам қисмати бештари заминҳои киштu ҳосилхез аз гардиши кишоварзиву муомилоти иқтисодӣ берун мондааст. Паст будани ҷолибияти сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи пасти имкониятҳои молиявии аксарияти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҷиҳати таъмини такрористеҳсоли захираҳои замин, мушоҳида мешавад. Бинобар ин, зарурати ба куллӣ тағйир додани механизмҳои рушди муносибатҳои замин, пеш аз ҳама, такрористеҳсолии он ба миён омадааст.

Тезис дар бораи он ки истифодаи замин такя ба принсипҳои бозориву хусусии худ ба худ истифодаи самараноки заминро таъмин мекунаду бозори ҳуқуқи моликият ба истифодаи озоди замин, ки тақсими заминро аз соҳибони ғайрисамаранок ба самаранок дар шароити мамлакат ва минтақаҳои он аз нуқтаи назари арзишҳои либералӣ самарае ба бор меовард, натиҷаи муфид ба бор наовард. Дар хоҷагиҳои хурди кишоварзӣ - истифодабарандагони заминҳои кишоварзӣ, ки ба асорати низоми хоҷагидории мавҷуда афтодаанд, сатҳи пасти интенсификатсияи истеҳсолот ва истифодаи самараноки замин мушоҳида мешавад. Хоҷагиҳои кишоварзии миёна ва нисбатан калон, ки маъмулан дар заминҳои ба иҷора гирифта фаъолияти кишоварзиро ташкил намуданд, амалан дар шароити муосири дастгирии давлатӣ қодир нестанд, ки ба шаклҳои сифатан нави инноватсионӣ бароянд ва қитъаҳои заминро, ки ба иллати набудан маблағҳои лозима иҷбораn аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудананд, ба гардиши нав ворид намоянд. Дар минтақаҳои кишоварзии интенсивии вилояти Хатлон, махсусан, водии Вахш, ки ба он заминҳои кишоварзии серҳосил хос мебошад ва барои ҷалби сармоя ҷолиб мебошанд, равияи устувори тамаркузи он дар шакли рушди сохторҳои корпаративии агросаноатии интегратсионӣ, ки аксарияти заминҳои кишоварзиро дар масоҳатҳои калон зери даст гирифтаанд, ба мушоҳида мерасад. Хислати байниноҳиявии онҳо ба таври хеле қатъӣ имкониятҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба мақсади таъсиррасонӣ ба хотири татбиқи барномаҳои худии рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои ҷудогонаи он ва таъмини рушди устувори ҳудудҳои кишоварзиро мушкил мегардонад.

Истифодаи ғайрисамаранок ва такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ дар шароити моликияти монополии давлатиро фақат бо ду роҳ батараф кардан мумкин аст: дар ихтиёри истифодабаранда ва ё соҳиби самаранок вогузор кардани заминҳои кишоварзӣ ва ё тағйир додани муносибати давлат нисбат ба тамоми бахши кишоварзӣ. Мусаллам аст, ки татбиқи пешниҳоди аввал бидуни пешниҳоди дуюм дар шароити ба амал омада, бо таваҷҷуҳ ба он ки шумораи истифодабарандагони самараноки замин аз нуқтаи назари ҷомеа хеле кам мебошад, ғайрисамаранок мебошад.

Системам ташкили такрористеҳсолкунии сарватҳои замин, маҷмуи элементҳое мебошад, ки ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид шудаанд: ташкили муомилоти замин, ташкили истифодаи самараноки замин, ташкили заминсозӣ, ташаккули зерсистемаи танзими иқтисодӣ (расми 1). Таҷдиди такрористеҳсолкунии замин ҳам мисли ҳар як протссеси хоҷагӣ бояд идорашаванда бошад, ки ташкили идоракуниро талаб мекунад.

**Расми 1. Унсурҳои системаи идораву ташкили такрористеҳсоли заминҳои таъиноти кишоварзӣ**

**Figure 1. Elements of the system of management and organization of reproduction of agricultural land**



Таҷриба нишон медиҳад, ки аз мавқеи идоракунии захираҳои замин ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии он вазъият марғуб ва идеалӣ маҳсуб меёбад, ки агар дорои ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои замин (соҳибони замин) ва истифодабарандагони дар як шахс муттаҳид карда шуда бошанд. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки бештар аз 20% хоҷагиҳои фермерӣ, заминҳои кишоварзии худро ба дигар кишоварзон вогузор кардаанд. Дар ин робита, тақвият ва мустаҳкам намудани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар танзими ҷараёни истифодаи заминҳое, ки ҳуқуқи истифодаи ин заминҳо, яъне қитъаҳои замини дар ҳудудии онҳо қарор дошта, ба соҳибони воқеии онҳо вогузор карда шудааст, зарур мебошад. Мақсади идоракунии давлатии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бояд ҳадди аксар аз имкони таъмини бозори озуқа аз ҳисоби истифодаи иқтидори иқтисодии замин, таъмини ҳосилхезии он замин ва рушди самаранокии манотиқи деҳот дар шароити ташаккули низоми муносибатҳои рентавӣ ва таснифи вазифаҳои идоракуннии захираҳои замин миёни ҳамаи субъектҳои истифодабарандагони замин иборат бошад.

Мо ҷонибдори андешаҳои донишмандони рус ва тоҷик аз қабили А.А. Варламов, В.Ф. Приходко и Д.А. Шаповалов, Носиров Р. Қудратов Р.Р. Смандаров И ва дигарон мебошем, ки захираҳои заминро ҳамчун унсури муҳити зист мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунанд, ки идоракунии ҷараёни такрористеҳсоли муҳит ба методи ҷараёни мақсадноки такороистеҳсоли замин асос, ки шомили ҷараёни банақшагирӣ, ташкил ва таъмини ташкил, майлу хоҳиш ва назорати тағйироти сифати вазъияти замину муҳити мебошад, асос ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳар як соҳа ва самти рушди сифати замин ва муҳит бояд пешгӯйишаванда бошанд ва бо сиёстаи умумии давлат ҳамоҳанг карда шаванд (заминсозию хоҷагидорӣ, экология, амнияти озуқаворӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, рушди иҷтимоӣ ва ё тағйироти институсионалӣ, экологияи оила ва тарбия, фарҳанг ва ё тиҷоратӣ ва монанди инҳо) [4,с.24-30].

Донишмандони ватанӣ одилона қайд мекунанд, ки хусусиятҳои муносибатҳои замин, зарурати истифодаи низоми муайяни принсипҳои идоракунии захираҳои заминро дар назар дорад. Ба ақидаи онҳо, дар маҷмуъ онро дар сатҳи буриши принсипҳои умумӣ ва хусусӣ мавриди баррасӣ қарор додан ба мақсад мувофиқ мебошад [9; 10; 11; 12; 6; 7]. Ин олимон неру бахшидани принсипҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- афзалиятнокӣ дар идоракунии давлатии захираҳои замин;
- муносибати дифференсиалӣ нисбат ба идоракунии заминҳои категорияҳои гуногуни минтақаҳо ва ноҳияҳо;
- истифодаи оқилонаи заминҳо;
- ягонагии идоракунии захираҳои замин ва идоракунии ҳудудҳо;
- ҳамоҳангӣ дар истифодаи заминҳо ва идоракунии ҳудудҳо;
- эволютсияи вазифаҳо ва методҳои идоракунии захираҳои заминҳо;
- ҳамоҳангии самараноки идоракунии давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии захираҳои заминҳо;
- мушаххасан ҷудо кардани вазифаҳо дар байни идораҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ;
- таъминоти ҳуқуқии идоракунии захираҳои замин;
- принсипҳои оқилонаи ташкил ва идоракунии таносуби марказонидан ва ғайримарказонидани захираҳои замин.

Гурӯҳи принсипҳои хусусӣ дар шакли принсипҳои зерин ироа гаштаанд:

- ташкилӣ, молиявӣ ва таъминоти кадрии низоми идоракунии захираҳои замин;
- идорашаванда;
- мутобиқати субъект ва объект;
- тағйирёбанда;
- тахассусӣ;
- иерархӣ (пайдарҳамӣ, зина ба зина);
- сарфакорона ва амсоли инҳо.

Гуфтаҳои болоро хулоса карда, метавон қайд кард, ки хусусиятҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли онҳо метавонад дар бандҳои зерин мушаххас гардонида шаванд:

- иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ, ҳосилхезии табиии онҳо бояд дар доираи низоми ягонаи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеаи минтақа, дар маҷмуъ бо масъалаҳои ҷойгиркуниву тахассусгардии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъминоти заминҳои кишоварзӣ ба об ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шаванд;

- барои ҳар як массиви заминҳои ҳосилхез, бояд вижагии иқтидори иқтисодии онҳо бо назардошти шароитҳои истифода ва такрористеҳсоли хокҳои ҳосилхез муаяйн карда шавад;

- барои ҳар як массиви заминҳои кишоварзӣ, бояд заминаҳои меъёрӣ сохта шуда, низоми ташкили ҳудудӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ таҳия карда шавад;

- ташкили истифодаи заминҳои кишоварзӣ ҳамчуни чараёни такрористеҳсоли экологию иқтисодӣ, бояд суръати такрористеҳсоли хокҳои ҳосилхезро дар назар гирад;

- замин неъмати «туҳфашуда» маҳсуб намёбад, чунки барои ба неъмати иқтисодӣ табдил додану ва истифодаи маҳсулноки самараноки он воситаҳои истеҳсолоти ба он алоқаманд, ки хароҷоти мунтазамро ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда мегузарад, тақозо менамояд [2,с.80-83].

Асоси иттилоотӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи вазифаи банақшагирӣ ва рушди ҳудудҳоро системаи кадастрҳо ва аз он ҷумла, кадастри замин ташкил мекунад. Дар айни ҳол, ба ҳисоби кадастр на ҳамаи қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ворид карда шудаанд, яъне аксари истифодабарандагони замин ба қайд гирифта нашудаанд ва онҳо соҳибони қонунӣ маҳсуб намеёбанд. Агар қисмати асосии фондҳои давлатии заминҳои кишоварзӣ дар ҳисоби кадастр ба қайд гирифта нашуда бошанд, ин боиси риоя нагардидани принсипи бунёдии ташкил ва пеш бурди кадастри замин дар шакли мукаммал мегардад.

Кадастри нопурра ва номукаммал имкон намедиҳад, ки дар шакли дуруст чараёни такрористеҳсол ва истифодаи захираҳои замин ба нақша гирифта шавад.

Принсипи асосии сиёсати давлатии замин бояд дарки дурусти он бошад, ки сарфи назар аз гуногунии шаклҳои истифодаи замин ҳамаи заминҳои дар мамлакат ва минтақаҳои он сарвати миллӣ маҳсуб ёфта, он бояд сифатан ва миқдоран ҳисобу арзёбӣ шуда, ба таври оқилона тақсим карда шуда, истифода ва ҳифз карда шавад. Дар акси ҳол, дар масъалаи замин бенизомӣ ва коррупсия аҷв мекунад.

Муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои аграриро одилона қайд мекунанд, ки дар чараёни гузаронидани ислоҳоти замин, мутобиқшавии субъектҳои хоҷагидорӣ бо назардошти гуногунии ташкили шаклҳои ҳуқуқӣ ва вижагиҳои истифодаи замин нисбат ба шароитҳои мушаххаси низоми шаклгирандаи муносибатҳои замин ба амал наомадаст. Тағйироти аслии асосҳои ташкилию ҳуқуқии ташккули субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти кишоварзӣ ҳамчун истифодабарандаи заминҳои кишоварзӣ, боиси пайдоиши номуайнии ҳудудҳои онҳо ва ҳуқуқ ба истифодаи қитъаҳои замин зуҳур гашта, ноустувории сохтори заминҳои кишоварзӣ ва майдони кишти зироатҳои кишоварзиро мусоидат намудааст. Субъектҳои хоҷагӣ ба ҷойи истифодаи санади ягона оид ба таври қонунӣ барасмиятдаровардашуда маҷбуранд, ки фаъолияти истеҳсолию молиявии худро дар заминҳои шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, категориҳои хоҷагӣ ва дар пояи ҳуқуқии гуногун (ҳуқуқи истифода ва иҷора) амалӣ намоянд.

Дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» [5] (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009) таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ бояд дар самтҳои зерин ба иҷро расанд:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки таъмини такрористеҳсолкунии заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ;

- таҳияи нишондиҳандаҳои арзёбии иқтисодии заминҳои ҳосилхез, ташкили баҳисобгирии заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ ва назорати доимии онҳо;

- таҳияи стандартҳо, меъёрҳо, низомномаҳо, қоидаҳо, меъёрҳо дар соҳаи таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ;

- таҳияи нақшаҳои гузаронидани тадбирҳои агротехникӣ, агрохимиявӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ ва зидди эрозия дар соҳаи таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ;

- таҳияи нақша-чорабиниҳо оид ба барқароркунии заминҳои кишоварзӣ, ки бо металлҳои вазнин ва дигар моддаҳои зараровар олуда шудаанд;

- маблағгузории тадбирҳо оид ба таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ;

- назорат аз болои сифати агрохимикатҳо ва заҳрхимикатҳое, ки барои таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ истифода мешаванд ва назорат аз болои коркарди бехавфи онҳо;

- сертификатсияи хок;

- иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти агрохимиявӣ;

- таъсиси бонкҳои маълумот дар соҳаи таъмини ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ;

- баҳисобгирии қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ ва ғайра.

Барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи функсияи назорат пешниҳод карда мешавад, ки дар доираи зинаи мавҷудаи мақомоти заминсозӣ сохторе таъсис дода шавад, ки вазифаҳои баҳисобгирии ҳосилхезии замин, назорати мунтазам ва назорати такрористеҳсолкунии онро амалӣ намояд. Бидуни арзёбии объективии иқтидори замин, ҳосилхезии хок, арзёбии объективии кадастрии заминҳои ҳосилхезро таъмин кардан ва пешгӯйиҳои боэътимоди истеҳсолоти кишоварзиро асоснок кардан ғайримкон аст. Илова бар ин, бидуни маълумоти боэътимод дар бораи сифати хок, баҳо додан ба самаранокии такрористеҳсоли захираҳои замин ва назорати воқеии равандҳои такрористеҳсолкунӣ ғайримумкин аст.

Мо пайваста бо омӯхтани системаи мавҷудаи мониторинги замин дар вилоят ба хулосае омадем, ки имрӯз ба мониторинги замин якчанд вазорату идораҳои гуногун ҷалб карда шудаанд, ки ин боиси нобаробарии маълумот дар бораи ҳолати заминҳо ва мавҷуд набудани системаи ягонаи замин мегардад. Набудани маркази ягонаи коркарди ахбори монитори заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат, аз он ҷумла дар вилояти Хатлон имкон намедиҳад, ки масъалаҳои мониторинг, ҳифз ва назорати истифодаи замин самаранок ҳал карда шаванд. Ба ҳайси як варианти таъмини рушди комплекси мониторинги заминҳои кишоварзӣ ба онҳо ташаккули низоме, ки татбиқи функсияҳои кадастрӣ, мониторинги иқтидори иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми мониторинги заминҳои кишоварзӣ бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- сари вақт муайян намудани тағйирот дар ҳолати заминҳои кишоварзӣ, арзёбии ин тағйирот, пешгӯӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои равандҳои манфӣ;

- гирифтани маълумот дар асоси таҳқиқоти мунтазами ҳосилнокии хок ва мушоҳидаҳои ҳолати сифат ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ҳамчун манбаи асосии фаъолияти кишоварзӣ бо истифода аз истинодҳои ҷуғрофии контурҳои заминҳои кишоварзӣ;

- таҳқиқи ҳолати растании заминҳои кишоварзӣ;

- пешбурди феҳристи ҳосилхезии хоки заминҳои кишоварзӣ ва баҳисобгирии ҳолати онҳо;

- ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ оид ба заминҳои кишоварзӣ бо мақсади таҳлил, пешгӯӣ ва таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои замин;

- таъмини дастрасии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маълумот дар бораи ҳолати заминҳои кишоварзӣ.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. –С.16-30.
2. Александровская Л.А. Эколого-экономические аспекты обоснования использования земельных ресурсов в системе агромелиоландшафтов / Л.А. Александровская // Terra Economicus. - 2012. -Т.10. -№2-2. -С.80-83.
3. Бутко И.В. Пути повышения эффективности воспроизводства и использования земельных ресурсов / И.В. Бутко // Вестник Орловского государственного университета. – 2012. -№1. -С.17.
4. Варламов А.А. Национальная система управления условиями среды обитания - современная парадигма развития России / А.А. Варламов, В.Ф. Приходько, Д.А. Шаповалов // Власть. - 2010. -№7. -С.24-30.
5. Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи њифзи хок» // Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон, 2009, №9-10, моддаи 548.
6. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты обеспечения воспроизводственного процесса в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан / А.Б. Мирсаидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№4. -Часть I. –С.158-164.

7. Мирсаидов А.Б. Оценки рыночной стоимости сельскохозяйственных угодий как инструмент управления структурными сдвигами в сельском хозяйстве / А.Б. Мирсаидов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Н.Хусрава. -Бохтар, 2019. -№14. -С.211-221.
8. Мирсаидов, С.А. Развитие земельных отношений в Республике Таджикистан / С.А. Мирсаидов. -Душанбе: Ирфон, 2018. -230 с.
9. Насиров Р. Государственное регулирование – основной фактор повышения эффективности управления и использования орошаемых сельскохозяйственных земель / Р. Насиров, И.И. Икромов //Известия. Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. -Душанбе, 2020. -№4(261). -С.140-146. ISSN 2076-2569.
10. Насиров Р. Основные направления повышения эффективности использования орошаемых земель Хатлонской области РТ / Р. Насиров, И.М. Икромова // Доклады ТАСХН. -Душанбе, 2019. -№2(60). -С.75-80. ISSN 2218-1814.
11. Самандаров И.Х. Проблемы и перспективы рационального использования земельно-водных ресурсов в Хатлонской области / И.Х. Самандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2020. -№5/2. -С.88-93. ISSN 2413-5151.
12. Самандаров И.Х. Развитие сельских территорий – важный фактор устойчивого развития сельского хозяйства / И.Х. Самандаров // Кишоварз (Земледелец). ТАУ имени Ш.Шотемур. -Душанбе, 2019. -№2(79). -С.162-165. ISSN 2074-5435.
13. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.

## МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола механизми идоракунии замин, вобаста ба дараҷаи рушди иқтисодиёти аграрӣ ва мақсадҳои сиёсати аграрии давлат, идоракунӣ ба системаи заминсозӣ, беҳтар намудани иқтидори иқтисодӣ ва ҳолати истифодабарии замин, пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ в таъмини амнияти озуқаворechии мамлакат аз гардиши кишоварзиву муомилоти иқтисодӣ берун мондани заминҳои кишоварзӣ, бозори ҳуқуқи моликият ба истифодаи озоди замин, мавқеи идоракунии захираҳои замин ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии он, зарурати ба куллӣ тағйир додани механизмҳои рушди муносибатҳои замин, вазифаҳои идоракунии захираҳои замин миёни ҳамаи субъектҳои истифодабарандагони замин, арзёбии объективии иқтидори замин, ҳосилхезии хок, арзёбии объективии кадастрии заминҳои ҳосилхез, системаи идора ва ташкили такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон ҳамчунин, динамики заминҳои обӣ дар мамлакат, ташкили муомилоти замин, ташкили истифодаи самараноки замин, ташкили заминсозӣ, ташаккули зерсистемаи танзими иқтисодӣ, истифодаи ғайрисамаранок ва такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ дар шароити моликияти монополии давлат, иттилоотӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии заминҳои кишоварзиро мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор додаанд.

**Калидвожаҳо:** такрористеҳсол, самаранок, рентаи замин, захираи замин, комплекс, мониторинг, кадастри замин, амнияти озуқаворӣ, иқтисодӣ, экологӣ, рушди иҷтимоӣ, тағйироти институсионалӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ УПРАВЛЕНИЯ ВОСПРОИЗВОДСТВОМ ЗЕМЕЛЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ХОЗЯЙСТВА

В статье рассмотрен механизм землеустройства в зависимости от уровня развития аграрной экономики и целей аграрной политики государства, управления земельной системой, повышения экономического потенциала и состояния землепользования. Прогресс сельскохозяйственного производства и обеспечения продовольственной безопасности страны, исключение сельскохозяйственных земель из оборота сельскохозяйственных и хозяйственных операций, рынок прав собственности на свободное пользование землей, положение управления земельными ресурсами и повышения его экономического потенциала, необходимость полного изменения механизмов развития земельных отношений, задачи управления земельными ресурсами среди всех субъектов землепользователей, цель оценки плодородности земель, продуктивности почв, объективная кадастровая оценка плодородности земель, изучена система управления и организации воспроизводства сельскохозяйственных земель. Также авторы анализируют динамику водных земель в стране, организацию земельных операций, организацию эффективного землепользования, организацию землеустройства, формирование подсистемы экономического регулирования, неэффективное использование и воспроизводство сельскохозяйственных земель в стране, условия государственной монопольной собственности, информационная и государственная политика в области землеустройства сельскохозяйственного назначения и выводы.

**Ключевые слова:** воспроизводство, эффективность, земельная рента, земельный резерв, комплекс, мониторинг, земельный кадастр, продовольственная безопасность, экономическое, экологическое, социальное развитие, институциональные изменения.

## IMPROVING MECHANISMS FOR MANAGING THE REPRODUCTION OF AGRICULTURAL LAND

The article examines the mechanism of land management depending on the level of development of the agricultural economy and the goals of the state's agricultural policy, management of the land system, increasing economic potential and the state of land use. progress in agricultural production and ensuring food security of the country, exclusion of agricultural

lands from the circulation of agricultural and economic transactions, the market for property rights for free use of land, the situation of land management and increasing its economic potential, the need to completely change the mechanisms for the development of land relations, tasks of land resource management among all land users, the goal is to assess land fertility, soil productivity, objective cadastral assessment of land fertility, the system of management and organization of agricultural land reproduction has been studied. The author also analyzes the dynamics of water lands in the country, the organization of land operations, the organization of effective land use, the organization of land management, formation of a subsystem of economic regulation, ineffective use and reproduction of agricultural land in the country. conditions of state monopoly property, information and government policy in the field of agricultural land management and conclusions.

**Keywords:** reproduction, efficiency, land rent, land reserve, complex, monitoring, land cadastre, food security, economic, environmental, social development, institutional changes.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифов Суҳроб Каримхонович* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи, кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **985-14-01-83.** E-mail: **sukhrob.sharifov.88@mail.ru**
***Мирсаидов Аврор Бобоевич*** – Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор. **Суроға**: 734024, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 44. Телефон: **(+992 37) 221-67-50,** факс **(+992 37) 221-57-65.** E-mail**: eco_institute@rambler.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шарифов Сухроб Каримхонович*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **985-14-01-83.** E-mail: **sukhrob.sharifov.88@mail.ru**
***Мирсаидов Аврор Бобоевич*** – Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, доктор экономических наук, профессор, заместитель директора. **Адрес**: 734024, г. Душанбе, Республика Таджикистан, Айни, 44. Телефон: **(+992 37) 221-67-50**, факс **(+992 37) 221-57-65.** E-mail**: eco_institute@rambler.ru**

**Information about the authors:** ***Sharifov Sukhrob Karimkhonovich*** - - Kulyab State University named after. Abuabdulakha Rudaki, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address**: 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16. Phone: **985-14-01-83**. E-mail: **sukhrob.sharifov.88@mail.ru**
***Mirsaidov Auror Boboevich*** – Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor, Deputy Director. **Address**: 734024, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Aini, 44. Telephone: **(+992 37) 221-67-50**, fax **(+992 37) 221-57-65**. E-mail: **eco_institute@rambler.ru**

ТДУ: 330.115(575.34)

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САНОАТИ НАССОҶӢ ВА ДӮЗАНДАГИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ВАЗНИ ҚИЁСИИ ОН ДАР САТҲИ ҶУМҲУРӢ

*Қуватзода Ҳасан Акрам*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин баландбардории иқтидор ва самаранокии фаъолияти иқтисодии саноати коркард дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад, ки соҳаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ низ ба он шомил мебошанд. Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ифодагари комлекси соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар доираи он истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва дигар захираҳои табиию иқтисодӣ барои истеҳсол ва паҳн кардани маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ амалӣ карда мешавад, ки мақсади асосии он, қонеъ гардонидани талаботи хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад [10,с.95]. Вилояти Хатлон ҳамчун калонтарин минтақаи аграрию саноатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои иқтидори баланди истеҳсоли саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ мебошад. Минтақа дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 ташкил шуда, аз рӯйи сатҳи табиӣ кӯҳсор ба ҳисоб рафта, дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда, масоҳати он 24,7 ҳазор км. мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба 17,5%-и масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст. Дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Дар ҳудуди минтақа ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, БРСММ, бонкҳои Исломии рушд, Рушди Осиё, Бонки умумиҷаҳонӣ, «Хазинаи Оғохон» ва дигар ташкилоту созмонҳои молиявии байналмилалӣ бо Барномаҳои муайян фаъолият карда истодаанд. Шумораи аҳолӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023-юм 3611,2 ҳазор нафар мебошад. Аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ - ҳудудӣ вилоят ба 21 ноҳия, 4 шаҳр, 23 ҷамоатҳои шаҳрак ва 132 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад [1,с.19-20]. Тибқи маълумоти оморӣ дар вилоят 719 корхонаи саноатӣ, аз ҷумла: корхона ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ, корхона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ, корхонаҳои ресандагӣ, корхонаҳои сементбарорӣ, корхонаи трансформаторбарорӣ, неругоҳҳои обию барқӣ фаъолият доранд. Корхонаҳои калонтарини вилоят: ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил»-и ноҳияи Данғара, ҶДММ «Водии Заррин»-и ноҳияи Хуросон, ҶДММ «Ҷунтай моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар мебошанд. Таносуби маҳсулоти онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти саноати ҷумҳурӣ 25,1%-ро дарбар мегирад.

Мавриди зикр аст, ки аз соли 1991 то ин давра сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 450 адад иншоотҳои дорои аҳаммияти давлатӣ ҷараён гирифтанд, аз он ҷумла: таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Бохтар, Кӯлоб-Муъминобод ва Кӯлоб-Ш.Шоҳин, Кӯлоб-Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад. Дар ин давра, фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб, неругоҳи барқии обии Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, ки аҳаммияти байналхалқиро доро мебошанд, сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин, дар натиҷаи ҳамкорию муносибатҳои тарафайн бо ИМА, Ҷумҳурии халқии Хитой, Олмон, ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон нақби «Шар-шар», азнавбарқароркунии агрегатҳои НБО «Норак», азхудкунии заминҳои обёришаванда дар ноҳияи Данғара, беморхонаҳои перинаталии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти навтарин дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар, таҷдид ва таъмири роҳҳои дохилии автомобилгарди шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб, сохтмони корхонаи коркарди пахта ва заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон, заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба анҷом расонида шуданд. Тибқи маълумотҳои оморӣ ҷиҳати рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон дар соли 2022-юм ба миқдори 3283,1 млн. сомонӣ ё 19,7% маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо ҷалб гардидааст [1,с.18-19].

Бо назардошти зарурати таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2005-2015,

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон барои давраи солҳои 2016-2020 ва ахиран Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 таҳия ва қабул гардидааст, инчунин, таҳия ва амалисозии барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят барои солҳои 2021-2025 бомаром ҷараён дорад. Натиҷаи амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ имкон доданд, ки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа таъмин карда шавад (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-саноатии вилояти Хатлон ва вазни қиёсии он дар сатҳи ҷумҳурӣ, солҳои 2015-2022**

**Table 1. Development trend of economic-industrial indicators of Khatlon region and its relative weight at the level of the republic, 2015-2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | **Вилояи Хатлон** | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазни қиёсӣ |
|---|---|---|---|---|
| МММ-и вилояти Хатлон нисбат ба ба ММД, млн. сомонӣ | 2015 | 12855,2 | 50977,8 | 25,2% |
| | 2016 | 14620,2 | 54790,3 | 26,6% |
| | 2017 | 16003,7 | 64434,3 | 24,8% |
| | 2018 | 17107,5 | 71059,2 | 24,0% |
| | 2019 | 19664 | 79109,8 | 24,9 % |
| | 2020 | 22080,5 | 83958,3 | 26,3% |
| | 2021 | 26967,8 | 101076,3 | 26,7% |
| | 2022 | 33832,1 | 115739,4 | 29,2% |
| | 2022/2019 | 2,6 мар. | 2,2 мар. | +4%. |
| Истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатӣ, млн. сомонӣ | 2015 | 4621,2 | 12196 | 37,8% |
| | 2016 | 5047,7 | 15090 | 33,4% |
| | 2017 | 6753,1 | 20029 | 33,7% |
| | 2018 | 7294,0 | 23894 | 30,5% |
| | 2019 | 8661,1 | 27613 | 29,0% |
| | 2020 | 8998,3 | 30890 | 27,7% |
| | 2021 | 10333,0 | 38829 | 26,3% |
| | 2022 | 10792,5 | 43025 | 25,1% |
| | 2022/2019 | 2,3 мар. | 3,5 мар. | -12,7% |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, млн. сомонӣ | 2015 | 3312,6 | 8006 | 41,3% |
| | 2016 | 3227,9 | 9368 | 34,4% |
| | 2017 | 3854,2 | 11776 | 32,7% |
| | 2018 | 4605,1 | 13520 | 34,0% |
| | 2019 | 4952,8 | 15952 | 27,3% |
| | 2020 | 4789,1 | 19054 | 23,2% |
| | 2021 | 5430,7 | 22313 | 24,3% |
| | 2022 | 6525,2 | 26497 | 24,6% |
| | 2022/2019 | 1,9мар. | 3,3мар. | -16,7% |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, млн. сомонӣ | 2015 | 707,7 | 1292 | 54,7% |
| | 2016 | 791,5 | 1520 | 52,0% |
| | 2017 | 438,6 | 2354 | 18,6% |
| | 2018 | 1355,2 | 2479 | 54,6% |
| | 2019 | 1483,6 | 2636 | 56,2% |
| | 2020 | 1648,5 | 2870 | 57,4% |
| | 2021 | 2431,2 | 4096 | 59,4% |
| | 2022 | 2889,1 | 4720 | 61,2% |
| | 2022/2019 | 4,0 мар. | 3,6 мар. | +6,5% |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. –С.211-214.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -42 с., -Д., 2022. –С.15-30., -Д., 2023. –С.14-31 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Таҳлилҳои омории нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-саноатии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2022 шаҳодат аз он медиҳанд, ки рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақа марҳила ба марҳила таъмин гашта истодааст. Масалан Маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоят, ки натиҷаи ниҳоии фаъолияти истеҳсолии воҳидҳо-намояндаҳои

иқтисодиро, чи дар соҳаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва чи дар соҳаҳои хизматрасонии ғайримоддӣ дар қаламрави вилоят тавсиф мекунад ва ҳамчун нишондиҳандаи асосии иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ ба ҳисоб меравад, дар соли 2015-ум 12855,2 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба миқдори 33832,1 млн. сомонӣ расонидашуда, ба андозаи 2,6 маротиба зиёд гардида, ҳиссааш дар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 25,2% то ба 29,2% баланд шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатӣ дар вилоят аз 4621,2 млн. сомонӣ то ба 10792,5 млн. сомонӣ зиёд гардида, ба андозаи 2,3 маротиба афзоиш ётааст. Мутаассифона дар баробари суръати баланди афзоиши маҷмуи истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатии минтақа дар солҳои таҳлилӣ аз 37,8% то ба 25,1% кам шудааст.

Бояд қайд намуд, ки одатан дар доираи истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатӣ дар миқёси кишварҳо ва минтақаҳои онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа ба саноати коркард дода мешавад. Саноати коркард соҳаи саноатест, ки дар он маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла: пахта, пашм ва ғайра ё саноати истихроҷи маъдан, аз ҷумла: нафт, гази табиӣ, маъдан ва ғайра ҳамчун ашёи хом истифода мешаванд, ки бо даст ё бо ёрии мошинҳо коркард карда мешаванд. Саноати коркард ҳам воситаҳои истеҳсолот ва ҳам ашёи истеъмолиро истеҳсол мекунад. Барои саноати коркард ташкили мунтазами истеҳсолот хос аст, ки одатан бо тақсимоти меҳнат ҳамроҳ мешавад [14]. Аз рӯйи ҷадвали 1, мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард дар вилояти Хатлон дар соли 2015-ум 3312,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 6525,2 млн. сомонӣ расонида шудааст. Бо вуҷуди ба андозаи 1,9 маротиба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди минтақа ҳиссаи он дар сатҳи ҷумҳурӣ аз 41,3% то ба 24,6% кам гардидааст.

Истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки ҳамчун объекти муҳимми таҳқиқшавандаи мо ба ҳисоб меравад, унсури дохилӣ ва соҳаи муҳимми саноати коркард dониста мешавад. Таҳлилҳои омории солҳои 2015-2022 гувоҳӣ медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон ба андозаи 4 баробар афзоиш ёфтааст. Масалан агар истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар вилояти Хатлон соли 2015-ум 707,7 млн. сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба миқдори 2889,1 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар вилоят нисбат ба ҷумҳурӣ аз 54,7% то 61,2% баланд шудааст.

Ҳиссаи истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии минтақа, аз ҷумла: МММ, МУСМ, МУСКМ чунин аст (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Ҳиссаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар рушди истеҳсолоти минтақа, солҳои 2015-2022**

**Diagram 1. The share of the textile and garment industry of Khatlon region in the development of regional production, 2015-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -419 с.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -42 с., -Д., 2022. -30 с., -Д., 2023. –С.14-31 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Тибқи маълумоти омории солҳои 2015-2022 дар диаграммаи 1 овардашуда, ҳиссаи истеҳсолоти маҳулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба МММ аз 5,5% то ба 8,5, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти умумии саноати минтақа аз 15,3% то ба 26,7% ва ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди минтақа аз 21,3% то ба 44,2% афзудааст.

Аз рӯйи таҳқиқот ҳиссаи истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлонро дар нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии ҷумҳурӣ: ММД, МУСҶ, МУСКҶ дида мебароем (нигаред ба диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Ҳиссаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар рушди истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2022**
**Diagram 2. The share of the textile and garment industry of Khatlon region in the production development of the Republic of Tajikistan, 2015-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -419 с.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -42 с., -Д., 2022. -30 с., -Д., 2023. –С.14-31 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Диагрммаи 2 нишон медиҳад, ки ҳиссаи истеҳсолоти маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1,3% то ба 2,4%, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти умумии саноати ҷумҳурӣ аз 5,8% то ба 6,7% ва ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти саноати коркарди минтақа аз 8,8% то ба 10,9% афзудааст.

Мавриди зикр аст, ки саноати насссоҷӣ ва дӯзандагӣ яке аз соҳаи муҳимми стратегӣ барои давлат буда, талаботи аҳолиро ба молҳои зарурӣ ва истеҳсоли маҳсулот барои соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин менамояд. Дар навбати аввал, тайёр намудани мутахассиони соҳа ва таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ зарурати воқеӣ дорад. Айни замон дар вилояти Хатлон 1371 муассисаи рӯзонаи таҳсилоти умумӣ (дар онҳо 844,0 ҳазор хонанда), 33 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (29,2 ҳазор донишҷӯ) ва 7 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (47,4 ҳазор донишҷӯ) фаъолият мекунад [1,с.13]. Нақши ин муассисаҳо дар тайёр кардани мутахассисони касбӣ барои бозори меҳнати вилояти Хатлон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Вазифаи муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки миқдори кофии мутахассисони соҳибихтисосро барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат, омода намоянд. Инчунин, таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба касбҳои рақамикунонӣ низ аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад. Дар шароити ҳозира, талаботи нави тахассусӣ аз хатмкунандагон омӯзиши назарраси ба амалия нигаронидашударо талаб мекунад. Мутаассифона ҳолати имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят

нишон медиҳад, ки мутахассисони имрӯза, шароити марказҳои таълимӣ ва озмоишӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгуй нестанд, ҳатто номгӯи ихтисосҳо барои тайёр кардани мутахассисони касбӣ дар самти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ басанадагӣ намекунад. Механизми бозори меҳнати имрӯза дар соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ сохтори муайяне дорад, ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад: нархи меҳнат, талабот ба қувваи корӣ, пешниҳоди қувваи корӣ, рақобат ва ғайраҳо. Самарабахшии ҳамкории унсурҳои механизми мазкур барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ ва баландбардории сатҳи зиндагӣ мусоидат мекунад. Бо назардошти ин назария раванди амалии динамикаи нишондиҳандаҳои бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ дар соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагиро тайи солҳои 2013-2022 дар вилояти Хатлон ва ҳиссаи онро дар ҷумҳурӣ дида мебароем (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ дар соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, солҳои 2013-2022**

**Table 2. Dynamics of employment indicators in the textile and clothing industry, 2013-2022**

| Солҳо | Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | | | Шумораи кормандони саноатию истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ҳазор нафар | | | Ҳиссаи шумораи кормандони саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии ВХ нисбат ба шумораи аҳолии доимӣ (%) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҶТ | ВХ | Ҳиссаи ВХ/ҶТ | ҶТ | ВХ | Ҳиссаи ВХ/ҶТ | ҶТ | ВХ |
| 2013 | 8161,1 | 2898,6 | 35,5% | 15,2 | 6,1 | 40,1% | 0,07% | 0,21% |
| 2014 | 8352,0 | 2971,5 | 35,5% | 15,3 | 5,6 | 36,6% | 0,06% | 0,18% |
| 2015 | 8551,2 | 3047,8 | 35,6% | 15,6 | 5,9 | 37,8% | 0,06% | 0,19% |
| 2016 | 8742,8 | 3124,4 | 35,7% | 15,1 | 5,1 | 33,7% | 0,05% | 0,16% |
| 2017 | 8931,2 | 3198,5 | 35,8% | 13,4 | 4,6 | 34,3% | 0,05% | 0,14% |
| 2018 | 9126,6 | 3274,9 | 35,8% | 16,3 | 4,7 | 28,8% | 0,05% | 0,14% |
| 2019 | 9313,8 | 3348,3 | 35,9% | 15,6 | 4,6 | 29,4% | 0,04% | 0,13% |
| 2020 | 9716,8 | 3459,7 | 35,6% | 16,7 | 5,1 | 30,5% | 0,05% | 0,14% |
| 2021 | 9886,8 | 3530,0 | 35,7% | 16,8 | 5,6 | 33,3% | 0,05% | 0,15% |
| 2022 | 10078,4 | 3611,2 | 35,8% | 16,3 | 6,1 | 37,4% | 0,06% | 0,16% |
| 2022/ 2019 | 1,2 бар. | 1,2 бар. | +0,3% | +1,1 бар. | 1 бар. | -2,7% | -0,01% | -0,05% |

ЭЗОҲ: ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВХ - Вилояти Хатлон.

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. –С.10-13.; Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. –С.10-11,28 с.; Маҷмуаи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -72 с.; Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. –Бохтар, 2022. -16 с.; Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. –Бохтар, 2022. -11 с.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -42 с.; -Д., 2022. -30 с.; -Д., 2023. –С.14-31 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Таҳлили маълумоти омории солҳои 2013-2022 дар ҷадвали 2 тасдиқ менамояд, ки аҳолии вилояти Хатлон аз 2898,6 ҳазор нафар, ки 35,5%-и ҷумҳуриро дар соли 2013 ташкил медод, ба 35,8% ва ё 3611,2 ҳазор нафар дар соли 2022 расидааст. Ин нишондиҳанда мутаносибан ба андозаи 1,2 баробар ба сатҳи инкишофи аҳолии ҷумҳурӣ дар солҳои таҳлилӣ баробар шудааст. Дар ин давра динамикаи нишондиҳандаи бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ дар соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ тамоюли пастшавӣ дорад. Ҳолати воқеии маълумоти омории соли 2013 шаҳодат аз он медиҳад, ки шумораи кормандони саноатию истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон 6,1 ҳазор нафарро дар бар гирифта, 40,1%-и ҷумҳуриро ташкил медод. Бо мурури сипари гаштани 10 сол, новобаста ба баланд шудани иқтидори истеҳсолӣ ва зиёдшавии шумораи корхонаҳо дар соли 2022, ҷалби аҳолӣ ба ҷойи кор дар соҳаи саноатию истеҳсоли нассоҷӣ

ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар сатҳи 6,1 ҳазор нафар қарор гирифтааст, вале ҳиссаи он нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ ба дараҷаи 37,4% паст гардида, ба андозаи 2,7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Инчунин, дар солҳои 2013-2022 ҳиссаи шумораи кормандони саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ аз 0,07% то ба 0,06%, яъне ба андозаи 0,01 банди фоизӣ ва ҳиссаи шумораи кормандони саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон нисбат ба шумораи аҳолии доимии вилоят аз 0,21% то ба 0,16%, яъне ба андозаи 0,05 банди фоизӣ кам гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо зиёд кардани омилҳои иловагии истеҳсолот дар саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон, иқтидори истеҳсолӣ афзоиш ёфтааст, вале таъсирбахшии он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ бетафовут боқӣ мондааст.

Мавриди зикр аст, ки тамоюли баланд шудани иқтидори истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон ба зиёдшавии шумори корхонаҳо дар минтақа таъсири мусбат гузоштааст (нигаред ба диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3. Афзоиши шумораи корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар солҳои 2015-2022**

**Diagram 3. Growth of the number of textile and clothing industry enterprises in 2015-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. –С.24-24.; Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. –Бохтар, 2022. -94 с.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. –С.14-31 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки шумораи корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон аз 219 адад дар соли 2015 то ба 245 адад, яъне ба миқдори 26 адад дар соли 2022 зиёд ва ё ба андозаи 1,1 баробар афзудааст. Афзоиши шумораи корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни сармоягузорӣ амалӣ гардидаанд. Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки нисбат ба соҳаи мазкури иқтисодиёти кишвар фазои хуби сармоягузорӣ фароҳам карда шудааст [13,с.117]. Дар ин давраи таҳлилӣ, мутаассифона ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар сатҳи ҷумҳурӣ аз 62,2% то ба 54,3%, яъне 7,8 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Сабаби коҳиш ёфтани ҳиссаи шумораи корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар сатҳи ҷумҳурӣ, ин ҷой доштани суръати баланди рушд дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҳисоби дигар минтақаҳои кишвар мебошад. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба масъалаи ҷалби сармоягӯзорӣ ва истифодаи мақсадноки имкониятҳо дар минтақаи Хатлон камтар баназар мерасад.

Номгӯйи маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2022 ин: нахи пахта, чигит, тибити пахта, тораки пахта (улюк), пат, калобаи пахтагин, ресмони абрешими хом, газвори пахтагин, маводи нобофта, ҷӯробу пайпоқ, қолин ва

маснуоти қолинӣ, маҳсулоти кашбофӣ ва ғайраро дар бар гирифта, дар ҳаҷми гуногун ва мутобиқ ба солҳо истеҳсол гардидааст (нигаред ба ҷадвалӣ 3).

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2022**

**Table 3. Volume of production of textile and garment industry products of Khatlon region in 2015-2022**

| Нишондодҳо | 2015 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/ 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 64,3 | 53,4 | 55,0 | 67,4 | 75,6 | 75,1 | 81,9 | 1,2 мар. |
| Чигит, ҳазор тонна | 102,9 | 82,8 | 84,4 | 85,7 | 92,2 | 84,0 | 131,3 | 1,2 мар |
| Тораки пахта (улюк), тонна | 1423 | 927 | 1099 | 824 | 1347 | 1653 | 1642 | 1,2 мар |
| Пат, тонна | 1038 | 784 | 900 | 755 | 1142 | 1318 | 1337 | 1,3 мар |
| Калобаи пахтагин, тонна | 386 | 2627 | 15399 | 17400 | 14105 | 17785 | 17378 | 45 мар. |
| Ҷӯробу пайпоқ, ҳазор ҷуфт | 919 | 2034 | 4581 | 3015 | 227 | 2795 | 2299 | 2,5 мар. |
| Тибити пахта, тонна | 2239 | 2250 | 6401 | 1543 | 1098 | 815 | 1138 | 0,5 мар. |
| Ресмони абрешими хом, тонна | 2,1 | 1,8 | 0,8 | 0,1 | - | - | - | |
| Қолин ва маснуоти қолинӣ, ҳазор метри мураббаъ | 89,9 | 14,0 | 0,3 | | | | | |
| Газвори пахтагин, ҳазор метри мураббаъ | - | - | | - | - | - | 16652 | |
| Маводи нобофта, ҳазор метри мураббаъ | | | 98 | 82,2 | 103 | 111 | 113 | |
| Маҳсулоти кашбофӣ, ҳазор дона | | | | | 29,0 | 105,0 | 433,6 | |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. –С.99-110.; Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. –С.58-62 ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2022 дар ҷадвали 3, гувоҳӣ медиҳад, ки истеҳсоли нахи пахта аз 64,3 ҳазор тонна то ба 81,9 ҳазор тонна расонида шуда, ба андозаи 1,2 маротиба, чигит аз 102,9 ҳазор тонна то ба 131,3 ҳазор тонна расонида шуда ба андозаи 1,2 маротиба, тораки пахта (улюк) аз 1423 тонна то ба 1642 тонна расонида шуда, ба андозаи 1,2 маротиба, пат аз 1038 тонна то ба 1337 тонна расонида шуда, ба андозаи 1,3 маротиба, калобаи пахтагин аз 386 тонна то ба 17378 тонна расонида шуда, ба андозаи 45 маротиба, ҷӯробу пайпоқ аз 919 ҳазор ҷуфт то ба 2299 ҳазор ҷуфт расонида шуда ба андозаи 2,5 маротиба зиёд гардида, тибити пахта аз 2239 тонна то ба 1138 тонна ба андозаи 0,5 маротиба кам гардидааст. Истеҳсоли газвори пахтагин, маводи нобофта ва маҳсулоти кашбофӣ аз соли 2018 то инҷониб ба роҳ монда шуда, ресмони абрешими хом, қолин ва маснуоти қолинӣ аз истеҳсол боз монданд.

Дар мавриди баланд намудани самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, нуқтаи назари коршиносони соҳавӣ, ин дастгирии таъсиси маҷмааҳои агросаноатӣ ва савдо мебошад. Бо ин сабаб, омӯзиши равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, фурӯши онҳо ва ташаккулёбии марказҳои логистикӣ манфиатовар аст [12,с.194]. Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи афзоиши устувори иқтидорҳои истеҳсолӣ ва афзоиши гардиши маҳсулоти истеҳсолшударо дар шароити конъюнктураи мусоиди макроиқтисодӣ ва системаи оптималии андозбандӣ дорад. Афзалияти стратегии ин соҳа, истеҳсоли самараноки маҳсулот бо технологияҳои муосир дар робита бо тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва ниёзҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вазифаи асосӣ ин истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мувофиқ ба сатҳи сифати ҷаҳонӣ мебошад [9,с.140].

Таҳқиқоти мо аз рӯйи ҷадвали 5 ошкор месозад, ки ҳиссаи баланди молҳои содиротии вилояти Хатлонро дар соли 2000-ум молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ташкил медоданд.

**Ҷадвали 4. Содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон**
**Table 4. Export of textile and garment industry goods of Khatlon region**

ҳазор доллари ИМА

| | 2000 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Содироти умумии молҳо аз вилояти Хатлон, ҳамагӣ | 34832,9 | 120409 | 115603,2 | 142984,2 | 176041,8 |
| Ҳамагӣ, содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, аз ҷумла: | 33494,5 | 106990,5 | 51225,8 | 70849,5 | 89753,5 |
| нахи пахта | 32871,5 | 104271,8 | 50470,5 | 39685,2 | 45239,3 |
| линт | 217 | - | - | - | - |
| калобаи ришта | 278,1 | 2186,5 | 521,0 | 31164,3 | 44514,2 |
| тибити пахта | - | - | | - | |
| пӯст, чарм, маҳсулоти мӯина, пашм, пилла ва маҳсулоти аз он тайёр кардашуда | 406 | 532,2 | 234,3 | - | - |
| Ҳиссаи содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар содироти умумии молҳо аз вилояти Хатлон, % | 96,1% | 88,8% | 44,3% | 49,5% | 50,9% |

Сарчашма: Тартиб ва ҳисоби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. –Бохтар, 2022. –С.180-187

Таҳлилҳои омории ҷадвали 4, нишон медиҳад, ки номгӯйи содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон хусусияти ашёи хомро дошта, то нуқтаи ниҳои коркард нагардида ба содирот нигаронида мешавад ва ҳиссаи содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар содироти умумии молҳо аз вилояти Хатлон солҳои охир камшуда истодааст. Боиси нигаронист, ки соли 2000 ҳиссаи содироти молҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар содироти умумии молҳо аз вилояти Хатлон 96,1%-ро ташкил медод, он дар соли 2021-ум 50,9%-ро ташкил кардааст, ки ба андозаи 45,2% кам мебошад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда, омӯзиши барномаҳои стратегӣ ва нақша-чорабиниҳои давлатӣ дар самти пешбурди соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон ба мо маълум намуд, ки бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва коркарди молҳо то нуқтаи ниҳоию ба содирот нигаронидан дар доираи ҳадафҳо корҳои зерин дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ҷараён доранд:

-дар доираи Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, рушди истеҳсоли пилла ва афзоиши ҳиссаи пиллапарварон ба нақша гирифта шуда, марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст. Тибқи маълумоти оморӣ дар мавсими соли 2021-ум 454,4 тонна пилла истеҳсол гардидааст, ки назар ба соли 2020-ум 60,5 тонна зиёд мебошад. Дар маҷмуи пиллаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда, ҳиссаи пиллапарварони вилояти Хатлон ба 48,1%, вилояти Суғд ба 40,0% ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 14,9% рост меояд.

-бо назардошти фароҳам овардани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти коркарди нахи пахта, соҳаи мазкур аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҷолибияти хосса пайдо намуда, ба истифода додани сикли ресандагии ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» қадами устувор дар рушди коркарди нахи пахта ба ҳисоб рафта, корхонаи мазкур бо саҳмгузории шарикони чинойӣ фаъолият намуда истодааст;

-бо мақсади васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҶДММ «Ваҳдат Текстайл» дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон корхонаи ҷӯроббофӣ ба истифода дода шуд ва дар ноҳияи Вахш бунёди чунин корхона оғоз гардида, раванди корҳои сохтмонӣ идома дорад;

-дар коргоҳҳо ва корхонаҳои дӯзандагии вилоят асосан дастгоҳҳои истеҳсоли ширкатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Чехия, Олмон ва Федератсияи Россия васлу насб гардидаанд, ки ин ба баланд бардоштани сифат ва иқтидори маҳсулот мусоидат мекунад;

-ба роҳ мондани фаъолияти сикли бофандагӣ ва рангубори ҶСК «Ресандаи Қурғонтеппа», фаъолияти сиклҳои пурраи ҶДММ «Евразия Текстайл» (3 ҳазор тонн), ба роҳ мондани фаъолияти сикли коркарди нахи пахтаи ҶДММ «Ресандаи Рушди Хатлон» (7 ҳазор тонн), ба роҳ мондани Фаъолияти сикли коркарди нахи пахтаи ҶДММ "Адолат А"-и ноҳияи Фархор ба рушди соҳа таъсиргузор мегарданд.

Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқоти худ ҳалли масъалаҳои зеринро муҳим шуморида, таклифи худро ба таври зайл ироа месозем:

Якум, аз нигоҳи мо коркарди нахи пахта мавқеи афзалиятнокро дар ҷумҳурӣ ва вилоят соҳиб мебошад, аз ин лиҳоз, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, манъи содироти ашёи хом ва таъсиси корхонаҳои нав имконият медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли ресмони абрешимӣ, матоъҳои пахтагин, риштаи пахтагин, пойафзол, пилла, коркарди пӯст, маҳсулоти дӯзандагӣ, ҷӯробу пайпоқ ва ғайраҳо афзоиш ёбанд.

Дуюм, зарур мешуморем, ки бунёди майдони тутзор ва ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии пӯст ва пашм дар доираи шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки дорои захираҳои ашёи хом мебошанд, афзоиш дода шавад.

Сеюм, истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, бунёди корхонаҳои нав бо таъсиси ҷойҳои кории нав имконият медиҳад, ки оид ба ин масъала бештар аҳаммият ва афзалият дода шавад.

Чаҳорум, ташаккули фаъолияти марақазҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, навсозӣ ва аз нав муҷаҳҳазгардонии техникии корхонаҳо ҳамчун омили асосии пешрафти соҳа ба назар гирифта шавад.

Панҷум, ба роҳ мондани механизми муттасили имтиёзҳо дар самти ба маблағ таъмин намудани ҷараёни фаъолияти корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар минтақа.

Шашум, аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ мукаммалсозии қонунгузорӣ ва ташаккули сохтори институтсионалии танзими содирот ва воридоти молҳои корхонаҳои саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ.

Ҳафтум, бо мақсади самаранокии рушди соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ташкили кластери соҳа ҳамчун воситаи рушди рақобат аз нигоҳи мо муҳим ба назар мерасад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Сафаров Н.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Маҷмуаи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -330 с.
2. Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -89 с.
3. Маҷмуаи омори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -173 с.
4. Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. –Бохтар, 2022. -250 с.
5. Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -419 с.
6. Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2023. -419 с.
7. Маҷмуаи омори Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Д., 2021. -702 с.
8. Мирсаидов М.Н. Асосҳои назариявии иқтисодиёти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ / М.Н. Мирсаидов, Ҳ.А. Қуватзода // Идоракунии давлатӣ. - 2022. -№4-1(58). -С.95-103.
9. Мирсаидов, М.Н. Омилҳои асосии рушди истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бурриши минтақаҳои он / М.Н. Мирсаидов, Ҳ.А. Қуватзода // Идоракунии давлатӣ. - 2023. -№4-2(64). -С.134-143.
10. Низомова Т.Д. Иқтисодиёти саноат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии таҳсилоти низоми кредитӣ / Т.Д. Низомова. - 2020. -458 с.

11. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 27.03.2018. - №159. -44 с.
12. Тағоев, Ҷ.Ҳ. Рушди ҳамгироиҳои соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва савдо: тамоюлҳо мушкилот ва сармоягузорӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ф.Б. Маҷидов // Кишоварз. – 2020. -№4(89). -С.192-197.
13. Файзуллоев, М. Таҳлили макроиқтисодии вазъи ҷолибияти сармоягузорӣ дар саноати нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Файзуллоев, Д. Розиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№1. -С.114-120.
14. Britannica. [Электронный ресурс]. URL: https://www.britannica.com/technology/manufacturing. (дата обращения: 05.02.2024).

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САНОАТИ НАССОҶӢ ВА ДӮЗАНДАГИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ВАЗНИ ҚИЁСИИ ОН ДАР САТҲИ ҶУМҲУРӢ

Дар мақола вазъи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон таҳлил ва вазни қиёсии он дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Муаллиф заминаҳои асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлонро бо асоснокии барномаҳои стратегӣ, ки дар натиҷа сохтмон ва таҷдиди иншооти дорои аҳаммияти давлатӣ ва бунёди корхонаҳои азими саноатӣ дар доираи ҳамкориҳо ва ҷалби сармоягузориҳо ҷараён гирифтанд, муҳим дониста, тамоюли рушди нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон ва ҳиссаи онро дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, нишон додааст. Инчунин, муаллиф бар он назар аст, ки саноати насссоҷӣ ва дӯзандагӣ яке аз соҳаи муҳимми стратегӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, талаботи аҳолиро ба молҳои зарурӣ ва истеҳсоли маҳсулот барои соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин менамояд. Дар навбати аввал, тайёр намудани мутахассисони соҳа ва таъмини талаботи аҳолӣ бо шуғл ва маҳсулоти истеҳсолии саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ афзал дониста шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ-таҳлилии муаллиф, маълумоти оморӣ бо назардошти солҳои 2000, 2013, 2015-2022 баҳодиҳӣ шуда, мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон муайян гардида, роҳҳои ҳалли мушкилот аз нигоҳи илмӣ-таҳлилӣ пешниҳод шудааст. Ҳамин тавр, мақолаи эҷодкардаи муаллиф самти нави таҳқиқоти соҳавӣ ба ҳисоб рафта, барои вилояти Хатлон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои муҳимми стратегӣ ва афзалиятнокро дорад. Дар мақола муаллиф методҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла: методҳои таҳлилӣ, методҳои муқоисавӣ, методҳои тасвирӣ-графикӣ ва омориро дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои гуногун аз рӯйи зарурат истифода кардааст.

**Калидвожаҳо:** саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, дастовардҳои илмию техникӣ, мараказҳои инноватсионӣ, технологияҳои пешқадам, омили асосии пешрафт, самаранокии иқтидорҳои истеҳсолӣ, коркарди нахи пахта, сармоягузорӣ, мутахассисони касбӣ, бозори меҳнат.

## АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ТЕКСТИЛЬНОЙ И ШВЕЙНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ И ЕЕ УДЕЛЬНОГО ВЕСА НА УРОВНЕ РЕСПУБЛИКИ

В статье рассматривается состояние текстильной и швейной промышленности Хатлонской области и ее удельный вес на уровне Республики Таджикистан. Автор считает важными вопросы устойчивого социально-экономического развития Хатлонской области с обоснованием стратегических программ строительства и реконструкции объектов, имеющих государственное значение, строительства крупных промышленных предприятий в рамках сотрудничества и привлечения инвестиций. В стетье автор отметил тенденцию развития показателей производства текстильной и швейной продукции Хатлонской области и ее долю на уровне Республики Таджикистан. Также автор считает, что текстильная и швейная промышленность является одной из важных стратегических отраслей для Республики Таджикистан и обеспечивает спрос населения на необходимые товары и производство продукции для отраслей народного хозяйства. В первую очередь, приоритетной является подготовка специалистов отрасли и обеспечение потребностей населения в занятости и производстве текстильной и швейной промышленности. В научно-аналитической работе автора были оценены статистические данные с учетом 2000, 2013, 2015-2022 годов, выявлены существующие проблемы текстильной и швейной промышленности Хатлонской области и представлены пути решения проблем с научно-аналитической точки зрения. Таким образом, созданная автором статья является новым направлением отраслевых исследований и имеет важные стратегические и приоритетные характеристики для Хатлонской области и Республики Таджикистан. В статье автор использовал различные научные методы, в том числе аналитические методы, сравнительные методы, наглядно-графические и статистические методы, основанные на изучении различных источников.

**Ключевые слова:** текстильная и швейная промышленность, научно-технические достижения, инновационные разработки, передовые технологии, основной фактор прогресса, эффективность производственных мощностей, переработка хлопкового волокна, инвестиции, профессиональные специалисты, рынок труда.

## ANALYSIS OF THE STATE OF THE TEXTILE AND CLOTHING INDUSTRY OF THE KHATLON REGION AND ITS SHARE AT THE REPUBLIC LEVEL

The article examines the state of the textile and clothing industry of the Khatlon region and its share at the level of the Republic of Tajikistan. The author considers important the foundations of sustainable socio-economic development of the Khatlon region with the justification of strategic programs, as a result of which the construction and reconstruction of facilities of state importance, the construction of large industrial enterprises within the framework of cooperation and attracting investments, and noted the trend in the development of indicators of textile and clothing production in the Khatlon region and its share at the level of the Republic of Tajikistan. The author also believes that the textile and clothing industry is one of the important strategic sectors for the Republic of Tajikistan and ensures the demand of the population

for necessary goods and production of products for sectors of the national economy. First of all, the priority is to train industry specialists and meet the needs of the population in employment and production of the textile and clothing industries. In the scientific and analytical work of the author, statistical data were evaluated taking into account 2000, 2013, 2015-2022, the existing problems of the textile and clothing industry of the Khatlon region were identified and ways to solve problems from a scientific and analytical point of view were presented. Thus, the article created by the author is a new area of industry research and has important strategic and priority characteristics for the Khatlon region and the Republic of Tajikistan. In the article, the author used various scientific methods, including: analytical methods, comparative methods, visual-graphical and statistical methods based on the study of various sources as needed.

**Keywords:** textile and clothing industry, scientific and technical achievements, innovative developments, advanced technologies, the main factor of progress, production capacity efficiency, cotton fiber processing, investments, professional specialists, labor market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қуватзода Ҳасан Акрам* -** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. **Суроға:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail: **bbk.89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Куватзода Хасан Акрам*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры государственного управления и национальной экономики. **Адрес:** 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. E-mail: **bbk.89@mail.ru**

**Information about the author:** ***Quvatzoda Hasan Akram* -** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Applicant of the Department of Public administration and national economy. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Street 33. E-mail: **bbk.89@mail.ru**

ТДУ: 334.021+338.242(575.3)

# АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ АВИАТСИЯИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Раҳмонов Ю.***
**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани кишвар ба кишвари транзитӣ «ҳифз ва рушди шабакаи фурудгоҳҳои маҳаллӣ, авиатсияи хурд ва миёна барои таъмини дастрасии аҳолии тамоми минтақаҳо ба нақлиёти ҳавоӣ» [6] пешбинӣ шудааст. Ин вазифа инчунин ҳамчун амали асосӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда баромад мекунад. Дар марҳалаи нави рушди кишвар татбиқи ин ҳадафҳои стратегӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, дар маҷмуъ, мусоидат ба фароҳам овардани шароит барои рушди авиатсияи хурд ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ба хизматрасониҳои авиатсионӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад. Инфрасохтори нақлиётии рӯизаминӣ, ки тамоми сол амал мекунад, дар бисёр минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ маҳдуд аст, бисёре аз минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ қариб тамоми сол дастрасии нақлиётӣ надоранд, ки ин соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодиёти минтақаро аз алоқаи авиатсионӣ вобаста мекунад. Дар навбати худ, зичии пасти аҳолӣ бозгашти иқтисодии сармоягузориро ба таъсиси нуқтаҳои нави бузурги нақлиёти ҳавоӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва истифодаи васеи парки муосири авиатсиониро таъмин намекунад. Ин зарурати рушди интенсивии авиатсияи хурдро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад.

Вазъи кунунӣ ва миқёси нокифояи рушди авиатсияи хурд дар ҷумҳурӣ имкон намедиҳад, ки дастрасии зарурии нақлиётии ҳудудҳо ва ҳаракати аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо авиатсияи магистралӣ ва дигар намудҳои нақлиёт самаранок нигоҳ дошта шавад [3], ки ин аҳамияти таҳия ва татбиқи Консепсияи рушди авиатсияи хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

То имрӯз истилоҳи "авиатсияи хурд" дар заминаи меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст. Дар доираи Консепсияи мазкур авиатсияи хурд қисми авиатсияи гражданиро дар бар мегирад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ ба хидматҳои авиатсионӣ, таъсиси коммуникатсияҳои бисёрфунксионалии нақлиёти ҳавоӣ, иҷрои интиқоли ҳавоӣ дар қаламрави кишвар, омодасозии аввалияи кормандони авиатсионӣ ва рушди авиатсияи хурд бо истифода аз ҳавопаймоҳои сабуки авиатсияи хурд, ки ҳавопаймоҳои сабук (ҲС) - ҳавопаймоҳо бо вазни парвоз то 5,7 тонна ва чархболҳо то 3,1 тоннаро дар бар мегирад, пешбинӣ шудааст. Барои истифодабарандагони авиатсияи хурд муқаррар кардани қоидаҳои содашудаи иҷозати парвоз ва фаъолияти тиҷоратӣ мақсаднок аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ буда, дарозии ҳудуд аз шимол ба ҷануб 1000 км ва аз ғарб ба шарқ 1500 км мебошад. Дар ҷумҳурӣ дар минтақаи нақлиёти заминии тамомисола ҳамагӣ 55% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, зиёда аз 60% қаламрав танҳо дастрасии мавсимии нақлиётӣ дорад [8]. Талаботи ҳаракати баланди аҳолӣ ҳамчун шарти зарурии гузариш ба роҳи инноватсионии рушд дар Консепсияи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст. Ҳаракати пасти нақлиётии аҳолӣ яке аз монеаҳои асосии коҳиш додани ташаннуҷ дар бозорҳои минтақавии меҳнат мегардад. Рушди иҷтимоии қаламравҳои кишвар, аз ҷумла, таъмини роҳҳои зуд ва сарфакоронаи интиқоли фаврии гуруҳҳои хурди мусофирон ва борҳои хурдро талаб мекунад. Ин ба эҳтиёҷоти аввалиндараҷа ба монанди хизматрасонии тиббӣ, интиқоли почта, амният, хизматрасонии сайёҳӣ ва истироҳатӣ ва ғайра дахл дорад.

Шароити шадиди минтақаҳои кӯҳии кишвар хароҷоти зиёди татбиқи тадбирҳоро оид ба афзоиши зарурии ҳаракати авиатсионии аҳолии ноҳияҳо тибқи талаботи иҷтимоии амалкунанда талаб мекунад. Барои аксари маҳалҳои аҳолинишини ҷумҳурӣ, авиатсияи хурди шаҳрвандӣ ягона намуди нақлиёти тамомисола мебошад, ки метавонад зиёда аз 60% гардиши мусофирони нақлиётии дохили ҷумҳуриро иҷро кунад. Авиатсияи хурд дар

таъмини дастрасии нақлиётии минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ, хусусан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ нақши муҳим мебозад. Норасоии ҳавопаймоҳои муосир барои ҳамлу нақли ҳавоии минтақавӣ ва маҳаллӣ, мавҷуд набудани навъи оптималии техникаи авиатсионӣ, арзиши баланди истифодаи парки фарсудашудаи ҳавопаймоҳо имрӯз омили воқеии маҳдудкунандаи таъмини озодии ҳаракати аҳолӣ ва ҳалли вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Авиатсияи хурд қисми таркибии (сегменти) авиатсияи шаҳрвандӣ мебошад. Сохтори авиатсияи хурд аз рӯи таркиби элементии худ ба сохтори истеҳсолии соҳавии авиатсияи граждани монанд аст ва инҳоро дар бар мегирад: инфрасохтори заминии фурудгоҳӣ (аз ҷумла фурудгоҳҳо/аэродромҳо/майдончаҳои фуруд, операторони фурудгоҳҳо, кормандони хидматрасон ва ғайра); ташкилоти хидматрасонии техникӣ ва таъмири авиатехника; агентиҳои фурӯши ҳамлу нақли ҳавоӣ; муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои омодасозии кормандон; институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ; инструкторҳое, ки бо омодасозии инфиродии халабонҳои ҳавопаймоҳои сабук, хеле сабук, аэростатикӣ ва планерҳо машғуланд; соҳибкорони инфиродӣ, ки парвозҳои аэротаксӣ ва парвозҳои авиатсионии сайёҳиро анҷом медиҳанд [4].

Бо воҳидҳои сохтории номбаршудаи авиатсияи хурд ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ, ширкатҳои лизингӣ, ширкатҳои суғурта ва бисёр дигар ташкилотҳо ва корхонаҳо, ки бевосита ё бавосита бо ташкил/хидматрасонии ҳамлу нақли ҳавоии авиатсияи хурд алоқаманданд, ҳамкорӣ мекунанд. Ҳама воҳидҳои соҳа дар доираи қонунгузории ҷумҳурӣ нисбат ба мувофиқати талаботи меъёрии амалкунанда дар ҳамкорӣ бо ICAO ва IATA фаъолият мекунанд.

Сохтори авиатсияи хурд (шумораи фурудгоҳҳо/майдонҳои фуруд, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ оид ба ҳамлу нақли ҳавоӣ, аз ҷумла оператори пешбари авиатсияи хурд) дар ҷумҳурӣ пурра кор намекунад. Дар ҷумҳурӣ фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро бо истифода аз парки ҳавопаймоҳои авиатсияи хурд, ки намудҳои зерини парвозҳоро иҷро мекунанд, фаъол кардан лозим аст: парвозҳо бо талабот ҳамчун аэротаксӣ; парвозҳои экскурсионии ҳавоӣ; парвозҳои таълимӣ, аз ҷумла парвозҳои омӯзишӣ; парвозҳо барои иҷрои корҳои авиатсионӣ; парвозҳои намоишӣ; парвозҳои варзишӣ, парвозҳо барои иҷрои ҷаҳиши парашютӣ.

Парвозҳо ҳамчун аэротаксӣ парвозҳои нақлиётӣ дар ҳавопаймоҳо ва чархболҳо мебошанд, ки бо интиқоли мусофирон аз як нуқта ба нуқтаи дигар алоқаманданд. Чунин парвозҳо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бо истифодаи ҳавопаймоҳои сабуки дорои то 35 ҷойи нишасти мусофирбар маъмултарин мебошанд. Намунаҳои ҳавопаймоҳое, ки одатан ҳамчун аэротаксӣ истифода мешаванд, ҳавопаймоҳои Cessna-172, чархболҳои R44 ва R66 мебошанд. Талабот ба чунин парвозҳо пайваста меафзояд. Ин соҳаи фаъолият ҳамчун самти муҳимми рушди тиҷорати хурд ва ҳамчун бахши авиатсияи гражданӣ таваҷҷуҳи хоса дорад, ки дар он талабот ба харид ва истифодаи авиатсияи хурд эҳтимолан зиёд аст.

Парвозҳои экскурсионӣ парвозҳое мебошанд, ки бо мақсади тамошои объектҳои табиӣ, мамнуъгоҳҳо, ҷойҳои диданӣ ва ғайра анҷом дода мешаванд [1]. Ин парвозҳо, одатан, ҳадафи интиқоли мусофиронро аз як нуқта ба нуқтаи дигар надоранд. Аксар вақт ин парвозҳо як экскурсияи ҳавопаймоии мушоҳидавӣ мебошанд, ки дар як ҷо оғоз ва ба анҷом мерасанд. Ба парвозҳои экскурсионии авиатсионӣ инчунин парвозҳо бо мақсади расонидан ба ҷойҳои истироҳат, масалан, моҳидорӣ ё шикор, ба ҷойҳои экскурсияҳои заминӣ ва бозгашт дохил карда мешаванд. Барои чунин парвозҳо ҳам ҳавопаймоҳои сабук, бо шумораи ками ҷойҳои мусофирбарӣ ва ҳам ҳавопаймоҳои хеле сабук истифода бурда мешаванд. Парвозҳои таълимӣ бо мақсади омӯзиш ё такмили ихтисоси халабонҳо анҷом дода мешаванд. Парвозҳои омӯзишӣ яке аз категорияҳои парвозҳои таълимӣ ё экскурсионӣ мебошанд. Ба категорияи алоҳида ҷудо кардани онҳо бо он вобаста аст, ки аксар вақт ин парвозҳо на бо мақсади омӯзиш, балки бо мақсади шиносоии шахсони манфиатдор бо хусусиятҳои парвоз дар ягон намуд (синф)-и ҳавопаймо гузаронида мешаванд.

Корҳои авиатсионӣ бо истифода аз ҳавопаймоҳои авиатсияи хурд метавонанд иҷрои корҳои авиатсионӣ-кимиёвӣ (авиатсияи кишоварзӣ), наворбардории ҳавоӣ, корҳои авиатсионии ҷангал, парвозҳо бо мақсади расонидани кумаки тиббиро дар бар гиранд.

Парвозҳои намоишӣ дар ҷашнҳои гуногун ва намоишҳои авиатсионӣ анҷом дода мешаванд. Парвозҳои варзишӣ ва парвозҳо барои иҷрои ҷаҳиши парашютӣ самти омӯзишӣ-таълимӣ доранд. Парвозҳо ҳамчун аэротакси ва экскурсияҳои авиатсионӣ аз ҷониби халабонҳое, ки шаҳодатномаи халабони тиҷоратӣ доранд, иҷро карда мешаванд, парвозҳои шиносоӣ, омӯзишӣ ва варзишӣ барои иҷрои ҷаҳишҳои парашютӣ аз ҷониби халабон-мураббиён иҷро карда мешаванд. Дар рушди авиатсияи хурд татбиқи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мақсадҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии мамлакат муайян гардидаанд, нақши муҳим мебозад ва ин омили ташаккули нақшаҳо ва роҳнамоиҳои ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандон дар соҳаи сайёҳии мамлакат мебошад[7]. Бояд қайд кард, ки барои таъмини рушди авиатсияи хурд шароити муносиби институтсионалии сатҳи байналмилалӣ ташаккул ёфтааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO) ва Созмони байналмилалии авиатсияи гражданӣ (ICAO) дар бораи хизматрасонии сайёҳӣ созишнома доранд [2]. Дар доираи он ҳамкорӣ байни сиёсати сайёҳӣ ва сиёсати авиатсияи граждании UNWTO мустаҳкам шуд. Соли 2010 ин ҳамкорӣ пас аз имзои Ёддошти тафоҳум, ки дар он як қатор самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн барои амалҳои муштарак зикр шудаанд, тақвият ёфт. Рамзи мушаххаси омодагии афзояндаи ҳамкорӣ, аз ҷониби Дабирони кулли ин ду ташкилот ба имзо расидани Изҳороти муштарак аз моҳи марти соли 2013 буд, ки ба оптимизатсияи минбаъдаи бартариҳои авиатсия ва сайёҳӣ тавассути якҷояшавии максималии онҳо равона карда шудааст:

- ҳамкорӣ дар навсозии заминаи меъёрии нақлиёти ҳавоӣ; васеъ кардани шабакаи алоқаҳои ҳавоӣ, аз ҷумла расмиёти раводид ва расмиёти пуркунӣ ва додани ҳуҷҷатҳо;
- таҳкими ҳифзи мусофирон, сайёҳон ва таъминкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ; коҳиш додани партовҳои гармхонаӣ; ҷалби нақлиёти ҳавоӣ ба рушди сайёҳӣ дар самтҳои дурдаст ва дар кишварҳое, ки ба баҳр баромад надоранд ё кишварҳои ҷазиравӣ;
- арзёбии оқибатҳои иқтисодии андозҳо, тарҳҳо ва дигар пардохтҳое, ки дар авиатсия ва сайёҳӣ ситонида мешаванд[9].

Ин масъалаҳо на танҳо афзалиятҳои глобалӣ, балки миллӣ ва минтақавиро барои ҳамкории байни сайёҳӣ ва нақлиёти ҳавоӣ инъикос мекунанд. ICAO, ба монанди UNWTO, муассисаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид мебошад.

ICAO стандартҳо ва сиёсати марбут ба амният, бехатарӣ ва самаранокӣ дар авиатсияи шаҳрвандӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисодии нақлиёти ҳавоиро таҳия мекунад. Дар қаламрави Тоҷикистон ҳудуди 1450 кӯл мавҷуд аст, ки бархе аз онҳо дар баландии беш аз чаҳор ҳазор метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд. Кишвар аз кӯлҳои зебои гуногун бой аст. Дар ҷануби қаторкӯҳҳои Олой, дар қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, кӯли бузургтарин – кули шур ва сарбаста Қароқул воқеъ аст, ки дар баландии 3914 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Кӯли Сарез яке аз зеботарин ва пурасрортарин кӯлҳои Тоҷикистон аст. Дили Кӯҳҳои Фан гавҳари Тян-Шан кӯли зебои Искандаркул аст. Он аз рӯи шакл ба секунҷаи се ва ним километри мураббаъ монанд аст ва ба умқи ҳафтод метр мерасад. Дар наздикии Искандаркул, дар дараи дарёи Серима, кӯли хурди Замин-Мулло ё худ Кули мор мавҷуд аст, ки сайёҳон ба сабаби зиёд будани мор дар об онро чунон номиданд. Аз ҳама кӯлҳои зебо Аловуддин (Чапдара) ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, истифодаи ҳавопаймои обӣ қодир ба парвоз аз сатҳи об, нишастан дар он, инчунин манёвр кардан дар об; дар асоси гидроаэродром асос ёфтааст. Ҳавопаймои обӣ бояд шиновар, устувор, ғарқнашаванда, устувории ҳаракат дар об ва дигар сифатҳои баҳрӣ дошта бошад, ки имконияти истифодаи онро дар акваторияҳо дар шароити гуногуни гидрометеорологӣ муайян мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ сертификатҳо барои интиқоли ҳавоии тиҷоратӣ, корҳои авиатсионӣ ва шаҳодатномаҳои истифодабарандаи авиатсия, инчунин, ташкилотҳое, ки шаҳодатномаи (сертификати) маркази таълимии авиатсионӣ доранд, ки таҳти назорати идораи нақлиёти ҳавоии авиатсияи таъиноти умумӣ мебошанд, вуҷуд надоранд. Инчунин бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ муассисаи таълимии касбии «клуби авиатсионӣ-варзишӣ» -и ДОСААФ (Ҷамъияти ихтиёрии мусоидат ба артиш, авиатсия ва флот) аз фаъолият бозмонд. Ҳавопаймоҳои дорои 10-12 ҷойи нишаст истифода намешаванд, парвози миёнасолона на

бештар аз 1-2 соат дар як моҳ аст. Аз таҳлили ширкатҳои ҳавопаймоӣ оид ба фаъолияти асосии нақлиёти ҳавоӣ маълум мешавад, ки ҳамлу нақли авиатсионии ширкатҳои ҳавопаймоии мавриди баррасӣ, чун қоида, зараровар ё кам фоидаовар аст ва бо назардошти аҳаммияти иҷтимоии самтҳои мушаххаси интиқол, субсидия талаб мекунад. Инфрасохтори ҳавопаймоии заминӣ шабакаи аэродромро дар бар мегирад, ки аз 12 аэродром ва 21 майдони фуруд иборат аст. Фурудгоҳҳо дар масофаи дур аз ҳамдигар ҷойгиранд [5]. Зичии аҳолӣ дар минтақа хеле паст аст, ки имконияти истифодаи ҳавопаймоҳои магистралиро барои интиқоли дохили ҷумҳуриявӣ истисно мекунад. Барои ҳалли ин масъала бояд қоидаҳои махсуси авиатсионӣ таҳия карда шаванд, ки тартиби содашудаи сертификатсия ва иҷозат додан ба истифодаи ҳавопаймо бо вазни парвоз то 2000 кг-ро муайян мекунанд.

Ба назари мо, бояд Консепсияи рушди авиатсияи хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шавад, ки мақсади ташаккул додани афзалиятҳо, асоснок кардани шаклҳои оптималии ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии таъмини рушди авиатсияи хурд ҳамчун зерсистемаи муҳими комплекси нақлиёти ҳавоии кишвар ба манфиати хизматрасонии самаранок ва бехатари авиатсионии аҳолӣ ва иқтисодиёти минтақаро дорад.

Он бояд инҳоро дар бар гирад:

- эҳё ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани қобилияти корӣ, рақобатпазирии авиатсияи хурди комплекси нақлиёти ҳавоӣ, тақвияти самти инноватсионӣ, иҷтимоӣ ва экологии он;
- бартараф кардани номутаносибии ҳудудӣ ва сохторӣ дар рушди авиатсияи хурди комплекси нақлиёти ҳавоии кишвар;
- ҷалби сармоягузорӣ ба рушди авиатсияи хурди кишвар;
- такмили таъмини меъёрию ҳуқуқии рушди авиатсияи хурди комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ ва бозори хизматрасониҳои дахлдор, аз ҷумла ташкили заминаи зарурии меъёрию ҳуқуқӣ;
- рушди механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ, ки тақсимоти возеҳи қонунгозории ҳуқуқ, масъулият ва хавфҳоро байни давлат ва сармоягузорон таъмин мекунанд, инчунин муайян кардани самтҳои афзалиятноки истифодаи ин механизмҳо ба манфиати рушди авиатсияи хурд;
- дастгирии давлатии рушди авиатсияи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нигоҳ доштани қобилияти эксплуататсионӣ, афзоиши имконияти гузарониш ва сохтмони (барқарорсозии) майдончаҳои фуруд барои авиатсияи хурди комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ.

Татбиқи Консепсия дар дурнамои дарозмуддат ба афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақли ҳавоии мусофирбарии маҳаллӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳаракати авиатсионии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешавад. Масалан, дар солҳои 80-уми асри гузашта ҳавопаймоҳо (-и дохилӣ) тибқи ҷадвали маҳаллӣ ҳар сол зиёда аз 7,8 ҳазор парвоз анҷом медоданд, дар ҳоле ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна дар як сол тақрибан се маротиба аз хидматҳои авиатсия истифода мебурд (ҳаракати авиатсионӣ дар як сол 1,3 сафарро ба 1 сокини ҷумҳурӣ ташкил медиҳад).

Консепсия бояд аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва хусусияти афзалиятноки пешниҳоди қитъаҳои заминро барои таъсиси фурудгоҳҳои хурд ва майдончаҳои фуруд, ки барои хидматрасонии парвозҳои авиатсияи хурд пешбинӣ шудаанд, муайян кунад. Ин имкон медиҳад, ки ҷудо кардани қитъаҳои дахлдори заминро ба таври назаррас суръат бахшад ва миқёси истифодаи авиатсияи хурдро дар ҷумҳурӣ васеъ кунад.

Мақсади рушди комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳуриявии авиатсияи хурд бояд таъмини мувофиқати он ба талаботи хизматрасонии самаранок ва устувори эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ояндадори аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба нақлиёти ҳавоӣ ва корҳои авиатсионӣ бо истифода аз имкониятҳои авиатсияи хурд, баланд бардоштани дастрасии нақлиётӣ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ барои аҳолӣ, суръат бахшидани афзоиши ҳамлу нақли ҳавоӣ ва корҳои авиатсионӣ ва бехатарии баланд, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии энергия дар нақлиёти ҳавоӣ тибқи талабот ва қоидаҳои амалкунандаи авиатсияи шаҳрвандӣ бошад.

Ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти авиатсияи хурд бояд муқаррарот ва принсипҳои асосии зерин ба инобат гирифта шаванд, пеш аз ҳама, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бояд имконияти амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратиро бо истифодаи ҳавопаймоҳои сабук ва хеле сабук аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, ки дар ихтиёри худ як ҳавопаймо аз параплан то ҳавопаймои сабук бо вазни парвоз 5700 кг ва як халабон доранд, таъмин намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Авиационный туризм. [Электронный ресурс]. URL: https://turvopros.com/pervyim-delom-samolyotyi-aviatsionnyiy-turizm/ (дата обращения. 17.02.2024)
2. Международная организация гражданской авиации (ICAO). [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (дата обращения: 17.02.2024)
3. Мухамедова Ш.С. Таҳлили вазъи хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.С. Мухамедова, М.М. Алибаева, Б.М. Дустматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. -Душанбе: Ирфон, 2020. -№4/1(33). -С.84-88.
4. Рахмон Ю.А. Малая авиация Республики Таджикистан: перспективные направления развития / Рахмон Ю.А. // Экономика Таджикистана. – 2023. -№2(18). -С.109-114.
5. Рахмон, Ю.А. Проблемы развития аэропортов в современных условиях / Рахмон Ю.А. // Экономика Таджикистана. – 2022. -№4-2. -С.101-105.
6. Стратгияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2030. -С. 43.
7. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «1» августи соли 2018 №372 тасдиқ шудаас). Моддаи 86.
8. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.tj/tg/washington/tojikiston/malumoti-umumi (дата обращения: 12.01.2024).
9. [Электронный ресурс]. URL: UNWTO and ICAO Partner for Aviation and Tourism Recovery and Transformation - https://www.unwto.org/news/unwto-and-icao-partner-for-aviation-and-tourism-recovery-and-transformation (дата обращения :19.01.23024)


## АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ АВИАТСИЯИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола зарурати таҳия ва татбиқи Консепсияи авиатсияи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, ки он дар оянда дарозмуддат ба афзоиши ҳаҷми ҳамлу нақли ҳавоии мусофирбарии маҳаллӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳаракати авиатсионии аҳолии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст. Дар мақола ҳолати кунунии истифодаи авиатсия аз рӯи ҷадвали маҳаллӣ (авиатсияи хурд), инчунин, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои асосии истифодаи тиҷоратии авиатсияи хурд арзёбӣ карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки Консепсия бояд аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва хусусияти афзалиятноки таъсиси фурудгоҳҳои хурд ва майдончаҳои фуруд, ки барои хидматрасонии парвозҳои авиатсияи хурд дар ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд, муайян намояд. Воҳидҳои сохтории авиатсияи хурд, ки бо ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ, ширкатҳои лизингӣ, ширкатҳои суғурта ва бисёр дигар ташкилотҳо ва корхонаҳо, ки бевосита ё бавосита бо ташкил ва хидматрасонии ҳамлу нақли ҳавоии авиатсияи хурд алоқаманданд, тавсиф карда шудаанд. Муаллиф зарурати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки фаъолияти авиатсияи хурдро танзим мекунанд, ва муқаррарот ва принсипҳои асосӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки имконияти амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратиро бо истифода аз ҳавопаймоҳои сабук ва хеле сабук аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ таъмин мекунанд, асоснок мекунад.



**Калидвожаҳо:** нақлиёти ҳавоӣ, авиатсияи хурд, консепсияи авиатсияи хурд, санадҳои меъёрию ҳуқуқии авиатсияи хурд, сармоягузорӣ дар авиатсияи хурд, соҳибкорӣ дар авиатсияи хурд


## К ВОПРОСУ КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ОСНОВ РАЗВИТИЯ МАЛОЙ АВИАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье обосновывается необходимость разработки и реализации Концепции малой авиации Республики Таджикистан, которая в долгосрочной перспективе будет направлена на увеличение объемов местных пассажирских авиаперевозок и рост уровня авиационной мобильности населения страны. В статье дана оценка современного состояния использования авиации по местному расписанию (малой авиации), а также мировой опыт и основные особенности коммерческого использования малой авиации. Обосновано, что Концепция должна определять высокую социальную значимость и приоритетный характер создания малых аэропортов и посадочных площадок, предназначенных для обслуживания полетов малой авиации в республике. Охарактеризованы структурные подразделения малой авиации, которые взаимодействуют с авиатранспортными компаниями, лизинговые компании, страховые компании и многие другие организации и предприятия, напрямую или косвенно связанные с организацией обслуживания воздушных перевозок малой авиации. Автор обосновывает необходимость разработки нормативных правовых актов, регулирующих деятельность малой авиации, основные положения и принципы, нормативные правовые акты обеспечивающие возможность осуществления коммерческой деятельности с использованием легких и сверхлегких воздушных судов индивидуальными предпринимателями.



**Ключевые слова**: воздушный транспорт, малая авиация, концепция малой авиации, нормативные правовые акты малуой авиации, инвестиции в малую авиацию, предпринимательство в малой авиации.

**CONCERNING THE ISSUE OF THE CONCEPTUAL BASIS OF THE DEVELOPMENT OF SMALL AVIATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article substantiates the need to develop and implement the concept of small aviation of the Republic of Tajikistan, which in the long term is aimed at increasing the volume of local passenger air transportation and increasing the level of aviation traffic of the population of the republic. The article evaluates the current state of aviation use on a local scale (small aviation), as well as global experience and the main characteristics of commercial use of small aviation. It is justified that the Concept should determine the high social importance and the priority nature of the establishment of small airports and landing fields intended for the service of small aviation flights in the republic. Structural units of small aviation are described with air transport companies, leasing companies, insurance companies and many other organizations and enterprises that are directly or indirectly related to the organization and service of small aviation air transport. The author justifies the need to develop legal regulations that regulate the activity of small aviation, and basic regulations and principles, legal regulations that provide the opportunity to carry out commercial activities using light and very light aircraft by individual entrepreneurs.

**Keywords:** air transport, small aviation, concept of small aviation, legal regulations of small aviation, investments in small aviation, entrepreneurship in small aviation

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Раҳмонов Юсуф*** **-** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734024, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 44. E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

**Свидения об авторе**: ***Рахмонов Юсуф*** – Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистан, соискатель. **Адрес**: 734024, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. С. Айни, 44. E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rahmonov Yusuf*** - Institute of Demography Economy of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address**: 734024, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, 44 S. Aini St. E-mail: **rahmonovv71@mail.ru**

ТДУ: 332

# ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

*Шарипова М.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар заминаи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии бозорҳои байналмилалии фурӯш, афзоиши ҷанбаҳои ҷуғрофии ҳаракати аҳолӣ ва раванди афзоиши истеъмоли ҷамъиятӣ ва некуаҳволии ҷомеа, нақши инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷузъи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои алоҳида ва тамоми мамлакатҳо ба таври самарабахш меафзояд.

Имрӯз мо метавонем бо итминон бигӯем, ки воқеан риштаҳои табдили бозор ташаккул ёфтаанд ва нақлиёт дар самти рушди иқтисодиёт мақоми хосса дошта, омили муҳимми эҷоди самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кайҳон маҳсуб мешавад.

Нақлиёт ҳамчун шакли махсуси истеҳсолоти моддӣ чи барои ҳаракати мол ва аҳолӣ ва бо ҳамин талаботи ҷамъият ва иқтисодиёти вилоятро қонеъ гардонидан хизмати махсус мерасонад. Дар ин бобат, дар сохтори инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, роҳи ҳавоӣ ва дигар намудҳои нақлиёт системаи ягонаи нақлиётиро дар саросари ҳудудӣ ё минтақа ташкил медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои асосии он гардиши бор ва мусофирон мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии инфрасохтори нақлиёт ҳеҷ гуна шубҳаеро ба вуҷуд намеорад, аммо бо вуҷуди ин, робитаи он бо рушди иқтисодӣ ба назари як қатор иқтисоддонҳо равиши рутбабандӣ ва таърифи амиқи семантикӣ дорад. Ҳамин тариқ, профессор Е.Г. Ефимова муътақид аст, ки инфрасохтори нақлиётӣ дастрасии тиҷоратиро дастгирӣ ва осон гардонида, дастрасии ҷуғрофиро ба минтақа таъмин мекунад. Шабакаҳои нақлиёт, ки ҷузъи асосии бозсозии сохтори соҳавӣ ва дохили ҷомеа мебошанд, дар ҳамгироии бозори минтақавӣ нақши муҳим мебозанд ва дастрасии ҷисмониро ба тамоми ҷузъҳои системаи иқтисодӣ таъмин мекунанд. Ғайр аз ин, худи соҳаи нақлиёт аҳаммияти иқтисодӣ дорад. Ширкатҳое, ки ба хизматрасонии боркаш тахассус доранд, аз бахши хизматрасонӣ дар минтақа арзиши бештари изофӣ мегиранд, ки ин афзоиши шумораи коргарони соҳаро таъмин мекунад [3,с.77].

Олими дигари рус Ю.А. Шербанин хусусиятҳои таъсири инфрасохтори нақлиётро ба афзоиши иқтисодиёт таъкид мекунад. Инфрасохтори пешрафтаи нақлиётии минтақа ба афзоиши дороиҳои инфрасохтори сармоягузорӣ, паст шудани нархҳои ниҳоии молҳо, зиёд шудани ҳаҷми нақлиёт, истифодаи самараноки меҳнат ва зичтар шудани бозорҳо дар ҳаҷм ва миқёс ҳангоми таҷдиди сохтори воридот ва маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа, самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ боиси босуръат афзудани даромади ҳар сари аҳолӣ ва афзоиши шуғл мегардад. Дар робита ба дастрасӣ ба бозорҳои нав, ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва технологияҳои системаи интиқол, тавсеаи савдо ва дар натиҷа, ҳосилнокии меҳнат дар рушди умумӣ имконпазир мебошанд. Ҳамаи ин афзоиши воқеии ММД ба ҳар сари аҳолӣ кафолат медиҳад [8,с.65-78].

Фикру мулоҳизаҳои Н. Рослякова ва Н. Горидко, ки робитаи байни инфрасохтори нақлиёт ва алоқаи оммаро исбот мекунанд, аҳаммияти кам надоранд. Дар натиҷаи таҳлили ҳисобҳои регрессионӣ оид ба таъсири инфрасохтори нақлиётӣ, ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавии кишвар ба хулосае омад, ки ҷанбаҳои мусбати зерин ба суръати афзоиш, аз қабили ҳаҷми боркашонӣ тавассути роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан, дарозии роҳҳои иртиботот, самаранокии истифодаи инфрасохтори нақлиёт, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва ширкатҳо ва ба ин васила, робитаи инфрасохтори нақлиётро бо афзоиши ММД асоснок кардааст [4,с.157].

Мо, албатта, ба фикру мулоҳизаҳои олимони боло дар бораи инкишофи инфраохтори нақлиёт розӣ ҳастем. Аммо, дар асарҳои онҳо ба таври муфассал шарҳ дода нашудаанд ва аҳамияти иҷтимоии онҳо, таъсири онҳо ба экология ва муҳити зист, самаранокии онҳо дар шароити рушди ҷомеа, яъне дигаргуниҳои некуаҳволии ҷамъият ва ғайра дар назар гирифта нашудаанд.

Барои мамлакати мо инкишоф додани инфрасохтори нақлиёт ва дарозии роҳҳои сангфарш, ки бояд ба афзоиши иқтисодиёт ва афзудани иқтидори истеҳсолӣ мусоидат кунанд ва ғайра, ҳанӯз ба қадри кифоя такмил дода нашудааст ва мувофиқи он яке аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди истеҳсолот мебошад. Албатта, бо нақлиёт таъмин намудани марз барои ҷойгиркунии истеҳсолот фоиданок буда, бояд барои фаъолият ва рушди соҳаҳои асосии истеҳсолот шароити заруриро муҳайё созад, ки дар ниҳояти кор ба самаранокии иқтисодиёт ва истифодаи захираҳои он таъсири бештар мерасонад [2,с.75].

Ҳангоми баҳодиҳии таҳлилӣ ва дарки таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногун, истифодаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми арзиши иловашуда, ҳамлу нақли бор ва мусофирон ва дар асоси он муайян намудани саҳми афзоиши арзиш дар минтақа муҳим аст. Одатан дар ин маврид муносибатҳои байни навъҳои гуногуни нақлиёт мавриди баррасӣ қарор мегиранд, яъне дарозии маршрутҳои нақлиётӣ, нишондиҳандаҳои миқдори бо кор таъминкунӣ, шаклҳо ва намудҳои хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт пешниҳод карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масоҳати Осиёи Марказӣ хурдтарин кишвар буда, шабакаи умумии роҳҳо наздики 32 000 километрро ташкил медиҳад. Аз онҳо кариб 14 ҳазор километр, тобеият ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 18 000 километри боқимонда, роҳҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ, аз ҷумла роҳҳои деҳот, саноатӣ, техникӣ, хоҷагии қишлоқ, коммуналӣ ва ғайра мебошанд. Аз ин шумор роҳҳои маҳаллӣ 8670 км, ё 62%, роҳҳои ҷумҳуриявӣ 2120 км, ё 15%, роҳҳои байналмилалӣ 3178 км ё 23%, сети роҳ 13968 км, 100% мебошад [7,с.117].

Дар сохтори инфрасохтори нақлиётӣ, нақлиёти боркаш ва мусофирбар дар шабакаи нақлиёти тамоми ҷумҳурӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Роҳҳои асосӣ: Душанбе-Тирмиз, Душанбе-Бохтар, Душанбе-Кӯлоб, Душанбе-Хуҷанд ва Хоруғ-Ӯш мебошанд. Ҳоло роҳи нави Қулма-Қароқурум - роҳи бузурги абрешим, ки аз замонҳои қадим аз байни Тоҷикистон мегузашт, кушода шудааст.

Авиатсия намуди самарабахштарини нақлиёт ба шумор меравад: дарозии умумии хатҳои ҳавоии ҷумҳурӣ 4,8 ҳазор километрро ташкил медиҳад.

Роҳҳои оҳани васеъ асосан барои нақлиёти беруна истифода мешаванд. Дарозии роҳи оҳан 680 километр (Душанбе-Тирмиз, Ёвон-Тирмиз бо дароз кардани роҳҳои Кӯлоб ва Бекобод- Шуроб) мебошад [12,с.5].

Бо Русия алоқаи роҳи оҳан вуҷуд дорад. Пас аз танаффуси дусола бар асари пандемия аз коронавирус, Русия моҳи сентябри соли 2022 ҳаракати қатораҳои мусофирбар ба Тоҷикистонро дар хатсайрҳои Кӯлоб-Волгоград, Хуҷанд-Волгоград ва Душанбе-Москва оғоз кард [13,с.5].

Дар ҷадвали 1, маълумот аз сомонаи расмии омори давлатии вилояти Суғд аз солҳои 2010 то соли 2022 ҳамчун нишондиҳандаи умумии фаъолияти иқтисодии минтақа ва робитаи ММД бо нишондиҳандаҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиёт оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Таъсири инфрасохтори нақлиёт ба МММ дар вилояти Суғд барои солҳои 2010-2022**

**Table 1. Impact of transport infrastructure on MMM in Sughd region for 2010-2022**

| | 2010 | 2015 | 2018 | 2022 |
|---|---|---|---|---|
| Гардиши ҳаҷми боркашонӣ аз рӯйи тамоми намудҳои воситаи нақлиёт (миллион тонно-километр) | 17,5 | 38,3 | 44,9 | 67,4 |
| Гардиши ҳаҷми мусофиркашонӣ аз рӯйи тамоми намудҳои воситаи нақлиёт (миллион тонно-километр) | 3,7 | 3,4 | 2,8 | 2,6 |
| Шуморам миёнасолонаи шуғли аҳолии дар соҳаи нақлиёт, % | 2,8 | 2,7 | 2,5 | 2,9 |
| Дарозии умумии роҳи оҳан (дар охири сол, километр) | 255 | 240 | 284 | 295 |
| Дарозии умумии роҳи автомобилгард (дар охири сол, километр) | 548 | 559 | 574 | 580 |
| Нишондиҳандаҳои индекси ҳаҷми ҷисмонии арзиши иловагии умумии соҳаи нақлиёт (бо фоиз нисбат ба соли гузашта; бо нархҳои муқоисавӣ) | 97,1 | 107,9 | 114,6 | - |

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси солномаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. –С.496-502.

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда маълум мешавад, ки бо афзоиши муомилоти бор ва мусофирон, бо зиёд шудани хатсайрҳои алоқа ва шумораи аҳолии соҳаи нақлиёт тағйирот ва афзоиши ҳаҷми арзиши умумии иловагӣ ба амал меояд.

Ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки нақлиёт дар шумораи миёнаи солонаи коркунон аз рӯйи намуд ва характери фаъолияти иқтисодӣ дар сохтори МММ, албатта, баъд аз комплекси агросаноатӣ, сохтмон, фаъолияти молиявӣ ва дигар соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ҷойи хеле мусбатро ишғол мекунад.

Аз ҷиҳати назариявӣ, афзоиши хизматрасониҳои нақлиётӣ ҳамчун ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти умумии минтақавӣ, нишонаи муваффақият дар фаъолияти ин соҳа ва дар натиҷа, рушди динамикии иқтисодиёт мебошад.

Маркази нақлиётии вилояти Суғдро метавон маҷмуи воситаҳои техникӣ ва сохторҳои нақлиёти дохилӣ ва берунӣ, паркҳои муассисаҳои хусусӣ, коллективӣ ва давлатӣ, роҳи оҳан ва авиатсия бар сар мегирад. Дар асоси ин хусусият тавсия дода мешавад, ки таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди иқтисодӣ вобаста буда, то чи андоза муҳим будани як намуди нақлиёт барои минтақа арзёбӣ карда шавад [1,с.118].

Сохтори гардиши бор ва мусофиркашонӣ дар минтақа аз рӯйи намуди нақлиёт дар ҷадвали 2, оварда шудааст.

Тавре маълум аст, минтақа бо ду кишвар, яъне Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад буда, тавассути онҳо як қатор масирҳои фаромарзии тиҷоратӣ ва логистикии дорои аҳаммияти байнидавлатӣ мегузарад. Дар сохтори гардиши бор, нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ мавқеи пешқадамро ишғол мекунад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар вилоят ориентатсияи молӣ ва ашёи хоми байни ноҳияҳои мамлакат, аз як тараф, хеле баланд аст. Аз тарафи дигар, тиҷорат байни кишварҳо самаранок амал мекунад.

**Ҷадвали 2. Вазни қиёси ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ аз рӯйи воситаҳои нақлиёт дар вилояти Суғд, %**

**Table 2. Comparative weight of cargo and passenger transport by means of transport in Sughd region, %**

| | Ҳаҷми умумии гардиши бор ва мусофирон бо % | Бо воситаи роҳи оҳан | Нақлиёт | Ҳавопаймо |
|---|---|---|---|---|
| Гардиши бор | 100 | 36, 7 | 43,7 | 19,6 |
| Гардиши мусофирон | 100 | 35, 5 | 42,9 | 21,6 |

Срачашма: Ҳисобҳои муаллиф дар асоси солномаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. –С.496-502.

Чи тавре дар боло қайд намудем, дар сохтори муомилоти мусофири нақлиёти автомобилӣ пешсаф аст, ки кори он асосан дар дохили вилоят ба ҷо оварда мешавад. Метавон гуфт, ки дар ин ҷо муҳити рақобати дохилӣ ба вуҷуд омадааст ва аз ин рӯ, параметрҳои сифати хизматрасонӣ сол аз сол афзоиш меёбад.

Ба саноати нақлиёти вилояти Суғд муфассалтар назар андозем, он гоҳ, дарозии умумии шабакаи роҳҳои минтақавӣ ва байниминтақавӣ барои соли 2022 ба 580 километр ташкил менамояд. Айни замон сеяки роҳҳои минтақавӣ пурбор аст ва дарозии умумии шабакаи роҳҳои истифодаи умум барои воситаҳои нақлиёт дар ноҳияҳо ва деҳоти вилоят зиёда аз 1300 километрро ташкил медиҳад, вале зиёда аз 70% ба талаботи меъёрию иҷозатдодашуда оид ба шароити нақлиёт ва истифодабарӣ ҷавобгӯ нест.

Камбудиҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ дар вилояти Суғд инчунин, нобаробарии шабакаи он дар сатҳи минтақаро дар бар мегирад, ки ин махсусан дар деҳот ва ҳангоми кашонидани бор ба назар мерасад. Илова бар ин, арзиши баланди маводи сӯзишворӣ ва молидании воридотӣ ҳам ба арзиши мол ва ҳам ба хизматрасонии нақлиёт таъсир мерасонад. Масалан, арзиши хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ дар дохили шаҳр бо қурби асъор тақрибан $ 0,21 ё бо пули миллӣ 2,5 сомонӣ (дарозии хатсайр аз 1 км то 5 км) ва берун аз шаҳр 0,50 доллари ИМА (дарозии хатсайрҳо аз 5 км то камтар аз 10 км), дар минтақаҳо умуман аз 1 то 5 доллар (дарозии масир аз 10 км то 50 км) аст, дар кишварҳои пешрафта ин рақам 2-3 маротиба камтар аст. Ва барои як тонна бор вобаста ба масофа хизматрасонӣ аз 50 то 1000 доллар пардохт мешавад. Албатта, табиист, ки дар байни аҳолӣ норозигӣ аз сифати роҳу инфрасохтори он, аз баланд шудани нархҳои

хизматрасонӣ ва ғайра зиёд аст [1,с.117]. Аммо, дар ҳамин ҳол, ҳамаи ин суръати рушди иқтисодиву иҷтимоиро маҳдуд карда, заъфи инфрасохтор ва тарифҳои баланди хизматрасонӣ барои ҳамлу нақли бору мусофирон, албатта, монеаи рушди ҳам соҳа ва ҳам минтақа мебошанд.

Пас, азбаски вилояти Суғд як минтақаи саноатӣ буда, дар он корхонаҳо метавонанд стратегияҳои худро оид ба ҳалли сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ созанд ва рушди онҳо танҳо бо тавсеа ва рушди шабакаҳои нақлиётӣ, ки дар таъмини рушди иқтисодии кишвар ва ноҳияҳои он нақши ҳалкунанда доранд, имконпазир аст. Ҷанбаҳои асосии ҳадафҳои дар боло зикршудаи нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан хоҳанд буд. Албатта, ин навъҳои нақлиёт ҳаҷми асосии муомилоти борро дар вилоят ба амал баровarда, дар оянда дар сохтори дигар намудҳои нақлиёт даромади зиёди буҷетро таъмин мекунанд. Ин бошад, дар навбати худ боиси баланд шудани суръати кор ва афзудани даромади аҳолӣ, беҳтар шудани сифати зиндагонии онҳо мегардад.

Дар оянда таҳкими ҳамгироии кишвар ба ҷомеаи байналмилалии иқтисодӣ аз ҳисоби рушди нақлиёти ҳавоӣ, тавассути мутобиқсозӣ ва мутобиқати инфрасохтори фурудгоҳҳо ба талаботи меъёрӣ дастгирӣ карда мешавад.

Саҳми тамоми навъҳои нақлиёт дар рушди иқтисод, дар асоси ҳамкорӣ, дар ҳамлу нақли бор ва мусофирон низ барои рушди иқтисодӣ аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Нақши вай он аст, ки метавонад ё ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ расонад ё ба рушди он халал расонад. Ҳамин тариқ, тавассути дарозии шабакаи нақлиёт, инфрасохтори нақлиётӣ ба афзоиши суръати маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бевосита таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, самаранокии истифодаи намудҳои алоҳидаи нақлиёт дар сохтори ин соҳа ҷанбаҳои иҷтимоии ҷомеаро зиёд мекунад, дар асоси ҳамаи молҳое, ки дар бозори хароҷот савдо карда мешаванд. Дар вилоят ин махсусан дар гурӯҳҳои молӣ мушоҳида карда мешавад [5,с.6].

Имрӯз яке аз омилҳои асосии боздоштани рушди иқтисодӣ инҳоянд:

- риоя накардани талаботи қонунгузории инфрасохтори нақлиёт ва ҳолати кори он, ки дар низоми шабакаҳои нақлиётӣ нобаробар ҷойгир шудааст, чи дар минтақа ва ҳам дар тамоми канори ҷумҳурӣ;
- набудани роҳҳои нави сангфарш ва масофаҳои дуру дарози хатсайрҳои нақлиёт барои кашонидани бор ва мусофирон дар вилоят;
- хароҷоти баланди нақлиёт, тарифҳои калон ва беасос, мавҷудияти монеаҳо, таваққуфгоҳҳо ва тафтиши ғайриқонунии нозирони давлатии автомобилӣ, паст будани талаботи аҳолӣ ба намуди муайяни хизматрасонии нақлиёт;
- баъзе намудҳои нақлиёт фарсуда мемонанд ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ оид ба нигоҳдорӣ ва хизматрасонӣ ҷавобгӯ нестанд, ки дар ниҳояти кор боиси садамаҳо ва ихроҷи зиёди газҳои партовӣ ва гармхонаӣ ба муҳити зист мегардад;

Ҳамин тариқ, агар мо инфрасохтори нақлиётро ҳамчун системаи ҳавасмандгардонии раванди рушди иқтисоди минтақавӣ, инчунин, соҳае баррасӣ кунем, ки ҳамкориҳо ва ҳаракати байниминтақавӣ ва байналмилалиро фаъол мегардонад, зарур аст, ки онро дар заминаи институтсионалӣ, илмӣ-техникӣ баррасӣ намоем. Дар ин замина, он ба тамоюли афзоиш ва рушд дар самти воридшавии технологияҳои маъмултарин аз як минтақа ба минтақаи дигар, ҳаракати фаъоли молу мусофирон, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа мусоидат намуда, иқтидори сармоягузории онро бештар муайян мекунад.

Мавҷуд будан ё набудани алоқаҳои нақлиётӣ, инчунин фаъолияти фаъолонаи кори самараноки онҳо омили ҳалкунандаи рушди иқтисодиёти вилоят дар оянда мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДҲБСТ – Қосимов М.И.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуќодиров, Х.А. Государственное регулирование транспортной инфраструктуры в современных условиях / Х.А. Абдуќодиров // Форуми саноатӣ таҳти унвони "Қадамҳои устувор баҳри рушди саноати миллӣ" бахшина ба 15-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. ГМИТ. - 2021. - С.117-120.
2. Абдукодиров, Х.А. Особенности развития региональной транспортной инфраструктуры: проблемы, факторы и перспективы развития / Х.А. Абдукодиров // Конференция посвященная проблемам развития цифровой экономики в РТ. -Исфара, 2020. -С.74-82.

3. Ефимова, Е.Г. Роль транспорта в экономическом развитии региона: международный аспект / Е.Г. Ефимова // Серия 5: Экономика. - 2009. - №1. -С.77-85.
4. Рослякова, Н., Экономический рост регионов и транспортная инфраструктура / Н. Рослякова, Н. Горидько // Формация, снабжение, конкуренция. - 2013. -№1. -С.157-161.
5. Савченко, Е.Е. Транспортная инфраструктура как инструмент регионализации экономики, ее сущность и влияние на регион / Е.Е. Савченко // Известия Иркутской государственной экономической академии (Байкальского государственного университета экономики и права). - 2012. -№5. С.6.
6. Статистический ежегодник Согдийской области. Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. -С.496-502.
7. Оценка сети автомобильных дорог Республики Таджикистан / А.М. Умирзоков, Н.Р. Гоибов, С.С. Сайдуллозода, А.Л. Бердиев // Труды НГТУ им. Р.Е. Алексеева. - 2021. -№3. -С.117-124. DOI: 10.46960/1816-210X.
8. Щербанин, Ю.А. Транспорт и экономическое развитие / Ю.А. Щербанин // Социально-экономическая интеграция. - 2011. -№3(12). -С.65-78.
9. The main problems of the transport system // Transport Strategy of the Russian Federation. [Electronic resource]. URL: http://www.mintrans.ru:8080/pressa/TransStrat_Gos sovet_Rab_ Groop_6.htm
10. Official website of the Federal State Statistics Service in the Perm region. URL: http://permstat. g ks.ru/ Usmanov S.B. Logistical coordination of development // World Transport. 2008. V. 22. № 2. P. 92-99.
11. Resolution of the Government of Perm Region on October 3, 2013 № 1323-p «On approval of the state program of Perm Region» Development of Transport System. // Published 04/04/2013. [Electronic resource]. URL: http://www.vedomosti.ru/finance/ news/10767351/vneshnij_effekt_dorogi#ixzz3I7dw6 8nB.
12. [Electronic resource]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/5
13. [Electronic resource]. URL: https://ria.ru/20220718/rossiya-1803246219.html

## ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Дар мақола масъалаҳои таъсири инфрасохтори нақлиётии минтақа ба рушди иқтисодӣ навсозӣ шудааст. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтори нақлиётӣ дар вилояти Суғд вобастагии рушди иқтисодии минтақаҳо аз ҳаҷми умумии боркашонӣ ва мусофиркашонӣ, дарозии роҳҳо ва самаранокии истифодаи онҳо дар шароити рушди иқтисодиёт ошкор карда шуд. Таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳаҷм ва сохтори ҳамгироии иқтисодӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, рақобатпазирии бахши воқеӣ ва иқтидори сармоягузории минтақа ба таври муфассал таҳлил карда шудааст. Масъалаҳои зичии ағбаҳо дар қаламрави Тоҷикистон омӯхта шуда, тақсимоти ағбаҳои кӯҳӣ аз рӯйи баландии аз сатҳи баҳр муқаррар карда шуданд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил омилҳои мусбат ва манфии таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди иқтисодии минтақа муайян карда шуданд. Баҳодиҳии таҳлилӣ ва дарки таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногун, истифодаи нишондиҳандаҳои ҳаҷми арзиши иловашуда, ҳамлу нақли бор ва мусофирон ва дар асоси он муайян кардани саҳми афзоиши арзиш таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** нақлиёт, шабакаи нақлиёт, инфрасохтор, рушди иқтисодӣ, минтақа, рушд, маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ҳамлу нақл.

## ТРАНСПОРТНАЯ ИНФРАСТРУКТУРА КАК ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

В статье актуализированы вопросы влияния транспортной инфраструктуры региона на экономическое развитие. На основе анализа основных показателей работы транспортной инфраструктуры в регионе Согдийской области выявлена зависимость экономического роста регионов от общего объема грузовых и пассажироперевозок, протяженности дорог и эффективности их использования в условиях растущей экономики. Подробно проанализировано влияние транспортной инфраструктуры на объемы и структуру экономической интеграции, ВРП, конкурентоспособность реального сектора и инвестиционный потенциал региона. Изучены вопросы, связанные с плотностью расположения перевалов на территории Таджикистана, и установлено распределение горных перевалов по высоте над уровнем моря. По результатам анализа определены как положительные, так и отрицательные факторы воздействия транспортной инфраструктуры на экономический рост в регионе. Дана аналитическая оценка и понимание влияния транспортной инфраструктуры на экономическое развитие различных регионов, использование показателей объема добавленной стоимости, грузовых и пассажироперевозок, на основе которых проанализирован вклад роста стоимости.

**Ключевые слова:** транспорт, транспортная сеть, инфраструктура, экономический рост, регион, развитие, валовой региональный продукт, перевозки.

## TRANSPORT INFRASTRUCTURE AS A FACTOR OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION

The article updates the issues of the influence of the region’s transport infrastructure on economic development. Based on an analysis of the main indicators of the transport infrastructure in the Sughd region, the dependence of the economic growth of the regions on the total volume of freight and passenger transportation, the length of roads and the efficiency of their use in a growing economy was revealed. The influence of transport infrastructure on the volume and structure of economic integration, GRP, competitiveness of the real sector and the investment potential of the region is analyzed in detail. Issues related to the density of passes on the territory of Tajikistan have been studied and the distribution of mountain passes by height above sea level has been established. Analytical evaluation and understanding of the impact

of transport infrastructure on economic development in different regions, the use of indicators of the volume of added value, cargo and passenger transportation, and on the basis of which the contribution of value growth has been analyzed. Based on the results of the analysis, both positive and negative factors of the impact of transport infrastructure on economic growth in the region were identified.

**Keywords:** transport, transport network, infrastructure, economic growth, region, development, gross regional product, transportation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипова Муҳайё Мирзоқобиловна*** **–** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муаллими калон кафедраи аудит ва ревизия. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкрн 17, хонаи 1

**Сведения об авторе:** ***Шарипова Мухайё Мирзокабиловна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, старший преподаватель кафедры аудита и ревизии. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республики Таджикистан, 17 мкрн. Дом 1,

**Information about the author:** ***Sharipova Mukhayo Mirzokabilovna*** **-** Tajik state university of law, business and politics, senior teacher department audit and revision. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, town Khujand, region 17, house 1

ТДУ: 339.9(575.3)

# НИЗОМИ МУФИДГАРДОНИИ ТАЪСИРИ ТАВАРРУМ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Хушвахтов Д.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи танзими сохторҳои иқтисодии давлатҳо ба ҳисоб рафта, дар ин раванд ба сифати истифодаи усулҳои муфидгардонии таваррум баромад мекунад. Бинобар ин, дар шароити фаро гирифтани муносибатҳои иқтисодию молиявӣ ва вусъат пайдо кардани ҳамгироиҳои иқтисодию молиявӣ зарурати омӯзиши таъсири таваррум боз ҳам бештар мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз омилҳои заминавии ташаккул ёфтани таваррум, тағйирёбии миқдори интиқол ва ҳаракати маҳсулоти энергетикӣ мегирад. Ин раванд дар зери таъсири таҳримҳо тезутунд гардида, омили таъсирбахши таварруми мегардад. Ва ин зарурати боз ҳам муфидгардонии идоракунии таваррумиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меорад. Ин ба гароншавии нархи гази моеъ сабаб шуда, ба аҳолии давлатҳои Аврупо маводи сӯхт дастнорас гардида, онҳо боз ба истифодаи ангишт рӯй овcovанд. Дар давраи солҳои 2021-2022, болоравии нархи бензину салярка дар давлати ИМА мушоҳида карда шуд ва аҳолии ИМА нисбат ба сиёсати президенташон норозигиҳо баён доштанд. Ҳамчунин, пайдошавӣ ва паҳншавии бемории сироятии Covid-2019 низ ба тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат кард. Ҳамзамон, дар як сатҳи муайян маҳдуд гардидани маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2020-2021 сабаби он гардиданд, ки нархи ин гуна молҳо афзоиш ёфтанд.

Рақамигардонии муносибатҳои иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дар даврони пандемияи Covid-2019 суръати баланд пайдо кард. Яъне, маҳдудиятҳои карантинӣ сабабгори он шуданд, ки муносибатҳои нави иқтисодии электронӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ рушд ёфтанд. Ба тамоми аҳолии башар ин гуна хизматрасониҳои савдои электронӣ дастрас гардида, бо истифода аз платформаҳои савдоии электорнӣ чунин муносибатҳо амалӣ карда мешаванд.

Яъне, ҳолатҳои дар боло қайдгардида бевосита ба сохтори иқтисодиёти миллӣ тағйироти ҷиддӣ ворид карда, стратегияҳои нави савдо ва рушди иқтисодиёти миллӣ дар давлатҳои алоҳида тарҳрезӣ гардида, мавриди амал қарор гирифтанд. Яке аз чунин стратегияҳо, стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, мебошад, ки тибқи он дурнамои рушди иқтсодии кишвар муайян карда шудааст.

Ҳамчунин, саноатикунонии кишвар низ, яке аз барномаҳои муҳимми стратегияи мазкур ба ҳисоб рафта, мақсади асосии барномаи мазкур, дар сохтори ММД афзоиш додани молҳои саноатӣ мебошад. Дар доираи саноатикунонии кишвар, ҷойҳои нави кориии мавсимӣ ва доимӣ ташкил карда мешаванд. Яке аз омилҳое, ки ба сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ таъсир расонида сатҳи рушдро коҳиш медиҳад, ин нишондиҳандаи таваррум мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ташаккули мазмун ва моҳияти таваррум таърихи худро дорад. Аз рӯйи адабиёти иқтисодӣ чунин бармеояд, ки истилоҳи таваррум аввалин маротиба дар Америкаи Шимолӣ дар давраҳои ҷанги гражданий солҳои 1861–1865 истифода бурда шудааст. Дар амалия ин афзудани майли зиёдшавии гардиши пули коғазиро дар бар мегирифт. Ҳамзамон, чунин ҳолати ҷараёнгирии таваррум дар Англия ва Фаронса дар асри XIX талаб намуд, ки истилоҳи таваррум васеъ истифода бурда шавад. Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тавре аз адабиёти иқтисодӣ бармеояд, назарияи омӯзиши таваррум дар иқтисоди шуравӣ аз миёнаҳои асри XX шуруъ гардид.

Таваррум - ин беқурбшавии пул, паст шудани қобилияти харидорӣ, вайрон шудани мувозинати арза ва тақозо мебошад. Ҳамчунин, таваррум ҳодисаи мураккаби бисёромилаи вайроншавии ҷараёни истеҳсолӣ буда, хусуссияти хосси иқтисодиро дар муомилоти пули қоғазӣ тавсиф мекунад.

Дар раванди таҳқиқ ва омӯзиш маълум мегардад, ки истилоҳи «таваррум» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, мазмуни «варамкунӣ»-ро гирифтааст. Чунин ҳолат аз ҳад пурра шудани роҳҳои муомилотро бо пулҳои коғазии барзиёдатӣ нисбат ба ҳаҷми

афзоиши мол ва хизматҳо ифода менамояд. Қайд кардан лозим аст, ки таваррум мазмуни мураккаб дошта, дар зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меояд. Яъне, танҳо зиёдшавии миқдори пулҳо нисбат ба молҳо набуда, аз миқдор ва сифати молу хизматҳо низ вобаста мебошад.

Муҳим он, ки на ҳамаи баландшавии нарх ҳамчун нишондиҳандаи таваррум хизмат мекунад. Нарх метавонад дар зери таъсири беҳтаргардонии сифати маҳсулот, бад шудани шароити истихроҷи захираҳои сӯзишворӣ, тағйир ёфтани талаботи умумиҷамъиятӣ баланд шавад. Аз рӯйи қоида ин метавонад таваррум нашуда, балки асоси баландшавии нарх ба молҳои алоҳида бошад.

Новобаста аз вазъи соҳаҳои пулӣ нархи молҳо метавонанд дар натиҷаи афзоиши истеҳсолнокии меҳнат, тамоюли даврагӣ ва мавсимӣ, тағйирёбии сохт дар системаи истеҳсолот, монополизатсияи бозорҳо, ворид кардани меъёрҳои навъи андоз, деволватсия ва револватсияи воҳидҳои пулӣ, тағйирёбии конъюктураи бозор, мутақобилтаъсиркунии алоқамандиҳои байни иқтисодӣ, офатҳои табиӣ ва ғайра тағйир ёбанд.

На ҳама вақт баландшавии нарх тavваруm шуда метавонад, бинобар ин, мо бояд таварруми ҳақиқиро ҷудо карда тавонем. Аз ин ҷо, баландшавии нарх вобаста ба тамоюли сиклии конюктуриро таваррум ҳисобидан нодуруст аст. Нархҳо аз рӯйи фазаҳо пасту баланд мешаванд. Ин, албатта, аз буҳрон вобастагӣ дорад. Баландшавии ҳосилнокии меҳнат бо баҳисобгирии шартҳои мувозинатӣ ба пастшавии нарх оварда мерасонад. Инчунин, баландшавии ҳосилнокии меҳнат, сабаби баландшавии музди меҳнат мегардад. Дар ин ҳолат, баландшавии музди меҳнат бошад, қисман ба баландшавии сатҳи умумии нарх оварда мерасонад. Нишондиҳандаҳои сатҳи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои индекси нархи молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (%)**

**Table 1. Indicators of the commodity price index in the Republic of Tajikistan for 2018-2022 (%)**

| № | Номгӯйи молҳо | Давраҳои таҳлил | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1. | **Молҳои озуқаворӣ** | 102,5 | 111,0 | 111,7 | 110,3 | 107,2 |
| 2. | Молҳои ғайриозуқаворӣ | 105,2 | 105,1 | 105,0 | 107,8 | 105,7 |
| 3. | **Хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ** | 105,9 | 102,6 | 104,7 | 106,7 | 106,7 |

Сарчашма: Нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи оморӣ. –Душанбе: Агентии омор, 2023. -С.20-21

Дар асоси нишондиҳандаҳои ҷадвали 1, динамикаи индекси нархҳои молҳо ва хизматрасониҳои пулакиро пешниҳод менамоем (нигаред ба диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Сатҳи афзоиши солонаи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Diagram 1. The rate of annual price growth in the Republic of Tajikistan**




Сарсашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси рақамҳои ҷадвали 1.

Тавре аз диаграммаи 1 ва ҷадвали 1 бармеояд, сатҳи нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам афзоиш меёбанд, яъне баланд мегарданд. Молҳои истеъмолӣ, ки талабот ба онҳо ҳамарӯза мебошад, дар соли 2018 2,5% афзоиш ёфтаанд. Ҳамчунин, дар солҳои 2019-2020 нархи молҳои истеъмолӣ ба 11,7% боло рафтааст. Дар ин замина, дар соли 2022 нархҳо ба ҳисоби миёна 6,5% афзоиш ёфтаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳлилгарон нисбат ба таъсири таваррум ба рушди иқтисодиёт андешаҳои гуногун доранд. Яке аз онҳо чунин меҳисобад, ки «асосан болоравии нархи молҳо ва хизматрасониҳо, ки чун таваррум маълум аст, яке аз нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба ҳамаи индикаторҳои иқтисодиёт мебошад» [8]. Бояд қайд кард, ки таваррум ба рушди иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои он таъсири мустақим мерасонад, ки гардиши чархҳои иқтисодиётро суст намуда, имкон дорад, ки сатҳи истеҳсолот коҳиш ёбад. Таваррум ва беқурбшавии пул дар аксар ҳолатҳо ба гароншавии нархи хизматрасониҳо оварда мерасонад.

Аз иттилои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯзноманигорони ватанӣ маълум мегардад, ки дар давоми солҳои 2020 то 2024 сатҳи таваррум 25,4% ва беқурбшавии қурби асъори миллӣ 13%-ро ташкил намудааст. Чунин иттилоот дар робита ба боло бурдани нархҳои хизматрасониҳои ширкатҳои мобилӣ масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо дар шарҳи вазъи таваррум аҳаммияти калон дорад. Хадамоти мазкур сатҳи таваррум ва беқурбшавии пули миллиро ба инобат гирифта, тавсия додааст, ки дар сурати боло набурдани нархи хизматрасониҳо ширкатҳои мобилӣ ба муфлисшавӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Таҳлил намудани мактуби хадамоти мазкур бо рӯзноманигорони тоҷик ба он мақсад мебошад, ки сатҳи таваррум метавонад сабабгори боло рафтани арзиш ё нархи хизматрасониҳо ва молҳо гардад. Дар натиҷа хароҷоти аҳолӣ боло рафта, сатҳи даромадҳои онҳо ба хароҷоти онҳо кифоя накарда, раванди аз камбағалӣ берун овардани аҳолии кишвар суст мегардад.

Таҳлилгари дигари соҳаи иқтисод қайд мекунад, ки «таваррум дар иқтисодиёт яке аз мушкилоти асосие мебошад, ки барои пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷалби сармоягузорӣ, инчунин, арзиши пули миллӣ, нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, либос, сӯзишворӣ, таҷҳизоти рӯзгор ва маҳсулоте, ки ба аҳолӣ зарур мебошад, таъсири манфӣ мерасонад» [2]. Дар идомаи андешаи муаллиф бояд қайд кард, ки агар сатҳи таваррум танзим ва мудирият карда нашавад, соҳаҳои дар боло қайдгардида рушд нахоҳанд кард.

Яке аз самтҳои муҳимми нигоҳ доштани рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Таваррум дар иқтисодиёт дар шакл ва сабабҳои гуногун зуҳур менамояд. Тавре аз омӯзиши адабиёти иқтисодӣ бармеояд, сабабҳои пайдоиши таваррумро ба монетарию ғайримонетарӣ алоқаманд таснифбандӣ менамоянд [1]. Дар ҷадвали 2 омилҳои монетарӣ ва ғайримонетарӣ оварда шудааст, ки инро ҳамчун сабабҳои молиявӣ ва ғайри молиявӣ арзёбӣ менамоем (нигаред ба ҷалвали 2).

**Ҷадвали 2. Таснифоти сабабҳои пайдоиши таваррум дар иқтисодиёт**
**Table 2. Classification of causes of inflation in the economy**

| Сабабҳои молиявии таваррум | Сабабҳои ғайримолиявии таваррум |
|---|---|
| Эмиссияи ғайринақшавии пул | Коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот |
| Афзоиши гардиши пул дар иқтисодиёт | Коҳишёбии қобилияти меҳнат ва самаранокии идоракунӣ дар корхонаҳо |
| Камомади буҷети давлатӣ | Буҳрони ашёи хом |
| Афзоиши қарзи давлатӣ | Таварруми воридотӣ |
| Афзоиши хароҷоти давлатӣ | Тағйирёбии таносуби истеҳсолоти ҷамъиятӣ |
| Интервенсияи асъорӣ | Монополияи истеҳсолот |
| Селаҳои сармоягузориҳо | Номукаммалии низоми андозбандӣ |
| Экспансияи қарзии бонкҳои тиҷоратию давлатӣ | Милитаризатсияи иқтисодиёт |
| Долларикунонии муносибатҳои иқтисодӣ | Номукаммалии низоми идоракунии давлатӣ |
| Чолиш ва таппишҳо дар бозори асъор | Рушди даврагии иқтисодиёт |
| Сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ | - |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [3].

Бояд қайд намуд, ки омилҳои молиявии таваррум то андозае ба пайдоиши сабабҳои ғайримолиявии таваррум, аз қабили кам шудани ҳаҷми истеҳсолот, ҳосилнокии меҳнат, халалдор намудани таносуби истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ғайра мусоидат карда метавонанд. Таснифоти овардашуда мавқеи маъмули шарҳи ҷараёнгирии таваррум мебошад. Тибқи ақидаи Фридман М. зуҳуроти таваррум танҳо дар омили пулӣ зоҳир мешавад. Ақидаи мазкурро аксари олимон ва таҳлилгарон андешаронӣ намуда, ҳаҷми афзоиши шумораи пулро дар иқтисодиёт омили молиявӣ номида, омилҳои боқимондаро ғайримолиявӣ меноманд [5].

Сабабҳои ғайримолиявии пайдоиши таваррум вобаста ба сабабҳои молиявии он мебошанд. Яъне, агар чолишҳо ва тапишҳои дар бозори асъорӣ дар як сатҳи мунтазам набошанд, сатҳи рушди иқтисодиёт низ таъмин намегардад. Қарзҳои бонкҳои тиҷоратие, ки ба асъори хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, барнамегарданд, арзиши онҳо нисбат ба асъори миллӣ боло рафта, қобилияти қарзадокунии қарзгирифтагон коҳиш меёбад. Дар натиҷа, дар иқтисодиёт сатҳи истеҳсолот коҳиш меёбад. Вобаста ба ин, зарур дониста мешаванд, ки қарзҳое, ки бевосита дар ташаккули муносибатҳои бозорӣ саҳми арзанда доранд, ҳатман бояд бо пули миллӣ пешниҳод карда шаванд. Усули мазкур метавонад сатҳи таъсирнокии таваррумро ба иқтисодиёт кам кунад, ба ин восита ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ низ мунтазам рушд мекунад.

Яке аз синфҳои иқтисодӣ, ки бо номи Кейсианҳо машҳур мебошад, бевосита таваррум ва сатҳи таъсирнокии онро ба рушди иқтисодиёт таҳлил намудааст. Намояндагони ин синфи мазкур бар он ақидаанд, ки зиёд гардидани ҳаҷми пул дар иқтисодиёт на ҳама вақт ба таваррум сабаб шуда метавонад. Тибқи назарияи пешниҳоднамудаи онҳо, дар баробари зиёд гардидани шумораи пул, ҳаҷми талаботи умумӣ, даромад, нарх ва истеҳсолот низ афзоиш меёбад. Таваррум метавонад такондиҳандаи сатҳи рушди иқтисодиёт гардад, ки сатҳи афзоиши даромад ва ҳаҷми умумии истеҳсолот аз сатҳи он зиёд бошанд [4].

Яъне, таҳлили андешаву назарияҳо баёнгари он мебошанд, ки таваррум ба рушди иқтисодиёти миллӣ метавонад ҳамчун омили рушд ҳам ҳисобида шавад. Чунонки дар боло қайд карда шуд, ҳаҷми даромадҳои аҳолии кишвар ва ҳаҷми умумии истеҳсолоти молу хизматрасониҳо аз сатҳи таваррум агар зиёд бошанд, он гоҳ таваррум ба иқтисодиёт таъсири манфӣ расонида наметавонад, баръакс, талаботи умумӣ афзоиш меёбад. Дар раванди мазкур яке аз самтҳои муҳим мубориза бар зидди сатҳи таваррум мебошад, ки дар амалия усулҳои гуногун истифода мешавад. Ба воситаи танзиму мудирият таваррум дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шуда, таъсири он ба иқтисодиёт кам карда мешавад.

Танзими сатҳи таваррум ба зиммаи ниҳодҳо ва сохторҳои молиявии давлатӣ вогузор карда мешавад. Яке аз роҳҳои асосии мубориза бар зидди таваррум, коркарди барномаю стратегияҳо дар сатҳи давлатию минтақавӣ ба шумор меравад. Аз ниҳодҳои молиявии масъул дар танзими мудирияти сатҳи таваррум, бонкҳои марказӣ ва вазоратҳои молия мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, ки танзиму мудирияти таваррумро ба зимма дорад. Аз рӯйи фаъолияти худ Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзиро амалӣ намуда, бо истифода аз усулҳои муосири молиявию иқтисодӣ сатҳи афзоиш ва таъсирнокии таваррумро ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар танзим менамояд. Чи тавре аз ҷараёни идоракунии сатҳи таваррум бармеояд, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз усулҳои зерин истифода мебарад, ки ин дар доираи низоми муфидгардонии таъсири таваррум маълум мегардад: Корбарӣ бо меъёрҳои фоизӣ аз рӯйи амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон, меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, амалиёт дар бозори озод, танзими асъор, амалиёти асъорӣ ва муқаррар кардани ҳудуди афзоиши ҳаҷми пулӣ, заминаҳои устувори фаъолияти истеҳсолию хизматрасониҳоро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати фоизиро барои таъсиррасонӣ ба меъёрҳои бозорӣ истифода мебарад. Яке аз ин меъёрҳо, меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон мебошад. Меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун фишанги асосии сиёсати пулию қарзӣ барои муайян намудани фоизи пули миллӣ дар иқтисодиёти кишвар ва танзими

ҳаҷми пули дар муомилотбуда истифода мешавад. Ба воситаи ин меъёр гардиши пул дар иқтисодиёти кишвар кам ва ё зиёд карда мешавад.

Хусусан, дар сохтори иқтисодиёти бозорӣ муайянкунандаи асосии нархи пули миллӣ ва қобилияти харидории он дар бозор ба воситаи ҳаҷми талабот ба пул ва пешниҳодоти он аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ кардани он муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, меъёри бозтамвил дар сурати зиёд шудани ҳаҷми пули миллӣ дар иқтисодиёти кишвар паст мегардад ва дар сурати кам шудани ҳаҷми пули миллӣ дар иқтисодиёти кишвар, баръакс, он баланд мешавад, ки ин ба тағйирёбии таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ сабаб мешавад.

Агар имконияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ кам шавад, ҳаҷми пул низ кам мешавад. Агар Бонки миллӣ меъёри бозтамвилро кам кунад, бонкҳои тиҷоратӣ барои зиёд намудани захираҳои қарзии худ қарзи бештар мегиранд. Дар диаграммаи навбатӣ динамикаи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2. Динамикаи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2022, бо %)**

**Diagram 2. Dynamics of the refinancing rate of the National Bank of Tajikistan (2017-2022, in %)**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи нишондодҳои шарҳи монетарӣ барои солҳои 2017-2022

Тавре аз маълумотҳои шарҳи монетарӣ дар давоми солҳои 2017-2022 бармеояд, дар доираи танзими сиёсати пулию қарзӣ фишанги бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон, барои пешгирӣ аз хавфҳои эҳтимолӣ ва роҳ надодан ба сатҳи таваррум истифода бурда мешавад, ки ин дар танзим ва идоракунии ҷараёнгирии таваррум мақоми таъсирбахшро гирифтааст. Яъне, бо тағйир ёфтани меъёри бозтамвил, ҳаҷми пулҳои дар муомилотбуда низ дигаргун шуда, дар ниҳояти кор ба афзоиши иқтидори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ва мувофиқан дигаргуншавии ҳаҷми пули накд мегардад.

Ҷиҳати рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи монетикунонии бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2020, ки бисёр соли душвор (паҳншавии беморӣи сироятии Covid-19) арзёбӣ мегардад, иқдоми навбатиро пеша намуд, ки меъёри бозтамвил боз ба 2 банди фоизи паст карда шуд, ки дар натиҷа ӯ ба 12% баробар шуд. Дар соли 2020 анқариб истеҳсоли маҳсулот дар тамоми ҷаҳон коҳиш ёфта буд, ки ин ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишварҳои ҷаҳон таъсири манфии худро расонид. Сабаби боло бурдани меъёри бозтамвил дар соли 2020, боло бурдани ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ буд, ки воридоти аксари молҳо аз тарафи давлатҳои воридоткунанда манъ гардида буд.

Дар соли 2021 анқариб меъёри бозтамвил нисбат ба соли 2020 камназар коҳиш дода шудааст. Аммо дар соли 2022 сатҳи он ба 13% баробар карда шуд, ки яке аз мақсадҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон, нигоҳдории сатҳи таваррум ва нишондиҳандаи дурнамои он дар соли 2024-2025 мебошад. Ҳамчунон дар боло қайд кардем, боло бурдани

сатҳи фоизи мазкур иқтидор ва қобилияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои молиявию қарзиро маҳдуд намуда, ба ин восита ҳаҷми пули миллии нақдро дар иқтисодиёти кишвар танзим мекунад, яъне ҳаҷми онро кам мекунад.

Захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, механизми танзими пардохтпазирии умумии низоми бонкиро, ки барои назорати унсурҳои пулӣ истифода мешавад, ифода мекунанд. Талаботи захиравӣ бо мақсади маҳдуд гардонидани имкониятҳои қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот муқаррар карда мешаванд.

Захираҳои ҳатмии пулӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ба истифода дода мешаванд. Ҷиҳати пурра омӯхтани динамикаи онҳо дар солҳои гуногун ва арзёбии саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар дар диаграммаи навбатӣ нишондиҳандаҳои таҳлилии онҳо оварда шудааст.

**Диаграммаи 3. Нишондиҳандаҳои асосии ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои 2018-2022**
**Diagram 3. The main indicators of the amount of reserve money in the Republic of Tajikistan in the period 2018-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи нишондодҳои шарҳи монетари барои солҳои 2018-2022

Таҳлили рақамҳои диаграммаи 3 нишон медиҳад, ки ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар иқтисодиёти кишвар ҳам дар ҳаҷм ва бо фоизиҳои баланди бандӣ афзоиш ёфта истодаанд. Дар соли 2018, агар ҳаҷми пулҳои захиравӣ ба 15,6 млрд. сомонӣ расида бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 20,1% афзоиш ёфтааст, яъне дар соли мазкур ба 18,7 млрд. сомонӣ зиёд шудаанд.

Ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар солҳои минбаъда низ афзоиш ёфтааст. Дар соли 2020 ҳаҷми онҳо ба 22,5 млрд. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба 20,2% афзоиш ёфтааст. Дар соли 2021, нишондиҳандаи мазкур ба 25,1 млрд. сомонӣ расидааст, дар соли 2022, 52,9% афзоиш ёфта, ба 38,4 млрд. сомонӣ расид. Дар мадди аввал яке аз сабабҳои афзоишёбии ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар иқтисодиёт ба афзоишёбии пулҳои пасандозии аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва зиёд шудани даромадҳои пулии аҳолӣ мебошад.

Пойгоҳи пулӣ ҳамчун маблағи миёнаи хронологӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P = \frac{\frac{Д1}{2} + Д2 + Д3 + \frac{Д4}{2}}{3}$$

ки дар ин ҷо:

P – андозаи пойгоҳи пулӣ дар давраи ҳисоботӣ;

Д1, Д2, Д3 ва Д4 – андозаи пойгоҳи пулӣ мувофиқан ба рӯзи якум, ёздаҳум, бисту якуми моҳи ҳисоботӣ ва рӯзи якуми баъди ҳисоботдиҳӣ.

Пойгоҳи пулӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули муносибатҳои пулӣ дар иқтсодиёт ба ҳисоб меравад. Сохтори таркибии онҳо мураккаб буда, аз тарафи олимони ватанӣ пурра омӯхта шудаанд [3]. Ташкилоти қарзии молиявӣ метавонад бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон маблағи захираҳои ҳатмиро бо асъори хориҷӣ тибқи тартиби дар Дастурамали №194 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» муқарраршуда мувофиқан ба пойгоҳи пулӣ бо асъори хориҷӣ ташаккул диҳад.

Меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд дар соли 2022 бетағйир нигоҳ дошта шуда, бо пули миллӣ 3% ва бо асъори хориҷӣ 9%-и солонаро ташкил менамояд [12].

Фишанги дигаре, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои дар сатҳи барномавӣ нигоҳ доштани пулҳои захиравӣ давра ба давра истифода мешавад, ин гузаронидани амалиётҳо дар бозори озод ба ҳисоб меравад. Бо анҷом додани ин амалиётҳо Бонки миллии Тоҷикистон метавонад коғазҳои қиматноки худро бо фоизи муайян ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод ва дар ин асос пулҳои захиравиро танзим намояд.

Барои таъмини пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонк ва мусоидат ба фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок дар соли 2022 барориши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳимми сиёсати пулию қарзӣ самаранок давом кард.

Амалиёт дар бозори озод, ки хариду фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, фаъолона идома ёфт. Амалиёт дар бозори озод яке аз фишангҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ буда, барои ба танзим даровардани ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва идоракунии дороиҳои софи дохилӣ истифода бурда мешавад.

Таҳлили маълумоти сомонаи расмии БМТ нишон дод, ки ҷиҳати самаранок татбиқ намудани принсипҳои сиёсати пулию қарзӣ БМТ бо мақсади танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, мудирияти сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ба ин васила коҳиш додани фишорҳои қурбию таваррумӣ, ҳамчунин, саҳмгузорӣ дар рушди бозори аввалияи коғазҳои қиматнок дар соли 2022, 103 шумора музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 9,6 млрд. сомонӣ баргузор карда шудааст. Таҳлилҳои анҷомдода нишон доданд, ки нисбат ба соли 2021 ин нишондиҳанда аз рӯйи шумораи ба 19 адад ва аз рӯйи маблағ ба 21,6% зиёд мебошад. Даромаднокии миёнавазнии солонаи онҳо ба 12,1% баробар карда шудаст. Доир ба музоядаҳои БМТ дар ҷадвали навбатӣ маълумоти бештарро ҷой додем.

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар давраҳои 2018-2022**

**Table 3. Indicators of the auction of securities of the National Bank of Tajikistan in the period 2018-2022**

| Солҳои интишор | Шумораи музоядаҳо (адад) | Ҳаҷми маблағи музоядаҳо (млрд. сомонӣ) | Динамикаи музоядаҳо | | Меъёри даромаднокии миёнавазнии солона (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | аз рӯйи шумора (адад) | аз рӯйи маблағ (млрд. сом.) | |
| **2018** | 159 | 19,6 | - | - | - |
| **2019** | 141 | 16,2 | (-18) | (-3,4) | 13,58 |
| **2020** | 118 | 14,3 | (-23) | (-1,9) | 11,1 |
| **2021** | 84 | 7,9 | (-34) | (-6,4) | - |
| **2022** | 103 | 9,6 | 19 | 1,7 | 12,2 |

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллиф тибқи маълумоти шарҳи монетарии БМТ барои солҳои 2018-2022

Таҳлили давраҳои солҳои 2018-2022 нишон дод, ки БМТ мунтазам фаъолияти худро дар самти гузаронидани музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки худ ба роҳ мондааст. Албатта, динамикаи онҳо нишон медиҳанд, ки шумора ва маблағи онҳо мунтазам тағйирёбанда боқӣ мемонад. Ин гуна амалиёт, пеш аз ҳама, бо мақсади ҷалби пулҳои

изофагии ташкилоти қарзии молиявӣ ташкил ва гузаронида мешаванд. Яъне, ба воситаи фурӯши коғазҳои қиматноки худ БМТ ҳаҷми пулро дар иқтисодиёт идора ва танзим мекунад.

Ин гуна музоядаҳо дар соли 2018 бештар гузаронида шудаанд, ки шумораи онҳо ба 159 адад расида, ба маблағи 19,6 млрд сомонӣ амалӣ гардидаанд. Рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар солҳои минбаъда ҳаҷми онҳо коҳиш ёфтаанд. Масалан, дар соли 2019 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки БМТ 141 ададро ташкил карданд, ки нисбат ба соли 2019 ба 18 адад кам мебошанд. Ҳамчунин, дар соли 2019 ҳаҷми маблағи онҳо нисбати соли 2018 ба 3,4 млрд сомонӣ кам гардида, 16,2 млрд сомониро ташкил доданд.

Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани музоядаҳои фурӯши коғазҳои қиматнок, кам шудани талаботи ташкилоти қарзии молиявӣ ба онҳо, ё ин ки зиёд шудани талаботи иқтисодиёти кишвар ба пул мебошад, ки ин гуна амалиёт дар солҳои 2020-2021 коҳиш ёфтаанд. Масалан, дар соли 2020 шумораи музоядаҳои фурӯши коғазҳои қиматноки БМТ ба 118 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2019 ба 23 адад, ё ин ки дар ҳаҷми 1,9 млрд сомонӣ кам мебошад. Коҳишёбии бесобиқаи онҳо дар соли 2021 дарҷ карда мешавад, ки шумораи онҳо ҳамагӣ 84 ададро ташкил додааст ва нисбат ба соли 2021 ба 34 адад кам мебошад. Дар натиҷаи чунин коҳишёбӣ ҳаҷми маблағи онҳо низ нисбат ба соли 2020 ба 6,4 млрд сомонӣ кам гаштааст.

Таҳлили сохтори амалиёти мазкур дар бозори озод нишон дод, ки дар соли 2021 ба ғайр аз музоядаҳои БМТ, 8 адад музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва баргузор карда шудааст, ки ҳаҷми умумии фурӯши онҳо маблағи 369,1 млн. сомониро ташкил додааст. Яке аз мақсадҳои асосии фурӯши Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби пулҳои озод ба низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба ин васила бартарфсозии камомади буҷет амалӣ карда мешавад.

Ҳолати коҳишёбии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори озод, дар самти гузаронидани музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок, дар байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2022 хотима дода шуда, шумораи он аз 84 адади соли 2021 ба 103 адад дар соли 2022 расиданд. Ҳамзамон, маблағи умумии онҳо 19 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба 1,7 млрд сомонӣ зиёд гардид. Дар ҳамин давра меъёри даромаднокии миёнавазнии солонаи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон 12,2%-ро ташкил доданд.

Ҳамзамон, дар соли 2022 Бонки миллии Тоҷикистон, 6 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба маблағи 279,3 млн сомонӣ бо мӯҳлати гардиши 191 рӯз ва бо меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни бо 0,88% ташкил ва баргузор кард, ки ба низоми буҷети кишвар маблағҳои озод ворид карда шуд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар салоҳияти Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон абзорҳои зиёди молиявӣ қарор доранд, ки вобаста ба вазъи иқтисодии кишвар дар танзими сиёсати пулию қарзӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Бояд қайд кард, ки яке аз мақсадҳои асосии гузаронидани сиёсати пулию қарзӣ ва танзими он, агар идоракунии ҳаҷми пул бошад, пас сабаби дуюмаш, ташаккулдиҳии фондҳои пулӣ ва селаҳои пулест, ки барои иқтисодиёти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар ду ҳадаф муҳим мебошанд.

Зимни танзими ҳаҷми пул дар иқтисодиёт яке аз шохисҳои муҳим, шохиси монетизатсия мебошад, ки инъикоскунандаи он буда, ки таъминокии иқтисодиётро бо пул нишон медиҳад. Тибқи талаботи байналмилалӣ шохиси мазкур бояд аз 50% боло бошад ва баъд гуфта метавонем, ки иқтисодиёт бо пул таъмин аст. Барои таҳлили нишондиҳандаи мазкур диаграммаи навбатиро таҳия мекунем.

Дар натиҷаи таҳлили диаграммаи 4, муайян гардид, ки сатҳи бо пул таъмин будани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ҷавобгӯ набуда, раванди демонитизатсия идома дорад. Аммо ҷоизи қайд мебошад, ки шохиси мазкур дар масири афзоиш қарор дорад. Дар соли 2022 ба панҷ банди фоизи боло рафта, 34,5%-ро дар соли мазкур ташкил кард. Яъне, дар соли 2022 иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 34,5% бо пул таъмин мебошад.

**Диаграммаи 4. Сатҳи шохиси монетизатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2022**
**Diagram 4. The level of the monetization index of the economy of the Republic of Tajikistan in the period of 2018-2022**




Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллиф тибқи маълумоти Шарҳи монетарии БМТ барои солҳои 2018-2022

**Танзими асъор ва амалиёти асъорӣ.** Танзими асъор маҷмуи чораҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилии мақомоти давлатӣ, ки асосҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории сарватҳои асъор муқаррар менамоянд. Назорати асъор маҷмуи чораҳои меъёрӣ, маъмурӣ ва ташкилие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё мақомоти дигари бо қонун ваколатдоршуда бо мақсади таъмини риояи тартиби иҷрои амалиёти асъорӣ ва санҷиши онҳо анҷом дода мешаванд [13].

Мақсади танзими асъор ҳимояи манфиати иқтисодии давлат, амалӣ кардани сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба асъор ва таъмини устувории низоми асъори кишвар мебошад.

Ҷиҳати пешгирии тағйирёбиҳои қурбӣ иштироки ҳамарӯзаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори байнибонкии асъор тавассути низоми ягонаи электронии савдо таъмин гардида, дар баробари анҷомдиҳии амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ бо ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, амалиётҳои фурӯши яктарафаи асъори хориҷӣ, ки барои бартараф кардани норасоии пешниҳоди он ва таъмини пардохтпазирии асъории ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат менамоянд, анҷом дода шуд. Инчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ фурӯши бевоситаи асъори нақд тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъор ба роҳ монда шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳадди афзоиши як ё якчанд нишондиҳандаҳои миқдори пулро мувофиқи дурнамои сиёсати пулию қарзӣ муқаррар менамояд. Яке аз самти муҳимми фаъолияти БМТ зимни танзими сиёсати пулию қарзӣ, идоракунии ҳаҷми пули дар муомилотбуда мебошад, ки он тавассути унсурҳои пулӣ таҳлил ва танзим карда мешавад. Ҷиҳати таҳлили унсурҳои пулӣ дар диаграммаи навбатӣ нишондиҳандаҳои онҳо дар давраҳои солҳои 2018-2022 оварда шудааст.

Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои пулӣ дар солҳои алоҳида мунтазам афзоиш ёфта истодаанд. Масалан, агар ҳаҷми М0 дар соли 2019, 25% афзоиш ёфта бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 42,3% зиёд гардидааст. Дар соли 2022 нишондиҳандаҳои М1 ба 38,2% афзоиш ёфтаанд, ки нисбат ба соли 2019 ба 15,2 ф.б афзоиш ёфтааст. Чунонки таҳлилҳои диаграмма нишон медиҳанд, унсурҳои боқимонда низ сол ба сол афзоиш ёфта истодаанд, ки ин масъулияти БМТ-ро дар самти танзими сиёсати пулию қарзӣ волотар мегардонад. Яъне, чунонки мушоҳида мешавад, дар иқтисодиёт ҳаҷми пул зиёд гардида истодааст, ки онро бояд танзиму такмил кард, ки бевоиста ба ин кор БМТ машғул мебошад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи низоми муфидгардонии таъсири таваррум дар иқтисоди миллӣ маълум гардид, ки масъалаҳои танзим ва идоракунии таваррум барои арзёбӣ намудани ҷараёнгирии он хусусияти умумӣ дошта, аз қабули чорабиниҳои

мушаххас вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, муайян намудем, ки таваррум яке аз равандҳои муҳимми иқтисодӣ мебошад.

**Диаграммаи 5. Динамикаи ҳаҷми пули дар муомилотбуда дар давраи солҳои 2018-2022 (бо %)**

**Diagram 5. Dynamics of the amount of money in circulation in the period of 2018-2022 (in %)**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Раванди мазкур дар айни ҳол ба пуррагӣ фарогири идоракунӣ намебошад ва ин зарурати танзим ва истифодабарии фишангҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодию молияviro барои пешгирӣ намудани ҷараёнгирии таваррум ба миён овардааст. Дар ин самт муфидгардонии идоракунии раванди мазкур хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ин мақсад, танзими идоракунии ташаккулёбӣ ва арзёбӣ намудани таъсири таваррум ба нишондиҳандаҳои макро ва минтақавӣ муайянкунанда баромад мекунад. Зарур аст, ки низоми муфидгардонии таъсири таваррум дар иқтисоди миллӣ аз ҳисоби хусусиятҳои хосси иқтисодиёти минтақавӣ ба эътибор гирифта шаванд. Дар робита ба ин, таъсирнокии усулҳои меъёрҳои фоизӣ аз рӯйи амалиёти бонкӣ, меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, амалиёт дар бозори озод, танзими асъор ва амалиёти асъорӣ таъсирбахш баромад карда, таносуби байни миқдори молу маҳсулот ва хизматрасониҳоро муътадил мегардонад. Зиёда аз ин, имкониятҳое фароҳам оварда мешавад, ки баробари таъсири омилҳои монетарӣ омилҳои ғайримонетарӣ низ аз ҳисоби имкониятҳои васеъшавии заминаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ арзёбӣ карда шаванд. Аз ин ҷо муфидгардонии идоракунии раванди ташаккулёбии таваррум дар робита ба хусусиятҳои минтақавӣ ва сафарбар намудани иқтидори иктисодии минтақаҳои кишвар зарурати воқеӣ пайдо кардаанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулаков У.М.**

**АДАБИЁТ**

1. Ахмедов М.М. Особенности влияния монетарных факторов на инфляционные процессы в Республики Таджикистан / М.М. Ахмедов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. -№1-1(107). –С.240-246.
2. Бақоев П.С. Вазъ ва омилҳои таъсири таваррум дар шароити имрӯза / П.С. Бақоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Қисми илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – 2022. -№1-4-2(104). – С.184-186.
3. Бобоев Н.М. Анализ структуры финансовых потоков в экономике Республики Таджикистан / Н.М. Бобоев // Финансово-экономический вестник (научный журнал) ТГФЭУ. – 2021. -№2(26). -С.129-140.
4. Ғафуров П.Ҷ. Таҳлили таъсири сатҳи таваррум ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / П.Ҷ. Ғафуров, Ф.С. Мусофиров, Н.Т. Шаҳриён // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2020. -№4(43). –С.135-41.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ш.Душанбе, 13 июни соли 2013, №964.
6. Маълумот аз сайти БМТ (санаи муроҷиат 11.01.2024).

7. Нестеренко Е.С. Социально-экономическая сущность инфляции в различных теоретических подходах / Е.С. Нестеренко, А.В. Финогентова // Теоретическая экономика. – 2021. -№3(75). –С.10-17.
8. Протасов А.Ю. Циклы инфляции и эволюция денежно-кредитной политики в России / А.Ю. Протасов // Новая экономика: институты, инструменты, тренды. -Орёл, 2019. -С.138-159.
9. Статистика финансов: Учебник / Под ред. проф. В.Н. Салина. -М.: Финансы и статистика, 2000. -816 с.
10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан // Агентство по статитстики при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2022. -С.414.
11. Фишер И. Покупательная сила денег / И. Фишер; сост, вступ. статья М.К. Бункина, А.М. Семенов. -М.: Дело, 2001.
12. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Шариф Раҳимзода. -Душанбе: Эр-граф, 2018. -175 с.
13. Экономическая энциклопедия / Науч.- ред. совет изд-ва «Экономика»: Ин-т экон. РАН. гл. ред. Л.И. Абалкин. – М.: ОАО Издательство Экономика, 1999.

## НИЗОМИ МУФИДГАРДОНИИ ТАЪСИРИ ТАВАРРУМ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои танзиму мудирияти таваррум ва камгардонии таъсири он ба иқтисоди миллӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар он сабабҳои пайдоиши таваррум ва ҷанбаҳои назариявии онро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳад. Дар асоси истифода аз усулҳои таҳлилии молиявӣ нишондиҳандаҳои сатҳи макроиқтисодиро, ки вобаста ба таваррум мебошанд, таҳлил намуда, тавсияҳои асоснок пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, низоми муфидгардонии таъсири таваррумро дар иқтисод ба эътибор гирифта, дар раванди таҳқиқ усулҳои танзим ва беҳтаргардонии сатҳи идоракунии таваррумро дар заминаи меъёрҳои танзимкунанда, аз қабили фоиз аз рӯйи амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон, меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, амалиёт дар бозори озод, танзими асъор ва амалиёти асъорӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Ҳамин тавр, мақола шароитҳои муқаррар кардани ҳудуди афзоиши ҳаҷми пулиро дар робита ба фароҳам овардани имкониятҳои зиёди тавозунӣ нишон додааст. Бо далел ва рақамҳои мушаххас таҳлил карда шудааст, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои мазкур танзим ва муфидгардонии таъсири таваррумро дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ аз ҳисоби идоракунии раванди таваррум сатҳи таъсирнокии онро ба иқтисодиёти миллӣ асоснок пешниҳод кардааст.

**Калидвожаҳо:** таваррум, муфидгардонии идоракунӣ, амалиёти бонкӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, танзими таваррум, таъсири таваррум, рақамигардонӣ, муносибатҳои молиявию иқтисодӣ.

## ПОРЯДОК ВОСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОЗДЕЙСТВИЯ ИНФЛЯЦИИ В НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ

В данной статье рассматриваются вопросы регулирования и управления инфляции и снижения ее влияния на национальную экономику. Автор попытался изучить и исследовать причины инфляции и ее теоретические аспекты. На основе использования методов финансового анализа проанализированы макроэкономические показатели, связанные с инфляцией, и даны обоснованные рекомендации. Также, принимая во внимание систему извлечения выгоды из эффекта инфляции в экономике, в процессе исследования методов регулирования и повышения уровня управления инфляцией на основе таких нормативов регулирования, как проценты по операциям Национального банка Таджикистана, нормативы обязательных резервов, операции на свободном рынке, валютное регулирование и валютные операции. Таким образом, в статье показаны условия установления пределов роста денежного объема в связи с созданием множества балансовых возможностей. На основе конкретной информации и цифр проанализировано, что Национальный банк Таджикистана использует данные методы для регулирования и использования эффекта инфляции в обеспечении развития национальной экономики за счет управления инфляционным процессом, а также представлена уровень его эффективности и влияния на национальную экономику.

**Ключевые слова:** инфляция, эффективность управления, банковские операции, финансовые показатели, коммерческие банки, уровень монетизации экономики, регулирование инфляции, влияние инфляции, цифровизация, финансово-экономические отношения.

## PROCEDURE FOR MANAGING THE IMPACT OF INFLATION IN THE NATIONAL ECONOMY

This article discusses the issues of regulating and managing inflation and reducing its impact on the national economy. The author tried to study and explore the causes of inflation and its theoretical aspects. Based on the use of financial analysis methods, macroeconomic indicators related to inflation were analyzed and substantiated recommendations were made. Also, taking into account the system of benefiting from the effect of inflation in the economy, in the process of researching methods of regulation and increasing the level of inflation management based on such regulatory standards as interest on operations of the National Bank of Tajikistan, required reserve standards, free market operations, currency regulation and currency operations. Thus, the article shows the conditions for establishing limits to the growth of money volume in connection with the creation of many balance sheet opportunities. Based on specific information and figures, it is analyzed that the National Bank of Tajikistan uses these methods to regulate and use the effect of inflation in ensuring the development of the national economy by managing the inflation process, as well as the level of its effectiveness on the national economy.

**Keywords:** inflation, management efficiency, banking operations, financial indicators, commercial banks, level of monetization of the economy, inflation regulation, the impact of inflation, digitalization, financial and economic relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хушвахтов Дилшод Сангалиевич*** –Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи молия. **Адрес**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **909-94-44-69**. E-mail: **dilshod_khushvakhtov@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хушвахтов Дилшод Сангалиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры финансов. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **909-94-44-69**. E-mail: **dilshod_khushvakhtov@list.ru**

**Information about the author:** ***Khushvakhtov Dilshod Sangalievich*** – Tajik State Financial and Economic University, applicant for the Department of Finance. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov street, 64/14. Phone: **909-94-44-69**. E-mail**: dilshod_khushvakhtov@list.ru**

УДК: 657.6+33(575.3)

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ПРОВЕДЕНИЯ АУДИТА ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ

*Орзуев П.Дж.*
**Таджикский национальный университет**

История аудита берет свое начало в XIV веке, когда учетные книги стали фигурировать в качестве вещественного доказательства в суде. В XVI веке во многих странах был публично введен правовой контроль учетных книг. К тому времени в Англии уже использовался термин “аудитор" для обозначения лиц, занимающихся проверкой учетных записей.

У Луки Пачоли (1445-1515) в ”Трактате о счетах и записях“ написано: ”Высокий сенат или сеньория жестко карает неисправных маклеров или бухгалтеров, и я сам припоминаю многих, с которых в прежнее время строго взыскивали за упущения. Доброе дело сделали, когда для наблюдения за ними назначили лицо, которому поручали расследовать, хорошо или дурно ведутся книги в этих учреждениях“.

Родиной аудита в современном понимании этого слова является Великобритания, где уже в 1844 году принимается пакет Законов о компаниях, предписывающих акционерным компаниям поручать независимым бухгалтерам проверку бухгалтерских книг и счетов компаний с последующим отчетом перед акционерами.

В Шотландии (г. Эдинбург) в 1853 году был официально учрежден Эдинбургский институт аудиторов.

В США школа аудита основана специалистами, получившими образование и прошедшими практическую подготовку в Великобритании. В 1887 году была создана Ассоциация аудиторов Америки, а в 1896 году в штате Нью-Йорк была законодательно регламентирована аудиторская деятельность. В соответствии с принятым законодательством должность аудитора мог занимать дипломированный бухгалтер, успешно сдавший экзамен по специальности в Нью-йоркском университете и получивший лицензию на право заниматься аудиторской деятельностью.

К 1908 голу американская ассоциация аудиторов насчитывала свыше 340 членов из 25 штатов. В настоящее время в США только официально зарегистрировано более 100 тыс. независимых дипломированных бухгалтеров.

К концу XIX века относится появление учетно-аудиторских компаний в Германии. В 1907 толу аудит начали изучать в Лейпцигской коллегии коммерции. Однако в коммерческом законодательстве Германии термин «аудит» фигурирует с 1931 года, когда аудит стал обязательным для всех крупных компаний. С ноября 1961 года в ФРГ действовал “Закон об аудите”, который в 1975 голу был дополнен и в таком виде действует в Германии по сей день.

В настоящее время аудит широко распространен во всем мире. Международная ассоциация объединяет около 5 тыс. аудиторских фирм, осуществляющих свои функции в 150 странах мира. Только в Великобритании созданы и функционируют более 200 аудиторских фирм, причем в это количество не входят внутренние аудиторские службы, создаваемые на большинстве крупных и средних фирм и компаний.

В Германии зарегистрированы более 1 150 аудиторских фирм, причем ежегодный допуск к профессии после успешной сдачи экзаменов составляет более 200 человек.

Следовательно, аудит в классическом понимании этого слова - внешний независимый финансовый контроль, осуществляемый независимыми дипломированными бухгалтерами, не работающими в данной компании, банке и т.п.

В период зарождения аудита главным требованием, предъявляемым к аудитору, была его безупречная репутация. Только независимый и честный человек мог быть назначен на эту почетную должность. Его знания в области бухгалтерского учета играли второстепенную роль, а аудитор и бухгалтер-ревизор рассматривались как две абсолютно различные профессии, Однако с течением времени бухгалтерский учет становился все более сложным, без профессиональной подготовки разобраться в нем было все труднее и аудиторам приходилось целиком полагаться на мнение бухгалтеров-ревизоров. Именно поэтому в процессе

профессиональной деятельности произошло сращивание этих специальностей, но с сохранением специфики проверок в области учета, налогообложения, финансовой отчетности и т.п. Для проведения внутренних проверок в Англии в 1941 году был организован Институт внутреннего аудита (ревизоров).

В ряде других стран в крупных и средних компаниях были созданы отделы внутреннего аудита. Например, в американской транснациональной компании “Истмэн Кодак“ уже более шестидесяти лет функционирует внутренний аудит, который руководство компании считает неотъемлемым элементом процесса управления и контроля, способствующего известности компании во всем мире благодаря высокому качеству товаров и услуг. Ответственность за внутренний аудит возложена на общий отдел аудита, а также на локальные отделы аудита, сосредоточенные в отделениях (фирмах) компании во всем мире. Действующая мировая практика рассматривает аудит как составную часть финансового контроля государства.

Опыт стран, имеющих давние традиции рыночной экономики, свидетельствует о том, что финансовый контроль, как правило, строится по следующей схеме:

- высший орган государственного финансового контроля (счетная палата или аппарат Главного аудитора страны), подчиняющийся непосредственно парламенту или президенту, осуществляет общий контроль за расходной частью бюджета;

- налоговое ведомство, подчиняющееся правительству или министерству финансов государства, осуществляет контроль за доходной частью бюджета;

- контрольно-ревизионные подразделения в министерствах и ведомствах, финансируемые за счет бюджета и подчиняющиеся как высшему органу государственного финансового контроля, так и министерству, несут ответственность за целевое расходование полученных бюджетных ассигнований;

-независимый внешний финансовый контроль-аудит осуществляет на договорных началах проверку достоверности отчетных данных, законности совершаемых операций и оказывает консультационные услуги по экономике, финансам, учету;

- отделы внутреннего аудита, создаваемые в корпорациях, фирмах, компаниях, осуществляют внутренний контроль за уровнем расходов, себестоимостью, выявляют резервы в производстве и т.п.

Действующая система контроля в странах с развитой рыночной экономикой имеет свою специфику Например, в Германии функционирует Палата аудиторов, задачами которой являются: представление интересов всех аудиторов страны, надзор за выполнением ими своих профессиональных обязанностей, издание профессиональных инструкций, консультирование всех представителей профессии по вопросам законодательства, аудита и др. Помимо Палаты, в Германии создан Институт аудиторов, представляющий собой профессиональную организацию, объединяющую на принципах добровольного вступления примерно $90^{\%}$ аудиторов страны. Целью института является развитие профессии, включая вопросы профессиональной практики на национальном и международном уровнях.

Комитет профессиональной практики при Институте аудиторов занимается подготовкой инструкций и рекомендаций по вопросам учёта и аудита. Указанные инструкции координируются с рекомендациями Международной федерации бухгалтеров, при которой создан автономный комитет по международной практике аудита в целях руководства проведением ежегодного аудита компаний.

Во Франции высшим парламентско-президентским органом финансового контроля, осуществляющим проверку правильности и эффективности расходования средств из государственного бюджета, является Счетная палата Франции. Независимость и высокий юридический статус Палаты определяются тем, что 350 ее руководящих сотрудников - магистров назначаются на должность непосредственно президентом республики. При Министерстве экономики и финансов Франции функционируют Высший совет по бухгалтерскому учету, а также две параллельно действующие профессиональные организации Орден бухгалтеров-экспертов (11 тыс. человек) и Национальная компания ревизоров (10 тыс. человек), при этом бухгалтеры-эксперты занимаются непосредственно ведением бухгалтерского учета, составлением финансовой отчетности и оказанием консультационных услуг, а ревизоры

обеспечивают контроль за достоверностью финансовой отчетности. Деятельность этих двух организаций тесно координируется, а их руководящие органы расположены в Париже в одном здании.

Статус независимого ревизора во Франции законодательно закреплен ”Законом об обществах”, принятым в 1867 году. Современная история независимых ревизоров во Франции начата декретом президента республики от 12 августа 1969 года, в соответствии с которым была создана Национальная компания независимых ревизоров (уполномоченных по счетам). Наряду с Национальной во Франции действуют 30 региональных (провинциальных) компаний.

Основной целью аудита, согласно французскому законодательству, является удостоверение ревизором правильного представления о результатах хозяйственных операций и финансовом состоянии на конец отчетного периода. Иными словами, независимый ревизор обязан проверить достоверность бухгалтерских документов и соответствие учета установленному порядку его ведения.

В США руководящим органом является Главное контрольное управление конгресса, насчитывающее около 5 тысяч сотрудников. По подсчетам американских экономистов, каждый доллар, вложенный в контроль, приносит долларов прибыли. К началу 2001 года бухгалтерской деятельностью в США занимались более 130 тыс. дипломированных бухгалтеров, из которых более половины состояли членами Американского института дипломированных аудиторов.

Америка была первой страной в мире, которая начала проводить аудит эффективности, и на долю аудита эффективности приходится более 85% от общего объема аудиторской деятельности [4,с.166-168].

В начале развития аудита в США использовали британский опыт и в 1789 году создали аудиторское управление в составе Федерального министерства финансов, и аудит всегда был частью министерства финансов. В 1920 году в Конгресс был внесен законопроект о создании Государственного контрольного управления США, который был представлен на утверждение президенту Вильсону, но президент наложил вето из-за положения о том, что Генеральный аудитор не зависит от президента. Конгресс внес небольшие поправки в законопроект и передал его следующему президенту Хардингу. Президент Хардинг утвердил законопроект 20 июня 1921 года с поправками к Закону о бюджете и бухгалтерском учете 1921 года, срок действия которого истек в том же году. С того времени и до начала 1950-х годов в центре внимания государственного аудита в США была проверка счетов, то есть работа аудитора заключалась в проверке каждого ваучера на финансовые расходы для определения его достоверности и легитимности. В целом, метод аудита в этот период представлял собой аудит на основе счета [5,с.74-77].

С 1940-х годов под влиянием капиталистического мирового экономического кризиса с 1929 по 1933 год преобладало кейнсианство, и правительство США играло все более важную роль в социальной и экономической жизни, а также под влиянием Второй мировой войны увеличилось количество тем, для решения которых необходимо провести аудит. Чтобы проверить все счета, Государственное контрольное управление США значительно увеличило число своих сотрудников, но все равно не смогло завершить свою работу, проверив в конце 1945 года 35 миллионов ваучеров. В этом контексте генеральный аудитор считал, что Государственное контрольное управление США необходимо освободить от тяжелой работы, что конкретную проверку каждого ваучера будут проводить ведомства правительства самостоятельно, Государственное контрольное управление США сосредоточится на финансовом контроле и процедурах, а аудиторам необходимо понять и оценить стандарты, по которым работает объект аудита, проанализировать фактическую ситуацию и сравнить ее со стандартами, чтобы оценить «на что идет» и «что должно быть», в этот период стандарты, причины и результаты» станут основным форматом аудиторских заключений. Это изменение с точки зрения содержания аудита позволило перейти от чисто финансового аудита к комплексному. Что касается методологии аудита, то был осуществлен переход от аудита на основе счетов к аудиту на основе системы [6,с.9-72].

В 1970-х годах аудит эффективности в США двигался в направлении стандартизации и законодательного закрепления. В 1972 году Государственное контрольное управление США

установило Стандарты аудита государственных организаций, программ, деятельности и функций в соответствии с полномочиями, предоставленными ему законодательством. Этот стандарт аудита, известный как «Желтая книга», подчеркивает важность оценки экономичности, продуктивности и результативности использования ресурсов и устанавливает следующие цели аудита:

Проверять финансовую деятельность, соблюдать действующие правовые нормы.

Оценить экономичность и эффективность управления.

Оценить связь между результатами проекта и ожидаемыми результатами.

Это первый случай, когда цели аудита эффективности были четко сформулированы в документе нормативного характера. В 1974 году Закон Конгресса о бюджете и контроле за сокращениями впервые законодательно представил новое направление в методологии государственного аудита эффективности - оценку проектов. С 1980-х годов мир охватило новое движение государственного управления, которое включает в себя две основные идеи: одна состоит в том, чтобы сделать упор на концепции эффективности, а другая - обратить внимание на количественные методы оценки. Под влиянием движения «Новое государственное управление» Закон о эффективности и результатах деятельности правительства 1993 года органично объединил бюджетирование эффективности, оценку эффективности и аудит эффективности для создания новой системы финансового управления, ориентированной на эффективность, дополнительно подтвердив и подчеркнув оценку проектов как новый подход к аудиту эффективности [2,с.23-26; 7,с.9-14].

Аудит эффективности в США охватывает еще более широкую область, включая науку и технологии, образование, культуру и здравоохранение. В последние годы, в частности, федеральное правительство уделяет все больше внимания образованию, науке и технологиям, а также социальному обеспечению, чтобы способствовать эффективной работе правительства в целом и улучшению способности решать проблемы.

Аудит эффективности в Великобритании известен как аудит соотношения цены и качества. Национальное аудиторское Управление Великобритании (НАУ) придает большое значение аудиту эффективности и ежегодно посвящает аудиту эффективности около 35% своих усилий [8,с.107-109].

Обладая силой, созданной промышленной революцией и капиталистической экономикой, Великобритания оказала беспрецедентное влияние на все аспекты мировой политики, экономики, военной сферы, культуры и общества. В области аудита более 50 стран-членов Содружества в значительной степени находятся под влиянием аудита Великобритании. Даже страны, не входящие в Содружество, использовали опыт аудита Великобритании.

В Великобритании существует длинная история государственного аудита. Начиная с 1314 года, в министерстве финансов Великобритании были чиновники, ответственные за аудит государственных расходов. С тех пор сменявшие друг друга династии Великобритании создавали аудиторские учреждения. В X1X веке политическая система Великобритании претерпела значительные изменения, постепенно трансформируясь из феодальной системы в капиталистическую представительную систему. В 1866 году парламент принял Закон о казначействе и ревизионном управлении, в соответствии с которым было создано казначейство и ревизионное управление при генеральном ревизоре для проведения аудита правительственных департаментов и государственных учреждений. В 1921 году парламент внес поправки в этот закон, приняв Закон о внесении изменений в Закон о казначействе и аудиторском управлении, согласно которому Генеральный аудитор должен проверять, что правительственные ассигнования и взносы расходуются в соответствии с требованиями парламента; процедуры расходования средств соответствуют делегированным полномочиям; и счета коммерческой и производственной деятельности правительственных департаментов и подчиненных им учреждений являются достоверными и правильными. Ни Закон о казначействе и аудиторском управлении, ни Закон о внесении поправок в Закон о казначейском аудиторском управлении не уполномочивают Генерального аудитора проводить аудит эффективности, однако последний позволяет полагаться лишь на системы внутреннего контроля для выборочных проверок [9,с.42-43].

После Второй мировой войны, с увеличением государственных расходов, в Великобритании появились аудиторские учреждения с функциями аудита эффективности. После прихода к власти Маргарет Тэтчер в 1979 году правительство консерваторов представило одну из самых радикальных программ реформ в Западной Европе - движение «Новое государственное управление», которое характеризовалось ориентацией на методы управления бизнесом, внедрением конкуренции и ориентацией на потребителя в сфере государственного управления. В этом контексте аудиту эффективности уделяется большое внимание. В марте 1980 года правительство Великобритании опубликовало «Зеленую книгу», в которой были обобщены различные рекомендации, касающиеся национальных аудиторских учреждений. В феврале 1981 года Комитет по государственным счетам Великобритании выпустил свой знаменитый специальный отчет «Роль генерального аудитора». Отчет выступил за принятие соответствующих законодательных положений для обеспечения общей структуры аудита. В 1983 году был принят Закон о государственном аудите, в соответствии с которым отдел казначейства и аудита был преобразован в Национальное аудиторское управление Великобритании, которое подчинялось непосредственно парламенту и установило законодательную систему аудита. Закон предоставляет Генеральному аудитору возможность изучать экономичность, продуктивность и результативность использования ресурсов при выполнении функций любого департамента, агентства или другого органа, официально уполномочивая Национальную аудиторскую службу Великобритании в законодательном порядке впервые проводить аудит эффективности [10,с.5-22].

В настоящее время аудит эффективности в Великобритании в целом можно разделить на четыре категории: проверки серьезных отходов, неэффективности и слабого контроля; расследования конкретных департаментов, крупных проектов; проверки управленческой деятельности; и другие менее масштабные проверки [11,с.51-52]. Результаты аудита эффективности в Великобритании публикуются открыто и прозрачно и предоставляются обществу на регулярной или периодической основе через парламент, интернет и газеты. Общественность также поощряется к участию в мониторинге деятельности правительства, а население - к внесению предложений в парламент или к конструктивным отчетам.

Аудиты эффективности, проводимые Национальным аудиторским управлением Канады, сочетаются с финансовыми аудитами и называются комплексными аудитами. Примерно 43 процента аудиторских ресурсов направлено на проведение аудита экономичности, продуктивности и результативности.

До 1973 года Национальное аудиторское управление Канады занималось, по сути, единым финансовым аудитом, а в 1973 году Джеймс Макдональд стал Генеральным аудитором. По его инициативе парламент учредил Комиссию Уилсона, чтобы рассмотреть обязанности Национального аудиторского управления, а также его отношения с государственными учреждениями, процедуры отчетности и независимость Национального аудиторского управления. В 1975 году Комиссия Уилсона представила в парламент отчет, в котором рекомендовала, чтобы Аудиторское управление занималось эффективностью уже потраченных государственных средств и чтобы Аудиторское управление отчитывалось перед парламентом об обнаруженных им низких результатах. В 1977 году парламент принял Закон о Генеральном аудиторе, который расширил мандат Национального аудиторского управления Канады на изучение экономичности, продуктивности и результативности, и стал свидетельством формализации комплексного аудита в законодательном смысле [12,с.164-165].

В то же время организации социального аудита активно занимались исследованиями в области аудита эффективности в государственном секторе. В 1978 году Комиссия Адамса, сформированная Канадским институтом дипломированных бухгалтеров, отметила в своем отчете, что в некоммерческом секторе не хватает таких стимулов, как прибыльность и конкуренция, и что было бы целесообразно расширить аудит таких учреждений, включив в него экономичность, эффективность и результативность, как это имеет место в предприятиях [13,с.182-184].

Именно благодаря совместным усилиям государственного и общественного аудита в Канаде появилась современная модель аудита, известная как интегрированный аудит. Эта

модель аудита сочетает в себе традиционный финансовый аудит и аудит эффективности для проверки и оценки соблюдения проверяемой организацией законов, нормативных актов и стандартов бухгалтерского учета, что отражает комплексный характер ее аудита. Чтобы облегчить определение и описание характера и объема интегрированного аудита, Национальное аудиторское управление Канады придумало фразу - «FRAME». Его значение следующее: F - финансовый контроль, R - представление парламенту, A - проверка и регулирование, M - управленческий контроль и E - компьютерный контроль.

В 1980 году был создан Канадский фонд комплексного аудита (Canadian Comprehensive Auditing Foundation, CCAF), основной задачей которого было распространение опыта комплексного аудита в федеральном государственном секторе, провинциальных и местных органах власти, а также в сфере аудита медицинских школ и учебных заведений. Под совместным влиянием Национального аудиторского управления и CCAF комплексный аудит в Канаде значительно расширился и стал одной из основных операций национальной аудиторской службы.

1. Антонюк, В.И. Опыт исследования социально-психологических проблем системных нововведений: автореф. дис. … канд. филос. наук: 09.00.01 / В.И. Антонюк. -М., 1975. -24 с.
2. Бездудный, Ф.Ф. Сущность понятия инновация и его классификация / Ф.Ф. Бездудный, Г.А. Смирнова, О.Д. Нечаева // Инновации. - 1998. -№2-3. -С.3-13.
3. Блауг, М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг; пер. с англ. -М.: Дело Лтд, 1994. -720 с.
4. Валента, Ф. Управление инновациями / Ф. Валента. -М.: Прогресс, 1985. -203 с.
5. Комилов С.Дж. Основы инновационного менеджмента / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева. -Душанбе: ТГНУ, 2004. -С.6.
6. Лапин, В.Н. Социальные аспекты управления нововведениями / В.Н. Лапин. -Таллин, 1981. -145 с.
7. Никсон, Ф. Инновационный менеджмент/ Ф. Никсон. -М.: Экономика, 1997. -216 с.
8. Пархоменко, Е.Л. Формирование экономико-организационного механизма повышения качества инновационного продукта: дис. …канд. экон. наук: 08.00.05 / Е.Л. Пархоменко. -Тамбов, 2005. -145 с.
9. Санто, Б. Инновация как средство экономического развития / Б. Санто. -М.: Наука, 1990. -295 с.
10. Султанов З.С. Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права/ З.С. Султанов. - 2015. – С.166.
11. Твисс, Б. Управление научно-техническими нововведениями / Б. Твисс. -М.: Экономика, 1989. -271 с.
12. Турсунов, Р.Р. Мировые тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№2. -С.86-95. – EDN DMVGOG.
13. Турсунов, Р.Р. Рынок труда: структура и функции в условиях цифровизации, фриланс / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. -№1-2(110). -С.276-281. – EDN SSJIRA.
14. Файзуллоев М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления): автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. экон. наук / М.К. Файзуллоев. -М., 2012. -С.19.


## МУНОСИБАТИ НАЗАРИЯВӢ НИСБАТИ ОМӮЗИШИ ТАФСИРИ «ИННОВАТСИЯ» ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ИҚТИСОДӢ


Муаллифон дар мақолаи илмии мазкур қайд менамоянд, ки дар адабиёти иқтисодӣ як қатор тафсирҳои истилоҳи «инноватсия» мавҷуданд. Дар баробари ин, бисёр муаллифон аҳаммияти иҷтимоиву иқтисодии онро таъкид мекунанд. Муаллифони мақола зарурати таҳияи тафсири ягонаи ин мафҳумро таъкид мекунанд, зеро носаҳеҳиҳо дар истилоҳот боиси ба вуҷуд омадани баъзе номуайянӣ дар баррасии истилоҳи «инноватсия», таҳияи самтҳои рушди инноватсионӣ ва қобилияти баҳодиҳии фаъолияти инноватсионӣ дар ҳама сатҳҳо мегардад. Муаллифон бар ин назаранд, ки таърифи “инноватсия” омӯзиши амиқро тақозо мекунад. Муаллифон тавзеҳи муфассали мафҳуми «инноватсия»-ро ҳамчун категорияи иқтисодӣ пешниҳод намуда, шарҳи як қатор олимонеро, ки ин истилоҳро аз нуқтаи назари илми иқтисод омӯхтаанд, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Муаллифон дар мавриди баррасӣ ва таҳқиқи истилоҳи «инноватсия» ҳам аз нуқтаи назари раванд ва ҳам аз нуқтаи назари натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ мисолҳо овардаанд. Дар охири мақола муаллифон истилоҳи «инноватсия»-ро аз дидгоҳи худ арзёбӣ намуданд. Муаллифон дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ба хулосае меоянд, ки инноватсия натиҷаи ниҳоӣ буда, ба чунин таъсирот оварда мерасонад: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва технологӣ, экологӣ ва ғайра, ки барои ноил шудан ба манфиатҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст.



**Калидвожаҳо:** иқтисод, инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, истилоҳ, категорияи иқтисодӣ, раванд, натиҷа.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ПОДХОД К ИЗУЧЕНИЮ ОПРЕДЕЛЕНИЯ «ИННОВАЦИЯ» КАК ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КАТЕГОРИИ


Авторы данной научной статьи подчеркивают, что в экономической литературе существуют ряд трактовок термина «инновация». Наряду с этим, многими авторами большое значение отводится его социально-экономическому значению. В данной статье авторами подчеркивается необходимость выработки единого

толкования данной категории, потому что имеющиеся неточности в терминологии обусловили порождение некоторой неопределенности в обсуждении термина «инновация», в разработке направлений инновационного развития и в значительной степени затрудняют возможности оценки инновационной деятельности на всех уровнях. По мнению авторов, определение «инновация» требует более углубленного подхода к его изучению. В данной статье авторами дается подробное описание трактовки «инновации» как экономической категории и рассматривается толкование ряда ученых, которые исследовали данный термин с точки зрения экономической науки. Авторами приведены примеры рассмотрения и исследования термина «инновация» как с точки зрения процесса, так и с точки зрения результата инновационной деятельности. В конце данной статьи авторами дается собственное определение термина «инновация». На основе проведенного исследования теоретических аспектов авторы приходят к выводу, что инновация- это конечный результат, который приводит к таким эффектам, как: социальный, экономический, научный, технико-технологический, экологический и др. и который направлен на достижение удовлетворения общественных потребностей.

**Ключевые слова:** экономика, инновация, инновационная деятельность, термин, экономическая категория, процесс, результат.

## THEORETICAL APPROACH TO STUDYING THE DEFINITION OF "INNOVATION" AS AN ECONOMIC CATEGORY

The authors of this scientific article emphasize that in the economic literature there are a number of interpretations of the term "innovation". Along with this, many authors attach great importance to its socio-economic significance. In this article, the authors emphasize the need to develop a unified interpretation of this category, because existing inaccuracies in terminology have led to the generation of some uncertainty in the discussion of the term "innovation", in the development of directions for innovative development and significantly complicate the ability to assess innovative activity at all levels. According to the authors, the definition of "innovation" requires a more in-depth approach to its study. In this article, the authors provide a detailed description of the interpretation of "innovation" as an economic category and discuss the interpretation of a number of scientists who have studied this term from the point of view of economic science. The authors provide examples of consideration and research of the term "innovation" both from the point of view of the process and from the point of view of the result of innovation activity. At the end of this article, the authors give their own definition regarding the term "innovation". Based on the study of theoretical aspects, the authors come to the conclusion that innovation is the final result, which leads to such effects as: social, economic, scientific, technical and technological, environmental, etc. and which is aimed at achieving the satisfaction of social needs.

**Keywords:** economics, innovation, innovative activity, term, economic category, process, result.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ятимов Амирхон Джурахонович*** **–** Филиали муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, номзади илмҳои иқтисодӣ, декан факултети иқтисод ва молия. **Суроға:** 735147, ш.Левакант, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Рудакӣ, 16. Телефон: **907-58-54-65**
***Абдуллоев Эмомалӣ Қурбоналиевич*** **–** Филиали муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети иқтисод ва молия. **Суроға:** 735147, ш.Левакант, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Рудакӣ, 16. Телефон**: (+992) 904-50-24-44**

**Сведения об авторах:** ***Ятимов Амирхон Джурахонович*** **-** Филиал государственного учреждения Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области, кандидат экономических наук, декан факультета экономики и финансов. **Адрес:** 735147, г.Левакант, Республика Таджикистан, улица Рудаки, 16. Телефон: **907-58-54-65**
***Абдуллоев Эмомали Курбоналиевич*** **-** Филиал государственного учреждения Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области, кандидат экономических наук, заместитель декана по учебной части факультета экономики и финансов. **Адрес:** 735147, г.Левакант, Республика Таджикистан, улица Рудаки, 16. Телефон: **904-50-24-44**

**Information about the authors:** ***Yatimov Amirkhon Jurakhonovich*** **-** Branch of the state institution International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in the Khatlon region, Candidate of Economic Sciences, Dean of the Faculty of Economics and Finance. **Address**: 735147, Levakant, Republic of Tajikistan, Rudaki street, 16. Phone: **907-58-54-65**
***Abdulloev Emomali Kurbonalievich*** **-** Branch of the state institution International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in Khatlon region, Candidate of Economic Sciences, Deputy Dean for Academic Affairs of the Faculty of Economics and Finance. **Address:** 735147, Levakant, Republic of Tajikistan, Rudaki street, 16. Phone: **904-50-24-44**

ТДУ: 347.2/.3(575.3)

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

***Ғаффорзода И.Ғ., Амонзода Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ яке аз шартномаҳои маъмул дар ҳуқуқи маданӣ ва ҳаёти шахсони воқеӣ махсуб меёбад. Инчунин, шартномаи мазкур таърихан дар қонунгузории маданӣ (граждании) танзим карда мешавад. Аз ҷумла, дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 [6] шартномаи мазкур мустаҳкам гардида буд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ барои шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дорад, аз ин рӯ, дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз падидаи мазкур истифода карда мешавад.

Падидаи истиқомати якумра дар манзили бегона дар тули асрҳо маълум аст. Он бори аввал дар ҳуқуқи хусусии римӣ пайдо шудааст. Ҳуқуқи классикии римӣ “habitatio”-ро ба сервитути шахсӣ (servitus personarum) дар баробари дигар сохторҳо, ба монанди узуфрукт (ususfructus), истифода (usus), истифодаи ғуломон ё ҳайвоноти бегона (operae servorum vel animalium) дохил мекард.

Падидаи истиқомат бо дигар намудҳои сервитутҳои шахсӣ шабоҳат дошта, аз онҳо фарқ мекунад. Дар маҷмуъ, habitatio ҳуқуқи истиқомати якумра дар манзили бегона ё қисми он буд. Он одатан бо ёрии васиятнома амалӣ карда мешуд [15,с.268-296]. Дар ибтидо ин сервитут аз истифода (usus) каме фарқ мекард, ки дар ин хусус Ю. Барон зикр мекунад, ки “ҳуқуқшиносони римӣ баҳс мекарданд, ки ususfructus ё usus, сервитути мустақил аст, ки дар байни онҳо ҷойгоҳи миёнаро habitatio ишғол мекунад, ки ин муҳим буд, аз ҷумла барои ҳалли масъалаи он, ки оё касе, ки рад карда шудааст, ҳуқуқ дорад, ки татбиқи воқеии ҳуқуқи худро ба дигар шахс гузаронад ва агар дошта бошад, пас, дар кадом ҳаҷм” [9,с.413-414]. Баъдан дар ҳуқуқи Юстиниан, ин масъала ба таври возеҳ ҳал карда шуд: ин як навъи мустақили сервитути шахсӣ аст; бо ин роҳ, қабулкунанда ҳуқуқ пайдо мекард, ки habitatio-ро ба шахси сеюм диҳад.

Масъалаҳои шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар боби 29 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон таҳти унвони “Шартномаи бегона намудани бино бо шарти таъминоти якумра” танзим гардида буданд. Дар асоси моддаи 342 Кодекси мазкур тибқи шартномаи бегона намудани бино бо шарти таъминоти якумра як тараф, ки вобаста ба синну сол ё вазъи саломатӣ ғайриқобили меҳнат мебошад, ҳуқуқи моликиятро ба бино ё қисми он ба шахси дигар (бадастоварданаи молу мулк) медиҳад ва дар иваз бадастоварандаи молу мулк уҳдадор мегардад, ки ба бегонакунанда то вафоти таъминоти моддиро дар шакли асл дар намуди манзил, хӯрок, нигоҳубин ва ёрии зарурӣ пешниҳод намояд. Хусусияти хосси дар мафҳуми болозикр муайяншуда, ки дар замони муосир амал намекунад, ин субъекти махсус будани гирандаи таъминот мебошад. Гирандаи таъминотро Кодекси мазкур танҳо ба шахсони ғайриқобили меҳнат маҳдуд менамояд, аммо чунин талабот дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ҷой надорад. Шартҳои муҳимми шартномаи бегона намудани бино бо шарти таъминоти якумра муайян кардани арзиши бинои бегонашаванда ва намуди таъминоти моддӣ (моддаи 343 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон) ба ҳисоб мерафт.

Ба андешаи М.А. Маҳмудзода ва Б.Т. Худоёрзода, “баъд аз тағйир ёфтани низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҶТ маҳдудиятҳо нисбат ба истифодаи амвол аз ҷониби шаҳрвандон доир ба гирифтани даромад аз байн рафтанд. Имконияти гирифтани даромад аз амвол васеъ гардидааст. Лекин КГ ҶТ назар ба қонунгузории граждании дигар давлатҳои ИДМ танҳо як намуди (шакли) рента – шартномаи якумрӣ бо саробониро ба танзим даровардааст. Худи мафҳуми рента ва инчунин намудҳои он, ба монанди рентаи доимӣ, рентаи якумра берун аз мадди назар монда шудааст” [18,с.58].

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи танзими шартномаӣ диққати асосӣ дода мешавад. "Шартномаи ҳуқуқии гражданӣ ҳаёти муҳими ҷамъиятӣ (вазъи ҳуқуқии шахс, моликият, муомилоти гражданӣ ва ғ.)-ро танзим намуда, устуворӣ ва муайянии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсиро таъмин менамояд. Шартнома асоси муҳими фаъолияти ҳаётии одамонро амалӣ мегардонад - ҳалли масъалаҳои зиндагиро дар асоси ризоят, гуфтугӯ (диалог), иродаи мувофиқ кардашудаи тарафайн ба амал мебарорад. Инчунин шартномаи ҳуқуқии гражданӣ шакли ҳуқуқии таҷассумёбии муносибатҳои иқтисодии мубодилаи мол мебошад. Дар аксари ҳолатҳо маҳз шартнома гузариши неъматҳои моддиро амалӣ месозад. Шартнома динамикаи муносибатҳои молумулкиро таъмин мекунад" [13,с.441]. Бо дар назар доштани муҳиммияти зикршуда шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар доираи қонунгузории мадании танзим карда шудааст.

Дар Кодекси граждании ҶТ аз 11 декабри соли 1999 [4] шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ (боби 32) муайян гардида буд. Дар асоси моддаи 614 Кодекси граждании ҶТ, "мувофиқи шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ шаҳрванд ҳавлии истиқоматӣ, хона ё дигар амволи ғайриманқулеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, ба моликияти пардозандаи саробон, ки ӯҳдадор мешавад ин шаҳрванд ва (ё) шахси сеюми нишондодаи ӯро якумрӣ бо саробонӣ таъмин мекунад, таҳвил медиҳад". Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [1] бошад, мафҳуми расмии шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар қисми 1 моддаи 661 муайян гардидааст. Моддаи мазкур муқаррар менамояд, ки мувофиқи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ шаҳрванд манзили истиқоматӣ ё молу мулки дигари ғайриманқулеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, ба моликияти пардохткунандаи рента месупорад ва ӯ ӯҳдадор мешавад ин шаҳрванд ва (ё) шахси сеюми нишондодаи ӯро якумра бо саробонӣ таъмин намояд.

Таҳлили таърифи расмии шартнома, ки дар қисми 1 моддаи 661 Кодекси мадании ҶТ мавҷуд аст, имкон медиҳад, ки аломатҳои муҳимтарини шартнома ҷудо карда шаванд. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ муносибатҳоро оид ба додани молу мулк ба ҳуқуқи моликият ба расмият медарорад. Мувофиқи қисми 1 моддаи 485 Кодекси мадании ҶТ, шартномае, ки мутобиқи он як тараф бояд барои иҷрои ӯҳдадориаш пардохт ё пешниҳоди дигари мутақобиларо гирад, музднок ба ҳисоб меравад. Гирандаи рента ба гирифтани таъминоти даврави дар шакли моддӣ ё пулӣ умед мебандад. Хусусияти музднокии рента ҳатто бо назардошти муқаррароти қисми 1 моддаи 645 Кодекси мадании ҶТ зери шубҳа гузошта намешавад, ки тибқи он молу мулке, ки барои рента бегона карда мешавад, мумкин аст аз ҷониби гирандаи рента ба моликияти пардохткунандаи рента музднок ё ройгон дода шавад. Шартномаи рента музднок аст, зеро ӯҳдадории муқобил дар пешниҳоди молу мулк ё дигар молҳо ҳатмист. Агар молу мулк барои пардохти рента ройгон дода шавад, пас, шартнома музднок мешавад, зеро дар шакли пардохтҳои рентавӣ ё пешниҳоди маблағ барои нигоҳдорӣ дар шакли дигар (таъмини талабот ба манзил, хӯрок, либос, нигоҳубин, вақтхушӣ ва ғайра) муқаррар карда мешавад.

Дар баробари ин, хусусияти музднокӣ дар шартномаи баррасишаванда махсус аст. Аввалан, таъминот дар тули ҳаёти гирандаи рента, пайваста, бо давраи муайян дода мешавад. Дуюм, музднокии шартномаи рента ва шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ бо пешниҳоди муқобили таваккалӣ (на ба таври баробар муайяншуда) тавсиф карда мешавад.

Ин аломат махсус аст, ки рентаро аз байни дигар шартномаҳои шабеҳ оид ба бегона намудани молу мулк ҷудо мекунад. Хусусияти аҳди таваккалӣ (алеаторӣ) тавре ки Б.Виндшейд қайд мекунад, дар он аст, ки дар он тарафҳо вобаста ба ҳолат кадоме аз тарафҳо манфиат мегиранд ва кадоме аз онҳо зарар мебинанд [10,с.173]. Сохтори шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми пешниҳоди муқобил, ки пардохткунандаи рента бояд таъмин кунад, дар сатҳи нисбӣ муайян карда мешавад, ки номаълум боқӣ мемонад, яъне вақти вафоти гирандаи рента номуайян аст. Ҳамин тариқ, вафот арзиши омили танзимкунандаро касб менамояд [17,с.9]. Вақти вафотро пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст, инчунин, дар лаҳзаи бастани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, андозаи дақиқи таъминоти якумраро тибқи шартнома пешбинӣ кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, хавфи шахси пардохткунанда аз он иборат аст, ки андозаи он метавонад аз арзиши молу мулки ба моликият интиқолшаванда зиёдтар

гардад ва хавфи гирандаи рента аз он иборат аст, ки андозаи таъминот аз арзиши молу мулки пешниҳодшаванда хеле камтар гардида метавонад. Аз ин рӯ, дар Кодекси мадании Фаронса [5] шартномаи тадқиқшаванда дар фасли XII – “Дар бораи шартномаҳои алеаторӣ”, дар қатори бозиҳо, суғурта, қарзи баҳрӣ ҷойгир карда шудааст. Ҳамин тариқ, на танҳо аломати барои муайян кардани моҳияти шартнома муҳим ҷудо карда мешавад, балки диққати иштирокдорон ба мавҷудияти унсури номуайянӣ дар муносибатҳои рентавӣ нисбат ба ҳаҷми таъмин таъкид карда мешавад.

Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ба гурӯҳи шартномаҳо вобаста ба бегона кардани молу мулк мансуб аст. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ шартномаи алоҳидаю мустақили ҳуқуқи маданӣ буда, аз шартномаҳои хариду фурӯш, ҳадя ва дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ бо як қатор аломатҳои хос тафовут дорад. Шартномаи мазкур аз шартномаи ҳадя бо он фарқ мекунад, ки гирандаи рента бар ивази додани молу мулки муайян аз пардохткунандаи рента музд ё пешниҳоди дигари мутақобила мегирад, яъне музднок аст ва умумияти ин шартномаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ба бегона кардани молу мулк равона гардидаанд.

А.В. Барков чунин мешуморад, ки шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ бояд ба шартномаҳои хизматрасонӣ дохил карда шавад. Андешаи муаллиф аз он бармеояд, ки ин шартнома шакли мусоидати иҷтимоиро ба шахсоне, ки дар ҳолати душвори ҳаёт қарор доранд, ифода мекунад. Вай менависад, ки “дар айни замон, дар шароити тағйир додани намунаи сиёсати иҷтимоии давлат, исрор ба эътирофи афзалияти натиҷаи ҳуқуқӣ, ки ба интиқоли молу мулк дар шартнома равона шудааст, нисбат ба натиҷаи кумаки иҷтимоӣ ба шахсоне, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти онҳо ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳадди ақал нобаробар ба назар мерасад ва такмилро талаб мекунад” [8,с.291].

Аммо чунин ба назар мерасад, ки чунин мавқеъ назари каме таҳрифшударо ба моҳияти ин сохтори шартномавӣ нишон медиҳад. Албатта, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ метавонад функсияи иҷтимоиро иҷро кунад, зеро дар бисёр ҳолатҳо он ё бо пиронсолон ё онҳое, ки ба нигоҳубини саломатӣ ниёз доранд, баста мешавад. Дар баробари ин, Кодекси маданӣ муқаррар мекунад, ки гирандаи рента ҳамеша шахси воқеӣ, новобаста ба мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ӯ мебошад. Аз ин рӯ, моҳияти шартномаро ба таъмини ҳаёти ҷисмонии гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ маҳдуд кардан нодуруст хоҳад буд. Иҷрои функсияи нигоҳдории шаҳрвандон набояд танҳо ҳамчун роҳи пешниҳоди муқобил, ки дар ивази интиқоли молу мулки ғайриманқул ба моликият амалӣ карда мешавад, фаҳмида шавад. Ин равиш ба муайян кардани моҳияти шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ рақобати онро бо дигар падидаҳое, ки бевосита ба таъмини нигоҳдории шаҳрвандони категорияҳои гуногун равона шудаанд, истисно мекунад. Масалан, расондани хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон дар ҳолати беморӣ, пиронсолӣ ва дигар ҳолатҳои душвори зиндагӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ” аз 5 январи соли 2008, №359 [3] амалӣ карда мешавад. Дар асоси моддаи 1 Қонуни мазкур хизматрасонии иҷтимоӣ ин маҷмуи хизматҳои иҷтимоии марбут ба фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ дар бобати дастгирии иҷтимоӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонишиносию педагогӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, хизматҳои дигар ва кумаки моддӣ, мутобиқшавӣ ва офияти иҷтимоии шаҳрвандон мебошад, ки дар ҳолати душворӣ зиндагӣ қарор доранд. Ҳолати душвори зиндагӣ ҳолате аст, ки фаъолияти муътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки ӯ мустақилона аз он баромада наметавонад, аз ҷумла маъюбӣ, пиронсолӣ, беморӣ, оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории касбӣ, аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ, набудани ҷойи муайяни истиқомат, вобастагии бардавоми руҳӣ, оқибати зӯроварӣ ва ё ҳолатҳое, ки ҳаётро зери хатар мегузоранд, ҳолати дигари душвори зиндагӣ.

Ҳамчунин, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 [2] шаклҳои гуногуни таъминотро муайян менамояд. Масалан, аз ҷониби волидон фарзанди ноболиғи худро таъмин намудан (моддаи 82), таъмини фарзандони болиғи ғайриқобили меҳнат (моддаи 85), таъмини моддии ҳамдигарии зану шавҳар (моддаи 90) ва ғайра.

Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ аз падидаҳои дар боло баррасишуда фарқ мекунад. Он шартномаи ҳуқуқии мадание мебошад, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиён дар бораи додани молу мулк ба моликият бо шартҳои таъминот буда, ки объекти он ва тартиби додани он аз ҷониби тарафҳои шартнома мустақилона, бидуни иштироки мақомоти ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад. Илова бар ин, Кодекси мадании ҶТ ба фарқ аз Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз соли 1963, дар бораи таркиби махсуси субъективӣ оиди дар шартнома иштирок намудани нафақахӯрон, маъюбон, шахсони танҳо, нотавон ва дигар шахсоне, ки ба кумаки иҷтимоӣ ниёз доранд, ишора намекунад.

Вобаста ба ин, дар адабиёти илмӣ [12,с.306] андешаҳое ҷой дорад, ки дар асоси он ба пуррагӣ розӣ шудан ғайриимкон аст, масалан, шартномаи мавриди назар ба воситаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дохил мешавад.

Шартномаи рента аз шартномаи хариду фурӯш бо хусусияти музде, ки ба гирандаи рента барои молу мулки бегонакардааш дода мешавад, фарқ менамояд. Мувофиқи шартномаи хариду фурӯш, харидор нархи муайяни молро (аз ҷумла, молҳоеро, ки бо нақшаи тақсимшуда фурӯхта мешавад) пардохт менамояд. Ба ҳамин монанд, тибқи шартномаи мубодила, бегона кардани мол аз ҷониби тарафҳо барои пардохти муайяни пешакии ҳисобшуда амалӣ карда мешавад.

Дар шартномаи рента бошад, маблағи пардохти рентавӣ, ки ба гирандаи рента дода мешавад ё арзиши воситаҳои ба гиранда таъминшаванда номуайян аст, зеро уҳдадории пардохти рента ё ба муҳлати номуайян (рентаи доимӣ) ё дар тули ҳаёти гирандаи рента (рентаи якумра) амал менамоянд. Аз ин рӯ, шартномаи рента ба гурӯҳи шартномаҳои таваккалӣ мансуб мешавад.

Бо назардошти шабоҳат доштани шартномаи таъминоти якумрӣ қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш нисбат ба қисме аз муносибатҳои шартномавии рентавӣ метавонанд татбиқ карда шавад. Агар шартномаи рента молу мулкро музднок муқаррар намояд, дар ин маврид муносибати байни тарафҳо оид ба додан ва пардохт қоидаҳои хариду фурӯш (боби 35 Кодекси мадании ҶТ) татбиқ мешаванд, агар ҳолати дигар дар қоидаҳои боби мазкур муқаррар нашуда бошад ва ба моҳияти шартномаи рента мухолифат надошта бошад (қисми 2, моддаи 645 Кодекси мадании ҶТ).

Доир ба хусусиятҳои шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ М.А. Маҳмудзода ва Б.Т. Худоёрзода қайд менамоянд, ки "аз мазмуни шартномаи мазкур бармеояд, ки муносибати шартномавӣ байни шаҳрванд ва пардозандаи саробон ба вуҷуд меояд ва таъминоти якумрӣ бо саробонӣ нисбати шаҳрванд муқаррар карда мешавад. Пас, шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи гирифтани чунин таъминро надоранд. Моликияти ба пардозандаи саробон таҳвилшаванда танҳо амволи ғайриманқул буда метавонад. Яъне, амволи манқул, ба монанди коғазҳои қиматнок, автомобил ва монанди он объекти ин шартнома шуда наметавонад. Нисбати намуди моликияти ғайриманқул ҳамчун объекти шартномаи мазкур ягон монеа ҷой надорад" [18,с.59].

Дар адабиёти илмӣ оид ба табиати ҳуқуқии реалӣ ё консенсуалӣ доштани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ андешаи ягона мавҷуд нест. Баъзе муҳаққиқон [14,с.24-26] шартномаи рентаро реалӣ эътироф менамоянд, яъне шартномаи реалӣ дар қисмати пардохти рентавӣ ҳисобида мешавад. Ба ақидаи муаллифони дигар [20,с.19-20], шартномаи рента бояд консенсуалӣ бошад, яъне бояд қоидаи «уҳдадор аст, диҳад»-ро фарогир бошад. Гурӯҳи сеюми муаллифон [11, с.13] чунин мешуморанд, ки шартномаи рента вобаста ба объекти додашаванда метавонад ё реалӣ ё консенсуалӣ бошад.

Ф.С. Сулаймонов чунин андеша дорад, ки "шартномаи рента шартномаи реалӣ ва музднок мебошад. Моҳияти ин шартнома дар таҳвили молу мулк аз як тараф ба моликияти тарафи дигар ва гирифтани пардохтҳои мунтазам (ё таъминоти якумрӣ ба саробонӣ) мебошад" [19,с.59]. Дар робита ба масъалаи мазкур М.М. Соҳибзода ва Б.С. Шерзода қайд менамоянд, ки "шартномаи рента шартномаи консенсуалӣ мебошад, зеро аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо ва дар шакли дахлдор (хаттии нотариалӣ) ба расмият даровардани шартнома, он басташуда эътироф гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад. Шартномаи рентаро шартномаи реалӣ эътироф кардан на он қадар дуруст мебошад, чунки аз лаҳзаи бастан тарафҳои ин шартнома бояд ҳуқуқу уҳдадориҳои

худро амалӣ намоянд. Аз ҷумла, пардохткунандаи рента бояд дар доираи шартҳои шартнома гирандаи рентаро бо пардохти рентавӣ аз лаҳзаи бастани шартнома таъмин намояд” [15,с.311].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба дигар хусусиятҳои ҳуқуқии шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ низ диққат дода мешавад. Аз ҷумла, хусусияти махсуси муносибатҳои байни гирандаи рента ва пардохткунандаи таъминот қайд карда мешавад. Аз рӯи ин аломат, таъминоти якумра бо саробонӣ ба гурӯҳи аҳдҳои фидутсиарӣ, яъне шахсӣ-боваринок дохил мешавад. Иҷрои шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ҳамкории доимии шахсии иштирокдоронро дар бар мегирад. Таъминоти тибқи шартнома пешниҳодшаванда аксар вақт аз таъминот, нигоҳубин, кумак иборат аст, аз ин рӯ, шахсияти пардохткунандаи рента аксар вақт барои қабулкунандаи рента аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Дар робита ба ин, ба андешаи Д.В. Алтухов розӣ шудан душвор аст, зеро вай чунин мешуморад, ки “хусусияти шахсии уҳдадории дар асоси он бавуҷудомада танҳо бо шахсияти қабулкунандаи рента алоқаманд аст ва шахсияти пардохткунандаи рента аҳаммияти муҳим надорад” [7,с.155].

Бояд қайд кард, ки шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ як сохтори беназири ҳуқуқӣ мебошад, ки аз як тараф, имкон медиҳад, ки молу мулки ғайриманқул ба муомилот ворид карда шавад ва аз тарафи дигар, талаботи шахсони воқеиро на танҳо ба пули нақд, балки ба нигоҳубин низ қонеъ гардонад. Дар ин ҳолат арзиши шартнома маҳз дар он аст, ки он ба ноил шудан ба ду ҳадафи зикршуда дар як вақт равона карда шудааст: ҳам гузариши ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул ва ҳам гирифтани таъминоти бо ин молу мулк таъминшуда.

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар қонунгузории маданӣ давра ба давра ташаккул ёфта, он барои қонеъ намудани талаботи шахсони воқеӣ аҳаммияти муҳим дорад. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ хусусияти таваккалӣ, шахсию ба боварӣ асосёфта дорад ва дилхоҳ шахси воқеӣ (новобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол ва ғайра) ҳамчун гирандаи таъминот дар шартномаи мазкур иштирок карда метавонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022 – №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
2. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ” аз 5 январи соли 2008. - №359 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.11.2023).
5. Гражданский кодекс Франции. [Электронньй ресурс]. URL: https://pnu.edu.ru/ru/faculties_old/full_time/isptic/iogip/study/ studentsbooks/histsources2/igpzio49/ (дата обращения:10.11.2023 г.).
6. Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 140 с.
7. Алтухов Д.В. К вопросу о прекращении договора пожизненного содержания с иждивением / Д.В. Алтухов // Инновационная наука. - 2017. № 5 – С. 155-157.
8. Барков А. В. Договор как средство правового регулирования рынка социальных услуг / А.В. Барков. – М., 2008. – 291 с.
9. Барон Ю. Система римского гражданского права: в 6 кн. -С.-Пб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2005. – 1100 с.
10. Виндшейд Б. Об обязательствах по римскому праву / Б. Виндшейд. – СПб., 1875. – 412 с.
11. Ем В.С. Договор ренты /В.С.Ем// Законодательство. – 1999. – №5. – С. 8-14.
12. Ключникова Я.А. Договор пожизненного содержания с иждивением как инструмент социальной защиты населения / А.Я. Ключникова // Правовые проблемы развития социальной сферы в Российской Федерации: доклады, сообщения V Междунар. конф., г. Москва, 14 апр. 2005 г. М., 2005. – С. 305-307.
13. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 (китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов, Ғаффорзода И.Ғ. – Душанбе: “Донишварон”, 2017. – 500 с.
14. Романец Ю.В. Рента и пожизненное содержание с иждивением/ Ю.В. Романец // Рос. юстиция. – 1998. – №6. – С. 24-26.

15. Санфилиппо Ч. Курс римского частного права / пер. с итал. И.И. Маханькова. -М.: Норма, 2008. – 464 с.
16. Соҳибзода М.М. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – 447 с.
17. Султонова Т.И. Регулятивное значения случая в алеаторных договорах / Т.И. Султонова // Науч. журн. КубГАУ. 2014. № 100 (6).
18. Ҳуқуқи граждани̅ қисми 2. Китоби дарси̅. Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе. 2003. – 500 с.
19. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарси̅. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, ЭР-граф, 2014. – 424 с.
20. Цыбуленко З.И. Рента и пожизненное содержание с иждивением / З.И. Цыбуленко // Рос. юстиция. – 1998. – №7. -С. 19-21.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

Қонунгузории маданӣ на танҳо ба таъмини инкишофи муомилоти молумулкӣ равона гардидааст, балки фарогири меъёрҳое мебошад, ки ба таъмини шароити мусоид барои зиндагии шоистаи шахсони воқеӣ равона гардидаанд. Шаҳодати ин танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримоумулкӣ, инчунин кафолати падидаҳои шартномавӣ, ба монанди шартномаи рента ва таъминоти якумра бо саробонӣ мебошад. Дар айни замон, талабот ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои рентавӣ бо сабаби пайдоиш ва ташаккули онҳо дар ҳаёти воқеӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҷанбаи иқтисодии категорияи муайяни одамон чунин аст, ки амалияи бастани шартномаҳои рентаи якумра ва таъминоти якумра бо саробонӣ ба онҳо вобастагӣ дорад. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ таърихан дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, зина ба зина ба таври васеъ танзим гардида истодааст. Шартномаи мазкур як намуди шартномаи рента ба ҳисоб меравад. Баъди қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар қатҳи баланд гардид, зеро масълаҳои умумӣ доир ба шартномаи рента, ки метавонанд нисбат ба шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ татбиқ гарданд, танзим карда шуд. Мақолаи мазкур фарогири васеи масъалаҳои ба шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ алоқаманд, ба монанди мафҳум ва тавсифи умумии таърихи пайдоиш ва ташаккули шартномаи мазкур, хусусиятҳои хоси шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, инчунин шабоҳат ва тафовути он аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба риштаи таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** уҳдадорӣ, шартнома, шартномаҳо вобаста ба бегона кардани молу мулк, шартномаи рента, шартномаи рентаи якумра, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, тавакал, мазмуни шартнома, шартномаи консенсуалӣ, шартномаи реалӣ, гирандаи таъминот, пардохткунандаи таъминот, шартномаи ба боварӣ асосёфта, сервитут, тавакалӣ будани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ДОГОВОРА ПОЖИЗНЕННОГО СОДЕРЖАНИЯ С ИЖДИВЕНИЕМ В ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

Гражданское законодательство направлено не только на обеспечение развития имущественного оборота, но и охватывает нормы, направленные на обеспечение благоприятных условий для достойной жизни физических лиц. Свидетельством этого в гражданском законодательстве является регулирование личных неимущественных прав, а также гарантия договорных институтов, таких как договор ренты и пожизненное обеспечение иждивением. В настоящее время требования к правовому регулированию отношений ренты значительно возросли в связи с их возникновением и формированием в реальной жизни. Экономический аспект той или иной категории людей заключается в том, что от них зависит практика заключения договоров пожизненной ренты и пожизненного содержания с иждивением. Договор пожизненного содержания с иждивением исторически закреплен в законодательстве и постепенно регулируется соответствующим образом. Данный договор считается одним из видов договора ренты. После принятия Гражданского кодекса Республики Таджикистан вопросы, связанные с договором пожизненного содержания с иждивением, были подняты в разряде, так как были установлены общие вопросы по договору ренты, которые могут применяться к договору пожизненного содержания с иждивением. В данной статье анализируется широкий охват вопросов, связанных с договором пожизненного содержания с иждивением, таких как понятие и общее описание истории возникновения и формирования настоящего договора, особенности договора пожизненного содержания с иждивением, а также его сходства и отличия от других гражданско-правовых договоров.

**Ключевые слова:** обязательство, договор, договор об отчуждении имущества, договор ренты, договор пожизненной ренты, договор пожизненного содержания с иждивением, риск, содержание договора, консессуалный договор, реальный договор, получатель содержания, плательщик содержания, фидуциарный договор, сервитут, алеаторный договор.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF A LIFELONG MAINTENANCE CONTRACT WITH A DEPENDENT IN CIVIL LAW

Civil legislation is aimed not only at ensuring the development of property turnover, but also covers norms aimed at providing favorable conditions for a decent life for individuals. Evidence of this in civil legislation is the regulation of personal non-property rights, as well as the guarantee of contractual institutions such as an annuity agreement and lifelong dependency provision. Currently, the requirements for the legal regulation of rent relations have increased significantly due

to their emergence and formation in real life. The economic aspect of one or another category of people is that the practice of concluding contracts for life rent and lifelong maintenance with a dependent depends on them. The contract of lifelong maintenance with a dependent is historically fixed in legislation and is gradually regulated accordingly. This agreement is considered to be one of the types of rent agreement. After the adoption of the Civil Code of the Republic of Tajikistan, issues related to the contract of lifelong maintenance with a dependent were raised in the category, as general issues under the rent agreement were established that can be applied to the contract of lifelong maintenance with a dependent. This article analyzes a wide range of issues related to the contract of lifelong maintenance with a dependent, such as the concept and general description of the history of the emergence and formation of this contract, the features of the contract of lifelong maintenance with a dependent, as well as its similarities and differences from other civil law contracts.

**Keywords:** obligation, contract, property alienation agreement, rent agreement, lifetime rent agreement, lifetime maintenance agreement with a dependent, risk, contract content, consensual agreement, real contract, maintenance recipient, maintenance payer, fiduciary agreement, easement, aleatory agreement.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаффорзода Илёс Ғаффор*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 943 77-77-77**
***Амонзода Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-93-33-33**

**Сведения об авторах:** ***Гаффорзода Ильяс Гаффор*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 943 - 77-77-77**
***Амонзода Баходур*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-93-33-33**

**Information about the authors:** ***Gafforzoda Ilyas Gaffor*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor of the Department of Civil Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 943 - 77-77-77**
***Amonzoda Bahodur*** – Tajik National University, applicant for the Department of Civil Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-93-33-33**

ТДУ: 347.4(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА УНСУРҲОИ АСОСИИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

***Ғаюрзода Ш.К., Хоҷамуродов Д.Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз намудҳои шартномаи хизматрасонии музднок дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мебошад, ки дар боби 43 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) [1] ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим карда шудааст. Шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ чунин созиши дутарафае мебошад, ки тибқи он иҷрокунанда (соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки хизматрасонии байториро мерасонад) уҳдадор мешавад, ки хизмати байториро сифатнок, дар ҳаҷм ва намуди муайяншуда расонад ва фармоишгар (соҳибони ҳайвонот, ки ба хизмати байторӣ эҳтиёҷ доранд) уҳдадор мешавад, ки барои сифатнок расонидани хизмат мусоидат намояд ва музди онро пардохт намояд.

Ҳар як шартномаи ҳуқуқи мадани̇̄, аз ҷумла шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ дорои унсурҳои хос буда, унсурҳои асосии он тарафҳо, мавзуъ, нарх, муҳлат ва ғайраро номбар намудан мумкин аст.

Унсури аввалини шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ тарафҳои он мебошад. Шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ дутарафа буда, тарафи якуми он иҷрокунанда мебошад. Иҷрокунанда– ташкилоти байторӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият ва соҳибкори инфиродие мебошад, ки ба фармоишгар хизмати муздноки байториро дар асоси иҷозатнома ва шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мерасонад.

Тарафи дуюми шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ фармоишгар мебошад. Ба сифати фармоишгар Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010 таҳти №674 «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»-ро (қ.1 м.37) [2] номбар менамояд. Банди 5 «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015 таҳти №66 тасдиқ шудааст [4], ба сифати фармоишгар истеъмолкунандаро номбар менамояд. Мафҳуми истеъмолкунанда дар моддаи 1 Қонуни ҶТ аз 09 декабри соли 2004 таҳти №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» оварда шудааст: "Истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд" [3]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ андешае вуҷуд дорад, ки дар баъзе шартномаҳои хизматрасонӣ, бояд танҳо шахси воқеӣ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф карда шавад. Масалан, Н.В. Иванюхина қайд менамояд, ки «барои он ки шартномаи хизматрасонӣ ҳамчун оммавӣ эътироф карда шавад, зарур аст, ки танҳо шахси воқеӣ ҳамчун истеъмолкунанда баромад кунад. Ҳолати мазкур, чун қоида, дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ рӯй медиҳад. Ин аз он сабаб аст, ки чунин хизматрасониҳо аз рӯйи хусусияти худ, пеш аз ҳама, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ нигаронида шудаанд. Шахсони ҳуқуқӣ бошанд, танҳо дар робита ба фаъолияти соҳибкории худ ба хизматрасонии байторӣ муроҷиат мекунанд ва бо доштани имконияти интихоби иҷрокунанда ба ҳимояи махсус эҳтиёҷ надоранд, балки метавонанд аз усулҳои ҳимояи умумии муносибатҳои озоди иқтисодӣ истифода баранд» [8, с.68-69]. Ба ин андеша розӣ шудан душвор аст, зеро дар шароити кунунӣ шахсони ҳуқуқӣ ба хизматрасонии байторӣ эҳтиёҷ доранд ва бояд манфиати онҳо ҳамчун истеъмолкунанда ҳифз карда шавад. Гузашта аз ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09 декабри соли 2004 таҳти №72 [3] ба сифати истеъмолкунанда дар баробари шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқиро низ эътироф менамояд. Мо мавқеи қонунгузорро ҷонибдорӣ менамоем ва ба истеъмолкунанда дар шартномаи хизматрасониҳои муздноки байторӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони

ҳуқуқиро дохил менамоем. Гарчанде эътирофи шахсони ҳуқуқӣ ба чунин сифат баҳснок мебошад [17,с.8-9].

Ҳамин тавр, тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар (истеъмолкунанда) мебошанд.

Истеъмолкунанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра (ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад), хизматрасонии музднoки байториро фармоиш медиҳад. Бо мақсади мушаххас шудани мафҳуми фармоишгар пешниҳод менамоем, ки дар банди 5 «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми истеъмолкунанда, ки дар боло пешниҳод намудем, дар сархати нав илова карда шавад.

Дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ чун дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавзуи шартнома унсури дигари шартнома мебошад. Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байториро хизматрасониҳои ғайримоддӣ ташкил медиҳад. Натиҷаи фаъолияти иҷрокунанда ва он натиҷаеро, ки фармоишгар дидан мехоҳад, фарқ кардан лозим аст. Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 859 КМ ҶТ «амалҳои муайяне, ки ба мазмуни уҳдадорӣ мутобиқанд» [1] мавзуи шартномаи хизматрасонии музднок муқаррар шудаанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор нуқтаҳои назар оид ба мавзуи шартномаи хизматрасонии музднок вуҷуд доранд. Гурӯҳи муаллифон мавзуи шартномаи хизматрасонии музднокро ҳамчун «амалҳо» ё «анҷом додани фаъолияти муайян» [5,с.5; 13,с.130] баррасӣ мекунанд, дигарон, бевосита «хизмат» [19,с.157-158; 15,с.13; 10,с.66 ], «ҳамчун фаъолияте, ки натиҷаи он шакли ашёӣ надорад» [19,с.158-159] ва инчунин нуқтаи назари дигар, ки мавзуи шартномаи хизматрасонии музднокро «таъсири судманди фаъолияти хизматрасон» [18,с.32] ташкил медиҳад. Аз таҳлили адабиёти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки мавзуи шартномаи хизматрасонии музднокро «хизмат» ташкил медиҳад, ки дар содир намудани амали муайян ва ё «иҷрокунии фаъолияти муайян» [16,с.363; 14,с.315] аз ҷониби иҷрокунанда ифода меёбад. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ – «хизматрасонии байторӣ» мебошад, ки дар «содир намудани амали муайян» ва ё «иҷронамоии фаъолияти муайян» аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфтааст. Д.Ш.Сангинов қайд менамояд, ки «мавзуи шартномаи хизматрасонии байторӣ чунин хизматрасониҳо буда метавонанд: ҳифзи ҳудуди соҳибони ҳайвонот аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла, паранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ ва ғайра) аз ҳудуди дигар давлатҳо ё минтақаҳои карантинӣ; пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои сирояткунанда, инвазионӣ ва ғайрисироятии ҳайвонот; назорати истеҳсол ва фурӯши маҳсулоту ашёи хоми аз ҷиҳати байторӣ хушсифати ҳайвонот; ҳифзи соҳиби ҳайвонот аз бемориҳои умумии ҳайвонот ва инсон; муайян намудани тартиб ва назорати ҷойивазкунӣ, содирот ва воридоти ҳайвонот, маҳсулот ва ашёи хоми ҳайвонот, маводи байторӣ, хӯрок ва иловаҳои хӯрокаи ҳайвонот; экспертизаи байторию санитарии маҳсулот ва ашёи хоми ҳайвонот, инчунин маҳсулоти растанӣ; манъ намудани воридоти **маҳсулоте,** ки дар он нумӯяҳои биологӣ, антибиотикҳо, маводи гармонӣ бо мақсади суръатбахшӣ ва афзоиши маҳсулнокии ҳайвонот истифода шудаанд; таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок оид ба пешгирӣ ва барҳамдиҳии бемориҳои махсусан хавфноки ҳайвонот; таҳияи барномаҳо оид ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи байторӣ, истеҳсоли доруворӣ барои ташхис, пешгирӣ ва табобати ҳайвонот, ташкили корҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои байторӣ» [11,с.151-152]. Дар ин ҷо Д.Ш.Сангинов мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байториро бо ба инобат гирифтани намудҳои алоҳидаи хизматрасонии байторӣ ба таври васеъ пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ- хизматрасонии байторӣ мебошад, ки дар содир намудани амали муайян ва ё иҷрои фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, баҳри пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст.

Унсури дигари шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ нарх дар шартнома мебошад. Дар боби 43 КМ ҶТ оид ба нарх дар шартномаи хизматрасонии музднок сухан намеравад. Аз ин рӯ, дар ин самт қоидаҳои умумиро оид ба нарх, ки КМ ҶТ муқаррар

намудааст, татбиқ намудан мумкин аст. Дар моддаи 486 КМ ҶТ омадааст, ки нарх дар шартнома бо созиши тарафҳо озодона муқаррар ва тағйир дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад [1]. Моддаи 811 КМ ҶТ низ муқаррар намудааст, ки нархи кор дар шартномаи паймонкории маишӣ тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар гардида, наметавонад аз нархи дар нархнома эълоннамудаи паймонкор болотар бошад [1]. Дар банди 12 «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки шаклҳои пардохти хизматрасонӣ бо созишномаи байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда мутобиқи нархномаҳои хизматрасониҳои байторӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори байтории Вазорати кишоварзии ҶТ тасдиқ гардида, бо Хадамоти зиддиинҳисориии назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа шудааст, муайян карда мешавад [4]. Бо дарназардошти ин меъёрҳо, гуфтан мумкин аст, ки муайян намудани нарх ҳамчун як унсури калидии ин шартнома бояд ба принсипи озодии шартнома мувофиқ бошад, инчунин заминаи сатҳи баланди сифати хизмати байторӣ буда, бояд ҳуқуқ ва озодиҳои истеъмолкунандаро вайрон накунад [9,с.18-19].

Мувофиқи қ.3 м.486 КМ ҶТ, агар дар шартномаи музднок нарх пешбинӣ нагардида бошад ва бинобар шарти шартнома муайян шуда наметавонад, иҷрои шартнома бояд бо нархе пардохта шавад, ки дар чунин ҳолатҳо одатан барои ин гуна мол ва кору хизматрасонӣ гирифта мешавад [1]. Аз муқаррароти ин меъёр метавон ба хулосае омад, ки иҷрокунанда ва фармоишгар ҳамчун тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд мустақилона нархи хизматрасонии байториро муқаррар кунанд. Ҳамзамон, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки нархҳои хизматрасонии байториро санадҳои меъёрии сатҳи гуногун танзим мекунанд. Дар асоси қ.2 м. 486 КМ ҶТ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нархҳои муқаррар ё танзимнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода мешаванд» [1]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки мақомоти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун мақомоти танзимкунанда метавонанд ба танзими нархҳо дар расонидани хизмати муздноки байторӣ таъсир расонанд. Ташкилотҳо ё соҳибкорони инфиродӣ, ки хизматрасонии муздноки байторӣ мерасонанд, бояд дорои нархномаи хизматрасонӣ бошанд, ки бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа шудааст. Ташкилотҳои байторӣ дар ҶТ амалкунанда муқаррароти ин талаботро ҳангоми муайян намудани нархи хизматрасонии байторӣ ҳамчун дастур ба назар мегиранд. Аммо, азбаски хароҷоти як ташкилоти байторӣ, ки нархи ниҳоии хизматрасонии байториро ташкил медиҳад, метавонад гуногун бошад (вобаста ба хароҷоти таъмир, нигоҳдорӣ, хариди таҷҳизот ва ғайра), пас нархи ҳамон як хизмати байторӣ дар ташкилотҳои байторӣ метавонад гуногун бошад.

Дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ унсури дигар муҳлат дар шартнома мебошад. Дар боби 43 КМ ҶТ муҳлати иҷрои хизматрасонии муздноки байторӣ нишон дода нашудааст. Ҳамзамон, тибқи моддаи 361 КМ ҶТ муқаррарот дар бораи муҳлати иҷрои уҳдадорӣ мавҷуд аст, ки мутобиқи он, агар уҳдадорӣ рӯзи иҷро ё давраи муҳлатеро, ки дар ҷараёни он уҳдадорӣ бояд иҷро шавад, пешбинӣ намуда бошад, ё барои муайян намудани он имкон диҳад, уҳдадорӣ бояд дар ҳамон рӯз ё мувофиқан дар лаҳзаи ҳамон давра иҷро карда шавад. Дар ҳолатҳое, ки уҳдадорӣ муҳлати иҷроро пешбинӣ накунад ва шартҳои муайян кардани чунин муҳлатро надошта бошад, он бояд дар муҳлати муайяни баъди ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ иҷро карда шавад. Уҳдадорие, ки дар муҳлати муайян иҷро карда нашудааст, ҳамчунин уҳдадориеро, ки муҳлати иҷрои он бо лаҳзаи пешниҳоди талабот муайян шудааст, қарздор уҳдадор аст дар давоми ҳафт рӯз аз рӯзи талаб кардани кредитор иҷро намояд, агар дар муҳлати дигар иҷро кардани уҳдадорӣ аз қонунгузорӣ, шарти уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ барнаояд [1]. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар сурати муайян набудани муҳлати иҷрои хизматрасонӣ дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, иҷрокунанда уҳдадор аст дар муҳлати оқилонаи баъди бастани шартнома, уҳдадорияшро иҷро намояд.

Муайян кардани муҳлати хизматрасонии байторӣ на ҳамеша имконпазир аст. Муайян намудани муҳлат метавонад вобаста ба намудҳои хизматрасонии байторӣ фарқ намояд. Масалан, ҳангоми табобати ҳайвонот дар муайян намудани муҳлат, омилҳои зиёд таъсир мерасонанд ва ин, пеш аз ҳама, аз вазъи саломатии ҳайвонот ё дигар шароити ҳаёт

вобаста бошад. Вақти пешниҳоди хизмати байторӣ, муҳлат дар асоси вазъи саломатии ҳайвонот, мушкилоти эҳтимолӣ, мураккабии амалҳо оид ба табобат ва омилҳои дигар муайян карда мешавад. Омилҳои болозикр дар баҳси байни соҳиби саги зоти «Гриффони Брюссели» ва клиникаи байтории «24 соат» нақши ҳалкунанда доранд [6]. Аз даъвои соҳиби саг бармеояд, ки ӯ ба ҷавобгар дар хусуси қабули таваллуди сагҳои навзод муроҷиат намудааст. Дар натиҷаи хизматрасонии бесалоҳиятонаи ҷавобгар, ба андешаи даъвогар, саги ҳомиладор баъд аз таваллуди чор сагча (ду нафарашон мурда таваллуд шуданд), вафот мекунад. Ҷавобгар бошад, чунин айбдоркуниро беасос номида, исбот мекунад, ки дар дармонгоҳи байторӣ таваллуди ду сагча тибқи меъёри амалкунанда дуруст анҷом дода шуд. Шахсони дар баррасии парванда ҳамчун мутахассис ҷалбшуда (мутахассисони Раёсати байниминтақавии Хадамоти Федералии назорати давлатии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ш. Севастопол ва Кумитаи давлатии байтории Ҷумҳурии Қрим) хулоса доданд, ки дар амалиёти қабули тифлони саги бордор талаботҳои байторӣ вайрон нашудаанд. Дар хулосаи Маркази ташхиси криминалистии ш. Симферопол зикр шудааст, ки ҳангоми қабули таваллуди сагчаҳои навзод меъёрҳои амалкунандаи байторӣ аз ҷониби байторон риоя шудаанд. Сабаби беҳолу бемадор гардидани саги таваллуднамуда, худсарии даъвогар мебошад, ки бе тавсияи байторон тавассути сӯзандору ва бе риояи тартиботи ҷойдошта ба саг антибиотики «Цефтриаксон» ворид намудааст. Ташхиси коршиносон исбот намуд, ки ворид намудани чунин антибиотик ба саги таваллудкарда бе тавсияи байторон, бе риояи талаботҳои байторӣ анҷом дода шудааст. Ҳамин тавр, суд дар асоси моддаи 194-199 КММ ФР даъвои соҳиби сагро рад намуд. Ба андешаи мо, худсарии соҳиби саг боиси талафоти он гардид. Чунин муносибат ба принсипи инсондӯстӣ муносиб нест [12,с.13].

Вобаста аз намуди хизматрасонии байторӣ муҳлат бояд муайян карда шавад:

– санае, ки иҷрокунанда бояд ба расонидани хизмат шуруъ кунад, дар ҳоле ки тарафҳо тибқи мувофиқа метавонанд вақти пешниҳоди ин хизматрасониро нишон диҳанд;

–муҳлате, ки дар он хизмати байторӣ расонида мешавад.

Стандартҳои то имрӯз таҳияшуда (масалан, ташхис ва табобати беморони ҳорӣ, ташхис ва табобати он) истилоҳотеро дар бар мегиранд, ки давомнокии табобатро ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ин истилоҳот бояд ҳадди ақал ҳисобида шаванд, зеро вобаста аз вазъи саломатии ҳайвонот, давомнокии хизмат гуногун буда метавонанд [7,с.37].

КМ ҶТ имконияти пеш аз муҳлат иҷро намудани уҳдадориҳоро пешбинӣ мекунад. Дар моддаи 363 КМ ҶТ омадааст, ки қарздор ҳуқуқ дорад, уҳдадории худро то фаро расидани муҳлат иҷро намояд, агар аз қонунгузорӣ, шартҳои уҳдадорӣ ё моҳияти он тартиби дигар барнаояд [1]. Ба андешаи мо, ин муқаррарот метавонад нисбат ба шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ татбиқ карда шавад. Масалан, вақте ки давраи барқарорсозӣ пас аз табобат барои фармоишгар хуб мегузарад ва иҷрокунанда хизматро пеш аз муҳлат мерасонад, табиист, ки ин иҷрои пеш аз муҳлати хизматрасониро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили унсурҳои шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки унсурҳои асосии ин шартнома тарафҳо, мавзуъ, нарх ва муҳлат дар шартнома мебошанд.

Тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар (истеъмолкунанда) мебошанд. Истеъмолкунанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра (ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошад), хизматрасонии музднокии байториро фармоиш медиҳад. Бо мақсади мушаххас шудани мафҳуми фармоишгар пешниҳод менамоем, ки дар банди 5 «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми истеъмолкунанда, ки дар боло пешниҳод намудем, дар сархати нав илова карда шавад.

Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ- хизматрасонии байторӣ мебошад, ки дар анҷом додани амали муайян ва ё иҷрои фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, баҳри пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст.

Нарх дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ бо созиши байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда мутобиқи нархномаҳои хизматрасониҳои байторӣ, ки бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа шудааст, муайян карда мешавад.

Муҳлат дар шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ бо созиши байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда муайян карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918. [Манбаи электронӣ]. URL: www.mmk.tj. (санаи муроҷиат: 10.09.2023).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29.12 соли 2010, № 674 (бо таҳ. Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 с. // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 833; с. 2012, №7, мод. 704; с. 2016, №11, мод. 880.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 09.12 соли 2004, №72 //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1498. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12.2021).
4. «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.12. 2021).
5. Гражданское право: В 2 т. Т. 2. Полутом 2: Учебник/отв. ред. проф. Е.А. Суханов. 2-е изд., перераб. и доп. -М.: 2000. (автор гл. 43 Шерстобитов А.Е.). – 632с.
6. Железнодорожный районный суд города Симферополя (Республика Крым). Решение № 2 – 137/ 2019 от 18 июля 2019 года по делу № 2 – 137/2019 // [Электронный ресурс]. URL: https: // sudact.ru / regular/ doc/klropvce6wbx (дата обращения: 18. 01 соли 2024.).
7. Зворыкина Т.И. Техническое регулирование в сфере услуг / Т.И. Зворыкина // Стандарты и качество. – 2005. - №3. –С.34-43.
8. Иванюхина, Н.В. Правовое регулирование договорных отношений по оказанию ветеринарных услуг: на примере города Москвы: дис. ... Канд. Юрид. Наук: 12. 00. 03 / Наталья Владимировна Иванюхина. -М., 2009. -168 с.
9. Кулагин М.И. Защита интересов потребителей и развитие современного французского права // Гражданское, торговое и семейное право капиталистических стран. Сб. норматив. актов. Обязательственное право. -М., 1989. –С.16-21.
10. මародумов Р.Н. К вопросу о понятии договора возмездного оказания услуг// Межвузовская конф. студентов и молодых ученых г. Волгограда и Волгоградской области. -Волгоград, 12-15 ноября 2002 г.: Тезисы докладов. Волгоград, 2003. Право и юриспруденция. Вып. 2. –С.54-68.
11. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: Ғаюров Ш.К., Сулаймонов Ф.С. -Душанбе: Эр-граф, 2014. -424 с.
12. Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: автореф. дис. номз. илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 01. – Душанбе, 2022. – 34 с.
13. Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений по возмездному оказанию услуг. Монография. – Набережные Челны: 2003. –234с.
14. Степанов Д.И. Услуга как объект гражданских прав: дис....канд. юрид. наук. -М., 2003. – 315 с.
15. Фетюхин М.И., Фетюхин Ю.М., Хабаров А.Н. Договор возмездного оказания услуг: Учеб. пос. -Волгоград, 2001. – 114 с.
16. Шаблова Е.Г. Гражданско-правовое регулирование отношений возмездного оказания услуг: дис...докт. юрид. наук. -М., 2003. – 363 с.
17. Шарипов У.А. Назария ва амалияи танзими шартномавии хизматрасонии муздноки машваратӣ: автореф. дис. номз. илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 03. -Душанбе, 2022. -32 с.
18. Шешенин Е.Д. Договор услуг в советском гражданском праве // Сборник материалов научной сессии вузов Уральского экономического района. – Свердловск, 1963. –С.21-34.
19. Шешенин Е.Д. Предмет обязательства по оказанию услуг // Сборник ученых трудов Свердловского юридического института. – Свердловск, 1964. Вып. 3. –С.157-158.


**БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА УНСУРҲОИ АСОСИИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ**


Дар мақолаи мазкур унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллифон бо истифода аз адабиёти илмӣ ва қонунгузории маданӣ унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии муздноки байториро мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба мукамалгардонии қонунгузории маданӣ, махсусан қонунгузории байторӣ, пешниҳоду тавсияҳо манзур намудаанд. Инчунин, қайд гардидааст, ки унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, чун дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, тарафҳо, мавзуъ, нарх, муҳлат ва ғайра мебошанд. Тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда ва фармоишгар мебошанд. Ба сифати фармоишгар бошад, истеъмолкунанда – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Мавзуи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ – хизматрасонии байторӣ мебошад, ки дар анҷом додани амали муайян ва ё иҷронамоии фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, баҳри пешгирии бемории ҳайвонот,

табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст. Нарх дар шартнома бо созиши тарафҳо озодона муқаррар ва тағйир дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Муҳлат дар шартнома бо созиши тарафҳои шартнома муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** хизматрасонии байторӣ, фаъолияти байторӣ, фаъолияти хусусии байторӣ, шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, тарафҳои шартнома, шахси ҳуқуқӣ, шахси воқеӣ, тарафҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, иҷрокунанда, фармоишгар, унсурҳои шартнома, мавзуи шартнома, нарх, муҳлат.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОСНОВНЫХ ЭЛЕМЕНТОВ ДОГОВОРА ВОЗМЕЗДНОГО ОКАЗАНИЯ ВЕТЕРИНАРНЫХ УСЛУГ

В данной статье анализируются основные элементы договора возмездного оказания ветеринарных услуг. С учётом научной литературы и гражданского законодательства авторами рассмотрены основные элементы договора возмездного оказания ветеринарных услуг, а также сделаны научно-практические предложения, связанные с совершенствованием гражданского законодательства. Они отмечают, что основными элементами договора возмездного оказания ветеринарных услуг, как и других гражданско-правовых договоров, являются стороны, предмет, цена, срок и т.д. По мнению авторов, сторонами договора возмездного оказания ветеринарных услуг являются исполнитель и заказчик. Потребители – физические и юридические лица участвуют в качестве заказчиков. Предметом договора воздмезного оказания ветеринарных услуг является ветеринарная услуга, выражающаяся в совершении исполнителем (ветеринаром или ветеринарной организацией) определенных действий или выполнении определенной деятельности, направленной на профилактику заболеваний животных, лечение больных животных, диагностику продукции животного происхождения и другие виды ветеринарных услуг. Цена в договоре может устанавливаться и изменяться свободно по соглашению сторон, если иное не предусмотрено законом. Срок определяется в договоре по соглашению сторон договора.

**Ключевые слова:** ветеринарные услуги, возмездные ветеринарные услуги, ветеринарная деятельность, частная ветеринарная деятельность, договор возмездного оказания ветеринарных услуг, стороны договора.

## SOME QUESTIONS ON THE MAIN ELEMENTS OF A CONTRACT FOR PAID VETERINARY SERVICES

This article analyses the main elements of the contract of compensated rendering of veterinary services. Taking into account the scientific literature and civil legislation, the author considers the main elements of the contract of compensated rendering of veterinary services, and also makes scientific and practical proposals related to the improvement of civil legislation. He notes that the main elements of the contract of compensated rendering of veterinary services, as well as other civil law contracts, are parties, subject, price, term, etc. In the author's opinion, the parties to the contract of compensated rendering of veterinary services are the performer and the customer. Consumers - individuals and legal entities participate as customers. The subject matter of a contract for veterinary services is a veterinary service expressed in the performance by the provider (veterinarian or veterinary organization) of certain actions or performance of certain activities aimed at prevention of animal diseases, treatment of sick animals, diagnostics of products of animal origin and other types of veterinary services. The price in the contract may be set and changed freely by agreement of the parties, unless otherwise provided by law. The term shall be determined in the contract by agreement of the parties to the contract. In the absence in the contract of reimbursable veterinary services of the term of performance, the performer is obliged to fulfil his obligations within a reasonable period of time after the conclusion of the contract.

**Keywords**: services, reimbursable, reimbursable services, veterinary service, veterinary services, reimbursable veterinary services, veterinary activity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғаюрзода Шукурулло Кароматулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **shukrullo67@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-10-38-62**
***Хоҷамуродов Дустмурод*** **Гулмуродович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dustmurod0000@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-15-83-82**

**Сведения об авторах:** ***Гаюрзода Шукурулло Кароматулло*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой гражданского права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17**.** E-mail: **shukrullo67@mail.ru.** Телелефон: **(+992) 935-10-38-62**
***Ходжамуродов Дустмурод Гулмуродович*** – Таджикский национальный университет, **старший преподаватель** кафедры гражданского права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17**.** E-mail: **dustmurod0000@mail.ru.** Телефон: **918-15-83-82**

**Information about the authors:** ***Gayurzoda Shukurullo Karomatullo*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Civil Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **shukrullo67@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-10-38-62**
***Khojamurodov Dustmurod Gulmurodovich*** – Tajik National University, senior lecturer of the department of civil law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dustmurod0000@mail.ru.** Phone: **918-15-83-82**

ТДУ: 34+329 (575.3)

# ШАРОИТИ ИҶРОИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

*Зокирзода З.Х.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Корҳои ислоҳӣ мутобиқи шарту шароитҳои муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар иҷро карда мешаванд. Дар раванди фаҳмонидадиҳии шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ ва бечунучаро риоя намудан ва масъалаҳои саркашӣ аз он нозироти корҳои ислоҳӣ масъул мебошанд. Мавриди зикр аст, ки барои маҳкумшудагоне, ки мувофиқи фармонҳои нозироти корҳои ислоҳӣ ба кор қабул карда мешаванд, кори ислоҳиро метавон неъмат номид, зеро маҳкумшуда на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ ислоҳ карда мешавад, балки соҳиби кор ва мутаносибан даромаде мешавад, ки аз рӯйи он зиндагӣ карда, худ ва оилаашро таъмин менамояд. Ин намуди ҷазо нисбат ба шахсоне, ки ҳам ҷойи кори доимӣ доранд ва ҳам ҷойи кори доимӣ надоранд, татбиқ карда мешавад, ғайр аз ин, агар маҳкумшуда ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ худро ҳамчун корманди хуб нишон диҳад, эҳтимол аст, ки корфармо вайро дар оянда бо кори доимӣ таъмин намояд.

Масъалаи шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ дар назарияи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ масъалаи баҳснок буда, дар ин хусус олимону муҳаққиқон андешаҳои мухталиф манзур кардаанд. Дар баробари ин, доираи «шароити адои ҷазо» назар ба «маҳдудиятҳои қонунии» шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, хеле васеътар аст. В.И. Гусков ва А.Я. Шагалов чунин меҳисобанд, ки «мафҳуми шароити адои корҳои ислоҳӣ... шароитҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби ашхосе, ки ин ҷазоро адо мекунанд, ба онҳо маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонун татбиқ карда мешавад» [5,с.17]. Ба андешаи А.А. Абдурашидзода, шартҳои адои ҷазо мазмуни сазо буда, аз он иборат аст, ки ба маҳкумшуда иҷозат дода мешавад, ки аз суратҳисоби шахсии худ миқдори муайяни маблағро харҷ кунад, миқдори муайяни маблағро дар давоми сол дошта бошад, гирифтани миқдори муайяни пайғомҳо, инчунин, дар хобгоҳ ё камераҳо зиндагӣ кардан ва ғайра [1,с.33]. Дар забони русӣ “шароитҳо” ҳамчун “қоидаҳои дар баъзе соҳаҳои ҳаёт ё фаъолият муқарраршуда” фаҳмида мешаванд [17,с.685]. А.Л. Потемкина пешниҳод менамояд, ки консепсияи умумии шароити адои корҳои ислоҳӣ, ки «қоидаҳои рафтори аз ҷониби қонун танзимшавандаи маҳкумшудагон дар ҷараёни иҷрои ҷазоро ифода намуда, маҷмуи ҳуқуқвайронкуниҳои ба корҳои ислоҳӣ хосро ҳамчун чораи ҷазои ҷиноятӣ инъикос менамояд ва дар айни замон яке аз воситаҳои асосии ислоҳ ва аз нав тарбия намудани маҳкумшудагон мебошад» [19,с.25; 8,с.85]. О.Б. Лисягин пешниҳод мекунад, ки шартҳои адои корҳои ислоҳӣ ба умумӣ ва махсус ҷудо карда шаванд [11,с.56-57]. Шартҳои умумӣ уҳдадориҳои маҳкумшударо дар бар мегиранд: риояи тартиби муқарраршудаи адои ҷазо; ба меҳнат софдилона муносибат намудан. Шартҳои махсуси адои корҳои ислоҳӣ инҳоянд: аз даромади маҳкумшуда нигоҳ доштан; манъ кардани бо хоҳиши худаш аз ҷойи кор озод кардани маҳкумшуда. Муаллиф чунин мешуморад, ки хусусияти муттаҳидкунандаи шартҳои номбаршудаи адои ҷазо хусусияти ҳатмии онҳост. Дар таснифоти пешниҳодшуда, ба фикри мо, тамоми хусусиятҳои шароити адои корҳои ислоҳӣ ба назар гирифта нашудаанд.

Тартиби иҷрои шартҳои адои ҷазо, яъне низомро Қоидаҳои дохилии муассисаҳои ислоҳӣ танзим мекунад. Муқаррароти умумии Қоидаҳо масъалаҳои фаъолияти муассисаҳоро бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои мусоид барои татбиқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонун барои иҷро ва адои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, ҳифзи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон ва иҷрои вазифаҳои онҳоро танзим ва мушаххас мекунанд [1,с.33]. Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ пас аз гирифтани ҳукм аз ҷониби нозироти корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшуда таъмин карда мешавад. Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯзи бо нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешаванд. Дар ин мавридд нозироти корҳои ислоҳӣ бо чанд ҳолату вазъият дучор

шуданаш мумкин аст. Агар, шахси маҳкумшуда дар ҷои кор бошад, ӯро бо ҳукми суд шинос мекунад ва ҳукмро ба маъмурияти ҷои кори маҳкумшуда барои иҷро месупорад [15,с.199]. Агар шахси маҳкумшуда бо сабабҳои номаълум дар ҷои кор набошад, дар он сурат нозироти корҳои ислоҳӣ барои пайдо кардани маҳкумшуда чораҳо меандешад [21,с.234]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар фаҳмондадиҳӣ ва раванди риояи шароитҳои адои ҷазои корҳои ислоҳӣ накши нозироти корҳои ислоҳӣ хеле муассир мебошад.

Мутобиқи м. 40 КИҶҶ ҶТ шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, вазифадоранд, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро риоя кунанд, ба меҳнат софдилона муносибат кунанд ва ҳангоми даъват ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир шаванд. Аз музди меҳнати маҳкумшудагон ба андозаи муқаррарнамудаи ҳукми суд нигоҳ дошта мешавад. Дар давраи адои корҳои ислоҳӣ ба маҳкумшудагон рафтан аз кор бо хоҳиши худ бе иҷозати хаттии нозироти корҳои ислоҳӣ манъ аст. Пас аз тафтиши асоснокии сабабҳои аз кор озод кардан иҷозат додан мумкин аст. Рад кардани додани рухсатнома бояд асоснок бошад. Аз болои қарор дар бораи рад кардан бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят кардан мумкин аст. Маҳкумшуда ҳуқуқ надорад аз кори ба ӯ пешниҳодшуда даст кашад. Маҳкумшуда вазифадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи корӣ ба мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар бораи тағйири ҷойи кор ва ҷойи истиқомат хабар диҳад. Дар давраи адои корҳои ислоҳӣ рухсатии ҳарсолаи музднок ба муҳлати 18 рӯзи корӣ аз ҷониби маъмурияти ташкилоте, ки маҳкумшуда дар он кор мекунад, бо мувофиқаи нозироти корҳои ислоҳӣ дода мешавад. Дигар намудҳои рухсатии пешбининамудаи қонунгузории меҳнатӣ ба маҳкумшудагон дар асоси қоидаҳои умумӣ дода мешаванд.

Қонунгузории ичрои чазои ҷиноятӣ рад кардани кори пешниҳодшударо аз ҷониби маҳкумшуда манъ менамояд. Дар баробари ин, қонунгузорӣ ҷавобгариро барои рад кардани кори пешниҳодшуда пешбинӣ намекунад; барои даст кашидан аз гирифтани фармони нозироти корҳои ислоҳӣ бо мақсади ба кор қабул кардан; барои бо хоҳиши худ аз кор озод кардан бе иҷозати нозироти корҳои ислоҳӣ; барои иваз кардани ҷойи истиқоматашон бе огоҳӣ ба нозирот, ки боиси ҳисси беҷазоӣ дар маҳкумшудагон мегардад [16,с.79]. Бинобар ин, ба қ. 3 м. 47 КИҶҶ ҶТ ворид намудани тағйироти зерин зарур аст: «Маҳкумшудае, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро такроран вайрон карда бошад, пас аз огоҳонидани хаттӣ барои ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми якуми моддаи мазкур зикргардида, ки аз кори пешниҳодшуда саркашӣ кардааст, инчунин, маҳкумшудае, ки аз ҷойи истиқомати худ гурехта, дар куҷо будани ӯ маълум нест, ҳамчун қасдан саркашӣ кардан аз адои корҳои ислоҳӣ эътироф карда мешавад».

Ба вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо прогул ё ҳозир шудан ба кор дар ҳолати мастӣ (нашъамандӣ, машруботи спиртӣ, маводҳои заҳролуд), яъне, дар сурати дидаю дониста ба молу мулки ташкилот аз ҷониби маҳкумшуда зарар расонидан, ӯ ба ҷавобгарии муқаррарии маданӣ, маъмурӣ ё дар сурати расонидани зарари калон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, вале ин кирдорҳо нисбати вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо, инчунин, дар ташкилот истифода бурдани суханони қабеҳ, ки танҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ оварда мерасонад, татбиқ намегарданд [18,с.41]. Ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ метавонад танҳо ҳаракатҳои қасдонаи маҳкумшуда бошад, ки маҳз ба муносибати беэҳтиромона ба иҷрои ҳукм равона шудааст. Дар он ҳолатҳое, ки маҳкумшуда супоришҳои нозироти корҳои ислоҳиро бо сабабҳои узрнок иҷро намекунад, рафтори ӯро ашаддӣ эътироф намудан мумкин нест [25,с.146]. Ба андешаи И.Р. Тулиев, КИҶҶ ҶТ мафҳуми «вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо»-ро шарҳ медиҳад. Ба ин инҳо дохил мешаванд: а) бе сабабҳои узрнок ба кор надаромадан дар давоми 15 рӯз аз рӯзи дар нозироти корҳои ислоҳӣ ба қайд гирифта шудан ё дар худи ҳамин муҳлат саркашӣ кардан аз ба қайд гирифтан дар мақомоти шуғл; б) бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; в) вайрон кардани уҳдадорӣ ва мамнуиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва ба зиммаи маҳкумшуда гузошташуда; г) прогул ё ба кор ҳозир шудан дар ҳолати мастӣ, нашъамандӣ ё токсикӣ [23,с.94]. Сарфи назар аз он ки КИҶҶ ҶТ дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат, тағйироти сиёсати давлатиро дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, амалияи судиро муқаррар мекунад, ба фикри мо, ин санади меъёрӣ ҳанӯз дарки минбаъдаи назариявӣ, санҷиши амалии такмили

онро талаб мекунад [1,с.34]. Танзими бевоситаи ҳуқуқии иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ такмили қонунгузориро дар соҳаи татбиқи чораҳои таъсиррасонӣ нисбати маҳкумшуда ҳангоми итоат накардан ба амали қонунии нозири корҳои ислоҳӣ ҳангоми бақайдгирии маҳкумшудаи шахс ва гузаронидани суҳбати аввалия бо ӯ, инчунин, ҳангоми муайян кардани ҷойи кори асосии маҳкумшуда барои адои ҷазо талаб менамояд.

Яке аз унсурҳои баҳсталаби мазмуни сазои корҳои ислоҳӣ хусусияти диспозитивии меъёр дар бораи имконияти иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо дар сурати қасдан саркашӣ намудани маҳкумшуда аз адои ҷазо мебошад. Дар ин хусус А.В. Мусалева чунин қайд мекунад, ки ба маҳкумшудагоне, ки қасдан аз адои корҳои ислоҳӣ саркашӣ мекунанд, чораҳои таъсиррасонии инсондӯстона, яъне иваз кардани корҳои ислоҳӣ бо корҳои ҳатмӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба андозаи се шабонарӯзи корҳои ислоҳӣ барои як рӯзи кори ҳатмӣ ва ё аз озодӣ маҳрум кардан, ки ба ин муносибат бисёр маҳкумшудагоне, ки муддати дароз бекор меистанд ва мақсади пайдо кардани корро намебинанд, аз адои ҷазо саркашӣ мекунанд [16,с.80]. Мафҳуми баррасишаванда барои ошкор намудани мазмуни саркашӣ намудан аз адои корҳои ислоҳӣ (қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ) асосист, ки боиси иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо бо маҳдуд кардани озодӣ мегардад. Чунин саркашӣ тибқи қонунгузории ҷиноятӣ такроран вайрон кардани тартиб ва шартҳои иҷрои фармонҳои иҷро, инчунин, берун рафтан аз ҷойи иқомат, агар ҷойи будубоши маҳкумшуда номаълум бошад. Дар ҳолати охир маҳкумшуда ба кофтуков гузошта мешавад ва метавонад бо иҷозати прокурор то 30 рӯз дар ҳабс нигоҳ дошта шавад [23,с.94]. Бинобар ин, мо мувофиқи мақсад мешуморем, ки ба қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ доир ба зиёд кардани ҳисобкунии рӯзҳо ҳангоми иваз кардани ҷазои адонашуда дар намуди корҳои ислоҳӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ тағйирот дароварда шавад.

Бояд гуфт, ки судҳо ҳангоми аз нав ба кор қабул кардани шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аксар вақт вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазоро дар ҷойи кори пештарааш ба назар намегиранд, ки мақсад аз адои ҷазо саркашӣ накардааст. Ҳамин тариқ, ҳангоми мурoҷиат ба суд бо пешниҳоди иваз кардани ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшуда, нозироти корҳои ислоҳӣ бо дастгирии дархост нишон медиҳад, ки маҳкумшуда қасдан аз адои корҳои ислоҳӣ саркашӣ мекунад, зеро ӯ такроран тартиб ва шартҳои адои ҷазоро пас аз огоҳии хаттӣ вайрон кардааст ва воситаҳои ислоҳӣ дар алоҳида аз ҷамъият истифодашавандаро талаб мекунад. Суд иваз кардани корҳои ислоҳӣ бо маҳрум сохтан аз озодиро барои маҳкумшуда дар асоси хоҳиши изҳори идомаи адои ҷазо, мавҷудияти ҷойи кори доимӣ ва даромади баъди аз кор озод шудан бе иҷозати нозироти корҳои ислоҳӣ рад мекунад, зеро дар айни замон вайронкуниҳое, ки дар ҷойи кори пештара содир шудаанд, барои гурехтан аз адои ҷазо нигаронида шуда наметавонанд [18,с.43]. Дар айни замон намуди ягонаи ҷазое, ки суд бо он ҳуқуқи иваз кардани корҳои ислоҳиро дорад, маҳрум кардан аз озодӣ мебошад, зеро ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ бо фароҳам овардани шароити зарурии иҷрои он ҷорӣ карда мешавад. Гуфтаҳои дар боло зикршуда асос медиҳанд, ки бо чунин ҷазоҳо, монанди ҷарима, мусодираи молу мулк ва маҳрум сохтан аз озодӣ иваз кардани корҳои ислоҳӣ мувофиқи мақсад аст [2,с.111-114]. Аммо хусусияти диспозитивии меъёр дар бораи бо ҷазои вазнинтар иваз кардани ҷазо боиси баҳсҳои муайян мегардад. Масалан, Р.С. Рижов мавҷуд набудани муносибати ягонаро ба масъалаи ҳатмии иваз кардани ҷазо (ҷарима, корҳои ҳатмӣ) ба ҷазои вазнинтар дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои ҷазо қайд намуда, нофаҳмо будани чунин интихоби қонунгузорро баён менамояд. Муаллиф дар бораи ба мақсад мувофиқ будани муқаррар намудани тартиби ҳатмии иваз кардани корҳои ислоҳӣ ба тартиби сахттар чунин ақида баён мекунад, ки дар бораи дурустӣ ва ба мақсад мувофиқ будани таъин кардани ин ё он намуди ҷазо сухан меравад. Зарурати иваз кардани ҷазо дар ин маврид набояд зери суол бурда шавад [20,с.94-96]. А.В. Иванчин низ ҳамин гуна мавқеъро баён намуда, ақидаи худро бо номатлуб будани чунин озодии васеи салоҳдиди судӣ бармеангезад [6,с.15-18]. Бо назардошти андешаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки танҳо ба як намуди ҷазо иваз кардани корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшуда хеле маҳдуд мебошад. Беҳтар мебуд, ки дар қонунгузорӣ дигар намудҳои ҷазо, аз ҷумла, ҷарима, мусодираи молу мулк, маҳдуд кардани озодӣ ҳамчун ҷазоҳои ивазкунандаи корҳои ислоҳӣ муқаррар карда шаванд.

Дар аксари давлатҳои аъзои ИДМ то имрӯз меъёри диспозитивие, ки дар Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ оид ба иваз кардани корҳои ислоҳӣ ҳангоми ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои он пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта мешавад. Аммо қонунгузорони як қатор давлатҳо ба танзими татбиқи ин масъала дар қонунгузории миллӣ ислоҳот ворид кардаанд. Истисно қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад, ки дар м. 46 КҶ ба таври ҳатмӣ иваз намудани муҳлати адонашудаи корҳои ислоҳӣ бо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат дар сурати саркашӣ кардан дар ҳаҷми умумии зиёда аз даҳяки муҳлати таъиншударо пешбинӣ мекунад [3,с.35]. Тавре ки мебинем, қонунгузории ин кишвар хусусияти репрессивии корҳои ислоҳӣ ба сифати алтернатива ба ҳабсро хеле зиёд кардааст. Мавқеи қонунгузорони Ҷумҳурии Белорус ва Украина низ баҳснок мебошад, ки онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани маҳкумшударо барои ҷинояти алоҳида ҳамчун ҷавобгарӣ барои қасдан саркашӣ аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ пешбинӣ кардаанд. Масалан, тибқи қонунгузории ҷиноятии Украина, нисбати шахсе, ки аз адои ҷазо саркашӣ мекунад, мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани маҳкумшуда ба прокуратура мавод мефиристад. Ин ҷиноят дар м. 389 КҶ Украина пешбинӣ шуда, ҷазо дар намуди ҳабс ба муҳлати то 6 моҳ ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 3 солро пешбинӣ мекунад. Чунин ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус (м. 416) ҳабс ба муҳлати аз се то шаш моҳ ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду солро пешбинӣ мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар амал кормандони муассисаҳои ислоҳӣ низ бо он рӯ ба рӯ мешаванд, ки судҳо аксар вақт аз қонеъ гардонидани пешниҳоди онҳо дар бораи иваз кардани корҳои ислоҳӣ бо адои маҳрум сохтан аз озодӣ даст мекашанд ва аксар вақт даъво мекунанд, ки маҳкумшуда аз нав ба кор шуруъ мекунад ё мустақилона ба кор даромадааст, ҳатто агар пеш аз ин ӯ қасдан аз кор ё шуғл саркашӣ карда бошад (дар ин ҳолат суд чунин рафтори маҳкумшударо сабаби узрнок мешуморад, ки ба ӯ имкони дигар дода шавад). Бояд таъкид намуд, ки иҷро накардани талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ ба дигар намуди ҷазо боиси ғайриқонунӣ эътироф намудани қарори суд мегарданд. Масалан, таъиноти судро оиди иваз намудани корҳои ислоҳӣ, ки ба Г. аз рӯйи қ. 1 м. 244 КҶ ҶТ ба муҳлати 2 сол бо нигоҳ доштан аз музди меҳнат ба андозаи 20% таъин шуда буд, бо маҳрум сохтан аз озодиро бекор намуда, суди ш. Душанбе дар таъиноти худ, аз ҷумла чунин нишон дод: Чи хеле аз пешниҳодоти нозироти корҳои ислоҳӣ маълум мешавад, ашаддӣ саркашӣ намудани Г. аз корҳои ислоҳӣ дар он ифода мееӯфт, ки ӯ бо даъвати нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир нашудааст, на дар ҷойи қайдаш, балки дар назди маъшуқааш истиқомат мекунад. Аммо маълумотҳое, ки далелҳои нишондодашударо тасдиқ мекунанд, дар пешниҳодот ҷой надоранд. Чунин маълумотҳо дар маводҳои кор низ мавҷуд нестанд. Номаълум аст, ки чи хел чораҳо барои таъмини иҷрои ҷазо ва огоҳонидани Г. оид ба ҷавобгарӣ андешида шудаанд. Ҳамин тавр, қарори суд оид ба иваз намудани корҳои ислоҳӣ нисбати Г. бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба маводҳои кор, ки аз ҷониби суд санҷида нашудаанд, асос ёфтааст [15,с.211]. Ҳамин тариқ, мутобиқи Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ, корҳои ислоҳӣ дар низомҳои ҷазои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ алтернативаи асосии ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ баромад менамояд. Аз нигоҳи хусусияти сазоӣ корҳои ислоҳӣ дараҷаи фишоровариаш бо маҳрум сохтан аз озодӣ баробар мебошад. Ба ҷуз баъзе истисно, корҳои ислоҳӣ дар сурати саркашии қасдона ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешавад. Бо ин назардошт, ба қ. 2 м. 47 КИҶҶ ҶТ бо мазмуни зерин илова ворид карда шавад: «Барои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо аз ҷониби шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ мутобиқи қисми якуми моддаи мазкур маҳкум шудаанд, инчунин, барои аз ҷониби маҳкумшуда риоя накардани талаботи қонунҳои ҷорӣ, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро муайян мекунанд, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи онҳо қабулшуда, нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад ӯро дар бораи ба намуди дигари ҷазо иваз кардани корҳои ислоҳӣ хаттӣ огоҳ созад, инчунин, маҳкумшударо вазифадор намояд, ки дар муҳлати як моҳ то ду маротиба ба нозироти корҳои ислоҳӣ барои ба қайд гирифтан ҳозир шавад».

Фаъолияти мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳолати саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ аз таҳияи пешниҳод ба суд дар бораи иваз кардани

ҷазо ба намуди нисбатан сахттар, инчунин, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи эътибори он дар муроҷиатнома зикр ёфтааст, иборат мебошад, ки нозири нозироти корҳои ислоҳӣ барои муайян намудани сабабҳои аз ҷониби маҳкумшуда вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар фаъолияти амалии нозири нозироти корҳои ислоҳӣ аз ӯ оид ба далелҳои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тавзеҳот мегирад. Дар сурати рад кардани баёнот вай дар парвандаи шахсии худ, ки онро нозироти корҳои ислоҳӣ тасдиқ кардааст, раддияро қайд мекунад, вале тартиб ва мӯҳлати гирифтани баёнот аз маҳкумшуда дар бораи факти вайрон кардани ҳуқуқи ӯ, тартиб ва шароити адои ҷазоро қонун танзим намекунад [18,с.43]. Мавриди зикр аст, ки иваз намудани корҳои ислоҳӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ ҳуқуқи суд буда, уҳдадории суд нест ва дар асоси амалияи муқарраргардидаи татбиқи ҳуқуқ бо дарназардошти аз ҷониби суд муайян намудани ҳамаи сабабҳо ва мақсадҳои аз тарафи маҳкумшуда вайрон кардани тартиб ва шароити адои ҷазо амалӣ карда мешавад. Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, чунин норавшанӣ ҳангоми қабули қарори суд дар бораи бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз кардани ҷазо боиси душвории татбиқи принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мегардад [24,с.15-20], ки аз ин сабаб як қатор маҳкумшудагон беҷазо мондани худро ҳис карда, шарту тартиби адои ҷазоро вайрон мекунанд. Мавриди тазаккур аст, ки дар сурати саркашӣ аз адои ҷазо, корҳои ислоҳӣ дар аксари давлатҳо бо ҷазо дар таносуби 3 рӯзи корҳои ислоҳӣ барои 1 рӯзи ҳабс иваз карда мешаванд. Ҳабс ва маҳдуд кардани озодӣ низ дар як қатор давлатҳо (Арманистон ва Тоҷикистон) ҳамчун ҷазои алтернативаи корҳои ислоҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар Белорус ва Украина муқаррароти санксия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз адои корҳои ислоҳӣ ҳабс ва маҳдуд кардани озодиро пешбинӣ мекунад. Дар Русия низ айни замон корҳои ислоҳӣ танҳо ба ҳабс иваз карда мешаванд, зеро ҷазо дар шакли меҳнати маҷбурӣ ба иҷро надаромадааст.

Дар шароити муосир, ки давлати мо сиёсати декриминализатсия кардани баъзе кирдорҳои ҷиноятиро, ки хавфи ҷиддии ҷамъиятӣ надоранд, татбиқ намуда, ҷавобгарӣ барои қасдан саркашӣ кардан аз адои ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест, яъне ҷиноят донистани онҳо, ба фикри мо, номуносиб мебошад. Дар айни замон аз нуқтаи назари татбиқи принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба фардикунонии иҷрои ҷазо, истифодаи оқилонаи чораҳои маҷбурӣ ва воситаҳои ислоҳӣ муқаррароти диспозитивӣ оид ба иваз кардани корҳои ислоҳӣ ба ҷазои намуди сахт бештар ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, байни қонунгузории иҷрои ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ ихтилоф вуҷуд дорад ва онро танҳо тавассути ворид намудани тағйирот ба КҶ ва ё КИҶҶ бартараф кардан мумкин аст. Ба фикри мо, барои вайрон кардани мамнуиятҳо ва уҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаи нозироти корҳои ислоҳӣ аз тарафи шахсоне, ки ҳам ба корҳои ислоҳӣ ва ҳам ба корҳои ҳатмӣ маҳкум шудаанд, муқаррар намудани ҷавобгарии интизомӣ ё маъмурӣ дуруст мебуд.

Равшан аст, ки номувофиқ будани заминаи мавҷудаи меъёрии ҳуқуқӣ ба эҳтиёҷоти фаъолияти муваффақияти нозироти корҳои ислоҳӣ ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар робита ба васеъ намудани асосҳои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, талаб менамояд [9,с.65]. Вобаста ба ин, тартиби муқаррар намудаи қонунгузории иҷроияи ҷиноятӣ оид ба танзими ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои муқарраршуда ва мамнуиятҳо аз ҷониби шахсоне, ки ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, эътирозҳоро ба миён меорад. Ҳамин тариқ, б. 2 м. 47 КИҶҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки барои аз ҷониби маҳкумшуда вайрон кардани шартҳо ва тартиби адои ҷазо, шуъбаи нозироти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонад ба ӯ дар шакли огоҳии хаттӣ дар бораи бо дигар намуди ҷазо иваз намудани корҳои ислоҳӣ хабар диҳад. Аён аст, ки ин меъёр ба қонунгузории ҷиноятӣ мухолиф аст, зеро б. 3 м. 52 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои қасдан саркашӣ кардан аз адои ҷазо, ки, пеш аз ҳама, нигоҳ доштани маблағи муайян аз даромади шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшударо муқаррар менамояд, на муқаррар намудани манъу уҳдадориҳоро. Аммо, агар маҳкумшуда уҳдадорӣ ва мамнуияти барояш муқарраршударо иҷро накунад, чӣ бояд кард? Масалан, маҳкумшуда дар ҷойҳое пайдо мешавад, ки рафтанаш манъ аст, вале дар айни замон аз ҳисоби даромадаш ба давлат пурра маблағи муайянкардаи корҳои ислоҳиро мепардозад, интизоми меҳнатро вайрон намекунад ва хуб кор мекунад [12,с.344].

К.И. Голубсова вобаста ба андешаи мазкур чунин қайд мекунад, ки дар ин ҳолат шахси маҳкумшуда наметавонад ҳамчун қасдан аз адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ саркашӣ карда эътироф шавад [4,с.21]. Мо низ андешаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки мамнуият ва уҳдадориҳо бояд тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти маҳкумшударо фаро нагирад. Мамнуияту уҳдадориҳо бояд нисбати чунин маҳкумшудае татбиқ карда шаванд, ки нисбати шароитҳои адои ҷазо хунукназарона муносибат менамояд. Махсусан қайд кардан зарур аст, ки яке аз воситаҳои ислоҳи маҳкумшуда ин нақши ҷамъият мебошад, пас маҳкумшуда берун аз вақти корӣ бояд дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор дошта бошад ва ҳамчун инсон зиндагӣ кунад.

Шарти зарурии адои корҳои ислоҳӣ фаъолияти меҳнатии маҳкумшуда мебошад. Бо пайдоиши бекорӣ дар кишвар ҳамчун падидаи манфии иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ онҳое, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, ки бо сабабҳои гуногун (аз кор озод шудан, муфлисшавии корхона, ихтисори кормандон ва ғайра) аз кор маҳрум шудаанд, ба мушкили таъминот ба ҷойи кор рӯ ба рӯ шудаанд. Ин масъала дар таҳқиқоти илмӣ то андозае баррасӣ шудааст [7,с.30]. Ба андешаи Г.А. Маршин, душвориҳои бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон монеаи ҷиддиро ба самаранокии иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба вуҷуд меоваранд [14,с.50]. Бояд гуфт, ки ҳангоми қабули ин муқаррарот онҳое, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, нисбат ба дигар бекорон дар мавқеи имтиёзнок гузошта мешаванд.

Шарти муҳимми адои корҳои ислоҳӣ нигоҳ доштан аз музди меҳнати маҳкумшуда мебошад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст, ки маблағи нигоҳ доштани ҳар моҳ аз даромади маҳкумшудагон ба даромади давлатро суд метавонад аз 10 то 30 фоиз муайян кунад. Аммо тақсимоти даромад дар як қатор корхонаҳои тиҷоратӣ ба худи онҳо вобаста аст, даромад метавонад тавре тақсим карда шавад, ки шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд, ба таври расмӣ маблағҳои минималиро гиранд, то ки ҳиссаи онҳо ба аъзоёни дигари коллектив ва ба таври ғайрирасмӣ тақсим карда шавад. Баъзан қисми зиёди даромад ба рушди истеҳсолот равона карда шуда, ба фондҳои гуногун дохил карда мешавад ва баъди адои ҷазо ба маҳкумшуда баргардонида мешавад. Ю.М. Ткачевский чунин мешуморад, ки қонунгузории ҷорӣ дар бораи тағйир додани шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ, ки боиси коҳиши мазмуни сазоии онҳо мегардад, чизе намедонад [22,с.102]. Ба андешаи Ю.М. Ткачевский, мутобиқи қонунгузорӣ нозироти корҳои ислоҳӣ, худи маҳкумшуда ё маъмурияти ташкилоте, ки дар он кор мекунад, ҳуқуқ доранд дар сурати бад шудани аҳволи ӯ ба суд дар бораи кам кардани маблағи нигоҳ доштан аз музди меҳнати маҳкумшуда мурожиат кунанд. Қарор дар бораи кам кардани маблағи нигоҳ доштан бо назардошти тамоми даромади маҳкумшуда қабул карда мешавад [13,с.327]. Профессор Л.Л. Кругликов дуруст қайд мекунад, ки муқаррароти ҳуқуқии таҳлилшуда аз ду ҷиҳат басо баҳсталаб мегардад. Аввалан, дар Кодекси ҷиноятӣ имконияти кам кардани маблағи тарҳкунӣ зикр нашудааст, яъне барои ин имконият ягон асоси ҳуқуқии ҷиноятӣ вуҷуд надорад. Дуюм, мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, салоҳияти суд оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм баррасии масъалаи кам кардани маблағи нигоҳдоштаро дар бар намегирад [10,с.91-92]. Чунин ба назар мерасад, ки дар ин маврид кам кардани маблағи нигоҳдошта, чун қоида, дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои нави муҳим: бемории маҳкумшуда ё хешу табори ӯ, кам шудани музди меҳнат, таваллуди кӯдак, марги шахси наздик ва ғайра татбиқ карда мешавад.

Тавсияҳои умумӣ барои кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар бораи додани ҳуқуқи маҳбусон бо хоҳиши худ аз кор озод кардан мумкин аст: ба маҳкумшудае, ки вазъи саломатиаш имкон намедиҳад, барои идомаи кор дар ҷойи кор иҷозати аз кор озод кардан лозим аст; сабаби узрнок гузаштани маҳкумшуда ба кори сердаромад мебошад, вале, агар ин боиси аз назорати ҷамъиятӣ дур шудани маҳкумшуда ва ба таври назаррас зиёд шудани муҳлати адои ҷазо (масалан, иштирок дар сафари дурудароз дар гурӯҳҳои геологӣ, ҷустуҷӯӣ, разведкавӣ ва ғайра) гардад; ба мақсад мувофиқ аст, ки аз кор озод карда шавад, агар маҳкумшуда аллакай кори нав пайдо карда бошад. Ба фикри мо, дар м. 44 КИҶҶ ҶТ бояд маъмурияти ташкилоте, ки дар он шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, вазифадор карда шавад, ки дар бораи интиқоли маҳкумшуда ба вазифаи дигар ё аз кор озод кардан ва ба нозироти корҳои ислоҳӣ фиристодани маҳкумшуда, ки

аризаи истеъфо додааст, барои гирифтани иҷозати аз кор озод кардан 12 рӯз пеш аз ин ба нозироти корҳои ислоҳӣ хабар диҳад. Мувофиқи қонунгузории меҳнатӣ кормандон ҳуқуқ доранд шартномаро бо огоҳии хаттии маъмурият ду ҳафта пеш қатъ кунанд. Ба зиммаи маъмурияти ташкилоте, ки дар он шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда кор мекунад, гузоштани уҳдадорӣ дар бораи аз кор озод кардани маҳкумшуда 12 рӯз пештар ба нозироти корҳои ислоҳӣ хабар додан ба маъмурияти ташкилот имкон медиҳад, ки ба маҳкумшуда дар давоми 2 рӯз аз рӯзи пешниҳоди ариза ҷавоб диҳад ва сабабҳои аз кор озод шуданро муайян кунад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи шароитҳои адо намудани корҳои ислоҳӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар қонунгузорӣ, бешубҳа, гуманизатсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат вуҷуд дорад, ки аз ҷумла дар татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ ифода ёфтааст. Аммо қонунгузор татбиқи ҷазоро дар амал пурра таъмин накардааст, зеро дар татбиқи он мушкилоти ҷиддӣ мавҷуд аст, ки ин такмили қонун ва аниқ кардани муқаррароти зиёдеро тақозо мекунад, аз ҷумла, «маҳалли истиқомат»; дар сурати набудани ҷойи кор маҳкумшудагонро дар куҷо ба кор қабул кардан; ҳангоми мустақилона ба кор қабул кардани маҳкумшуда, гузашт кардан ва ғайра.

2. Дар шароити муосир, ки давлати мо сиёсати декриминализатсия кардани баъзе кирдорҳои ҷиноятиро, ки хавфи ҷиддии ҷамъиятӣ надоранд, татбиқ намуда, ҷавобгарӣ барои қасдан саркашӣ кардан аз адои ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест, яъне ҷиноят донистани онҳо, ба фикри мо, номуносиб мебошад. Дар айни замон аз нуқтаи назари татбиқи принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба фардикунонии иҷрои ҷазо, истифодаи оқилонаи чораҳои маҷбурӣ ва воситаҳои ислоҳӣ муқарраротӣ диспозитивӣ оид ба иваз кардани корҳои ислоҳӣ ба ҷазои вазнин бештар ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тариқ, байни қонунгузории иҷрои ҷиноятӣ ва ҷиноятӣ ихтилоф вуҷуд дорад ва онро танҳо тавассути ворид намудани тағйирот ба КҶ ҶТ ва ё КИҶҶ ҶТ бартараф кардан мумкин аст. Ба фикри мо, барои вайрон кардани уҳдадориҳои ба зиммааш гузоштаи нозироти корҳои ислоҳӣ аз тарафи шахсоне, ки ҳам ба корҳои ислоҳӣ ва ҳам ба корҳои ҳатмӣ маҳкум шудаанд, муқаррар намудани ҷавобгарии интизомӣ ё маъмурӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

3. Корҳои ислоҳӣ ҷазое мебошад, ки дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда ба мӯҳлати аз 2 моҳ то 2 сол таъин гардида, аз 10 то 30% музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад. Ҳукмҳо дар мавриди корҳои ислоҳӣ дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯзи ба нозироти корҳои ислоҳӣ расидани фармоиши дахлдори суд бо нусхаи ҳукм (таъинот, қарор) иҷро карда мешавад.

4. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки шартҳои адои корҳои ислоҳӣ ба муқаррарӣ ва вазнин тасниф карда шаванд. Дар навбати худ, шартҳои муқарраририро ба асосӣ ва иловагӣ тақсим кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, ба шартҳои муқаррарӣ вазифаҳои маҳкумшуда дохил мешаванд: риоя намудани тартиби муқарраршудаи адои ҷазо; ба меҳнат софдилона муносибат намудан. Шартҳои асосии муқаррарӣ аз шартҳое иборатанд, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас татбиқ мешаванд, масалан: нигоҳ доштани тарҳ аз даромади шахси маҳкумшуда; манъи бо хоҳиши худаш аз ҷойи кор озод кардани маҳкумшуда; уҳдадории дар бораи тағйир ёфтани ҷойи кор ва ҷойи истиқомат ба нозироти корҳои ислоҳӣ хабар додан ва ғайра. Шартҳои иловагии муқаррарӣ метавонанд уҳдадории маҳкумшуда дар бораи мустақилона пайдо кардани кор ё сабти ном дар мақомоти шуғли аҳолӣ дошта бошанд; аз ёрдампулӣ барои корношоямии муваққатӣ ба маҳкумшуда нигоҳ доштан ва ғайра. Шартҳои вазнини адои корҳои ислоҳӣ вазифаҳо ва мамнуиятҳоеро дар бар мегиранд, ки мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои маҳкумшуда муқаррар кардааст.

5. Ба фикри мо, дар м. 44 КИҶҶ ҶТ бояд маъмурияти ташкилоте, ки дар он шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, вазифадор карда шавад, ки дар бораи интиқоли маҳкумшуда ба вазифаи дигар ё аз кор озод кардан ва ба нозироти корҳои ислоҳӣ фиристодани маҳкумшуда, ки аризаи истеъфо додааст, барои гирифтани иҷозати аз кор озод кардан 12 рӯз пеш аз ин ба нозироти корҳои ислоҳӣ хабар диҳад. Мувофиқи қонунгузории меҳнатӣ кормандон ҳуқуқ доранд шартномаро бо огоҳии хаттии маъмурият

ду ҳафта пеш қатъ кунанд. Ба зиммаи маъмурияти ташкилоте, ки дар он шахсе, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда кор мекунад, гузоштани уҳдадорӣ дар бораи аз кор озод кардани маҳкумшуда 12 рӯз пештар ба нозироти корҳои ислоҳӣ хабар додан ба маъмурияти ташкилот имкон медиҳад, ки ба маҳкумшуда дар давоми 2 рӯз аз рӯзи пешниҳоди ариза ҷавоб диҳад ва сабабҳои аз кор озод шуданро муайян кунад.

6. Бинобар ин, ба қ. 3 м. 47 КИҶҶ ҶТ ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин зарур аст: «Маҳкумшудае, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро такроран вайрон карда бошад, пас аз огоҳонидани хаттӣ барои ҳама гуна вайронкуниҳои дар қисми якуми моддаи мазкур зикргардида, ки аз кори пешниҳодшуда саркашӣ кардааст, инчунин, маҳкумшудае, ки аз ҷойи истиқомати худ гурехта, дар куҷо будани ӯ маълум нест, ҳамчун қасдан саркашӣ кардан аз адои корҳои ислоҳӣ эътироф карда мешавад».

7. Бо ин назардошт, дар қ. 2 м. 47 КИҶҶ ҶТ бо мазмуни зерин ворид намудани тағйиру иловаҳо мувофиқи мақсад мебошад: «Барои вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо аз ҷониби шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ мутобиқи қисми якуми моддаи мазкур маҳкум шудаанд, инчунин, барои аз ҷониби маҳкумшуда риоя накардани талаботи қонунҳои ҷорӣ, ки тартиб ва шартҳои адои ҷазоро муайян мекунанд, ҳамчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи онҳо қабулшуда, нозироти корҳои ислоҳӣ метавонад ӯро дар бораи ба намуди дигари ҷазо иваз кардани корҳои ислоҳӣ хаттӣ огоҳ созад, инчунин, маҳкумшударо вазифадор намояд, ки дар як моҳ то ду маротиба ба нозироти корҳои ислоҳӣ барои ба қайд гирифтан ҳозир шавад».

8. Бинобар ин, мо мувофиқи мақсад мешуморем, ки ба м. 52 КҶ ҶТ доир ба зиёд кардани ҳисобкунии рӯзҳо ҳангоми иваз кардани ҷазои адонашуда дар намуди корҳои ислоҳӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ тағйирот дароварда шавад.

9. Пешниҳод карда мешавад, ки қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таъин намудани корҳои ислоҳӣ» таҳия ва қабул карда шавад.

**Муқарриз: н.и.х., дотсенти ДМТ – Муминзода Н.И.**

## АДАБИЁТ


1. Абдурашидзода А.А. Некоторые проблемы законодательства исполнения уголовных наказаний Республики Таджикистан / А.А. Абдурашидов // Труды Академии. – 2016. -№4(32). -С.31-34.
2. Абдурашидов А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Абдурашидов. -Душанбе, 2011. -190 с.
3. Борис П.К. Некоторые особенности правового закрепления карательного содержания исправительных работ в России и других странах – участницах Содружества Независимых Государств / П.К. Борис, И.А. Варвара // Материалы межвузовской научно-практической конференции. – 2016. -С.34-38.
4. Голубцова К.И. Наказание в виде исправительных работ: особенности и проблемы исполнения / К.И. Голубцова // Вестник Самарского юридического института. – 2018. -№4(30). -С.20-24.
5. Гуськов В.И. Организация исполнения исправительных работ без лишения свободы / В.И. Гуськов, А.Я. Шагалов. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1972. – 52 с.
6. Иванчин А.В. Наказание в виде исправительных работ (проблемы правоприменительной и законодательной техники) / А.В. Иванчин // Уголовно-исполнительное право. – 2011. -№1. -С.15-18.
7. Кащеева Л. Долг платежом красен / Л. Кащеева // Ведомости уголовно-исполнительной системы. – 2000. -№3. -С.30-32.
8. Комментарий к Уголовно-исполнительному кодексу РФ / Рук-ль и отв. ред. А.И. Зубков. -М.: ИНФРА. М-НОРМА, 1997. -408 с.
9. Красоткин П.Н. Некоторые вопросы практики исполнения наказания в виде исправительных работ / П.Н. Красоткин, Л.Н. Тарабуев // Пенитенциарная наука. – 2016. -№1(33). -С.62-65.
10. Кругликов Л.Л. О некоторых элементах несогласованности уголовного и уголовно-исполнительного кодексов / Л.Л. Кругликов // Проблемы теории наказания и его исполнение в новом Уголовном и Уголовно-исполнительном кодексах России / Под ред. В.И. Селиверстова. -М: ВНИИ МВД России, 1997. -С.91-92.
11. Лысяшн О.Б. Правовое регулирование наказания в виде исправительных работ в новых социально-экономических условиях / О.Б. Лысяшн // Правовое и методическое обеспечение исполнения уголовных наказаний: Сб. науч. тр. -М.: ВНИИ МВД России, 1994. -С.56-57.
12. Малинин В.Б. Уголовно-исполнительное право / В.Б. Малинин, Л.Б. Смирнов. -М.: Межрегиональный институт экономики и права, 2010. -368 с.
13. Марков В.П. Механизм реализации основных уголовных наказаний, не связанных с изоляцией от общества, в Российской Федерации: уголовно-правовой анализ: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / В.П. Марков. -СПб., 2007. -447 с.
14. Маршин Г.А. Инспекции исправительных работ в условиях формирования рыночных отгюшеиий / Г.А. Маршин // Вестник МВД РФ. – 1994. -№1. -С.50-51.

15. Масоили татбиқ ва иҷрои намудҳои алтернативаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / коллективи муаллифон. -Душанбе, 2011. -246 с.
16. Мусалева А.В. Вопросы трудоустройства осужденных к исправительным работам / А.В. Мусалева // Вестник Кузбасского института. – 2019. -№4(41). -С.76-81.
17. Ожегов С.И. Словарь русского языка / Под ред. Н.Ю. Шведовой. -20-е изд. стереотип. -М: Рус. яз., 1988. -750 с.
18. Ольга П.А. Некоторые вопросы исполнения наказания в виде исправительных работ / П.А. Ольга, Ю.Б. Людмила // Вестник Сибирского юридического института МВД России. – 2017. -№4(29). -С.39-44.
19. Потемкина Л.Т. Условия отбывания исправительных работ без лишения свободы. Учебное пособие / Л.Т. Потемкина. -М.: МССШМ МВД СССР, 1989. -61 с.
20. Рыжов Р.С. Уголовно-правовое регулирование замены наказания на более строгое / Р.С. Рыжов // Вестник Владимирского юридического института. – 2013. -№3. -С.94-96.
21. Салимов Ҳ. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ / Ҳ. Салимов. -Душанбе, 2004. -С.234.
22. Ткачевский Ю.М. Прогрессивная система исполнения уголовных наказаний / Ю.М. Ткачевский. -М.: Зерцало, 1997. -144 с.
23. Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 08 / И.Р. Тулиев. – М., 2010. -217 с.
24. Уголовное право России. Общая часть / под ред. А.И. Рарога. -3-е изд., с изм. и доп. -М., 2009. -496 с.
25. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ / Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, А.М. Диноршоев, А.И. Сафаров: китоби дарсӣ. -Душанбе, 2011. -354 с.

## ШАРОИТИ ИҶРОИ КОРҲОИ ИСЛОҲӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъала андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузориро таҳлил намуда, баъзе аз мушкилоти масъалаи шароити иҷрои корҳои ислоҳиро муайян ва чораи ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур, муаллиф чунин хулоса мекунад, ки дар қонунгузорӣ, бешубҳа, гуманизатсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат вуҷуд дорад, ки аз ҷумла дар татбиқи ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ ифода ёфтааст. Аммо қонунгузор татбиқи ҷазоро дар амал пурра таъмин накардааст, зеро дар татбиқи он мушкилоти ҷиддӣ мавҷуд аст, ки ин такмили қонун ва аниқ кардани муқаррароти зиёдеро тақозо мекунад, аз ҷумла, «маҳалли истиқомат»; дар сурати набудани ҷойи кор маҳкумшудагонро дар куҷо ба кор қабул кардан; ҳангоми мустақилона ба кор қабул кардани маҳкумшуда, гузашт кардан ва ғайра. Корҳои ислоҳӣ мутобиқи шарту шароитҳои муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар иҷро карда мешаванд. Дар раванди фаҳмонидадиҳии шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ ва бечунучаро риоя намудан ва масъалаҳои саркашӣ аз он нозироти корҳои ислоҳӣ масъул мебошанд. Мавриди зикр аст, ки барои маҳкумшудагоне, ки мувофиқи фармонҳои нозироти корҳои ислоҳӣ ба кор қабул карда мешаванд, кори ислоҳиро метавон неъмат номид, зеро маҳкумшуда на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ ислоҳ карда мешавад, балки соҳиби кор ва мутаносибан даромаде мешавад, ки метавонад худ ва оилаашро таъмин намояд.

**Калидвожаҳо:** шартан, иҷрои ҷазо, корҳои ислоҳӣ, шартҳои муқаррарӣ ва вазнин, адои ҷазои ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, нозироти корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда.

## УСЛОВИЯ ИСПОЛНЕНИЯ ИСПРАВИТЕЛЬНЫХ РАБОТ

В данной статье проанализирован и обсужден вопрос условий исполнения исправительных работ. В ходе исследования вопроса автор проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и нормы законодательства, выявил некоторые проблемы условий исполнение исправительных работ и предложил меры по их решению. В результате исследования данного вопроса автор приходит к выводу, что в законодательстве определенно имеет место гуманизация уголовно-правовой политики государства, выражающаяся, в частности, в применении уголовного наказания в виде исправительных работ. Однако законодатель не в полной мере обеспечил реализацию наказания на практике, поскольку существуют серьезные проблемы в его исполнении, что требует совершенствования законодательства и уточнения многих положений, в том числе «места жительства»; куда нанимать осужденных, если работы нет; при самостоятельном трудоустройстве осужденных, льготах и т.п. Исправительные работы проводятся в соответствии с условиями, установленными законодательством страны. В процессе разъяснения условий производства исправительных работ и их безусловного соблюдения, а также вопросов уклонения, ответственность несут инспекторы исправительных работ. Стоит отметить, что для осужденных, трудоустроенных в соответствии с приказами исправительной инспекции, исправительную работу можно назвать благом, поскольку осужденный не только морально исправляется, но и получает работу и, соответственно, доход, на который живет и обеспечивает себя и свою семью.

**Ключевые слова:** условия, исполнение наказания, исправительные работы, нормальные и тяжелые условия, отбывание уголовного наказания, уголовная ответственность, уголовно-исполнительная инспекция, осуждённый.

## CONDITIONS FOR EXECUTION OF CORRECTIONAL WORK

This article analyzes and discusses the issue of conditions for performing correctional labor. In the course of researching the issue, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and legal norms, identified some problems in the conditions for performing correctional labor and proposed measures to solve them. As a result of the study of this issue, the author comes to the conclusion that in legislation there is definitely a humanization of the state's criminal legal policy, expressed, in particular, in the application of criminal punishment in the form of correctional labor. However,

the legislator has not fully ensured the implementation of punishment in practice, since there are serious problems in its implementation, which requires improvement of legislation and clarification of many provisions, including “place of residence”; where to hire convicts if there is no work; for self-employment of convicts, benefits, etc. Correctional work is carried out in accordance with the conditions established by the legislation of the country. In the process of explaining the conditions for carrying out correctional work and their unconditional compliance, as well as issues of evasion, correctional labor inspectors bear responsibility. It is worth noting that for convicts employed in accordance with the orders of the correctional inspection, correctional work can be called a blessing, since the convict is not only morally corrected, but also receives a job and, accordingly, an income on which to live and provide for himself and his family.

**Keywords:** conditions, execution of punishment, correctional work, normal and difficult conditions, serving a criminal sentence, criminal liability, penal inspection, convicted person.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға:** 734025, ш. Ғарм, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 988-55-45-75**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** - Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и государственного управления**. Адрес:** 734025, г. Гарм, Республика Таджикистан, улица Э. Мухиддина, 63, Телефон: **(+992) 988-55-45-75**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zokirzoda Zafar Khairullo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin, 63. Phone: **(+992) 988-55-45-75.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

ТДУ: 34+338.43(575.3)

# ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ РАСИДАН БА МАҚСАДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ТОҶИКИСТОН

*Болтуев С.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар бораи масъалаи таҳқиқшаванда [1,с.24-30; 2,с.5-10], пеш аз ҳама, бояд хотиррасон намоем, ки ҳадафи нави стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз соли 2018 [12] муайян карда шуда буд. Мувофиқи мазмуни ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсии давлатӣ, бояд ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26% расонида шуда, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад. Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таклиф намуданд, ки солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд [13].

“Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ, аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд” - қайд карданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [13].

Дере нагузашта, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 06 январи соли 2022 дар бораи “Солҳои рушди саноат” эълон намудани солҳои 2022 - 2026 баромад, ки он тасдиқи босубот будани сиёсати давлатӣ дар ин самт мебошад [16].

Ҳамчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ аз 23 декабри соли 2022 ҳам оиди чораҳои мушаххаси ноил гаштан ба ин ҳадафи воқеан муҳим андешаронӣ намудаанд [14].

Бояд хотиррасон намуд, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 ноябри соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат” аз 30 майи соли 2017 қабул карда буд [7; 8]. Ин далели он аст, ки дар алоқамандӣ бо ҳадафи чоруми стратегии давлат - саноатикунонии босуръат сиёсати ҳуқуқии давлат ҳам ба тариқи куллӣ дигаргун гаштааст [4]. Чунки ҳар як зуҳуроти муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла дар иқтисодиёт, барои самаранок амалӣ гаштан дар ҳаёт бояд заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ дошта бошад [3,с.7]. Зиёда аз он, тартиби (механизми) танзими ҳуқуқии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд ягонагӣ ва таъсири ҳамдигарии қонунҳои субъективии ҳуқуқӣ ва қонунҳои объективии иқтисодӣ (иқтисодиёти бозорӣ)-ро инъикос карда бошад [1,с.24].

Дар сархати якуми моддаи 1 ин Қонун, ки мафҳуми “сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат” оварда шудааст, иваз шудани калимаи “мутаносиб” ба калимаи “босуръат” моҳиятан дигаргун гаштани сиёсати давлатиро дар соҳаи саноат мефаҳмонад. Чунки “маҷмуи чораҳои таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолият дар соҳаи саноат, ки ба рушди мутаносиб (мо ҷудо намудаем - Б.С.Ш.) ва устувори иқтидорҳои саноатӣ, таъмини

пешрафти истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ғанигардонии бозори истеъмолӣ равона шудаанд"; минбаъд ба манфиатҳои ҷомеа мувофиқат намекунад. Маҳз рушди босуръати саноат имкон медиҳад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол давраи гузаришро ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ ҳар чӣ тезтар сипарӣ намуда, мавқеи устувори худро дар раванди ҷаҳонишавӣ пайдо карда тавонад.

Ба ҳамин моддаи 1 Қонуни баррасишаванда сархатҳои даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шудаанд:

"- паркҳои саноатӣ (индустриалӣ) - инфрасохтори саноатӣ, ки барои амалисозии фаъолияти саноатӣ, ташкил кардани истеҳсолоти саноатӣ ё модернизатсияи инноватсионии саноат таъин гардида, аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ (ширкатҳои идоракунанда) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон идора карда мешавад;

- кластерҳои саноатӣ - маҷмуи субъектҳои фаъолият дар соҳаи саноат, ки бинобар наздикии ҳудудҳо ва вобастагии кориашон ба ҳам алоқаманд буда, бо мақсади коркарди ашёи хом то маҳсулоти ниҳоӣ (моли тайёр) дар ҳудуди як ё якчанд минтақаи кишвар ҷойгир карда мешаванд».

Минбаъд дар меъёрҳои ҳуқуқии дигар ин мафҳумҳои нав то дараҷае мушаххас гардонида шудаанд, мазмуну моҳияти ин навовариҳои қонунгузорӣ на фақат барои ҳуқуқтатбиққунанда, балки ҳамаи шахсони ҳуқуқию воқеии манфиатдор возеҳу равшан мегардад. Чунончи, ба сархати шашуми қисми 2 моддаи 3 ҳамин Қонун пас аз калимаҳои "паркҳои технологӣ" калимаи "паркҳои саноатӣ (индустриалӣ)" илова карда шуданаш маънои баробарвазнии ин мафҳумҳоро дорад. Ғайр аз ин, дар моддаҳои иловашудаи $9^1$ ва $9^2$ ҳамин Қонун мақсад, роҳу усулҳо, заминаҳои воқеӣ ва ташкили "паркҳои саноатӣ (индустриалӣ)" ва "кластерҳои саноатӣ" пешбинӣ гаштаанд.

Ба қисми 1 моддаи 3 ҳамин Қонун, ки мақсади сиёсати давлатиро дар соҳаи саноат муқаррар кардааст, илова карда шудани сархатҳои панҷум, шашум, ҳафтум, ҳаштум ва нуҳум бо мазмуни зерин маънои боз ҳам васеътар ва амиқтар гаштани ҳадафҳои сиёсати давлатиро дорад:

"- афзун намудани иқтидори содиротии кишвар;

- ташаккул ва рушди чораҳои дастгирии субъектҳои фаъолият дар соҳаи саноат;

- навсозии инфрасохтори саноатӣ;

- ташаккули соҳаҳои нави саноат;

- истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири саноатӣ.».

Ба моддаи 4 ҳамин Қонун сархатҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум ва даҳум бо мазмуни зерин илова карда шудаанд:

"- банақшагирии стратегӣ дар соҳаи саноат;

- қобили андоза будани маҳакҳои мақсадноки рушди саноат;

- омезиши шаклу усулҳои танзими давлатӣ ва иқтисоди бозорӣ дар соҳаи саноат;

- таъминот бо захираҳо ва равонасозии онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат;

- ҳамгироии илм ва истеҳсолот".

Ба назари мо, на ҳамаи навовариҳои қонунгузор хусусияти позитивӣ доранд ва баъзе аз онҳо раванди саноатикунониро монеъ гаштанашон ҳам мумкин аст. Масалан, ташкили Фонди рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаи мувофиқи мақсад буд, вале моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат"-ро аз эътибор соқит дониста истода, умуман ин омили хеле назарраси дастгирии давлатии инкишофи минбаъдаи на фақат саноат, балки тамоми иқтисодиёт, ба нестӣ бурда шудааст. Чунки сархати дуюми қисми 1 моддаи 10 фақат дар таҳрири "- пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз тариқи бонкҳо" муқаррар гаштанаш ҷойи Фонди рушди саноатро гирифта наметавонад. Зеро бонкҳои дар мамлакати мо айни замон амалкунанда, ғайр аз Амонатбонк, тиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ мебошанд. Барои ҳамин, тамоми низоми бонкии мамлакат ҷойивазкунандаи Фонди рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, пас мувофиқи мақсад мегашт, ки қонунгузор роҳу усулҳои ҳавасмандкунии онҳоро ҳам дар "пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз тариқи бонкҳо" муқаррар мекард.

Дар тули чандин соли давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ишора ба меъёри конститутсионӣ оиди давлати иҷтимоӣ будани мамлакати мо ва зарурияти фароҳам

овардани шароити зиндагии арзанда барои ҳар як инсон [5] аз нисф зиёди қисми хароҷотии буҷети давлатӣ ба мақсадҳои иҷтимоӣ равона карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 [9] хароҷотҳо барои маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш 43,8%-ро ташкил мекунанд. Барои саноат бошад, дар якҷоягӣ бо сохтмон, ҳамагӣ 0,62%(!) қисми хароҷотии буҷети давлатӣ ҷудо карда шуда буд. Дар Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022" ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2023-2024" аз 24 ноябри соли 2021 [6] ҳам, ки чун тартиби (механизми) амалӣ гаштани қонун меҳисобем, ягон ишора ба таъмини молиявии саноатикунонии босуръат ҳатто дар солҳои минбаъда низ ба назар намерасад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар соли 2023 барои маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш 44,74% (0,94% зиёдтар нисбати соли пешина) хароҷотҳои буҷети давлатӣ пешбинӣ шудаанд. Барои соҳаи саноат бошад, дар якҷоягӣ бо сохтмон фақат 0,68% хароҷотии буҷети давлатӣ муқаррар шудааст [10]. Ҳарчанд ин хароҷотҳо нисбати соли пешин 0,06% зиёд шуда бошанд ҳам, ба назари мо, он моҳияти саҳми давлатро дар раванди расидан ба ҳадафи стратегӣ – саноатикунонии мамлакат ифода карда наметавонад.

Дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ҳам хароҷотҳо барои маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш 43%-ро ташкил мекунанд, барои саноат бошад, дар якҷоягӣ бо сохтмон ҳамагӣ 0,7% (0,02% зиёдтар нисбати соли 2023) муқаррар шудааст [11].

Ба назари мо, сохтори тақсимоти қисми хароҷотии Буҷети давлатӣ ба сиёсати давлатӣ оиди саноатикунонии босуръат он қадар ҳам мувофиқат намекунад. Шояд қонунгузор дар назар дошта бошад, ки барои амалӣ гаштани консепсияи саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкории хусусӣ такя мекунад? Ҳарчанд дар боло аллакай ишора намуда будем, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ ҳамаи иштирокчиёни раванди иқтисодӣ, аз он ҷумла корхонаҳои ба моликияти давлатӣ асос ёфта, бояд бо соҳибкорӣ машғул гарданд. Дар акси ҳол яке аз принсипҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ - баробарии ҳамаи шаклҳои моликият дар фаъолияти соҳибкорӣ коста мегардад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023, мавҷуд будани як қатор нуқсону камбудиҳо, аз он ҷумла "... норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ..." эътироф карда мешавад [15].

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз самаранок истифода гардидани захираҳои бойи табиии он ва вусъат додани истеҳсолоти саноатӣ вобастагии зиёд дорад. Ин раванд ислоҳоти ҷиддии қонунгузорӣ ва сиёсати танзимкуниро маҳз дар ҳамин самт тақозо дорад, зеро имрӯз қонунгузории амалкунандаи мамлакат дар ин масъала ба талаботи муосир на он қадар ҷавобгӯ мебошад ва бояд бо дар назардошти таҷрибаи пешрафта ва ҳимояи манфиатҳои кишвар дар соҳаи истифодабарии қаъри замин такмил дода шавад.

Ба назари мо, яке аз муаммои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз қонунгузорӣ вобаста аст, масъалаи таъмини таносуби дурусти қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ мебошад. Чунки кафолати ҳуқуқии дар қонунгузории ҷорӣ - аз Конститутсия то қонунҳои алоҳида пешбинӣ шуда, бо мазмуну мундариҷаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилии идораю вазоратҳо ба нестӣ мераванд. Зеро ба мансабдорони мақомоти поёнии бевосита ҳуқуқтатбиқкунанда барои чӣ бошад, ки фармони роҳбари соҳавии худ қувваи бештари амалӣ дорад. Барои ҳамин ба Вазорати адлия мавриди санҷиш (экспертиза) ва бақайдгирии санадҳои зерқонунӣ ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд мутобиқати онҳоро на фақат ба мазмун, балки ба моҳияти қонунгузории амалкунанда низ аниқ намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Болтуев С.Ш. Оиди баъзе масъалаҳои заминаи ҳуқуқии саноатикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо: рисолаи дастаҷамъӣ / С.Ш. Болтуев. –Хуҷанд: Ношир, 2022. -222 с.

2. Болтуев С.Ш. Навовариҳои қонунгузорӣ оиди саноатикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон / / С.Ш. Болтуев // Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ: конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат" ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022). -Хуҷанд: Дабир, 2022. -С.5-10.
3. Болтуев У.С. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммоҳои назария ва амалия: автореферати дисс. ... номз. илм. Ҳуқуқ / У.С. Болтуев. –Душанбе, 2023. - 29 с.
4. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ гаштааст. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 06 ноябри соли 1994 бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
6. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2023 - 2024 №578 аз 24 ноябри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: www. jumhuriat
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат" аз 30 майи соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: www. jumhuriat
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1848 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат". [Манбаи электронӣ]. URL: www. jumhuriat
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 30 ноябри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: www. sadoimardum.tj
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 07 декабри 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: www. sadoimardum.tj
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» аз 18 ноябри соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: www. sadoimardum.tj
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 декабри соли 2018. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
15. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. tj
16. Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон №309 аз 06 январи соли 2022 дар бораи "Солҳои рушди саноат" эълон намудани солҳои 2022 - 2026. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident. Tj

## ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ РАСИДАН БА МАҚСАДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ТОҶИКИСТОН

Саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ дар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ соли 2018 муқаррар карда шудааст. Барои расидан ба ин мақсад танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии дар ин раванд пайдошаванда яке аз омилҳои асосӣ мебошад. Барои ҳамин вазъи кунунии қонунгузорӣ оиди ин масъала ва дурнамои инкишофи қонунгузорӣ мутобиқ ба вазифаҳои гузошташуда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Ақида оиди таъмин намудани таносуби дурусти қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ ҷолиби диққат мебошад. Зарурияти ворид кардани навгониҳо дар қонунгузорӣ далели он аст, ки дар алоқамандӣ бо ҳадафи чоруми стратегии давлат - саноатикунонии босуръат, сиёсати ҳуқуқии давлат ҳам ба тариқи куллӣ дигаргун гаштааст. Чунки ҳар як зуҳуроти муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла дар иқтисодиёт, барои самаранок амалӣ гаштан дар ҳаёт бояд заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ дошта бошад. Зиёда аз ин, тартиби (механизми) танзими ҳуқуқии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд ягонагӣ ва таъсири ҳамдигарии қонунҳои субъективии ҳуқуқӣ ва қонунҳои объективии иқтисодӣ (иқтисодиёти бозорӣ)-ро инъикос карда бошад.

**Калидвожаҳо:** ҳадаф, стратегия, саноатикунонӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, сиёсати ҳуқуқии давлат, иқтисодиёти бозорӣ, муносибатҳои бозаргонӣ, давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, қонунҳои субъективии ҳуқуқӣ, қонунҳои объективии иқтисодиёти бозорӣ, таносуби қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ПРАВОВЫХ ВОПРОСАХ ДОСТИЖЕНИЯ ЦЕЛИ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

Индустриализация экономики страны определена как четвертая стратегическая цель развития в послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмон от 2018 года. Для достижения этой цели правовое регулирование возникающих в этом процессе общественных отношений является одним из основных факторов. В этой связи стали предметом исследования состояние действующего законодательства по этому вопросу и перспективы развития законодательства применительно возложенных задач. Идея об обеспечении правильного соотношения законов и подзаконных актов в механизме правового регулирования вызывает интерес. Необходимость внесения новелл в законодательство является подтверждением того, что во взаимодействии с четвертой стратегической целью развития государства – индустриализацией экономики - правовая политика государства в корне изменилась. Потому что всякое проявление общественных отношений, в том числе и в экономике, чтобы быть эффективным в жизни должно иметь крепкую правовую базу. Более того, механизмы правового регулирования этих общественных отношений должны выражать единство и взаимодействие единства субъективных юридических законов и объективных законов рыночной экономики.

**Ключевые слова:** цель, стратегия, индустриализация, предпринимательство, инвестиции, правовая политика государства, рыночная экономика, рыночные отношения, этап перехода в рыночную экономику, субъективные правовые законы, объективные законы рыночной экономики, соотношение законов и подзаконных нормативно-правовых актов.

## ABOUT SOME LEGAL ISSUES IN ACHIEVING THE GOAL OF INDUSTRIALIZATION OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN

The industrialization of the country's economy is defined as the fourth strategic development goal by the message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon from 2018. To achieve this goal, the legal regulation of public relations arising in this process is one of the main factors. In this regard, the state of the current legislation on this issue and the prospects for the development of legislation in relation to the assigned tasks have become the subject of research. The idea of ensuring the correct balance of laws and by-laws in the mechanism of legal regulation is of interest. The need to introduce innovations in legislation indicates that in connection with the fourth strategic goal of the state - the industrialization of the economy, the legal policy of the state has also radically changed. Because every manifestation of public relations, including in the economy, must have a solid legal basis for effective implementation in life. Moreover, the order (mechanism) of legal regulation of these social relations should reflect the unity and mutual influence of subjective legal laws and objective economic laws (market economy).

**Keywords:** purpose, strategy, industrialization, entrepreneurship, investments, legal policy of the state, market economy, market relations, the stage of transition to a market economy, subjective legal laws, objective laws of the market economy, the ratio of laws and subordinate regulations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Болтуев Самад Шарифбоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ, профессор. **Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микрорайони 17, бинои 1

**Сведения об авторе:** ***Болтуев Самад Шарифбоевич*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, кандидат юридических наук, доцент кафедры предпринимательского и международного права, профессор. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, 17 Микрорайон, дом.1

**Information about the author:** ***Boltuev Samad Sharifboevich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Business and International Law, Professor. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 Microdistrict, building 1

ТДУ: 342.4(575.3)

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ РЕНТА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Амонзода Баҳодур*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми “шартнома” маъноҳои зиёд дорад, ки он ҳамчун ҳуҷҷат ва созишнома (факти ҳуқуқӣ) муайян карда мешавад ва асоси пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъгардии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва ҳамчун худи муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ эътироф мегардад. Эътирофи шартнома ҳамчун факти ҳуқуқӣ ва пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ дар лаҳзаи бастани он сурат мегирад. Аз ин рӯ, шартнома ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ маҳз аз лаҳзаи он оғоз меёбад, ки он бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳамчун басташуда эътироф карда мешавад. Аз ин ҷост, ки лаҳзаи бастани шартнома факти ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси он вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни созишнома, яъне ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ҳамчун субъектҳои муносибати мушаххаси шартномавӣ муайян карда мешавад.

Ба ақидаи М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, М.В. Карасева, таъиноти асосии шартномаро батанзимдарории рафтори шахсон дар чорчӯбаи қонун бо роҳи ишора ба ҳудудҳои рафтори имконпазиру ҳатмии онҳо ва оқибатҳои вайрон кардани талаботи мазкур ташкил медиҳад [3,с.165].

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов ва И.Ғ. Ғаффорзода, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аҳаммияти шартномаи ҳуқуқи гражданӣ зиёд шуда истодааст, чунки шартномаи шакли ҳуқуқии асосии муносибатҳои молумулкиии байни тамоми субъектони ҳуқуқи гражданӣ мебошад [9,с.441].

Ҳамин тариқ, яке аз сабабҳои пайдоиши шартномаи рента дар қонунгузории Аврупо набудани пули нақд буд, ки боиси пайдоиши иҷораи молу мулки ғайриманқул (рента) гардид. Сабаби дигари пайдо шудани иҷора дар он буд, ки калисо, инчунин, қонунгузории дунявӣ қарзи бо фоизро манъ намуда буд. Аз ин хотир, барои ин аз шартномаи муқаррар намудани рента истифода бурданд. Қарзгиранда, ки маблағи сармояро гирифтааст, на уҳдадории пардохти фоизҳо аз ин маблағ ва баргардондани он, балки уҳдадории номуайян оид ба пардохти рента ба қарздиҳандаро ба уҳда мегирад. Яке аз аввалин сарчашмаҳои қонунгузории танзими муносибатҳои дахлдор Кодекси мадании Фаронса буд, ки боби шартномаи рентаи якумриро дар бар мегирад.

Рента (олмонӣ - Rente, фаронсавӣ. - rente, аз лотинӣ - reddita - дода мешавад) ҳамчун категорияи иқтисодӣ ҳамагуна даромади мунтазам гирифташуда аз сармоя, молу мулк ё заминро дар назар дорад, ки аз гирандагони он фаъолияти соҳибкориро талаб намекунад [11,с.603]. Бояд қайд намуд, ки рента яке аз шаклҳои ба сармоя табдил додани молу мулк ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи Н.Ш. Қурбонализода, баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҶТ муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ такмил ёфта, дар айни замон асоси иқтисодиёти ба мустақилият ва баробарӣ асосёфтаро ташкил медиҳад [8,с.5]. Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ҳуқуқи гражданӣ ва қонунгузории он марҳилаи нави рушдро оғоз намуд. Соли 1999 қисмҳои 1 ва 2, баъдан соли 2005 қисми 3 Кодекси гражданинии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки дар ташаккули соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва умуман низоми ҳуқуқ ва соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши сазовор бозиданд. Албатта, табиист, ки бо инкишофу таҳаввулоти ҷомеа чунин санади муҳимми кодификатсионӣ чун Кодекси гражданӣ худ мавриди таҷдиди назар қарор мегирад [14,с.4].

Шартномаи рента яке аз шартномаҳои қадимаи ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки он ҳанӯз дар асрҳои миёна вуҷуд дошт. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 як қатор падидаҳои навро дар ҳуқуқи мадании мамлакат ба вуҷуд овард. Шартномаи рента яке аз навгониҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Барои Тоҷикистон шартномаи рента падидаи нав буда, танзими ҳуқуқии он бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омад. Танзими ҳуқуқии шартномаи рента дар боби 38 (моддаҳои 643-670) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. То қабули Кодекси маданӣ танҳо як намуди шартномаи рента – таъминоти якумра бо саробонӣ танзим гардида, мавриди истифода қарор мегирифт.

Мувофиқи шартномаи рента, як тараф (гирандаи рента) молу мулкро ба тарафи дигар (пардохткунандаи рента) ба моликият месупорад, пардохткунандаи рента бошад, ухдадор мешавад бар ивази молу мулки гирифтааш давра ба давра ба гирандаи рента маблағи муайяни пулиро пардохт кунад, ё ин ки воситаҳои дигари таъминотро пешниҳод намояд.

Доираи амали шартнома васеъ буда, ба намудҳои алоҳида ҷудо карда мешавад. Бо ҳамин назардошт, дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон рентаи доимӣ, рентаи якумра ва таъминоти якумра бо саробонӣ ҷудо карда мешавад. Ба намудҳои алоҳида ҷудо шудани шартномаи рента тақозо менамояд, ки хусусиятҳои алоҳидаи он мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, табиати ҳуқуқии онҳо муайян карда шавад.

Шартномаи рента падидаи нисбатан нави қонунгузории мадании мамлакат мебошад. Дар Кодекси граждании Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 [2] танҳо шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ (боби 32) муайян гардида буд.

Шартномаи рента ба гурӯҳи шартномаҳо вобаста ба бегона кардани молу мулк мансуб аст. Шартномаи рента шартномаи алоҳидаю мустақили ҳуқуқи маданӣ буда, аз шартномаҳои хариду фурӯш, ҳадя ва дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ бо як қатор аломатҳои хос тафовут дорад. Шартномаи рента аз шартномаи ҳадя бо он фарқ мекунад, ки гирандаи рента бар ивази додани молу мулки муайян аз пардохткунандаи рента музд ё пешниҳоди дигари мутақобила мегирад, яъне мuзднок аст ва умумияти ин шартномаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ба бегона кардани молу мулк равона гардидаанд.

Шартномаи рента аз шартномаи хариду фурӯш бо хусусияти музде, ки ба гирандаи рента барои молу мулки бегонакардааш дода мешавад, фарқ менамояд. Мувофиқи шартномаи хариду фурӯш харидор нархи муайяни молро (аз ҷумла, молҳоеро, ки бо нақшаи тақсимшуда фурӯхта мешавад) пардохт менамояд. Ба ҳамин монанд, тибқи шартномаи мубодила бегона кардани мол аз ҷониби тарафҳо барои пардохти муайяни пешакии ҳисобшуда амалӣ карда мешавад.

Дар шартномаи рента бошад, маблағи пардохти рентавӣ, ки ба гирандаи рента дода мешавад ё арзиши воситаҳои ба гиранда таъминшаванда номуайян аст, зеро уҳдадории пардохти рента ё ба муҳлати номуайян (рентаи доимӣ) ё дар тули ҳаёти гирандаи рента (рента якумра) амал менамоянд. Аз ин рӯ, шартномаи рента ба гурӯҳи шартномаҳои таваккалӣ мансуб аст.

Таваккалӣ будани шартномаи рента дар он аст, ки пардохткунандаи рента аниқ дарк карда наметавонад, ки аз бастани ин шартнома фоида ё зиён мебинад. Масалан, агар дар шартномаи рентаи якумра гирандаи рента манзили истиқоматиашро, ки арзиши 150 000 сомонӣ дорад, ба пардохткунанда пешниҳод менамояд ва дар шартнома муайян менамоянд, ки пардохти рентавӣ дар як моҳ бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад. Дар ин ҳолат, агар пардохткунандаи рента баъди бастани шартномаи рента зиёда аз понздаҳ сол гирандаи рентаро таъмин намояд, дар ин ҳолат пардохткунандаи рента зиён мебинад, зеро арзиши пардохтҳои рентавии таъминнамудаи вай аз арзиши манзили истиқоматии бадастовардааш зиёд мегардад. Дар ҳолати баръакс (муддати кӯтоҳ пешниҳод намудани пардохти рентавӣ) боиси фоида дидани пардохткунандаи рента мегардад.

Қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш нисбат ба қисме аз муносибатҳои шартномавии рентавӣ метавонанд татбиқ карда шавад. Дар ҳолате, агар шартномаи рента молу мулкро музднок муқаррар намояд, дар муносибати байни тарафҳо оид ба додан ва пардохт қоидаҳои хариду фурӯш (боби 35 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) татбиқ мешаванд, агар ҳолати дигар дар қоидаҳои боби мазкур муқаррар нашуда бошад ва ба моҳияти шартномаи рента мухолифат надошта бошад (қисми 2, м. 645 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҷиҳати дигари асосии фарқкунандаи шартномаи рента аз шартномаи хариду фурӯш дар он зоҳир мегардад, ки молу мулк дар шартномаи хариду фурӯш пурра ба ҳуқуқи моликияти харидор гузашта, пурра алоқаҳои ҳуқуқии фурӯшанда ба он қатъ мегардад. Дар шартномаи рента бошад, ба ҳуқуқи моликияти пардохткунандаи рента гузарондани мавзуи шартнома, тибқи нишондоди бевоситаи қонун, боиси пайдоиши гаронӣ ба он мегардад.

Дар асоси м.646 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон рента гарониро нисбати корхона, иморат, иншоот ё молу мулки ғайриманқули дигар, ки барои пардохти он дода шудаанд, ба вуҷуд меорад. Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента бегонакунии чунин молу мулк уҳдадории он мувофиқи шартномаи рента ба гирандаи молу мулк мегузарад.

Шахсе, ки молу мулки ғайриманқули таҳти гаронии рентавӣ қарордоштаро ба моликияти шахси дигар медиҳад, бо талаби гирандаи рента дар ҳолати вайронкунии шартномаи рента, бо ин шахс ҷавобгарии иловагиро ба уҳда мегирад, агар дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун ё шартномаи дигар ҷавобгарии муштарак аз рӯйи ин уҳдадорӣ муқаррар нагардида бошад.

Дар адабиёти илмӣ оид ба табиати ҳуқуқии реалӣ ё консенсуалӣ доштани шартномаи рента андешаи ягона мавҷуд нест. Баъзе муҳаққиқон [10,с.24] шартномаи рентаро реалӣ эътироф менамоянд, яъне шартномаи реалӣ дар қисмати пардохти рентавӣ ҳисобида мешавад. Ба ақидаи муаллифони дигар [15,с.19-20] шартномаи рента бояд консенсуалӣ бошад, яъне бояд қоидаи «уҳдадор аст диҳад»-ро фарогир бошад. Гурӯҳи сеюми муаллифон [5,с.13] чунин мешуморанд, ки шартномаи рента вобаста ба объекти додашаванда метавонад ё реалӣ ё консенсуалӣ бошад.

Шартномаи рента шартномаи консенсуалӣ мебошад, зеро аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо ва дар шакли дахлдор (хаттии нотариалӣ) ба расмият даровардани шартнома, он басташуда эътироф гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро ба вуҷуд меорад. Шартномаи рентаро шартномаи реалӣ эътироф кардан на он қадар дуруст мебошад, чунки аз лаҳзаи бастан тарафҳои ин шартнома бояд ҳуқуқу уҳдадориҳои худро амалӣ намоянд. Аз ҷумла, пардохткунандаи рента бояд дар доираи шартҳои шартнома гирандаи рентаро бо пардохти рентавӣ аз лаҳзаи бастани шартнома таъмин намояд.

Уҳдадории пардохти рента дарозмуддат буда, бояд мунтазам иҷро карда шавад. Ба ин муносибат дар қонунгузорӣ як қатор қоидаҳо оид ба шакл ва усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории пардохти шартномаи рента муқаррар карда шудаанд.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи манфиатҳои молумулкии гирандаи рента қонунгузор қоидаҳои муайянро ҷиҳати ҳимояи молу мулки вай пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла дар ҳолати гирандаи рента молу мулки ғайриманқулро ба пардохткунандаи рента пешниҳод кардан, гирандаи рента ҳуқуқи ба гарав гирифтани ин молу мулкро пайдо менамояд. Мувофиқи қисми 1, м. 647 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ҳангоми супоридани корхона ё молу мулки ғайриманқули дигар барои пардохти рента гирандаи рента баҳри таъмини уҳдадории пардохткунандаи рента ҳуқуқи гарав ба ин молу мулкро пайдо мекунад».

Дар баробари ин, шартномаи рента, ки додани маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигарро барои пардохти рента пешбинӣ мекунад, шарти муҳимми шартнома таъмини иҷрои уҳдадорӣ ё суғуртаи масъулият дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ин уҳдадорӣ ба манфиати гирандаи рента мебошад.

Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента иҷро накардани уҳдадорие, ки пешбинӣ шудааст, инчунин, ҳангоми аз даст додани таъминот ё бад шудани шартҳои он аз рӯйи ҳолатҳое, ки барои онҳо гирандаи рента ҷавобгар нест, гирандаи рента ҳуқуқ дорад, шартномаи рентаро бекор намояд ва ҷуброни зиёни бо бекор намудани шартнома бавуҷудомадаро талаб намояд.

Шартномаи рента бояд тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад ва шартномае, ки бо пардохти рента бегона кардани молу мулки ғайриманқул пешбинӣ мекунад, инчунин, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Бинобар ин, агар тарафҳо талаботи тасдиқи нотариалии шартномаи рентаро вайрон кунанд, шартнома беэътибор дониста мешавад. Агар шартномаи ба рента додани молу мулки ғайриманқул ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шуда бошад, аммо ба қайди давлатӣ гирифта нашавад, он аҳди бастанашуда ҳисобида

мешавад. Талаботи афзояндаи қонунгузор оид ба иҷрои шартномаи рента ба он нигаронида шудааст, ки то ҳадди имкон манфиатҳои гирандаи рентаро кафолат диҳад.

Ҳангоми тасдиқи нотариалии шартномаи рента бояд мавзуъ, таркиби субъективӣ ва мутобиқатии мазмуни шартнома ба талаботи қонунгузорӣ муайян карда шавад. Ҳангоми тасдиқи нотариалии шартномаи рента бояд муқаррароти қисми 2, моддаи 645 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарӣ гирифта шавад. Моҳияти ин қоида дар он зоҳир мегардад, ки ба тариқи ройгон ё музднок додани молу мулкро муайян менамояд, зарурати ба таври иловагӣ татбиқи қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш ё ҳадия ба вуҷуд меояд.

Бояд қайд кард, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли бегона намудани молу мулк бо пардохти рентавӣ муқаррар карда шудааст:

1) шартномаи рента, ки додани молу мулк ва пардохтро ба таври музднок муқаррар менамояд. Дар ин ҳолат нисбати шартномаи рента қоидаҳои боби 35 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне шартномаи хариду фурӯш татбиқ карда мешавад;

2) шартномаи рента, ки додани молу мулк ва пардохтро ба таври ройгон муайян менамояд. Дар ин маврид, нисбат ба шартномаи рента қоидаҳои шартномаи ҳадия татбиқ карда мешавад. Қоидаҳои шартномаи хариду фурӯш ва шартномаи ҳадя нисбати шартномаи рента дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар дар боби 38 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад ё ба моҳияти шартномаи рента мувофиқ бошад.

Дар қонунгузорӣ баъзе маҳдудиятҳо доир ба тарафҳои шартномаи рента пешбинӣ гардидааст. Ҳамчун гирандаи рента дар шартномаи рентаи доимӣ шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ шуда метавонанд. Дар шартномаи рентаи якумра ва шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ гирандаи рента танҳо шахсони воқеӣ шуда метавонанд. Дар баробари шахсони воқеӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонанд гирандагони рентаи доимӣ бошанд, агар ин ба қонун ва мақсадҳои фаъолияти онҳо мухолиф набошад.

Яке аз маҳдудияти охирин аз он вобаста аст, ки қобилияти ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ махсус аст, яъне қобилияти доштани чунин ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои чунин уҳдадориҳоеро дорад, ки ба ҳадафҳои фаъолияти онҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинӣ шудаанд, мувофиқат намудан мебошад.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки барои як давраи муайян таъсис ёфтаанд ё то расидан ба ҳадафҳои муайян вуҷуд доранд, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ сабт шудаанд, гирандаи рентаи доимӣ шуда наметавонанд, зеро онҳо ҳуқуқ надоранд ба муносибатҳои доимӣ муносибат кунанд ва пойдорӣ, ки яке аз аломатҳои асосии фаъолияти рентаи доимӣ мебошад. Чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ба монанди муассисаҳое, ки аз ҷониби молик барои амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ ва маблағгузорӣ таъсис дода мешаванд, гирандаи рентаи доимӣ буда наметавонанд, зеро қонун онҳоро бегона кардан ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ карданро манъ мекунад, аз молу мулк ва молу мулке, ки ба онҳо вобаста карда шудааст, бо маблағи аз рӯи буҷет ҷудо кардашуда харида шудааст [3,с.220].

Бояд қайд намуд, ки молу мулк, ки аз ҷониби гирандаи рента ба ҳуқуқи моликияти пардохткунандаи рента пешниҳод карда мешавад, ҳатмӣ нест ки дар ҳуқуқи моликияти худи гирандаи рента қарор дошта бошад. Ин молу мулк метавонад дар ҳуқуқи моликияти шахси сеюм қарор дошта бошад, ки ба пардохткунандаи рента пешниҳод карда шуда, дар шартнома ҳамчун гирандаи рента шахси дигар нишон дода мешавад.

Ташкилотҳои тиҷоратӣ наметавонанд ҳамчун гирандагони рентаи доимӣ баромад кунанд, зеро мақсади асосии фаъолияти онҳо гирифтани фоида аст, ки онҳо бояд аз фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯши мол, истифодаи молу мулк, расонидани хизмат ва ғ. фоида гиранд. Ин манъкунӣ бо он асоснок карда мешавад, ки фаъолияти онҳо соҳибкорӣ буда, бо муомилоти молумулкӣ зич алоқаманд мебошад ва ба мавқеи гирандаи рента, ки аз рӯйи даромад зиндагӣ мекунад ва дар таъсиси он ӯ иштирок надорад, мувофиқат намекунад.

Шартҳои асосии шартномаи рента ба намуди он вобаста аст. Шарти муҳим барои ҳама намудҳои шартномаи рента мавзуи он мебошад. Ба андешаи М.М. Соҳибов,

“мустақилияти ҳама гуна шартномаҳо дар ҳуқуқи гражданӣ, пеш аз ҳама, ба мавзуи (предмети) он вобаста аст. Илова бар ин, мавзӯи шартнома ифодагари мустақилияти он аст. Бинобар ҳамин, муқаррар гардидани мавзӯи шартнома дар ин соҳа аҳамияти муҳим дорад” [12,с.89]. Ҳама гуна молу мулк метавонад бо пардохти рентаи доимӣ ва якумра дода шавад ва мавзуи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ танҳо молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Сонияи, чунин шартҳо уҳдадории пардохткунандаи рентаро оид ба таъмини манфиатҳои гирандаи рента дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, қонунгузор кӯшиш мекунад, ки манфиатҳои охиринро ҳимоя кунад.

Агар молу мулки ғайриманқул бо пардохти рента дода шавад, дар он сурат гарав (ипотека) ҳамчун чораи таъминот истифода мешавад. Ҳамин тариқ, бегона кардани молу мулки ғайриманқули ба рента гирифташуда танҳо бо розигии гирандаи пардохткунандаи рента ба сифати гаравгир имконпазир аст.

Шарти дигари муҳимми шартномаи рента муайян намудани тарзи таъмини уҳдадории пардохти рента мебошад. Пардохти рента ба гирандаи рента бояд бечунучаро таъмин карда шавад. Механизми чунин таъминот вобаста ба хусусияти молу мулки додашуда фарқ мекунад. Ҳангоми барои пардохти рента додани молу мулки ғайриманқул гирандаи рента бо мақсади таъмини уҳдадории супорандаи рента ҳуқуқи ба гарав гузоштани ин молу мулкро пайдо мекунад.

Дар ин замина, гирандаи рента ҳуқуқи афзалиятнокро барои қонеъ гардондани манфиатҳои худ (аз ҷумла, баргардондани молу мулк) ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо дорад.

Агар на молу мулки ғайриманқул, балки дигар молу мулк барои пардохти рента дода шуда бошад, он гоҳ пардохткунандаи рента уҳдадор аст иҷрои уҳдадориашро таъмин намояд ё ба фоидаи рентагиранда таваккали масъулиятро барои иҷро накардани уҳдадориҳо суғурта намояд. Бо дарназардошти он ки пардохти рента давра ба давра сурат мегирад, ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтии уҳдадории пардохткунандаи рента барои супоридан (пешниҳод) намудани пардохти рентавӣ тарафҳо метавонад ноустуворона муайян намоянд.

Мутобиқи м. 648 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «барои гузарондани муҳлати пардохти рента пардохткунандаи рента ба гирандаи рента фоизҳоеро пардохт мекунад, ки дар м. 456 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, агар андозаи дигари фоиз дар шартномаи рента муайян нашуда бошад». Моддаи 456 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муқаррар намудааст, ки фоизи истифодаи маблағ бо ба ҳисоб гирифтани рӯзи пардохти ин маблағ ба кредитор рӯёнида мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома барои ҳисоби фоиз муҳлати нисбатан кӯтоҳтар муайян нагардида бошад. Андозаи фоиз бо назардошти меъёри бозтамвил, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин қоидаҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар дар қонун ё шартнома андозаи дигари фоиз муқаррар нашуда бошад.

Муайян кардани шакл ва андозаи пардохти рентавӣ шарти дигари муҳимми шартномаи рента ба ҳисоб меравад. Пардохти рента мумкин аст дар шакли воситаҳои пулии нақдӣ, инчунин, дар шакли таъмин намудани таъмини эҳтиёҷоти алоҳидаи шахс ба манзил, озуқа, сару либос ва ғ. амалӣ шавад.

Шакл ва андозаи ҳадди ақалли пардохти рентавиро қонун муқаррар менамояд. Мақсади чунин қоида ҳимояи манфиатҳои пардохткунандаи рента ва муқаррар намудани меъёрҳои объективии маҳдуд кардани муомилоти рентаи қалбакӣ мебошад, ки дигар муомилотро пинҳон мекунанд. Рентаи доимӣ, тибқи андозаи муайяннамудаи шартнома, бо пул пардохт карда мешавад.

Мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ, пардохти рента ба тариқи пешниҳоди ашё, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ, ки ба арзиши пулии рента мутобиқ аст, метавонад муқаррар карда шавад. Андозаи рентаи доимии пардохтшаванда, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда мешавад, барои як моҳ бояд на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

Рентаи якумра дар шартнома ҳамчун маблағи пулӣ муайян карда мешавад, ки ба гирандаи рента давра ба давра дар давоми ҳаёти ӯ пардохт карда мешавад. Андозаи

рентаи якумраи муқаррарнамудаи шартнома, ки додани молу мулкро ба таври ройгон пешбинӣ кардааст, барои як моҳ бояд на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

Уҳдадории пардохткунандаи рента дар мавриди таъминот бо саробонӣ метавонад аз таъмини эҳтиёҷот ба манзил, хӯрок, либос ва агар вазъи саломатии шахс талаб намояд, ҳамчунин, аз нигоҳубини якумраи ӯ иборат бошад. Дар шартнома, инчунин, пардохти хароҷоти хизматрасонии маросими дафн аз тарафи пардохткунандаи рента пешбинӣ шуда метавонад.

Дар шартнома бояд арзиши тамоми ҳаҷми таъминот бо саробонӣ муайян карда шавад. Дар айни ҳол ҳаҷми умумии таъминот дар як моҳ наметавонад аз андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад.

Дар асоси қисми қисми 2, моддаи 643 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «тибқи шартномаи рента муқаррар кардани уҳдадории бемуҳлати пардохти рента (рентаи доимӣ) ё ба муҳлати ҳаёти гирандаи рента (рентаи якумра) имконпазир аст. Рентаи якумра бо шартҳои таъминоти якумрии шаҳрванд бо саробонӣ мумкин аст муқаррар карда шавад».

Тафсири айнӣ (аслӣ)-и ин муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ду намуди шартномаи рента – рентаи доимӣ ва рентаи якумра вуҷуд дорад. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ бошад, намуди рентаи якумра буда, нисбати он қоидаҳои шартномаи рентаи якумра паҳн мегардад. Дар ин замина, тибқи қ. 2, моддаи 661 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «нисбат ба шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ қоидаҳои рентаи якумра татбиқ карда мешаванд, агар дар параграфи мазкур тартиби дигар муқаррар нашуда бошад».

Хусусияти асосии рентаи доимӣ хусусияти номуайянии амали уҳдадории пардохти рента мебошад, ки тибқи шартнома ба зиммаи пардохткунандаи рента гузошта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки мавҷудияти он ба ягон давраи вақт, аз ҷумла давомияти ҳаёт ё мавҷудияти қабулкунанда маҳдуд намегардад.

Аломати дигари шартномаи рентаи доимӣ ин имконияти гузаштани ҳуқуқи гирандаи рента дар натиҷаи гузашти талабот ва имкони гузаштани онҳо аз рӯйи мерос ҳангоми azнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқи гирандаи рентаи доимӣ метавонад ба шаҳрвандон, инчунин, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ҳуқуқи гирандагони рентаи доимӣ буданро доранд, гузаронда шавад.

Ҷиҳати хоси шартномаи рентаи доимӣ дар он аст, ки бо хоҳиши тарафҳо мумкин аст пардохти рентавӣ харидорӣ шуда, пардохти минбаъдаи он рад карда шавад. Хариди рентаи доимӣ бо риояи талаботи пешбининамудаи моддаи 652 ва 653 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти харидорӣ намудани пардохти рентавиро ҳам бо хоҳиши пардохткунандаи рента ва ҳам бо талаби гирандаи рента муқаррар намудааст.

Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои давомдоре, ки дар асоси шартномаи рентаи доимӣ ба миён меоянд, масъалаи тақсими хавфи тасодуфии молу мулки таҳти пардохти рентаи доимӣ додашуда байни тарафҳо аҳаммияти махсус дорад. Агар молу мулке, ки ройгон ба ҳисоби пардохти рентаи доимӣ дода шудааст, тасодуфан нобуд ё вайрон шуда бошад, он гоҳ таваккал ба дӯши супорандаи рента (чун шахсе, ки ин молу мулкро ройгон ба моликият гирифтааст) гузошта мешавад. Бинобар ин, вай уҳдадор аст, сарфи назар аз талаф ё зарар дидани молу мулк, минбаъд низ уҳдадориҳои худро оид ба додани пули рентаи доимӣ иҷро намояд. Агар молу мулке, ки барои пардохти рентаи доимӣ дода шудааст, тасодуфан нобуд ё тасодуфан осеб дида бошад, пардозанда ба сифати шахсе, ки хароҷоти ба моликияти ба даст овардани ин молу мулкро бар дӯш гирифтааст, ҳуқуқ дорад, мутаносибан қатъи шартномаи рентаи доимиро талаб намояд [6,с.62].

Тибқи қ. 1, моддаи 652 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «пардохткунандаи рентаи доимӣ ҳуқуқ дорад ба тариқи харидани рента пардохти минбаъдаи онро рад намояд. Чунин радкунӣ ба шарте воқеӣ мебошад, ки аз ҷониби пардохткунандаи рента дар шакли хаттӣ на дертар аз се моҳ то қатъшавии пардохти рента ё муҳлати аз он бештар, ки шартномаи рентаи доимӣ пешбинӣ намудааст, изҳор шуда бошад. Ҳамзамон, уҳдадорӣ

оид ба пардохти рента то гирифтани маблағи пурраи хариди рента қатъ намегардад, агар дар шартнома тартиби дигари харид пешбинӣ нашуда бошад».

Тарафҳо дар шартномаи рентаи доимӣ наметавонанд муқаррарот оид ба манъ будани ҳуқуқи пардохткунандаи рента ба хариди пардохти рентавӣ муайян намоянд, зеро тибқи нишондоди бевоситаи қонун (қ. 2, моддаи 652 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) чунин шарт дар шартнома беоқибат мебошад. Ҳамзамон, дар шартномаи рентаи доимӣ метавонад муқаррар карда шавад, ки ҳуқуқи харидани рентаи доимӣ ҳангоми дар ҳаёт будани гирандаи рента ё дар давоми муҳлати дигар, ки аз сӣ сол аз лаҳзаи бастани шартнома зиёд буда наметавонад, амалӣ карда намешавад. Ин шарт дар ҳолате амал менамояд, ки агар дар шартномаи рентаи доимӣ бевосита пешбинӣ гардида бошад.

Хариди пардохти рентавӣ дар шартномаи рентаи доимӣ бо талаби гирандаи рента низ метавонад амалӣ карда шавад. Гирандаи рентаи доимӣ ҳуқуқ дорад аз пардохткунанда харидани рентаро талаб намояд, агар:

– пардохткунандаи рента зиёда аз шаш моҳ муҳлати пардохти онро гузаронда бошад, агар ҳолати дигар дар шартномаи рентаи доимӣ пешбинӣ нашуда бошад;

– пардохткунандаи рента уҳдадории худро оид ба таъмини пардохти рента вайрон намуда бошад (моддаи 647 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– пардохткунандаи рента муфлис эътироф шуда ё ин ки ҳолатҳои дигаре пайдо шуданд ва бараъло гувоҳӣ медиҳанд, ки рента дар андоза ва муҳлати муқаррарнамудаи шартнома пардохт карда намешавад;

– молу мулки ғайриманқуле, ки барои пардохти рента супорида шуда буд, таҳти моликияти умумӣ қарор гирад ё дар байни якчанд шахс тақсим шуда бошад;

– дар шартнома ҳолатҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд.

Хариди рентаи доимӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 652 ва 653 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархе анҷом дода мешавад, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми ҷой надоштани шарт дар бораи нархи харид дар шартномаи рентаи доимӣ, ки мувофиқи он молу мулк музднок барои пардохти рентаи доимӣ дода шуда буд, харид бо нархи баробар ба маблағи яксолаи пардохти рента анҷом дода мешавад.

Ҳангоми ҷой надоштани шарт дар бораи нархи харид дар шартномаи рентаи доимӣ, ки мувофиқи он молу мулк ройгон барои пардохти рентаи доимӣ дода шуда буд, ба нархи харид дар баробари маблағи яксолаи пардохти рента нархе, ки тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қ. 3, моддаи 486 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ҳамроҳ мешавад.

Намуди дигари шартномаи рента ин рентаи якумра ба ҳисоб меравад. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зербоби 3, боби 38 шартномаи рентаи якумраро танзим намуда, таърифи мушаххаси дар ин зербоб муайян нагардидааст. Дар заминаи таҳлили мазмуну моҳияти шартномаи рентаи якумра, ки аз меъёрҳои қонунгузор бармеоянд, таърифи зерини мафҳуми шартномаи мазкурро муайян кардан имконпазир аст.

Тибқи шартномаи рентаи якумра, як тараф (гирандаи рента) молу мулкро ба ҳуқуқи моликияти тарафи дигар (пардохткунандаи рента) медиҳад ва пардохткунандаи рента бар ивази молу мулк уҳдадор мешавад, ки дар давраи ҳаёти гирандаи рента давра ба давра пардохти рентавиро пешниҳод намояд. Шартномаи рентаи якумра метавонад ба давраи ҳаёти шаҳрванд (шаҳрвандоне), ки молу мулкро бо пардохти рентавӣ месупорад ё ба давраи ҳаёти шаҳрванди дигари нишондодаи ӯ муқаррар карда шавад.

Рентаи якумра мумкин аст ба манфиати якчанд шаҳрванд муқаррар шавад, ки ҳиссаи онҳо дар ҳуқуқи гирифтани рента баробар мебошад, агар ҳолати дигар дар шартномаи рентаи якумра пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми вафоти яке аз гирандагони рента ҳиссаи ӯ дар ҳуқуқи гирифтани рента ба гирандаи рента, ки зинда аст, мегузарад, агар дар шартномаи рентаи якумра тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, дар ҳолати вафоти охирин гирандаи рента бошад, уҳдадории пардохти рента қатъ мегардад.

Шартномаи рентаи якумра хусусияти таваккалӣ дорад (аз лотинии alea - зарра, имкон), зеро асоси қатъи он (вафоти гирандаи рента) барои як ё ҳар ду тараф аз ҳодисаи

номаълум вобаста аст. Сухан дар бораи номуайянии на худи ҳодиса, балки дар бораи замони фарорасии он меравад. Маблағи пардохти рентавӣ, ки ба гирандаи рента пардохта мешавад, номуайян аст, зеро уҳдадории пардохти рента дар давоми тамоми ҳаёти гирандаи рента эътибор дорад.

Дар шартномаи рентаи якумра аз рӯйи моҳият танҳо шахсони воқеӣ гирандаи рента шуда метавонанд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ. 1, моддаи 656) мустаҳкам гардидааст, ки «рентаи якумра ба давраи ҳаёти шаҳрванд, ки молу мулкашро барои пардохти рента додааст ё ба давраи ҳаёти шаҳрванди дигари муайяннамудаи ӯ муқаррар шуда метавонад».

Аз ин рӯ, на дар ҳамаи ҳолат гирандаи рента ба шахсе мувофиқ меояд, ки молу мулкашро барои пардохти рентавӣ пешниҳод намудааст. Дар ҳолати ба манфиати шахси сеюм молу мулки худро тибқи шартномаи рентаи якумра пешниҳод кардан, шартномаи рента табиати ҳуқуқии шартномаи ба манфиати шахси сеюмро касб менамояд.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «шартномае, ки ба фоидаи шаҳрванд то вақти бастани шартнома вафот кардааст, рентаи якумра муқаррар менамояд, эътибор надорад». Моҳияти ин меъёр дар чунин қоида ифода ёфтааст, ки шартномаи рентаи якумра дар натиҷаи беэътибор буданаш ба фоидаи шахс, ки дар вақти бастани аҳд зинда аст, бояд баста шавад.

Дар ин хусус, дар Кодекси мадании Фаронса меъёре муайян шудааст, ки тибқи он шартномаи рентаи якумраи ба манфиати шахсе, ки ба беморие гирифтор шуда, на дертар аз 20 рӯз аз лаҳзаи бастани шартнома вафот кардааст, беэътибор дониста мешавад. Ин қоида воситаи пешгирии сӯиистифода ҳангоми бастани шартномаҳои рента бо мақсадҳои рӯякӣ мебошад.

Агар дар шартнома оид ба андозаи рента шарт набошад, он бастанашуда ба ҳисоб меравад. Андозаи рентаи якумра дар шартнома дар асоси пардохти ҳармоҳа муқаррар карда мешавад. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, рентаи якумра баъд аз хотимаёбии ҳар як моҳи тақвимӣ пардохт карда мешавад.

Пардохти рентавӣ дар шартномаи рентаи якумра ҳамчун маблағи пулӣ муайян карда мешавад, ки ба гирандаи рента давра ба давра дар давоми ҳаёти ӯ пардохт карда мешавад. Андозаи рентаи якумраи муқаррарнамудаи шартнома, ки додани молу мулкро ба таври ройгон пешбинӣ кардааст, барои як моҳ бояд на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

**Муқаррриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Ғафорзода И.Ғ.**

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.09.2023).
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.09.2023).
3. Брагинский М.И. Договорное право. Книга вторая: Договоры о передаче имущества / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М.: Статут, 2000. – 800 с.
4. Брагинский М.И. Договорное право: Общие положение / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. -М., 1997. -847 с.
5. Ем В.С. Договор ренты / В.С. Ем // Законодательство. – 1999. – №5. – С. 8-14.
6. Зульфугарзаде Т.Э. Особенности нотариального удостоверения договора ренты / Т.Э. Зульфугарзаде // Журнал «Право: теория и практика». - 2003. – № 11. – С. 61-67.
7. Карасева М.В. Основы договорного права (электронный учебник) / М.В.Карасева. –М.: 2006. – 336 с.
8. Қурбонализода Н.Ш. Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории ҶТ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Н.Ш.Қурбонализода. – Душанбе, 2023. – 352 с.
9. Қурбонов Қ.Ш. Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. китоби дарсӣ. Қ.1. -Душанбе, 2017. – 504 с.
10. Романец Ю.В. Рента и пожизненное содержание с иждивением // Рос. юстиция. – 1998. -№6. -С.24-26.
11. Словарь иностранных слов / Под редакцией Лехина И.В. и Петрова Ф.Н. – М., 1955. – 856 с.
12. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / М.М.Соҳибов. – Душанбе, 2018. – 235 с.
13. Хохлов С.А. Рента и пожизненное содержание с иждивением // Гражданский кодекс РФ. Часть вторая: Текст, комментарии, алфавитно-предметный указатель / Под ред. О.М. Козырь, А.Л. Маковского, С.А. Хохлова. – М.: Норма, 2003. – С. 320.

14. Ҳиматов Ҳ.Н. Чанде далел оид ба зарурати табдили номи Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ / Ҳ.Н. Ҳиматов // Минбари ҳуқуқшинос. – 2017. – №19-22 (73-76). – С. 4-5.
15. Цыбуленко З.И. Рента и пожизненное содержание с иждивением // Рос. юстиция. – 1998. – №7. – С. 12-20.

## МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ РЕНТА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ҳуқуқи маданӣ нақши шартномаҳо дар таъмини инкишофи муътадили муомилоти молумулкӣ назаррас мебошад. Шартнома ба субъектон озодиро дар муайян намудани қоидаи рафтор ва интихоби роҳи қонеъ намудани манфиатҳои худ кафолат медиҳад, аз ин рӯ, субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ барои бастани шартномаҳо ҳавасманд мебошанд. Вобаста ба ин, шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамеша ташаккул меёбанд ва бо назардошти талаботи мавҷуди ҷомеа онҳо мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи рента падидаи нав аст, чунки танҳо бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра танзими карда шуд. Шартномаи рента ба рентаи доимӣ ва рентаи якумрӣ ҷудо карда мешавад, ки дар Кодекси мадании мамлакат ҳар ду шартномаи мазкур ба таври пурра танзим карда шудааст. Дар заминаи нав будани падидаи шартномаи рента дар низоми ҳуқуқии мамлакат таҳлили илмии мавзуи мазкур мубрам аст. Дар мақола муаллиф масъалаҳои мухталифи шартномаҳои рента, аз қабили мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, шартҳои муҳиммии шартномаи рента, шартномаи рентаи доимию якумра ва таносуби онҳо таҳқиқ шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи маданӣ, уҳдадорӣ, шартнома, шартномаи рента, рента, рентаи доимӣ, рентаи якумра, таъминоти якумрӣ бо саробонӣ, тарафҳои шартнома, шартҳои муҳимми шартнома, гирандаи рента, пардохткунандаи рента, молу мулк, мулки ғайриманқул, пардохти рентавӣ, шахсони воқеӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, мавзуи шартнома, молу мулки ғайриманқул.

## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ ДОГОВОРА РЕНТЫ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В гражданском праве роль договоров в обеспечении беспрепятственного развития сделок с имуществом значительна. Договор гарантирует субъектам свободу в определении правил поведения и выборе способа удовлетворения своих интересов, следовательно, субъекты гражданско-правовых отношений мотивированы на заключение договоров. В связи с этим гражданско-правовые договоры постоянно формируются и с учетом существующих требований общества подлежат правовому регулированию. В системе гражданско-правовых договоров договор ренты является новым институтом, поскольку в полной мере он был урегулирован только с принятием Гражданского кодекса Республики Таджикистан. Договор ренты делится на постоянную ренту и пожизненную ренту, оба этих договора полностью регулируются Гражданским кодексом страны. В связи с новизной явления договора ренты в правовой системе страны важен научный анализ данной темы. В статье автор исследовал различные вопросы договоров ренты, такие как понятие, правовая природа, важные условия договора ренты, постоянные и пожизненные ренты и их соотношение.

**Ключевые слова:** гражданское право, обязательство, договор, договор ренты, рента, постоянная рента, пожизненная рента, пожизненное содержание с иждивением, стороны договора, существенные условия договора, получатель ренты, плательщик ренты, имущество, недвижимое имущество, выплата ренты, физические лица, некоммерческие организации, предмет договора, недвижимое имущество.

## THE CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF A RENT AGREEMENT UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In civil law, the role of contracts in ensuring the smooth development of property transactions is significant. The contract guarantees subjects freedom in determining the rules of behavior and choosing a way to satisfy their interests; therefore, subjects of civil law relations are motivated to conclude contracts. In this regard, civil law contracts are constantly being formed and, taking into account the existing requirements of society, are subject to legal regulation. In the system of civil contracts, the rent agreement is a new institution, since it was fully regulated only with the adoption of the Civil Code of the Republic of Tajikistan. An annuity contract is divided into a permanent annuity and a life annuity, both of which are fully regulated by the country's Civil Code. Due to the novelty of the phenomenon of rent agreement in the legal system of the country, a scientific analysis of this topic is important. In the article, the author examined various issues of annuity contracts, such as the concept, legal nature, important terms of the annuity contract, permanent and lifelong annuities and their relationship.

**Keywords:** civil law, obligation, agreement, annuity agreement, annuity, permanent annuity, lifelong annuity, lifelong maintenance with dependents, parties to the agreement, essential terms of the agreement, annuity recipient, annuity payer, property, real estate, annuity payment, individuals, non-profit organizations, subject of agreement, real estate.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амонзода Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-93-33-33**

**Сведения об авторе:** ***Амонзода Бахадур*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры гражданского права юридического факультета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-93-33-33**

**Information about the author:** ***Amonzoda Bahodur*** – Tajik National University, applicant for the Department of Civil Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, aven. Rudaki, 17. Phone: **(+992) 900-93-33-33**
**УДК: 347.247(575.3)**

# К ВОПРОСУ ОБ ИСТОРИИ ЗЕМЕЛЬНО-ВОДНОЙ РЕФОРМЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Мухаммадиев И.С.***
**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

Известно, что в конце 20-х годов XX в. проводились мероприятия, направленные на восстановление народного хозяйства. Кулацкие и некоторые подпавшие под их влияние середняцкие элементы нарушали законодательство о земельно-водной реформе, путём злостного невыполнения налоговых обязательств, взяточничества, хищений и спекуляции, злостного неисполнения обязательств по договорам, заключённым с государственными и общественными организациями, запрещёнными промыслами и нарушением правил техники безопасности на предприятиях оказывали противодействие хозяйственным мероприятиям Советской власти.

СНК СССР 28 декабря 1928 г. принял постановление «О мерах борьбы с лжекооперативами». В соответствии с этим постановлением учреждение и руководство деятельностью лжекооперативов, а также содействие должностными лицами организациям лжекооперативов или попустительство их деятельности были объявлены преступлениями.

В ряде районов противники колхозного строя нарушали принципы добровольности организации колхозов и кооперативов, допускали поспешность и принуждали дехкан вступать в колхозы, что вызывало недовольство населения. Например, в кишлаке Кучкак Канибадамского района группа дехкан выразила своё недовольство принудительной организацией колхозов. А в феврале 1930 года врагами колхозного строя в чайхане кишлака Хамирчуй были казнены председатель колхоза Кизил-Аскар Раджаб Хамробоев и агитатор колхозного строя Холмухаммадов [15]. Недруги колхозного строя в определённой степени добились своих целей и в Канибадамском районе были ликвидированы колхозы, что вызывало озабоченность властей. Ценой огромных усилий в 1931 году в Канибадаме вновь вступили в колхоз 72% дехкан [11,с.202].

ЦИК и СНК в постановлении «О ростовщичестве» от 17 марта 1927 г. предложили «центральным комитетам союзных республик установить в качестве признака преследуемого в уголовном порядке ростовщичества взимание процентов по займу свыше предельной нормы».

В области сельского хозяйства серьезную общественную опасность стали представлять различного рода сделки по поводу земельных участков. Это давало возможность кулацким элементам обходить закон о национализации земли, обзаводиться участками земли и развивать свое частное хозяйство. ВЦИК и СНК своим постановлением от 26 марта 1928 г., дополнили УК РСФСР ст. 87-а, которая предусматривала в качестве преступления нарушение законов о национализации земли, выразившееся в совершении в прямой или скрытой форме купли-продажи, дарения, залога, мены и вообще всякое незаконное отчуждение прав трудового землепользования, а также субаренду арендованной земли.

Прокуратура округа систематически проверяла исполнение законоположения о земельной реформе, изучала и брала на контроль расследование и рассмотрение уголовных дел, находящихся в производстве органов дознания и судебно-следственных органов. Об этом свидетельствуют следующие архивные документы. Так, прокурор Ходжентского округа Погодин 30.08.1927г. поручил пом. прокурору Канибадамского района привлечь к ответственности виновных в нарушении законоположений о земельной реформе. «Наделённый по земреформе двумя танапами земли, ранее принадлежащей баю Каримбаю, житель кишлака Караянтак Кабил Амин, под давлением бая бросил указанную землю в пользу последнего и дабы не быть привлеченным к ответственности, Каримбай уплатил ему 100 рублей денег, чего, безусловно, батраку не хотелось, но он ничего не мог сделать» [1].

Житель кишлака Карамазар Аштского района Турсунбой Юзбоши продал один танап общественной земли гражданину Мирзе Ахмедову, жителю того же кишлака. При продаже присутствовал Мирза Ахмед Саяров и Хучамат Турсунматов. Зам. Прокурора округа Хамидов

10.07.27г. поручил пом. прокурора Аштского района произвести дознание и привлечь Турсунбая Юзбоши к ответственности по 174 ст. УК [2].

Во время проведения земельных реформ, в течение 1925 и 1926 гг., земли, отбираемые от баев, отводились в пользование батрачеству и бедным слоям населения. Однако наблюдались неоднократные случаи, когда баи самовольно отбирали обратно землю у батраков, что в корне противоречило политике партии и правительства.

В письме заместителя прокурора Ходжентского округа Хамидова от 27 июля 1927 года народным следователям I и II участка отмечено: «За последнее время в судебно-следственных органах, а также органах дознания, имеются целый ряд дел, возбуждённых против баев, как нарушивших законоположения о земельной реформе по означенному вопросу, а потому предлагаю в самом срочном порядке подготовить мне сведения о количестве дел, с кратким пояснением содержания и сообщить, в каком положении эти дела находятся, если не окончены, то почему, и вместе с тем приступить к немедленному окончанию, а также сообщите о времени поступления к Вам вышеизложенных дел» [3].

Директивные указания партии и правительства об увеличении хлопкового клина и всей посевной площади в Ходжентском округе, направленные для поднятия экономической мощи дехканства и общего благосостояния Республики надлежащим образом не выполнялись, поскольку водные ресурсы ирригационных систем оставались прежними. Кроме того, при использовании общественных земель и орошении посевных площадей в колхозах и единоличных хозяйствах допускались злоупотребления и бесхозяйственность.

Единственной возможной мерой осуществления этих задач считалось своевременное приведение в порядок ирригационной сети, установление и соблюдение строгого порядка водопользования.

С учётом вышеизложенного, Ходжентский Окружной Исполнительный Комитет издал обязательное постановление от 26 февраля 1929 г. [12] и установил административную и уголовную ответственность за деяния, нарушающие правильное функционирование водных систем, признал их наказуемыми по Уголовному Кодексу Уз. ССР.

К таким деяниям было отнесено и признано наказуемым: а) самовольный захват вне очереди или в излишке против причитающегося количества воды; б) забор излишней для полива воды и сброс её без использования; в) переуступка отпущенной по свидетельству воды, а равно использование воды не по назначению; г) сброс отработанной воды по дорогам; д) разливание воды по дорогам; е) производство посева риса в местах для того запрещенных; ж) самовольный полив неорошаемых земель; з) невыполнение водопользователями законных требований водного надзора о порядке водопользования; и) загрязнение воды в каналах и спуск загрязнённой воды в канал, обслуживающий водоснабжением население.

В постановлении было предусмотрено, что «за нарушение настоящего обязательного постановления виновные подвергаются денежному штрафу до 100 руб. или принудительным работам на срок до 1-го месяца в административном порядке и при отягчающих вину обстоятельствах в судебном порядке по ст. ст. 284, 292 Уголовного Кодекса Узбекской ССР».

Знакомство с материалами показывает, что проблема водопользования находилась под строгим контролем. Окружная прокуратура не только прилагала большие усилия по реализации постановлений правительства и решений Ходжентского окружного исполкома по земельно-водной реформе, но и, выявляя нарушения закона, принимала соответствующие меры. Так, временно исполняющий обязанности прокурора Ходжентского округа Тахташев 25 апреля 1929 года внес в окружной исполнительной комитет представление: «Обязательным Постановлением ОИК» а от 26/П-29 г. №4-19 за ряд водных преступлений устанавливается ответственность, как общее правило, в административном порядке и лишь при отягчающих вину обстоятельствах в судебном порядке. А потому прошу сделать распоряжение о замене слов: «При отягчающих вину обстоятельствах», словами: «а в случаях, когда деяние предусмотрено ст.ст. 284-292 УК в судебном порядке» [4].

Необходимо отметить, что большинство требований решения сохраняют актуальность и в наши дни. Например, злоупотребления хозяйств и отдельных лиц установленным временем для водопользования, забор воды сверх установленных норм, бесконтрольный расход воды на

улицах и в других местах по причине безответственности руководителей хозяйств и отдельных личностей – всё это не потеряло своей актуальности и сегодня. Худжандский окружной исполком поручает всем силовым структурам, в т.ч. прокуратуре, принять строгие меры в отношении хозяйств и отдельных личностей, проявляющих безответственное отношение к водопользованию и нарушающих нормы расхода воды.

Аналогичные нарушения при водопользовании, особенно при посеве риса в поймах рек и санитарных зонах, носит распространённый характер по сей день, что может привести к распространению некоторых инфекционных заболеваний среди населения. Однако юридических норм, запрещающих бесконтрольное использование санитарно-защитных зон (за исключением ведомственных инструкций), не имеется. В этой связи считаем целесообразным, разработать и принять нормативные акты и запретительные нормы, установив административную и уголовную ответственность.

В этот период хлебозаготовительная кампания в кишлаках происходила в очень сложных условиях. Чтобы сорвать хлебозаготовительный план и подорвать выполнение хлопковой программы, враги новой власти (Советской – И.М.) вели агитацию среди дехкан за несдачу товарных излишков хлеба государству. Кулаки и баи скрывали свои излишки хлеба, не выпускали их на рынок, не сдавали их хлебозаготовительным организациям, имея цель путём сокрытия и невыпуска на рынок товарных излишков хлеба, а также путём распространения всяких ложных слухов о предстоящем изъятии всего хлеба у дехканства, взвинчивали цену на хлеб и выгодно продавали его впоследствии частнику [5].

В целях снабжения населения мукой и продуктами первой необходимости Постановлением СНК Уз. ССР от 4-го декабря 1928 года за № 88 о гарнцевом сборе [6] для владельцев и арендаторов мельниц, рисоочистительных заводов и рисорушек была установлена обязанность взимания платы за помол и очистку зерна исключительно в натуральной форме (гарнцевый сбор) и сдача этого сбора ближайшим сельскохозяйственным товариществам (*ширкатам*) по твёрдым ценам, устанавливаемым НКТоргом Уз. ССР.

Кроме того, постановлением ЦИК Уз. ССР от 2 февраля 1929г. за № 15 в УК Уз. ССР была включена статья $167^1$ - устанавливающая уголовную ответственность владельцев и арендаторов мельниц, рисоочистительных заводов и рисорушек за нарушение правил о гарнцевом сборе [13; 14].

Прокурором Ходжентского округа по материалам Азиахлеба была проведена проверка соблюдения правил гарнцевого сбора, предъявлялись иски к владельцам предприятий, виновные лица привлекались к уголовной ответственности. За невыполнение законодательства о гарнцевом сборе в течение 1928 и 1929г.г. в Исфаринском, Науском, Канибадамском, Ходжентском районах большое количество нарушителей были привлечены к уголовной ответственности [7]. Заместитель прокурора округа Балонов 24 января 1930года нарсуду шестого участка Исфаринского района направил материалы на 69 злостных неплательщиков гарнцевого сбора по Исфаринскому и Чоркухскому сельхозкредитному товариществам на 1928-1929г.г. в порядке ст. 1 УПК для привлечения виновных лиц – злостных несдатчиков гарнцевого сбора к уголовной ответственности по ст. 168 УК Уз. ССР.

Аналогично по Наускому и Гулякандозскому товариществам в нарсуд третьего участка Науского района были направлены материалы в отношении 35 арендаторов, по Канибадамскому и Кучкакскому сельхозкредит-товариществам нарсуду четвёртого участка Канибадамского района - материалы в отношении 22 арендаторов, по Ходжентскому, Самгорскому и Костакозскому сельхозтовариществом материалы были направлены нарсуду второго участка в отношении 35 арендаторов.

Согласно сведениям Азиахлеба, задолженность по пшенице составила 11709 пудов, шалы - 3293 пуда, всего - 15002 пуда [8].

Дела этого рода заканчивались расследованием в кратчайший срок. Окрсуд и Окрпрокуратура проводили показательные процессы, привлекая государственное и общественное обвинение и устанавливали теснейшую связь с кишлачными организациями бедноты, батрачества и союзом «Джуфтгарон», привлекая представителей этих организаций в качестве общественного обвинения.

О результатах этой работы, количестве возбуждённых дел названной категории, об их движении, а также об избранных мерах социальной защиты [9] информировали НКЮ ежедневно, что подчёркивает особую важность проводимых в этом направлении мероприятий.

Окружной прокурор и участковые помощники прокурора вели наблюдение за целевым расходованием фондов, предоставляемых кредитов, машин, удобрений, семян и пр., по прямому назначению, и чтобы в первую очередь эти фонды предоставлялись бедноте. Должностные лица, виновные в хищениях, растратах и в использовании фондов кооперирования бедноты не по назначению или неисполнении постановлений Правительства, привлекались к уголовной ответственности, принимались все меры к срочному расследованию и передаче дел этого рода в суд.

Так, 6 апреля 1929 года старший следователь при Ходжентской окружной прокуратуре Гринкин направил в окрпрокуратуру уголовное дело в отношении заведующего Ходжентской конторой акционерного общества «Транспорт» Вандрошина Роберта Викторовича, 40 лет, немца по национальности. Он, пристрастившись к азартным играм, систематически посещал казино в старом и новом городе Ходженте, где проигрывал довольно крупные суммы денег, доходившие до 800-900 рублей в один вечер.

Он в период с 26 сентября 1927 г. по 26 июля 1928 г. по роду занимаемой им службы, имея в своём распоряжении крупные денежные суммы, полученные от клиентов за перевозку сельскохозяйственных грузов, различными путями присвоил и растратил в своих личных интересах свыше 11 тыс. рублей, за что был привлечён к уголовной ответственности по ст. 148 ч.2 УК и передан в суд [10].

Органы юстиции, придавая важное значение борьбе с хищениями и бесхозяйственностью, бюрократическими извращениями в аппаратах принимали меры для предупреждения волокиты при расследовании фактов бесхозяйственности и растраты в потребительской кооперации.

Протокольным постановлением заседания коллегии НКЮ от 17 июля 1927г. предложено немедленно принять меры к окончанию в первую очередь всех имеющихся у следователей в производстве дел, связанных с бесхозяйственностью, волокитой и бюрократическими извращениями в аппаратах с последующим сообщением [16].

В Циркуляре НКЮ Уз. ССР от 8 октября 1927 г. «О мероприятиях по делам, о растратах в Потребительской кооперации» [19] отмечено, что "... дела о растратах в потребительской кооперации, возбуждённые в 1926 г., не закончены до настоящего времени. Такая медлительность в рассмотрении дел создаёт у широких масс трудящихся впечатление полной безнаказанности виновных, в связи с этим прокурорам предложили:

1. Просмотреть все дела о растратах в потребительских кооперациях, находящихся в органах дознания, следствия и суда, принимать меры к тому, чтобы таковые были закончены следствием и рассмотрены судом в кратчайший срок.

2. Дела об особо крупных растратах, особенно в низовой кооперации, заслушать показательным процессом.

3. По делам, находящимся в производстве свыше 3 месяцев, потребовать от надлежащих лиц объяснения о причине медлительности и, в случае неуважительности таковых, возбудить против виновных дисциплинарное преследование.

Работа по борьбе за улучшение и оздоровление государственного аппарата с его бюрократическими извращениями признана центральной задачей органов юстиции. Борьба с бюрократическими методами работы и должностными преступлениями велась путем проведения проверок и возбуждения уголовных дел.

Материалы уголовного дела по обвинению бухгалтера Сельхозбанка Матюшкина Николая по ст. 140 УК Уз. ССР [17] свидетельствуют о том, что своим бюрократическим методом приёма посетителей банка создал нездоровую атмосферу среди массы сотрудников банка, способствующую созданию склоки; он своими некорректными выходками к клиентуре банка дискредитировал таковое как учреждение. Он, пользуясь своим служебным положением, своевременно не выдавал справки и взамен вымогал у клиентов банка доски, за что в ноябре 1929 года был привлечён к уголовной ответственности и предан суду по ст. ч.1 ст. 140 Узб. ССР с согласия старшего следователя окружной прокуратуры Рязанцева.

Работники юстиции придавали большую гласность деятельности Прокуратуры и Суда путём освещения их работы, как в печати, так и докладов на дехканских и женделегатских собраниях [18].


**ЛИТЕРАТУРА**

1. ГА СО. – Ф. 163. – Оп. 2. – Д. 26. – Л. 53.
2. ГА СО. – Ф. 163. – Оп. 2. – Д. 26. – Л. 13.
3. ГА СО. - Ф. 163. - Оп. 2. – Д. 32. – Л. 41.
4. ГА СО. - Ф. 163. - Оп. 2. – Д. 214. – Л. 113-114.
5. ГА СО. - Ф. 163. – Оп. 2. - Д. 187. – Л. 210.
6. ГА СО.- Ф. 163. - Оп 2. - Д. 187. – Л. 101.
7. ГА СО. - Ф. 163. - Оп. 2. - Д. 360. – Л.л. 51-55.
8. ГА СО. – Ф. 163. – Оп. 2. – Д. 360. – Л. 56.
9. ГА СО. - Ф. 163. – Оп. 2. - Д. 187. – Л. 228.
10. ГА СО. – Ф. 163. – Оп. 2. – Д. 315. – Л. 10-13.
11. Зохидов Ш. Конибодом (эциклопедия) / Ш. Зохидов. – Худжанд, 2006.
12. Обязательное постановление Ходжентского окружного комитета по водному хозяйству от 26 февраля 1929 г. за -№4 // ГА СО. - Ф. 163. – Оп. 2. – Д. 214. – Л. 172
13. Правда Востока. – 1929. - 14 января.
14. Правда Востока. – 1929. – 20 февраля.
15. Пролетариати Хуҷанд. – 1931. – 25 янв.
16. Протокольное постановление заседания коллегии НКЮ от 17 июля 1927г. за № 19 // ГА СО. - Ф. 163. - Оп. 2. – Д. 32. – Л. 42.
17. Уголовное дело № 659 по обвинению Матюшкина Николая по ст. 140 УК Уз. ССР // ГА СО. – Ф. 163. - Оп. 2. – Д. 202. – Л. 42.
18. Циркуляры НКЮ Уз. ССР №72 от 24 июля 1927г. и № 117 от 27.12.1927г. «О борьбе за улучшение и оздоровление государственного аппарата с его бюрократическими извращениями» // ГА СО. - Ф. 163. – Оп.2 — Д. 155. – Л. 3.
19. Циркуляр НКЮ Уз. ССР от 8 октября 1927 г. № 88 «О мероприятиях по делам о растратах в Потребительской кооперации» // ГА СО. - Ф. 163. - Оп.2. – Д. 32. – Л. 12.



**АЗ ТАЪРИХИ ИСЛОҲОТИ ЗАМИНУ ОБ ДАР ТОҶИКИСТОН**

Мақола ба масъалаиислоҳот дар соҳаи замину об дар Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX бахшида шудааст. Масъалаи кишоварзӣ дар сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ҳамеша мавқеи асосиро ишғол мекард. Ислоҳоти Ҳокимияти Шуравӣ дар солҳои 20-30-уми асри XX ба раванди дурударози барҳам додани заминдории калон дар симои феодалҳо ва латифундистҳо ва ташаккули хоҷагидории коллективӣ такон бахшид. Кооператсияи оммавӣ дар деҳот колхозхоро ба шакли асосии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ ва моликияти замин табдил дод. Дар охири соли 1920 ва ибтидои соли 1921 дар самти ислоҳоти замину об корҳои тайёрӣ сар шуд. Майдонҳо, муайян карда шуда, хоҷагиҳои корношоям ба қайд гирифта шуданд, принсипҳои асосии аз нав тақсим кардани замин кор карда баромада шуданд. 14 декабри соли 1920 Комитети Иҷроияи Марказии Туркистон «Низомнома дар бораи заминсозӣ, дар бораи замини кӯчманчиён, деҳаҳои муҳоҷирӣ ва бошишгоҳҳои казакҳо дар ҶАШС Туркистон»-ро тасдиқ кард, ки дар он тартиби истифодабарии замин ва ҷудо кардани он муайян карда шуд. Баъд аз ин анҷуманҳои вилоятӣ, округӣ ва волостии Шуроҳо барпо гардиданд, ки дар онҳо вазифаҳои мушаххаси гузарондани ислоҳот дар маҳалҳо муайян карда шуданд, конференсияҳо, митингҳо ва маҷлисҳои сершумори меҳнаткашон бахшида ба ислоҳоти дарпешистода барпо гардиданд. Мақсади асосии мақола нишон додани вайронкуниҳои қонунгузории ислоҳоти замину об мебошад, ки аз тарафи кулакҳо ва деҳқонони миёна, ки ба зери таъсири онҳо афтода буданд, содир карда мешуданд. Ин қонуншиканиҳо бо роҳи бадқасдона напардохтани андозҳо, ришвахорӣ, дуздӣ анҷом дода мешуданд. Онҳо дар корхонаҳо ба шартномаҳо ва қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя намекарданд. Муқобилони сохти колхозӣ ба ихтиёриён ба колхозҳо ва кооперативҳо дохил намешуданд. Хуллас, онҳо ба тадбирҳои иқтисодии Ҳукумати Шуравӣ муқобил баромаданд.

**Калидвожаҳо:** Ҳокимияти Шуравӣ, ислоҳот, кулакҳо, деҳқонони миёна, қонунгузорӣ.



**К ВОПРОСУ ОБ ИСТОРИИ ЗЕМЕЛЬНО-ВОДНОЙ РЕФОРМЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ**

Статья посвящена вопросу реформы в области земельно-водных ресурсов Таджикистана в 20-е годы XX века. Аграрный вопрос всегда занимал ключевое место в экономической политике Таджикистана. Реформы Советской власти 20-30-х годов XX века дали толчок длительному процессу ликвидации крупного землевладения в лице феодалов и латифундистов и формирования коллективного хозяйства. Массовое кооперирование в деревне превратило коллективные хозяйства в основную форму организации сельскохозяйственного производства и землевладения. В конце 1920-начале 1921 года была осуществлена подготовительная работа к земельно-водной реформе. Определены районы ее проведения, взяты на учет нетрудовые хозяйства, разработаны основные принципы перераспределения земель. 14 декабря 1920 года ТуркЦИК утвердил «Положение о землеустройстве кочевников, переселенческих поселков и казачьих станиц в Туркестанской АССР», в котором определился порядок землепользования и отвода земель. Вслед за этим прошли областные, уездные и волостные съезды Советов,

наметившие конкретные задачи по проведению реформы на местах, а также многочисленные конференции, митинги и собрания трудящихся, посвященные предстоящей реформе. Основная цель статьи показать нарушения в законодательстве о земельно-водной реформе, которые совершались кулаками и крестьянами-середняками, попавшими под их влияние. Эти нарушения выражались путём злостной неуплаты налогов, взяточничества, хищениями и спекуляцией. Ими не выполнялись договора, правила техники безопасности на предприятиях. Противники колхозного строя мешали добровольцам вступить в колхозы и кооперативы. Одним словом, они оказывали противодействие хозяйственным мероприятиям Советской власти.

**Ключевые слова:** Советская власть, реформа, кулаки, крестьяне-середняки, законодательство.

**ON THE HISTORY OF LAND AND WATER REFORM IN TAJIKISTAN**

The article is devoted to the issue of reform in the field of land and water resources in Tajikistan in the 20s of the twentieth century. The agricultural issue has always occupied a key place in the economic policy of Tajikistan. The reforms of Soviet power in the 20-30s of the twentieth century gave impetus to the long process of eliminating large landownership in the person of feudal lords and latifundists and the formation of collective farming. Mass cooperation in the countryside turned collective farms into the main form of organization of agricultural production and land ownership. At the end of 1920 and the beginning of 1921, preparatory work for the land and water reform was carried out. The areas where it will be carried out have been determined, non-working farms have been registered, and the basic principles of land redistribution have been developed. On December 14, 1920, the Turkestan Central Executive Committee approved the “Regulations on the land management of nomads, resettlement settlements and Cossack villages in the Turkestan Autonomous Soviet Socialist Republic,” which determined the procedure for land use and land allocation. Following this, regional, district and volost congresses of Soviets were held, which outlined specific tasks for carrying out reform at the local level, as well as numerous conferences, rallies and meetings of workers dedicated to the upcoming reform. The main purpose of the article is to show violations in the legislation on land and water reform that were committed by kulaks and middle peasants who fell under their influence. These violations were expressed through malicious non-payment of taxes, bribery, theft and speculation. They did not comply with contracts or safety regulations at enterprises. Opponents of the collective farm system prevented volunteers from joining collective farms and cooperatives. In a word, they opposed the economic measures of the Soviet government.

**Keywords:** Soviet power, reform, kulaks, middle peasants, legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17/1. E-mail**: izatullomuhammadiev@gmail.com.** Телефон: (**+ 992) 927-70-00-21**

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадиев Изатулло Сайфуллоевич*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор юридических наук, профессор. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, микрайон 17/1. E-mail**: izatullomuhammadiev@gmail.com.** Телефон: (**+ 992) 927-70-00-21**

**Information about the author:** ***Muhammadiev Izatullo Saifulloevich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Law, professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, microdistrict 17/1. E-mail**: izatullomuhammadiev@gmail.com.** Phone**: (+ 992) 927-70-00-21**

ТДУ: 327.2

# СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЗЕҲНӢ

*Исозода Тоҷиддин Исо*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Муҳоҷирати зеҳнӣ ҳанӯз аз асрҳои миёна оғоз гардида буд. Замоне ки донишгоҳҳои аврупоӣ барои баланд бардоштани нуфузи худ олимони донишгоҳҳои дигар давлатҳоро ба кор даъват мекарданд, ин раванд оғоз гардида буд [14]. Дар асрҳои XVIII ва XIX дар донишгоҳҳои бонуфузи аврупоӣ аксари олимон аз кишварҳои дигар омада буданд. Ғайр аз ин, дар тули таърих кам нестанд ҳолатҳое, ки одамони барои таҳсил ба хориҷа фиристодашуда баъди хатми донишгоҳ бо сабабҳои гуногун ба ватан баргаштан намехостанд [12,с.145]. Аммо худи мафҳуми «муҳоҷирати зеҳнӣ» («brain drain») бори аввал соли 1962 дар ҳисоботи ҳукумати Британияи Кабир садо дода буд ва барои маънидод кардани муҳоҷирати олимон, муҳандисон ва техникҳои британиявӣ ба ИМА истифода бурда шудааст. Каме дертар мафҳуми мазкурро дар ҳамаи кишварҳо истифода менамуданд, зеро масъалаи муҳоҷирати зеҳнӣ дар ҳамаи кишварҳо ба мушоҳида мерасид.

Дар замони муосир муҳоҷирати кадрҳои илмӣ дар ду шакл ба амал меояд: якум, мутахассисоне, ки аз як кишвари тараққикарда ба кишвари дигари мутараққӣ мераванд. Чунин тамоюлот дар кишварҳои аврупоӣ бештар ба назар мерасанд. Масалан, тибқи оморҳои мавҷуда, танҳо Британияи Кабирро ҳамасола ҳазор олими боистеъдод тарк мекунад. Дуюм, зодагони кишварҳои Африқо, Осиё, Амрикои Лотинӣ, Аврупои Шарқӣ ва ИДМ, ки дар донишгоҳҳои аврупоӣ ва амрикоӣ таҳсил намудаанду намехоҳанд ба ватани худ баргарданд.

«Фирори мағзҳо», дар навбати аввал, дар муносибат бо олимон истифода бурда мешавад ва ба амал омадани аввалин намунаҳои онро ба давраи пайдоиши худи илм мансуб медонанд. Аммо дар солҳои 40-50-уми асри XX, замоне ки олимони қобилиятнок ва хатмкунандагони донишгоҳҳои Аврупо барои пешбурди фаъолияти илмӣ, ё идомаи таҳсил ба ИМА, Канада ва Австралия сафар карданро оғоз карданд, ин раванд суръати тоза пайдо намуд. Дар он давра ин раванд Олмон, Британияи Кабир, Италия, Фаронса ва дигар кишварҳои аврупоиро фаро гирифта буд. Танҳо солҳои 50-60-уми асри XX ба ИМА зиёда аз 100 ҳазор кадрҳои баландихтисос сафар намуданд. Ба ИМА ворид шудани мутахассисони баландихтисос на танҳо ба рушди илм, балки ба рушди иқтисодиёти ҷомеаи амрикоӣ мусоидат намуд. ИМА то солҳои 40-уми асри гузашта сатҳи баланди рушди технологӣ ва истеҳсоли саноатиро соҳиб буд, аммо аз лиҳози иқтидори илмӣ заиф буд. Дар он давра маркази илми ҷаҳонӣ дар Аврупо ҷойгир буд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ИМА рушди иқтисодӣ ба амал омада, рушди илмҳои амрикоиро низ имконпазир гардонид. Аз ин давра сар карда дар Амрико пайдоиши технологияҳои нав оғоз мегардад. Аксари чунин технологияҳои ҷадид дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмии бунёдӣ ба вуҷуд оварда шудаанд ва чунин корҳои илмӣ аз ҷониби олимони аз давлатҳои дигар ба ин кишвар воридшуда анҷом ёфтаанд.

Таҷрибаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бори дигар собит намуд, ки дар таъмини афзалиятҳои ҳарбии давлат, ҳамзамон дар таъмини амнияти миллӣ ва рушди иқтисодии мамлакат илм ва пешрафти технологӣ нақши калидӣ мебозанд. Бо дарки чунин воқеият дар кишварҳои мутараққии олам кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар соҳаи меҳнати ҷамъиятӣ ба омили зеҳнӣ афзалияти бештар диҳанд. Бештар гардидани кормандони соҳаҳои илму техника, ба амал баровардани таҳқиқоти илмӣ омили муҳимми пешрафти илмию техникӣ ва дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ гардиданд. Рушди технологияҳои мураккаб ва коркарди доимии онҳо, бештар гардидани миқёси истифодабарии техникаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ кадрҳои баландихтисоси насли навро тақозо менамояд. Аз солҳои 60-уми асри XX сар карда давлатҳои Ғарб бо мақсади афзоиш додани чунин навъи захираҳои кадрӣ сиёсати мақсаднокро пеша намуданд. Дар ин давра дар кишварҳои тараққикардаи саноатӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳое қабул гардиданд,

ки тибқи муқаррароти онҳо ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ барои ба амал баровардани рушди иқтидори зеҳнии қувваи корӣ уҳдадор гардиданд. Аз ин давра сар карда, маблағгузорӣ намудан дар рушди сармояи инсонӣ яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатҳои тараққикардаи оламро ташкил медиҳад. Аммо қонунҳои қабулшуда бо тағйир додани вазъи қувваи корӣ маҳдуд намегардад. Зери таъсири чунин санадҳои меъёрӣ муҳоҷирати мутахассисоне, ки дар соҳаи меҳнати фикрӣ ва фаъолияти зеҳнӣ метавонанд машғули кор шаванд, рӯ ба афзоиш мениҳад.

Дар ИМА аз соли 1965 сиёсати нави муҳоҷиратӣ ба вуҷуд оварда мешавад. То ин дам ҳукумати Амрико муҳоҷиронро аз рӯйи нишонаҳои миллӣ ва синнусолӣ, баъдан аз рӯйи дараҷаи таҳсилот ва касбият интихоб мекард. Дар натиҷаи сиёсати пешгирифтаи ҳукумат соли 1968 миқдори олимон ва муҳандисони хориҷӣ, ки ба ИМА ҳамчун муҳоҷир ворид шуда буданд, дар муқоиса бо соли 1965 зиёда аз 2,5 маротиба бештар мешавад. Тибқи маълумоти оморӣ, танҳо солҳои 1966-1969 ба таври расмӣ ба ИМА зиёда аз 43 ҳазор олимон ва муҳандисон ба муҳоҷират мераванд [1,с.3]. Дар ин давра ба ҳудудҳои Амрико воридшавии муҳоҷирони ғайрирасмӣ низ хеле зиёд буд.

Дар чунин шакл ба амал омадани ҳаракати аҳолӣ дар кишварҳои дигари тараққикардаи ғарбӣ низ мушоҳида мешавад. Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Канада ва чанде дигарон аз ҳисоби ба ИМА муҳоҷират намудани олимону мутахассисонашон зарари зиёд медиданд ва аз ин рӯ, давлатҳои мазкур аз кишварҳои сусттараққикарда ва рӯ ба инкишоф ба ҳудудҳои худ ворид намудани мутахассисонро тақвият бахшида, бо ин роҳ зарару зиёни фирори мағзҳоро ҷуброн кардан мехостанд. Барои мисол, агар дар Британияи Кабир соли 1939 ҳиссаи муҳоҷирони соҳаи тандурустӣ, ки аз дигар кишварҳои мустамликавӣ омода буданд, зиёда аз 7%-ро ташкил намуда бошад, пас дар нимаи дуюми солҳои 60-ум ҳиссаи мутахассисоне, ки кишварҳои иттиҳоди британиявиро тарк намудаанд, то 35% рафта мерасад [1,с.3]. Дар ҳамин ҳол худи кишварҳои рӯ ба инкишоф аз нарасидани мутахассисони соҳибмаълумот, бахусус кадрҳои баландихтисос ба таври ҷиддӣ танқисӣ мекашиданд. Дар муносибат бо чунин тамоюлот мафҳуми «фирори мағзҳо» пайдо мешавад. Дар он давра зери мафҳуми «фирори мағзҳо» муҳоҷирати афроди боистеъдод ва кадрҳои баландихтисосро мефаҳмиданд, ки чун анъана аз ҳудудҳои камбизоат ва дорои шароитҳои нохуби корӣ ба марказҳои саноатӣ ҳиҷрат менамуданд [15,с.12].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 60-70-уми асри XX миқёси муҳоҷирати зеҳнӣ хеле васеъ гардида, аз ҳама бештар олимону зиёиён аз мамлакатҳои рӯ ба тараққии Осиё, Амрикои Лотинӣ ва Африқо ҳиҷрат менамуданд. Дар солҳои 1961-1980 танҳо ба ИМА, Британияи Кабир ва Канада зиёда аз 500 ҳазор мутахассисон ҳиҷрат намудаанд. Аксари онҳоро олимон, муҳандисон ва кормандони соҳаи тиб ташкил медоданд [2,с.3]. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ имкони ба кишварҳои хориҷӣ сафар намудани шаҳрвандони давлатҳои сотсиалистӣ ба вуҷуд омад. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки ба равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ шаҳрвандони собиқ кишварҳои сотсиалистӣ низ ҳамроҳ шаванд. Бо тамоюлоти нав рӯ ба рӯ гардидани муҳоҷирати зеҳнӣ ба рушди бозори кадрҳои илмии сатҳи ҷаҳонӣ таъсири амиқ расонид.

Баланд бардоштани иқтидори иҷтимоию иқтисодии кишвар аз ҳисоби муҳоҷирони баландихтисос ва сарватманд, инчунин аз ҳисоби мутахассисони ҷавон ва муҳоҷирони муваққатӣ (масалан, донишҷӯён) ҳадафи муҳимтарини кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда ба шумор меравад. Бо ин мақсад давлатҳои мазкур дар сиёсати муҳоҷиратии худ марҳила ба марҳила тағйирот ворид менамоянд. Талабот ба мутахассисони соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология, техникаи кайҳонӣ ва авиатсионӣ, тандурустӣ, илму маориф ва ғ. давлатҳои тараққикардаи оламро бо ҳам муттаҳид мегардонад. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳои оморӣ, дар давоми асри XX норасоии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар ИМА зиёда аз 850 ҳазор нафар ва дар Аврупо бошад, бештар аз 2 млн нафарро ташкил намудааст [5,с.79]. Дар баъзе кишварҳо кӯшиш менамоянд, ки собиқ донишҷӯён ва мутахассисонеро, ки ба хориҷа барои таҳсил ва фаъолияти меҳнатӣ сафар кардаанд, ба ватан баргардонанд. Аммо барои амалӣ намудани ин мақсад ҷалби манбаъҳои молиявии иловагӣ ва тағйир додани сиёсати иқтисодии давлат зарур мебошад. Масалан, соли 2000 ҳукумати Британияи Кабир дар

якҷояги̅ бо Фонди Волфсон хазинаи махсусеро таъсис дода буданд, ки барои баргардонидани олимони британияви̅ ба ватан ва ҷалби олимони ҷавони боистеъдод аз кишварҳои дигар пешбини̅ гардида буд. Муваффақият ва дастовардҳои Хитой, Кореяи Ҷануби̅ ва Ирландия дар самти баргардонидани олимони ватани̅ бо ислоҳоти сиёсати иқтисоди̅ ва додани имтиёз ба сармоягузорони хориҷи̅ алоқамандии зич доранд.

Айни замон сиёсати давлати̅ дар соҳаи танзими муҳоҷират васила и муҳимтарини мубориза барои ба даст овардани кадрҳои баландихтисос мебошад, аммо восита ва усулҳое, ки дар ин мубориза аз ҷониби давлатҳо истифода мегарданд, аз ҳамдигар тафовут доранд. Чун анъана, ҷалби мутахассисони баландихтисос ба кишварҳои хориҷи̅ дар доираи барномаҳои кӯчбандии муҳоҷирон барои зисти доими̅ ва барномаи муҳоҷирати меҳнатии муваққати̅ амали̅ карда мешавад. Сиёсати давлати̅ дар самти ҷалби мутахассисони баландихтисос дар доираи муҳоҷирати бебозгашт хоси кишварҳои дорои муҳоҷирати классики̅ мебошад. Бахусус дар Австралия, Канада, Зеландияи Нав ва ИМА интихоби мутахассисони хориҷи̅ дар асоси низоми холгузори̅ амали̅ карда шуда, дар доираи барномаҳои ҳукумати̅ қобилият ва истеъдоди муҳоҷирон баҳогузори̅ карда мешавад.

Дар ИМА интихоби мутахассисони хориҷи̅ дар доираи талаботи соҳаҳои афзалиятнок ва дар асоси квотаҳои ҳамасола ҷудошаванда анҷом меёбад. Дар Британияи Кабир низоми холгузори̅ барои баҳогузори̅ намудани мутахассисони боистеъдод тақозои онро менамояд, ки дар бозори меҳнат мутахассис бе иҷозатномаи махсус роҳ дода шавад. Дар Олмон барои интихоб намудани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилооти̅ аз ҳисоби муҳоҷирони беруна барномаи «Корти сабз» истифода бурда мешавад. Айни замон барномаи мазкурро ИМА низ истифода мебарад. Кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо барномаҳои ҷалби кадрҳои баландихтисосро ҳарчанд дертар коркард намуда бошанд ҳам, дар солҳои охир корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Аз ҷумла, додани шаҳрванди̅ ба мутахассисони баландихтисос яке аз омилҳои муҳимтарини ҷалби онҳо ба ин кишварҳо мебошад.

Муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос объекти марказии сиёсати муҳоҷиратии Австралияро ташкил медиҳад. Дар ин кишвар номгӯйи касбу ҳунарҳое таҳия мегардад, ки дар бозори меҳнат талабот ба он мавҷуд аст. Аммо дар баробари ин, ба муҳоҷирони тоҷир низ диққати махсус медиҳанд. Шумораи муҳоҷирони ба ин кишвар воридшаванда аз ҷониби ҳукумати Австралия дар доираи барномаи муҳоҷират барои чор соли оянда муайян карда мешавад.

Низоми холгузори̅ зимни интихоби муҳоҷирон бори аввал дар Канада барои онҳое, ки мехоҳанд дар ин кишвар зисту зиндагии доими̅ дошта бошанд, кабул гардида буд. Аз рӯйи тартиби муқарраргардида довталабон барои дарёфти иҷозаи зисти доими̅ ба ҳайси мутахассиси баландихтисос бояд аз рӯйи меъёрҳои зерин ва бо гирифтани холҳои максимали̅ интихоб карда шаванд: дараҷаи таҳсилот – 25 хол; сатҳи донистани забони англиси̅ ё франсави̅ – 24 хол; собиқаи кори̅ – 21 хол; синну сол – 10 хол; бо ҷойи кор таъмин гардидан дар Канада – 10 хол; қобилияти мутобиқшави̅ дар муҳити нав – 15 хол.

Дар кишвари Дания муҳаққиқон, омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи мудирият метавонанд барои будубош ва фаъолияти меҳнати̅ ба муддати се сол иҷозатнома дарёфт намоянд. Мутахассисони номбаршуда метавонанд бо ҳамроҳии аъзои оилаи худ ба ин кишвар сафар намоянд. Аз 1 июли соли 2002 Дания барномаеро қабул намуд, ки тибқи он мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилооти̅, риёзидонҳо, физикҳо, биологҳо, табибон хеле осон соҳиби иҷозатномаи фаъолияти меҳнати̅ мешаванд. Дар Нидерландия шаҳрванди хориҷи̅ замоне метавонад машғули кор шавад, ки агар дар бозори меҳнат аз рӯйи ихтисоси ӯ ниёзманди̅ пайдо шуда бошад. Аммо аз соли 2001 то инҷониб ба мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилооти̅ сабуки̅ пешниҳод шудааст. Мутахассисони ин соҳа метавонанд бе навиштани ариза ба Хадамоти марказии шуғли аҳоли̅ соҳиби иҷозатномаи кор шаванд.

Аз соли 2001 то инҷониб дар Зеландияи Нав ҳама гуна мурожиатҳои шаҳрвандони хориҷиро қабул намуда, мавриди омӯзиш ва барраси̅ қарор медиҳанд. Баъди омӯзиши ҳамаи муроҷиатҳо афзалият ба он нафароне дода мешавад, ки малака ва таҷрибаи онҳо дар рушди ин кишвар таъсири мусбат мерасонанд ва омодаанд, ки дар ҳудудҳои

Зеландияи Нав ӯҳдадориҳои дарозмуддатро ба зимма гиранд, яъне дар ин маврид ба муҳоҷирони бебозгашт афзалият дода мешавад.

Моҳи январи соли 2001 дар қонунҳои Норвегия тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, овардани қувваи кории дорои ихтисосҳои касбӣ аз кишварҳое, ки узви Иттиҳоди Аврупо нестанд, иҷозат дода мешавад. Аз ин ба баъд мутахассисони соҳибкасб метавонанд барои ҷустуҷӯи кор дар Норвегия раводид дастрас намоянд. Барои ҷалби мутахассисони хориҷӣ ҳамасола квота ҷудо карда мешавад ва барои додани иҷозатномаи кор ба чунин мутахассисон розигии хадамоти шуғли аҳолӣ зарур нест. Як зумра мақомоти намояндагии Норвегия дар хориҷи кишвар салоҳияти додани иҷозатномаи корро соҳиб шудаанд.

Дар ИМА муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути низоми квотаҳо ва афзалиятҳои касбӣ соҳиби иҷозатнома мешаванд [7]. Қонуни ИМА дар бораи муҳоҷират аз соли 1990 мавқеи сокини доимии Амрикоро ба шахсони зерин пешниҳод менамояд:

Якум, ба шахсоне, ки дар соҳаи илм, санъат, маориф, тиҷорат ва варзиш истеъдоди нотакрор доранд, инчунин ба профессорон ва пажуҳишгарони варзида, ба менеҷерҳои сатҳи байналмилалӣ.

Дуюм, ба шахсоне, ки дорои сатҳи баланди таҳсилот мебошанд (масалан, дорои дараҷаи магистр), ё ин ки ба шахсоне, ки дар соҳаҳои илм, санъат ва тиҷорат қобилият ва истеъдод доранд.

Сеюм, ба мутахассисони соҳибкасб, шахсони дорои дипломи зинаи бакалавр.

Чорум, руҳониёни дорои маълумоти олии расмӣ.

Панҷум, ба шахсоне, ки дар иқтисодиёти ИМА аз 500 ҳазор то 1 млн доллар сармоягузорӣ мекунанд. Ба ин категорияи муҳоҷирон замоне мақоми сокини доимии ИМА дода мешавад, ки агар дархости корфармои амрикоиро дошта бошад ва расмиёти сертификатсияи меҳнатиро дар Вазорати меҳнат гузарад. Агар ихтисоси касбии муҳоҷир дар рӯйхати «А» ворид бошад, расмиёти сертификатсияи меҳнатӣ бекор карда мешавад. Дар рӯйхати «А» номгӯйи ихтисосҳое ворид карда шудаанд, ки талаботи ҷории кишварро дар бар мегиранд.

Соли 1998 дар Фаронса қонуне қабул гардида буд, ки дар заминаи муқаррароти он ба ин кишвар ворид гардидани донишҷӯён ва мутахассисони баландихтисос осон мегардад. Ба мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дастрас намудани бозори меҳнати Фаронса яке аз навовариҳои сиёсати муҳоҷиратии ин давлат ба шумор меравад. Дар муқоиса бо намояндагони дигар ихтисосҳо мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар сатҳи дилхоҳ идораи давлатӣ иҷозати корро дастрас менамоянд. Кафолати корфармо дар бораи додани музди маоши на камтар аз 3500 евро яке аз шартҳои додани иҷозати кор мебошад.

Зимни қабули муҳоҷирон Вазорати адлияи Япония, дар навбати аввал, мансубияти хизматӣ, ихтисоси касбӣ, дараҷаи таҳсилот, собиқаи меҳнатӣ ва вазъи молиявии онҳоро ба инобат мегирад. Дар Япония муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи 16 мақом метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд: мақоми дипломатӣ, хизматӣ, корманди санъат, корманди ниҳоди динӣ, рӯзноманигор, сармоягузор, ҳуқуқшинос, корманди молиявӣ, корманди тиб, муҳаққиқ, муҳандис, мутахассис дар соҳаи фаъолияти гуманитарӣ ва байналмилалӣ, гузариш ба кори дигар дар дохили як ширкат, корманди ҳирфаӣ, шоу-бизнес. Шаҳрванди хориҷӣ баъди дарёфти яке аз ин мақомҳо бояд дар муддати муайяншуда ба кори дигар нагузарад. Худсарона ба кори дигар гузаштан маънои риоя накардани қонунро дорад [9].

Ҳамин тариқ, тавсеаи равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ дар ҷаҳони муосир дар танзими муҳоҷират нақши давлатро бамаротиб боло бурдааст. Шумораи зиёди давлатҳо дар танзими муҳоҷирати зеҳнӣ корҳои назаррас анҷом дода, онро яке аз самтҳои афзалиятноки танзими равандҳои муҳоҷират медонанд. Дар танзими муҳоҷирати зеҳнӣ сиёсати нисбатан самаранокро кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда, инчунин баъзе аз давлатҳои рӯ ба инкишоф пеша намудаанд. Дар соҳаҳои идоранамоӣ, истеҳсолот ва хизматрасониҳо ворид намудани технологияҳои ҷадид, барои татбиқи натиҷабахши он ҷалб намудани мутахассисони баландихтисос стратегияи рушди иқтисодии кишварҳои мазкурро ташкил медиҳад.

Дар сиёсати муҳоҷиратии давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда тамоюлоти умумии танзими муҳоҷирати зеҳнӣ ба мушоҳида мерасад, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

- кам намудани ҳиссаи кормандоне, ки дараҷаи таҳсилоташон паст мебошад ва афзалият додан ба касбу ҳунарҳои эҷодӣ;

- табдил додани муҳоҷирати меҳнатии зиёиён (муваққатӣ) ба муҳоҷирати бебозгашт;

- дар доираи танзими муҳоҷирати бебозгашти зиёиён пешгирӣ намудани мавҷи умумии муҳоҷирати кормандони касбу кори меҳнати эҷодӣ (ба кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда муҳоҷироне, ки дар соҳаи илму фарҳанг мансабдор буданд, ё аз қишри миёнаи ин соҳаҳо ҳастанд, лозим дониста намешавад) ва мусоидат барои омадану маскун шудани олимону ҳунармандони боистеъдод.

Дар шароити имрӯза аксари давлатҳои олам дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ сиёсати хоссаи худро пеш мебаранд. Таҳлилу баррасии онҳо нишон медиҳад, ки сиёсати пешгирифтаи давлатҳо аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар танзими муҳоҷирати зеҳнӣ навъҳои мухталифро доро гардидааст.

Дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ ҳамаи субъектҳои сиёсати соҳаи муҳоҷирати зеҳниро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи якумро субъектҳое ташкил медиҳанд, ки мустақилона, ё дар ҳамкорӣ бо субъектҳои дигар чунин навъи сиёсатро пеш мебаранд. Ташкилотҳои ҳукуматии байналмилалӣ, мақомоти давлатӣ, ки дар самти пешбурди сиёсати соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ салоҳиятдор мебошанд, ҳизбҳои сиёсие, ки ба сари қудрат омадаанд, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ. Ҳамаи субъектҳои номбаргардида аз ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдор мебошанд ва дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ барои танзими муҳоҷирати зиёиён сиёсати худро пеш мебаранд.

Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёсии ғайриҳукмрон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ. гурӯҳи дуюми субъектҳои сиёсати соҳаи муҳоҷирати зеҳниро ташкил медиҳанд. Онҳо салоҳиятҳои сиёсӣ надоранд, аз ин рӯ, онҳо тавассути таъсиррасонӣ ба ҳокимияти сиёсӣ ё сиёсати пешгирифтаи субъектҳои салоҳиятдорро дастгирӣ мекунанд, ё онро тағйир додан мехоҳанд. Чунин субъектҳо барои танзими муҳоҷирати зеҳнӣ сиёсати бавоситаро пеш мебаранд. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки субъектҳои сиёсати соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ гуногунанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

- сиёсати созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҳукуматии байналмилалӣ (СММ, Иттиҳоди Аврупо, ИДМ ва ғ.);

- давлатҳо;

- ҳизбҳои сиёсии ҳукмрон, ки дар ташаккули сохтори ҳокимияти сиёсӣ иштирок доранд;

- мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

- ҳизбҳои сиёсии ғайриҳукмрон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ. [6]

Вобаста ба тарзи пешбурди сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ чунин шаклҳои онро мушоҳида намудан мумкин аст: сиёсати рефлективӣ, нақшавӣ, пешгирикунанда, норавшан ва ноаён, сиёсати ғайрисистемавӣ [4].

Дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ сиёсати рефлективӣ замоне ташаккул меёбад, ки агар дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омада бошад, мутахассисони касбу кори эҷодӣ ба кишварҳои дигар сафар карда истода бошанд, ё аз ҷониби ҳамсоякишварҳо, иттифоқчиён ва ё давлатҳои рақиб барои ҷалби зиёиён сиёсати хосса ҷорӣ гардида бошад. Чунин амалкард ва зоҳиршавии чунин сиёсат одатан барои посух гардонидан ба тағйироти ғайриинтизории ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Сиёсати рефлексивӣ дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ инчунин метавонад ҳангоми мавҷуд набудани сиёсати ягона ва дарозмуддат оид ба танзими равандҳои муҳоҷират, ба ибораи дигар, вақте ки равандҳои муҳоҷират бо сабабҳои гуногун самт ва ҳаҷми худро тағйир додаанд, давлат танҳо барномаҳои кӯтоҳмуддатро қабул мекунад, яъне, барномаҳо ва қарорҳое, ки дурнамои дарозмуддат надоранд.

Сиёсати нақшавӣ дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ, бар хилофи сиёсати рефлексивӣ, баръакс, ба таҳлили вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ ва ҳисобу китоби пешрафтҳои имконпазир асос ёфтааст. Ин навъи сиёсат ба фаъолияти ҷории сохторҳои таҳлилӣ ва ниҳодҳои

давлатӣ, ки стратегияи танзими муҳоҷирати намояндагони касбҳои эҷодиро доранд, хос аст. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ дар доираи татбиқи шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ хоси сиёсати нақшавӣ мебошад.

Сиёсати пешгирикунанда дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ фаъолияти субъектҳои сиёсати муҳоҷиратро дар бар мегирад. Ин навъи сиёсат фаъолиятест, ки ба ташаккули вазъияти фоиданоки муҳоҷират ва идоракунии рушди он алоқаманд аст. Мақомоти давлатӣ пайдоиши хатарҳо, таҳдидҳо ва чолишҳоро ояндабинӣ намуда, дар соҳаи муҳоҷират чораҳои фаврӣ меандешанд. Масалан, маҳдуд кардани сафари намояндагони касбҳои эҷодӣ ба хориҷа, мусоидат ба кӯчонидани ихтиёрии мутахассисони баландихтисос ба кишвар ё ташвиқи рафтани зиёиён ба хориҷа ҳамчун як қисми муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра.

Сиёсати ноаён дар соҳаи муҳоҷират дар сурати мавҷуд набудани ҳадафҳои возеҳ таҳияшуда ва чораҳои эълоншуда дар соҳаи танзими ҳаракатҳои байнидавлатии одамони касбу кори эҷодӣ амалӣ карда мешавад ва дар сатҳи қонунгузории шаҳрвандӣ, танзими иқтисодӣ, сиёсати забон амалӣ мегардад. Пешбурди чунин сиёсат ба қабул ва мутобиқшавии муҳоҷирони «матлуб» ва аз кишвар баровардани муҳоҷирони «номатлуб» мусоидат менамояд.

Набудани сиёсати таҳияшуда дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ низ метавонад сиёсат бошад. Агар давлат ба муҳоҷирати оммавии олимону санъаткорон бепарвоёна нигоҳ карда, назорати дурусти сарҳадӣ ба роҳ набарад, ба сукунат ва мутобиқшавии онҳое, ки аз хориҷи кишвар меоянд, ёрӣ надиҳад ва ё бо сабабҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ барои кам кардани рафтани онҳо ба хориҷи кишвар чорае наандешад, пас бо ин роҳ мавқеъ ва сиёсати худро нисбат ба муҳоҷирати зеҳнӣ нишон дода, ба худтанзимкунии стихиявии ин равандҳо бартарӣ медиҳад.

Интихоби навъи сиёсат барои танзими равандҳои муҳоҷирати зеҳнӣ аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Аз ҷумла, хусусиятҳои рушди равандҳои муҳоҷират, мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, мавқеи роҳбарияти сиёсӣ нисбат ба ҳалли проблемаҳои мазкур ва ғ., сиёсати рефлективӣ, нақшавӣ ва пешгирикунанда барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ хеле мувофиқ мебошанд. Аммо дар аксар маврид ба сиёсати нақшавӣ афзалияти бештар медиҳанд.

Ғайр аз ин бояд гуфт, ки аз рӯйи муносибати давлатҳо ба равандҳои муҳоҷират сиёсати онҳо дар самти муҳоҷирати зеҳнӣ аз ҳамдигар тафовут дорад. Сиёсати ташаккули бисёрфарҳангӣ, сиёсати ассимилятсионӣ, сиёсати сегрегатсионӣ, сиёсати селексионӣ, сиёсати изолятсионӣ ва сиёсати интегратсионӣ навъҳои мухталифи сиёсати давлатӣ дар самти танзими муҳоҷирати зеҳнӣ мебошанд. Ба андешаи ҷомеашиноси рус О.В. Шедрина, сиёсати давлатӣ оид ба ташаккули бисёрфарҳангӣ тақозои онро менамояд, ки муҳоҷирони касбу кори эҷодӣ дар ҳудудҳои маскуншудаи худ метавонанд арзишҳои фарҳангии хешро ҳифз кунанд, аммо зимни ҳамкорӣ бо аҳолии таҳҷоӣ бояд меъёрҳои фарҳангии онҳоро низ эътироф намоянд [10,с.75]. Аммо дар баъзе ҳолатҳо сиёсати давлатӣ оид ба ташаккули бисёрфарҳангӣ метавонад ба натиҷаҳои нохуб низ оварда расонад, аз ҷумла афзоиш ёфтани бадбинии аҳолии таҳҷоӣ нисбат ба муҳоҷирон. Бинобар ин, ин навъи сиёсат барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷират нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, тағйир додани хислатҳои шахсии муҳоҷирон, дигаргун намудани ҳувияти фарҳангии онҳо ва ғ. ҳамчун меъёрҳои муҳимми ҳалли масъалаҳои муҳоҷират истифода бурда мешавад [8].

Дар баробари роҳу усулҳои номбаршуда, инчунин барои пешгирии оқибатҳои ногувори бисёрфарҳангӣ сиёсати сегрегатсионӣ низ пеша карда мешавад. Дар чунин шароит кам намудани шумораи муҳоҷирон, барои онҳо дастнорас гардонидани баъзе манбаъҳои ҷамъиятӣ, пароканда нигоҳ доштани онҳо ва ғ. ҳамчун меъёрҳои асосии ин гуна сиёсат интихоб мешаванд [13]. Дар ибтидои асри XXI сиёсатшиноси амрикоӣ И. Валлерстайн қайд намуда буд, ки дарояндаи наздик ИМА чунин навъи сиёсатро пеша менамояд. Зеро дар оянда ба ин кишвар ворид шудани муҳоҷирони касбу кори эҷодӣ хеле афзоиш меёбад. Бинобар ин, бо мақсади дур кардани муҳоҷирон аз фарҳанги хеш ҳуқуқҳои фарҳангию иртиботии онҳо то як андоза маҳдуд карда мешаванд [3,с.192].

Дар танзими равандҳои муҳоҷират, инчунин, сиёсати селексионӣ низ истифода бурда мешавад. Сиёсати селексионӣ замоне истифода мегардад, ки агар давлат дар сиёсати

муҳоҷиратии худ ҷиҳати интихоби муҳоҷирон меъёрҳои сахту сангин ҷорӣ намояд. Масалан, ҷудо намудани квотаҳо барои муҳоҷирон, ҷорӣ намудани низоми холгузорӣ зимни дарёфти иҷозатномаи кор ва ғ. метавонанд ҳамчун меъёрҳои интихоби муҳоҷирон истифода бурда шаванд. Айни замон ИМА ва Канада ба ин навъи сиёсат афзалияти бештар медиҳанд. Дар сиёсати пешгирифтаи онҳо низоми холгузорӣ мақоми муҳим дошта, ба муҳоҷирони касбу кори эҷодӣ афзалияти зиёд медиҳад.

Сиёсати изолятсионӣ замоне мушоҳида мегардад, ки агар кишвари муҳоҷирпазир тавассути маҳдуднамоии рафтуомади шаҳрвандони хориҷӣ худро аз муҳоҷирон, аз ҷумла муҳоҷирони зиёӣ дур карда истода бошад. Ба ибораи дигар, дар баъзе ҳолатҳо давлат мехоҳад, ки ба дохили кишвар ворид шудани муҳоҷирони меҳнатиро ба сифр баробар намояд. Агар чунин навъи сиёсатро чанд даҳсола қабл Ҷопон истифода намуда бошад ҳам, дар шароити имрӯза аз он тадриҷан даст кашида истодааст. Дар баъзе давлатҳо муҳоҷирати аҳолӣ пурра манъ карда шудааст. Инчунин, ба кишварҳои мазкур низ барои зисти доимӣ сафар намудан номумкин мебошад. Масалан, Куба ва Кореяи Шимолӣ ба шаҳрвандони худ иҷозат намедиҳанд, ки ба хориҷа раванд, инчунин ба шаҳрвандони хориҷӣ барои зисти доимӣ дар ҳудудҳои худ иҷозат намедиҳанд.

Сиёсате, ки барои ҳамгироӣ ва тавсеаи робитаҳо нигаронида шудааст, дар рушди муҳоҷирати зеҳнӣ таъсири амиқ мерасонад. Дар заминаи ин навъи сиёсат «идоранамоӣ ва назорати муҳоҷирати зеҳнӣ, дар муҳити нав мутобиқ намудани муҳоҷирон, дар афкори муҳоҷирон ташаккул додани андешаҳои таҳаммулпазирӣ» [11,с.62] анҷом дода мешаванд. Пешбурди чунин навъи сиёсат дар соҳаи муҳоҷират хоси давлатҳои демократӣ мебошад. Дар Белгия, Дания, Олмон, Фаронса, Шветсия ва як қатор кишварҳои дигари аврупоӣ пешбурди сиёсати ҳамгироиро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар доираи пешбурди чунин сиёсат дар давлатҳои мазкур барномаҳои ҳукуматӣ барои таъмин намудани ҳамгироии муҳоҷирон, коркарди меъёрҳо барои интихоби муҳоҷирон, ташкил намудани курсҳои забономӯзӣ барои муҳоҷирон, ташкил намудани мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ барои идора намудани равандҳои муҳоҷират амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, баланд гардидани рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ тақозои онро менамояд, ки дар соҳаҳои идоракунӣ, истеҳсолот ва хизматрасонӣ технологияҳои ҷадид истифода бурда шаванд. Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳо иқтисодиёти як қатор давлатҳо ба шумораи бештари кормандони илмӣ ниёзмандӣ пайдо менамоянд. Дониш ва моликияти зеҳнӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзише мебошанд, ки сатҳи рушди ҷомеаҳои муосирро муайян менамоянд. Сармояи зеҳнӣ бошад, дар ҷомеаҳои муосир асоси сарватҳои миллиро ташкил медиҳад. Равандҳои ҷаҳонӣ, афзоиши талаботи кадрӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд ва маҳдуд будани захираҳои зеҳнӣ дар ибтидои асри XXI дар бозори меҳнати фикрӣ ва хизматрасониҳои зеҳнӣ мубориза шадидро ба вуҷуд овардааст. Чунин мубориза тулонӣ хоҳад буд ва ба монанди тақсимоти захираҳои табиии олам тақсимоти захираҳои зеҳнӣ низ аллакай геополитикаи давлатҳои гуногунро ташкил намудааст. Пӯшида нест, ки давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда барои афзун намудани сармояи зеҳнии худ олимону мутахассисони варзидаро ба кишвари хеш ҷалб менамоянд. Чунин омил боиси афзоиш ёфтани муҳоҷирати зеҳнӣ мегардад. Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ симои мароқангези давлат нақши муҳим мебозад, зеро симои мусбати мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ барои мустақилона пеш бурдани сиёсати хориҷӣ барои давлатҳо имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд. Бо ин мақсад (яъне, ташаккули имиҷи мусбат) кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ тараққикарда мутахассисони лаёқатманди соҳаҳои илму санъатро аз хориҷи мамлакат ҷалб менамоянд, ки чунин омил боиси афзоиш ёфтани муҳоҷирати зеҳнӣ мегардад. Зери таъсири омилҳои номбаргардида давлатҳои тараққикарда дар самти идоранамоии равандҳои муҳоҷират сиёсати хоссаи худро ташаккул медиҳанд. Ин аст, ки то имрӯз моделҳои гуногуни сиёсати давлатӣ дар самти танзими муҳоҷират ба вуҷуд омадааст. Воқеият ин аст, ки ҳар як давлат дар доираи манфиатҳои миллии хеш сиёсати худро ташаккул медиҳад.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ – Сафарализода Х.Қ.**

**АДАБИЁТ**

1. Болотин И.Утечка умов и будущее российской науки / И.Болотин, С.Попов // Alma mater. – 1993. -№2. -С.3-9.

2. Болотин И. Будет ли сохранен потенциал российской науки? / И.Болотин, С. Попов // Социально-политический журнал. – 1993. -№11-12. -С.3-11.
3. Валлерстайн И. После либерализма / И.Валлерстайн. -М., 2003. -256 с.
4. Воробьева О.Д. Миграционная политика России: история и современность / О.Д. Воробьева, Л.Л. Рыбаковский, О.Л. Рыбаковский. -М.: Изд-во «Экон-Информ», 2016. -192 с.
5. Денисенко М.Б. Иммиграционная политика в Российской Федерации и странах Запада / М.Б. Денисенко, О.А. Хараева, О.С. Чудиновских. -М., 2003. -309 с.
6. Казарян К.В., Литвинова Ю.И. Классификация субъектов миграционного процесса // Юрист-Правовед. – 2016. –№ 2 (75). –С.57-61.
7. Квоты на мигрантов в разных странах. [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/1578572 (дата обращения: 12.01.2024 г.).
8. Мультикультурализм: провал или кризис? [Электронный ресурс]. URL: https://mgimo.ru/about/news/experts/215823/ (дата обращения: 25.12.2023 г.).
9. Постепенная иммиграционная реформа в Японии: верный путь к провалу. [Электронный ресурс]. URL: https://www.nippon.com/ru/in-depth/d00920/ (дата обращения: 13.12.2023 г.)
10. Щедрина О.В. Возможна ли мультикультурная модель интеграции мигрантов в России? / О.В. Щедрина // Социс. – 2004. -№11. -С.74-81.
11. Цапенко И. Развитые страны: интеграционная политика в отношении мигрантов 8 / И. Цапенко // Мировая экономика и международные отношения. – 2008. -№3. -С.59-69.
12. Armytage W.H. The Rise of the Technocrats. -London, 1965. -P.145.
13. Boswell Ch. European Migration Policies in Flux: Changing Patterns of Inclusion and Exclusion. -London, 2003.
14. Dedijer S. Early Migration / Brain Drain / Ed. by W. Adams. -N.Y., 1968. -P.9-28.
15. Whelan J.G. Brain Drain: A Study of Persistent Issue of International Scientific Mobility. -Washington, 1974. -P.12.

## СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЗЕҲНӢ

Ҳарчанд муҳоҷирати зеҳнӣ таърихи қадима дошта бошад ҳам, танҳо дар нимаи дуюми асри XX васеъ шудани миқёси ин гуна муҳоҷират ба мушоҳида мерасад. Дар ин давра ба афзоиши шумораи муҳоҷирони зеҳнӣ омилҳои гуногун таъсиргузорӣ намудаанд. Яке аз ин омилҳо – дарки зарурати баланд бардоштани иқтидори илмию зеҳнии ҷомеа мебошад. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози саноатӣ тараққикарда собит намуданд, ки дар таъмини амнияти миллӣ ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат пешрафти илмию техникӣ нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, як қатор давлатҳо барои ҷалби мутахассисон ба кишвари худ ва давлатҳои боқимонда барои пешгирӣ намудану ҷуброн кардани зарари муҳоҷирати зиёиён ба таври ҷиддӣ чораҷӯӣ намуданд. Дар чунин шароит сиёсати давлатӣ дар самти танзими муҳоҷирати зеҳнӣ ба вуҷуд оварда шуда, тадриҷан ташаккул меёбад. Дар як қатор кишварҳои пешрафта номгӯйи касбу кори дорои аҳаммияти стратегӣ таҳия карда шуда, барои ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба онҳо имтиёзҳои зиёд пешбинӣ намуданд. Дар баробари ин, меъёрҳои қабули мутахассисон низ таҳия гардида, барои ҷалби мутахассисони варзида нигаронида шуда буданд. Он давлатҳое, ки мутахассисони худро аз даст медоданд, барои пешгирӣ намудани ин раванд маҳдудиятҳои сафари хориҷиро ҷорӣ мекарданд. Бинобар ин, ҳам дар адабиёти илмӣ ва ҳам дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ навъҳои гуногуни сиёсати давлатӣ дар танзими муҳоҷират арзи ҳастӣ менамоянд. Вобаста ба тарзи пешбурди сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати зеҳнӣ айни замон сиёсати рефлективӣ, нақшавӣ, пешгирикунанда, норавшан ва ноаён, сиёсати ғайрисистемавӣ ва монанди инҳоро мушоҳида намудан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** амнияти зеҳнӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, муҳоҷирати зеҳнӣ, субъектҳои сиёсати муҳоҷиратӣ, танзими равандҳои муҳоҷират, имтиёзи муҳоҷирони зеҳнӣ, таҳдиду хатари муҳоҷирати зеҳнӣ.

## МИГРАЦИОННАЯ ПОЛИТИКА КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Хотя интеллектуальная миграция имеет давнюю историю, однако во второй половине XX века можно наблюдать расширение масштабов такой миграции. В этот период на увеличение числа интеллектуальных мигрантов повлияли различные факторы. Одним из таких факторов является понимание необходимости повышения научного и интеллектуального потенциала общества. Вторая мировая война и опыт промышленно развитых стран доказали, что научно-технический прогресс играет ключевую роль в обеспечении национальной безопасности и развитии жизненно важных отраслей страны. Поэтому ряд стран предприняли серьезные меры по привлечению специалистов в свою страну. Остальные страны тоже разработали своих стратегий по предотвращению и компенсацию ущерба, причиненного миграцией интеллектуалов. В таких условиях создавалась и постепенно формировалась государственная миграционная политика. В ряде развитых стран подготовлен перечень профессий стратегического значения и предусмотрены многие льготы по привлечению иностранных специалистов. При этом также были разработаны критерии приема на работу специалистов, направленные на привлечение квалифицированных кадров. Те страны, которые теряли своих специалистов, ввели ограничения на зарубежные поездки, чтобы предотвратить этот негативный процесс. Поэтому как в научной литературе, так и в политической и общественной практике встречаются разные виды государственной миграционной политики. В зависимости от способа проведения политики в сфере интеллектуальной миграции можно наблюдать рефлексивную, плановую, превентивную, неясную и невидимую, несистемную политику.

**Ключевые слова:** интеллектуальная безопасность, миграционная политика, интеллектуальная миграция, субъекты миграционной политики, регулирование миграционных процессов, привилегии интеллектуальных мигрантов, угроза и опасность интеллектуальной миграции.

**MIGRATION POLICY AS A FACTOR OF ENSURING INTELLECTUAL SECURITY**

Although intellectual migration has a long history, in the second half of the 20th century one can observe an expansion in the scale of such migration. During this period, various factors influenced the increase in the number of intellectual migrants. One of these factors is the understanding of the need to increase the scientific and intellectual potential of society. The Second World War and the experience of industrialized countries proved that scientific and technological progress plays a key role in ensuring national security and the development of vital sectors of the country. Therefore, a number of countries have taken serious measures to attract specialists to their country. Other countries have also developed their own strategies to prevent and compensate for the damage caused by the migration of intellectuals. In such conditions, state migration policy was created and gradually formed. A number of developed countries have prepared a list of professions of strategic importance and provide many benefits for attracting foreign specialists. At the same time, criteria for hiring specialists were also developed aimed at attracting qualified personnel. Those countries that were losing their specialists introduced restrictions on foreign travel to prevent this negative process. Therefore, both in the scientific literature and in political and social practice, there are different types of state migration policies. Depending on the way policy is carried out in the field of intellectual migration, one can observe reflexive, planned, preventive, unclear and invisible, non-systemic policies.

**Keywords:** intellectual security, migration policy, intellectual migration, subjects of migration policy, regulation of migration processes, privileges of intellectual migrants, threat and danger of intellectual migration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исозода Тоҷиддин Исо*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: (**+992) 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исозода Тоджиддин Исо*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон: (+**992) 918181848**. E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

**Information about author:** ***Isozoda Tojiddin Iso*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of political sciences, associate professor of the department of political science. **Address:** 735140, Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: (**+992) 918181848.** E-mail: **tojiddini-i.1984@mail.ru**

ТДУ: 32. 001

# ТАЪЛИМОТИ СИЁСӢ ДАР РИСОЛАИ «ОРОИ АҲЛИ МАДИНАИ ФОЗИЛА»-И АБУНАСРИ ФОРОБӢ

*Қодиров К.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав**

Яке аз барҷастатарин симои таълимоти сиёсӣ дар давраи ислом Абунасри Форобӣ аст. Аз таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ метавонанд ба маънои дақиқи ин масъала сухан гуфт, зеро бунёди тафаккури ӯ дар бораи сиёсат дар муқаддамоти фалсафаи ӯст, ки ӯ дар китоби «Орои аҳли мадинаи фозила» онро исбот мекунад. Дар ин китоб дар баҳси ҷойгоҳи инсон дар ҷомеа баҳс намудааст, ки сухан аз саодати инсонӣ ва ниёзи инсонӣ дар ҷомеа аст. Ин баҳс барои дарки таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ аҳаммияти хос дорад ва усулан метавон гуфт, ки таълимоти сиёсии ӯ ҳар гуна тавзеҳ дода шудааст. Ризо Доварӣ дар бораи ҷомеаи мадании Абунасри Форобӣ, ки онро чун фалсафаи мадании мутафаккир тавзеҳ додааст, навиштааст: «Агар Абунасри Форобӣ дар осори худ, ки талхис ба фалсафаи ӯ дорад, баҳсро бо сиёсат хатм кардааст, бояд тасаввур шавад, ки тафаккури ӯ монанди тафаккури сиёсӣ аст. Албатта, сиёсат дар фалсафаи ӯ амр аст, вале дунболи улуми назарӣ баён шудааст…» [4,с.90].

Чи тавре ки мулоҳиза мешавад, дар ин иқтибос ба асоситарин масъала - табиат ва сиёсати маданӣ дар фалсафаи сиёсии Абунасри Форобӣ ишора шудааст. Яъне, тафаккури Абунасри Форобӣ тафаккури сиёсӣ аст, яъне сиёсат дар фалсафаи ӯ амри мутлақ аст, мавҷудот ба низоми коинот аз назари ӯ айнан амри маданӣ ва низоми мадина аст.

Низоми сиёсӣ-иҷтимоӣ дар мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ бе он ки фалсафаи сиёсӣ аст, дар олам ва одам аст ва дар бораи саодати инсонӣ, аз маҷрои фазилат баҳс мекунад ва нишон медиҳад, ки «… роҳи эҷоди фазилат дар вуҷуди инсон аст, ки фазилат пайваста дар шаҳрҳо миёни умматҳо роиҷ аст ва ҳангоми муколама онро ба кор мебаранд» [16,с.107]. Абунасри Форобӣ дар партави муколама ва ихтилофот, дар шаҳрҳо ва байни мардумро ба ҳукумат алоқаманд медонад, зеро ҳукумат бояд дар алоқамандии мардум ва ҳифзи онҳо, дар муколама саҳм дошта бошад. Пас, улуми мадании Абунасри Форобӣ пайдоиши чунин хукуматро танҳо дар неруи ҳикмат ва фазилат имконпазир медонад, ки бояд мавриди қабули мардум воқеъ бошад.

Абунасри Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум» бо як тартиби мантиқӣ илмҳои замонавиашро тақсимбандӣ кардааст, ки илми маданӣ як ҷузъи он аст. Илми маданӣ дар бораи саодату ахлоқ ва рафтори инсонӣ, яъне илми сиёсат аст, ки бевосита ба инсон ва масоили марбут ба инсон аст. Вожаи «маданӣ» дар маънои луғавӣ ва ислоҳот мансуб ба «мадина» (шаҳр) аст, ки тарҷумаи калима – polis-и юнонӣ аст. Дар оғоз polis қалъае (шаҳре) буд, ки ба маънои зистгоҳи мардум истифода мешуд. Аммо маънои он тағйир ёфт ва ба маънои ҷомеаи сиёсӣ ба кор рафт [8,с.13]. Вожаи «мадина» - «ҷомеа» буда, муродифи state англисӣ аст, ки ба маънои гурӯҳе аз инсонҳост, ки дар сарзамине сокинанд ва ҳукумати воҳид доранд [8,с.89].

Албатта, аз лиҳози истилоҳотӣ «мадина» бо мафҳуми ҷомеа дар сиёсатшиносӣ ҳаммаъно аст, вале бо таваҷҷуҳи ин нуқта дар сиёсатшиносӣ дар мавриди «ҷомеа» ҳанӯз таърифи воҳид, ки муодили байни мадина ва ҷомеа бошад, анҷом нагирифтааст. Ба ҳар ҳол метавон гуфт, ки аз инсонҳо, ки бо ҳам зиндагӣ мекунанд, корашон мустақил ва ҳамбастагӣ бо ҳам доранд.

Мафҳуми асосии таърифи ҷомеа (мадина) дар осори Абунасри Форобӣ дида мешавад, ки метавон ин натиҷаҳоро дар рисолаи «Орои аҳли мадинаи фозила» ӯ мушоҳида кард, ки ҷомеа муодили «шаҳр» таъриф гардидааст. Дар «Эҳсо-ул-улум» ҳам Абунасри Форобӣ ҳеҷ гуна таърифи мадинаро надодааст.

Дар таъсир аз осори Афлотун ва Арасту ва дар пайравӣ аз онҳо Абунасри Форобӣ зуҳури «зиндагии иҷтимоӣ»-ро мепазируфт, ки онро пояи ташкили ҳукумат медонист. Аз ин рӯ, мақсади Абунасри Форобӣ аз вожаи «маданӣ» ва «маданият» ҳамон ҷомеа ба мафҳуми комили он ва зиндагӣ дар ҷомеаи сиёсӣ аст.

Абунасри Форобӣ дар рисолаи «Таҳсил-ал-саодата» «илми мадани»-ро чунин таъриф намудааст: «Фитрати ҳар инсоне тавре офарида шудааст, ки бояд бо инсонҳои дигар ба хотири низоме, ки бояд барояш талош кунад [камол] иртибот дошта бошад. Ҳар инсоне чунин аст ва дар фитрати табиӣ, ин ҳайвон аст, ки дар маконе сукунат мекунад ва ба ҳамин далел ҳайвон «унсе» ва ҳайвони «маданӣ» номида мешавад. Аз ин ҷост, ки улуми ҷадид ва андешаи навине падид меояд, ки мабодии ақл ва афъолро баррасӣ мекунад, ки инсон бо онҳо барои расидан ба ин камол дар талош аст ва дар натиҷаи ин баррасиҳои улуми инсонӣ ва улуми маданӣ фароҳам меояд [12,с.61].

Ин нуқта шоёни зикр аст, ки вожаи «маданӣ» дар осори Абунасри Форобӣ корбурди дигаре низ дорад, ки наздик ба раиси мадина ё ҷомеа аст. Абунасри Форобӣ бо се вижа, яъне «раис», «малик» ва «маданӣ» таъбири ҷомеаро ҷустааст. Тадбири ҷомеаи Абунасри Форобӣ ҷомеаи фозилаи ормонӣ аст. Вожаи раисро барои баёни манзалати касе ба кор мебарад, ки илова ба тадбири ҷомеа аст, ки раис бештар аз ҳама афрод аст ва ба далели иртибот бо Худо идораи ҷомеа ба уҳдаи ӯ ниҳода шудааст. Мулуки мадина маънои огоҳӣ аз масоили иҷтимоӣ ва роҳбари ҷомеа, кордонӣ дар чораандешӣ барои низоми ҷомеа аст, ки тавоноии коргирии имконот барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ аст. Дар ниҳоят, Абунасри Форобоӣ вожаи маданиро ба кор бурда, аз нақши вожаи раис шинохти маъзалати ҷомеа ва роҳи ҳалли онҳо сухан мегӯяд.

Ҷомеаи фозилаи Абунасри Форобӣ ҷомеаи афроди инсонӣ аст, ки дорои вокунишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст. Афроди ҷомеа дар ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳастанд ва монанди аъзои (қисме) аз табиат дар ҳолати истиқлоли нисбӣ дар партави ҳамбастагии иҷтимоӣ, низоми воҳидро ташкил медиҳанд. Низоми ҷомеаи фозила, монанди низоми олам ва низоми бадани инсон, низоми худбастагӣ аст ва дар он афрод дар як сохтор, дар табақоти мухталиф қарор доранд. Манзалат ва пойгоҳи афроди ҷомеа дар қавонини табиати афрод ва одобу русум ва касб воқеъ аст. Мардум вобастагӣ доранд ва раиси ҷомеа ба асоси ду меъёр аст, гурӯҳҳо ва афроди ҳар гурӯҳро дар пойгоҳе, ки шоистаанд (хидмат ё раёсат) қарор медиҳад. Низоми ҷомеа аз раиси аввал, ки тобеи ҳеҷ касе нест оғоз мешавад ва ба охирин мартабаи иҷтимоӣ, ки фақат ходим аст ва раиси касе нест, поён меёбад. Аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ, раиси ҷомеа нақши аввалеро дар низоми ҷомеа иҷро менамояд. Тадбири низоми ҷомеа мутобиқи дарёфти раиси мадина аз саодат оғоз меёбад. Раиси аввал, ки низоми афрод ва ҷомеа ба уҳдаи ӯст, тибқи ақл амал мекунад, нақши корҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, ихтиёр ва озодии афроди ҷомеаро таъмин менамояд.

Дар ҷомеаи фозилаи Абунасри Форобӣ ҷомеа ва давлат, низоми иҷтимоӣ ва масоили сиёсӣ ва ҳукуматро баррасӣ менамоянд. Масоили сиёсӣ ва ҳукуматӣ аз назари Абунасри Форобӣ, тибқи имом ё паёмбар (раиси ҷомеа), ки қалб ва меҳвари ҷомеа аст, матраҳ карда мешавад. Бо ин нуқтаи назар, ба нақши осори Афлотун рӯ овардани Абунасри Форобӣ дар айни навовариҳои худ шефтаи андешаҳои Афлотун аст, зеро барои Афлотун масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти зиёд доранд. Ба назари Абунасри Форобӣ баҳсҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд аз рӯйи шинохти онҳо ва тавлидҳо ҳал карда шаванд.

Афлотун на ғалатгароиро меписандид ва на ҷомеаеро, ки барои зиндагӣ солим медонист. Ӯ аз роҳи рушди фарҳангу ҳикмат, тағйири ислоҳи ҷомеа ин масъаларо матраҳ мекард. Абунасри Форобӣ дар таваҷҷуҳ ба андешаҳои Афлотун баҳсҳои сиёсӣ-иҷтимоии худро тарҳ кардааст. Ӯ нуқтаи назари ислоҳи ҷомеаро надошт, ба ибораи дигар, Афлотун бо ҳадафи тағйир ё ислоҳи ҷомеа, ҷонибдори мусолиҳаи сиёсӣ аст, вале ба андешаи Абунасри Форобӣ ҷомеа бояд таҳти фармонравоӣ бошад [2,с.74]. Ин назари Афлотун дар ҳама осори Абунасри Форобӣ мушоҳида карда мешавад ва имтиёзи Абунасри Форобӣ аз Афлотун дар ин назария мавзуи роҳбари ҷомеа аст. Ба андешаи Ханна-ал-Фохурӣ ва Халил-ал-Ҷарр, дар ҷомеаи мадинаи фозила Абунасри Форобӣ омезиши ҳикмати Арасту ва фарҳанги ислом аст. Абунасри Форобӣ дар «… ахлоқу сиёсат афлотунӣ, дар мантиқ ва табииёт арастуӣ, дар мобаъд-ул-табиа плотинӣ аст…» [8,с.114]. Абунасри Форобӣ ҳакимест, ки ҷомеаи мадании юнониро дар таълимоти ислом омехта, бунёдгари барҷастаи орои аҳли мадинаи фозила аст.

Далели вуҷуди раиси ҷомеа, тибқи назари Абунасри Форобӣ, расидани инсонҳо ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне саодат аст ва вазифаи инсон, шинохти саодат ва мақомоти он ва таваҷҷуҳи муяссар, чун инсонҳо бо якдигар мутафовит ва мухталиф офарида шудаанд ва

аксарият фотеҳи онҳо наметавонанд ба танҳоӣ ва раҳнамоии дигарон, саодати онро бишносанд, ниёзманди раҳнамоӣ ҳастанд, то саодатро онҳо бишносанд. Ҳамчунин, ба далели он ки бештари инсонҳо бо вуҷуди шинохти саодат ва муқаддамоти он, худ ба худ таҳлили онро намедонанд ва ба инсони ниёзманд, ки онҳоро ба муқаддамоти саодат бармеангезанд, раиси ҷомеа аст, ки ин вазифаро ба уҳда дорад [13,с.78].

Ба андешаи Абунасри Форобӣ, ҳар инсон салоҳияти ба уҳда гирифтани раёсати ҷомеаро надорад, зеро касе метавонад раиси ҷомеа гардад, ки дорои сифати хос бошад: 1) раиси ҷомеа бояд файласуф (ҳоким) бошад ва файласуфи комил касест, ки аввалан улуми назариро омӯхтааст ва сониян, бо нигориши илмӣ улуми амалиро низ касб кардааст ва то он ҷое, ки мумкин аст, тавони корбурдани ҷомеаро дорад; 2) раис бояд набӣ ва имом бошад [9,с.70]. Абунасри Форобӣ ин ҷо сифоти аввалро аз Афлотун иқтибос овардааст, вале сифоти дуюм ибтикори вай аст; 3) раис бояд назари таҷрибавӣ дошта бошад, зеро амали он дар ҷомеа ва озмудани онҳо дар ҷомеа ҳосил мешавад. Раис, илова аз ин, огоҳӣ аз қавонини пизишк дар тули давраи табобат дошта бошад ва улуми тибро касб кунад. Дар китоби «Таърих-ал-фалосифа ал-арабия» чунин навишта шудааст: «Афлотун ҳокимест, воқеъбин, раиси ҷумҳурият ва ӯ аз ҳама улуми назарӣ огоҳ аст ва ба мақоми маърифат расидааст. Муддати понздаҳ сол бо мардум омезиш карда, он гоҳ чунин масъулиятеро ба уҳда мегирад: вале раиси мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ аз чунин тамрин ва ростӣ бебаҳра аст. Абунасри Форобӣ чун файласуфи назарӣ инро дур аз воқеият мешуморад, ки ҳар касе ба ақли фаъол пайвастааст, метавонад ба ҳама мушкилоте, ки дар роҳи мадина пеш меояд, ғалаба ёбад. Ҳатто мардуми мадинаро бояд таълим дод ва раҳбарӣ намуд ва ба роҳи саодат, ки охирин ҳадафи онҳост, раҳнамоӣ бояд кард» [13,с.334].

Раиси ҷомеаи фозила дорои вазоиф дар нақшбандии нақшҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, Абунасри Форобӣ дар «Орои аҳли мадинаи фозила» ин нақшҳоро ҳамчун хидмат медонад, ки инҳо иборатанд: 1) аз ҳифзи ахлоқи ҷомеа ва ҷилавгирӣ аз он. Яке аз хидмати раиси ҷомеа ин аст, ки тамоми корҳоро дар ҷамъи афрод бишносад ва онҳоро ҳифз намояд ва мардумро аз одати бад ва ҷоҳилӣ раҳо диҳад. Агар ҳукми раиси ҷомеа бо маслиҳат, бо ҷомеа набошад, бояд тағйир дода шавад; 2) раиси ҷомеа вазифадор аст, ки тадбири созмондиҳии ҷомеа (сиёсат)-ро андешад. Раиси ҷомеа бояд дар мавриди ҳамбастагии байни афрод ва иртиботи аъзои ҷомеа тадбир намояд; 3) ҳидоят ё муҷозоти каҷравиҳо ба уҳдаи раиси ҷомеаи фозила аст. Ӯ бояд иллати каҷравиҳоро шиносад ва ҳар гурӯҳе аз онҳоро ба он чи ки вазифаи ӯст, анҷом диҳад; 4) ҳидоят ва эҷодангезӣ аз вазифаи раиси ҷомеа аст, ӯ бояд ҳидоят ва иршоди инсонҳоро дар шинохти саодат ва раҳоӣ аз каҷравиҳо ба роҳ монад.

Дарвоқеъ, раиси аввали мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ ҳамон ҷойгоҳеро дар ҳукумат ишғол мекунад, ки Мавҷуди аввал дар кулли олами ҳастӣ аст ва мавҷудест, ки дар тамоми мавҷудот ба ҳайси ҷузъи ӯ аст, аммо аз тарафи дигар камол ва шариф аст, бо таври комилтарин ва тамомитарин аъзои бадан аст…» [15,с.16]. Ҳамин тариқ, таркиби идораи роҳбарӣ ва созмони иҷроӣ дар мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ чунин аст: танҳо раиси аввал раёсат дорад. Раиси дуюм ҳаким ва доно аст ва нигаҳбони суннатҳо ва равишҳои раиси аввал аст. Ӯ дорои қувваи идрок, қодир ба дарк ва дарёфти гуфтори мутобиқ ба шариат мебошад. Агар раиси аввал ва раиси дуюм, ҳар кадом дар вуҷуди як ришта набошанд, ки вуҷуди раёсати мадина ба уҳдаи онҳост, вуҷуди ҳукумат ба табоҳӣ кашида мешавад.

Агар дар мадинаи фозила раиси аввал ва раиси дуюм мавҷуд набошад, касе раис мешавад, ки а) нигаҳбони суннатҳо ва роҳу равиш бошад, ки роҳбарони пешин барои ҷомеа анҷом доданд. Ӯ бояд ҳамаи корҳои худро бо афрод мутобиқ кунад; б) нисбат ба аҳком ва масоили роҳбарони гузашта дорои қудрати қавӣ бошад; в) нисбат ба сиёсат ва падидаҳои иҷтимоӣ, ки шароити кунунии ҳукуматро қавӣ менамоянд, нисбат ба роҳбарони пешин дорои қудрату тафаккур ва тавоноии қавӣ бошад ва ҳадафаш дар мусолиҳаи ҷомеа бошад; г) ба хубӣ тавонад мардумро ба шариат ҳидоят намояд [15,с.128].

Яке аз масоили баҳс дар мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ табақаҳои иҷтимоӣ ва шахсиятҳои табақа аст. Абунасри Форобӣ асоси табақаҳои иҷтимоиро шуғл медонад. Дар табақаи хос касоне мебошанд, ки шуғли иршод ва тарбияи ҷомеаро ба уҳда доранд.

Онҳоеро, ки ба тарвиҷ ва қавонини мадинаи фозила ва раиси аввалро ба уҳда доранд, табақаи забоноварон меномад, касоне, ки дар дифои мадинаи фозила нақш доранд, табақаи ҷанговарон ҳастанд.

Абунасри Форобӣ дар китоби «Орои аҳли мадинаи фозила» шарҳи сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеаи ғайрифозиларо ташхис додааст ва дар баррасии ҳаёти сиёсӣ ва зиндагии иҷтимоии мардум, ҷомеаи ғайрифозиларо мақомталабӣ, ҷомеаи шаҳват, моландӯзӣ медонад, ки ҷойи «ҳикмат»-ро гирифтааст. Бинобар ин, ҷомеаи (шаҳр-давлат) ғайрифозила мисли бадани бемор дар нобудӣ аст. Абунасри Форобӣ ҷомеаи ғайрифозиларо ҷомеаи ҷоҳил меномад. Ҷомеаи ҷоҳила (ҷоҳилӣ), ҷомеаест, ки мардуми он саодатро нашинохтаанд ва на онро медонанд ва агар ба саодати ҳақиқӣ ҳам роҳнамуд шаванд, онро намефаҳманд. Дар ин ҷомеа баҳра бурдан аз лаззати зиндагӣ, озодӣ дар хостаҳо мавриди эҳтиром қарор надорад. Ҷомеаи фосиқа, ҷомеаест, ки мардуми он ба усули фозила эътиқод доранд, онро тасаввур мекунанд, саодатро низ дар хаёли худ тасаввур менамоянд ва ақида доранд, ки рафтори онҳо саодат аст, вале ба ҳеҷ гуна ин рафтор одат намекунанд, бо иродаи худ ва тибқи хостаҳои нафсонӣ ва ҳадафҳои ҷоҳилона амал мекунанд. Бо ҳамин далел, ин ҷомеа як ҷомеаи ҷоҳила аст ва ба ин лиҳоз, ин ҷомеа як навъи ҷомеаи мубаддала аст.

Абунасри Форобӣ назарияи нухбагонро дар партави мадинаи фозила эзоҳ додааст, ки яке аз масоили сиёсатшиносӣ дар асри нуздаҳум ва дар оғози асри бистум аст. Ин назария мавқеи нухбагонро барои касби қудрат матраҳ мекунад, тағйири иҷтимоиро низ аз қудрати нухбагон тасвир мекунад ва нақши онҳоро дар таҳаввулоти сиёсӣ барҷаста медонад.

Истилоҳи нухбагон аз охири асри нуздаҳум аз тариқи назарияҳои мухталиф дар илми сиёсат ривоҷ ёфтааст. Нухбагон ба ду табақаи судманд тақсим мешаванд: яке нухбагони ҳоким - афроди муташаккил, ки ба таври мустақим ва ё ғайримустақим дар ҳукумат нақш доранд ва нухбагони ғайриҳоким. Қишри поёнтар ё ғайринухбагон, ки ба ҳукумат алоқаманд нестанд ва қишри болотар ё нухбагоне, ки худ ба ду қисм - нухбагони ҳоким ва нухбагони ғайриҳоким тақсим мешаванд [15,с.101]. Аз назари раёсат, қишр ва табақаи ҷомеа дорои раис аст, ки афроди дигари он қишр ё табақа ба ӯ раёсат надорад. Дар поёни ин қишр, афроде ҳастанд, ки раёсатро ба уҳда надоранд.

Абунасри Форобӣ афроди ҷомеаро се қисм медонад, ки бо се қишри мавҷуд дар ҷомеа дар як дидгоҳ аст: а) раиси аввал ё шурои раёсати ҷомеаи фозила, ки дар баробари қисми нухбагони ҳоким қарор доранд; б) ходимони ҷомеа ба ҳеҷ кас раёсат надоранд ва монанди қишри поёнии ҷомеа ё ғайринухбагон ҳастанд; в) қисме, ки байни раис қарор доранд ва ба раёсат муяссар нестанд ва нисбат ба ходимони ҷомеа ва ғайринухбагон бартаранд.

Ҳамин тариқ, мантиқи даруни низоми сиёсӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ муҳимтарин бахши илми сиёсат дар асрҳои миёнаи Шарқ аст, зеро нақд ва баррасии андешаҳои сиёсии ин давра барои сиёсатшиносии муосир аҳаммияти зиёд дорад. Дар низоми сиёсӣ-иҷтимоии мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ, дидгоҳи сиёсат дар шаҳр-давлат (polis=cite) ҳоким аст. Дар асри муосир дидгоҳи сиёсии мутафаккир ба маънои discours-ро дорад, ки шаҳр ва мадина бо маънои олӣ мавҷудият дорад. Бо ин далел, «эҷоди фазилат дар вуҷуди инсон»-и Абунасри Форобӣ ва роҳбарии вай ба «саодати ҳақиқӣ», сабаби дар мадинаи фозила ва таҳти роҳбарии ҳукумат ва раияти ҷомеа имконпазир аст. Моҳият ва табиати низоми сиёсӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ бино ба сиришти худ ба Юнони қадим (Арасту ва Афлотун) нисбат дорад.

Абунасри Форобӣ ҳафт аср қабл дар баёни орои афроди ҷомеаи фозила ҷомеаро аз тариқи як хонавода ифода кардааст. Расму одат ва зеҳнҳои латифи онро чун ҷомеаи мадании баргузида медонад. Абунасри Форобӣ дар таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои мухталифи низоми сиёсӣ-иҷтимоии мадинаи фозила ҳамчун аҳли сиёсат онро матраҳ кардааст. Ӯ саъй кардааст, ки қавонини табиии давлатро дар ҳаёти инсон ба сарнавишти инсон дар илми сиёсати замонаш (улуми маданӣ) тасмим диҳад ва дар ҷомеа ҳамон тағйиротро мепазирад, ки дар зиндагии инсон саодат оварад.

Мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ бозтоби ормонӣ аст, дар хирад, халқият ва иродаи инсон қарор дорад. Тарроҳии мадинаи фозила хуррамӣ ба беҳрӯзии инсони оянда аст. Мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ андешаҳои сиёсӣ дар ҷиҳати беҳбудии аҳволи

инсон аст. Ҳар як таърифи мадинаи фозила дар осори Абунасри Форобӣ дар маънии бинишҳои эътиқодии худ мебошанд, аммо таърифи мадинаи фозила иборат аст аз: шаҳри хаёлӣ, ки дар он ҳама чиз дар ниҳояти камол аст ва мардумаш дар ниҳоят, дар зиндагӣ осудаҳоланд. Меҳвари фарҳангии мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ ваҳдат аст, дар он оғоз хилқат ба ҷаҳони ислом мувофиқ аст, ки ташбеҳи он хотимаи ихтилофот ва каҷравиҳо аст ва дастоварди саодат, саломатии нафс ва оромиши виҷдон аст. Абунасри Форобӣ худ бо ваҳдати эътиқодӣ нисбати «мадинаи фозила» (шаҳри ормонӣ) худро меандешад ва аз ҳамин ҷиҳат, аз таҳдидҳо ва кинаҳо бо далели мухолифат андеша надорад.

Абунасри Форобӣ мутафаккирест, ки аз назари ӯ сиёсат дар ҷузъи фарҳанги ислом, дар заминаи нубувват ва масоили он монанди ваҳӣ ва робитаи ҳукумат ва нубувват аст ва аз ин манбаъ сарчашма мегирад. Ин манбаъ дар чанд баҳси мушаххас хулоса мешавад, ки аз робитаи ақл ва ваҳй иборат аст ва инсони комил ва маҷмуаи назарияҳои Абунасри Форобӣ дар мавриди мадинаи фозила аст. Абунасри Форобӣ муътақид аст, ки «орои шареҳ ва тамоми дастовардҳои онро наметавон бо орову идрокот ва ақли инсонӣ санҷид, зеро мартаба ва мақоми онҳо бартар аст. Чун шареъ аз тариқи ваҳйи илоҳӣ ба даст омада ва асрори Худои онҳо нуҳуфта аст. Асроре, ки хирадҳои инсонӣ аз идрок ва расидан ба онҳо фурӯ меояд…» [2,с.1]. Бинобар ин, инсонҳо барои даст ёфтан ба бахши маориф дар мадинаи фозила чорае надоранд, онҳо бояд домони ваҳй бошанд, пас маъориф ҳолати ваҳй бо ақл қобили ҳусул нест: «Агар маориф низ ҳамон чизҳоеро, ки қобили идрок ҳастанд ва ақл пас аз таомул ба онҳо мерасад ба инсон биомӯзад, фоида ва арҷ нахоҳад дошт, яъне агар чунин мебуд мардумро ба хиради худ вогузошта буданд ва онон ба нубувват ва ваҳй ниёзе надоштанд, вале чунин нест, пас шоиста чунон аст, ки шариат донишҳоеро ба одамӣ бидиҳад, ки дарёфти онҳо аз нотавонии хирадҳои мо берун аст» [16,с.2].

Фаротар аз ин, Абунасри Форобӣ дар мавриди маҳсули ваҳӣ бо ақл дар пойдории мадинаи фозила бовар дорад ва дар ин ҷо, ба назари ӯ муфид барои афроди ҷомеа аст: «Муҳимтар аз ин, он ки одамиро ба ҷузъҳое муътақид кунад, ки хиради ӯ мункири онҳост ва ҳар чӣ ин носозгорӣ бо хирад бештар бошад, фоидаи он низ бештар хоҳад буд. Ва аз ин рӯст, ки он чӣ шаре овардаанд ва хирадҳо дар дарёфти онҳо фурӯ мемонад ва пиндорҳо онҳоро нописанд мешуморанд дар ҳақиқат нописанд ва маҳол нест, балки дар баробари хирадҳои худоӣ саҳеҳ аст» [16,с.3]. Барои Абунасри Форобӣ вуҷуди инсон расидан ба камол аст ва аз ҳамин ҷиҳат фалсафаи сиёсии хешро ба сӯйи ҷамъи чизҳое, ки ба воситаи онҳо он камол ҳосил мешавад ё расидан ба он камол ёрикунанда аст, тафсир намудааст.

Пас аз ин баҳс, Абунасри Форобӣ улуми инсониро шарҳ медиҳад ва дар ин улум аз ғараз ва вуҷуди инсон, ки ҳамоно камол аст, ки афроди ҷомеа бояд бад-он, ба ҳар навъ мумкин ва ҳарчи бошад даст ёбад, баҳс менамояд. Сипас, аз ҷамъи низоми мадинаи фозила, ки ба воситаи онҳо инсон ба он камол даст меёбад ё дар расидан ба он ноил мегардад, онро хайрот ва фазилат медонад, ки афроди ин ҷомеаро барои расидан ба камол вусъат мебахшад: «То он ҷо, ки ҳама маълуму маъқул ва воқеъ шаванд ва ҳар яке ба дигарон бояд тамиз дода шавад» [16,с.7]. Ин ҷо Абунасри Форобӣ дар улуми маданӣ ин баҳсро идома медиҳад, ки ин улум ба низоме, ки ба воситаи аҳли шаҳр (мадина) бо эҳтиёҷоти мадании хеш ва истеъдодҳои фитрӣ ба саодат мерасанд.

Инсон дар мартабаи камол инсонест, ки Абунасри Форобиро қонеъ намесозад, балки ӯ бояд бо баҳрагирӣ аз хирадҳои худоӣ ба мартабаи инсони комил даст ёбад: «… агар инсон дар мартабаи инсоният дар ниҳоят ба камол бирасад, мартабааш дар баробари он ки аз хирадҳои худоӣ баҳраванд аст, ҳаммонанди кӯдакон ва навҷавонон ва мардуми камҳуш аст, дар баробари инсони комил аст» [16,с.6-7].

Ба андешаи Абунасри Форобӣ, афкори инсон нисбат ба бисёр аз масоил низ ба хатари таваҷҷуҳ ба он масоил бо хиради хеш аст, дар сурате ки агар бо хиради илоҳӣ ин таваҷҷуҳ сурат мегирад, ин афкор ба тасдиқ мубаддал мегардад: «Бинобар ин, ҳамчуноне, ки бисёри аз кӯдакон ва камҳушон, чизҳои бисёреро, ки ҳақиқат доранд, ғайримумкин нестанд бо хиради худ мункир мешаванд ва барояшон мусаллам мешавад, ки вуҷуди он чизҳо ғайримумкин аст, ҳамин тавр аст мартабаи касе, ки дорои ақли инсони комил аст, дар баробари касоне, ки дорои ақли Худоӣ ҳастанд» [16,с.79].

Аз нигоҳи Абунасри Форобӣ агар ин инсон дар мадинаи фозила тарбия ёбад ва таҷриба омӯзад ва ба мартабаи хиради худоӣ бирасад ва вуҷудҳои маротиби мутаолитарро тасдиқ хоҳад кард: «… ҳамчуноне ки пеш аз он ки тарбият ёбад ва таҷриба омӯзад, чизҳои зиёдтареро мункир мешавад, оё онҳоро беҳуда мешуморад, вале пас аз он ки дониш омӯхт ва ба асари таҷрибаи варзидааш, он пиндорҳо аз дониш зоил мешавад, яъне чизҳое, ки вуҷудашон аз назари ӯ муҳол менамояд, сурати зарурӣ ба худ мегиранд ва аз чизҳое, ки дар гузашта вуҷудашон барои ӯ бисёр шигифт менамояд, баъдҳо аз адами онҳо шигифт мешавад» [9,с.161]. Яъне, инсон пас аз гузаштан аз мартабаи ақли инсонӣ ва расидан ба мартабаи ин камол ҳақоиқро идрок менамояд.

Инсони комили Абунасри Форобӣ, ки шоёни раёсати мадинаи фозила аст, ба каси дигаре ниёзманд нест ва ин бениёзӣ, ҳам дар куллиёт аст ва ҳам дар ҷузъиёт, чун ӯ ҳама улуми маорифро дорост: «Бинобар ин, раиси аввал ин ҷо касест, ки ба таври мутлақ ниёзманд ба раиси дигар нест, ки бар ӯ раёсат кунад, на дар куллиёт ва дар ҷузъиёт ва на ҳеҷ асари аз умур, балки бад-он пояе бошад, ки ҳамаи улум ва маориф ӯро ҳосил шуда бошад ва дар ҳеҷ умуре ниёзманд ба каси дигаре, ки ӯро роҳбарӣ ва ҳидоят кунад, набошад ва ӯро ҳам неруи идрок умур ва воқеии тадриҷи ал-вуқуъ бошад, ки ҳар он чи дар тули замон пеш ояд, дарёбад ва аҳкоми инҳоро бидонад ва ҳам неруи иршоди комил дошта бошад, ки дигаронро дар ҷиҳати он чи медонад аз амал ва корҳои хуб ҳидоят ва раҳнамоӣ намояд ва низ вазифаи ҳар касеро ба дурустӣ муайян карда ва ҳар касро ба коре, ки бояд анҷом диҳад, роҳбарӣ кунад ва ба сӯйи ноил шудан ба саодат завқ бахшад» [16,с.44]. Инсони комил дар мадинаи фозила – табиат, аз ҷумлаи ҷузъи бадан аст ва ҳамон гуна, ки табиат ҳар узверо дар иртибот ба ҳама ҷузъҳое муолиҷа мекунад ва инсон ба он нигаронӣ дорад: «Ҳамон гунае ки табиат ҳар узви беморро ба ҳисоби иртиботи он ба маҷмуаи бадан ва аъзои он ва мураттаб ба он муолиҷа мекунад ва ислоҳи ӯ ба навҳест, ки муолиҷаи он як узв ва сиҳати он ба ҳама аъзои бадан мураттаб ба он суд бирасонад, ҳамин тавр аст, ки мадинаи фозила бояд дар тадбири мадина ба навҳе амал кунад, ки кори тадбири ҷазои аз аҷзои мадина ҷузъи сағир монад, як инсон ё ҷузъи бузург монанди як хонавода ва ислоҳи мушкилот ё расонидани хайр ба онон дар иртибот бо маҷмуаи мадина ва ҳар ҷузъе аз аъзои мадина қарор гирад» [9,с.49]. Дармони бемор дар мадинаи фозила он аст, ки ба гунае бояд дорамон бошад, ки ба бемор хайр бирасонад, ки ба кулли бадан зарур бошад: «… ва дар ин тариқи шоиста, ки ба навҳи хайр ин як ҷузъеро ба ӯ мустақил кунад, ки зарурӣ ба маҷмуаи мадина ё соири аҷзои он ворид наёяд, балки хайре бошад, ки ба маҷмуаи мадина ва ҳар аҷзое аз аҷзои он бар ҳисоби мартабаи он нафс расонад, ба мадина суд расонад» [16,с.64].

Модели табиат ва беморӣ дар «Орои аҳли мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ, аввал он аст, ки инсони комил дар мақоми табиат, шоёни иҷтимоӣ ва масъулияти ислоҳи ҷомеа ва расонидани онҳо ба дараҷа ва мартабаи хеш аст. Дуюм ин ки, нақши инсонӣ ва маънавиёт дар модели навъи беморӣ инъикос карда мешавад, ки бояд барои рафъи он иқдом шавад ва сеюм ин ки, табиати ҷомеа (мадина) ҳамеша нуқси куллро бояд ба нуқси ҷузъ тарҷеҳ диҳад.

Андешаҳои сиёсии Абунасри Форобӣ, дақиқан аз фалсафаи нубуввати ӯ маънӣ мегирад, ки дар низоми фикрии ӯ дар тарҳи мадинаи фозила оро доранд. Абунасри Форобӣ, ки ӯ аз нубувват огоҳӣ медиҳад, некӣ аст, ки мавриди назари афроди ҷомеа аст. Нубувват дар сиёсати Абунасри Форобӣ руҳу дониши ихтисосӣ дорад, ки дарки илоҳиро побанд мекунад. Барои орои аҳли мадинаи фозила дарки олами илоҳӣ, аз ҷумла муъҷизоти ӯ оинаи дил ва ҷонро завқ медиҳад ва ба онҳо ақли фаъол изофа мешавад: «Ҳар он чи аз ноҳияи Худои мутаол ба ақли фаъол изофа мешавад, афзоиш мeёбад…» [16,с.44].

Маънои рисолати нубувват дар таърихи ислом расул ва набӣ шудан аст. Расул ва набӣ бандаи Худованд мебошанд ва Худованди мутаол эшонро барои иҷрои аҳкоми хеш ба бандагон муқаррар менамояд. Расул ва набӣ ростин мебошанд, аҳкоми Худоро ба таври комил таъмин менамоянд, ки дар он камӣ ва фаровонӣ намеғунҷад ва онҳо ҳеҷ пайғоми Худовандро пинҳон наменамоянд. Дар байни некӣ ва расул фарқ аст, ки барояш китоб ва шариат дода шудааст ва «некӣ» ҳам паёмбар аст, ки барояш китобу шариат дода нашудааст, балки тобеи шариат ва ин китоб аст [4,с.29-30].

Дар фалсафаи нубуввати Абунасри Форобӣ, андешаҳои сиёсии ӯ таъсиргузоранд. Шарҳи «расул» ва «набӣ» барои афроди мадинаи фозила он аст, ки дар набӣ ва расул қарор гирифтан ба афроди ҷомеа ҳеҷ дахле надорад, ин мартаба аз ҷониби Худо бахшида мешавад. Афроди мадинаи фозила аз нури Худованд нури саодат мегиранд ва дар кӯшишҳояш ба он тобеанд; чизи зиштро беҳтар мешиносанд ва гумроҳ намешаванд, ранҷ намебаранд, аз ситаму нобакорӣ эмин мемонанд ва табоҳиро ба туфайли расул ва набӣ намепазиранд, аз омезиши тамоми гуноҳ пок мешаванд ва андар тавоноӣ ва қудрат ба саодати ҳақиқӣ мерасанд. Чунонки мушоҳида мешавад, тафсири Абунасри Форобӣ аз ваҳй ва нубувват ҳосил мешавад, дақиқан аз низоми сиёсӣ аст ва тасвири ӯ аз силсиламаротиби он аст. Бо як кардани мақоми раёсати мадина ва набӣ ва воҳид доштани инсони комил донистани дигар марзи байни мақомоти имомат бо мақоми нубувват боқӣ намемонад ва шоёни ҳардуи инҳо – раёсат ва ҳукумат ба мадина аст: «Пас ошкор шуд, ки раиси аввал ва подшоҳ ва султон ва возеҳи қонун ва имом ҳама якест ва ҳар вожаҳое, ки аз ин гуна алфозро, ки дар назар бигирем, маънии онҳо воҳид хоҳад буд» [6,с.165].

Абунасри Форобӣ зиндагии моддӣ ва иҷтимоии аҳли мадинаи фозиларо вазифаи сиёсатмадор медонад: «… ва вазифаи раиси мадина, ки ҳамон султон ва ё подшоҳ аст, ки мадинаҳоро ба навҳе тадбир кунад ва пайвастагию иртиботи онҳоро ба қисмате барқарор дорад, ки дар дифои шаҳр ва таҳсили хайрот ва манофеъ ба ҳам ёрӣ кунанд ва низ ба пайомадҳо ва ба натоиҷи додаҳо ва муҳтоҷон бисёр диққат кунад. Ҳар он чи ки аз онҳо ба ваҷҳи нафъ ҳастанд дар расидан ба саодат кумак бигиранд ва бар онҳо биафрӯзанд ва талош кунанд ҳар он чиро ки аз онон мазир аст, нафъ созанд, онҳоро дифоъ кунанд ва ҳар гуна хайрот кунанд» [4,с.84].

Ба таври хулоса, Абунасри Форобӣ дар шаҳри мадинаи фозила инсонро ба мартабаи набӣ ва инсони комилро дар мартабаи ҳукумати мадина қарор медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Васильев, Л.С. Становление политической администрации / Л.С. Васильев // Народы Азии и Африки. -М., 1980. -№1. -С.16-21.
2. Григорян, С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана в VII-XII вв. / С.Н. Григорян. -М.: АН СССР, 1960. -401 с.
3. Григорян, С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока / С.Н. Григорян. -М.: Наука, 1966. -441 с.
4. Доварӣ, Ризо. Фалсафаи мадинаи Форобӣ / Ризо Доварӣ. -Теҳрон, 1354 ҳ.ш. -246 с.
5. Игнатенко, А.А. Средневековые поучения владыкам и проблематика власти / История и современность // А.А. Игнатенко. -М., 1987. -С.112-128.
6. Иноят, Ҳамид. Сиёсат / Ҳамид Иноят. -Теҳрон, 1362 ҳ.ш. -201 с.
7. Капустин, Б.Г. Основные направления эволюции исламских концепций общественного устройства в новое и новейшее время / Б.Г. Капустин // Философия зарубежного Востока о социальной сущности человека. -М., 1986. -С.123-143.
8. Ҷомеа ва таърих аз дидгоҳи Қуръон / Ошно. -Теҳрон, 1371ҳ.ш. -№3. -С.36-51.
9. Маҷид, Муҳаммадӣ. Форобӣ ва фалсафаи нубувват / Муҳаммадӣ Маҷид // Кайҳони андеша. -Теҳрон, 1362 ҳ.ш. -№40. -С.159-167.
10. Микаелян, Н.Р. Личность в процессе социально-культурной адаптации на Востоке / Н.Р.Микаелян // Народы Азии и Африки. -М., 1990. -№5. -С.9-14.
11. Сатыбекова, С.К. Гуманизм Аль-Фараби и его идейные истоки / С.К. Сатыбекова. -М., 1972. -242 с.
12. Фороби, Абунаср. Социально-этические трактаты / Абунаср Фороби. -Алма-Ата, 1973. -214 с.
13. Форобӣ, Абунаср. Ал-силсила-ал-мадина / Абунаср Форобӣ // Фалсафаи Эрон. -Теҳрон, 1358 ҳ.ш. -С.42-59.
14. Форобӣ, Абунаср. Таҳсил-ал-саъодата / Абунаср Форобӣ. -Теҳрон, 1367 ҳ.ш. -314 с.
15. Форобӣ, Абунаср. Фи мабоди оро аҳл мадина ва фазила / Абунасри Форобӣ. -Теҳрон, 1367 ҳ.ш. -321 с.
16. Форобӣ, Абунаср. Эҳсо-ул-улум / Абунаср Форобӣ. -Теҳрон, 1342ҳ.ш. -311 с.
17. Хайруллаев, М. Фараби. Эпоха и учение / М. Хайруллаев. -Ташкент: Узбекистан, 1975. -352 с.


**ТАЪЛИМОТИ СИЁСӢ ДАР РИСОЛАИ «ОРОИ АҲЛИ МАДИНАИ ФОЗИЛА»-И АБУНАСРИ ФОРОБӢ**


Дар мақола таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ зимни таҳлили рисолаи «Орои аҳли мадинаи фозила», ки маънои андешаи шаҳр-давлати ормонӣ (ормоншаҳр)-ро дорад, таҳлил шудааст. Таъкид карда мешавад, ки яке масоили мубрами таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ ҷомеаи инсонӣ аст, ки дар сохтори шаҳр-давлати ормонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Предмет ва вазифаи «мадинаи фозила» (ормоншаҳр) дар рисолаҳои сиёсии Абунасри Форобӣ марбут ба «илми маданӣ» таҳлил ёфтааст, ки ҳаёти шаҳрӣ дар ҳамбастагӣ, садоқат ва ёрии байниҳамдигарӣ матраҳ карда мешавад. Мақсади афроди ҷомеа дар ин шаҳр-давлат такомул ва осоиштагии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ аст. Дар таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ,

зимни таҳлили «Орои аҳли мадинаи фозила», дар ҷойи аввал, дар бунёди зиндагӣ меъёрҳои ахлоқӣ муҳим аст, зеро маҳз, дар ин натиҷа, афроди ҷомеа ба адолат ва саодат мерасанд. Таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ зимни таҳлили рисолаи «Орои аҳли мадинаи фозила» саодат ва фазилати инсонӣ аст. «Мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ ҷомеаи инсонист, ки дорои вокуниши иҷтимоӣ ва сиёсӣст ва маҳз ҳамбастагии сиёсӣ-иҷтимоӣ низоми давлатӣ мебошад. Абунасри Форобӣ дар рисолаи «Орои аҳли мадинаи фозила» шарҳи сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеаи ғайрифозиларо ташхис кардааст ва дар баррасии он ҳаёти сиёсӣ ва зиндагии иҷтимоии мардум, ҷомеаи ғайрифозиларо мақомталабӣ, ҷомеаи шаҳват медонад. Таълимоти сиёсии Абунасри Форобӣ, зимни таҳлили «Орои аҳли мадина ва фозила» муҳимтарин бахши илми сиёсат дар асрҳои миёнаи Шарқ аст, зеро нақд ва баррасии андешаҳои сиёсии ин давра барои сиёсатшиносии муосир аҳаммияти хосса дорад. Абунасри Форобӣ сиёсатро ҷузъи фарҳанги исломӣ мешуморад ва дар заминаи назарияи нубувват онро баррасӣ менамояд, ки масоили он монанди ваҳй ва робитаи ҳукумат ва нубувват аст.

**Калидвожаҳо:** Абунасри Форобӣ, шаҳр, давлат, ормон, сиёсат, ҳукумат, ахлоқ, фазилат, инсон, ҷомеа.

## ПОЛИТИЧЕСКОЕ УЧЕНИЕ В ТРАКТАТЕ «О ВЗГЛЯДАХ ЖИТЕЛЕЙ ДОБРОДЕТЕЛЬНОГО ГОРОДА» АБУНАСРА ФАРАБИ

В статье рассматривается политическое учение в трактате «О взглядах жителей добродетельного города» Абунасра Фараби. Отмечается, что одно из центральных мест в политическом учении Абунасри Фараби занимает общественная жизнь. Предмет и задачи «добродетельного города» в политическом трактате «О жителях добродетельного города» Абунасра Фараби определяет «гражданская наука», цель и роль, которого заключается правильными действиями, целомудрием и взаимопомощи. В политическом учение Абунасра Фараби место и обязанности человека в обществе, его функции, как явления общественного и нравственность занимает важное место, так какконечная цель государственного объединения является достижения счастья. В этой связи, отмечается, что в политическом учение Абунасра Фараби реализация человеческого счастья связана с действием и деятельности. В трактате «О взглядах жителей добродетельного города» Абунаср Фараби разделяет город-государства на добродетельные, или идеальные, и невежественные. Город, в котором, объшается зло, - невежественное, а город, в котором единение людей имеет цели взаимопомощь в делах. В политическом учение Абунасра Фараби исходит в основном из политики и в своем идеальное (добродетельное) государство абстрагируется и социальной жизни. Поэтому идеи Абунасра Фараби о «идеальном государстве» это и есть отражения справедливость и благородности правителя в эпоху ислама. Абунаср Фараби рассматривает управления города-государства как часть культуры по исламским канонам – «нубувват». Подчеркивает важность в обществе жителей добродетельного города (государства) исламским законам.

**Ключевые слова:** Абунаср Фараби, город, государство, идеальность, политика, власть, нравственность, счастья, человек, общество.

## POLITICAL DOCTRINE IN THE TREATISE "ON THE VIEWS OF THE RESIDENTS OF A VIRTUOUS CITY" BY ABUNASR FARABI

The article discusses the political doctrine in the treatise "On the views of the residents of a virtuous city" by Abunasr Farabi. It is noted that one of the central places in the political doctrine of Abunasri Farabi is occupied by public life. The subject and tasks of the “virtuous city” in the political treatise “On the inhabitants of the virtuous city” by Abunasra Farabi defines “civil science”, the purpose and role of which is correct actions, chastity and mutual assistance. In the political teachings of Abunasr Farabi, the place and duties of a person in society, his functions as a phenomenon of public and morality occupies an important place, since the ultimate goal of state unification is to achieve happiness. In this regard, it is noted that in the political teachings of Abunasr Farabi, the realization of human happiness is associated with action and activity. In the treatise “On the views of the inhabitants of a virtuous city”, Abunasr Farabi divides the city-states into virtuous, or ideal, and ignorant. A city in which evil is rampant is ignorant, and a city in which the unity of people has the goal of mutual assistance in business. In the political doctrine of Abunasr Farabi proceeds mainly from politics, and in his ideal (virtuous) state, social life is also abstracted. Therefore, the ideas of Abunasr Farabi about the "ideal state" are reflections of the justice and nobility of the ruler in the era of Islam. Abunasr Farabi considers the administration of the city-state as part of the culture according to Islamic canons - "nubuvvat". Emphasizes the importance of Islamic laws in the society of the inhabitants of a virtuous city (state).

**Keywords:** Abunasr Farabi, city, state, ideality, politics, power, morality, happiness, man, society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, иҷрокунандаи вазифаи профессор. **Суроға:** 735440, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримчон*** - Бохтарский государственный университета имени Носира Хусрав, исполняющий обязанности профессора. **Адрес:** 735440, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimchon*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. Professor. **Address**: 735440, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-14-74-68**

ТДУ: 327(575.3)

# ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ: МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ, АФЗАЛИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШД

*Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, Шкраллоҳи Хабибуллои Зардизода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Хусусият ва тамоюлҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандии муосири Тоҷикистон равандҳои дигаргунсозиро, ки дар солҳои 90-уми асри XX оғоз ёфтаанд, инъикос мекунанд. Дар раванди гузариши ҷомеаи коммунистӣ ба демократӣ, Тоҷикистон бо як қатор мушкилоте рӯ ба рӯ шуд, ки барои кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта хос аст (таназзули иқтисодӣ, хароҷоти баланди иҷтимоии табдилдиҳӣ, паҳншавии фасод, ноустувории институтҳои демократӣ ва ғ.). Дар баробари ин, хусусиятҳои инкишофи сиёсии он на бештар аз вазъияти дигаргунсозии режими сиёсӣ, балки бо сохти давлатдории нав ва низоъҳои мураккабе, ки ин равандро ҳамроҳӣ мекарданд, алоқаманд буд. Дар натиҷаи ба эътидол омадани вазъияти сиёсӣ ва устувор гардидани раванди конститутсионӣ, раванди сиёсии ҷомеа заминаи муҳимро дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати муҳимтарин институти сиёсӣ гузошт.

Равандҳои демократӣ дар мамлакат дар шароити буҳрони охири солҳои 90-уми асри гузашта ба амал омад. Дар ибтидои асри XX дар ҷомеа дигаргуниҳои амиқ ба амал омаданд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, мақомотҳои давлатӣ, қонунгузории амалкунанда тағйир ёфта, институтҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки тарзи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам ба моҳияти раванди сиёсӣ ва ҳам ба механизмҳои амалисозии масъалаҳои муҳим дар раванди ҷомеа мусоидат кард.

Дар ин бобат Н. Давлат дуруст қайд менамояд, ки «фаъол шудани ҷомеаи маданӣ (шаҳрвандӣ)-и Тоҷикистон дар миёни солҳои 80-ум мушоҳида шуд, ки он замон зиёиён, донишҷӯён ва ҷавонон бо талошҳои худ барои ҷунбиш ё ҳаракати миллӣ фаъолияти бесобиқаеро нишон доданд. Маҳз дар ҳамин давра Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид ва, инчунин, созмонҳои зиёди ҷамъиятиву сиёсӣ таъсис дода шуданд. Моҳиятан, дар ин давра бояд асосҳои рақобати солими сиёсӣ барои оянда дар кишвар шакл мегирифт.

Дар замони муосир мавҷудият ва фаъолияти озоди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чун шароит ва нишонаи муҳимми демократияи инкишофёфта ва босубот ба ҳисоб рафта, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои риояи принсипҳои асосии демократия, аз қабили озодӣ ва баробарҳуқуқӣ шароити заруриро бунёд месозад. Аз ҷумла, дар шароити Тоҷикистони муосир раванди мустаҳкамшавии низоми демократӣ бо ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Зеро, баъд аз таҳаввулоти бузурги солҳои 90-уми асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистқлол гардида, роҳи демократии инкишофро интихоб намуд. Демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккулёбии низоми сиёсии демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калидӣ бозид [13].

Маҳз Конститутсия асосҳои ҳуқуқии давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд овард. Дар моддаи 1-уми Конститутсия Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон гардид, ҳамчунин дар моддаи 28-уми Конститутсияи кишвар чунин омадааст: «Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси маданӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияхои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ ба сифати асосҳои ҳуқуқии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи муътадил гардидани раванди конститутсионӣ дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон бисёр тағйиротҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки дар устувор гардидани давлати демократӣ мусоидат намуданд, хусусан ба танзим омадани ҳолати мураккабе, ки кишварро дар он солҳо фаро гирифта буд, аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷа, ин гуна ислоҳотҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дигаргуниҳои муҳимми сиёсие дар раванди сиёсии ҷомеа ба миён омаданд, ки боиси ташаккул ва рушди низоми сиёсии ҷомеа, ҷомеаи шаҳрвандӣ, парламентаризм, конститутсионализм, плюрализми сиёсӣ, аз омилҳои муҳим ва назарраси таҳкими давлатдории навини Тоҷикистон баромад карданд. Дар ин замина, дар раванди сиёсии ҷомеа дар сатҳи Конститутсия институтҳои нави демократии ҷомеа ба фаъолияти сиёсӣ оғоз намуданд, ки нақши муҳимро дар таҳкими навсозию демократикунонии ҷомеаи муосири Тоҷикистон гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда тули солҳои соҳибистқлолӣ дар кишвар як зумра ниҳодҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, касбӣ, эҷодӣ, динӣ, занону ҷавонон ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсис ёфта, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолона иштирок менамоянд. Муҳим он аст, ки мақомоти давлатӣ бахши сеюмро ҳамчун шарик дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шинохтааст. Вобаста ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо аъзои Шурои ҷамъиятӣ чунин таъкид намудааст: «Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, марказҳои фарҳангии ақаллиятҳои миллӣ, иттиҳодияву иттифоқҳои гуногун ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ – ҳамчун неруи асосии Шурои ҷамъиятӣ бояд дар амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаи Ҳукумат ба сифати шарики боэътимоди давлат иштирок намоянд»[9].

Ба андешаи Н.А. Ҳошимова, «барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаҳмиши муосири он падидаи нав маҳсуб меёбад, зеро ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ниҳодҳои он, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои мухталифи ғайриҳукуматӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ассотсиатсияҳо, фондҳои хайриявӣ дар таҷрибаи таърихи сиёсии кишвар вуҷуд надоштанд. Танҳо дар охири асри ХХ дар Тоҷикистон муносибатҳо ва ниҳодҳое пайдо гаштанд, ки берун аз фаъолияти давлат амал менамуданд. То ин давра танҳо ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳалла, масҷид, ҳашар, гаштак ва ғайраҳо арзи ҳастӣ намуда буданду халос. Албатта, то замони соҳибистиқлолӣ мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ барои аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон мафҳуми ношинос буд» [13].

Масалан, Ш. Ҳакимов менигорад, ки «дар мавриди мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар илми сиёсатшиносӣ ё ҳуқуқи инсон таърифҳои зиёде вуҷуд доранд ва нуқта мондан ба онҳо мушкил аст. Вобаста ба марҳилаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ иваз мешавад, аммо усул дар он аст, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мафҳуми он ду мавзуъ аст: 1) ҷомеа, яъне ҷамъият; 2) шаҳрванд. Шаҳрванд робитаи сиёсӣ ва ҳуқуқии шахсро бо давлат мушаххас, муайян ва муқаррар мекунад. Ҷомеа ниҳоде мебошад, ки пеш аз ҳама, дар он шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ, яъне шахс аст. Баъд аз он созмонҳои хориҷӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ҷунбишҳо ва иттифоқҳои касаба шомил мешаванд. Яъне, давлат барои шаҳрванд бояд хизмат кунад ва аз ин хотир аз нуқтаи назари ҷомеаи шаҳрвандӣ кишваре, ки дар он усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ вуҷуд дорад ва ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя мешаванд, Конститутсия амал мекунад» [14].

Аз ин рӯ, ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳимтарин воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ буда, омили муҳимми рушди устувории давлат, ҳамчун пул миёни давлату ҷомеа хизмат мекунад. Дар давлатҳои дигар чун усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ эътироф шудааст, адолати додгоҳӣ вуҷуд дорад ва волоияти қонун аст, вале бо вуҷуди ин, ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба монанди иттифоқҳои касаба, созмонҳои ҷавонон, созмонҳои тахассусӣ ва дигар ташкилотҳо кӯшиш мекунанд, ки дар ҳамкорӣ ё мустақиман бахши муайяни давлатдориро баррасӣ кунанд ва дар ҳалли онҳо мусоидат кунанд [14].

Бояд қайд намуд, ки ҳар як давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд талош меварзад дар ҷомеа шароите муҳайё созад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон воқеан амалӣ шаванд. Ҳар як узви он худро озод ҳис кунад, қобилият ва имкониятҳои воқеии ҷисмонӣ, интеллектуалиашро пурра истифода намояд. Дар ин маврид О. Салимзода, чунин менигорад: «Дар тули

солҳои соҳибистиқлолӣ мо тавонистем бо интихоби роҳи усулан нави пешрафти кишварамон, ки ба арзишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ такя мекунад, таҳкурсии асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузорем. Эътирофи силсилаи ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла озодии изҳори ақида, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, иштироки бевоситаи мардум дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани талаботи ҷомеаи комилан нав роҳ кушод ва пайдоиши унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намуд»[6].

Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарбияи аъзои фаъоли он, дар баробари сохтору мақомоти масъули давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ ба сифати унсурҳои фаъол нақши арзанда доранд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама давру замон роҳнамои воқеии ҷомеаи шаҳрвандии кишвар буданд.

Вобаста ба ин масъала, назари коршинос А. Қодиров чунин аст: «Мизони баланди эътимод ба созмонҳои ҷамъиятӣ дар кишварҳое мушоҳида мешавад, ки ба мардум кумаки бебозгашти хайрия тақдим мекунанд ва мизони начандон баланд ва гоҳо пасти боварӣ дар ҷомеаҳоест, ки он ҷо созмонҳои ҷамъиятӣ масоили дардноки ҳуқуқи башарро матраҳ мекунанд. Ин чанд сабаб дорад: аввалан, худи идеяи таъсис додани созмонҳои ҷамъиятӣ дар ин кишварҳо аз ҷониби созмонҳои байналмилалии ғарбӣ оварда шудааст, яъне ин созмонҳо «аз рӯйи зарурат» сар назадаанд; баъдан, дар ин кишварҳо ҳукуматҳо нисбати созмонҳои мудофеи ҳуқуқи башар он қадар муносибати хайрхоҳона надоранд ва бо ҳар роҳ мекӯшанд ба имиҷи чунин созмонҳо таъсири манфӣ расонанд; ҳамчунин, созмондиҳандагони як қисми созмонҳои ҷамъиятӣ ташкилоти худро ба як василаи грантгирӣ табдил додаанд, ки ин наметавонад ба эътимоди мардум нисбати онҳо таъсир расонад» [4].

Тавре ки муҳаққиқ М. Давлатова қайд менамояд, «созмонҳои ҷамъиятӣ аз солҳои ба даст овардани истиқлолият дар бахши баробарии гендерӣ ва кумак ба занон дар раванди ҷомеа корҳои зиёде амалӣ кардаанд. Солҳои аввали фаъолияти ин созмонҳо барои таҳкими рушди масъалаҳои гуногуни ҷомеа хизмат ва фаъолият карданд. Тадриҷан созмонҳо бо ташаббускорӣ, фаъолияти хайриявӣ, бунёди марказҳои расондани хизматҳои ҳуқуқиву равонӣ ва амсоли ин ба боварии мардум ва ҳукумат сазовор шуданд. Имрӯз ҳам созмонҳои муваффақи ҷамъиятӣ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ саҳми сазовор доранд. Онҳо аввалан ба мардум наздиктаранд ва мушкилоташонро рушантар мебинанд. Баъдан, як қишри пешрафтаи ҷомеа гардидаанд ва донишу таҷрибаи зиёд андӯхтаанд»[4].

Ба андешаи Ш. Ҳакимов, «дар Тоҷикистон ва аксарияти кишварҳои пасошуравӣ аломатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дорад. Чун дар низоми шуравӣ як ҳизби сиёсӣ доштем, ҳоло 7 ҳизби сиёсӣ аст, иттифоқҳои касаба вуҷуд дорад. Фақат номи онро тағйир доданд ва ҳоло «Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил» ном дорад. Пеш, агар комсомол буд, имрӯз созмонҳое, ки бо ташаббуси шаҳрвандони аз 14 то 30-сола таъсисшуда кӯшиш мекунанд, ки масъалаҳои мухталифи ҷавононро ҳал кунанд, тибқи маълумоти Вазорати адлия, тақрибан 100-то ҳастанд. Ҳамин тавр, созмонҳои касбӣ, ба монанди Анҷумани ҳуқуқшиносҳо ё Иттиҳодияҳои духтурон вобаста ба соҳаҳои мухталиф ва ғайра низ вуҷуд доранд ва фаъолият мекунанд» [14].

Ш. Ҳакимов чунин ибрози андеша кардааст: «Бояд дар асоси ҳамкорӣ дар низоми сиёсии ҷомеа, ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дигар ниҳодҳо дар таъмин ва рушди волоияти қонун, бисёрҳизбӣ, иқтисодиёти озод, рақобати созандаро таъмин кунад ва заминаи асосиро дар рушди низоми демократӣ, фазои мусоидеро ба вуҷуд оваранд. Бе риояи қонун сатҳи зиндагии мардумро боло бардоштан аз эҳтимол дур аст... . Дар ин раванд зарур аст, ки аз ҷониби субъектҳои дахлдор бахри дар амал татбиқ кардани масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа, аз қабили рушди плюрализми сиёсӣ, парламентаризм, констутсионализм, демократия, фазои мусоиди демократиро ба вуҷуд овардан зарур аст» [14].

Олимҷон Салимзода, собиқ раиси кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, вобаста ба мавқеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ташаккул ва рушди демократикунонии ҷомеа чунин ибрози андеша намудааст: «Ҳадафи аслӣ, пеш аз ҳама, даъват ба ҳамкории фаъоли ҷомеа ва давлат

мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама самти ҷомеа бояд фаъол ва дар баробари ниҳодҳои давлатӣ ҳарфу ҳиҷойи худро дошта бошад. Ва пуштибони ҷомеаи кишвар бошад. Аз рӯйи таҷриба бояд ҳамкории наздики ҷомеаи шаҳрвандӣ бо сохторҳои давлатӣ дар сатҳи баланд бошад, то тавонанд, дар раванди муҳокимаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ фикру назари худро дошта бошанд, фаъолияташон баланд арзёбӣ карда шавад» [5].

Муҳаққиқ Ш. Каримов аз таҷрибаи давлатҳои дигар ҳангоми истифода аз неруи ниҳодҳои ҷамъиятӣ мисолҳо оварда, таъкид намудааст, ки «доираи ҳамкориҳои байни давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ аст. Азбаски равандҳои солҳои охир дар қаринаи ҷаҳонгароии умумӣ шарту шароити низоми давлат ва давлатдориро ба таври қобили мулоҳиза тағйир додааст, давлатҳо дар умури идораи хеш дигар наметавонанд ба шеваи пешин ва бидуни кумаки сохторҳои ҷамъиятӣ фаъолият кунанд: ин кумакро дар идораи давлат ва давлатдории солим метавонанд созмонҳои ғайриҳукуматӣ анҷом диҳанд» [6]. Муҳаққиқ дар бораи буҳрони шадиди иқтисодӣ ва таъсири он ба фаъолияти ин ниҳодҳо ва дастгирии молиявӣ наёфтани ин ниҳодҳо аз ҷониби олами тиҷорат ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ибрози нигаронӣ намудааст.

Вобаста ба рушд ва шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҷомеа назари коршиноси масоили сиёсӣ Рашид Ғанӣ Абдулло чунин аст: «Барои эҷоди фазои гуфтугӯ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ зарур аст як барномаи миллиеро дар робита ба эҷоди фазои гуфтугӯ таҳия ва ба тасвиб расонем, то ин ки дар рушди масъалаҳои муҳимтарин дар ҳамкории наздик бошанд. Набудани чунин фазои гуфтугӯ ва муколама миёни ҳукумат, мардум, ҳизбҳо, созмонҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ боиси ба амал омадани мушкилиҳои зиёд дар раванди ҷомеа мегардад. Агар ин нуқтаро ҳам дар назар нагирем, мебинем, ки Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои ҳамсоя вобаста ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар масъалаҳои муҳим хело пешравиҳои зиёдро доро мебошад» [15].

Дар ин раванд ба андешаи коршиносони масоли сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ниҳодҳои давлатӣ бояд дар сатҳи баланди демократӣ бошад. Дар натиҷа метавон гуфт, ки ҳамкории ин ду ниҳод метавонад дар бартараф кардани мушкилиҳои бамиёномада, дар раванди ҷомеа, мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар беҳсозии ҷомеа мусоидат кунад. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз институтҳои муҳимми сиёсӣ дар доираи санадаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ имкониятҳое зиёдро доро буда, дар сурати ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ, ҷиҳати дар амал татбиқ кардани рушди масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, аз самтҳои муҳимми фаъолияташон ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «Имрӯз вақти он расидааст, ки мову шумо раванди демократикунонии ҷомеаро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшем. Мо бояд воситаҳои ахбори оммаро дастгирӣ намоем, то ин ки чун оинаи ҷамъият камбудиҳои асосии ҷомеаро ошкоро гӯянд, роҳи ҳалли баъзе масъалаҳоро пешниҳод намоянд, равандҳои хатарнокро пешгӯӣ кунанд ва нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мардумро бевосита дар ҳалли масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бештар намоён гардонанд. Мову шумо як қувваи ягонаро ташкил дода, онҳоеро, ки сулҳу салоҳро дар ҷомеа халалдор карданӣ мешаванд, ҳамдигарфаҳмии байни қувваҳои сиёсиро аз байн бурданӣ мешаванд, ҳушдор диҳем».

Воқеан, вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сатҳи тафаккури ҷомеа тақозо менамояд, ки дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунӣ талаботи ҷомеа ва манфиатҳои миллӣ ба инобат гирифта шавад. Таҷрибаи фаъолияти қонунгузорӣ ва эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон нишони он аст, ки дар ин самт чораҳои зарурӣ дар амал татбиқ мешаванд. Албатта, рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа аз сатҳу сифати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобастагии зиёд дорад. Имрӯз, ки мо дар раванди амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ қарор дорем, зарур аст, ки санадҳои меъёрии соҳавие қабул шаванд, ки барои таҳким ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, замина гузоранд [11].

Қобили тазаккур аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир унсури муҳимми давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии инсону шаҳрванд нақши босазо дорад. Дар маҷмуъ, ҳамкорӣ миёни давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба манфиати

ҷомеа, давлат ва шаҳрвандони тамоми кишвар мебошад, ки бо қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ самти фаъолияти онҳо инкишоф меёбад. Фароҳам сохтани шароити мусоид ба шаҳрвандон барои ширкат дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии солим, ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ, баррасӣ ва арзёбии муҳимтарин барномаҳои давлатии инкишоф дар ҷараёни таҳия ва татбиқи онҳо, иштироки бевосита дар барномаҳои иҷтимоии давлат, ки ба инкишофи устувори ҷомеа нигаронида шудаанд, аз ҷумлаи чунин ҳамкориҳо буда метавонанд [12].

Коршиноси масоили сиёсӣ Мазҳабшо Рӯзадоров иброз медорад, ки дар ин раванд бояд ҳар пешниҳоду таклифи созмонҳои ғайридавлатӣ ба инобат гирифта шавад, пасон мушкилоти мавҷуд дар роҳи фаъолияти онҳо рафъ хоҳад шуд. Ба таъкиди бештари роҳбарони созмонҳои ғайридавлатӣ, фаъолияти онҳо бо сармоя ва маблағи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ, аз тариқи грантҳо ё кумакҳои бебозгашт амалӣ мешавад. Зимни масъалаҳои пешниҳодгардида, вобаста ба самти фаъолият созмонҳои ғайридавлатӣ лоиҳаи «Консепсияи миллии рушди ҳамкориҳои иҷтимоӣ миёни давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»-ро барои баррасӣ ба Ҳукумат пешниҳод кардаанд [10].

Шамсиддин Каримов, роҳбари Анҷумани ташкилотҳои ғайридавлатии Тоҷикистон ва узви Шурои ҷамъиятӣ мегӯяд, ки ҷомеаи шарвандии Тоҷикистон то ба ҳол низ бо ниҳодҳои ҳукуматӣ муколамаву музокира дошт ва қодир аст назару хостаҳои худро то ба болотарин сатҳ, аз ҷумла мақомотҳои давлатӣ бирасонад. «Ман ҳоло гуфта наметавонам, ки ин тасмим бо ташаббуси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ё дар натиҷаи фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ сурат гирифтааст. Лекин қабл аз ин мо чанд амалҳои шоистае доштем, ки дар натиҷаи гуфтугӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Ҳукумат сурат гирифта буд. Аз ҷумла, фароҳам овардани шароити ҳуқуқии мусоидтар барои фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ маҳз дар натиҷаи музокироти намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва Ҳукумат ба даст омад» [7].

Бояд қайд намуд, ки созмонҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба сифати субъекти асосии низоми сиёсии ҷомеа, дар ташаккул ва рушди раванди демократикунонии ҷомеа мақоми арзишмандро доро мебошанд. Вобаста ба ин масъала назари Гулҷаҳон Бобосодиқова, собиқ роҳбари Иттиҳодияи занони маълумоти олидор чунин аст: «Созмонҳои иҷтимоӣ метавонанд дар рафъи ин ё он мушкил ва ҳалли масоили ҷомеа бо Ҳукумат ҳамкорӣ кунанд, вале ҳоло чунин ба мушоҳида мерасад, ки мақомоти расмӣ ба чунин ҳамкорӣ аҳамМият намедиҳанд. Созмонҳои иҷтимоӣ метавонанд барои аз байн бурдани овозаву сарусадоҳо ба Ҳукумат кумак кунанд ва дар бартараф сохтани масъалаҳои муҳимМи ҷомеа шарики давлат бошанд» [8].

Ба таъкиди коршинос Р. Зойиров, дар Тоҷикистон раванди қонунгузории демократӣ ва рушди ҷомеаи фаъоли шаҳрвандиро ба вуҷуд овардан зарУр аст, чунки иштироки ин ниҳод дар баррасӣ ва омӯзиши афкори омма, вобаста ба таклифу пешниҳодҳо ба санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ҳамкории онҳо бо дигар ниҳодҳо дар сатҳи муйяншуда барои ҷомеа хело муҳим аст. Шаҳрвандони одд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳияи қонунҳо ширкат карда тавонанд, пешниҳодҳои худро дар сатҳи мақомотҳои давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод намоянд, то ки онҳо аз ҷониби субъектҳои қонунгузорӣ қабул шаванд. Ӯ ҳамчун намуна аз қонунҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои динӣ, танзими расму оинҳо ном бурд, ки дар баррасии онҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ хело фаъол буд. Шаҳрвандон дар масъалаи таҳияи қонунҳо ҳаққи муроҷиати мустақим ба парлумонро дошта бошанд, то ки раванди қабули қонун босифат эътироф гардад. Худи парлумон, дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои дар раванди муҳокимаи масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа фаъол бошад, ки ин ба таҳкими рушди қонунгузорӣ мусоидат мекунад [1].

Ба таъкиди коршинос Ш. Каримов, низоми қонунгузории Тоҷикистонро ҷавобгӯи замон бояд кард, ки ба фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намояд. Дар нахустин ҳамоиши созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон дар Душанбе беш аз 40 нафар намояндагон аз минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ ширкат доштанд ва ҳамоиш кори худро идома хоҳад дод. Ин дар ҳолест, ки Вазорати адлияи Тоҷикистон фаъолияти чанд созмони байналмилалӣ дар Тоҷикистонро қатъ кард. Ҳангоми тавзеҳи бандҳои ин Қонун гуфта шуд, ки дар доираи он муносибати давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти ин

иттиҳодияҳо дар қаламрави кишвар бар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ба танзим дароварда шудааст [2].

Бояд қайд намуд, ки ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дигар субъектҳои дахлдори давлатӣ дар мавриди муҳокима ва масъалагузорӣ вобаста ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа, яке аз шаклҳои асосии фаъолияташон дар раванди имрӯзаи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ҷомеаи шаҳрвандӣ, яке аз институтҳои муҳимми сиёсӣ бо имконият ва тавоноии худ, ҳамчун шарики боэътимоди давлат дар муҳокимаи масъалаҳои муҳим ва қабули қонунҳои соҳавӣ нақши муҳимро доро мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро бо дигар субъектҳои давлатӣ чунин натиҷагирӣ кард:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз субъектҳои босалоҳияти низоми сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, нақши муҳимро дар қабул ва омӯзиши афкори ҷомеа, қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дошта, ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои давлатӣ дар қабули санадҳои муҳим аз вазифаҳои асосиашон ба ҳисоб меравад;
- яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, омӯзиш ва баҳогузории ҳамаҷонибаи масъалаҳои муҳимми ҷомеа буда, мақсади асосиашон мусоидат ба ҳалли масоили мазкур мебошад;
- дар шароити имрӯзаи ҷомеа, яке аз субъектҳои хеле муҳиме, ки иқтидор ва имконияти зиёд дар ташаккул ва рушди институтҳои демократӣ дорад, ин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, ба сифати институти муҳимми сиёсӣ, дар беҳсозии фазои демократии ҷомеа нақши муҳим доранд;
- таҳким ва беҳсозии рушди масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа, аз қабили волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, демократия, полюрализми сиёсӣ, парламентаризм, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, яке аз фаъолиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар баробари дигар масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории Тоҷикистон муҳим ба ҳисоб рафта, навсозии низоми сиёсии ҷомеа, шаклгирии институтҳои нави демократӣ, мутобиқсозии санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқӣ, омӯзиши афкори омма, гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ аз фаъолияти ин ниҳод вобастагӣ дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Зоиров Р. Парлумон, ҷомеаи шаҳрвандӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат: 21.01.2024).
2. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: khovar.tj (санаи муроҷиат: 21.01.2024).
3. Нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар ҳалли мушкилоти ҷавонон. [Манбаи электронӣ]. URL: Asia-Plus (санаи муроҷиат: 21.01.2024).
4. Ниме аз мардум ба кори созмонҳои ғайридавлатӣ бовар доштаанд. [Манбаи электронӣ]. URL: Asia-Plus (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
5. Парлумону созмонҳои ҷамъиятӣ аз эътимоду ҳамкорӣ гуфтанд. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат: 10.05.2023).
6. Пешниҳоди Шаҳло Акобирова барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аст. [Манбаи электронӣ]. URL: khoma.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
7. Пас аз «қазияи Интернет». Садои мардум ҳамеша ба Ҳукумат хоҳад расид? [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат: 21.01.2024).
8. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти миллии кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: Asia-Plus (санаи муроҷиат: 21.01.2024).
9. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: mmk.tj. (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
10. «Созмонҳои ғайридавлатӣ шарики давлатанд, на рақиб». [Манбаи электронӣ]. URL: Asia-Plus (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
11. Танҳо ба воситаи маърифати баланди ҳуқуқӣ метавон ҷомеаи шаҳрвандӣ бунёд намуд. [Манбаи электронӣ]. URL: khovar.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
12. Таҷрибаи бунёди ҷомеаи шаҳравандӣ дар Тоҷикистон: хусусиятҳо ва дурнамои рушд. [Манбаи электронӣ]. URL: khovar.tj (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
13. Ҳошимова Н.А. Масъалаҳои таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистони муосир / Н.М. Ҳошимова // Паёми ДДБСҲТ. – 2022. -№4. -С.67.
14. Ҳакимов Ш. Пешрафти давлат аз рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста аст. [Манбаи электронӣ]. URL: Pressa.tj (санаи муроҷиат:. 12.03.2023).

15. Ҳамкориҳои наздик бо ҷомеаи шаҳрвандӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат: 10.05.2023).

## ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ: МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ, АФЗАЛИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШД

Дар мақолаи мазкур раванди ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди сиёсии ҷомеа мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯзаи давлатдории Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати муҳимтарин институти муҳимми сиёсӣ баромад карда, дар рушди субъектҳои низоми сиёсӣ имконияти баландро доро мебошад. Ҳамин тариқ, дар шароити Тоҷикистони муосир раванди мустаҳкамшавии низоми демократӣ бо ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Зеро, баъд аз таҳаввулоти бузурги солҳои 90-уми асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардида, роҳи демократии инкишофро интихоб намуд. Демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккулёбии низоми сиёсии демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калидӣ бозид. Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи муътадил гардидани раванди конститутсионӣ дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон бисёр тағйиротҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, ки бахри устувор гардидани давлати демократӣ мусоидат намуданд, хусусан ба танзим омадани ҳолати мураккабе, ки кишварро дар он солҳо фаро гирифта буд, аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати муҳимтарин институти муҳимми сиёсӣ, дар ҳалли мушкилоти ҷомеа нақши муҳим дорад. Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир унсури муҳими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии инсону шаҳрванд нақши босазо дорад. Дар маҷмуъ, ҳамкорӣ миёни давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба манфиати ҷомеа, давлат ва шаҳрвандони кишвар мебошад, ки бо қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ самти фаъолияти онҳо инкишоф меёбад.

**Калидвожаҳо:** истиқлолият, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, низоми сиёсӣ, раванди конститутсионӣ, институтҳои демократӣ.

## ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО: СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ, ПРИОРИТЕТЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ

В данной статье анализируется и обсуждается процесс формирования гражданского общества в политическом процессе общества. Следует отметить, что в современных условиях государственности Таджикистана гражданское общество выступает как важнейший политический институт и имеет высокий потенциал в развитии субъектов политической системы. В данном процессе одной из важных особенностей деятельности гражданского общества в современном мире является поддержка и усиление наиболее важных проблем общества. Таким образом, в условиях современного Таджикистана процесс укрепления демократической системы связан с формированием и развитием гражданского общества, так как после великих перемен 90-х годов прошлого века Республика Таджикистан стала независимой и выбрала демократический путь развития. Демократизация общественной жизни создала благоприятную основу для формирования гражданского общества. Принятие Конституции Республики Таджикистан сыграло ключевую роль в формировании демократической политической системы и гражданского общества. Стоит отметить, что в результате стабилизации конституционного процесса в процессе становления современной государственности в Таджикистане произошло множество важных политико-правовых изменений, которые способствовали стабилизации демократического государства, особенно урегулированию сложной ситуации, сложившейся в Таджикистане. При этом следует отметить, что гражданское общество, как важнейший политический институт, играет важную роль в формировании и развитии важнейших проблем общества, выступает важнейшим инструментом в обсуждении важных вопросов между обществом и государственными структурами. Следует отметить, что в современных условиях гражданское общество считается важным элементом демократического, правового, светского и социального государства и играет важную роль в создании основы для обеспечения основных прав и свобод человека и общества. В целом сотрудничество государства и институтов гражданского общества идет на благо общества, государства и граждан страны, которые развивают направления своей деятельности с принятием нормативно-правовых актов.

**Ключевые слова:** независимость, гражданское общество, политические институты, неправительственные организации, политическая система, конституционный процесс, демократические институты.

## CIVIL SOCIETY: SOCIO-POLITICAL ESSENCE, PRIORITIES AND DEVELOPMENT TRENDS

This article analyzes and discusses the process of formation of civil society in the political process of society. It should be noted that in the modern conditions of statehood in Tajikistan, civil society acts as the most important political institution and has high potential in the development of subjects of the political system. In this process, one of the important features of the activities of civil society in the modern world is the support and strengthening of the most important problems of society.Thus, in the conditions of modern Tajikistan, the process of strengthening the democratic system is associated with the formation and development of civil society, since after the great changes of the 90s of the last century, the Republic of Tajikistan became independent and chose the democratic path of development. Thus, in the conditions of modern Tajikistan, the process of strengthening the democratic system is associated with the formation and development of civil society, since after the great changes of the 90s of the last century, the Republic of Tajikistan became independent and chose the democratic path of development. The democratization of public life has created a favorable basis for the

formation of civil society. The adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan played a key role in the formation of a democratic political system and civil society. It is worth noting that as a result of the stabilization of the constitutional process in the process of formation of modern statehood in Tajikistan, many important political and legal changes occurred that contributed to the stabilization of a democratic state, especially the settlement of the difficult situation that developed in Tajikistan, which engulfed the country in those years, was considered one of the important problems. It should be noted that civil society, as the most important political institution, plays an important role in the formation and development of the most important problems of society, and acts as the most important tool in discussing important issues between society and government structures. It should be noted that in modern conditions, civil society is considered an important element of a democratic, legal, secular and social state and plays an important role in creating the basis for ensuring fundamental rights and freedoms of individuals and society. In general, cooperation between the state and civil society institutions is for the benefit of society, the state and citizens of the country, who develop the directions of their activities with the adoption of regulations.

**Keywords:** independence, civil society, political institutions, non-governmental organizations, political system, constitutional process, democratic institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**:** **(+992) 919896569**
***Шкраллоҳи Хабибуллои Зардизода*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедари сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 7351040, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 67. Телефон**:** **(+992) 905403737**

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919896569**
***Шкраллохи Хабибуллои Зардизода*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра истории таджикского народа, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 7351040, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица С.Айни, 67. Телефон**:(+992) 905403737**

**Information about the authors:** ***Sharifzoda Lohuti Sharif*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**
***Shkrallohi Habibulloi Zardizoda*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of History of the Tajik People, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 7351040, Bokhtar, Republic of Tajikistan, S. Aini street, 67. Phone: **(+992) 905403737**

**ТДУ: 328(575.3)**

# ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Абдуллозода Н.А.*

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Истиқлолият неъмати олӣ ва бебаҳо ба ҳисоб меравад. Аслан, дар шароити имрӯза давлатҳои зиёде мавҷуданд, ки ин неъмати бузургро соҳибанд. Соҳибистиқлолию соҳибихтиёрӣ баҳри онҳо имконият ва заминаи хуби такмил ва таҳкими соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиро ба вуҷуд меоварад. Давлатҳои соҳибистиқлол қудрати ба амал баровардани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷиро дар даст доранд. Истиқлолият манбаи зинда мондани давлату миллат ва арзишҳои ба онҳо марбутро ифода менамояд. Амалӣ намудани талаботу манфиатҳо хубтар дарк шуда, татбиқи онҳо осон мегардад. Он манбаи асосии аз байн бурдани ғуломию бечорагӣ ва қафомондагӣ низ ба шумор меравад [12].

Касб ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ дар шароити мураккаби шиддати муносибатҳои байналхалқӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва осебпазирии кишварҳои миллӣ арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик ба шумор меравад. Дарвоқеъ, дастёбӣ ба ин неъмати волотарин, ки барои ҳар як халқу миллат азизу муътабар аст, як сарчашмаи бебаҳоест, ки тамоми равандҳои дигари ҳаёти давлату миллатҳоро муайян месозад [4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун давлати соҳибихтиёру соҳибистиқлол ва дорои ҳамаи аломату рукнҳои давлатдорӣ - умумияти забону ҳудуд ва фарҳанг, халқи дорои тамаддуни оламшумул, рамзҳои давлатӣ арзи ҳастӣ дорад, ки боиси ифтихори ватандории ҳар яки мову шумо маҳсуб мегардад.

Дар сатҳи байналмилалӣ Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқ нуфузу эътибори хосса дошта, аз ҷониби беш аз 190 давлати ҷаҳон эътироф гардида, бо 180 кишвари ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатиро барқарор намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 узви Созмони Милали Муттаҳид буда, дар 30 давлати хориҷӣ намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дорад ва дар ҳудуди кишвар намояндагиҳои дипломатии 23 кишвари хориҷӣ ва беш аз 20 ниҳодҳои тахассусии СММ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ фаъолият доранд [13].

Аз ин бармеояд, ки Тоҷикистон имрӯз як давлати комилан мустақил аст ва роҳу равиши тараққиёт, самтҳои рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона муайян мекунад.

Аммо, дар шароити ҷаҳонишавӣ мушкилоте зуҳур намудаанд, ки ба соҳибихтиёрии давлат ва истиқлолияти он таҳдид менамоянд. Дар шароити имрӯза, бинобар тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ дар назди давлатдории миллӣ хавфу таҳдидҳои нав ба вуҷуд омадаанд.

Дар ҷаҳони муосир ҷаҳонишавӣ мутобиқи усулҳои иқтисодии неолибералӣ амал менамояд, ки ногузир боиси тафовути афзояндаи байни кишварҳои сарватманд ва камбизоат гашта, тафовути иҷтимоиро дар тамоми ҷаҳон афзоиш медиҳад. Шакли муосири ҷаҳонишавӣ барои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва технологӣ пешрафта муфид буда, онҳо мекӯшанд, ки бартарии худро дар арсаи сиёсӣ низ таъмин намоянд. Бо вуҷуди ин, ҷаҳонишавӣ дар кишварҳои пешрафта низ мушкилоти ҷиддии иҷтимоиро ба вуҷуд меорад [3].

Агар, дар ҳақиқат, баъзе монеаҳо, пеш аз ҳама, ҷуғрофӣ ва замонӣ бинобар умқи равандҳои ҷаҳонишавӣ бартараф шуда бошанд, пас, шиддати табодули фарҳангӣ ва иттилоотӣ, ки бо воситаҳои навтарини иртибот хеле афзоиш ёфтааст, кӯшишҳои худкифо буда ва ҳифзи «фарҳанги ягонаи миллӣ» - нишонаи асосии давлати миллиро бесамар мегардонад [1].

Аммо тамоюлҳо дар самти муқобил низ вуҷуд доранд - монеаҳои навъҳои гуногун барои иваз кардани монеаҳои харобшуда гузошта мешаванд. Ҳамин тавр, дар ҷавоб ба заиф шудани давлати миллӣ дар зери фишори равандҳои ҷаҳонишавӣ миллатгароии

«маҳаллӣ» ба вуҷуд омада, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ «эҳёи қавмӣ» зоҳир мегардад.

Қисми зиёди сиёсати миллӣ аз бозорҳои байналмилалии молиявӣ вобастагӣ дорад. Ба андешаи коршиносон, қудрати иқтисодии давлатҳои алоҳида ва самаранокии сиёсӣ ва иқтисодии ҳукуматҳои онҳо имрӯз бо калавишҳои бозорҳои байналмилалии асъор алоқаманд аст, ки аз ҷумла таҷрибаи «бабрҳо»-и Осиёи Шарқӣ аз он шаҳодат медиҳад.

Вазъияти мутазод ба миён меояд: ҷаҳонишавӣ ҳамзамон талаботро нисбат ба сиёсати давлати миллӣ зиёд карда, имкониятҳои онро коҳиш медиҳад. Давлатҳои миллӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирии ширкатҳои фаромиллии «худ», нигоҳ доштани сармоя ва ҷойҳои корӣ дар кишвар ва ҷалби сармоягузориҳои нав масъулияти иҷтимоиро аз онҳо дур намуда, бад- ин васила ба коҳиши сатҳи воқеии музди меҳнат мусоидат мекунанд, барномаҳои иҷтимоиро коҳиш дода, дар Аврупо “давлати иҷтимоӣ”-ро хароб менамоянд ва нисбат ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ғайри қобили қабул аст [1].

Зиёда аз ин, ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои умумӣ, асосан ғарбӣ такя карда, фазои ягонаи иттилоотӣ бо фарҳанги ягонаро тарғиб менамояд, ки аз қаринаи геофалсафа бармеояд. Ин тамоюл ба давлатҳои миллӣ таъсири манфӣ расонда, ба коҳиши ҳувияти миллӣ ва осебпазирии ҷомеаҳои суннатӣ замина мегардад. Барои ҷомеаҳое, ки таърихан дар пояи арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва ахлоқ ташаккул ёфтаанд, арзишҳои “умумӣ”, таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷомеа тавассути унсурҳои технологию иртиботӣ, заъфи ҳофизаи таърихӣ хатари зиёд дошта, ваҳдат, ҳувият ва ҳамбастагии миллиро аз байн мебарад.

Муҳаққиқи тоҷик З.Саидзода оид ба раванди ҷаҳонишавӣ ва пайомадҳои нохуши он чунин иброз намудааст: “Дар ҷаҳони пуртазод ва пур аз мухолифатҳои имрӯз, ки раванди умумиҷаҳоние ба номи ҷаҳонишавии кишварҳо ва миллатҳо, пеш аз ҳама, ҷавононро бо чолишҳои равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии фаровону физоянда рӯ ба рӯ намудааст, ҳифзу ҳиросат намудани хусусиятҳои миллӣ, ҳувияти таърихӣ ва вижагиҳои ахлоқии халқамон вазифаҳое ҳастанд, ки аз иҷрои онҳо бақову пойдории давлати Тоҷикистон ва истиқлолияту соҳибихтиёрии он вобаста аст” [10,с.303].

Дар шароити муосир истқлолияти сиёсӣ на танҳо ормону дастоварди миллат, балки масъулияти азимест, ки ҳифзи он вазифаи муҳимтарини давлат, ҳукумат ва ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар ин самт забон яке аз аломатҳои муҳимтарини истиқлолияти сиёсӣ, давлатдорӣ ва ташаккули халқ дар баробари муқаддасоти дигари миллӣ маҳсуб меёбад. Ҳар халқ офаранда, рушддиҳанда ва нигаҳбони забони модарии хеш мебошад. Дар баробари ин, дар рушду устувории забон ва ташаккулу самтҳои пешрафти он нақши шахсиятҳои сиёсӣ, чеҳраҳои фарҳангӣ ва пешвоёни ҳаракату роҳбарони давлатҳо беназир буда метавонанд. Масъалаи забон ва густариши он дар барномаи сиёсати фарҳангии Роҳбари давлат мавқеи муҳим дорад. Аз нигоҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, забон на фақат падидаи фарҳангӣ ҳисоб меёбад, балки, пеш аз ҳама, масъалаи муҳимми сиёсию давлатӣ маҳсуб мегардад. Пешвои миллат 22 июли соли 1996 бахшида ба Рӯзи забон чунин таъкид доштанд: “Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд” [2].

Бо ҳифзи забон масъалаи тарбияи насли наврас, ҷузъи таркибии ҳифзи истиқлолияти сиёӣ ба шумор меравад. Ин тарбия мебояд дар заминаи дастовардҳои таърихӣ, бо забони тоҷикӣ, намунаи қаҳрамонҳои миллат ва бо истифода аз усулҳои нави технологӣ ва инноватсионии пешниҳод сурат гирад. “Ҳоло равиши тарбиявии қисми зиёди падару модар ҳамон равиши тарбиявии суннатиест, ки дар гузашта дар фазои он худашон тарбия ёфтаанд. Бо ин равиш намешавад фарзандро барои замони муосир, замони рушди босуръати техника ва технологияи нав тарбия кард. Дар ин маврид, дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки на танҳо тарҳи тарбия, инчунин тарҳи таълимро ба таври куллӣ таҷдиди назар намоем» [10,с.311].

Барои эмин мондан аз таъсири манфии раванди фарогири ҷаҳонишавӣ, ки хоҳу нохоҳ фосилаи замону вақт, сарҳадҳои маънавӣ ва асолати фарҳангии давлатдории миллиро тағйир медиҳад, тафаккури солими миллиро дар зеҳни ҷавонон инкишоф додан,

арзишҳои миллии худро аз таҳдидҳои хатарбори тахрибкориву тундравӣ ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту суботи ҷомеаи кишварро мустаҳкам намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан аз ҷумлаи корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсати давлатдорӣ ва фарҳангии мо мебошанд. Дар ин замина бузургтарин иқдоме, ки бояд анҷом диҳем, ин покиза кардани фазои ҷомеаи то ба ҳадде олуда ба фасоди ахлоқӣ ва пурбор кардани ҷаҳони маънавии аҳли ҷомеа, бавижа наврасону ҷавонон, бо дурдонаҳои ахлоқӣ аст.

Зеро, ҳар қадар тафаккури наврасону ҷавонон аз лиҳози ахлоқӣ неруманд бошад, давлат ва миллат низ ба ҳамон андоза неруманду тавоно мегарданд.

Ба ақидаи профессор А. Маҳмадов, замоне ки истиқлоли фикрӣ набошад, як рӯз пешниҳоди тағйири хатту забон мешавад, як рӯз пешниҳоди тағйири либос ва як рӯз тағйироти дигар. Пайравӣ аз мӯду либосу ғизо хӯрдани хориҷиҳо нишонаи нестии истиқлоли фикрӣ аст [6,с.25].

Ҳарчанд дар ҷаҳони имрӯз ҷанг, факр, оворагӣ, бесаводӣ бедодӣ мекунанд, аммо набояд гуфт, ки бухрони ҷаҳони муосир танҳо инҳо ҳастанд, балки инҳо ҳама зода ва ҳосили бухрони ахлоқӣ мебошанд. Дар дунёи имрӯз арзишҳо ва ормонҳои инсонию иҷтимоӣ коҳиш ёфта, ҷойи онҳоро фардгароии ифротӣ ва масрафгароии ифротӣ гирифтаанд [11,с.12]. Риояи арзишҳои инсонӣ бо дарки маҳдудаҳои “ҳуқуқ” ва “озодӣ”, яъне чаҳорчӯбаҳои ахлоқӣ-иҷтимоӣ бо сарфи назар кардани худхоҳӣ василаи муассиртарини ҳифзи истиқлолият маҳсуб мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шаффоф гаштани сарҳадҳои миллӣ зарурати роҳандозии сиёсати хориҷии мутавозин, воқеъбинона ва қобили пешгӯӣ зарур буда, такя ба як қутб ё қудрати ҷаҳонӣ метавонад омили таъсиррасонӣ ва дахолати кишварҳои муқтадир ба корҳои дохилӣ ва истифодаи ҳудуди он ҳамчун майдони бархӯрди манфиатҳои мухолиф қарор гирад. Ҳарҷу марҷи дунёи имрӯз ба таври сунъӣ созмондиҳӣ мешавад ва ҳадаф аз мухолифатҳои геосиёсии муосир эҷоди як қудрати ҷаҳонии ҳоким аз роҳи таслим кардани миллатҳо, давлатҳо ва фарҳангҳо ба олигархияи ҷаҳонӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ мебошад. Зеро дар шароити ҳарҷу марҷ ба осонӣ мешавад давлатҳову миллатҳову афкори умумии аз таконҳо ва бесуботӣ хасташударо ба андешаи азнавсозии низоми ҷаҳонӣ ва зарурати ташкили давлати ҷаҳонӣ бовар кунонд [11,с.15].

Бо дарназардошти вусъати шиддати рақобати геополитикӣ, тавсеаи фазои таъсиррасонии хатарҳои муосир ва зуҳури масоили умумиҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад [7,с.6]. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва муаррифии давлати тоҷикон дар саҳнаи байналхалқӣ равона гардидааст. Он расман аз 31 декабри соли 2002 номи сиёсати «дарҳои боз»-ро гирифтааст.

Бо дарназардошти вокуниш ба воқеиятҳои муосир ба хотири ҳифзи истиқлолият ва пайгирӣ аз сиёсати мутавозини хориҷӣ, ки заминаи таъмини манфиатҳои миллӣ ба шумор меравад, дар кишвар зарурати қабули Консепсияҳои нави сиёсати хориҷӣ возеҳ гардид.

Маҳз ба ҳамин хотир аз 27 январи соли 2015 Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ қабул гардид, ки принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим менамоянд.

Дар Консепсия яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии чунин дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона муайян шудааст, ки он бо дарназардошти тамоюлҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба таъмини ҳастии маънавӣ ва ҳифзу ҳимояи арзишҳои асили миллии фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик, муаррифии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима ва давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд, тавсеаи ҳамкориҳои самарабахши фарҳангию башардӯстона бо кишварҳои олам бо мақсади таҳкими шинохти мусбати Тоҷикистон ва мардуми он мусоидат намояд [5].

Маҳз бархӯрдории миллати тоҷик аз фарҳангу фалсафаи ҳамбастагӣ ва рафтори иҷтимоии дар тули асрҳо ташаккулёфтаи мушорикат дар ҳаллу фасли масоили мубрами

ҳаёти умумӣ имкон дод, ки дар замони кӯтоҳтарин пас аз поён бахшидан ба ҷанги дохилӣ бинои муҳташами давлатдории навинро поягузорию устувор намоем ва дар тамоми ҳавзаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоию иқтисодию фарҳангӣ ба пешрафтҳои беназир даст ёбем [11,с.26].

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ яке аз вазифаҳои асосии кишварҳои миллӣ – ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои фарҳангии ниёгони худро дар саҳнаи ҷаҳонӣ ҳамчун шиносномаи миллат муаррифӣ карда, онҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни башарият ба Феҳристи моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид менамояд. Танҳо дар соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид [8].

Дар сиёсати дохилӣ барои таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ошносозии насли наврас бо сармояҳои миллӣ дар мисоли бузургон, ифтихори миллӣ, донишмандон, ҳунармандон ва ашхосе, ки барои пешрафти кишвар дар тамоми ҳавзаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ хизматҳои шоён кардаанд, аҳаммияти зиёд дорад.

Эҷод, парвариш ва густариши ҳофизаи таърихии ҷомеа, бахусус дар мисоли касоне, ки дар марҳалаҳои таҳаввулоти бузурги таърихӣ роҳкушои пешрафтҳои миллӣ будаанд, омили бисёр муҳиме дар ҳифзи ваҳдати миллӣ, худбоварии ҷамъиятӣ ва заминасозӣ барои дастовардҳои ояндаи кишвар аст [11,с.31].

Истиқлоли сиёсӣ, дар маҷмуъ, барои дилхоҳ миллат ҳадафи бузурги таърихиест, ки барои таъмини пирӯзии он миллат бояд истиқлоли фарҳангӣ дошта бошад. Истиқлол ҳамеша эҳтиёҷ ба суботу амният дорад, ки он шарти аввали таъмини бақои умри миллат аст [6,с.33].

Ҳифзи истиқлолияти миллӣ ин ҳифзи асолат, ҳувият, забон, расму оин, садоқату вафодорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва риояи одобу ахлоқи миллӣ аст. Бинобар ин, имрӯз барои мо, тоҷикистониён, зарур аст, ки ин арзишҳои фарҳангиву маънавии халқамон – амонату мероси гаронбаҳои аҷдодиро – ба беҳтарин шакл ҳифз ва дар борварии он талош намуда, онро ба ояндагон супорем [9,с.10].

Яке аз чунин мушкилиҳо ва монеаҳои хатарафзо сатҳи пасти фарҳанги сиёсии оммаи мардум ва бархе аз сиёсатмадорони кишвар маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯза шуури сиёсии қисми зиёди аҳолии кишвар дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Онҳо, ба масъалаҳои сиёсӣ қариб ки сарфаҳм намераванд. Ҳатто дар ҳаёти сиёсии давлат ва берун аз он чи ҳодиса рух дода истодааст, қариб ки тасаввуроте надоранд. Ҳол он ки дар кишварҳои дигар, аз ҷумла Аврупо, шаҳрвандони он имрӯз аз ҷониби давлату хукумат чи қонун ва қароре қабул намудаанд, огоҳ мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ оид ба ҳамон қонуну қарор мавқеи хешро иброз медоранд. Ҷомеаҳое, ки сатҳи пасти дониши сиёсӣ доранд, онҳо наметавонанд дар раванди давлатдорӣ ба дастовардҳои бузург ноил гарданд. Ҷомеаҳои мазкур ҳама вақт дар зери таъсири давлатҳо аз онҳо бузург қарор хоҳанд гирифт ва манфиатҳои миллию давлатии онҳо поймол хоҳад гашт [12].

Дар шароити тағйиротҳои бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ бо ивазшавии усулҳои рақобати абарқудратон ва минтақаҳои геополитикӣ; зуҳури ғояҳои нави ифротӣ ва иртиҷоӣ, аз қабили ифротгароии динӣ, миллатгароии нав (неофашизм) ва осебпазирии давлатҳои миллӣ, терроризми дорои инфрасохтори давлатӣ ва худкифо (аз раванди ҷаҳонишавӣ бештар созмонҳои ғайридавлатӣ ва террористӣ истифода бурда, мутобиқ шудаанд); таъсири манфии хатарҳои иттилоотӣ (шустушӯйи мағзҳо, ҷалби ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ ва паҳн намудани ғояҳои ифротии динӣ) таъмини амияти иттилоотӣ яке аз роҳҳои муассири таҳкими истиқлолияти давлатӣ ба шумор меравад.

Тавсеаи хатари иттилоотӣ боиси сафарбар намудани тамоми захираҳои маънавию моддӣ баҳри пешгирии хатарҳои марбут ба он мегарданд. Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ раванди суқути режимҳои давлатии Шимоли Африқо ва Шарқи Наздик амалӣ гардид. Зиёда аз он, ҷалби размандагон ба «ДИИШ», мағзшӯии ҷавонон ва густариши ақидаҳои ифротӣ низ маҳз тавассути шабакаҳои иттилоотии муосир сурат гирифтанд.

Вале бояд таъкид намуд, ки новобаста аз таъсиси шабакаҳои нави телевизионию радиошунавонӣ ва зиёд шудани шумораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ҳоло ҳам пурра нагаштааст. Зиёда аз ин, сатҳи тасвияти сомонаҳои мақомоти давлатӣ ва пешниҳоди маводи зарурӣ қаноатмандкунада нест. Дар шароити вусъати мавҷи ахбори иттилоотӣ зарурати пурра намудани фазои иттилоотӣ на танҳо дар бахши телевизион, радио ва маҷаллаю ҳафтаномаҳо, балки тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетиро бо маводи мушаххас бо забони тоҷикӣ ва ифодакунандаи арзишҳои таърихиву тамаддунии миллати тоҷик пурра намуд.

Яке аз унсурҳои бақои истиқлол ин таъмини амният ва субот, болоравии сатҳи зиндагии мардум ва эътимод ба шахсиятҳои роҳбарикунанда, сохторҳои ҳукуматӣ ва дар маҷмуъ ба давлат маҳсуб мегардад. Дар ин бахш фасод ва ришваситонӣ яке монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушди кишварҳо ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба шумор меравад. Зеро манфиати шахсӣ ва ришваситонӣ метавонад ба амнияти миллӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ халал ворид намуда, бовариро ба сохторҳои қудратӣ, хизматчии давлатӣ ва зиёиёну омӯзгорон коҳиш дода, бунёди ҷомеаи демократиро заиф созад, ки заминаи поён рафтани ҳуқуқҳои фитрии инсон мегардад.

Барои бартараф намудани мушкилиҳои зикршуда, кишварҳои тозаистиқлолро лозим аст, ки иқдомоти зерро анҷом диҳанд:

1.Раванди ваҳдат ва ба ҳам омадани миллатро тақвият дода, тамоми фаъолиятҳо дар асоси Сарқонуни кишвар мутамарказ шаванд ва чунин андеша тақвият гардад, ки итоат аз роҳбарӣ ва фармондеҳии низоми сиёсӣ танзимкунандаи ваҳдат бошанд.

2.Пайванди миллату давлат чунон тақвият дода шавад, ки ҳарду ба як мафҳум ҷилвагар шаванд, то аз суиистифодаҳои эҳтимолӣ пешгирӣ карда шавад [6,с.24].

3. Мебояд сатҳи маданияти истифодабарии технологияҳои иттилоотиро дар байни омма баланд бардошт. Зеро қисми зиёди оммаи мардум ба тамошои барномаҳои фароғатӣ бештар майл доранд. Барномаҳои таҳлилию сиёсиро мадди назар намегиранд. Ҳол он ки асри XXI-ро асри иттилоот меноманд. Онҳое, ки дар хизмати худ технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии муосирро қарор додаанд, дар ҳама ҷанбаҳо пешсаф ва комёбанд.

4. Пайгирӣ аз сиёсати хориҷии дарҳои кушода ва риояи принсипи бисёрсамтӣ. Инъикоси арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии миллат дар сиёсати хориҷӣ.

5. Муборизаи шадиди ҳамагонӣ бо фасод ва ришваситонӣ дар тамоми сатҳҳо бо ҳамоҳангии амали тамоми ниҳоду сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ.

6. Баланд бардоштани зиракии сиёсии ҳар як шаҳрванд, дарки масъулият нисбат ба ҳифзи истиқлолият ҷиҳати идомаи муаррифии ҳастии миллат ва муқовимат бо хатарҳое, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ бармеоянд.

Дар маҷмуъ, зарур аст, ки барои ҳифзи истиқлолият маҷмуи чораҳои комплексӣ андешида шуда, бо эҳсоси масъулият аз ҷониби тамоми мардуми кишвар дар баробари хатарҳои ҷаҳонишавӣ барои ояндаи миллат мебояд истодагарӣ кард.

**Муқарриз: д.и.ф., профессори ДБССТ – Ҷононов С.**

## АДАБИЁТ


1. Абилзода Г. Истиқлоли давлатӣ - эҳёи арзишҳои миллӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://apa.tj/истиқлоли-давлатӣ-эҳёи-арзишҳои-милл/
2. Ачкасов В. Глобализация и проблемы национального государства: Сравнительный анализ. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/globalizatsiya-i-problemy-natsionalnogo-gosudarstva-sravnitelnyy-analiz
3. Волох О., Васильева Н. Глобализация: угроза и вызов для национальной безопасности России. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/globalizatsiya-ugroza-i-vyzov-dlya-natsionalnoy-bezopasnosti-rossii
4. Дастовардҳои сӣ соли сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон. Андешаҳои дотсенти ДМТ Шарипов А.Н. дар остонаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2021/09/dastovard-oi-s-soli-siyosati-hori-va-diplomatiyai-to-ikiston-andesha-oi-dotsenti-dmt-dar-ostonai-ashni-isti-loliyat-davlat/
5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/ main/view/ 988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston
6. Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н. Маҳмадов. - Душанбе: Ирфон, 2016. -264 с.
7. Моддаи 11.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. -С.6.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/32191
9. Сайидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ / Сайидзода З. - Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2014. -260 с.
10. Сайидзода З. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. -Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. -608 с.
11. Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: Монография / Сайидзода З. -Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. -216 с.
12. Умаров А. Истиқлолият ва раванди ҷаҳонишавӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tnu.tj/index.php/tj/isti-lolijat-va-ravandi-a-onishav/
13. Шарипов А.Н. Аҳаммияти истиқлоли сиёсӣ барои тоҷикон дар шароити ҷаҳонишавӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.facebook. com/search/top/?q=%

## ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола масъалаи таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ баррасӣ шудааст. Маълум аст, ки касби истиқлолият ормони миллат буда, ҳифзи он дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат ва миллат мебошад. Муаллиф аҳаммияти истиқлоли сиёсиро дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳлил намуда, ба таҳдидҳои муосир ишора намудааст. Дар мақола роҳҳои таҳкими истиқлолият инъикос гардидаанд. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки комплекси бадастомада, ҳамоҳангии амали мақомотҳои давлатӣ, сохторҳои қудратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд. Инчунин, дар мақола зарурати ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ таъкид гардидааст.

**Калидвожаҳо:** истиқлолият, Тоҷикистон, ҷаҳонишавӣ, маданияти сиёсӣ, истиқлоли фикрӣ, ахлоқ, фасод ва ришваситонӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи фарҳангӣ, хатарҳои иттилоотӣ, амният, субот.

## УКРЕПЛЕНИЕ ОСНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Статья посвящена вопросу укрепления основ национальной независимости в условиях глобализации. Достижение независимости –это национальная мечта, и ее защита в условиях глобализации является одним из главных вызовов для государств и народов. Автор размышляет о важности политической независимости в условиях глобализации и пытается указать на современные угрозы, влияющие на сохранение независимости. Рассматривается роль методов укрепления независимости. При этом он указывает на необходимость достижения инклюзивности и координации действий государственных органов, властных структур и гражданского общества. В статье также подчеркивается необходимость защиты и укрепления независимости государства.

**Ключевые слова:** независимость, Таджикистан, глобализация, политическая культура, интеллектуальная независимость, мораль, коррупция и взяточничество, внешняя политика, культурная дипломатия, информационные риски, безопасность, стабильность.

## STRENGTHENING THE FOUNDATIONS OF STATE INDEPENDENCE IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

The article is devoted to the issue of strengthening the foundations of national independence in the context of globalization. Achieving independence is a national dream, and its protection in the context of globalization is one of the main challenges for states and peoples. The author reflects on the importance of political independence in the context of globalization and tries to point out modern threats affecting the preservation of independence. The role of methods for strengthening independence is considered. At the same time, he points out the need to achieve inclusivity and coordination of actions by government bodies, government structures, and civil society. The article also emphasizes the need to protect and strengthen the independence of the state.

**Keywords:** independence, Tajikistan, globalization, political culture, intellectual independence, morality, corruption and bribery, foreign policy, cultural diplomacy, information risks, security, stability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға**: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи А.Деҳотӣ, 1/2. Телефон: **(+992) 988-28-80-00.** E-mail: **abdullozoda.n@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Нурмухаммади Алиавсат*** - Таджикский государственный университет коммерции, докторант Ph.D. **Адрес**: 734055, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица А. Дехоти, 1/2. Телефон: **(+992) 988-28-80-00.** E-mail: **abdullozoda.n@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat*** - Tajik State University of Commerce, Ph.D. doctoral student. **Address**: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, A. Dehoti street, 1/2. Phone: **(+992) 988-28-80-00.** E-mail: **abdullozoda.n@mail.ru**

ТДУ: 323/324(575.3)

# ТОҶИКИСТОН ДАР МЕҲВАРИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР ЗАМОНИ ДИГАРГУНИҲОИ ҶАҲОН

*Мирзоев Н.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити тағйирпазирии нави геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равобит бо давлатҳои ҳамсоя ва кишварҳои минтақа яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Ин муносибатҳо бо амалӣ гардондани сиёсати дӯстӣ, хамсоягии нек, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар ва ба вуҷуд овардани камари боварӣ ва бехатарӣ дар атрофи сарҳади мамлакат нигаронида шудааст. Чунин сиёсат ҳалли мусолиматомези ҳама масъалаҳои баҳсбарангезро таъмин менамояд, аз ҷумла, масъалаҳои обу энергетика ва сарҳад бо роҳи муколама ва гуфтушунид бар асоси эътимоди ҷонибҳои манфиатдор ва эътирофи принсипи баробарӣ ва ҷудонопазирии амнияти минтақа ҳаллу фасл мешаванд.

Шароити кунунии тағйирпазирии ҷаҳон, таҳкими равандҳои ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалии ҷаҳони муосир иштироки фаъолонаи кишварро дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ тақозо мекунад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ният дорад, ки дар таҳкими амнияту субот, густариши ҳамкорӣ ва муколамаи созанда саҳм гузорад, аз имконоти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ то ҳадди имкон барои таъмини рушди устувори кишвар истифода намояд.

Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушди сиёсии худ дар даврони истиқлолият ба як субъекти муҳимми низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон дар марҳилаи ҷустуҷӯи модели оптималии муносибатҳо бо дигар иштирокчиёни раванди байналмилалӣ қарор дошта, дар ҷаҳони имрӯза заминаи муассир гузоштааст ва модели консептуалии рушди бомуваффақияти иқтисодии худро ба даст овардааст. Аз ин рӯ, Тоҷикистон барои худ ягона роҳи ҳақиқии рушд - ҳамгироиро интихоб кардааст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва афзалиятҳои мушаххаси худро дорад, ки ба манфиатҳои миллӣ асос ёфта, дар Консепсияи сиёсати хориҷии [8] кишвар, суханрониҳои барномавии Сарвари давлат, аз ҷумла, дар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар [19] зикр гардидаанд.

Бояд гуфт, ки мустаҳкам гардидани мавқеъгирии ташкилотҳои минтақавӣ ва нақши онҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ба андозаи бештар пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ба амал омад. Аммо ташаккули назариявии ин равия ба сифати яке аз навъҳои минтақавӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ дар ибтидои асри гузашта сурат гирифта буд. Ҳангоми таҳлили нақш ва ҷойгоҳи созмонҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама, фаҳмидан лозим аст, ки минтақаҳо чӣ гуна ташкил ва бозсозӣ мешаванд, барои чӣ ва чӣ гуна субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар шароити минтақавии расмӣ ва ғайрирасмӣ муттаҳид мешаванд.

Муаллифони гуногун ба аҳаммияти омилҳои беруна дар бунёди акторҳои минтақавӣ ишора мекунанд. Аз рӯйи вазифа ва мақсадҳои функсионалии ташкилотҳои минтақавӣ, ки Тоҷикистон дар онҳо намояндагӣ дорад, мумкин аст ба чанд бахш ҷудо карда шавад.

Омӯзиши назариявии муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистонро шартан ба ду марҳила ҷудо кардан мумкин аст. Аз давраи аввали истиқлолият то моҳи сентябри соли 2002 ва аз соли 2002 бо қабули аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар (моҳи сентябри соли 2002 қабул шуда буд) то имрӯз. «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати сиёсӣ буда, принсипҳои асосӣ, мақсаду вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои дарозмуддати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим менамояд» [8].

Бояд гуфт, ки сиёсати дарҳои боз мувофиқтарин модели сиёсати хориҷӣ барои Тоҷикистон аст, бо дарназардошти ҷойгиршавии он дар яке аз душвортарин минтақаҳои ҷаҳон. Ин сиёсат ифодакунандаи омодагии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо тамоми давлатҳо дар заминаи баробарҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои судманд мебошад.

Бояд гуфт, ки дар даҳсолаи аввал (1991-2000) диққати сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва зиёиён танҳо ба хотири расидан ба сулҳу субот ва таҳкими Ваҳдати миллӣ равона шуда буд. Он вақт ба омӯзиши масъалаҳои дипломатӣ чандон эътибор дода намешуд, зеро масъалаҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ бештар буданд. Ҳамчунин, доираи равобити дипломатии Тоҷикистон асосан бо давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва дигар давлатҳои ҳамсоя маҳдуд буд. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар мақолаи мазкур зикршуда асарҳои олимон ва муҳаққиқони ватаниро мавриди омӯзиш қарор додем.

Академик Т. Назаров [17] дар омӯзиши сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳои иқтисодӣ, амният ва ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон саҳми бебаҳо гузоштааст. Китобҳои чопкардаи ӯ дар Душанбе ва Минск ба ҷомеаи Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ дидгоҳи кишвари моро дар бораи рӯзномаи кунунии ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пешкаш мекунанд. Профессорон Ҷӯра Латифов (собиқ корманди Вазорати корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон) [9] ва Ниёз Мирзоев [15] дар соли 1998 дар мавзуъҳои мубрами сиёсати хориҷии Тоҷикистон рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд. Инчунин, дар китоби Абдуғанӣ Мамадазимов [11], муносибатҳои дипломатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро баррасӣ шудаанд.

Сипас масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалии ҳамкориҳои Тоҷикистон мазмуни дигар касб карда, раванди такмили пояҳои консептуалии ин сиёсат оғоз гардид.

Дар ин бобат, бояд гуфт, ки дар китоби профессор Г.Н. Зокиров ва дотсент М. Абдулҳақов «Манфиатҳои миллӣ - омили меҳварии рушди давлатдорӣ» [5], профессорон А.Н. Маҳмадов ва И. Асадуллоев «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон» (дастури методӣ) [12], ходими давлатӣ С.С. Ятимов «Идеология ва манфиатҳои миллӣ» [40] ва муҳаққиқ Ш.Ш. Ризоён «Манфиатҳои миллӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [23], ки масъалаҳои дарки манфиатҳои миллӣ, робитаи онҳо бо сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, ташаккули стратегияи Тоҷикистонро дар робита бо субъектҳои глобалӣ ва минтақавӣ, ки манфиатҳои доимӣ дар Осиёи Марказӣ доранд, таҳқиқ шудаанд.

Ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сиёсати дарҳои боз инчунин сиёсати минбаъдаи бисёрҷонибаи Тоҷикистон, таҳқиқоти А. Сатторзода [27], С.И. Шарипов [38], Ҳ. Зарифӣ [4] ва З.Ш. Сайидзода [24] бахшида шудаанд. Инчунин, робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои калидии ҷаҳон дар кори Р.К. Алимов [1], Х.Д. Самиев [26], Ф.Б. Умаров [33] ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ва амнияти минтақавӣ корҳои пажуҳшии як қатор коршиносон А. Искандаров [6], Г.М. Майтдинова [10], Х. Холиқназар [36], Ш.М. Султанов [29], А. Раҳнамо [22], Ф.Н. Салимов [25], Х.Г. Комилова [7] бахшида шудаанд.

Ба ҷанбаҳои мушкилоти тавсеаи сиёсати хориҷӣ дар заминаи сиёсати давлатӣ ва таҳлили ҳамкорӣ асарҳои А.Н. Маҳмадов [13], Э.Р. Раҳматуллоев [20], Н.М. Мирзоев [16], Х. Холиқназар [35], Г. Мирзоев [14], инчунин муҳаққиқ А. Шарипов [37,с.1503-1510] ва дигарон бахшида шудаанд.

Омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи вижагиҳои рушди ҷанбаҳои интихоби афзалиятҳои ҳамгироии минтақавии Тоҷикистон дар фазои пасошуравӣ муҳим дониста мешавад. Гузашта аз ин, Ҳукумати Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ) ва Созмони Паймони Амнияти Дастҷамъӣ (минбаъд СПАД) тақвият мебахшад. Тоҷикистон аз лаҳзаи шомил шуданаш ба ИДМ то имрӯз ҷонибдори чандин созишномаҳои бисёрҷониба, фазои ягонаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ, наздикшавӣ ва рушди интегратсия бо давлатҳои узви ИДМ ва СПАД мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ҷонибдори рушди ИДМ бо дарназардошти воқеияти зудтағйирёбанда ва такя ба таҷрибаи ҷаҳонии дигар сохторҳои ҳамгироӣ, ки дар муттаҳидшавии давлатҳо ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин бобат, Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли Иттиҳод як қатор масъалаҳоро ба муҳокима гузоштааст, аз ҷумла, таклифҳо оид ба такмили сохтори органҳои координатсионии ИДМ ва баланд бардоштани мақоми намояндагони доимии давлатҳои аъзо. Аксари кишварҳои аъзои ИДМ навовариҳои пешниҳодшударо мусбат арзёбӣ карданд. Яке аз пешниҳодҳои Тоҷикистон оптимизатсияи кори ҳам сохторҳои ИДМ ва ҳам ҳукуматҳои кишварҳои узв буд. Тоҷикистон боз як қатор

пешниҳодҳо ба миён гузошт, ки такмили структураи органҳои координатсионии ИДМ аз он ҷумла аст [21,с.30].

Инчунин бояд гуфт, ки Тоҷикистон ягона давлат дар ИДМ аст, ки наваду нуҳ дарсади тамоми қарордод ва шартномаҳоеро, ки сарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳод ба имзо мерасонанд, иҷро мекунад [2,с.236]. Тоҷикистон бовар дорад, ки фаъолиятҳои муштараки бахши иқтисодӣ самараноктар хоҳад буд, агар ҳудуди тамоми кишварҳои собиқ ИҶШС тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ба як фазои ягонаи савдои озод мубаддал хоҳад шуд. Аммо сарфи назар аз дарки аҳаммияти ин масъала аз ҷониби кишварҳои узви ИДМ таъсиси минтақаи тиҷорати озод ба маротиб мушкилтар аст ва воқеан аз замони таъсиси ИДМ то имрӯз кашол ёфтааст. Консепсияи марказии ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон мавқеи татбиқи марҳила ба марҳилаи Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2020 буд. Ин стратегия ба Тоҷикистон имкон дод, ки ба барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика ва нақлиётӣ тамаркуз кунад. Чунин муносибат аз он иборат аст, ки дарояндаи наздик тамоюли асосии инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон захираҳои гидроэнергетикии он хоҳад шуд. Ин ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки татбиқи лоиҳаҳои глобалии содироти неруи барқро ба нақша гирад [32].

Нобаробарии ҷудокунии захираҳои энергетикӣ ва азхудкунии онҳо ангезаи тавонои мураттаб сохтани шароите мебошад, ки мавқеъ ва нақши ҷумҳуриро дар бозори энергетикии минтақа муайян мекунад. Дар ин замина метавон гуфт, ки энергетика як вектори муҳимми стратегӣ барои ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Масъалаҳои асосии соҳаи энергетикаи Тоҷикистон метавонанд татбиқи кӯшишҳо оид ба таъсиси «Фазои ягонаи энергетикӣ» (ЕЭП) бошад, ки имкон медиҳад ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи энергетика, технологияи сарфаи энергия, аз нав сохтани кори симметрии иншоотҳои энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин системаи ягонаи устувори транзитии энергияи электрикӣ бошанд. Дар формати ИДМ то ҳанӯз фазои ягонаи иқтисодӣ дар асоси муносибатҳои байнибозорӣ ва бидуни монеа таъсис дода нашудааст. Гузашта аз ин, ИДМ барои татбиқи лоиҳаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ иқтидори кофӣ дорад, ки метавонад рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакати алоҳида ва умуман узви иттиҳодро фароҳам орад. Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти амният ва мувозинати дохилии сиёсӣ ҳамеша роҳи ҳамкориро дар самти густариши ҳамгироӣ дар ИДМ ва СПАД нигоҳ медорад.

Вазъияти кунунии байналмилалӣ аз мамлакатҳои Иттиҳод талаб мекунад, ки ба таҳдидҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ оқилона ва сари вақт вокуниш нишон дода, таввасути мустаҳкам намудани системаи амнияти дастаҷамъӣ дараҷаи ҳамкориҳоро чандин баробар баланд бардоранд. Дар баробари ин, ҳамкориҳои низомию сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя аз ҷиҳати стратегӣ дар муқоиса бо ҳамбастагӣ бо дигар давлатҳо муҳим аст. Дар робита ба ин, Тоҷикистон ҷонибдори рушди минбаъда ва тағйироти сифатӣ дар соҳаи ҳамкориҳои низомию сиёсӣ дар формати СПАД мебошад. Тоҷикистон ҳамчун пуштибони идеологии системаи ягонаи амният ҳамеша тарафдори он аст, ки масъалаҳои қабул, тамдид ва тағйири ҳатмии СПАД мутобиқи вазифаҳои тағйирпазирии ҷаҳон бошад.

Узвияти Тоҷикистон дар СПАД ба таъмини ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат мекунад.

Тоҷикистон бо назардошти ҳамкориҳо дар самти таъмини амният ба ҳамкориҳо бо СПАД таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Тоҷикистон СПАД-ро кафили амният, мувозинати қудрат ва мувозинат дар қаламрави кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ медонад. Тоҷикистон ба тавсеаи ҳамкориҳо бо СПАД диққати махсус медиҳад. Вобаста ба ин, дар доираи барномаи чорабиниҳои муштарак оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризми байналмилалӣ, савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ як қатор доктринаҳо дар самтҳои гуногун қабул карда шудаанд. Фаъолияти муштараки кишварҳои ҳамсоя дар формати СПАД имкон дод, ки як қатор мушкилот дар бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ ҳаллу фасл карда шуда, доираи ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳо густариш ёбад. Инчунин, системаи ягонаи мудофиаи зиддиҳавоӣ таъсис

дода шуда, босуръат рушд мекунад, системаи ягонаи алоқа ва системаҳои ягонаи таъмини қувваҳои мусаллаҳ ташаккул ёфта, мунтазам машқҳои муштарак гузаронида мешаванд.

Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарик дар формати СПАД ба муқовимати муштарак ба таҳдидҳои беруна ва таъмини амният таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ бояд дар масоили мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятҳои созмонёфта ҳамчун як блок амал кунанд, махсусан дар шароити тағйирпазирии ҷомеа ва буҳрони Афғонистону Украина. Тоҷикистон ба тавсеаи салоҳияти ин иттиҳодия, яъне фароҳам овардани имкони танзими раванди муборизаи муштарак бо терроризм дар саросари иттиҳод нақш дорад. Тоҷикистон таҷрибаи таъсирбахши ҳамкорӣ дар ин самт на танҳо бо кишварҳои алоҳида, балки бо сохторҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз қабили САҲА, СММ, СААШ ва СПАД дорад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши Тоҷикистонро дар муқовимат бо гардиши маводи мухаддир дар минтақа ва қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба Осиёи Марказӣ, Русия ва сипас ба Аврупо муассир медонад. Тибқи маълумоти Агентии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири СММ, Тоҷикистон ҳамчун намуна дар байни сохторҳои эътирофшуда дар саросари ҷаҳон мебошад [28].

Қобили зикр аст, ки дар чаҳорчӯбаи СПАД солҳои охир ба мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва савдои одамон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Аз соли 2007, аз таъсиси Шурои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти салоҳиятдор оид ба мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ амалиёти зиёди муштараки махсус ва намудҳои гуногуни тадбирҳои оперативию профилактикӣ гузаронида мешавад. Аз 30 марти соли 2021 бошад, дар Котиботи СПАД ҷаласаи сарони ситодҳои миллии кишварҳои узви СПАД доир ба гузаронидани амалиёти доимӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ амалиёти «ПРОКСИ» баргузор гардид, ки ҳадаф аз он ошкор ва рафъи ҷиноятҳои фаромарзӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва табодули мунтазами иттилоот байни кишварҳо мебошад [39].

Тоҷикистон иҷрои созандаи эъломияҳои қаблан қабулшударо яке аз усулҳои аслии рушди раванди муттаҳидшавӣ медонад. Ба ин муносибат, кайд кардан бамаврид аст, ки ҳатто дар маҷлиси Шурои байнидавлатии ЕврАзЭС, ки 9 ва 10 октябри соли 2008 дар Бишкек баргузор шуд, махсусан қайд карда шуд, ки дар давраи раёсати Тоҷикистон корҳои назаррасе анҷом дода шуда ва инчунин муҳимтарин самти муносибатҳои кишварҳои узви ИДМ дар соли 2009 ҳамкорӣ лар соҳаи энергетика эълон карда шуд [3,с.136]. Инчунин, дар ҷаласаи Иттиҳоди Авруосиё, ки 20 декабри соли 2012 баргузор шуд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд: «Тоҷикистон на танҳо мехоҳад ба Иттиҳоди гумрукӣ шомил шавад, балки аллакай пешниҳод мекунад, ки масъалаи таъсиси гурӯҳи корӣ ба ҳайати Иттиҳоди гумрукӣ ворид карда шавад ва ба ин кор шуруъ намояд. Дар ҳамин ҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон исрор дорад, ки манофеаш дар масоили муҳоҷирати корӣ ба эътибор гирифта шавад» [30].

Ҷалби Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии Авруосиё метавонад ба иҷрои се вазифаи муҳимми стратегӣ дар рушди ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонад, аз ҷумла, ҳалли проблемаҳои нақлиёту коммуникатсия, кафолати истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ. Муҳимтарин самт, ки саъю кӯшиши асосии Тоҷикистон дар доираи ҳамгироии Авруосиё бояд ба он равона карда шавад, ин ташаккули системаи ягонаи нақлиётӣ мебошад. Барои Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушди худ интихоби дурусти узвият дар Иттиҳоди Авруосиё ё ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ин иттиҳод ҳамчун шарик муҳим аст. Фаромӯш набояд кард, ки мамлакатҳои ширкаткунандаи интегратсияи авруосиёӣ на танҳо дар муомилоти савдои беруна, балки умуман дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳам нақши муассир доранд.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ – Назарзода П.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимов Р.К. Таджикистан – Китай на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? Монография / Р.К. Алимов. -М.: Институт Дальнего Востока РАН, 2012. -248 с.
2. Ѓаффори В. Эмомали Рањмон дар оинаи замон. Нашрияи илмї-сиёсї / Ѓаффорї В., Сайидзода З. -Душанбе: Эр-граф, 2012. -372 с.

3. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник 2008 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы / под общ. ред. Х. Зарифи. -Душанбе: Ирфон, 2010. -270 с.
4. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. Том 1 / под общ. ред. Х. Зарифи. -Душанбе: Ирфон, 2009. -296 с.; Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. Том 2 / Под общ. ред. Х. Зарифи. -Душанбе: Ирфон, 2011. -296 с.; Многовекторная дипломатия Таджикистана (статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч) / под общ. ред. Х. Зарифи. -Душанбе: Офсет, 2009. -352 с.; Зарифи Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х. Зарифи. -Душанбе: Ирфон, 2011. -456 с.
5. Зокиров Г.Н. Манфиатҳои миллӣ – омили меҳварии рушди давлатдорӣ / Г.Н. Зокиров, М.М. Абдулҳаков. –Душанбе, 2008. -172 с.
6. Искандаров А. Государства Центральной Азии в интеграционных процессах / А. Искандаров. -Душанбе: Эр-граф, 2007. -452 с. Искандаров А. Интеграция в Центральной Азии: политические аспекты / А. Искандаров. -Душанбе: Ирфон, 2007. -376 с.
7. Комилова Х.Г. Республика Таджикистан в системе международных отношений и геополитических координат в условиях нового мирового порядка (региональный формат). Дисс. докт. ист. наук / Х.Г. Комилова. -Душанбе: 2020. -353 с.; Комилова Х.Г. Теоритические подходы к определению внешнеполитических интересов в международных отношениях Центральной Азии / Х.Г. Комилова // Вестник Томского государственного университета. Серия исторических наук. – 2016. -№410. -С.77-83.
8. Концепция внешней политики Республики Таджикистан (Утверждена указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, №332).
9. Латифов. Дж.Л. Таджикско - афганские отношения в 1987-1995гг. (характер и содержание): дис. докт. ист. наук / Л.Дж. Латифов. –М., 1996.
10. Майтдинова Г.М. Диалог цивилизаций в центрально-азиатском ареале Великого шелкового пути: исторический опыт интеграции и ориентиры XXI века / Г.М. Майтдинова. -Душанбе: Нигохи нав, 2015. -288 с.; Майтдинова Г.М. Суверенитету Таджикистана 25 лет: история и перспективы развития / Г.М. Майтдинова // Таджикистан и современный мир. -2016. -№3(53). -С.65-79.
11. Мамадазимов А. Новый Таджикистан. Вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. -Душанбе: Шарки озод, 1996. -172 с.
12. Махмадов А.Н. Национальный интерес Таджикистана (методологическое руководство) / А.Н. Махмадов., И.К. Асадуллаев. -Душанбе: Авесто, 2009. -92 с.
13. Махмадов А.Н. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ) / А.Н. Махмадов, Л.Л. Хопёрская. -Душанбе: Дониш, 2016. -363 с.
14. Мирзоев Г. Истиқлолият ва мушкилаҳои ташаккул ва рушди субъектҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон / Г. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2017. -№3/1. -С.8-13.; Мирзоев Г. Экономический фактор в становлении Республики Таджикистан как полноценной участницы международных отношений / Г. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№9. -С.49-57.
15. Мирзоев Н.М. Становление и развитие взаимоотношений Таджикистана с сопредельными странами зарубежного Востока (1945-1997 гг.): дис. докт. ист. наук / Н.М. Мирзоев. -Душанбе, 1998. -306 с.
16. Мирзоев Н.М. Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М. Мирзоев. –Душанбе, 2002. -56 с.; Мирзоев Н.М. Таджикистан - Шанхайская организация сотрудничества. Векторы сотрудничества / Н.М. Мирзоев. –Душанбе: 2014. -192 с.
17. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. -Душанбе: 2001. -248 с.; Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. -Минск: Белполиграф, 2003. -264 с.
18. Ниятбеков В.А. Национальные интересы Республики Таджикистан и новые геополитические ориентации Китая в Центральной Азии / В.А. Ниятбеков // Таджикистан и современный мир. – 2003. -№1(2). -С.84-87.
19. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 декабря 2018 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/19089 (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2017 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/16772; (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2016 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/13747; (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23 января 2015 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/8137; (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23 апреля 2014 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/6599; (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 апреля 2013 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/4324; (дата обращения: 10.01.2022).; Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20 апреля 2012 года // Народная газета: - 2012. –25 апреля. -№17(19830).; Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20 апреля 2011 года. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/864; (дата обращения: 10.01.2022).;

Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 24 апреля 2010 года // Народная газета: –2010. –28 апреля. -№17(19726).
20. Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия: панацея или мираж? / Э. Раҳматуллоев. -М.: КДУ, 2007. -408 с.
21. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый / Э. Раҳмонов. -Душанбе, 2004. -358 с.
22. Рахнамо А. Афганистан и Центральная Азия: особенности и перспективы взаимовлияния / А. Рахнамо. -Душанбе: Ирфон, 2015. -380 с.
23. Ризоён Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан / Ш.Ш. Ризоён. -Душанбе: Дониш, 2020. -320 с.
24. Саидов З.Ш. Внешняя политика Президента Рахмонова. / З.Ш. Саидов. -Душанбе: Сарпараст, 2001. -396 с.; Саидов З.Ш. Политика открытых дверей. -Душанбе, 2003. -224 с. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. -Душанбе: Авесто, 2004. -592 с.; Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. -Душанбе: Контраст, 2011. -624 с.; Саидов З.Ш. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Монографическое исследование / З.Ш. Саидов. -Душанбе: Контраст, 2013. -632 с.; Саидов З.Ш. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». Монография / З.Ш. Саидов. -Душанбе, 2015. -346 с.; Сайидзода З. Международная деятельность Лидера нации Эмомали Рахмона: возвращение таджикской национальной государственности на арену международной политики. Монография / З. Сайидзода. -Душанбе: Контраст, 2016. -216 с.
25. Салимов Ф.Н. Таджикистан в региональной политике / Ф.Н. Салимов // Международные процессы. -2006. -Т.4. -№2(11). -С.129-137.; Салимов Ф.Н. Понятие «стабильность» в науке о международных отношениях / Ф.Н. Салимов // Вестник Таджикского национального университета. -2010. -№1(57). -С.3-6.; Салимов Ф.Н. Региональная стабильность и интересы великих держав в Центральной Азии / Ф.Н. Салимов // Наука и инновация. Серия гуманитарных наук. - 2014. -№2. -С.235-241.
26. Самиев Х.Д. Проблема безопасности во внешней политике Таджикистана / Х.Д. Самиев // Материалы международной научной конференции «Проблема безопасности в геополитическом комплексе Центральной Азии». –Душанбе, 2003. -С.56-64.; Самиев Х. Проблема стабильного равновесия в российско-таджикских отношениях / Х. Самиев // Материалы республиканской научно-теоретической конференции «Формирование системы коллективной безопасности государств Центральной Азии в формате региональных союзов». –Душанбе, 2008. -С.89-97.
27. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (многовекторность в действии) / Сатторзода А. –Душанбе: 2014. -520 с.; Сатторзода А. Особенности становления и развития внешней политики Республики Таджикистан: теоретический аспект / А. Сатторзода // Таджикистан и современный мир. – 2011. -№3(28). -С.98-108.
28. Сотрудничество Таджикистана в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотиков. [Эдектронный ресурс]. URL: https://mfa.tj/ru/main/view/4267/sotrudnichestvo-tadzhikistana-v-sfere borby-s-nezakonnym-oborotom-narkotikov (дата обращения: 17.11.2022).
29. Султанов Ш.М. Региональные векторы внешней политики Республики Таджикистан: автореф. дис. докт. полит. наук / Ш.М. Султанов. –М., 2006. -50 с.
30. Таджикистан готовится к вступлению в Таможенный союз. [Электронный ресурс]. URL: http://www.rosbalt.ru/exussr/2012/12/20/107 3837. Html (дата обращения: 09.12.2021).
31. Таджикистан и мировое сообщество. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/taxonomy/term/5/166 (дата обращения: 17.01.2022).
32. Тоджибоев А.Х. Приоритетное направление стратегии развития внешнеэкономических связей Республики Таджикистан. Евразийский международный научно-аналитический журнал. Проблемы современной экономики. - 2009. -№3(31).
33. Умаров Ф.Б. Республика Таджикистан и мусульманский мир: особенности сотрудничества / Ф.Б. Умаров. -Душанбе: Ирфон, 2011. -184 с.
34. Фурӯши мол дар бозори хориҷӣ бо нархҳои арзон барои рондани рақибон.
35. Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничества (1996-2014 гг.) / Х. Холикназар. -Душанбе: Ирфон, 2016. -536 с.; Холиќназар Х. Республика Таджикистан и региональное сотрудничество в период государственной независимости / Х. Холиќназар. -Душанбе: Ирфон, 2016. -114 с.
36. Холикназар Х. Республика Таджикистан и региональное сотрудничество в период государственной независимости / Холикназар Х. -Душанбе: Ирфон, 2016. -114 с.
37. Шарипов А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан / А.Н. Шарипов // Постсоветские исследования. – 2019. -Том 2. -№7. -С.1503-1510.
38. Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.) / С.И. Шарипов.–Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ. 2011. -376 с.
39. Членов ОДКБ по проведению операции «ПРОКСИ» обсудили обеспечение информационной безопасности. [Эдектронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/news/news_odkb/rukovoditeli-natsionalnykh-shtabov-gosudarstv-chlenov-odkb-po-provedeniyu-operatsii-proksi-obsudili-/#loaded (дата обращение: 23.01.2024).
40. Ятимов С.С. Идеология и национальные интересы / С.С. Ятимов. -Душанбе: Ганљ, 2015. -192 с.

## ТОҶИКИСТОН ДАР МЕҲВАРИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ ДАР ЗАМОНИ ДИГАРГУНИҲОИ ҶАҲОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур нақши Тоҷикистонро дар меҳвари ҳамкориҳои минтақавӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Инчунин, дар мақола қайд шудааст, ки Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои гуногуни муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳмгузор буда, чун намунаи ҳамкории муассир дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ барои давраи муайян хидмати азим менамояд. Бинобар ин, Тоҷикистон дар доираи муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамзистии осоишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеш гирифта, дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсталаб нақши муассир гузоштааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои минтақавӣ дар замони дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ таҳқиқ шуда, мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар муносибатҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, истиқлолият, ҳамкорӣ, сулҳ, амният, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои минтақавӣ, ҳамгирой, геополитика, энергетика.



## ТАДЖИКИСТАН В РАМКАХ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ВО ВРЕМЕНА МИРОВЫХ ПЕРЕМЕН

В данной статье автор рассматривает роль Таджикистана в рамках регионального сотрудничества. Также в статье упоминается, что Таджикистан вносит свой вклад в решение различных важных вопросов мирового сообщества и как служит примером эффективного сотрудничества в рамках международных и региональных организаций. Поэтому в рамках отношений с соседними странами и регионом Таджикистан проводит политику дружбы, добрососедства, мирного сосуществования и невмешательства во внутренние дела друг друга и выполняет важную роль в решении существующих проблем и спорных вопросов. По этой причине в данной статье рассматривается роль Республики Таджикистан в региональном сотрудничестве в период новых мировых изменений и различные вопросы, которые могут наглядно показать позицию Таджикистана как независимой страны в международных отношениях.



**Ключевые слова:** Таджикистан, Центральная Азия, независимость, сотрудничество, мир, безопасность, международные отношения, региональные организации, интеграция, геополитика, экономика, энергетика.



## TAJIKISTAN IN THE AXIS OF REGIONAL COOPERATION IN TIMES OF WORLD CHANGES

In this article, the author examines the position of Tajikistan in the axis of regional cooperation. It is also noted in the article that Tajikistan contributes to the solution of various important issues of the world community, and as an example of effective cooperation within the framework of international and regional organizations, it provides a great service for a certain period. Therefore, within the framework of relations with neighboring countries and the region, Tajikistan has pursued a policy of friendship, good neighborliness, peaceful coexistence and non-interference in each other’s internal affairs, and played an effective role in solving existing problems and controversial issues. For this reason, this article examines the role of the Republic of Tajikistan in regional cooperation at the time of new world changes and includes various issues of the aforementioned issue, which can clearly show the position of Tajikistan as an independent country in international relations.



**Keywords:** Tajikistan, Central Asia, independence, cooperation, peace, security, international relations, regional organizations, integration, geopolitics, economic, energy.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Некқадам Сайдамирович*** **–**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **988-52-56-54**

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Неккадам Сайдамирович*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулоха Рудаки, сосикатель кафедры политологии. **Адрес:** 735360, г.Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **988-52-56-54**

**Information about author:** ***Mirzoev Nekkadam Saidamirovich*** - Kulob State University named after Abuabdulakha Rudaki, graduate student at the Department of Political Science. **Address:** 735360, Kulob, Republic of Tajikistan, S. Safarov, street, 16. Phone: **988-52-56-54**

ТДУ: 325(573,3)

# РАВАНДИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Маҳмадбекзода М. Ш., Мирзоёров М.М.*

**МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"–и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ**

Муҳоҷирати аҳолӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши муҳимро мебозад, зеро сарманшаи асосии робитаҳои байнидавлатӣ дар шароити муосир буда, муҷиби рушду такомули соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва одамон, алалхусус соҳаи иқтисод, иҷтимоъ ва сиёсат мегардад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ айни замон ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, рӯ ба афзоиш аст. Сабаби асосии ин раванд рушди нобаробари иқтисоди кишварҳои ҷаҳон аст. Омилҳои асоси ин зуҳурот дар фарқияти бузурги ҳадди маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ мебошад. Агар вазъи кунунии муҳоҷиратро дар Тоҷикистон таҳлил кунем, бузургтарин ҷараён муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ маҳсуб мегардад. Ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои таъмини аҳолии қобили меҳнат бо кор қодир нест. Ин аст, ки барои истифодаи неруи худ аҳолии қобили меҳнат ба бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ рӯ меорад. Раванди муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан дар охирҳои асри ХХ бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ шуруъ гардид, ки тадриҷан дар миёни тамоми аҳолӣ паҳн шудааст. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони шуравӣ низ тавассути роҳхатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд, ки муҳоҷирони дохилӣ маҳсуб мешуд. Пас аз оғоз гардидани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гуруснагӣ ва факр сар зад. Ин вазъият шаҳрвандони қобили меҳнатро маҷбур кард, ки ватани худро тарк намуда, роҳи муҳоҷиратро пеш гиранд [7,с.50].

Дар раванди ҷаҳонишавӣ муҳоҷират яке аз самтҳои ҷудонопазири рушди инсоният ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ марзи кишварҳоро боз намуда, монеаҳоеро, ки ба ҷойивазкунии озоди одамон мусоидат мекунанд, аз байн мебарад. Яке аз манфиатҳои ҷаҳонишавӣ рушд ва тавсеаи бозори меҳнат мебошад, ки одамон метавонанд аз як кишвар ба дигар кишвар бо мақсади пайдо намудани ҷойи кор, раҳоӣ аз нодорӣ, пайомадҳои мфии иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва экологӣ, ҳамчунин алоқаманд бо дониш ва таҷрибаи ғании худ истифода кунанд. Бисёре аз таҳқиқоти Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират (ТБМ, 2008) нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати байналхалқӣ ин раванди фаврӣ ва ё муваққатӣ нест, балки он мафҳуми васеъро дар асри XXI касб кардааст. Инчунин, пешгӯйӣ мешавад, ки шумораи зиёди одамон дар оянда ба он ҷалб мешаванд [11,с.8-10].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли онҳо дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин ва афзалиятнок мебошад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, то ҳадде танзими давлатии онро ба роҳ мондааст.

Маҳз бо ҳамин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Иқдому дастгириҳои Ҳукумати кишвар имкон медиҳад, ки мушкилоти дар ин самт ҷойдошта бо роҳи ташкил ва танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа пешбинӣ гардида, ҳалли худро пайдо кунанд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ин пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ қисми асосии муҳоҷирати иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, фаъол намудани бозори меҳнати ҷаҳонро муайян менамояд. Яке аз сабабҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ нобаробарии рушди иқтисодии ҷаҳонӣ, нобаробарии даромадҳо ва имкониятҳо дар кишварҳои алоҳида мебошад.

Миқёси муҳоҷират ва равандҳои мухталифи он водор сохтанд, ки роҳҳои нави ҳалли масоили рушди демографии кишвар таҳия гардида, идораи ин равандро то сатҳи давлатӣ баланд бардошта, сиёсати давлатии муҳоҷиратро амалӣ намоем. Маҳз бо мақсади идораи раванди муҳоҷират дар кишвар Ҳукумати Тоҷикистон зарур ҳисобид, ки мақомоти давлатиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ташкил намояд.

Ҳамин тариқ, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 1992 таҳти №144 таъсис дода шуда, фаъолияти худро оғоз намудааст. Дар марҳилаи аввал вазифаҳои асосии он аз ташаккул додани сиёсати умумӣ дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва кумаки амалӣ расонидан ба шаҳрвандоне, ки солҳои 1992–1993 дар натиҷаи ҷангҳо ва бесарусомонии дохили кишвар маҷбуран ҷойҳои зисти доимии худро тарк намудаанд, иборат буд.

То замони таъсисёбии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 1992 то соли 2006 татбиқи сиёсати муҳоҷират бар зиммаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд ва бо Фармони Президенти мамлакат аз 30 ноябри соли 2006, №9 ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шуд.

Фаъолият барои танзим ва идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ (ВММША) вогузор карда шудааст. Бояд зикр кард, ки муассисаи мазкур аз замони таъсиси он дар соли 2001 як қатор ислоҳоти бунёдиро аз сар гузаронидааст. Хадамоти феълии муҳоҷирати ВММША дар охири соли 2013 таъсис дода шудааст. То ин вақт, аз соли 2011 то соли 2013, Хадамоти муҳоҷират мақоми давлатии алоҳида ва ба таври мустақил фаъолияткунанда буд. Дар ибтидои соли 2011, Ҳукумати ҶТ мақоми давлатии алоҳида ва ба таври мустақил фаъолияткунандаро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ таъсис дод. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати ҶТ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №229 аз 30 апрели соли 2011).

Ҳамин тариқ, Хадамоти муҳоҷират аз тобеияти идоравии Вазорати корҳои дохилии ҶТ хориҷ карда шуда, аз низоми ҳифзи ҳуқуқ ба системаи мақомоти давлатии шаҳрвандӣ гузаронида шуд. То ба имрӯз, дар соҳаи идоракунии равандҳои муҳоҷиратӣ чаҳор маротиба ислоҳот гузаронида шудааст, яъне то соли 2007 салоҳиятҳо дар соҳаи мазкур ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ тааллуқ доштанд, дар соли 2007 ин салоҳиятҳо ба Вазорати корҳои дохилӣ дода шуданд ва дар соли 2011 Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки тобеияти идоравӣ надошт ва мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи муҳоҷират буд. Ниҳоят, дар соли 2013, Хадамоти муҳоҷират ба таркиби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дохил карда шуд, ки мавриди ислоҳот қарор гирифта буд [7,с.62].

Тибқи Низомномаи Хадамоти муҳоҷират, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 таҳти №390 тасдиқ шудааст, Хадамоти муҳоҷират мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ буда, татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ анҷом медиҳад. Хадамоти муҳоҷират се соҳаи муҳоҷиратро танзим менамояд: 1) муҳоҷирати меҳнатӣ; 2) муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ); ва 3) муҳоҷирати экологӣ. Дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бар уҳдаи Хадамоти муҳоҷират вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

• татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;

• ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва ҷалби донорҳо ҷиҳати ташаккули низоми таҷдиди бозори меҳнат барои муайян намудани дурнамои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, инчунин барои аз худ кардани бозорҳои нави меҳнат дар хориҷи кишвар;

• тибқи муқаррарот ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муҳоҷират бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, ташкил намудани шурои ҳамоҳангсоз ва ё дигар мақомот ҷиҳати дар якҷоягӣ ҳал намудани душвориҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати аҳолӣ;

• иштирок дар татбиқи низоми самараноки суғуртаи иҷтимоӣ, тиббӣ ва нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ;

• мувофиқи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани фаъолият оид ба назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ;

• баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа меравand ва бармегарданд, инчунин баҳисобгирии муҳоҷирати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• ҳамкории самарабахш ва хамоҳангсозии масъалаҳо бо намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар, диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;

• дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди ҷомеа;

• дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ бо мақсади мусоидат ба муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти ҷойи кор дар хориҷи кишвар;

• мусоидат ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади ташкили фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупову Осиё ва дигар давлатҳо;

• ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд ва самарабахш бо ҳамватанони бурунмарзӣ, диаспораҳои тоҷик ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият бо мақсади ҷалби онҳо дар рушди ҷомеа;

• расонидани хизматҳои машваратӣ, хуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;

• бо тартиби муқарраргардида ташкили фаъолият вобаста ба иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва назорати шартҳои иҷозатномадиҳӣ;

• бо тартиби муқарраргардида додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ташкили корҳо оид ба реинтегратсия ва реабилитатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Ватан баргаштаанд;

• иҷрои дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Ваколатҳои Хадамоти муҳоҷират аз ҷанбаҳои зерини муҳим иборат мебошанд:

• мусоидат барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрваидони хориҷӣ дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• ташкил ва таъмини кори системаи давлатии иттилоотии бақайдгирии муҳоҷират, инчунин саривақт ва ба таври комил ба он ворид намудани маълумоти зарурӣ;

• ташкил ва таъмини кори махзани ягонаи иттилоотӣ, инчунин таъмини шакли ягонаи методологӣ ва амали мувофиқашудаи низоми иттилоотӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;

• таҳияи дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, расонидани ёрии машваратӣ ва дигар кумакҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

• таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи истифодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ва андешидани тадбирҳо оид ба такмили фаъолияти Хадамот;

• иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ (аз ҷумла фонди ҷамъиятии мусоидат, лоиҳаҳои хурди молиявӣ ва интиқоли маблағ) бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо;

• ташкили низоми маълумотдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба хатарҳое, ки ба муҳоҷират ба хориҷа алоқаманд мебошанд;

• тавассути воситаҳои ахбори омма ташкили корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ба аҳолии кишвар марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ;

• тибқи тартиби муқарраргардида пешбурди истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳукуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• дар доираи салоҳияти худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалагузорӣ намудан оид ба ихроҷи (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд;

• пешниҳод намудани иттилоот ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷии берункардашуда ва ба таври маъмурӣ хориҷкардашуда барои ворид намудан ба махзани ягонаи иттилоот ва ғайра [7,с.62].

Дар оғози асри XXI кишварҳои ҷаҳон ба ҷараёни рӯзафзуни муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони аксар мамлакатҳо дучор гардиданд ва бо мақсади ба танзим даровардани муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон, аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон, созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Чун муҳоҷирати меҳнатӣ паҳлуҳои зиёде дорад, ҳалли ҳамаи масоили он дар як вақт ниҳоят душвор аст.

Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, дар ҷаҳони муосир 200 миллион нафар муҳоҷирон берун аз ҳудуди кишвари худ ҳаёт ва фаъолияти корӣ доранд ва шумораи онҳо рӯз ба рӯз афзун мегардад. Аз ин лиҳоз, ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро новобаста ба сатҳи рушди иқтисодии онҳо зарур аст, ки барои ба танзим даровардани масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ лоиҳаю барномаҳои миллӣ, созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии воқеан амалкунанда ва дигар ҳуҷҷаҷҳои заруриро қабул карда, ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷиронро дар қаламрави якдигар таъмин намоянд.

Дар давраи ҳозираи рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоилҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ чунинанд: афзудани суръати муҳоҷирати аҳолӣ дар аксарияти мамлакатҳо, тадриҷан баҳамназдикшавии муҳоҷирати минтақаҳо, кишварҳо ва умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, зиёд гаштани муҳоҷирати мардон нисбат ба занон; зиёд гардидани теъдоди мутахассисон ва шахсони қобили меҳнат нисбат ба корношоямон.

Барои ҳарчи зудтар ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас, бояд нақшаҳои стратегии давлатӣ қабул гардида, таклифу дархостҳои афзалиятнок ба он дохил карда шаванд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба бартараф намудани муҳоҷирати ғайрирасмӣ дар асоси ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодӣ барои танзими раванди муҳоҷират, якҷоя бо давлатҳои қабули низоми ҳамоҳангии муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла мақоми худидораи маҳаллӣ равона карда шудааст. Бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва ташкили шароити мусоиди кории муҳоҷирони меҳнатӣ моҳи октябри соли 2004 Созишнома “Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба имзо расид.

• созишнома кафолати хидматрасонии тиббиро ба коргарон (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) пешбинӣ мекунад;

• масъалаҳои пардохти музди меҳнати коргарон ва баъзе хусусиятҳои ба имзо расонидани шартномаҳои шаҳрвандӣ–ҳуқуқиро баррасӣ менамояд;

• аз ҷониби тарафҳо эътироф гардидани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти коргаронро муқаррар менамояд;

• масъалаҳои андозбандиро танзим мекунад.

Инчунин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумхурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия 8 феврали соли 2013 ба имзо расидааст.

Созишнома муайян мекунад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувақкатан дар қаламрави Федератсияи Россия будубош доранд, аз уҳдадории бақайдгирӣ дар

маҳалли будубош дар мақомоти салоҳиятдори Федератсияи Россия дар тули 15 рӯз аз санаи воридшавӣ, ки бо корти муҳоҷиратии дорои қайди мақомоти назорати сарҳадӣ, ки ҳангоми воридшавӣ ба қаламрави ФР гузошта шудааст, озод карда мешаванд. Дар сурати будубоши шаҳрванди ҶТ дар қаламрави ФР бештар аз 15 рӯз, шаҳрванди мазкур уҳдадор аст, ки дар маҳалли будубош худро ба қайди муҳоҷиратӣ гузорад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия 17 апрели соли 2019 дар шаҳри Москва ба имзо расид. Ҳамин гуна созишномаҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорусия оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорусия ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Белорусия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 октябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар каламрави Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 майи соли 2006 ба имзо расид [7,с.67].

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроияи он аз 24 марти соли 2019 дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расид. Инчунин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират ва Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 14 марта соли 2018 дар шаҳри Остона ба имзо расид, аз 22 феврали соли 2019 эътибор пайдо намуд [7,с.68].

Дар Тоҷикистон кулли масъалаҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи мамлакат, омӯзиши муҳоҷирон ба касбу ихтисосҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ, бурдани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо, нашр намудани маводҳои чопӣ дар намуди буклету плакатҳо, сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа, таъмини ҳуқуқи муҳоҷирон дар мурофиаҳои судӣ ва доир ба дигар масъалаҳои ҳалталаб асосан идораҳои давлатӣ кору фаъолият мебаранд. Барои ба танзим овардани равандҳои муҳоҷират, иҷрои якчанд вазифаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад, аз ҷумла: ҷорӣ намудани механизми муосири ҳамкориҳои давлатию хусусӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, тақсимоти баробарона ва дурусти вазифаҳо бо ҷалбу иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷират, рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ, бештар ҷалб намудани шарикони иҷтимоӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷират ва ба ин монанд вазифагузорию ҳамкориҳои судманд яке аз роҳҳои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ҷиҳати танзими равандҳои муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Бо мақсади танзими хубтари равандҳои муҳоҷират ва ҳалли душвориҳои идора кардани ҷараёни он дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ, ки бевосита ба вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъсири худро мерасонад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст бо ҷалби ҳамаи табақаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чорабиниҳоро марбут ба қабули стратегия ва барномаи давлатӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират мавриди амал қарор диҳад. Зеро танҳо бо иштироки мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва бе ҷалби олимону коршиносони ботаҷриба, кор карда баромадани стратегияю барномаи давлатӣ, ки тавонад сиёсати самараноки давлатиро ҷиҳати танзими равандҳои муҳоҷират мавриди амал қарор диҳад, ғайриимкон мебошад.

Ҳамчунин, барои танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ, ҳаллу фасли якчанд масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла интихоб ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷиратӣ, мукаммалгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва қабули қонунҳои муосир дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон, инкишофи низоми муассисаҳои касбомӯзӣ, ҷалби муҳоҷирон барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва касбҳои рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра зарур аст.

Бо қабул гардидани "Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" (30. 06. 2023 қабул гардидааст) раванди танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ тақвият, хоҳад ёфт. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 мақсад ва вазифаҳо, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот, самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷиратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Стратегия танзими равандҳои тамоми намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ (муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати хориҷӣ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати экологӣ, гурезагон ва паноҳандагон)–ро амалӣ мекунад. Инчунин, тақвият бахшидани раванди муташаккилона сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳои гуногуни олам яке аз ҳадафҳои калидии Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 мебошад. Айни ҳол аз Тоҷикистон ба 13 давлат муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври муташаккилона ба роҳ монда шудааст.

**Муқарриз: н.и.т., ИОМДОА ак. АМИТ – Ашуров А.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005–2010.
2. Зокиров Г.Н. Масъалаҳои сиёсӣ ва миллии муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон. -Душанбе, 1995. -С.34.
3. Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа. № 242. 09.06.2001.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистои аз 1.09.2005 №337 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият".
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.06.2005, №208 "Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ".
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999
7. Маҳмадбекзода М. Муҳоҷиратшиносӣ / Маҳмадбекзода М., Мирзоев С., Ҳакимов. –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. -С.50.
8. Маҳмадбекзода М.Ш. Хусусиятҳои сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бозори меҳнат. Маҷаллаи илмӣ. - 2023. -№1(56). -С.5-13.
9. Олимова С. Кризис в России и таджикская трудовая миграция. [Электронный ресурс]. URL: https://cabar.asia/ru/author/admin
10. Ульмасов Р. Миграция – символ эпохи. Сборник статьей / Р. Ульмасов. –Душанбе: Ирфон, 2020. -264 с.
11. Ульмасов Р.У. Развитие государственного регулирования временной трудовой эмиграции из Таджикистана в Российскую Федерацию. АДД / Р.У. Ульмасов. –М., 2010. -49 с.
12. Умаров Х. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование) / Х. Умаров, Р. Ульмасов. –Душанбе: Ирфон, 2006.
13. Ульмасов Р. Миграция и рынок труда России и Таджикистана. Проблемы и перспективы / Р. Ульмасов, О. Парфенсева. –Душанбе, 2010.
14. Хакимов П.Ш. Внуренняя миграция как фактор социально-экономического развития (на примере Республики Таджикистан) / П.Ш. Хакимов. –Душанбе, 2011.
15. Шеров Ш.С. Робитаҳои Тоҷикстону Россия дар соҳаи муҳоҷрат / Ш.С. Шеров. –Душанбе, 2021.


## РАВАНДИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ


Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии раванди танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки Ҳукумати Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли он дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин ва афзалиятнок мебошад, диққати ҷиддӣ дода, то дараҷае танзими давлатии онро ба роҳ мондааст. Ҳамчунин, муҳаққиқон қайд менамоянд, ки маҳз бо ҳамин мақсад аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ин иқдом ва таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон имкон медиҳад, ки мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ва дар оянда ба вуҷуд меомада бо роҳи ташкил ва танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳалли худро меёбад. Воқеан, муҳоҷирати меҳнатӣ як раванди мураккаб буда, танзими давлатии он барои рушди иқтисод ва кулли соҳаҳои ҷомеа мусоидат мекунад.



**Калидвожаҳо**: раванд, танзими давлатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, созишнома, идоракунии равандҳои муҳоҷират, маҳалли будубош, махзани ягонаи иттилоотӣ, расонидани ёрии машваратӣ, барномаҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ.


## ПРОЦЕСС ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ


Данная статья посвящена рассмотрению процесса государственного регулирования трудовой миграции в Республике Таджикистан в условиях глобализации. Авторы отмечают, что в последние годы Правительство Таджикистана уделяло серьезное внимание проблеме трудовой миграции, решение которой является одним из важнейших и приоритетных направлений внутренней и внешней политики государства, и установлено ее

государственное регулирование в той или иной степени. Они также отмечают, что именно с этой целью Правительством Таджикистана создана Миграционная служба Министерства труда, миграции и занятости населения РТ. Этот шаг позволит решить проблемы в этой сфере путем организации и регулирования потоков иностранной трудовой миграции. Действительно, трудовая миграция – сложный процесс, и ее государственное регулирование способствует развитию экономики и всех сфер жизни общества.

**Ключевые слова:** процесс, государственное регулирование, трудовая миграция, соглашение, управление миграционными процессами, место пребывания, единая информационная база данных, оказание консультативной помощи, национальные программы,глобализация.

## THE PROCESS OF STATE REGULATION OF LABOR MIGRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN A GLOBAL CONDITION

This article is devoted to the consideration of the process of state regulation of labor migration in the Republic of Tajikistan in the context of globalization. The authors note that in recent years, the Government of Tajikistan has paid serious attention to the problem of labor migration, the solution of which is one of the most important and priority areas of the state's domestic and foreign policy, and has established its state regulation to one degree or another. They also note that it is for this purpose that the Government of Tajikistan has created the Migration Service of the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Population of the Republic of Tajikistan. This step will help solve problems in this area by organizing and regulating the flow of foreign labor migration. Indeed, labor migration is a complex process, and its state regulation contributes to the development of the economy and all spheres of social life.

**Keywords:** process, state regulation, labor migration, agreement, management of migration processes, place of residence, unified information database, provision of advisory assistance, national programs, globalization.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмадбекзода Моёншо Шодмон –*** МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, директор. **Суроға:** 734043, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 71. E–mail: **sorbon4@inbox.ru**. Телефон: **(+992) 907–83–96–45**
***Мирзоёров Мирзоёр Ниёзович –*** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктoранти Ph.D. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E–mail: **mirzoyormirzo949494@gmail.com.** Телефон: **(+992) 93–580–53–07**

**Сведения об авторах:** ***Махмадбекзода Моёншо Шодмон*** – ГУ «Научно–исследовательский институт труда, миграции и занятости населения» Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, кандидат политических наук, доцент, директор. **Адрес:** 734043, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 71. E–mail: **sorbon4@inbox.ru.** Телефон: **(+992) 907–83–96–45**
***Мирзоёров Мирзоёр Ниёзович*** – Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова НАНТ, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. E–mail: **mirzoyormirzo949494@gmail.com.** Телефон**: (+992) 93–580–53–07**

**Information about the authors:** ***Mahmadbekzoda Moensho Shodmon –*** State Institution "Research Institute of Labor, Migration and Employment" of the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan, Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Director. **Address:** 734043, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 71. E-mail: **sorbon4@inbox.ru.** Phone***:*** **(+992) 907–83–96–45**
***Mirzoyorov Mirzoyor Niyozovich –*** Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A.M. Bakhovaddinova NAST, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **mirzoyormirzo949494@gmail.com.** Phone: **(+992) 93–580–53–07**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Муминзода Меҳроб Нозим.*** Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ дар соҳаи парандапарварӣ…………………………………………………… ***5***

***Шамсов И.С., Мирзоев Н.Ҳ., Шерматов Р.Б.*** Муаммоҳои идоракунии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ…………………………………………………………………….. ***12***

***Қодирзода Ф.А., Мирбобоев Р.М.*** Нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………… ***20***

***Исхаков Д.И., Ҳикматов У.С.*** Таҳлили рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир……………………………………………………………………………… ***28***

***Восидиён Фарҳод Саъдулло, Вализода Шавқат Шаробудин.*** Марҳилаҳои ташаккули низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………………………………….. ***39***

***Маҳмадуллоев А.С.*** Таъмини самаранокии истифодабарии фановариҳои иттилоотию иртиботӣ дар менеҷменти муосир…………………………………………………………….. ***47***

***Ҳикматов С., Турсунов И.Х.*** Масъалаҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………………………………….. ***53***

***Солеҳзода Нилуфари Бозор.*** Таҳаввулоти назариявии рушди сайёҳӣ……………………… ***59***

***Асоев Б.Х.*** Ҷанбаҳои назариявии рушди «энергияи сабз» дар давлатҳои Осиёи Марказӣ… ***66***

***Фаёзова М.А.*** Ҷанбаҳои институтсионалии рушди иқтидори меҳнатӣ дар минтақа……… ***72***

***Дустова Х.Ф.*** Ҷанбаҳои назариявии ташаккули захираҳои молиявии корхона ва истифодабарии он……………………………………………………………………………… ***79***

***Раҷабов А.Қ.*** Ҷанбаҳои назариявии тамоюлҳои рушди менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ…………………………………………………………………………….. ***86***

***Шаропова Н.Ҳ.*** Танзими давлатии саноатӣ дар асоси сиёсати саноатӣ ва рақобатпазирии минтақа……………………………………………………………………………………… ***93***

***Ходжаев Д.Х.*** Асосноккунии самтҳои рушди стратегии идораи бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………………………………….. ***101***

***Маҷидова М.Н.*** Мазмуни иқтисодии сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби захираҳо…………….. ***109***

***Шарифов С.К., Мирсаидов А.Б.*** Мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии такрористеҳсоли заминҳои таъиноти кишоварзӣ……………………………………………….. ***116***

***Қуватзода Ҳасан Акрам.*** Таҳлили вазъи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон ва вазни қиёсии он дар сатҳи ҷумҳурӣ……………………………………………………….. ***123***

***Раҳмонов Ю.*** Асосҳои консептуалии рушди авиатсияи хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон….. ***134***

***Шарипова М.М.*** Инфрасохтори нақлиёт ҳамчун омили рушди иқтисодии минтақа……….. ***140***

***Хушвахтов Д.С.*** Низоми муфидгардонии таъсири таваррум дар иқтисоди миллӣ………… ***146***

***Орзуев П.Дж.*** Зарубежный опыт проведения аудита эффективности использования бюджетных средств……………………………………………………………………………. ***158***

*Турсунов Р.Р.* Система образования и подготовка кадров как фактор обеспечения занятости населения………………………………………………………………………………….. 168

*Саидов М.К.* Методологические аспекты определения эффективности использования основных производственных фондов……………………………………………………… 175

*Ахмедов Д.Х.* Степень использования материально-технической базы садово-виноградарческих предприятий……………………………………………………………… 184

*Каландаршоев Г.А.* Вклад Китая в развитие золотодобывающей промышленности Таджикистана........................................................................................................................ 189

*Шарипов И.О.* Особенности инвестиционной деятельности в сельскохозяйственной отрасли.. 195

*Махмудов Ф.И.* Направления развития коммерческих банков Таджикистана на основе использования инноваций……………………………………………………………….. 204

*Ятимов А.Дж., Абдуллаев Э.К.* Теоретический подход к изучению определения «инновация» как экономической категории…………………………………………………………… 213

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Ғаффорзода И.Ғ., Амонзода Б.* Мафҳум ва моҳияти шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар ҳуқуқи маданӣ………………………………………………………………... 219

*Ғаюрзода Ш.К., Хоҷамуродов Д.Г.* Баъзе масъалаҳо оид ба унсурҳои асосии шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ………………………………………………………. 226

*Зокирзода З.Х.* Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ………………………………………………... 232

*Болтуев С.Ш.* Оиди баъзе масъалаҳои ҳуқуқии расидан ба мақсади саноатикунонии босуръати Тоҷикистон……………………………………………………………………… 242

*Амонзода Баҳодур.* Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи рента тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………………………………… 247

*Мухаммадиев И.С.* К вопросу об истории земельно-водной реформы в Таджикистане……….. 256

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Исозода Тоҷиддин Исо.* Сиёсати давлатӣ дар самти танзими муҳоҷират ҳамчун омили таъмини амнияти зеҳнӣ………………………………………………………………………… 262

*Қодиров К.* Таълимоти сиёсӣ дар рисолаи «орои аҳли мадинаи фозила»-и Абунасри Форобӣ……………………………………………………………………………………………. 271

*Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, Шкраллоҳи Хабибуллои Зардизода.* Ҷомеаи шаҳрвандӣ: моҳияти иҷтимой-сиёсӣ, афзалиятҳои фаъолият ва тамоюлҳои рушд……………………….. 279

*Абдуллозода Н.А.* Таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ........... 287

*Мирзоев Н.С.* Тоҷикистон дар меҳвари ҳамкориҳои минтақавӣ дар замони дигаргуниҳои ҷаҳон………………………………………………………………………………………………… 293

*Маҳмадбекзода М. Ш., Мирзоёров М.М.* Раванди танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ……………………………………….. 300

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №4. Часть I**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 38,75 усл. п.л. 38,75.
Подписано в печать 15-04-2024